**ISSN 2413-5151**

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2023. №6.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2023. №6.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences

2023. No.6.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***
**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Исмонов Кароматулло** — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***08.00.00 –иқтисод***

**Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Давлатзода Қудрат Қамбар** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Чая Владимир Тигранович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исайнов Ҳисайн Раҳимович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)*
**Калемуллоев Мунир Воҳидович** — *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Умаров Ҳоҷимуҳаммад** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Шамсов Илёс Сафарович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

**Азиззода Убайдулло Абдулло** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Раҳмон Дилшод Сафарбек** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Шарипов Тақдиршо Шарифович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

**Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Курбонов Абдураҳмон Шерович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Потселуев Сергей Петрович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** — *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** — *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*

*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ**: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №6.
ISSN 2413-5151

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муњаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №6.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

**Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht** — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Ismonov Karomatullo** — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

**Ganiev Tavarali Boboevich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Davlatzoda Kudrat Kambar** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Chaya Vladimir Tigranovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Israilov Mukash Israilovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
**Kalemulloev Munir Vohidovich** — *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
**Kodirzoda Dilovar Bahriddin** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomov Samariddin Fakhrievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Hayot Abdukhakovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Shamsov Ilyos Safarovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Umarov Khojamuhammad** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*

***12.00.00 – Jurisprudence***

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo** — *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Murtazozoda Jamshed Saidali** — *Doctor of Law, Professor*
**Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** — *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)*
**Rahmon Dilshod Safarbek** — *Doctor of Law, Professor*
**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** — *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** — *Doctor of Law, Professor*

***23.00.00 – Political sciences***

**Zokirov Gulmahmad Nozimovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Muhammad Abdurahmon Navruz** — *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Potceluev Sergey Petrovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi** — *Candidate of Political Sciences*
**Safranchuk Ivan Alekseevich** — *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2023. – №6.
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**

**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

ТДУ: 336.2(575.3)

# ТАҶРИБАҲОИ ХОРИҶИИ ИДОРАНАМОИИ ГАРОНИИ АНДОЗ

*Иброҳимзода И.Р., Раҷабов Т.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки агар гаронии андоз ба души андозсупоранда зиёд шавад, шумораи андозҳо бо тадриҷ зиёд гардида, ҳамзамон, ба болоравии меъёри андоз ва бекор гардидани имтиёзҳои андоз оварда мерасонад [3,с.10]. Дар аввал мо самаранокии низоми андозро мушоҳида мекунем ва баъдан ба тадриҷ ба кам гардидани он оварда мерасонад. Дар натиҷа ба хисорот ва ҷубронпулиҳо дар буҷет рӯх медиҳад, зеро як қисми андозсупорандагон муфлис мешаванд ва қисми дигар маҷбур мешаванд, ки истеҳсолоти худро коҳиш диҳанд. Андозсупорандагони дигар роҳҳои гуногуни кам кардани ҳаҷми андозҳои пардохтшавандаро ба ҳадди ақал меҷӯянд. Аммо бояд қайд намуд, баҳри барқарор намудани самаранокии истеҳсолот, солҳои зиёде лозим аст. Илова бар ин, андозсупорандае, ки роҳи дастрасии канорагирӣ аз пардохти андозро пайдо кардааст, дигар ба пардохти пурраи андозҳо омода нест, то замоне, ки агар дар натиҷа ҳама чиз ба сатҳи пешинаи бозпас гардад, ки ин ҳолат ба ҳар як кишвари пешрафта ва ҳам кишварҳои дар давраи гузариш мушкили ба миён меорад.

Низоми андоз дар ҳама гуна ҷомеа воситаи муҳимтарини робитаи байни давлатҳо ва бахшҳои иқтисоди бозорӣ мебошад. Нақш ва мақоми андозҳо дар танзими фаъолияти корхонаю ташкилотҳо ва дигар табақаҳои фаъоли ҷомеа муҳиманд [5,с.15].

Албатта, низоми андоз, маҷмуи андозҳо, боҷҳо ва пардохтҳои гуногунро дар бар гирифта, дар худ шаклҳо, принсипҳо ва усулҳои гуногуни муқаррар кардан, тағйир додан, ё бекор кардани санадҳое мебошад, ки пардохт, тафтиш ва ҷавобгариро барои риоя накардани қонунҳои андоз таъмин мекунанд.

Низми самарабахши андоз, низомест, ки ба мақомоти кишвар имкон медиҳад, ки сиёсати андозро ба таври оқилона амалӣ созанд. Хусусиятҳои асосии чунин система, маъмулан дорои имкониятҳои мувофиқи даромад, адолат, муносибкунонии андозҳо, осонии идоракунии андоз ва шаффофият мебошанд.

Мақсади муносибкунонии гаронии андоз на муқовимат ба низоми фискалии давлат, ки боиси татбиқи муҷозоти андоз ё чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад, балки озодии қонунии дороиҳо барои истифодаи минбаъдаи онҳо дар фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба андозсупоранда имкон медиҳад, ки пардохтҳои ҳатмии ӯро кам кунад.

Дар амал андозҳое, ки барои маблағгузории амалиёти давлатӣ заруранд, дар қарорҳои агентҳои иқтисодӣ таҳрифро ба вуҷуд меоранд, ки ба ҳавасмандгардонии истеҳсол ва истеъмол таъсир мерасонад. Андозбандӣ ҳам даромад ва ҳам таъсири ивазкунандаро ба вуҷуд оварда, самаранокии системаи андозро коҳиш медиҳад. Низоми андоз вақте самаранок ҳисобида мешавад, ки онҳо ба ҳадафҳои даромад бо ҳадди ақали таъсири манфӣ ба иқтисодиёт ноил мешавад.

Дараҷаи устувории низоми андоз, натиҷаи муқовимати умумӣ ба зарбаҳои берунии иқтисодиёт - сохтори соҳавӣ, хусусиятҳои минтақавӣ, дараҷаи ҳамгироӣ ба равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва дараҷаи ошкорбаёнии он мебошад [1,с.25].

Таъмини тақсими одилонаи захираҳо ба масъалаи одилонаи андозбандӣ ё тақсими гаронии андоз алоқаманд аст. Дар муносибатҳои андозӣ ду намуди адолат вуҷуд дорад: амудӣ ва уфуқӣ. Адолати амудии андозбандӣ одатан маънои онро дорад, ки шахсони дорои даромади баландтар (ё истеъмол, ё сарват) бояд ки зиёдтар андозбандӣ карда шаванд, яъне пардохтҳои андозиро нисбатан зиёд пардохт намоянд ва мувофиқан, чунин андозбандӣ "пешравӣ" аст. Адолати уфуқӣ дар андоз умуман муносибати баробарро нисбат ба пардохткунандагон (шахсони дар шароитҳои шабеҳ, қарор доранд) дар назар дорад. Тибқи ин меъёр, хонаводаҳое, ки сатҳи даромади якхела ва шароити оилавии шабеҳ доранд, бояд тақрибан якхела андоз супоранд.

Инчунин, низомҳои андоз аз рӯйи таркиб (сохторӣ) андозҳо ё ба истилоҳ маҷмуи андозҳо тавсиф карда мешаванд ва андозҳо одатан ба мустақим (андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, молу мулк ситонида мешаванд) ва ғайримустақим (дар шакли иловапулӣ ва ё замнамоии андоз ба нархи молу маҳсулот ва ё хизматрасониҳо) тақсим мешаванд.

Гаронии андозро метавон ба категорияи умумии иқтисодӣ мансуб кард, ки таъсири андозҳо ва дигар пардохтҳоро ба андозсупоранда тавсиф мекунад [2,с.9]. Гаронии андоз аз ҷониби давлатҳо, ҳиссаи маблағи умумии пардохтҳои андозӣ дар маҷмуи маҳсулоти миллии кишвар барои ҳар як соли муайян мебошад.

Дар адабиётҳои муосири иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ равандҳои муайян кардани гаронии андоз гуногун аст [15,с.35].

Низоми андози ҳар як давлат хусусиятҳои таърихии худро дорад [14,с.398]. Яъне, низоми андози ҷаҳон аз рӯйи моҳият ва таъинот гуногун буда, дар худ ҷанбаҳои миллӣ ва хусусиятҳои иқтисодиро дорост.

Сатҳи гаронии андоз дар давлатҳои мухталиф гуногун буда, дар кори худ то дараҷае мавриди омӯзиш қарор додаем.

Дар мисоли як гурӯҳи кишварҳо аз ҷумла СҲИР (Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд), кишварҳои Осиё, Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб ва Африқоро дар давоми 20 соли охир, ки чи гуна сохтори андозии онҳо тағйир ёфтааст, мавриди омӯзиш қарор медиҳем [16].

Пеш аз муҳокима оид ба динамикаи андозҳо ва сохтори онҳо, бояд таҳлили мухтасари сатҳи гаронии андоз, ки ҳиссаи даромади умумии андоз дар ММД дар гурӯҳҳои гуногуни кишварҳо муайян карда мешавад, мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Аксари кишварҳои СҲИР таносуби андоз, нисбат ба ММД бештар аз 25% доранд (диаграммаи 1) ва дорои дараҷаи баландтарини ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон мебошанд (аз ҷумла, Зеландияи нав, Белгия, Исроил ва Норвегия дар соли 2020 вазнинии гарони андозро доштанд), ки зиёда аз 25%-ро ташкил медиҳад*.

**Диаграммаи 1. Гаронии андоз дар кишварҳои СҲИР дар солҳои 2000 ва 2020 [7]**
**Diagram 1. Tax burden in CIS countries in 2000 and 2020**




Эзоҳ: Маълумот барои солҳои 2000 ва 2020 оварда шудааст. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries/)

* Эзоҳҳои умумӣ ба диаграммаҳои 1-4: Нишондиҳандаҳо дар маҷмуъ 53 кишварро нишон медиҳанд (аз ҷумла 19 кишвари СҲИР, 13 кишвари минтақаи Осиё, 9 кишвари Африқо ва 12 кишвар дар Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб; Куба ва Венесуэла истисно карда шудаанд (аз сабаби набудани маълумот). Исроил, Туркия, Чили, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Колумбия ва Мексика ду маротиба дар рақамҳо пайдо шудаанд, зеро онҳо аъзои СҲИР буда, дар айни замон ба гурӯҳҳои мамлакатҳои Осиё ва Амрикои Лотинӣ.

Барои 13 кишвари Осиё, ки ба таҳлил шомил шудаанд, мушаххас кардани хусусиятҳои умумӣ ғайриимкон аст, аммо аксарияти онҳо бо сатҳи муътадил ё баланди ММД ба ҳар сари аҳолӣ тавсиф мешаванд, дар ҳоле ки таносуби андоз ба ММД дар ин кишварҳо нисбат пасттар аст.

**Диаграммаи 2. Гаронии андоз дар кишварҳои Осиё дар солҳои 2000 ва 2020 [7]**
**Diagram 2. Tax burden in Asian countries in 2000 and 2020**




Эзоҳ: Маълумот барои солҳои 2000 ва 2020 оварда шудааст. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries/)

Дар асоси маълумотҳои пешниҳодшуда муайян карда мешавад, ки сатҳи гаронии андоз дар як қатор давлатҳои Осиё бештар аз 10 то 15%-ро ташкил медиҳад. Вале ин нишондиҳанда метавонд дар як қатор давлатҳо нисбатан баланд бошад, аз ҷумла: дар Исроил 22,23% ва Туркия 17,65%. Аммо ба чунин хулоса омад мумкин, ки сатҳи гаронии андоз дар давлатҳои Осиё нисбатан паст буда, меъёри баланди гаронии андоз ба 22,23% мерасад.

Кишварҳои Амрикои Лотинӣ бо сатҳи муътадили ММД ба ҳар сари аҳолӣ хос буда, таносуби андозҳо ба ММД дар онҳо дар соли 2020 аз 12,39% (Ҷумҳурии Доминикан) то 25,71% (Ямайка) фарқ намудан имконпазир аст

**Диаграммаи 3. Гаронии андоз дар Амрикои Лотинӣ дар солҳои 2000 ва 2020** [7]
**Diagram 3. Tax burden in Latin America in 2000 and 2020**




Эзоҳ: Маълумот барои солҳои 2000 ва 2020 оварда шудааст. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com/comparecountries/)

Маълум мегардад, ки гаронии андоз соли 2000 дар ин давлатҳо ниҳоят паст буда, вале мутаносибан дар солҳои минбаъда бо тадриҷ, ин нишондиҳандаҳо зиёд гардидааст. (Масалан дар Боливия соли 2000 гаронии андоз 12,33% буда, дар соли 2020 ба 25,2% расидааст) Вазъи нигароникунандаи гаронии андоз дар давлатҳои Ямайка 21,71%, Боливия 25,2% ва Внесуэла 19,4% мушоҳида мегардад, зеро нисбат ба солҳои қабл сатҳи гаронии андоз бо тадриҷ зиёд гаштааст.

Чунон ки маълум аст, бисёр мамлакатхои Африқо даромади нисбатан кам доранд. Мутаносибан таносуби андозҳо ба ММД дар ин кишварҳо аз 20% камтар аст (ба истиснои Марроко ва Ботсвана, ки гаронии андоз дар соли 2020 зиёда 25% буд, ки дар диаграммаи 4 оварда шудааст).

**Диаграммаи 4. Гаронии андоз дар кишварҳои Африқоӣ дар солҳои 2008 ва 2020 [7]**
**Diagram 4. Tax burden in African countries in 2008 and 2020**




Эзоҳ: Маълумот барои солҳои 2008 ва 2020 оварда шудааст. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries/)

Маълумотҳои дар диаграмма овардашуда ба мо имкон медиҳад, ки вазъи гаронии андозро дар кишварҳои Африқо муқоиса намоем. Новобаста аз кам будани сатҳи даромаднокӣ дар давлатҳои Африқо, гаронии андоз нисбатан муътадил аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки сатҳи гаронии андоз паст аст, зеро ки дар як қатор давлатҳои Африқоӣ меъёри андоз аз 20 то 23% мерасад.

Меъёри баланди андоз, гаронии андозро зиёд мекунад ва мутаносибан даромади умумии андозсупорандаро кам мегардонад [4,с.34]. Чунин ҳолат боиси кам гардидани субъектони соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногун шуда метавонад.

Аз тамоюлҳои умумии динамикаи таносуби андозҳо ва ММД дар давраи солҳои 2000-2020, афзоиши ҳиссаи аксари намудҳои асосии андозҳо ба назар мерасад. Аз он ҷумла дар давлатҳои узви СҲИР, категорияҳои зерини андозҳо нақши намоёнро доранд: [17] андоз аз даромад, фоида ва афзоиши сармояи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (taxes on income, profits and capital gains); пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ (social security contributions); андоз аз фонди музди меҳнат ва қувваи корӣ (taxes on payroll and workforce); андози амвол (taxes on property); андоз аз мол ва хизматрасонӣ (taxes on goods and services), инчунин, дигар андозҳое, ки тасниф нашудаанд.

Дар навбати худ андоз аз амвол ба андозҳои даврагӣ дохил мешавад, аз ҷумла андоз аз дороиҳои ғайриманқул, андоз аз сарватҳо, андоз аз мерос ва ҳадяҳои ғайриманқул, андоз аз амалиётҳои молиявӣ ва сармоя, андозҳои якдафъаинаи амвол мебошанд.

Ба андозҳо аз молу хизматрасониҳо, андоз аз истеҳсолот, аз фурӯш, интиқоли молу маҳсулот, додани иҷора ва расонидани мол (масалан андоз аз арзиши иловашуда,

андоз аз фурӯш, аксиз) андозҳо барои иҷозати истифодаи мол ё анҷом додани фаъолият ва дигар андозҳо дар бар мегирад, ки ба он дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, барои чоряки кишварҳо (аз ҷумла 19 кишвари СҲИР, 13 кишвари минтақаи Осиё, 9 кишвари Африқо ва 12 кишвар дар Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб) ҳиссаи даромади умумии андоз дар ММД бештар аз 6%, дар як қатор мамлакатҳо бошад, бештар аз 8% афзуд. Дар аксари ин кишварҳо ҳиссаи даромад аз андоз аз арзиши иловашуда афзудааст.

Дар соли 2017 саҳми суғуртаи иҷтимоӣ ҳиссаи бештари даромади андозро дар даромади умумии СҲИР 26,0% ташкил доданд ва дар баробари ин, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба 23,9% расид. Ин ду пардохтҳо ба ҳисоби миёна тақрибан нисфи даромади андозро дар кишварҳои СҲИР ташкил доданд. Ҳиссаи андоз аз арзиши иловашуда 20,2% буд. Андозҳои дигар аз истеъмолӣ ва андоз аз даромади корхонаҳо - мутаносибан 12,2% ва 9,3% ва ҳиссаи боқимондаро андозҳои амвол 5,8% ва дигар андозҳо ташкил доданд.

**Ҷадвали 1. Сохтори андоз дар кишварҳои СҲИР дар солҳои 2019/2020, бо фоиз аз ҳаҷми умумии воридотҳои андозӣ [7]**

**Table 1. Tax structure in the CIS countries in 2019/2020, as a percentage of the total amount of tax revenues**

| Давлатҳо | Андоз аз даромад, фоизи даромад | Меъёри андоз, фоизи фоида | Вақти ҳисобкунии андоз, бо соат | Шумораи андозҳое, ки аз ҷониби корхонаҳо пардохта мешаванд | Андоз аз молу хизмат, фоизи даромади умумӣ | Андозҳо аз савдои байналмилалӣ, фоизи даромади умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ИМА | 51,36 | 36,6 | 175 | 11 | 2,42 | 1,86 |
| Туркия | 18,12 | 43,3 | 170 | 10 | 36,3 | 1,74 |
| Шветсия | 14,67 | 49,1 | 122 | 6 | 38,27 | - |
| Словения | 11,67 | 31 | 233 | 10 | 32,2 | - |
| Португалия | 23,62 | 39,8 | 243 | 8 | 31,2 | - |
| Норвегия | 18,31 | 36,2 | 79 | 5 | 28,1 | 0,24 |
| Нидерландия | 30,57 | 41,2 | 119 | 9 | 27,64 | - |
| Люксембург | 32,07 | 20,4 | 55 | 23 | 26,3 | - |
| Латвия | 6,13 | 38,1 | 169 | 7 | 42,99 | - |
| Ҷопон | - | 46,7 | 129 | 19 | - | - |
| Исроил | 32,06 | 25,3 | 234 | 6 | 33,12 | 0,64 |
| Исландия | 45,12 | 26,1 | 82 | 9 | 27,74 | - |
| Гретсия | 16,75 | 51,9 | 193 | 8 | 31,49 | - |
| Франсия | 28,68 | 60,7 | 139 | 9 | 23,21 | - |
| Эстония | 20,65 | 47,8 | 50 | 8 | 35,18 | - |
| Чехия | 16,63 | 46,1 | 230 | 8 | 26,95 | - |
| Чили | 18,49 | 34 | 296 | 7 | 49,12 | 0,64 |
| Белгия | 37,12 | 55,4 | 136 | 11 | 26,35 | - |
| Австралия | 64,5 | 47,4 | 105 | 11 | 19,33 | 3,83 |

Ҷадвал аз ҷониби муаллифон таҳия гардидааст бо истифода аз маълумотҳои омории Бонки ҷаҳонӣ. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com)

Андоз аз даромад, ки ба гурӯҳи андозҳои мустақим шомил буда, бевосита ва бемамоният аз даромади шахс ситонида мешавад. Воридотҳои ин намуди андоз дар як қатор давлатҳои овардашуда нақши калиди дошта, дар ғанӣ гаштани буҷети давалат саҳми босазое доранд, ки мо онро метавонем дар диаграммаи 5 муқоиса намоем.

Нақш ва аҳаммияти ин намуди андоз дар як қатор давлатҳои СҲИР мавқеи баландро касб намуда, дар шароити иқтисодӣ - молиявии кишварҳои ҷаҳон мавқеи босазое дорад. Масалан дар ИМА тақрибан 51,36%, дар Австралия 64,5% ва дар Исландия 45,12%-ро ташкил медиҳад. Мутаносибан дар аксарияти давлатҳо ин меъёр аз

худуди 10 то 20% мерасад, ки ин то ҳадде таъсирбахш дар сатҳи гаронии субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ буда метавонад.

**Диаграммаи 5. Воридотҳои андоз аз даромад, фоизи даромад дар давлатҳои СҲИР [7]**
**Diagram 5. Income tax revenues, percentage of income in the states of the Region**




Ҳиссаи андоз аз даромад барои давлатҳои СҲИР дар соли 2020. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com)

Шумораи андозҳое, ки корхонаҳо пардохт менамоянд, метавонад ба сатҳи гаронии андози субъектони хоҷагидор таъсирбахш бошад. Низоми андози давлатҳои ҷаҳон яксон нестанд. Хусусиятҳои фарққунандаи хосси миллии худро доранд.

Ҳамзамон, бавуҷуд овардани захираҳо, боз як роҳи самарабахши кам кардани гаронии андоз дар корхона мебошад [6,с.150].

**Диаграммаи 6. Шумораи андозҳое, ки аз ҷониби корхонаҳои давлатҳои аъзои СҲИР пардохта мешаванд [7]**
**Diagram 6. The number of taxes paid by enterprises of the member states of the SHR**




Номгӯи андозҳое, ки аз ҷониби корхонаҳои давлатҳои аъзои СҲИР пардохта мешаванд. Манбаъ: The World Bank (https://ru.theglobaleconomy.com)

Зиёд будани номгӯи андозҳое, ки корхонаҳо пардох менамоян, метавонад боиси кам гардидани шумораи корхонаҳо гардад ва ҳамзамон, омили асосии зиёд гардидани

сатҳи гаронии андоз дар фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона буда метавонад, ки чунин ҳолат руҳияи сармоягузоронро то андозе коста мегардонад. Вале аз рӯи маълумотҳои овардашуда, маълум мегардад, ки сатҳи миёнаи номгӯи андозҳо дар давлатҳои СҲИР тақрибан аз 8 то 10 номгӯйро дар бар мегирад.

Гаронии андозро тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ дар саросари ҷаҳон ба дӯш мегиранд [9,с.174]. Бе пардохти андоз мавҷудияти он соҳаҳое, ки аз буҷет маблағгузорӣ мешаванд, ғайриимкон аст. Омили муҳим ҳангоми муқаррар намудани меъёри андоз ва қоидаҳои пардохти андоз, ин мувозинати байни гаронии андоз ва имконияти мавҷудияти ташкилотҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки гаронии баланди андоз ба рушди соҳибкорӣ, динамика ва сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад [8,с.567].

Ҳамин тариқ, маълумотҳои мавҷуда оид ба ислоҳоти андоз дар давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ки тағйирёбии андозҳо аз даромади шахсони воқеӣ ва фоидаи ширкатҳо, инчунин, андоз аз арзиши иловашуда қариб 80% тағйироти умумии андозҳои асосиро ташкил медиҳад. Ислоҳоти андоз аз музди меҳнат ва пардохтҳои иҷтимоӣ низ зуд-зуд тағйир ёфтааст, дар ҳолате, ки тағйироти андози аксизӣ ва амвол дар базаи ислоҳоти андоз камтар сурат гирифтааст, ки ин ба тағйирёбии гаронии андоз дар давлатҳои мухталиф шуда метавонад.

Дар сатҳи кишварҳои ҷаҳон, қисми зиёди ислоҳоти андоз бо тағйирот дар андозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва андоз аз арзиши иловашуда дар ҳама кишварҳо, ба истиснои Фаронса, Италия ва Бразилия, ки дар онҳо чораҳои ҳавасмандгардонии суғуртавӣ нисбат ба тағйироти андоз аз арзиши иловашуда маъмултар аст, ифода карда мешаванд. Ислоҳоти андози амволро дар Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Фаронса, Чин ва Италия ташкил медиҳад ва мутаносибан ислоҳоти аксиз дар Туркия, Британияи Кабир, Канада, Олмон ва Дания беш аз 8% -ро ташкил медиҳад.

Тағйирот дар андозҳои гуногуни мамлакатҳои хориҷа, метавонанд минбаъд ба ислоҳоти марбут ба тағйирёбии меъёр ё манбаи ҳар як воситаи андоз таъсир расонад. Аксари ислоҳоти андози шахсони воқеӣ-ҳуқуқӣ ва амволи ғайриманқул тағйиротҳои асосиро дар бар мегиранд, дар ҳоле ки тағйироти андоз аз арзиши иловашуда, пардохтҳои суғуртавӣ ва аксизҳо бештар намоёнанд. Аз ҷумла, тақрибан аз се ду ҳиссаи ислоҳоти андози шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва амволи ғайриманқул аз тағйирот ба манбаи андоз иборат буд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳама гуна таҳлиле, ки таъсири иқтисодии тағйирёбии меъёри андозро ба даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бидуни ба назар гирифтани тағйирот дар манба арзёбӣ мекунад, эҳтимол дорад, ки хатогиҳои ҷиддӣ дошта бошанд.

Коҳиши ӯҳдадориҳои андоз барои ислоҳоти асосии андозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бештар маъмул аст, дар ҳоле ки афзоиши ӯҳдадориҳои андоз барои ислоҳот дар бахши суғурта, андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва андозҳои амвол бештар мушоҳида мегардад. Ин натиҷа ба таври куллӣ ба гузариши тадриҷӣ аз андозбандии мустақим ба ғайримустақим, ки дар бисёре аз кишварҳои пешрафта дар даҳсолаҳои охир мушоҳида шудааст, мувофиқат мекунад.

Бисёре аз иқтисоддонҳо андозҳои ғайримустақимро яке аз самтҳои муассиртарин барои пешбурди сиёсати иқтисодии давлат медонанд [10,с.40].

Аммо гуфтаҳои дар боло қайдгардида, маънои онро надорад, ки ҳатман тағйироти ҳуҷҷатии андоз боиси зиёд ё кам шудани гаронии андоз гардад, ки ҳамчун таносуби даромадҳои андоз ба ММД ифода ёфтааст.

Давомнокии ислоҳот, ки коҳиши назарраси даромад ва ӯҳдадориҳои андози корхонаро дар бар мегирад, барои ҳамаи кишварҳои интихобшуда яксон аст. Аммо дар баъзе кишварҳо танҳо зиёд ё кам шудани ӯҳдадориҳои андоз мушоҳида мешавад, вале ҳарду дар як вақт нест. Масалан, дар Испания, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Юнон танҳо афзоиши ӯҳдадориҳои андоз аз рӯи саҳмҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба қайд гирифта шудааст, дар Португалия бошад, танҳо кам шудани чунин ӯҳдадориҳо. Дар мавриди андози амвол шумораи кишварҳое, ки танҳо як намуди ислоҳотро амалӣ кардаанд (масалан, зиёд ё кам кардани ӯҳдадориҳои андоз) хеле зиёд аст.

Гаронии андоз як ченаки маҳдудиятҳои иқтисодии давлатӣ мебошад, ки аз ҳисоби тарҳ кардани маблағ барои пардохти андозҳо ба вуҷуд меояд [11,с.75].

Сарфи назар аз кам шудани ҳиссаи андозҳои мустақим дар сатҳи гаронии андоз ва дар солҳои охир гузашти он ба андозбандии ғайримустақими дар кишварҳои пешрафта ва рӯ ба рушд, ки сатҳи даромадашон баланд аст (кишварҳои СҲИР ва Осиё), манбаи асосии даромадҳои андоз ҳанӯз ҳам андоз аз даромад, андоз аз музди меҳнат ва то андозае андоз аз молу хизматрасонӣ мебошанд.

Маълумот дар бораи ислоҳоти низоми андози кишварҳои хориҷӣ дар тули 30 соли охир нишон медиҳад, ки тақрибан 80% тағйироти умумии андозҳои асосиро, тағйироти андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, андоз аз арзиши иловашуда ташкил медиҳад.

Ба ҳисоби миёна, меъёрҳои андози шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар иқтисодиёти бозории пешрафта ва рушдёбанда пойин рафта истодаанд.

Коҳиши уҳдадориҳои андоз, барои ислоҳоти асосии андозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бештар маъмул буда, дар ҳоле ки афзоиши уҳдадориҳои андоз барои ислоҳот дар бахши суғурта, андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва андозҳои амвол бештар мушоҳида мешавад. Ин натиҷа дар маҷмуъ фарзияи гузариши тадриҷан аз андозбандии мустақим ба ғайримустақимро, ки дар даҳсолаҳои охир дар бисёре аз кишварҳои пешрафта мушоҳида шудааст, дастгирӣ мекунад.

Ҳаминтавр, самаранокии иқтисодии давлат дар андозҳо ифода ёфта, мавҷудияти иқтисодиёти давлатро таҷассум мекунад. Муносибати муосири байналмилалӣ дар молияи давлатӣ, тақозо ба миён меорад, ки андозҳо ба самаранокии иқтисодиёт ва тақсимоти одилонаи даромад дар буҷети давлатӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили сохтори андоз, муайян кардани сатҳи муносибкунонии гаронии андоз дар иқтисодиёт муҳим аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулов Ш.М.**


**АДАБИЁТ**

1. Александрова Ж.П. Налоговое бремя, сравнение в России и за рубежом / Ж.П. Александрова, А.С. Мариненко // Бенефициар. - 2018. -№23. -С.22-25.
2. Бирюков В.В. Корпоративный налоговый менеджмент в управлении налоговым бременем предприятия / В.В. Бирюков, Д. Дергунов // Научная перспектива. - 2016. -№4. -С.9-10.
3. Булычева Т.В. Проблемы трансформации российской финансовой отчетности в соответствии с международными стандартами / Т.В. Булычева // Микроэкономика. – 2014. -№2. -С.6-10.
4. Демин А.В. Доходы, вид деятельности, налоговое бремя как факторы, влияющие на налоговый комплайенс / А.В. Демин // В сборнике: Правоприменение в публичном и частном праве. Материалы международной научной конференции. -Омск, 2022. -С.28-34.
5. Исматов, А.Ф. Налоговая система Республики Таджикистан: эффективность налоговых поступлений в государственный бюджет после принятия нового Налогового кодекса / А.Ф. Исматов, Д. Эраджи, Т.С. Раджабов // новые вызовы новой науки: опыт теоретического и эмпирического анализа: Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 13 февраля 2023 года. -Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. -С.15-19. – EDN RCVMCC.
6. Калимбет Д.В. Оптимизация налоговой нагрузки на предприятие / Д.В. Калимбет // В сборнике: финансы, экономика и управление: проблемы, тенденции и перспективы развития в условиях нестабильности. Материалы ежегодной межвузовской региональной научно-практической конференции студентов, магистрантов и аспирантов, в рамках VIII Международного научного студенческого конгресса «Россия: от кризиса к устойчивому развитию: ресурсы, ограничения, риски». - 2017. -С.150-152.
7. Махзани электронӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.theglobaleconomy.com/compare-countries. (санаи муроҷиат 03.01.2023).
8. Раджабов, Т.С. Налоговое бремя в рыночной экономике / Т.С. Раджабов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов, Симферополь, 02 апреля 2021 года; под общей редакцией З.О. Адамановой. Том Выпуск 7. -Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2021. -С.567-569. – EDN DIVRZV.
9. Резвушкин С.В. Налоговое бремя и налоговая нагрузка / С.В. Резвушкин // Инновационная наука. - 2016. -№12-1. -С.174-175.

10. Томина Н.М. Налоговое бремя населения / Н.М. Томина // В сборнике: Экономика и управление народным хозяйством: генезис, современное состояние и перспективы развития. Материалы II Международной научно-практической конференции. В 2-х частях. - 2018. -С.40-50.
11. Улезько О.В. Особенности определения налогового бремени сельскохозяйственных предприятий / О.В. Улезько, М.А. Шаталина // Научный руководитель. - 2014. -№3(4). -С.75-82.
12. Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар / Шарифзода Н.Ш. // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. -№2(26). –С.149-160. – EDN IUZHZB.
13. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. –С.129-139. – EDN ITJJZD.
14. Эраджи, Д. Теория развития налогообложения / Д. Эраджи // Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей: Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 10 апреля 2019 года. -Душанбе: Таджикский национальный университет, 2019. -С.392-398. – EDN MSURNZ.
15. Ibrohimzoda, I.R. Theoretical evolution of the tax burden / I.R. Ibrohimzoda, T.S. Radjabov // The Finance and Economic Bulletin. – 2022. -No2(31). -P.27-35. – EDN HLSOVL.
16. Revenue Statistics 1965-2017. Annex A: The OECD Classification of Taxes and Interpretative Guide. Oecd. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/tax/tax-policy/
17. Revenue Statistics 1965-2017. Oecd. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd. org/publications/revenue-statistics-2522770x.htm (дата обращения: 22.09.2020).

## ТАҶРИБАҲОИ ХОРИҶИИ ИДОРАНАМОИИ ГАРОНИИ АНДОЗ

Дар солҳои охир, бештар олимон, мутахассисон, таҳлилгарон ва иқтисоддонҳо таваҷҷуҳи худро ба гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб мекунанд. Ин масъала дар пасманзари ҷорӣ намудани андозҳои нав ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ муҳим ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, пеш аз хулосабарорӣ роҷеъ ба гаронии андоз ва ҷорӣ намудани андозҳои аз ҳад зиёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифтани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ин масъала, инчунин, нишондиҳандаҳои байналмилалӣ бамаврид аст. Дар мақола, таҳлили муқоисавии сатҳи гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷа оварда шудааст. Бояд қайд намуд, ки баҳри коҳиш додани сатҳи гаронии андоз дар мамлакат, истифодаи таҷрибаҳои ҷаҳонӣ баҳри паст намудани сатҳи гаронии андоз дар давлатҳои мухталиф, бамаврид аст. Ҳар як кишвар низоми миллии андозбандии худро дорад ва онҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Самаранокии низоми андозбандӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад. Бо ёрии андоз даромад аз нав тақсим карда мешавад, ки ин имкон медиҳад, сиёсати фискалии давлат амалӣ гардад. Кишварҳои ҷаҳон, гаронии андозро ҳамчун ҳиссаи маблағи умумии пардохтҳои андозие, ки аз ҷониби андозсупорандагон пардохт гардидааст, дар маҷмуи маҳсулоти миллии кишвар меҳисобанд. Аз ин лиҳоз, гаронии андозро метавон ҳамчун категорияи умумӣ иқтисодӣ баррасӣ намоем, зеро ки таъсири андозҳо ва дигар пардохтҳое, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, ба андозсупоранда тавсиф мекунад.

**Калидвожаҳо:** гаронии андоз, сиёсати андоз, сиёсати фискалӣ, низоми андоз, маъмурикунонии андоз, имтиёзҳои андоз, буҷети давлатӣ, идоранамоии гаронии андоз.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ УПРАВЛЕНИЯ НАЛОГОВЫМ БРЕМЕНЕМ

В последние годы все больше ученых, экспертов, аналитиков и экономистов обращают внимание на налоговое бремя в Республике Таджикистан. Этот вопрос представляется важным на фоне введения новых налогов как на республиканском, так и на местном уровне. Однако, прежде чем делать выводы о налоговом бремени и введении чрезмерных налогов в Республике Таджикистан, стоит рассмотреть опыт зарубежных стран в этом вопросе, а также международные показатели. В статье представлен сравнительный анализ налоговой нагрузки в Республике Таджикистан и зарубежных странах. Следует отметить, что для снижения уровня налоговой нагрузки в стране целесообразно использование мировых практик по снижению уровня налоговой нагрузки в разных странах. Каждая страна имеет свою собственную национальную систему налогообложения, и они сильно отличаются друг от друга. Эффективность системы налогообложения влияет на развитие экономики страны. С помощью налогов происходит перераспределение доходов, что позволяет осуществлять фискальную политику государства. Страны мира рассматривают налоговую нагрузку как долю общей суммы налоговых платежей, уплачиваемых налогоплательщиками, в общем национальном продукте страны. С этой точки зрения налоговая нагрузка может быть определена как общеэкономическая категория, поскольку характеризует воздействие налогов и других платежей, определенных законодательством на налогоплательщика.

**Ключевые слова:** налоговая нагрузка, налоговая политика, фискальная политика, налоговая система, налоговое администрирование, налоговые льготы, государственный бюджет, управление налоговой нагрузкой.

## FOREIGN EXPERIENCE IN TAX BURDEN MANAGEMENT

In recent years, more and more scientists, experts, analysts and economists pay attention to the tax burden in the Republic of Tajikistan. This issue seems important against the backdrop of the introduction of new taxes both at the

republican and local levels. However, before drawing conclusions about the tax burden and the introduction of excessive taxes in the Republic of Tajikistan, it is worth considering the experience of foreign countries in this matter, as well as international indicators. The article presents a comparative analysis of the tax burden in the Republic of Tajikistan and foreign countries. It should be noted that in order to reduce the level of the tax burden in the country, it is advisable to use world practices to reduce the level of the tax burden in different countries. Each country has its own national taxation system, and they are very different from each other. The efficiency of the taxation system affects the development of the country's economy. With the help of taxes, income is redistributed, which makes it possible to carry out the fiscal policy of the state. The countries of the world consider the tax burden as a share of the total amount of tax payments paid by taxpayers in the total national product of the country. From this point of view, the tax burden can be defined as a general economic category, since it characterizes the impact of taxes and other payments determined by law on the taxpayer.

**Keywords:** tax burden, tax policy, fiscal policy, tax system, tax administration, tax incentives, state budget, tax burden management.

**Маълумот дар бораи муалифон:** ***Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918814240**. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович – –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи идораи молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987480949.** E-mail: **tojiddin.2019@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Иброхимзода Ильхомуддин Раджабали*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918814240.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Раджабов Тоджиддин Сангиматович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры управления государственными финансами. **Адрес**: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987480949**. E-mail: **tojiddin.2019@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Ibrohimzoda Ilkhomuddin Rajabali*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918814240.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Radjabov Tojiddin Sangimatovich*** **-** Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Public Finance Management**. Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987480949.** E-mail: **tojiddin.2019@mail.ru**

ТДУ: 331.48

# ТАКОМУЛИ ТАШАККУЛЁБИИ МЕХАНИЗМҲОИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ МУҶТАМАЪҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ

***Набиев Б.А., Ҳофизов Ҳ.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҷтамаъҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи калидии иқтисодиёти кишвар барои рушди бомайлони дигар соҳаҳо саҳми беназир доранд ва вобаста ба муносибатҳои ба амал меомадаи бозорӣ ва равандҳои экологиву иҷтимоии ба миён меоамада ва барои самаранокона фаъолият намудан, ба ҷалби сармоягузорӣ ниёз доранд. Ин мушкилотро танҳо дар асоси баланд бардоштани фаъолияти сармоягузории ҳар як соҳаи иқтисод, аз он ҷумла энергетика ҳал кардан мумкин аст. Баҳогузории таъсири усулҳои танзими давлатии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ бо усули нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, самаранокии соҳаҳоро тавассути ҳаҷми пардохт барои истифодаи неруи барқ, тағйири низоми андозбандӣ ва низоми қарздиҳӣ анҷом додан мумкин аст.

Тибқи ақидаи Исмоилов А.А. агар давлат диққатро барои устувор гардонидани иқтисодиёт ҷалб намояд, он гоҳ лозим аст, ки дар сатҳи қонунӣ ташкил намудани иқлими мусоиди сармоягузорӣ, махсусан барои сохтори аграрӣ, ки ҳамчун соҳаи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, лозим мебошад [7]. Дар шароите ки рушди саноатию аграрӣ ҳадафи пешрафти кишвар эълон гардидааст, албатта ин ақида бемаврид аст, лекин барои таъмини бехатарии озуқаворӣ аз аҳамият холӣ нест. Ҳамзамон, дар ҳолати таъмин бехатарии энергетикӣ–баромадан аз вобастагии воридоти энергетикӣ, рушди дигар соҳаҳо, аз ҷумла, комплекси агросаноатӣ низ таъмин мегардад.

Бехатарии энергетикӣ шароити нави фаъолияти соҳаҳоро ташаккул медиҳад, ки барои ҳифзи он қатъӣ баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии ширкатҳои энергетикии ватаниро дар асоси модернизатсияи комплексии барномаҳо, дар муносибат бо алоқаҳои дуҷонибаи соҳаҳои энергетикӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шакли ҳалқаи сохториву корпоративӣ таъмин кардан мумкин аст. Илова бар ин, фаъолият ва рушди устувори низоми энергетикӣ бевосита ба сатҳи рушд ва ҳолати воситаҳои асосии корхонаҳои энергияи барқӣ, дар маҷмуъ қисман ба вазъи хоҷагии шабакаҳоии барқӣ алоқаманд аст [5,с.268]. Аз ин рӯ, дар назди ин соҳа вазифаи муҳимтарин баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ва технологияи сарфакунандаи захираҳо мебошад. Иҷрои ин вазифа тавассути фаъол кардани технологияҳои ҷалби сармоягузорӣ бо андешаҳои навоварона ва идеяҳои нави инноватсионӣ имконпазир аст.

Дар баробари рушди муносибатҳои бозорӣ ва тавсеаи талаботҳои баланд шуда истодаи рақобатпазирии соҳаҳои энергетикии ҷумҳурӣ ва ҳамгироии иқтисоди ҷаҳонӣ, нақши омилҳои ҷалби сармоягузорӣ барои рушди корхонаҳои соҳаи энергетикӣ бештар мегардад. Вобаста ба ин, Ткачук А.В., ақида дорад, ки пеш аз ҳама, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сектори мазкури иқтисод дорои сатҳи баланди сармоягузорӣ, даромади кам ва мухлати дурударози харoҷотбарорӣ дорад; дуюм ин ки либерализатсияи соҳа бе ворид кардани иқтидорҳои нави ҳаракатдиҳанда боз ҳам нотамом мемонанд [12,с.351]. Аз ин рӯ, механизми ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаҳои комплекси энергетикӣ бояд маҷмуи сарчашмаҳои маблағгузориро, бо дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, вазъи фондҳои асосии истеҳсолӣ ва стратегияи рушди соҳаҳоро дар маҷмуъ ба ҳисоб гирад.

Муаммоҳои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди комплекси энергетикиро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки баланд гардидани рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ бештар аз модернизатсияи соҳаҳои энегетикӣ, истифодаи мақсадноки неруи захираҳои табиии захиравӣ, инчунин, сарфаи энергия ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии соҳа вобаста аст. Дар асоси стратегияи ҳамгирошудаи истифодаи омилҳои сармоягузорӣ барои ҳавасмандкунии рушди соҳаҳои энергетикӣ,

коркарди усулҳои консептуалии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ, муносибатҳо ва усулҳои идоранамоӣ зарур аст. Чорабиниҳои мазкур имкон медиҳанд, якчанд маротиба самаранокии фаъолияти комплекси энергетикиро аз ҳисоби самаранокии комплексии аз иҷрои вазифаҳои консетратсияи захираҳои сармоягузорӣ афзун гардонида шаванд. Дар алоқа ба ин ҷалби сармоягузорӣ бо технологияи сарфаи энергия ва сохтмони НОБ-ҳои нав вазифаи калидии сиёсати давлатии сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар доираи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 таъминкунандаи татбиқи стратегияи энергетикӣ, барои рушд ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар комплекси энергетикӣ диққати махсус дода мешавад. Дида баромадани масъалаи такрористеҳсолкунии захираҳои обӣ ва энергияи барқӣ таҳқиқи алоҳидаи илмиро тақозо мекунад. Вобаста ба ин зимни тадқиқоти худ танҳо ба дурнамои истифодаи таҷрибаи комплекси энергетикии байналхалқӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба муаммоҳои рушди энергетика ва дар доираи технологияи инноватсионӣ истода гузаштем.

Дар алоқа ба ин муяссар гардид, ки аҳамияти механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ошкор гардад, ки таҳти он механизмҳои маҷмуи воситаҳои молиявӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурию давлатии танзими истифодаи сармоя ба мақсади истифодаи самаранокии иқтидорҳои гидроэнегетикӣ ва паст кардани сарбориҳои антропогенӣ ба муҳити зист фаҳмида мешаванд. Ба самтҳои асосии он низоми ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳои батартибдорорандаи идораи захираҳои сармоягузорӣ ва механизмҳои фаъолкунандаи ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаҳо дохил мегарданд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Механизмҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ**
**Table 1. The main mechanisms of attracting investment to the energy complex**

| **Системаи ҳуҷҷатҳои қонунгузории батартибдорорандаи идораи фаъолияти сармоягузорӣ** | **Сиёсати сармоягузории давлатӣ** |
|---|---|
| Рушди базаҳои меъёрию ҳуқуқии фаъол кардани фаъолият (фармонҳо, қарорҳои ҳукумат, иҷозатномаҳо, дастурҳо, барномаҳои давлатӣ, қоидаҳо) | Системаи пардохт барои захираҳои гидроэнергетикӣ ва дигар пардохтҳо |
| Литсензиякунӣ ва сертификаткунии захираҳои энергетикӣ | Имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо |
| Лимитҳо барои захираҳои гидроэнергетикӣ; | Баланд бардоштани меъёрҳои истеҳлокии фондҳои асосии корхона; |
| Экспертизаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ; | Нархҳои имтиёзӣ ва иловаҳо ба истеҳсоли маҳсулоти тозаи энергетикӣ |
| Маблағгузории ғайрибуҷетӣ ва назорат аз болои мақсаднок истифода бурдани онҳо | Қарздиҳии имтиёзии ҳавасмандкунандаи истеҳсоли энергияи тозаи барқӣ |

Таҳияи муаллифон

Ҳангоми татбиқи чунин механизм бояд, пурра комплекси муносибатҳо таъмин гардад, бе ин ташкил намудани шароити мусоид, ки ҳадафҳои бисёрҷонибаи тарафҳо (давлат, сармоягузорон, таъингарони бор ва хизматрасонӣ, намояндагони секторҳои молиявию бонкӣ)-ро дар раванди сармоягузорӣ ба тавозун дороранд, имконнопазир аст.

Танҳо дар ин ҳолат фазои мусоиди сармоягузориро ташкил намудан мумкин аст, ки шарти муҳимми устувории равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар комплекси энергетикии ҷумҳурӣ, дар ниҳоят кафили бехатарии энергетикӣ ва молиявии ҷумҳурӣ бошад.

Дар доираи механизми ҳуқуқӣ баҳогузории иловагии ҳуқуқии меъёри қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармонҳо, қарорҳо, дастуру супоришоти ҳукумат, иҷозатномаҳои гуногун, қоидаҳо ва барномаҳои давлатӣ), ба назар гирифта

шудааст, ки ба сармоягузорон имконоти ҳифзи сармоягузории ҷалбшуда ба иқтисоди мамлакатро кафолат медиҳад.

Инчунин, баҳогузории самаранокии фаъолияти институтҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ, омода кардани бизнес-нақшаҳо барои рушди фазои соҳибкорӣ, литсензияҳо, инчунин, хизматрасониҳои машваратӣ барои ташкили фаъолият дар асоси инжиниринг ва франчайзинг ба назар гирифта шудааст.

Модернизатсияи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили рақобатпазирии он, фаъол кардани фаъолияти сармоягузориро тавассути ҳавасмандгардонии молиявӣ тақозо мекунад. Зеро ҳавасмандкунии молиявӣ тавассути механизмҳое татбиқ мегарданд, ки ҷанбаҳои гуногуни миёни субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ доир ба ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои энергетикиро низ дар назар дорад.

Барои муайян кардани мафҳуми механизми ҳавасмандгардонии молиявии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ, бевосита аз дарки мафҳуми механизими молиявӣ ҳамчун намудҳо, шаклҳо, усулҳои ташкил ва идораи муносибатҳои молиявӣ бар меояд. Аз рӯйи андешаи Балабанов И.Т. механизми молиявӣ – ин усулҳои молиявӣ, фишангҳои молиявианд, ки асосҳои ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва иттилоотиро таъмин мекунанд ва ба низоми ташкил, банақшагирӣ ва ҳавасмандкунии истифодаи фишангҳои молиявӣ таъсир мерасонад, Болдирев И.А. механизмро ҳамчун системаи идораи муносибаҳои молиявӣ бо ёрии методҳои молиявӣ ва фишангҳои молиявӣ муайян мекунад [ниг. ба 1 ва 3]. Дар маҷмуъ, механизмҳо ҳамчун усулҳо ва фишангҳои молиявӣ маънидод мешаванд, доир ба унсурҳои боқимонда андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Сохтори механизми ҳавасмандкунии молиявии ҷалби сармоягузорӣ чунин унсурҳоро мисли: субъектҳои ҳавасмандкунии онҳо, мақсадҳои ба он ҷалб намудани сармоягузорӣ, маҷмуи усулҳои молиявӣ ва воситаҳо, сарчашмаҳои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, таъминоти меёърию ҳуқуқӣ ва иттилоотии ҳавасмандкунии молиявиро дар бар мегирад. Ба ақидаи Тараканов, В.В. сохтори механизми молиявӣ аз он сабаб мураккаб аст, ки муносибатҳои молиявӣ гуногунанд ва аз бисёр омилҳои умумииқтисодӣ, ҳуқуқӣ, идорӣ ва дигар характерҳо вобастанд [11,с.181]. Ин андешаҳо зарурати ташкили шароит барои фаъолияти сармоягузориро тавассути ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузорӣ ба миён меоранд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар механизми ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузорӣ нақши муҳимро тавассути иштироки бевосита ва бавосита давлат мебозад, ки ҳар яке аз онҳо тавассути усулҳои махсус ва воситаҳои танзим амалӣ мешаванд. Ҳамчун сарчашмаи давлатии ҷалби сармоягузорӣ метавонанд институтҳои молиявии рушд бошанд, ки дар ташкили раванди ҳавасмандкунии молиявии фаъолияти сармоягузорӣ иштирок мекунанд. Барои маблағгузории институтҳои рушд аз ҷониби давлат саҳм барои сармояи оинномавӣ истифода намуда, дар нақши давлат барои ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ шаклҳо ва усулҳои таъсири он ба раванди ҷалби захираҳои сармоявӣ, ки тавассути низоми методҳо ва воситаҳои танзимкунӣ татбиқ мешаванд, муҳим ба ҳисоб меравад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Механизимҳои молиявии танзими комплекси энергетикӣ**
**Table 2. Financial mechanisms of energy complex regulation**

| **Усулҳои сармоягузорӣ** | **Воситаҳо** | | **Фишангҳо** |
|---|---|---|---|
| Маблағгузории буҷетӣ | Танзими давлатӣ | Бозорӣ | Имтиёзҳои андозӣ |
| Худмаблағгузорӣ | Субсидия, субвенсия | Облигатсиҳои сабз | Тарофаҳо |
| Маблағгузории омехта | Кафолати давлатӣ | ҲДБХ, консессия | Истеҳлоки босуръат |
| Маблағгузории қарзӣ | Грантҳо | Фондҳои сарфакунии барқ | Ҷарима, санксияҳо |
| Маблағгузориҳои сармояҳои хориҷӣ | Қарзҳои андозӣ | Шартномаҳои хизматрасонии барқӣ | Даромади сармоягузор |

Таҳияи мулалифон

Ба субъектҳои механизми молиявӣ воситаҳои гуногуни махсус таъсиргузор аст, ба мисли таҳримҳо, грантҳо ва дотатсияҳо, субвенсия ва субсидияҳо, тарофаҳо ва ҳавасмандиҳо. Ин воситаҳо комилан ба усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсиррасонанд, ки аз рӯйи аҳамиятнокии худ, сатҳ ва андозаҳои дастгирии давлатӣ ба воситаҳо ва усулҳои таъсиргузор ба сармоягузорон ва механизми молиявӣ ҳамчун омили калидии сиёсати молиявии давлат баромад мекунанд.

Нақши ҳавасмандкунандаи давлат барои ҷалби сармоягузорӣ дар ин шароит тавассути ташкили механизми мукаммал баромад мекунанд, ба монанди: механизмҳои ҳуқуқӣ, ташкилот ва меъёрҳои иқтисодӣ, ки ба дилхоҳ механизм таъсиргузоранд.

Мақсади ҳавсамандгардонии ҷалби сармоягузориро ҳадафҳои субъектҳои сармоягузорӣ муайян мекунанд. Барои давлат мақсади ҳавасмандгардонии молиявӣ ҳангоми ҳалли муаммоҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои энергетикӣ, баланд бардоштани самаранокии буҷетӣ, ба даст овардани фоидаҳои гуногун (иҷтимоӣ, экологӣ ва ғ.) муайян карда мешавад. Сармоягузорони дигар барои гирифтани фоида, баланд бардоштани даромаднокии тиҷоратӣ, ба даст овардани самараҳои зерин (техникӣ, иҷтимоӣ ва ғ.), барқарор кардани алоқаҳои дарозмуддат дар рушди устувори хавфҳои диверсификатсионӣ, тавсеаи бозори фурӯш ва ғайра ҳавасманданд.

Дар шароити кофӣ набудани маблағгузории давлатӣ аз буҷети мамлакат, механизми муҳим сарчашмаҳои ғайрибуҷетии сармоягузорӣ ба ҳисоб меравaнд, ки истифодаи чунин механизмҳои таъсиргузор, ҳамчун ҳавасмандкунии низоми андоз, фондҳои истеҳлокии босуръати корхонаҳои соҳаҳои энергетикӣ, ҷорӣ намудани суғуртаи экологӣ, механизми саҳмҳои фоизии субсидияшуда оид ба қарзҳои бонкӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд.

Ин механизмҳои буҷетии ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузорӣ бо чунин механизмҳо татбиқ карда мешаванд, мисли: субсидиякунонии таъминоти молиявии барномаҳои мақсаднок ва давлатӣ дар соҳаи энергетика, ки тавассути грантҳо, амволи давлатӣ ва маҳаллии бо имтиёз ба иҷора додашуда. Дар байни онҳо усули барномавию мақсаднок яке аз усулҳои маъмули бевоситаи ҳавасмандкунии молиявии ҷалби сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он захираҳои сармоягузорӣ барои барномаҳои муайян ё лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷудо карда мешаванд.

Субсидиякунонӣ низ ба яке аз усулҳои ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузорӣ алоқаманд аст. Он ҳамчун воситаи муҳимми ҳавасмандкунӣ бо худ ҷамъи воситаҳои буҷетии субъектҳои хоҷагидории соҳибкории инфиродиро дар асоси беподош ва бе баргардонидан ба мақсади пурра кардани даромадҳои бадастнаомада ва таъминоти молиявии хароҷот дар алоқа бо фаъолияти соҳаҳои энергетикӣ дар доираи ҷалби сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад. Зимни татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузорӣ, институтҳои махсуси молиявии рушди соҳаҳои энергетикии мамлакат низ иштирок мекунанд.

Солҳои охир дар назди субъектҳои хоҷагидорӣ масъалаи ояндадории ҳавасмандкунии андозӣ гузошта шудааст, ки соҳаи энергетика низ истисно нест. Ба ақидаи Дадашев А.З. корхонаҳои соҳаи энергетика, ҳангоме ки воситаҳои асосии худро баҳогузорӣ намекунанд, дар натиҷа афзоиши андозҳо барои даромаднокӣ ва амвол ба вуҷуд меояд, ба ғайр аз ин, дар шароити норасоии фаврии воситаҳои гардон истифодаи фондҳои истеҳлокӣ барои эҳтиёҷоти сармоягузорӣ мушкил шуда истодааст [4,с.11].

Набудани сармояи зарурӣ дар комплекси энергетикӣ солҳои охир ба кухнашавии ҳамаҷонибаи ҷисмониию технологии шабакаҳои барқӣ овард. Аз ин рӯ, рушди иқтисодӣ дар соҳаҳо бе рушди минбаъдаи соҳаи барқ имконнопазир гардид. Муаммои рушди соҳаҳои энергетикӣ, асосан бо паст кардани хавфҳои сармоягузорӣ, фарсудашавии зиёди фондҳои асосии истеҳсолӣ ва набудани сармоягузории зарурӣ барои таҷдиди фондҳои истеҳлокии истеҳсолӣ алоқаманд аст. Тибқи ақидаи Барткова Н.Н. усули имкондиҳанда барои ҳамеша ҳифз кардани сармояи асосӣ дар сатҳи ягона аст. Зеро аз таварруми баланд соли 1990 фондҳои асосии соҳаҳо баҳогузорӣ нагардид, ки сабаби нагирифтани воситаҳои дохилии соҳаи энергетика барои ҷалби сармоягузорӣ

гардид. Тибқи меъёри баҳогузории фондҳои асосӣ, арзиши онҳо давра ба давра ба воқеият наздик мегардад, бо зарурате дараҷаи истеҳлок низ афзоиш меёбад [2,с.62].

Сармоягузории лоиҳаҳои алоҳида баъзан аз ҳисоби ҷалби воситаҳои вомбаргӣ ва баланд гардидани саҳми воситаҳои вомбаргӣ ба амал меояд, ки гоҳо ба паст гардидани устувории молиявии минтақа барои муддати тулонӣ меоранд. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкили сарчашмаҳои захираҳои сармоягузории мақсаднок, баҳодиҳии натиҷаҳои таъсири он ба устувории молиявии соҳа ва пардохтапзирии ҷории он, бояд пешгӯӣ карда шавад. Паст гардидани қисмати асосии саҳми воситаҳои буҷетӣ, ки барои рушди соҳаи энергетика равона карда шудааст, ба зарурати таҳкими самтҳои алтернативии дастгирии комплекси энергетикӣ меорад.

Қайд кардан зарур аст, ки воситаҳои дохилӣ дар намуди даромад ба сабаби танзими ҷиддии тарофаҳо барои неруи барқ ниҳоят маҳдуданд. Норасоии асосии тартиботи қабулгардида, муқаррар кардани тарофаҳо барои неруи барқ аз рӯи истифодаи принсипи хароҷоти ташкили он аст. Тамоми хароҷоти неругоҳҳои барои истеҳсоли неруи барқ якҷо бо тавозуни ба қайдгирифташудаи даромад, бояд тавассути тасдиқи комиссияи ҷумҳуриявии истифодаи неруи барқ ба истифодабарандагон пурра карда шавад. Бо кам гардидани хароҷот барои истеҳсол ва интиқоли неруи барқ тарофаҳои он барои истифода кам мегардад, зеро неругоҳҳо наметавонанд, даромади худро ба дараҷаи максималӣ расонанд. Дар натиҷа корхонаҳои энергетикӣ кӯшиш намекунанд тамоми имконоти кам кардани хароҷоти худро истифода кунанд, вале тамоми кӯшиши худро барои исботи хароҷоти зиёди иқтисодӣ равона мекунанд. Ба ақидаи мо, ҳиссаи аз ҳад зиёди хароҷотҳо дар сохтори сармоягузорӣ аз эҳтиёҷ ба барномаҳои сармоягузории мақсаднок дар соҳаи энергетика барои ҳалли масъалаҳои ҷорӣ – хароҷотҳои доимӣ равона мегарданд.

Яке аз чорабиниҳои муҳимми такмили ҳисобгирии муҳосибӣ дар мутобиқат бо стандартҳои байналхалқии ҳисоби молиявӣ, ташкили омодагӣ ва пешакӣ тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи энегетика ба ҳисоб меравад. Барои ин беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, таъмини озодии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, механизми танзими шароити сармоягузорӣ, риояи принсипҳои муҳити рақобат, ҳуқуқ ва ҳадафҳои сармоягузорон ва ҳифзи сармояро талаб мекунад. Барои ҷалби сармоягузорӣ ва ташкили шароити мусоиди иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологӣ, паст кардани хавфҳо ва бештар кардани боварӣ барои сармоягузорӣ татбиқи як қатор меъёрҳоро ба назар мегиранд.

Дар шароити муосир, механизми аз ҳама пешқадами ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ, дар кишварҳои пешрафта, ҳамкории давлат бо шахсони хусусиро тавсия медиҳад. Барои ин, тибқи ақидаи Исайнов Х.Р. дар кишварҳои хориҷӣ ба ҳамкории давлат бо шахсони хусусӣ ва тиҷорат таваҷҷуҳ доранд, ҳар касе ки объекти сармоягузорӣ барои бозори нисбатан пешгӯишаванда дорад ва давлат, ки даромад барои шароити судмандро татбиқ мекунад, кафолати давлатиро барои ҷалби сармоягузорӣ пешниҳод мекунад [6,с.42]. Таъсири дуҷонибаи давлат ва тиҷорат дар ин шароит омили муҳим барои рушди соҳаи энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Барои он ки давлат бо тиҷорат таъсир мегузорад ва дар шароити бухронии имрӯза ин раванд аз татбиқи бомуваффақияти иқтидорҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ вобаста аст. Чунин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки ба соҳаи мазкур захираҳои иловагӣ ҷалб карда шаванд, муаммоҳои буҷетиро кам кунанд, иқтидори танзими давлатӣ ва принсипҳои хоҷагидории хусусии сармоягузориро ба ҳам пайванданд.

Мақсади асосии чунин ҳамкорӣ рушди соҳа бо роҳи якҷо кардани захираҳо ва таҷрибаҳои ҳар яке аз ҷонибҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо хароҷоти кам, камнамоии хавфҳо ва пешниҳоди хизматрасонии сатҳи баланд ба субъектҳои истеъмолкунанда ба ҳисоб меравад. Зеро ҳамкории давлат ва механизми бетаъсири ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ самараи хуб намедиҳад. Чунин механизми таъсиргузор байни ниҳодҳои давлатӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ ихтилофи иқтисодиро ба миён оварда, объектҳои муҳимми стратегӣ наметавонанд ба моликияти хусусӣ дода шаванд, вақте ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағҳо дар сатҳи даркорӣ таъмин намегардад.

Гузашта аз ин, ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, яке аз механизмҳои фоиданоки пур кардани норасоии буҷети давлатӣ барои рушди инфрасохторҳои объектҳои соҳаи энергетика ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии истифода ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории хусусӣ ва ҳалли идоранамоӣ, ҳангоми ҳифзи мунтазами моликияти давлатӣ дар корхонаҳои соҳа ва таъмини аҳолӣ бо навъҳои зурурии хизматрасонӣ аст. Дар доираи он лоиҳаҳо сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ татбиқ мегардад, ки тақсими хавфҳои онҳо ба давлат вобаста карда шудааст.

Шарти асосии механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ дар ин ҳолат коркарди баҳогузории иқтидори мавҷудаи соҳаи энергетика ва лоиҳаҳои татбиқшуда, барои рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ боқӣ мемонад. Барои ин механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи комплекси энергетикӣ бояд дорои чунин меъёрҳо бошад:

- базаи устувори меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи шароит барои ҷалби сармоя;
- иқтидори истифодаи доираи пурраи механизимҳо ва фишангҳои фаъолияти сармоягузорӣ, ки дар амал татбиқ кардани лоиҳаҳои сармоягузориро дар асоси барномаи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар бар мегиранд;
- таъмини шароитҳо барои рушди бозори молиявӣ, мутобиқ гардонидани онҳо дар асоси таҷриба ва стандартҳои байналхалқӣ, истифодаи комплексии хизматрасонии дастрас ва арзишҳои танзимшавандае, ки ба устувории асъори миллӣ барои лоиҳаҳои дарозмуддат халал ворид намесозад;
- ташаккули низоми кафолат, ҳифз ва суғуртаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба комплекси энергетикӣ, бо ташкили инфрасохтори бозорӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, инчунин, ҳавасмандгардонии сармоягузории миллӣ;
- ташаккули низомҳои дастгирии иттилоотии шаффофи ҷалби сармоягузорӣ, бо ташкили шабакаи ҳамгирошудаи касбии низомҳои ошкор кардани иттилооти қоғазҳои қиматноки эмитентӣ, инчунин, шароит барои рушди сохтори институтсионалии консалтинги сармоягузорӣ;
- ташаккули низомҳои институтсионалии такрористеҳсолкунии кадрҳои баландихтисос дар мутобиқат бо талаботи бозори байналхалқии меҳнат, инчунин, низомҳои илмӣ-техникиии оияндадор барои давлат ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

Дар шароити муосир механизми муҳимми ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Рушди бахши бонкӣ дар ин ҳолат аз муҳити сармоягузории иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобаста аст. Дар дохили низоми равандҳои сармоягузорӣ ҷойгир буда, омилҳои беруна ва дохилӣ ба бахши бонкӣ таъсир мерасонанд. Дар байни онҳо, ба назари мо аз ҳама муҳим, иқтидори сармоягузории кишвар мебошад. Аз як тараф, ин омил, иқтидори захираҳои гидроэнергетикии соҳаро тавассути талабот ба захираҳои пулӣ ва хизматрасониҳои соҳаи бонкӣ муайян мекунад, аз ҷониби дигар худи низоми бонкӣ ба васоити пулӣ ва тақсимоти пешакии ҷараёни сармоягузории байни бахшҳои иқтисодӣ таъсири танзимкунанда дошта, ба имконоти сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузории соҳа мусоидат мекунад. Инчунин, аз тарафи дигар, рушд ва даромаднокии низоми бонкӣ бевосита ба фаъолнокии ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавсамандкунии бонкҳои тиҷоратӣ алоқаманд аст.

Ғайр аз ин, бонкҳо то ҳол механизми фаъолгардонии захираҳои сармоягузорӣ коркард накардаанд. Аз ин рӯ, масъалаҳои рушди комплекси энергетикӣ на танҳо ба нақши ҳамкории мақомоти давлатӣ ва бонкҳо, балки ба ҷалби захираҳои пулӣ, ки дар низоми бонкӣ барои рушди бахши энергетика равона шудаанд, асос ёбанд. Ғайр аз ин, шарти қабулнашудаи ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетикӣ ва вазифаи аввалиндараҷа ҳангоми татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ барои рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ, дар заминаи такмили низоми бонкӣ барои ҷалби сармоягузорӣ фазои мусоиди сармоягузориро ба комплексҳои энергетикии мамлакат амалӣ намудан хело муҳим аст.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳлили соҳавии сохтор ва ҳаҷми қарз, баҳогузории даромаднокии таъсири қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва захираҳои сармоягузорӣ тавассути бонк ба ҳаҷми истеҳсолот ба соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ аз мавқеи ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои энергетикии истеҳсолот муҳим дониста мешавад. Ба ақидаи Султонов З.С. хеле муҳим аст, ки ҳаҷми қарзҳои дарозмуддатро барои рушди секторҳои воқеии иқтисодӣ ва рушди устувор афзоиш дод, зеро имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ, асосан ба қарзҳои хурд ва қарзҳои кӯтоҳмуддат тааллуқ дорад [10,с.12]. Аз ин бар меояд, ки ҷалби сармоягузорӣ тавассути хизматрасониҳои бонкӣ аз рӯйи муҳлат, ҳаҷм, фоиз, сарчашмаҳо ва ғ. зарур аст. Хусусан барои рушди сармоягузорӣ ба соҳаи энергетикӣ, қарзҳои хурду миёна ва кӯтоҳмуҳлату миёнамуҳлат хело кам зарур мешаванд. Агар зарур ҳам шаванд, танҳо барои хариди қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмирҳои ҷорӣ истифода мешаванд. Чунки, тавре дар бобҳои пешин таҳлил намудем, сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика, муҳлати на кам аз 7-10 солро дар бар мегирад.

Дар ҷараёни ҷалби сармоягузориҳо, ҷараёни фаъолсозии захираҳои молиявӣ аз ҷониби субъектҳои бахши воқеии иқтисодиёт ва ҷараёни ҷойгиркунии онҳо барои мақсадҳои мушаххаси сармоягузорӣ (татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ ва барномаҳо), миёнаравон, муассисаҳои миёнарави молиявие мебошанд, ки дар бозори молиявӣ фаъолият мекунанд (бонкҳо, фондҳои сармоягузорӣ, ширкатҳои лизингӣ, суғуртавӣ, хоҷагиҳои байнисоҳавӣ) ширкат меварзанд.

Қайд кардан зарур аст, ки аксар лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузории дарозмуддат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкорӣ бо чунин ташкилотҳои байналхалқӣ ба роҳ монда шудаааст: Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Бонки исломии рушд, Бонки Осиёии рушд, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки байналмилалии рушд. Бонк ҳамчун иштироккунандаи раванди сармоягузорӣ, дар раванди сармоягузорӣ ба иқтисоди мамлакат ва соҳаҳои он накши муҳим мебозад. Зеро ҳаҷми сармояи бонкӣ барои имрӯз сармоягузории лоиҳаҳои энергетикӣ кифоягӣ намекунанд, Аз ин рӯ, такмил ва модернизатсияи секторҳои бонкии мамлакатро тақозо мекунад.

Дар ин ҷо дастгирии давлатӣ барои фаъол кардани ҷалби сармоягузорӣ тавассути низоми бонкӣ ва дастгирии давлатӣ барои ҷалби сармоягузории хусусӣ зарур аст. Дар сохтори сармоягузории корхонаҳои энергетикӣ қисмати ками саҳм ба васоити бонкӣ тааллуқ дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ асосан аз ҳисоби барномаҳои давлатӣ барои иҷрои вазифаҳои стратегӣ маблағгузорӣ мешаванд. Аз ин рӯ, барои афзоиши сармоягузории бонкӣ ба комплекси энергетикӣ ҳавасманд намудани онҳо зарур аст.

Вазифаҳои калидии сиёсати сармоягузории давлат дар соҳаи энергетика ташкили имиҷи мусбати сармоягузорӣ ва рушди инфрасохторҳои бозорӣ, инчунин, ташкили базаи қонунгузорию ҳуқуқии таъминкунандаи сатҳи баланди кафолати давлатии сармоягузорон ба ҳисоб меравад, ки устуворӣ ва ояндабиниро дидан мехоҳад. Ҳалли он мумкин аст аз рӯйи моҳият хавфҳои сармоягузориро кам кунад. Тибқи ақидаи Лобов П.В. ба давлат зарур аст шароите ташкил намояд, ки ширкатҳои энергетикӣ тавонанд мустақилона васоити заруриро аз бозори сармояи ҷаҳонӣ ҷалб намоянд, ки танҳо иқтидори давлат барои тағйири вазъи монеасоз ба ҷараёни сармоягузорӣ ба комплекси гармию энергетикии давлат созгор бошад [8,с.22-24].

Сиёсати сармоягузории давлат барои ҷалби сармоягузории давлатию хориҷӣ ба соҳаҳои энергетикӣ, паҳлуҳои васеъ дошта, он иқлими сармоягузории ҷумҳуриро муаррифӣ менамояд, Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин соҳа таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад, зеро дар шароити имрӯза сиёсати сармоягузорӣ ҳанӯз заиф аст. Дар ин самт барои баҳогузории методологии лоиҳаи сармоягузорӣ ба мақсадҳои молиявӣ, инчунин, истифодаи фоиданоки захираҳои буҷетӣ шароит фароҳам овардан зарур аст.

Тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар, ба корхонаҳои соҳаи энергетика ташкили захираҳои зарурии молиявӣ барои рушди истеҳсолӣ муқарраротҳо мавҷуданд, ки онҳо имрӯз яке аз сарчашмаҳои асосии сармоягузорӣ ба ин соҳаи муҳимми иқтисод мебошанд. Тавсеаи имконоти комплекси энергетикӣ барои ҳалли муаммоҳои муҳим,

мисли озод кардан аз андози даромад, ки барои ҷалби сармоягузорӣ равона карда шудааст, мусоидат мекунад. Ин ҳамзамон ҳавасмандкунӣ барои таҳкими фаъолияти сармоягузории соҳаҳо мебошад.

Ҳарчанд дар сатҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди сармоягузорӣ корҳои зиёде анҷом дода шуда истодаанд. Ташкили Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, таъсиси Шурои машваратии рушди сармоягузорӣ дар ҶТ дар назди Президенти ҶТ, қабули қонуну қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ, зина ба зина ҳалли монеаҳои сохторӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ, устувории қурби пули миллӣ – сомонӣ ва паст шудани саҳмҳои фоизӣ, лекин натиҷаҳои зарурӣ ба даст наомадааст. Барои ин низоми фоиданоки ҳавасмандкунии ҷалби сармоягузориро мумкин аст бо роҳи ташкили институтҳои рушди инноватсионӣ, таҳкими неруи илмӣ–технологии мамлакат, бо роҳи фаъол кардани фаъолияти инноватсионии соҳаи энергетика ва ташкили асосҳои институтсионалии такмили бозори миллии энергетикӣ ба даст овард.

Ҳамзамон, аз рӯйи меъёрҳои ҳалли муаммоҳо васоити дар гардиш буда, назорати нисбатан сахт аз болои мақсаднок истифода намудан, ҳисоби истеҳлокии онҳоро тақозо мекунад; ғайримарказӣ кунонидани равандҳои сармоягузорӣ бо роҳи рушди шаклҳои гуногуни моликияти хусусӣ, баланд бардоштани нақши сарчашмаҳои дохилии захиракунии корхонаҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории онҳо; дастгирии давлатии корхонаҳои соҳа аз ҳисоби марказонидани сармоягузорӣ; сармоягузории давлатии лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳо аз ҳисоби барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ ва дар асоси озмунҳо; пурзур кардани назорати давлатӣ аз болои хароҷоти буҷет, такмили базаи меъёрию ҳуқуқӣ ба мақсади ҷалби сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, сармоягузориҳои хориҷӣ; тавсеаи таҷрибаи муштараки давлат ва бахши хусусӣ барои сармоягузории лоиҳаҳои соҳаи энергетика.

Дар ин миён вазифаҳои аввалиндараҷаро, ҳамчун иштирокчии бевоситаи давлат ба лоиҳаҳои инфрасохтории аҳамияти хоҷагии халқ дошта ва ҳавасмандгардонии он тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозбандӣ ё қарзи андозӣ бо дахолати давлат дар сармоягузории инфрасохторҳои магистралӣ ва ғайраро иҷро намуд.

Нақши асосии давлат дар шароити зерин, фаъолкунии фаъолияти сармоягузорӣ дар ду ҷанба ба ҳисоб меравад. Якум ба охир нарасидани азнавсозии иқтисодӣ, ташкил ва рушди раванди бахши хусусӣ зарурати иштироки фаъоли давлатро дар раванди такомул, бо ояндадорӣ ва такмили сохтории соҳаҳои энергетикӣ ва рақобатпазирии онҳо талаб мекунад. Гурӯҳи муҳимми стартегияи сармоягузории давлат бояд эътирофи тиҷорати бузурги ба сифати субъекти муҳимтарини модернизатсияи иқтисоди миллӣ, дар маҷмуъ ва дар алоҳидагӣ соҳаҳои он мебошад. Барои ин давлат дар раванди рушди ширкатҳои бузург ва холдингҳо, соҳаҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, комплекси энергетикӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Рушди асосҳои институтсионалӣ дар мутобиқат бо стандартҳои байналхалқӣ яке аз шартҳои ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, таъмини базаи меъёрию ҳуқуқӣ барои ҳавасмандкунии захираҳои сармоягузорӣ ва даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ, ба истиснои муносибати зуроварона ба амволи сармоягузорӣ ва даромадҳои сармоягузорони хориҷӣ аз ҷумла мусодира, ҳамгирой, ҳамоҳангӣ ва ғайра зарур аст. Ташкили Шурои сармоягузорӣ ва координатсияи неруи тарафҳои гуногун ба мақсади ҳавасмандгардонӣ ва фаъолкунии захираҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби махсусиятҳои комплекси энергетикӣ муҳим дониста мешавад.

Яке аз хусусиятҳои рушди комплекси энергетикӣ дар шароити имрӯза, мавҷудияти анъанаи фаъолшавии сармоягузории хусусӣ мебошад. Сармоягузории хусусӣ дар аксар кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон ҳамчун сарчашмаи муҳимми маблағгузорӣ дар иқтисоди мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон равандҳои сармоягузорӣ ҳанӯз аз ҳисоби ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба қадри кофӣ фаъол нест. Ин то андозае ба базаҳои нокомили қонунгузорӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои сармоягузорон алоқаманд аст. Гузашта аз ин, қоидаҳои алоҳидаи базаҳои институтсионалӣ ҳанӯз аз меъёри ҳуқуқи байналхалқӣ дур буда, ба он мувофиқат намекунад. Ба андешаи мо, такмили асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва танзими ҷалби сармоягузорӣ зарур аст, то татбиқи фоидаовар ва эътимодноки лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетикӣ таъмин гардад.

Ҳамин тавр, самтҳои муҳимми ҷалби сармоягузорӣ, омилҳо ва шартҳои ҳавасмандгардонии фаъолкунии захираҳои сармоягузориро дар соҳаи энергетика дида баромада, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодии соҳаҳо маҳдудияти захираҳои дохилию хориҷӣ хос аст. Ин зарурати қабули меъёрҳои ташкилию иқтисодиро барои ҳавасмандгардонии сармоягузорон дар иштирок ба раванди сармоягузорӣ тақозо мекунад. Ба ин мақсад давлат бояд маҷмуи меъёрҳои самаранок ва ба ҳам алоқамандро қабул кунад. Ҳамчунин, такомули асосҳои институтсионалии ҷалби сармоягузорӣ барои сохтани объектҳо ва рушди ин соҳаи муҳимми иқтисоди миллӣ зарур аст. Ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва рушди равандҳои сармоягузорӣ бо роҳи коркарди меъёрҳои мушаххас оид ба танзими давлатии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои сармоягузорон бояд дар ҷои аввал истад. Рушди принсипҳои алоҳида ва қоидаҳои амалкунандаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сармояи хориҷӣ то сатҳи меъёрҳои ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ зарур аст, ки он имкон медиҳад барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва такмил додани равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетикӣ, инчунин, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳавасмандӣ ба вуҷуд ояд. Ҳамаи ин меъёрҳои муҳим барои устувории фазои сармоягузорӣ ва дар маҷмуъ, истифодаи самараноки иқтидори сармоягузории иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**


**АДАБИЁТ**

1. Балабанов А.И. Банки и банковское дело. Монография / А.И. Балабанов. -М: Питер, 2007. -448 с.
2. Барткова Н.Н. Выбор типа амортизационной стратегии как базовое условие оптимизации воспроизводственной политики предприятия / Н.Н. Барткова // Все для бухгалтера. -М., 2010. -№1. -С.61-64.
3. Болдырева И.А. На пути к самофинансированию сферы жилищно-коммунальных услуг / И.А. Болдырева // ЭКО. - 2008. -№2. -С.71-78; Болдырева И.А. К вопросу о финансовой стабилизации сферы жилищно-коммунальных услуг / И.А. Болдырева // Проблемы современной экономики. – 2008. -№4. -С.281-286.
4. Дадашев А.З. Формирование налогового механизма стимулирования инвестиций в основной капитал / А.З. Дадашев // Бухгалтерский учет в издательстве и полиграфии. -М.: Финансы и Статистика, 2008. -№4. -С.10-21.
5. Деменев И.В. Этапы разработки экономической стратегии воспроизводства основных фондов на предприятиях электроэнергетики / И.В. Деменев // Вестн. ИНЖЭКОНа. - 2009. -№5. -С.268-272.
6. Исайнов Х.Р. Водно-энергетический потенциал Центральной Азии: Тенденции, проблемы и перспективы развития / Х.Р. Исайнов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. -№2/1(127). -С.42-48.
7. Исмоилов А.А. Особенности использования инвестиций в АПК в условиях становления рыночных отношений (на материале сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан): дис. … канд.. экон. наук. 08.00.05 / А.А. Исмоилов. -Душанбе: Таджикский аграрный университет, 2004. -135 с.
8. Лобов П.В. Направления повышения эффективности реализации инвестиционных программ в электроэнергетике / П.В. Лобов // Экономический анализ: теория и практика. -М., 2009. -№27. -С.21-24.
9. Набиев Б. Инвестиции в основной капитал электроэнергетики как фактор роста и инноваций / Б. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/6. -С.48-52.
10. Султанов З.С. Влияние финансово-кредитных механизмов на экономическое и социальное развитие / З.С. Султанов // Финансы, учет и аудит: проблемы и перспективы развития в РТ. Мат.респуб. науч. - практ. конф. -Душанбе, РТСУ, 2015. -С.12-18.
11. Тараканов, В.В. Финансовый механизм системы высшего профессионального образования: сущность, структура, принципы функционирования / В.В. Тараканов // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 3, Экономика. Экология. – 2009. -№2(15). -С.181.
12. Ткачук А.В. Методы стимулирования инвестиций в инфраструктурные проекты / А.В. Ткачук // Проблемы современной экономики. - 2009. -№4(32). -С.350-353.
13. Хофизов Х.А. Инвестиционный потенциал Зеравшанской долины Согдийской области / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2-5. -Част II. -С.63-66.
14. Хофизов Х.А. Основные подходы к обеспечению инвестиционной привлекательности региона в современных условиях / Х.А. Хофизов // Аудит и финансовый анализ. -М.: «ДСМ-ПРЕСС», 2017. -№5-6. -С.341-346.
15. Хофизов Х.А. Характеристика инвестиционных рисков Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/8(215). -С.24-29.

16. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар комплексҳои энергетикии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№1. -С.5-12.

## ТАКОМУЛИ ТАШАККУЛЁБИИ МЕХАНИЗМҲОИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ МУҶТАМАЪҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Дар мақола оид ба мукаммалгардонии механизмҳои ҷалби сармоягузориҳо ба комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оварда шудааст. Дар назар аст, ки ҳангоми татбиқи механизмҳои ҷалби сармоягузориҳо ба комплекси энергетикӣ бояд пурра комплекси муносибатҳо таъмин гардида, бе ин ташкил намудани шароити мусоид, ки ҳадафҳои бисёрҷонибаи тарафҳоро дар раванди сармоягузорӣ ба тавозун дароранд, имконнопазир аст ва танҳо дар ҳолатҳое фазои мусоиди сармоягузориро ташкил намудан мумкин аст, ки шарти муҳимми устувории равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар комплекси энергетикии ҷумҳурӣ, дар ниҳоят кафили бехатарии энергетикӣ ва молиявии ҷумҳурӣ бошад. Муаллифон самтҳои муҳимми ҷалби сармоягузорӣ, омилҳо ва шартҳои ҳавасмандгардонии фаъолкунии захираҳои сармоягузориро дар соҳаи энергетика мариди таҳлил қарор дода, хулосабарорӣ менамоняд, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодии соҳаҳо маҳдудияти захираҳои дохилию хориҷӣ хос буда, зарурати қабули меъёрҳои ташкилию иқтисодӣ барои ҳавасмандгардонии сармоягузорон дар иштирок ба раванди сармоягузориро тақозо мекунад ва давлат бояд маҷмуи меъёрҳои самаранок ва бо ҳам алоқамандро қабул кунад. Инчунин, такомули асосҳои институтсионалии ҷалби сармоягузорӣ барои сохтани объектҳо ва рушди ин соҳаи энергетикӣ зарур буда, ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва рушди равандҳои сармоягузорӣ бо роҳи коркарди меъёрҳои мушаххас оид ба танзими давлатии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои сармоягузорон бояд дар ҷои аввал истад. Чи гунае, ки таҳлилҳои мушкилоти ҷойдоштаи равандҳои ҷалб намудани сармоягузорӣ ва рушди комплекси энергетикӣ нишон медиҳанд, баланд гардидани рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ бештар аз модернизатсияи соҳаҳои энегетикӣ, истифодаи мақсадноки неруи захираҳои табиии захиравӣ, сарфаи энергия ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии соҳа вобаста мебошад.

**Калидвожаҳо:** комплекси энергетикӣ, сармоягузорӣ, энергия, рушди ҷалби сармоягузорӣ, такомулдиҳӣ, фаъолгардонӣ, механизмҳо, таҷдидсозӣ, самаранокӣ, соҳа, ташаккулдиҳӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ МЕХАНИЗМОВ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭНЕРГЕТИЧЕСКОМ КОМПЛЕКСЕ

В статье представлена информация по совершенствованию механизмов привлечения инвестиций в энергетический комплекс Республики Таджикистан. Считается, что при реализации механизмов привлечения инвестиций в энергетический комплекс должна быть обеспечена полная совокупность отношений, без чего невозможно создание благоприятных условий, уравновешивающих многоплановые цели сторон инвестиционного процесса, и лишь в определенных случаях возможно создание благоприятных условий для инвестирования, что является важным условием устойчивости воспроизводственных процессов в энергетическом комплексе республики, гарантирующим энергетическую и финансовую безопасность. Авторами проанализированы важные направления привлечения инвестиций, факторы и условия стимулирования активизации инвестиционных ресурсов в энергетике, а также авторами подчеркивается, что в современных условиях экономического развития отрасли ограничение внутренних и внешних ресурсов характерны, а необходимость принятия организационно-экономических норм стимулирования инвесторов к участию в процессе требует усилий, и поэтому государство должно принять комплекс действенных и взаимосвязанных мер. Также необходимо совершенствование институциональных основ привлечения инвестиций в строительство объектов и развитие отрасли энергетики, стимулирование привлечения иностранных инвестиций и развития инвестиционных процессов за счет разработки конкретных нормативов государственного регулирования, право и обязательства инвесторов должны стоять на первом месте. Как показывает анализ существующих проблем, процесс привлечения инвестиций в развитие энергетического комплекса, повышения конкурентоспособности отраслей народного хозяйства в большей степени зависит от модернизации энергетических отраслей, целевого использования энергии, экономии и повышения энергоэффективности отраслей.

**Ключевые слова:** энергетический комплекс, инвестиции, энергетика, развитие, привлечение инвестиций, модернизация, активизация, механизмы, реконструкция, эффективность, отрасль, формирование.

## IMPROVING THE FORMATION OF MECHANISMS TO ATTRACT INVESTMENTS IN THE ENERGY COMPLEX

The article provides information on improving the mechanisms for attracting investments in the energy complex of the Republic of Tajikistan. It is believed that when implementing the mechanisms for attracting investments in the energy complex, a full set of relations should be ensured, without which it is impossible to create favorable conditions that balance the multifaceted goals of the parties to the investment process, and only in certain cases it is possible to create favorable conditions for investment, which is an important condition for sustainability reproduction processes in the energy complex of the republic, guaranteeing energy and financial security. The authors analyzed important areas

for attracting investments, factors and conditions for stimulating the activation of investment resources in the energy sector, and the authors also emphasize that in the current conditions of the economic development of the industry, the limitation of internal and external resources is typical, and the need to adopt organizational and economic norms to encourage investors to participate in the process requires effort, and therefore the state must take a set of effective and interrelated measures. It is also necessary to improve the institutional framework for attracting investment in the construction of facilities and the development of the energy industry, stimulating the attraction of foreign investment and the development of investment processes through the development of specific standards of state regulation, the right and obligations of investors should come first. As the analysis of the existing problems in the process of attracting investments and developing the energy complex shows, increasing the competitiveness of the sectors of the national economy to a greater extent depends on the modernization of the energy sectors, targeted use of energy, savings and improving the energy efficiency of industries.

**Keywords:** Energy complex, investments, energy, development of attracting investments, modernization, activation, mechanisms, reconstruction, efficiency, industry, formation

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Набиев Баҳодур Аҳмадович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-67-50-65**
***Ҳофизов Ҳафиз Асгарович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-12-60-44.** E-mail: **boadab@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Набиев Баходур Ахмадович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподователь кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-67-50-65**
***Хофизов Хафиз Асгарович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935126044.** E-mail: **boadab@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Nabiev Bakhodur Akhmadovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-67-50-65**
***Khofizov Khafiz Asgarovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 935-12-60-44**. E-mail: **boadab@mail.ru**

ТДУ: 311:314.1 (575.3)

# ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ ҲОЛАТИ НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР БАЪЗЕ НОҲИЯҲОИ КӮҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР SPSS – СТАТИСТИКА

*Аҳмадов Ф.М., Одинаев М.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ аҳаммияти истифодабарии барномаҳои оморӣ ва усулҳои таҳлили оморӣ меафзояд, зеро истифодаи барномаҳои оморӣ имкони кам кардани хароҷоти мушоҳида, коркард, таҳлил ва дар давраи кутоҳи вақт арзёбии маҷмуи омориро бо маълумотҳои дуруст ва боварибахш имконпазир мегардонанд. Дар шароити муосир омӯзиши тағйирёбӣ ва инкишофи равандҳои демографӣ ҳангоми банақшагирӣ ва танзими оила аҳамияти муҳим пайдо мекунад [15,с.120-129].

Барномаи муосири SPSS – Статистикаро барои таҳлили ҳамаи маҷмуҳои оморӣ, ки мавриди омӯзиш қарор мегиранд, истифода бурдан мумкин аст. Дар мақолаи мазкур маълумотҳои дар натиҷаи мушоҳидаи интихобӣ, ки дар ноҳияи кӯҳии ҷумҳурӣ ҷиҳати таҳқиқи омории никоҳи хешутаборӣ, таъсири омилҳо ва оқибати онҳо солҳои 2020-2022 гузаронида шудааст, ба воситаи барномаи болозикр таҳлил гардидааст.

Таҳлили омории никоҳи хешутаборӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ саривақтӣ мебошад, зеро дар ин минтақаҳо бастани ақди никоҳ бо хешовандони наздик ба назар мерасад ва пайёмадҳои ногувори он ба монандӣ тавлиди фарзандони маъюб, беналсӣ, шикасти никоҳ ва ғайра боиси вайроншавии оилаҳо, бесаробон мондани фарзандон, коста гардидани вазъи солимии ҷомеа мегардад [13,с.27-31].

Носолимии модарзодии фарзандон бемориест, ки бештар дар натиҷаи никоҳи хешутаборӣ ба вуқуъ мепайвандад ва ба худ омилҳои таъсирпазир дорад. Ҳамзамон, ин падидаи номатлуб яке аз роҳҳои вайрон гардидани аксари чунин оилаҳо маҳсуб мёёбад [7,с.27-31].

Илми тиб собит намудааст, ки дар оилаи нафарони бо хешовандони наздик издивоҷ баста, фарзанди носолим ба дунё меояд. Масалан аз рӯи маълумотҳои омори тандурустӣ дар соли 2016 бемории харобшавии мушакҳо зиёд ба қайд гирифта шудааст, ки сабаби асосиаш никоҳи хешутаборӣ ба ҳисоб меравад [7,с.27-31]. Ин бемории дар асоси никоҳи хешутабори наздик ҳангоми якҷояшавии генҳои носолим ба вуҷуд меоянд, ки дар оянда оқибатҳои нохуш дорад.

Вобаста ба масъалаи никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ (деҳаҳои Урметан ва Мадм) ва ҷамоати деҳоти Чилчаҳ (Бобоюнус)-и ноҳияи Темурмалик (деҳаҳои Гулистон, Гулобод, Давлатҳалқаёр, Меҳнатобод, Чилча, Шириноб, Яккасада, Лолазор) таҳқиқоти оморӣ гузаронидем [7].

Аз рафти таҳқиқи натиҷаи пурсиши анкетаҳои гузаронидашуда оид ба ақди никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ маълум гардид, ки якчанд омил ба ҳолати ақди никоҳи аҳолӣ таъсир мерасонад.

Рафти пурсиши анкетавӣ ва ҷамъбасти маълумотҳо ошкор намуд, ки синну соли никоҳӣ барои ҳарду ҷинс аз 18 то 30-солагӣ ба шумор меравад. Аз ҳама бештар 20,9%-и шумораи ҷинси мард дар синни 21-солагӣ ва 18,7% дар синни 25-солагӣ ақди никоҳ кардаанд (ҷадвали 1). Синну соле, ки шумораи бештари ҷинси зан ба никоҳ мебароянд 20-солагӣ буда, 27,5%-ро ташкил мекунад. Маълум гардид, ки дар синну соли аз 25 то 29 занҳо никоҳ накардаанд. Агар барои ҷинси зан никоҳ дар синну соли то 20-солагӣ 67%-и шумораи умумии никоҳро дар ҷинси зан ташкил кунад, барои ҷинси мард то 20-солагӣ ба 15,4% баробар шудааст [2,с.46-52].

Синну соли миёнаи никоҳӣ барои ҷинси мард 22,3 сол ва барои ҷинси зан 20,2 солро ташкил медиҳад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол синни никоҳии мардон ба синни никоҳии занон наздик шуда истодааст, ҳол он ки дар сатҳи ҷумҳурӣ фосилаи синни никоҳӣ байни ду ҷинс наздики 5 солро ташкил мекунад.

**Ҷадвали 1. Ҷадвали муттаҳидшуда оид ба синну соли никоҳӣ, бо%**
**Table 1. Combined table on the age of marriage, in %**

| Шумо дар чандсолагӣ никоҳ кардед? | ҷинс | | Ҳиссаи никоҳи ҳарду ҷинс дар синну соли мувофиқ |
|---|---|---|---|
| | мард | зан | |
| 18 | 2,2 | 14,7 | 9 |
| 19 | 6,6 | 24,8 | 16,5 |
| 20 | 6,6 | 27,5 | 18 |
| 21 | 20,9 | 11,9 | 16 |
| 22 | 7,7 | 13,8 | 11 |
| 23 | 8,8 | 1,8 | 5 |
| 24 | 14,3 | 3,7 | 8,5 |
| 25 | 18,7 | - | 8,5 |
| 26 | 5,5 | - | 2,5 |
| 27 | 2,2 | - | 1 |
| 28 | 4,4 | - | 2 |
| 30 | 2,2 | 1,8 | 2 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ дар соли 2020.

Ҳиссаи бештари никоҳи ҳар ду ҷинс нисбат ба шумораи умумии аҳолии таҳқиқгардида (мусоҳибон) ба синни 20-солагӣ 18% рост меояд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷавонон пурра барои бастани акди никоҳ, ташкили оилаи солим омода набуда, қисме аз онҳо маҷбурӣ барои бастани никоҳ вогузор мегарданд ва ин ҳолат боис мегардад, ки давомнокии никоҳ зиёд идома ёбад.

**Ҷадвали 2. Ҷадвали муттаҳидшуда оид ба синну соли никоҳӣ аз рӯйи хоҳиши мусоҳибон, бо %**
**Table 2. Combined table on the age of marriage according to the wishes of the respondents, with %**

| Шумо дар чандсолагӣ никоҳ кардан мехостед? | ҷинс | | Ҳиссаи никоҳи ҳарду ҷинс дар синну соли мувофиқ |
|---|---|---|---|
| | мард | зан | |
| Ҷавоб надоданд | 3,3 | 11 | 7,5 |
| 18 | - | 7,3 | 4 |
| 19 | 6,6 | 2,8 | 4,5 |
| 20 | 26,4 | 26,6 | 26,5 |
| 21 | 7,7 | 3,7 | 5,5 |
| 22 | 4,4 | 9,2 | 7 |
| 23 | 7,7 | 13,8 | 11 |
| 24 | - | 9,2 | 5 |
| 25 | 34,1 | 11 | 21,5 |
| 26 | 5,5 | 1,8 | 3,5 |
| 27 | 4,4 | 3,7 | 4 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2020.

Ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои пурсиши анкетавӣ оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ, 11%-и занҳо ва 3,3%-и мардони пурсидашаванда ба саволи он, ки шумо дар чандсолагӣ никоҳ кардан мехостед, ҷавоб нагардонида, 34,1%-и мардон синни никоҳиро 25-солагӣ интихоб намудаанд, ҳол он ки 20,9%-и мардон дар синни 21-солагӣ никоҳ кардаанд. Пас маълум мегардад, ки бо тавсияи волидайн бе хости ҷавонон никоҳ сурат гирифтааст.

Мардон синну соли 18 ва 24-солагиро ҳамчун синну соли никоҳӣ донистаанд. Агар синну соли аз 19 то 22-соларо 45,1%-и мардон синни мувофиқ барои никоҳ шуморида бошанд, пас 51,7%-и мардон синну соли аз 23 то 27-солагиро интихоб намудаанд, ки мантиқан дар шароити муосир дуруст мебошад. Зеро, ҷавонон бояд пеш аз оиладор

шудан ҳаҷми муайяни пасандоз, манзил ва дигар шароитҳое, ки барои таъмин ва тарбияи дурусти фарзандон лозим мебошад, дошта бошанд [6].

Беш аз 26,6%-и занҳо синну соли никоҳиро 20-солагӣ интихоб намудаанд. Наздики 42,3%-и занҳо синну соли аз 19 то 22-соларо синни мувофиқи никоҳӣ шуморида, 39,5%-и онҳо синну соли аз 23 то 27-солагиро интихоб намудаанд. Дар маҷмуъ, бештари занҳо мехоҳанд дар синну соли то 22-солагӣ ақди никоҳ банданд ва мардон баръакс синну соли аз 23 то 27-солагиро ҳамчун синну соли мувофиқ барои бастани ақди никоҳ мешуморанд [2,с.49].

**Ҷадвали 3. Ҷадвали муттаҳидшуда оид ба синни бaникоҳбарой, бо%**
**Table 3. Combined table on retirement age, in %**

| Гурӯҳ-бандии солҳо | Шумо дар чандсолаги никоҳ кардан мехостед? | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷавоб нест | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | |
| то 29 | 1,5 | 1 | 2 | - | 1 | 1 | 2,5 | - | 2 | 1,5 | 2 | 14,5 |
| 30-39 | 3 | 3 | 1 | 10 | 2 | 1 | 3 | 2 | 5 | - | 2 | 32 |
| 40-49 | 3 | - | - | 5,5 | 1 | 1 | 2 | 2 | 7 | 1 | - | 22,5 |
| 50 боло | - | - | 1,5 | 7,5 | 1,5 | 4 | 3,5 | 1 | 11 | 1 | - | 31 |
| Ҳамагӣ | 7,5 | 4 | 4,5 | 23 | 5,5 | 7 | 11 | 5 | 25 | 3,5 | 4 | 100 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ дар соли 2020.

Ҳангоми гурӯҳбандии синну соли мусоҳибон ва таҳлил намудани хоҳиши мусоҳибон оид ба синну соли никоҳӣ малум гардид, ки бештари мусоҳибони то синни 29-сола синну соли никоҳиро 23-солагӣ, бештари мусоҳибони аз синни 30 то 39-сола, синну соли никоҳиро 20-солагӣ, бештари мусоҳибони аз синни 40 то 49-сола, синну соли никоҳиро 25-солагӣ ва бештари мусоҳибони синну соли аз 50-сола боло, синну соли никоҳиро синни 25-солагӣ пешниҳод намудаанд.

Ба андешаи мо дар шароити имрӯза синни никоҳӣ ба 25-солагӣ мувофиқ аст, зеро дар ин синну сол шахс ҳам аз нигоҳи маърифати оиладорӣ ва молиявӣ мустақил гардида, рафтори демографии мувофиқро интихоб намуда метавонад. Ба андешаи мо, интихоби рафтори демографӣ ва интихоби дурсти оила метавонад ба якдигарфаҳмӣ ва мустаҳкамии оила, тавлиди фарзандони солим мусоидат намуда, шикасти никоҳро ҷилавгирӣ намояд.

Дар ҷадвали зерин мо натиҷаи интихоби дурусти рафтори демографиро пешниҳод намудаем, ки он дар асоси маълумотҳои мушоҳидаи интихобии 400 хоҷагии хонавода дастрас гардидааст.

**Расми 1. Намудҳои рафтори демографӣ**
**Figure 1. Types of demographic behavior**




Сарчашма: аз ҷониби муаллифон тартиб дода шудааст.

Рафтори демографии 1 бештар хосси мамолики рӯ ба инкишоф аз он ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бештари ҷавонон пас аз хатми донишгоҳ, бозгашт аз сафи қувваҳои мусаллаҳ оиладор мешаванд, ки даромади мувофиқ ё умуман манбаи доимии даромаднокӣ надоранд. Пас аз муддате фарзандор гашта, харҷи оиларо дучанд

мегардонанд. Дар натиҷа даромадҳои оила барои истеъмоли ҳаррӯза нокифоягӣ мекунад, ки хатарҳои навбатиро ба монанди: таназзули ҷисмонӣ ва руҳии кӯдак, модар ва падар, нокифоягии ғизо, пошхӯрии оила ва дигарҳо мегардад [1,с.87-94].

Рафтори демографии 2 хосси давлатҳои тараққикардаи дунё мебошад, ки асоси онро солимии ҷомеа ташкил медиҳад. Яъне, аҳолӣ кӯшиш мекунанд, ки дар заминаи нигоҳдошти саломатии худ сарват андӯхта дошта, сипас оиларо бунёд намоянд.

Дар рафти таҳлили маълумоти таҳқиқоти интихобии муаллиф маълум гашт, ки 68%-и хоҷагиҳои хонаводаи тадқиқшуда пеш аз оиладоршавиашон фарзандор шуданро шарти муҳим пазируфтаанд, ки дар ҷадвали 4 оварда шудааст [17,с.129].

**Ҷадвали 4. Шартҳои асосии бунёди оила**
**Table 4. Basic conditions for family formation**

| Синну сол | **Пеш аз оиладоршавиатон кадоме аз ин шартҳо бароятон муҳим буд?, бо %** | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Фарзандор шудан | Нигоҳдории саломатӣ | Андӯхт и сарват | Фарзандор шудан, нигоҳдории саломатӣ | Фарзандор шудан, андӯхти сарват | Фарзандор шудан, нигоҳдории саломатӣ, андӯхти сарват | |
| то 20 | 1,3 | 0,3 | 0,3 | - | - | - | 1,8 |
| 20-29 | 0,5 | 0,8 | 0,3 | 0,8 | 0,3 | 0,3 | 2,8 |
| 30-39 | 15 | 4,3 | 0,5 | 2,5 | 0,3 | | 22,5 |
| 40-49 | 25 | 6 | 1,5 | 3,3 | 0,5 | 0,3 | 36,5 |
| 50-59 | 16,8 | 2 | 0,5 | 2 | 1 | 0,3 | 22,5 |
| 60 ва зиёд | 9,5 | 2,8 | 0,3 | 1,3 | 0,3 | - | 14 |
| Ҳамагӣ | 68 | 16 | 3,3 | 9,8 | 2,3 | 0,8 | 100 |

Сарчашма: Маълумоти таҳқиқоти интихобии гузаронидашудаи муаллифон оид ба арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ. -Душанбе, 2019.

Аз маълумоти ҷадвал бар меояд, ки 68%-и мусоҳибон шарти муҳимми оиладоршавиро тавлиди фарзанд, 16%-и мусоҳибон нигоҳдории саломатӣ ва 3,3%-и онҳо андӯхти сарватро шарти муҳимми бунёди оила донистаанд.

Агар ин нишондиҳандаро аз рӯйи гурӯҳбандии синну сол баррасӣ намоем, пас маълум мешавад, ки ҷавонони то синни 29-сола ба ин савол кам таваҷҷуҳ додаанд ё қабл аз бастани ақди никоҳ ва бунёди оила оид ба ин шартҳо андеша накардаанд. Дарвоқеъ, аксарияти ҷавонони имрӯза бепарво буда, оид ба ояндаи худ нақшаҳои асоснок надоранд ва ин ҳолат боиси ҷудошавии оилаҳои навбунёд мегардад.

Мусоҳибони аз синни 30-сола боло нисбати суоли мазкур ҷиддӣ муносибат намудаанд, зеро пеш аз оиладоршавиашон шарт ва нақшаҳоро барои ояндаи оилаи худ тасвир кардаанд.

**Ҷадвали 5. Ҷадвали муттаҳидшуда оид ба синну соли никоҳӣ, бо %**
**Table 5. Combined table on the age of marriage, in %**

| Маълумот | Шумо дар чандсолагӣ никоҳ кардан мехостед? | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷавоб нест | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | |
| ибтидоӣ | - | - | - | - | - | - | - | 1 | 3 | - | 1 | 5 |
| миёнаи нопурра | - | - | - | 3 | 2 | - | - | - | - | - | - | 5 |
| миёна | 1,5 | 4 | 2,5 | 15 | 2 | 4 | 2 | 2 | 4 | - | - | 37 |
| миёнаи касбӣ | - | - | - | 5,5 | 1,5 | 1 | 2 | 1 | 2 | 1 | 1 | 15 |
| олии нопурра | 1,5 | - | - | - | - | - | 1,5 | - | - | - | - | 3 |
| олӣ | 4,5 | - | 2 | 3 | - | 2 | 5,5 | 1 | 11,5 | 1,5 | 1 | 32 |
| бе маълумот | - | - | - | - | - | - | - | - | 1 | 1 | 1 | 3 |
| Ҳамагӣ | 7,5 | 4 | 4,5 | 26,5 | 5,5 | 7 | 11 | 5 | 21,5 | 3,5 | 4 | 100 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ дар соли 2020.

Аз маълумотҳои ҷадвали 5 маълум аст, ки бештари мусоҳибони маълумоти олидошта ва ибтидоӣ синни никоҳиро 25-солагӣ ва мусоҳибони маълумоти миёна ва миёнаи касбидошта синни никоҳиро 20-солагӣ интихоб намудаанд. Яъне дар зинаи поёнӣ ва болоӣ қарор доштани сатҳи маълумотнокии муҳосибон хоҳиши дертар оиладоршавиро доштаанд.

Дар маҷмуъ 7,5%-и мусоҳибон ба саволи он, ки дар чандсолагӣ никоҳ кардан мехостед? посух нагардонида, танҳо 4%-и онҳо 27-солагиро синни ба никоҳбароӣ донистаанд.

Масъаллаи муҳимми дигар, ки дар рафти мушоҳидаи интихобӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт, ин барасмиёт даровардани ақди никоҳ ба шумор мерафт.

**Ҷадвали 6. Ҷадвали муттаҳидшуда оид ба қайди расмии ақди никоҳ ва сатҳи маълумотнокии нафароне, ки ақди никоҳ бастаанд**

**Table 6. Combined table on official registration of marriage and educational level of married persons**

| Маълумот | Никоҳи шумо дар САҲШ ба қайд гирифта шудааст? (бо %) | | Ҳиссаи қайди расмӣ аз рӯйи маълумотнокӣ |
|---|---|---|---|
| | ҳа | не | |
| ибтидоӣ | 5,1 | 0 | 5,0 |
| миёнаи нопурра | 5,1 | 0 | 5,0 |
| миёна | 37,9 | 0 | 37,0 |
| миёнаи касбӣ | 14,4 | 100 | 15,0 |
| олии нопурра | 3,1 | 0 | 3,0 |
| олӣ | 31,3 | 0 | 32,0 |
| бе маълумот | 3,1 | 0 | 3,0 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100,0 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2020.

Аз рафти таҳқиқи натиҷаи пурсишномаҳо маълум гардид, ки 96,5%-и ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандон (минбаъд-САҲШ) ба қайд гирифта шудааст. Ногуфта намонад, ки наздики 37,9%-и аҳолии таҳқиқгардида дорои маълумоти миёна буда, маълумоти ибтидоӣ 5,1%, миёнаи нопурра 5,1%, миёнаи касбӣ 14,4%, олии нопурра 3,1%, олӣ 31,3%-ро ташкил мекунад. Танҳо 1%-и аҳолии таҳқиқгардида ақди никоҳи худро дар мақомоти САҲШ ба қайди расмӣ нагузоштаанд, ки сатҳи маълумоташон миёнаи касбӣ мебошад (нигаред ба ҷадвали 6).

**Ҷадвали 7. Ҷадвали муттаҳидшуда оид ба розигии мусоҳибон аз рӯйи ҷинс барои бастани ақди никоҳ, бо %**

**Table 7. Combined table on respondents' consent to marriage by gender, in %**

| Аз никоҳи худ рози ҳастед? | | ҷинс | | Ҳисса дар шумораи умумии мусоҳибон |
|---|---|---|---|---|
| | | мард | зан | |
| ҳа | шумора | 91 | 102 | 193 нафар |
| | бо % | 100 | 93,6 | 96,5% |
| не | шумора | 0 | 7 | 7 нафар |
| | бо % | 0 | 6,4 | 3,5% |
| Ҳамагӣ | шумора | 91 | 109 | 200 нафар |
| | бо % | 100,0 | 100,0 | 100% |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2020.

Аз рафти пурсиш маълум гардид, ки 96,5%-и мусоҳибон аз никоҳи худ розӣ ҳастанд, танҳо 3,5% норозигӣ намудаанд, ки онҳо ҷинси зан мебошанд (ҷадвали 8).

Чуноне, ки қайд кардем, наҳамаи мусоҳибон аз никоҳи худ розӣ мебошанд, зеро дар баъзан маврид хоҳиши ҷавонон ҷиҳати бастани ақди никоҳ ба инобат гирифта

намешавад. Аз дигар тараф, норозигӣ пас аз бастани ақди никоҳ метавонад ба миён ояд.

**Ҷадвали 8. Ҷадвали муттаҳидшуда оид ба розигии мусоҳибон аз рӯйи маълумот, бо %**
**Table 8. Combined table on respondents' agreement with the data, in %**

| Маълумот | Аз никоҳи худ розӣ ҳастед? | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| | ҳа | не | |
| ибтидои | 5 | - | 5 |
| миёнаи нопурра | 5 | - | 5 |
| миёна | 35 | 2 | 37 |
| миёнаи касби | 15 | - | 15 |
| олии нопурра | 3 | - | 3 |
| олӣ | 30,5 | 1,5 | 32 |
| бе маълумот | 3 | - | 3 |
| Ҳамагӣ | 96,5 | 3,5 | 100 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2020.

Аз шумораи умуми мусоҳибон 3,5% аз никоҳи худ изҳори норозигӣ намуданд, ки 1,5%-и онҳо дорои маълумоти олӣ ва 2% маълумоти ибтидои доранд.

Бештар мусоҳибони маълумоти миёнадошта ва олидошта қаноатмандии худро аз никоҳашон тасдиқ кардаанд, ки муттаносибан 35% ва 30,5%-ро ташкил мекунад. Аз натиҷаи пурсиши интихобӣ маълум гардид, ки дар деҳаҳои Гулистон, Гулобод, Давлатҳалқаёр, Меҳнатобод, Чилча, Шириноб, Яккасада, ва Лолазори ҷамоати деҳоти Бобоюнус никоҳи хешутаборӣ зиёд ба чашм мерасад [7].

Дар шакли умумӣ оиди 14 - деҳаҳои ҷамоати деҳоти Бобоюнус маълумотҳо ҷамъоварӣ карда шуданд. Оид ба рафти натиҷагирии тадқиқот маълумотҳои ба даст овардашуда дар ҷадвалҳои зерин чунин гурӯҳбандӣ карда шудаанд:

**Ҷадвали 9. Шумора ва фоизи никоҳҳои хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик**
**Table 9. Number and percentage of consanguineous marriages in Boboyunus rural community of Temurmalik district**

| Никоҳи шумо хешу таборӣ аст? | Шумора (нафар) | Фоиз бар натиҷа |
|---|---|---|
| Ҳа | 125 | 51,9 |
| Не | 116 | 48,1 |
| Ҷамъ | 241 | 100,0 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик дар соли 2020.

Аз шумораи умумии мусоҳибон, ки 241 нафарро ташкил мекард, 125 нафарашон никоҳи хешутаборӣ (51,9-и шумораи умумии мусоҳибон) ва 116 нафар бо шахсони бегона никоҳ бастаанд.

Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки ҳолати воқеиро дар ҷумҳурӣ ба назар гирифта, масъалаи риоя намудани синни ақди никоҳ ҷидӣ ба роҳ монда шавад, то ки ҳолати зиёдшавӣ ва вайрон гардидани оилаҳо пешгирӣ карда шавад. Ин ҳолат шароити мусоидро барои зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва тарбияи дурусти насли наврас, мустаҳкам ва пойдор мондани оилаҳо фароҳам меоварад [12,с.99-102].

Чунин ҳодиса бештар дар никоҳи хешутаборӣ ба назар мерасад. Арусу домод пайванди хунӣ дошта, чунин алоқамандӣ метавонад боиси таваллуди кӯдаки носолим гардад. Масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ояндабинии онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, батанзимдарории он дар асоси қонуну қарорҳо ва консепсияҳо ба роҳ монда мешаванд [11,с.28-35]. Ҳар қадар шумораи никоҳи хешутаборӣ зиёд гардад, хатари тавлиди кӯдакони носолим зиёд мешавад. Бинобар ин, дар аксари кишварҳои дунё никоҳи хешутабории дараҷаи якум маън карда шудааст. Қонун никоҳи фарзандони хешутабори дурро маҳкум намекунад, вале дар баъзе аз мамлакатҳо ин намуди никоҳ низ манъшуда эътироф гардидааст [9].

Ин падидаи номатлуб дар аксарияти минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ба чашм мерасанд, зеро дар бештари онҳо инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ рушд наёфтааст, аз дигар тараф аҳолии ин манотиқ ҳанӯз ҳам дар доираи урфу одатҳои гузаштагони худ амал карда истодаанд.

**Ҷадвали 10. Гурӯҳбандии мусоҳибони никоҳи хешутаборидошта, аз рӯи синну сол дар ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик**
**Table 10. Grouping of consanguineous marriage respondents by age in Babayunus rural community of Temurmalik district**

| Гурӯҳбандии синну соли мусоҳибон | Шумора, (нафар) | Фоиз бар натиҷа |
|---|---|---|
| То 20 | 27 | 21,6 |
| 21 | 28 | 22,4 |
| 22 | 22 | 17,6 |
| 23 | 16 | 12,8 |
| 24 | 10 | 8,0 |
| 25 ва зиёд | 22 | 17,6 |
| Ҷамъ | 125 | 100 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик дар соли 2020.

Дар никоҳи хешутаборӣ хатари тавлиди кӯдакони бемор наздики 25%-ро ташкил менамояд. Дар сурати бо писари хола, тағо, амак издивоҷ намудан ин хатар ба 4-6% мерасад. Маҳз бо сабаби зиёд будани никоҳҳои хешутабори ҳамасола миқдори тифлакони бо нуқсонҳои физиологӣ ва ақлонӣ ба дунё омада дар кишвари мо меафзоянд. Дар панҷ соли охир аз 4000 ҳазор бемороне, ки ба шуъбаи генетикаи институти илмӣ-таҳқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перенатологии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудаанд, дар 1000 нафарашон сабаби беморӣ никоҳи хешутаборӣ дониста шудааст. Аз ин рӯ, падару модаронро зарур аст, ки ояндаи фарзандони худро андеша намуда аз пайвастани тақдири онҳо бо хешу табори наздик худдорӣ намоянд. Барои пешгирӣ ва муайян намудани бемориҳои генетикӣ супурдани хун айни муддаост.

**Ҷадвали 11. Фавти кӯдакон аз оилаҳои дар никоҳи хешутаборӣ қарордоштаи ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик**
**Table 11. Death of children from consanguineous families of Boboyunus rural community, Temurmalik district**

| Фарзанд | Шумора, (нафар) | Фоиз бар натиҷа |
|---|---|---|
| Писар | 10 | 52,6 |
| Духтар | 9 | 47,4 |
| Ҷамъ | 19 | 100,0 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик дар соли 2020.

Аз шумора умумии мусоҳибон, ки мавриди пурсиш қарор гирифтанд, дар 19 ҳолат фавти кӯдакон ба қайд гирифта шуд, ки аз онҳо 10 нафар писар ва 9 нафар духтарро ташкил кард. Ҳамзамон, 20 ҳолати маъюбии кӯдакон ба қайд гирифта шуд, ки аз онҳо 13 нафар писар ва 7 нафар духтар мебошанд. Дар маҷмуъ шумораи фарзандони маъюб ва фавтида аз оилаҳои дар никоҳи хешутаборӣ қарордошта, ки таҳқиқ гардиданд 16,2%-и оилаҳоро ташкил кард, ки зиёд мебошад [12,с.27-31].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани никоҳи хешутаборӣ як қатор асноди меъёрию ҳуқуқиро қабул намудааст, ки дар асоси ин санадҳо дар миёни аҳолӣ ба хотири манъ намудани никоҳи хешутаборӣ пайваста корҳои таблиғотию ташвиқотӣ ва маҳдуднамоӣ чараён дорад. Пас аз қабули санадҳои дахлдор зина ба зина оқибатҳои манфии никоҳи хешутаборӣ дар ҷаъмият коҳиш ёфта истодааст.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 14 ҳолатҳое, ки монеаи бастани ақди никоҳ мегарданд оварда шудааст. Ақди никоҳ байни шахсони зерин манъ аст:

- байни хешовандони наздик;

**Ҷадвали 12. Кӯдакони маъюб аз оилаҳои дар никоҳи хешутаборӣ қарордоштаи ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик**

**Table 12. Disabled children from consanguineous families of Boboyunus rural community, Temurmalik district**

| Фарзанд | Шумора, (нафар) | Фоиз бар натиҷа |
|---|---|---|
| Писар | 13 | 65,0 |
| Духтар | 7 | 35,0 |
| Ҷамъ | 20 | 100,0 |

Сарчашма: Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик дар дар соли 2020.

- байни бародарону хоҳарони айнӣ ва угай;
- байни фарзандони бародарон ва хоҳарон;
- байни таѓо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян;
- байни шахсоне, ки аз як зан шир хурдаанд;
- байни шахсоне, ки аз муоинаи ҳатмии тиббӣ нагузаштаанд.

Хулоса, аз рафти таҳқиқи натиҷаи пурсиши анкетаҳои гузаронидашуда оид ба никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоатҳои болозикр ба чунин хулосаҳои илмӣ баромадан мумкин аст:

- ҷавонон бештар дар синну соли аз 18 то 30-солагӣ оиладор мешаванд. Аз ҳама бештар 20,9%-и шумораи ҷинси мард дар синну соли 21-солагӣ, 18,7% дар синну соли 25-солагӣ ва 27,5%-и ҷинси зан дар синну соли 20-солагӣ оиладор шудаанд. Маълум гардид, ки дар синну соли аз 25 то 29-сола занҳо ақди никоҳ накардаанд. Агар барои ҷинси зан ақди никоҳ дар синну соли то 20-солагӣ 67%-и шумораи умумии никоҳро барои ҷинси зан ташкил диҳад, барои ҷинси мард то 20-солагӣ ба 15,4% баробар шудааст;
- синну соли миёнаи никоҳӣ барои ҷинси мард 22,3 сол ва барои ҷинси зан 20,2 солро ташкил медиҳад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол синни никоҳии мардон ба синни никоҳии занон наздик шуда истодааст;
- ҳиссаи бештари ақди никоҳи ҳар ду ҷинс яъне 18%-и шумораи умумии мусоҳибон ба синну соли 20-солагӣ рост меояд. Ин ҳолат аз он далолат медиҳад, ки ҷавонон пурра барои бастани ақди никоҳ, ташкили оилаи солим, омода набуда қисме аз онҳо маҷбурӣ барои бастани никоҳ вогузор мегарданд ва ин ҳолат боис мегардад, никоҳ зиёд тул накашад;
- наздики 34,1%-и шумораи мардон синни никоҳиро 25-солагӣ интихоб намудаанд, ҳол онки, 20,9%-и онҳо дар синни 21-солагӣ ақди никоҳ кардаанд. Пас эҳтимол дорад, ки ақди никоҳ бо тавсияи волидайн бе хости ҷавонон сурат гирифтааст;
- бештари занҳо мехоҳанд дар синну соли то 22-солагӣ ақди никоҳ банданд ва мардон баръакс синну соли аз 23 то 27-солагиро барои бастани ақди никоҳ мувофиқ медонанд;
- наздики 96,5%-и ақди никоҳ дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шудааст;
- танҳо 1%-и мусоҳибон ақди никоҳи худро дар мақомоти САҲШ ба қайд нагирифтаанд, ки сатҳи маълумотнокиашон миёнаи касбӣ мебошад;
- сохтори маълумотнокии мусоҳибонро маълумоти миёна 37,9%, маълумоти ибтидоӣ 5,1%, миёнаи нопурра 5,1%, миёнаи касбӣ 14,4%, олии нопурра 3,1%, олӣ 31,3% ташкил медоданд;
- наздики 96,5%-и мусоҳибон аз ақди никоҳи худ розӣ буда, танҳо 3,5% изҳори норозигӣ намудаанд, ки онҳо ҷинси зан мебошанд;
- наздики 89%-и бастани ақди никоҳ бо маслиҳат ва иштироки падару модар сурат мегирифтааст. Бо маслиҳати бобою бибӣ 6%, дигар хешовандон 1% ва 4%-и мусоҳибон ба савол ҷавоб нагардондаанд;
- наздики 44,1%-и мардон ва 55,9%-и занҳои дар ақди никоҳ қарордошта пеш аз бунёди оила, ҳамсари худро мешинохтаанд. Ҳамзамон, наздики 64,3%-и мардон ва 35,7%-и занҳо баръакс ҳамсар ва шавҳари ояндаи худро намешинохтаанд, ки ин ҳолат дар бунёди оила бетаъсир намемонад;

➢ шумораи фарзандони маъюб ва фавтида аз мусоҳибони дар никоҳи хешутаборӣ қарордошта 16,2%-и мусоҳибонро ташкил кард, ки зиёд мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Бохирова Х.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадов Ф.М. Омӯзиши омории омилҳои ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсиррасонанда / Ф.М. Аҳмадов, Ашуров Ф.М. А.З Исозода / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ. – 2022. -№3(42). -С.87-94.
2. Аҳмадов Ф.М. Таҳлили омории ҳолати ақди никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ / Ф.М. Аҳмадов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)» (ш. Душанбе, 20-27 апрели соли 2022.). – Душанбе, 2021. -С.46-52.
3. Аҳмадов Ф.М. Таҷрибаи баъзе аз кишварҳо дар арзёбии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ / Ф.М. Аҳмадов, С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -С.54-62.
4. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2020.
5. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021.
6. Маълумоти таҳқиқоти интихобии гузаронидашудаи муаллиф оид ба арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ – Душанбе, 2019.
7. Натиҷаи мушоҳидаи интихобии муаллифон оид ба ҳолати никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ ва Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик дар соли 2020.
8. Одинаев М.А. Баҳодиҳии омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / Одинаев М.А. -Душанбе, 2021. -172 с.
9. Одинаев М.А. Ҷанбаҳои манфии никоҳи хешутаборӣ ва пайёмадҳои он / М.А. Одинаев // Маводи конфренсияи чумҳурявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», (Душанбе, 22-уми апрели соли 2021).
10. Одинаев М.А. Нишондиҳандаҳои омории никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик / М.А. Одинаев // Конференсияи ҷумҳурявии илмию назарявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯён бахшида ба “Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)” ИИТ ДМТ, 20-27 апрели 2022. -С.45-53.
11. Одинаев М.А. Таҳлили омории фарқиятҳои минтақавии вазъияти демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№5. -С.28-35.
12. Одинаев М.А. Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. иқт: 08.00.12 / М.А. Одинаев. -Душанбе, 2020. -196 с.
13. Одинаев М.А. Таҳлили омории нишондиҳандаҳои никоҳи хешутаборӣ ва ҷанбаҳои манфии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, М.С. Давлятова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «30–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар даврони истиқлолият: дастовард ва дурнамо» (10.12.2021). – Ваҳдат, 2021. -С.27-31.
14. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021.
15. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳайдарзода М.И., М.А. Одинаев, Табарзода О.С., Аҳмадов Ф.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№2. -С.120-129.
16. Таҳлили омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, Д.С. Амонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№5. -С.5-13. ISSN: 2413-5151.
17. Хушвахтзода Қ.Х. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / Хушвахтзода Қ.Х., Ф.М. Аҳмадов, Ф.М. Ашуров. -Душанбе, 2021. -129 с.


**ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ ҲОЛАТИ АҚДИ НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР БАЪЗЕ НОҲИЯҲОИ КӮҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР SPSS - СТАТИСТИКА**


Дар мақола натиҷаи пурсиши анкетаҳои гузаронидашуда оид ба никоҳи хешутаборӣ дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ ва Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик ба воситаи барномаи муосири омории SPSS-статистика таҳлил гардида, хулосаҳои оморӣ бароварда шудааст. Аз рафти таҳлил маълум гардидааст, ки дар ҷамоати деҳоти Урметани ноҳияи Айнӣ синну соли миёнаи никоҳӣ барои ҷинси мард 22,3 сол ва барои ҷинси зан 20,2 солро ташкил намуда, бештари онҳо дар синну соли аз 18 то 30-солагӣ оиладор мешаванд. Аз ҳама бештар 20,9%-и шумораи ҷинси мард дар синну соли 21-солагӣ ва 27,5%-и ҷинси зан дар синну соли 20 солагӣ оиладор шудаанд. Маълум гардидааст, ки шумораи фарзандони

маъюб ва фавтида аз мусоҳибони дар никоҳи хешутаборӣ қарордоштаи ҷамоати деҳоти Бобоюнуси ноҳияи Темурмалик 16,2%-и мусоҳибонро ташкил медиҳад, ки зиёд мебошад. Хулосабарорӣ гардидааст, ки падару модарон оияндаи фарзандон ва ҷомеаи солимро андеша намуда аз пайвастани тақдири онҳо бо хешу табори наздик худдорӣ намоянд. Барои пешгирӣ ва муайян намудани бемориҳои генетикӣ супоридани хун айни муддаост.

**Калидвожаҳо:** никоҳи хешутаборӣ, усулҳои таҳлили оморӣ, мушоҳидаи интихобӣ, ҷинс ва синну сол, оқибатҳои манфии никоҳи хешутаборӣ, тавлиди фарзандони маъюб, сатҳи маълумотнокӣ, қайди расмии ақди никоҳ.

## СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ БЛИЗКОРОДСТВЕННОЙ БРАЧНОСТИ В НЕКОТОРЫХ ГОРНЫХ РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СОВРЕМЕННОЙ ПРОГРАММЫ «SPSS – СТАТИСТИКА»

В статье проанализированы результаты анкетного опроса по близкородственным бракам в сельских джамоатах Урметан Айнинского района и Бабаюнус Темурмаликского района и сделаны статистические выводы с использованием современной статистической программы «SPSS-Statistics». Из анализа выяснилось, что в сельском джамоате Урметан Айнинского района средний возраст вступления в брак для мужчин составляет 22,3 года, для женщин – 20,2 года, причем большинство из них вступают в брак в возрасте от 18 до 30 лет. В браке состоит 20,9% мужского населения в возрасте 21 года и 27,5% женского населения в возрасте 20 лет. Выявлено, что количество нетрудоспособных и умерших детей респондентов в родственных браках в сельском джамоате Бобоюнус Темурмаликского района составляет 16,2% от опрошенных, что является высоким показателем. Сделан вывод о том, что родители должны учитывать будущее своих детей и здоровье общества и воздерживаться от браков с близкими родственниками. Важно сдавать анализ крови для профилактики и выявления генетических заболеваний.

**Ключевые слова:** близкородственный брак, методы статистического анализа, выборочное наблюдение, пол и возраст, негативные последствия близкородственного брака, рождение детей-инвалидов, уровень образования, официальная регистрация брака.

## STATISTICAL ANALYSIS OF THE STATUS OF CLOSE RELATIONSHIPS IN SOME MOUNTAIN REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN USING THE MODERN SPSS PROGRAM – STATISTICS

The article analyzes the results of a questionnaire survey on closely related marriages in the rural jamoats of Urmetan, Aini district and Babayunus, Temurmalik district, and draws statistical conclusions using the modern statistical program SPSS-Statistics. The analysis revealed that in the rural jamoat Urmetan, Ayni district, the average age of marriage for men is 22.3 years, for women - 20.2 years, and most of them marry at the age of 18 to 30 years. The most married are 20.9% of the male population aged 21 and 27.5% of the female population aged 20. It was revealed that the number of disabled and deceased children of respondents in related marriages in the rural jamoat Boboyunus of Temurmalik district is 16.2% of the respondents, which is a high figure. It is concluded that parents should consider the future of their children and healthy societies and refrain from marrying close relatives. It is important to take a blood test for the prevention and detection of genetic diseases.

**Keywords:** consanguineous marriage, methods of statistical analysis, sample observation, gender and age, negative consequences of consanguineous marriage, birth of disabled children, level of education, official registration of marriage.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Аҳмадов Фараҳманд Муфазалович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи омор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: Farahmand@mail.ru.** Телефон**: (+992)901-61-66-33**
***Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи омор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон**: (+992) 900-17-17-59**

**Сведения об авторах:** ***Ахмадов Фарахманд Муфазалович* -** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры статистики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17**.** E-mail: **Farahmand@mail.ru.** Телефон: **(+992)901-61-66-33**
***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**

**Information about the authors:** ***Akhmadov Farahmand Mufazalovich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Statistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. E-mail: **Farahmand@mail.ru.** Phone**: (+992)901-61-66-33**
***Odinaev Mekhrubon Abdurakhmonovich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Statistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Phone**: (+992) 900-17-17-59**

ТДУ: 336.77.067

# ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО МАНЗИЛИ ШАХСӢ ТАРИҚИ ИСТИФОДАИ МЕХАНИЗМИ ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ

***Имомназарова Т.А., Ғаюров Ғ.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масоили муҳим дар низоми иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як давлати алоҳида, таъмини аҳолӣ бо манзил ба шумор меравад. Таъмини аҳолӣ бо манзил дар шароити муосири иқтисодӣ бо роҳу усулҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Усули маъмуле, ки дар кулли кишварҳои ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифтааст, ин пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ, ҷиҳати таъмини аолӣ бо манзилӣ шахсӣ дониста мешавад. Бояд қайд намуд, ки ипотека яке аз намудҳои гарави молӣ мебошад, ки объекти гарав дар ихтиёри замондеҳ мемонад. Қарздиҳии ипотекӣ дар мамлакатҳои пешрафтаи Ғарб ба таври васеъ истифода мешавад. Айни замон, даҳҳо моделҳои ипотекӣ дар ҷаҳон амал мекунанд.

Амал намудани моделҳои гуногун, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои минтақаҳо ва дараҷаи рушди иқтисодии онҳо вобаста мебошад. Масалан дар Федератсияи Русия барномаҳои зиёди ипотекӣ амал мекунанд, ки асоси онҳоро маблағгузории буҷавӣ ташкил медиҳад [7,с.18]. Дар чунин тарзи кор имконияти истифодабарии маблағгузориҳои ғайрибуҷавӣ, ки хосси низоми классикии қарздиҳии ипотекӣ ба шумор меравад, маҳдуд карда мешавад. Дар ИМА бошад, низоми классикии ипотекӣ мавриди истифода қарор дода шудааст [13,с.28]. Ин модел дар сатҳи федеролӣ низ беҳтар аст. Барои инкишофи ин гуна барномаҳо Оҷонсии махсус оид ба қарздиҳии ипотекӣ амал менамояд, ки ташкили шароитҳои зарурӣ барои қарздиҳии ба уҳдаи он гузошта шудааст. Ба муомилот баровардани коғазҳои қиматнок имкон медиҳад, ки ба башхи қарздиҳии ипотекӣ маблағҳои зиёди молиявӣ ҷалб карда шаванд. Дар Федератсия Русия низоми хазинаҳои қарзию амонатгузори инкишоф ёфта истодааст [9,с.25]. Он имрӯз барои мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ (масалан Олмон), ки сарчашмаи маблағҳои молиявӣ, амонатҳои мақсадноки муассисаҳои қарздиҳӣ ба шумор меравaнд, босамар мебошад. Дар чунин низом амонатгузор уҳдадор мешавад, ки дар як вақти муайян маблағи муайянро бо фоизи пасттар аз сатҳи миёнабозорӣ ба амонати мақсаднок гузорад. Баъди ҷамъ намудани нисфи маблағи зарурӣ барои харидорӣ намудани амволи ғайриманкул, вай барои қисми дуюм ба ҳамон меъёрҳои фоизӣ қарз мегирад. Ба таври мисол, дар Федератсияи Русия дар муҳлати давраи мувофиқашудани ғункунии маблағ пардохтҳои муштарӣ ҳамчун саҳм дар сохтмони бино дар қонун даровaрда мешаванд ва мувофиқан дар сохтмон истифода мегарданд. Баъди анҷоми сохтмон муштарӣ мувофиқи қарордоди мавҷудаи тарафҳо соҳиби манзил мегардад. Дар чунин намуди қарздиҳии ипотекӣ муҳим он аст, ки ба хотири ба миён наомадани зиддиятҳо манфиятҳои тарафҳо бо тартиби қонунӣ ба назар гирифта шаванд.

Метавон қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ипотека ҳамчун омили муҳимми таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ дониста мешавад. Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон барои инкишофи қарздиҳии ипотекӣ ва дар вақтҳои наздик ташкил намудани бонки махсус оид ба қарздҳии ипотекии аҳаммияти махсус медиҳад. Ташкили чунин як сохтор бешубҳа барои рушди ин бахши қарздиҳӣ такони назаррас хоҳад дод. Дар айни замон, дар Ҷумҳурии мо барои фаъолияти низоми қарздиҳии ипотекӣ заминаи қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Ҷиҳати ташаккул ва рушди бозори қарзҳои ипотекӣ лозим аст, ки заминаи ҳуқуқӣ таҳия карда шавад ва ба ин васила пешниҳоди чунин қарзҳо ба аҳолӣ вусъат ёбад. Ба андешаи мо, қабули Консепсия ва инкишофи мақсадноки қарздиҳии ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барномаи афзалиятноки муҳимми дарозмуҳлат гардад ва ин бевосита ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии мардум таъсир расонанд. Маълум аст, ки манзили худӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги ахлоқию равонӣ дорад. Илова ба ин, рушди бозори амволи ғайриманкул ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳиши сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад. Мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта, аз ҳисоби

қарзи ипотекӣ соҳиби манзили шахсӣ мешаванд. Масалан дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо воситаи қарзи ипотекӣ 82,9% амволи ғайриманқул харида шудааст [13,с.56]. Барои ҳалли ин масъала, мавҷудияти инфрасохтори зарурӣ ва шароити муносибро барои рушди босамари манбаъҳои маблағгузорӣ талаб мекунад. Дар ин шароит ба бозори миллӣ ворид шудани сармояи хориҷӣ ва таъсири он ба рушди бозори қарзӣ дар умум ва бахусус, бозори қарздиҳии ипотекии манзилӣ пурзӯр мегардад. Бо назардошти аҳаммияти баланди иқтисодӣ-иҷтимоии қарзҳои ипотекӣ дар санадҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи он муайян ва дурнамои рушди он коркард гардидааст. Аз ҷумла, яке аз санади стратегие, ки дар он қарзҳои ипотекӣ ҳамчун омили таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ муайян гардидааст, ин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР) дониста мешавад [8,с.76].

Дар ҳуҷҷати стратегии болозикр чунин самтҳои муҳимми рушди қарздиҳии ипотекӣ муайян карда шудааст:

- инкишофи бозори ибтидоии қарздиҳӣ барои манзил (ипотека), аз ҷумла тавассути ташаккул ва ҷорӣ намудани стандартҳои қарздиҳӣ барон манзил, ҳавасмандгардонии устувории техникӣ ва молиявии фаъолияти бонкӣ;
- фароҳам овардани шароит барон ташаккули бозори такрории маблағгузории ипотека ва таъмини бехатарии қарзҳо барон манзил;
- мусоидат ба ташаккули мақсадноки пасандозҳо аз тарафи аҳолӣ бо мақсади хариди манзил, аз ҷумла бо ёрии кооперативҳои сохтмонию амонатгузорӣ;
- инкишофи бозори моликияти ғайриманқул, ки зарурати такмилдиҳии заминаи меъёрии ҳуқуқии муқаррарсозии ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба қитъаҳои замин барои сохтмони манзил, афзоиши пешниҳоди заминҳои шаҳр барои манзил, таъмини дастрасии қисми кифояи он барои хонаводаҳои дорои даромади миёна, рушди стандартҳои миллӣ ва барномаҳои маблағгузорӣ барои банақшагирии шаҳр, идоракунии замин ва тақсимкунии ҳудудҳои шаҳрӣ барои таъмини пешниҳоди кифояи манзили арзонро ба миён меорад;
- ташаккули низоми дастгирӣ барои дастрасӣ ба манзил, аз ҷумла, барои оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавон;
- тафтиш (ревизия)-и принсипҳо ва қоидаҳои шаҳрсозӣ (барқарорсозӣ ва соҳтмони нав, манбаъҳои марказонидашуда ва мустақили ҳизматрасониҳои коммуналӣ, мониторинги қоидаҳои бехатарӣ, аз нигоҳи истифодаи энергия самаранок ва ба заминларза тобовар) [8].

Ҳадафи асосии аҳаммияти ҷидди зоҳир намудани давлат дар чунин санади стратегӣ, пеш аз ҳама, таъмини аҳолии кишвар бо манзили истиқоматӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки дар СМР қайд шудааст, то соли 2030 «на кам аз 30%-и манзил дар бозори ибтидоӣ бо истифода аз воситаҳои қарзии ипотека харидорӣ шавад» [8,с.74]. Лозим ба ёдоварист, ки дар ин раванд, яъне таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ бо истифода аз механизми қарздиҳии ипотекӣ яккатор мушкилоте мавҷуд мебошад, ки бартарафсозии он метавонад ҷараёни пешниҳоди чунин қарзҳоро густариш диҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоте мавҷуд мебошад, ки аз байн бурдани он ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла, рафъи чунин мушкилиҳо зарур аст:

- ➢ рафъи буҳрони ҷорӣ ва фароҳам овардани шароит барои пешгирӣ ва коҳиш додани зуҳуроти эҳтимолии буҳронӣ дар оянда;
- ➢ ташкили бозори самарабахши аввалияи қарздиҳии ипотекии манзилӣ, ки бояд мувозинати манфиатҳои кредиторон ва қарзгирандагонро таъмин намояд;
- ➢ ташаккули низоми устувори ҷалби захираҳои дарозмуддат аз бозори сармоя ба бозори ипотекӣ;
- ➢ таъсиси инфрасохтори боэътимод ва самараноки бозори қарздиҳии ипотекии манзилӣ;
- ➢ рушди қарздиҳии ипотекии манзилӣ ва дигар шаклҳои қарздиҳии ипотекӣ, инчунин, маблағгузории сохтмони манзил;
- ➢ баҳисобгирии хусусиятҳои минтақавӣ ва маҳаллии рушди бозори манзил ва ипотека.

Воқеан, аз байн бурдани мушкилоти мавҷуда, пешгирӣ аз зуҳуроти буҳронии эҳтимолӣ ва ташкили низоми муайян метавонад рушди қарздиҳии ипотекиро таъмин намояд. Ҷиҳати муайян намудани рушди устувори қарзҳои ипотекӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Аз он ҷумла, яке аз чунин нишондиҳандаҳо, ки муҳим арзёбӣ мегардад, баҳодиҳии қарзҳои ипотекӣ нисбат ба ММД-и кишвар мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои дорои даромади баланд ба 40%, дар кишварҳои дорои даромади миёна ба 7% ва дар мамлакатҳои дорои даромади паст бошад, қариб ба 3% баробар аст» [9,с.142]. «Агар мамлакатҳои дорои даромади баландро гирем, дар дохили ин гурӯҳ мамлакатҳо бо 60% аҳолии дорои даромади аз ҳама баланд 25% аҳолӣ бо қарзҳои ипотекӣ фаро гирифта шудаанд, ҳол он ки дар гурӯҳи мамлакатҳо бо 40% аҳолии дорои даромадҳои пасттар танҳо 15% бо қарзҳои ипотекӣ фаро гирифта шудаанд. Бо ҳисоби миёна, дар мамлакатҳои мутараққӣ қарзҳои ипотекиро 21,3%, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ – 2,9%, дар ҷаҳон, дар умум 8% аҳолӣ гирифтаанд» [9,с.29]. Аз омори таҳлилшуда бар меояд, ки дар ҷаҳон қарздиҳии ипотекӣ асосан барои гурӯҳҳои аҳолии дорои даромади баланд хос аст. Ба таври мисол, дар Ҳиндустон қарзҳои ипотекӣ танҳо 2,3% аҳолиро ҷалб мекунад» [11,с.54]. Барои муқоиса, ин нишондиҳанда дар Федератсияи Россия тақрибан 7%, дар ИМА ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ 70-80% ММД, дар Аврупо - тақрибан 60%-ро ташкил дод [7,с.122]. Дар ҶТ ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар ММД – 0,22%-ро ташкил дод, ки ин албатта нишондиҳандаи хеле паст аст (расми 1).

**Расми 1. Қарзҳои ипотекии манзилӣ нисбат ба ММД (бо млн. сомонӣ)**
**Figure 1. Housing mortgage loans in relation to GDP (in millions of somoni)**




Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ– №12 (329) 2022. – С.19.

Таҳлили маълумотҳои расми 2, ҳолати ноустувории қарзҳои ипотекии манзилӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзиро нишон медиҳад. Масалан соли 2021 ин нишондиҳанда дар Федератсияи Русия 15,5%-ро ташкил додааст [4,с.144]. Дар ҶТ ҳиссаи қарзҳои ипотекии манзилӣ дар сандуқи умумии қарзии ташкилотҳои қарзии кишвар – 1,84%-ро ташкил намуд (расми 2).

Бинобар сабаби таъминоти пардохтпазир ва арзиши баланди маънавиро соҳиб будан, қарздиҳии ипотекии манзилӣ дорои хавфи паст ҳисобида мешавад. Ба андешаи мо сабабҳои асосии сифати хуби сандуқи қарзии қарзҳои ипотекии манзилӣ аз инҳо иборат мебошанд: таҳлили дақиқ зимни муайян намудани қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, масъулиятшиносии нафарони қарздор. Аксари қарзгирандагон ба масъалаи харидани хона ҷиддӣ муносибат мекунанд, ки ин омил метавонад дар баландбардории сифати сандуқи қарзии

**Расми 2. Қарзҳои ипотекии манзилӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаз. сомонӣ)**
**Figure 2. Residential mortgage loans in the credit portfolio of credit organizations of the Republic of Tajikistan (in thousand Somoni)**




Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ– №12 (329) 2022. – С.112.

қарзҳои ипотекӣ нақши калидӣ дошат бошад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол афзуда истодааст. Новобаста аз ин, пешниҳоди чунин қарзҳо барои иқтисодиёт басанда нест ва зарур аст, ки бонкҳо дар ин самт аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоянд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Маблағи қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2015-2021, бо ҳ.с.)**
**Table 1. The amount of mortgage loans in the credit portfolio of credit organizations of the Republic of Tajikistan (for the years 2015-2021, with h.s.)**

| Нишондиҳандаҳои | 2 015 | 2 016 | 2 017 | 2 018 | 2 019 | 2 020 | 2 021 | Афзоиш бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дар низоми бонкӣ** | **166 052** | **167 709** | **185 829** | **209 132** | **214 347** | **220517** | **257 888** | **55,3%** |
| **Дар бонкҳо** | 141 476 | 130 529 | 138 950 | 151 802 | 153 918 | 172502 | 216 288 | 52,9% |
| **Дар ТМХ** | 24 576 | 37 180 | 46 879 | 57 330 | 60 428 | 48 015 | 41 600 | 69,3% |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ– №12 (329) 2022. – С.59.

Аз нишондиҳандаҳои омории ҷадвали 1 дидан мумкин аст, ки ҳаҷми қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии мамлакат афзоиш ёфта истодааст. Агар соли 2015 ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар низоми бонкӣ маблағи 166052 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин маблағ то ҳадди 257888 ҳазор сомониро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 55,3% афзудааст. Новобаста аз афзоиши мабалғи қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ, ҳанӯз ҳам талаботи аҳолӣ ба чунин шакли мабалағгузорӣ зиёд аст ва бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки дар ин самт чораандешӣ намоянд. Бояд қайд намуд, ки бо якчанд сабабҳо бонкҳо намехоҳанд ба муштариён қарзҳои ипоеткӣ пешниҳод кунанд. Чунин омилҳо намегузоранд, ки бонкҳо ҳиссаи қарзҳои ипотекиро дар сандуқи қарзии худ афзоиш диҳанд:

1. Муҳлати чунин шакли қарз дароз аст.
2. Набудани маблағҳои «дарозмуддат» бо асъори миллӣ.
3. Талаботи шадид ба таъминоти қарз (гарав).
4. Қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ (аксари ширкатҳои сохтмонӣ талаб менамоянд, ки маблағҳо бо асъори хориҷӣ пардохт карда шаванд).

Воқеан, бонкҳои тиҷоратиро лозим меояд, ки барои ташаккули қарзҳои ипотекӣ бо ширкатҳои сохтмонии кишвар ҳамкории муттақобиларо ба роҳ монанд.

Мутаассифона то ҳол ҳамкориҳои судманд миёни ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои амалкунандаи сохтмонӣ, шартномаҳои пешбурди фаъолият камтар ба назар мерасад, ки ин омил ба рушди устувори чунин шакли маблағгузорӣ монеа эҷод менамояд. Омили муҳимми дигаре, ки бояд мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирад, ин мавҷуд набудани воситаҳои рӯйпӯшкунонии хавфҳо (ҳедҷкунонӣ) дар бозори бонкӣ мебошад, ки дар навбати худ боиси мушкилоти мавҷудияти захираҳои молиявӣ барои қарздиҳии ипотекии манзилӣ бо пули миллӣ мегардад. Дар ин ҳолат, Бонки миллии Тоҷикистон бояд ин ташаббусро ба уҳдаи худ гирад ва бозори ҳедҷкуниро барои ташкилотҳои қарзӣ дастрас намояд, то ки ин дар навбати худ онҳоро аз хавфҳои асъорӣ ҳимоя намуда, бо пулҳои «дароз» бо асъори миллӣ таъмин кунад. Дар ин маврид, бояд хавфҳои асъорӣ пешгирӣ карда шаванд. Зеро бонкҳои тиҷоратӣ бинобар сабаби зиёд будани хавфҳои асъорӣ наметавонанд, ки ҳиссаи қарзҳоро бо пули миллӣ афзоянд. Аз таҳлил расми 3 бар меояд, ки тайи солҳои 2012, 2013, 2014, 2015, 2016 ва 2017 ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ бо пули миллӣ ба маротиб нисбат ба қарзҳои бо асъори хориҷӣ зиёд буд. Зиёд будани қарзҳои ипотекӣ бо пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ аз устувории истеҳсолоти дохилӣ ва ҳолати муътадили иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад. Аммо, аз оғози соли 2018 то ин ҷониб зиёдшавии ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ бо асъорҳои хориҷӣ ба назар мерасад, ки ин аз омилҳои беруниқтисодӣ ва сабабҳои гуногун вобастагӣ дорад.

**Расми 3. Ташаккули сандуқи қарзии ипотекӣ вобаста аз асъори пешниҳодшаванда (бо фоиз)**
**Figure 3. Formation of the mortgage loan portfolio depending on the offered currency (in percentage)**




Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ. – 2022. -№12(329). –С.68.

Таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки сабабҳои асосии афзоиши сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъорҳои хориҷӣ аз инҳо иборат мебошад [4; 13; 12]:

1. Дар аксари мавридҳо ташкилотҳои қарзӣ метавонанд маблағҳои пулии дарозмуддатро танҳо бо асъори хориҷӣ ҷалб кунанд. Хавфи баланди бекурбшавии асъори миллӣ, қарздиҳандагони хориҷиро водор мекунад, ки маблағгузориро бо асъори миллӣ коҳиш диҳанд;

2. Сатҳи баланди бекурбшавии асъори миллӣ аҳолиро водор месозад, ки амонатҳои худро дар шакли асъори хориҷӣ бештар нигоҳ доранд.

Қарзҳои ипотекӣ дар раванди фаъолияти ҳар як бонки тиҷоратии алоҳида мавқеи майянеро касб намудааст. Дар ҷадвали 2 оид ба тартиби пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 2. Оид ба пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 2. Regarding the provision of mortgage loans by credit organizations of the Republic of Tajikistan**

| Номгӯи бонкҳо ва ТАҚХ | | бо сомонӣ | | | бо доллари ИМА | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | бо % | max-муҳлат | max-маблағ | бо % | max-муҳлат | max-маблағ |
| 1 | ҶСК "Тавҳидбонк" | 21,0% | 60 | 1 000 000 | 10,5% | 132 | 100 000 |
| 2 | БДА ҶТ "Амонатбонк" | 22,0% | 120 | 1 500 000 | 10,0% | 120 | 100 000 |
| 3 | ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 22,0% | 120 | 500 000 | 14,0% | 120 | 300 000 |
| 4 | ТАҚХ «Имон Интернешнл» | 25,0% | 120 | 250 000 | 0,0% | 0 | 0 |
| 5 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 26,0% | 120 | 350 000 | 0,0% | 0 | 0 |
| 6 | ҶСП Бонки Арванд | 28,0% | 120 | 200 000 | 0,0% | 0 | 0 |
| 7 | ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» | 30,0% | 60 | 250 000 | 0,0% | 0 | 0 |
| 8 | ҶСК Алиф бонк | 32,0% | 60 | 350 000 | 16,0% | 84 | 35 000 |
| 9 | Равзанаи исломии Фонди Имон (аҳди иҷора) | 16,0% | 120 | 250 000 | 0,0% | 0 | 0 |
| 10 | ҶСП "Спитаменбонк" | 0,0% | 0 | 0 | 14,0% | 120 | 300 000 |
| **Меъёр, муҳлат ва маблағи миёнавазн** | | **24,7%** | **100** | **516 667** | **12,9%** | **115** | **167 000** |

**Сарчашма:** Дар асоси маълумоти сомонаҳои расмии бонкҳо

Маълумотҳои ҷадвали 2 гувоҳӣ медиҳанд, ки тартиби пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ менамоянд. Илова бар ин, бояд дарҷ намуд, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 7-то бонки тиҷоратии амалкунанда ба муштариён қарзҳои ипотекӣ пешниҳод менамоянд. Дар 8-то бонки тиҷоратии боқимонда оид ба пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ, барномаҳои коркардгардида мавҷуд нест, ки ин омил раванди ташаккули бозори қарзҳои ипотекиро дар ҷумҳурӣ боз медорад.

Месазад қайд намоем, ки дар раванди ташаккули қарзҳои ипотекӣ давлат ҳамчун институти махсус ва сарчашмаи асосии маблағгузорӣ мавқеи баланд дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизми дастгирии давлатӣ метавонем фоизҳои қарзҳои ипотекиро коҳиш диҳем. Чунин барномаи давлатӣ дар БДА ҶТ "Амонатбонк" амал менамояд, ки тибқи он қарзҳои ипотекӣ ба кормандони соҳаҳои буҷетӣ пешниҳод карда мешавад. Аммо, маблағи лоиҳаи мазкур камтар аст ва талаботи муштариёнро ба пуррагӣ қонеъ карда наметавонад [3,с.154]. Сухан дар бораи баргардонидани қисми фоизҳо ба ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби давлат меравад. Меъёрҳои фоизии ҷорӣ барои аксари аҳолӣ таҳаммулнопазиранд. Ба ҳисоби миёна фоизҳо солона бо асъори хориҷӣ - 12,9% ва қарзҳо бо пули миллӣ 24,7%-и солона. Коркарди механизмҳои паст кардани фоизҳо тавассути барномаи махсуси давлатӣ то ҳадди фоизҳои баъзе мамлакатҳои Осиёи Марказӣ заруранд, яъне 8-10% солона ба муҳлати то 15 сол [7,с.98]. Ташкилотҳои қарзие, ки дар ин барнома иштирок мекунанд, аз ҷониби давлат фарқияти фоизҳо ҷуброн карда шаванд. Ин усул имкониятҳои зеринро медиҳад:

- ташкилотҳои қарзӣ зарари молиявӣ намебинанд;
- зарурати анҷом додани қарздиҳии ипотекии манзилӣ ба аҳолӣ аз тарафи давлат аз байн меравад (ин аз хароҷотҳои иловагӣ, ки бо ташкили инфрасохтори зарурӣ барои қарздиҳӣ лозим аст, нигоҳ медорад);
- назорат аз болои истифодабарии мақсадноки маблағҳо аз тарафи давлат пайдо мешавад;
- байни ташкилотҳои қарзӣ рақобати солим пайдо мешавад;
- аҳолӣ ба гирифтани қарзҳои ипотекии манзилӣ дастрасӣ пайдо мекунад;
- ҳаҷми сандуқи қарзҳои ипотекии манзилӣ ба маротиб зиёд шуда, шумораи мизоҷон, ки соҳиби манзили истиқоматӣ мешаванд, меафзояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ки «сатҳи миёнаи таъминот бо манзил то соли 2030 ба ҳар сари аҳолӣ на кам аз 17 $м^2$-ро ташкил медиҳад» [8,с.78]. Дар охири соли 2021 ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 10 $м^2$ масоҳати умумии биноҳои истиқоматӣ рост меояд. Аз рӯйи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои мутараққӣ ба таври назаррас қафо мемонад. Масалан, дар Қазоқистон ин нишондиҳанда ба 23,2 метри мураббаъ, дар Ӯзбекистон – 18,2 метри мураббаъ ва дар Қирғизистон – 13 метри мураббаъро ташкил медиҳад. «Дар Олмон ба ҳар як нафар 50 $м^2$ масоҳати умумӣ, дар Британияи Кабир – 62 $м^2$, дар ИМА – 70 $м^2$ рост меояд» [6]. «Тибқи стандартҳои иҷтимоии СММ сатҳи камтарини таъмини манзил **30 $м^2$** ба як нафарро ташкил мекунад» [8,с.71].

Бояд тазаккур дод, ки афзоиши сохтмони амволи ғайриманқул ба афзоиши шумораи ширкатҳои сохтмонӣ алоқаманд аст. Тибқи иҷозатномаҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 2108 ширкати сохтмонӣ фаъолият мекунанд. Аз ин шумора 53 ширкатҳои хориҷӣ мебошанд [1,с.18]. Инчунин, бояд қайд кард, ки сохтмони амволи ғайриманқул инфрасохторро талаб мекунад, ки на ҳамеша дастрас аст. Аз 65 шаҳру вилояти ҷумҳурӣ танҳо дар 25-тои он қисман канализатсия вуҷуд дорад [2,с.28]. Қарздиҳии ипотекӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Дар солҳои охир тақрибан 1,3 то 1,5 млн.метри квадратӣ манзили истиқоматӣ сохта шуда, ба истифода дода шудааст. Агар нархи миёнаи бозории 1 метри квадратӣ тақрибан 5 000 сомонӣ ҳисоб кунем, 1.5 млн. метри квадратӣ ба 7,5 млрд сомонӣ баробар аст ва дар солҳои охир тақрибан қарзҳои додашуда аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ 250 млн.сомониро ташкил мекунанд, ки ин тақрибан ба 4% баробар аст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Нархи миёна барои 1 метри мураббаи манзил (бо долл. ИМА)**
**Table 3. Average price for 1 square meter of housing (in US dollars)**

| Минтақаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти Суғд** | 700 | 650 | 580 | 525 | 470 | 450 | 480 | 500 |
| **Вилояти Хатлон** | - | 500 | 430 | 400 | 380 | 350 | 380 | 400 |
| **НТМ** | 500 | 500 | 420 | 400 | 370 | 320 | 350 | 400 |
| **Душанбе** | 850 | 700 | 650 | 630 | 626 | 554 | 580 | 600 |

Сарчашма: Дар асоси маълумоти ширкатҳои сохтмонӣ

Бо назардошти музди миёнаи маош дар мамлакат 1330 сомониро ташкил медиҳад, як метри мураббаи манзил ба ҳисоби миёна аз 4000 то 7000 сомонӣ мебошад. Дар чунин вазъият маълум мегардад, ки дар шароити имрӯза қарзи ипотекии манзилӣ – ин маҳсулотест, ки на ба табақаи васеи аҳолӣ, балки ба категорияи алоҳидаи шаҳрвандон пешбинишуда мебошад, ки кори босубот ва вазъи хуби молиявӣ доранд. Теъдоди чунин шахсон дар байни эҳтиёҷмандони манзил камтар аз 10%-ро ташкил мекунад.

Таҳлил ва омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, амалии пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ нишон медиҳад, ки истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мавриди истифода қарор гирад. Инчунин, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ дар бонкдории исломӣ метавонад бозори қарзҳои ипотекиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият бахшад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз соли 2019 ҶСК "Тавҳидбонк" тибқи шартҳои бонкдории исломӣ амал менамояд ва қарзҳои ипотекиро низ ба муштариён пешкаш мекунад. Яъне дар баробари пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ тибқи бонкдории анъанавӣ, инчунин, пешниҳоди ин қарзҳо мувофиқи шартҳои бонкдории исломӣ яке аз самтҳои муҳимми ташаккули бозори қарзҳои ипотекӣ арзёбӣ карда мешавад. Бонкдории исломӣ ба рушди иқтисоди кишварҳо мусоидат намуда, рушди устувори онро метавонад таъмин созад. Бонкҳои исломӣ бахше аз қарзҳои худро барои тарҳҳои сохтмонӣ ва амволи ғайриманқул медиҳанд, ки дар навбати худ ба тавсеаи сармояи асосӣ, ки манбаи аслии рушди иқтисодӣ ба шумор меравад, мусоидат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки низоми молии исломӣ ҳар қадар рушд кунад, рушди иқтисод ҳамон қадар беҳтар хоҳад шуд. Ба андешаи аксари коршиносони соҳа, низоми молии исломӣ метавонад бахшҳои пешрафтаи иқтисодиро

дар раванди рушд ба таври муассир дастгирӣ кунад. Солҳои охир фондҳои сармоягузории исломӣ дар кишварҳои Халиҷи Форс ва Малайзия бомуваффақият рушд намуда истодаанд, ки метавонем аз таҷрибаи онҳо низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад [6,с.89]. Дар амалия шаклҳои гуногуни чунин фондҳо мавҷуданд, аз ҷумла фондҳои саҳомӣ, фондҳои амволи ғайриманқул ва амвол, фондҳои муробаҳа, фондҳои молӣ ва фондҳои иҷора.

Дар маҷмуъ, пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ барои муштариён аз нигоҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ муфид буда, барои ташкилотҳои қарзӣ метавонад сарчашмаи иловагии даромад бошад. Зеро аҳаммияти доштани манзили худӣ яқин аст, илова бар аҳаммияти бузурги иҷтимоию равонӣ, он инчунин, ба саломатии оила низ таъсири мусбӣ мерасонад (набудани зарурат барои харҷи қисми зиёди буҷети оила барои пардохти иҷораи манзил), паст гаштани шиддати маишӣ (талоқҳо, ҷанҷолҳо дар оила аз сабаби набудани манзили худӣ). Зарур аст, ки бо истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ заминаи ҳуқуқӣ-иқтисодии пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шавад ва тақвияти минбаъдаи онҳо таъмин гардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Сайфуров К.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Банковский сектор - 2021: кредитование. [Электронный ресурс]. URL: https://www.banki.ru/news/research/?id=10962645 (дата обращения: 15.04.2022).
2. Башкатова А. Площадь квартир ужимается вместе с доходами / А. Башкатова // Независимая газета. -№243 (8007), от 11.06.2020.
3. Гаюров Г.Х. Влияние банковского финансового потенциала на развитие национальной экономики / Г.Х. Гаюров // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов; под общей редакцией З.О. Адамановой. –Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2022. -С.164-167. – EDN QTYHRC.
4. Гаюров, Г.Х. Банки развития и их роль в национальной экономике Республики Таджикистан / Г.Х. Гаюров, Ф.Д. Бобоев // Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства: Сборник научных трудов; под общей редакцией З.О. Адамановой. -Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2023. -С.176-179. – EDN VYOIHK.
5. Ипотека в августе установила новый рекорд. [Электронный ресурс]. URL: www.vedomosti.ru/finance/articles/2020/09 /13/839728-ipoteka-rekord (дата обращения: 09.2022).
6. Кияткина В.В. Новые тенденции на мировом рынке ипотечной секьюритизации MBS и covered bonds / В.В. Кияткина // Банковское дело. - 2011. -№2. -С.39–44.
7. Стерник Г.М. Анализ рынка недвижимости для профессионалов / Г.М. Стерник, С.Г. Стерник. -М.: Экономика, 2009. -606 с.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -С.54-55.
9. Федотова М.А. Методология управления портфелем недвижимости в составе собственного капитала и активов банка / М.А. Федотова, С.Г. Стерник // Финансовый менеджмент. – 2015. -№4. -С.64-69.
10. Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар / Шарифзода Н.Ш. // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. -№2(26). –С.149-160. – EDN IUZHZB.
11. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. –С.129-139. – EDN ITJJZD.
12. Global Financial Inclusion (Global Findex) Database. – Wash. DC: World Bank [Электронный ресурс]. URL: http://www.worldbank.org/globalfindex (дата обращения: 14.06.2020); World Development Indicators (database). -Wash. DC: World Bank [Электронный ресурс]. URL: http://data.worldbank.org/data-catalog/world-development-indicators (дата обращения: 14.06.2020).
13. Housing Finance across Countries: New Data and Analysis / A. Badev, T. Beck, L. Vado, S. Walley // Policy Research Working Paper №6756. – Wash., DC: World Bank, 2014.


**ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО МАНЗИЛИ ШАХСӢ ТАРИҚИ ИСТИФОДАИ МЕХАНИЗМИ ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ**


Дар мақола яке аз масоили барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бозори қарзҳои ипотекӣ ҳамчун заминаи муҳимми дастрасии аҳолӣ ба манзили шахсӣ арзёбӣ гардида, ташаккули он ва масоили ба он вобаста дар мақола таҳқиқ шудааст. Бо омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ-амалии масъалаи мазкур, муаллифон зарурати онро барои иқтисодиёти Ҷумҳурии тоҷикистон муайян намудаанд. Дарҷ шудааст, ки қарзҳои ипотекӣ механизми муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад ва такмили он барои кишвар зарур аст. Бозори қарзҳои ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

мавриди таҳлил қарор гирифта, мушкилоти дар он ҷойдошта дақиқ карда шудаанд. Муаллифон чунин андеша доранд, ки қарзҳои ипотекӣ механизми муҳимми таъминкунандаи аҳолӣ бо манзил мебошад. Аз ин лиҳоз, такмили заминаи ҷойдошта ва рушди инфрасохтори он метавонад бозори қарзҳои ипотекиро боз ҳам густариш диҳад. Бо омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, муаллифон оид ба тақвияти бозори қарзҳои ипотекӣ ва соданамоии дастрасии аҳолӣ ба он яккатор пешниҳодҳои муфид тавсия намудаанд, ки метавонад ба рушди қарзҳои ипотекӣ таъсири мусбӣ расонанд.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, даромади бонк, сармояи бонкҳои тиҷоратӣ, қарзҳои ипотекӣ, ипотека, такшилотҳои амонатӣ-қарзӣ, бозори қарзҳои ипотекӣ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ НАСЕЛЕНИЯ СОБСТВЕННЫМ ЖИЛЬЕМ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ МЕХАНИЗМА ИПОТЕЧНОГО КРЕДИТОВАНИЯ

В статье исследуется один из важных вопросов для экономики Республики Таджикистан - рынок ипотечных кредитов как важная основа доступа населения к частному жилью, его формирование и связанные с ним вопросы. Изучив теоретические и практические аспекты данного вопроса, авторы определили его необходимость для экономики Республики Таджикистан. Обосновывается, что ипотечное кредитование является важным социально-экономическим механизмом и его совершенствование необходимо для страны. Проанализирован рынок ипотечных кредитов в Республике Таджикистан и выяснены его проблемы. Авторы придерживаются мнения, что ипотечные кредиты являются важным средством обеспечения населения жильем. В связи с этим совершенствование существующей базы и развитие ее инфраструктуры позволяет еще больше расширить рынок ипотечных кредитов. Изучив теоретические аспекты, авторы рекомендовали ряд полезных предложений по укреплению рынка ипотечного кредитования и упрощению доступа к нему, что может положительно влиять на развитие ипотечного кредитования.

**Ключевые слова:** банковская система, коммерческие банки, доходы банков, капитал коммерческих банков, ипотечные кредиты, ипотека, депозитно-ссудные операции, рынок ипотечных кредитов.

## PROVIDING THE POPULATION WITH OWN HOUSING USING THE MORTGAGE LENDING MECHANISM

The article examines one of the important issues for the economy of the Republic of Tajikistan. The article discusses the mortgage market as an important basis for the population's access to private housing, its formation and related issues. Having studied the theoretical and practical aspects of this issue, the authors determined its necessity for the economy of the Republic of Tajikistan. It is substantiated that mortgage lending is an important socio-economic mechanism and its improvement is necessary for the country. The market of mortgage loans in the Republic of Tajikistan was analyzed and the problems on it were clarified. The authors are of the opinion that mortgage loans are an important means of providing the population with housing. In this regard, the improvement of the existing base and the development of its infrastructure allows further expansion of the mortgage market. After studying the theoretical aspects, the authors recommended a number of useful proposals for strengthening the mortgage lending market and simplifying access to it, which can positively affect the development of mortgage lending.

**Keywords:** banking system, commercial banks, bank income, capital of commercial banks, mortgage loans, mortgage, deposit and loan operations, mortgage market.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Имомназарова Тахмина Ашуровна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-81-85-88**
***Ғаюров Ғайрат Ҳакимович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-46-68-68**

**Сведения об авторах:** ***Имомназарова Тахмина Ашуровна*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-81-85-88**
***Гаюров Гайрат Хакимович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-46-68-68**

**Information about the authors:** ***Imomnazarova Tahmina Ashurovna*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Banking. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 900-81-85-88**
***Gayurov Gairat Khakimovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Phone: **(+992) 904-46-68-68**

ТДУ: 336.71

# УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ҶАЛБКАРДАШУДА ҲАМЧУН УНСУРИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ

*Шарифзода Н.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз яке аз масъалаи муҳим ва зарурӣ дар низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ташкилу идоракунӣ ва оқилона истифода бурдани захираҳои бонкӣ ба шумор меравад. Бонкҳо дар мамлакат дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” [11] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” [10] ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил карда мешаванд. Дар баробари ташкилнамоӣ, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки яке аз нишондиҳандаи асосии дигар ин раванди дурусти идоракунӣ ва ҷалби захираҳои муваққатан озоди аҳолӣ мебошад. Тартиби нодуруст ва истифодаи ғайрисамаранок идора кардани захираҳо метавонад ба фаъолияти идоракунии бонкҳо ва давлат таъсири манфӣ расонад. Захираҳои бонкӣ, маъмулан пардохтпазирии бонк, гузаронидани амалиёт новобаста аз шароити номуътадили иқтисодиёт, раҳоӣ ёфтан аз муфлисшавиро таъмин менамоянд. Яъне, мавқеи захираҳои бонкӣ дар иқтисодиёти тамоми давлатҳо ва махсусан иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон намоён аст.

Азбаски ҳадафи асосии бонкҳо ба ҳадди аксар расонидани захираҳои бонкӣ ва кам кардани хавфҳои талафоти эҳтимолӣ аз муфлисшавӣ мебошад, ки дар ин замина бонкҳоро зарур меоянд, фаъолияти худро тибқи талаботҳои мавҷудбуда идора ва ташаккул диҳанд. Муаммоҳои идоракунии ташаккули захираҳо ба эътимоднокӣ ва устувории молиявии бонкҳо таъсир расонида, зарурияти кор карда баромадан ва қабул кардани қарорҳои идоракуниро оид ба маҷмуи масъалаҳо, ки бо дарёфт ва муайян намудани манбаъҳои нави муҳимтари дараҷаи молиявии бонкҳо, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ ва ҷалбкардашуда ташкил карда мешаванд, мавриди таҳқиқ қарор додан зарур аст. Гуфтан ба маврид аст, ки мақсади асосии идоракунии захираҳои бонкӣ бо мақсади идоракунии бонкӣ дар алоқамандии зич қарор доранд, ки дар навбати худ онро ба қисмҳои алоҳидаи зерин ҷудо кардан мумкин аст:

-таъмини бефосилаи захираҳои бонкӣ;

-ташаккули захираҳои бонкӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои устувори молиявӣ;

-таъмини мутаносибии нигаҳдошт ва тақсими захираҳои бонкӣ;

-таъмини даромаднокии захираҳои бонкӣ;

-ташаккули сармояи бонкӣ аз ҳисоби захираҳои нисбатан устувор.

Дар таҷрибаи бонкдорӣ эътироф шудааст, ки барои расидан ба мақсадҳои худ, бонкҳо аз механизимҳои гуногун истифода мебаранд. Механизмҳои идоракунии захираҳои бонкӣ гуногун буда, дар шароити имрӯзаи бонкдорӣ ҳар яке аз ин механизмҳо ба ҳайси вазифаҳои идоракунандаи захираҳо дар бонкҳо амал карда истодаанд. Дар баробари вазифаҳои зикргардида, ба сифати вазифаҳои асосии идоракунӣ инҳоро дохил кардан низ мумкин аст [2,с.32]:

- тақсимоти захираҳои озод аз рӯйи дороиҳо;

- пешгӯйии тақсимоти ояндаи захираҳо дар заминаи таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ;

- кам кардани хавф бо ёрии фишангҳои махсуси сиёсати бонкӣ.

Ҳар яке аз ин вазифаҳо барои бонкҳо ҳангоми таҳияи моделҳои назариявӣ хеле муҳим мебошанд. Моделсозӣ дар ин ё он шакл дар ҳамаи бонкҳо амали карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, бонкҳо дар баробари идоракунии захираҳо зарурати расмисозии фаъолияти худро дарк мекунанд ва дар натиҷа модели ҳамгирошудаи тиҷоратиро дар заминаи моделҳои ҷузъӣ бунёд месозанд (расми 1).

Аз ин лиҳоз, гуфтан бамаврид аст, ки сохтори ташкилии моделҳои ҷузъӣ ҳангоми таҳияи модели ҳамгироишуда хеле муҳим мебошад. Бонкҳо ҳангоми дуруст таҳия ва идора кардани модели ҷузъӣ (расми 1) метавонанд соҳаҳои ҳаётан муҳим ва афзалиятноки иқтисоди миллиро бо захираҳои пулӣ таъмин менамоянд. Зеро, дар

шароити имрӯза барои пурра таъмин намудани иқтисодиёти мамлакат бо пул захираҳои бонкӣ қаноаткунанда нестанд ва ин яке аз мушкилотҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина мутахассиси соҳа қайд менамояд, ки "дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат, пасандозҳо яке аз сарчашмаҳои асосии маблағузории дохилӣ ва афзудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад, лекин, мутаассифона, низоми бонкии кишвар солҳои охир бо мушкилот ва монеаҳои зиёд дучор гардид, ки, албатта, натиҷаи таъсири омилҳои гуногун мебошад" [24,с.157].

**Расми 1. Модели консептуалии ташкили захираҳои ҷалбкардашудаи бонкӣ ҳамчун элементи иқтидори молиявӣ-инвеститсионӣ**

**Fig. 1. Conceptual model of the organization of attracted bank resources as an element of financial and investment capacity**




Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки омилҳои мазкурро ба назар гирифта, фаъолияти худро дар доираи ҳадафҳои гузошташуда идома диҳанд. Ҳадафи асосии ҷалби маблағҳои мизоҷон ба бонк ин ба вуҷуд овардани муносибатҳои молиявӣ, таъмини иқтисодиёт бо пул ва баланд бардоштани вазъи иқтисодии мамлакат мебошад. Ҳикматов У.С. қайд менамояд, ки "тибқи анъанае, ки дар амалияи бонкдории ҷаҳонӣ

муқаррар шудааст, вобаста ба усули ҷамъкунӣ тамоми захираҳои ҷалбкардашуда ба пасандозҳо ва маблағҳои ғайрипасандозӣ ҷудо карда мешаванд” [21,с.48].

Инчунин, Хашиева Л.Х. изҳор менамояд, ки “сохтори захираҳои ҷалбкардашудаи бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисобҳо, пасандозҳо, қарзҳои байнибонкӣ ва монандӣ онҳо иборат аст” [20,с.21]. Ҳамзамон, Файзуллоев М.К. низ сохтори захираҳои ҷалбкардашударо ба “пулгузориҳо, уҳдадориҳои молиявӣ дар назди мизоҷон, гирифтани қарзҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои тиҷоратӣ, коғазҳои қиматноки бонк ва дигар ташкилотҳои хурди қарзӣ” [18,с.30] ҷудо намудааст. Аз ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадаем, ки захираҳои ҷалбкардашуда барои бонкҳо яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва муҳим дар таъмини иқтисодиёт ба захираҳои пулӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маблағҳои муваққатан озоди як шахс ё корхона барои қарздиҳии корхонаи дигар ва ё татбиқи барномаҳои калон ба монанди сохтмони бино, роҳҳо ва монанди инҳо басанда нест ва ё қарздиҳандаю қарзгиранда ба як хулосаи муайян намеоянд.

Аз ин рӯ, шахсони алоҳида ва корхонаҳо маблағҳои пулии муваққатан озодашонро ба бонкҳо танҳо ба хотири гирифтани фоиз ва ё бехатари он мегузоранд. Бинобар ин, шахсони ҳуқуқию воқеӣ маблағҳои худро дар шакли амонату пасандоз дар бонкҳо ва ё ташкилотҳои қарзии дигар мегузоранд. Дар ин маврид, амонату пасандоз ва дигар захираҳои ҷалбкардашуда ҳам барои мизоҷ ва ҳам барои бонк муфид аст. Яъне, бонк аз ҷалби маблағҳои муваққатан озод ба даст омада истифода бурда, дар натиҷаи пешниҳоди қарз, сармоягузорӣ ва ё дигар хизматрасониҳои молиявӣ даромади иловагӣ мегирад ва дар навбати худ, мизоҷон низ даромади муайянро соҳиб мегарданд. Дар сохтори захираҳои ҷалбкардашудаи бонкӣ мавқеи амонату пасандоз зиёдтар аст (расми 2).

**Расми 2. Гурӯҳбандии амонату пасандозҳои бонкӣ**
**Figure 2. Grouping of bank deposits**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси хусусияти ҷалби амонату пасандозҳо.

Вобаста ба шакли ташкилшавӣ (пасандозҳои то дархостӣ, пасандозҳои муҳлатнок, амонатҳои пасандозӣ ва дигар пасандозҳо) ҳамаи амонату пасандозҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мо чунин тавсиф намудем (расми 3).

Доир ба ин, Афғонов Н.А. қайд менамояд, ки “нозукиҳои шаклҳои пасандоз аз қонунгузории ҳар як давлат вобаста буда, гуногун ба роҳ монда мешавад. Масалан, намудҳои пасандоз дар давлатҳои гуногун, аз ҷумла, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ғайра, инчунин, дар мамлакатҳое, ки бонкҳои исломӣ фаъолият менамоянд ва мутобиқи қонунҳои шариат ба танзим дароварда мешаванд, аз шартҳои пасандозҳои дигар кишварҳо фарқияти куллӣ доранд” [1,с.23]. Дар ҳақиқат шаклҳои амонату пасандоз дар давлатҳо, дар шаклҳои гуногун ташкил карда шудаанд. Дар баробари ин, дар сохтори низоми захираҳои ҷалбкардашуда мавқеи асосиро пасандозҳои муҳлатнок (зиёда аз як сол) ташкил медиҳад. Дорандагони ин намуди пасандозҳо шахсоне мебошанд, ки мехоҳанд маблағҳои озоди худро афзоиш диҳанд. Муҳлати нигаҳдорӣ ҳар қадар, ки дарозтар бошад, барои мизоҷ фоидаовартар аст.

**Расми 3. Гурӯҳбандии шаклҳои пасандоз дар бонкҳо**
**Figure 3. Grouping of forms of deposits in banks**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи амалиётҳои бонкӣ ва бюллетени омории Бонки миллии Тоҷикистон.

Қисмати дигаре, ки бонкҳо ба онҳо таввачуҳ дорад – ин пасандозҳои муштариён, ки дар суратҳисобҳои ҷорӣ нигоҳ дошта мешаванд, ба ҳисоб меравад. Бонкҳо барои муштариён суратҳисобҳо мекушоянд ва то лаҳзаи ба пули нақд табдил ёфтани он, ин маблағҳоро барои додани қарз пешниҳод менамоянд. Бисёре аз бонкҳо баҳри ҳавасмандгардонии соҳибони суратҳисобҳо ҳангоми истифодаи муваққатии онҳо (зиёда аз як моҳ) фоиз пешниҳод менамоянд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар амалия ду шакли пасандозҳо (пасандозҳои то дархостӣ ва пасандозҳои мӯҳлатнок) бештар истифода бурда мешаванд, ки бо истифода аз хусусиятҳои зерин онҳоро ташаккул додан мумкин аст:

- мақсад ва манбаъҳои ҷалби захираҳо;
- маблағи имконпазир ва мӯҳлати пешбинигардида барои ҷалби маблағ;
- арзиши захираҳои ҷалбкардашуда ва самаранок истифода бурдани онҳо;
- баҳодиҳии даромадҳо аз ҳисоби ҷойгиркунии захираҳои ҷалбкардашуда ва монанди инҳо;

Бонкҳо дар заминаи хусусиятҳои дар боло зикргардида, ба ташаккулёбии захираҳои ҷалбкардашуда замина фароҳам меоранд. Ҳамин тариқ, барои иҷрои фаъолияти худ, бонкҳо дар ихтиёри худ манбаҳои муайянро ҷалб намуда ва дар ҷараёни ташкили фаъолияташ онҳоро истифода менамоянд. Дар баробари хусусиятҳои зикргардида, яке аз муаммоҳои дигар ин дуруст дарк намудани мафҳумҳои пасандозу амонат мебошад. Дар раванди рушди муносибатҳои иқтисодӣ мафҳуми амонат ва пасандоз аз якдигар фарқ карда мешаванд:

-амонат – маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ҷойгир карда шудаанд;

-пасандоз – маблағҳои пулие, ки бо шарти пардохти фоизи муайян ҳуқуқи истифодаи муваққатиашон ба ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) дода шудааст [9,м.2].

Чунин фарқиятҳо ба мо имконият медиҳад, ки бонкҳоро ҳамчун сохтори ҷалби маблағҳои озод шуморем. Аз ин рӯ, манбаъҳои ташаккули ӯҳдадориҳо гуногун мебошад. Манбаҳои даромади пасандозшуда барои хариди неъматҳои моддӣ ва қисми дигари он ба қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ (кумак намудан ба субъектҳои хоҷагидорӣ) равона карда мешаванд. Зеро, яке аз сабабҳои рушд накардани субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби норасогии маблағҳо мебошад. “Норасогии захираҳои молиявии субъектҳои идоракунӣ сабаби зиёд шудани талабот ба захираҳои қарзӣ мегардад” [17,с.77]. Маҳз, ҷалби маблағҳои муваққатан озод аз ҷониби бонкҳо метавонад мушкилоти субъектҳои хоҷагидорро ҳал намояд.

Ин зуҳурот дар раванди ташаккули захираҳои бонкӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад, зеро ҳамвора бо амонату пасандоз, қарз, қоғазҳои қиматнок ба ҳайси воситаҳое хизмат мекунанд, ки бо ёрии онҳо андӯхти маблағҳои муваққатан озод ба

сармоягузорӣ табдил дода мешавад. Чунин манбаи алтернативӣ, чанд аср ин ҷониб дар кишварҳои рушдкарда фаъолона истифода гардида истодааст. Масалан, "дар Чин, ки дар айни замон миёни кишварҳои олам ба суръати рушди баланди ММД соҳибаст, ки 80%-и ҳаҷми умумии пасандозҳо ба пасандози аҳолӣ рост меояд. Дар Тоҷикистон манбаъҳои дохилии сармоягузориҳо аз ҳисоби маблағҳои шаҳрвандон нисбат ба мамлакатҳои иқтисодиёташон инкишофёфта хеле кам аст" [5,с.192].

Аз ин лиҳоз, барои бартараф намудани муаммоҳои мазкур аз ҷониби бонкҳои марказӣ принсипу усулҳои махсус ба бонкҳо муқаррар карда мешавад. Яке аз принсипҳои асосӣ ин сиёсати захиравӣ (пасандозӣ) мебошад. Мақсади сиёсати захиравии бонкҳо ин ҷалби захираҳои пулии муваққатан озоди устувор ва тақсимоти самараноки он мебошад. Гузашта аз ин, Полянская А.А. ва Марчук В.И. ба он ақидаанд, ки сиёсати захиравии бонкҳо бояд фарогири чунин аломатҳо бошанд [12,с.11]:

- таҳияи стратегияи фаъолияти бонк оид ба ҷалби пасандозҳо;
- татбиқи барномаҳои мушаххас дар самти коркарди маҳсулоти нави бонкӣ;
- татбиқи стратегияи таҳияшуда ва назорати мукаммали он;
- назорати фаъолияти бонк оид ба ҷалби пасандозҳои аҳолӣ.

Ҳар яке аз ин аломатҳо бо роҳи механизмҳои муайян амалӣ гардонида мешаванд. Дар шароити имрӯза, механизмҳои асосии таъмини самаранокии сиёсати захиравӣ инҳо мебошанд [3]:

- сифати баланди идоракунии фаъолияти бонк;
- риояи ҳатмии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва дохилии бонк;
- аз ҷониби бонк риояи расму оинҳои корӣ, принсипҳои этикаи касбӣ ва иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дар назди кредиторон, амонатгузорон ва дигар мизоҷон / контрагентҳо, нигоҳ доштани обрӯи корӣ;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандозгузорон, аз ҷумла тавассути гузоштани меъёри захираҳои ҳатмӣ дар бонк вобаста ба муҳлат, ҳаҷм ва намуди маблағҳои ҷалбкардашуда, нигоҳ доштани сирри бонк дар бораи амалиётҳо, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспондентҳои онҳо, муқовимат бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм, муносибати оқилона / консервативӣ ва мутавозин ба тақсими захираҳои ҷалбкардашуда, таъмини суботи молиявӣ ва эътимоднокии бонк;
- такмили сиёсати захиравии бонк дар асоси қатъиян риоя намудани стратегияи умумии рушди бонк, меъёри фоизӣ, тарифӣ ва дигар сиёсати дохилибонкӣ вобаста аст.

Ин механизмҳо дар бонкҳо ба таври ҳатмӣ бояд риоя карда шаванд. Яке аз механизмҳои ҳатмии сиёсати захиравии бонкҳо ин меъёри захираҳои ҳатмӣ мебошад. Сиёсати захиравӣ дар бештари ҳолатҳо ба василаи меъёри захираҳои ҳатмӣ амалӣ гардонида мешавад. Тартиби ташкил намудани меъёри захираҳои ҳатмии бонкҳо аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон (Дастурамали №244 «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд». Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №74 аз 3 майи соли 2021 тасдиқ шудааст) амалӣ карда мешаванд. Бонки миллии Тоҷикистон меъёри ҷудогона ё худ дифферентсиалии захираҳои ҳатмиро барои пасандозҳо бо пули миллӣ ва пасандозҳо бо асъори хориҷӣ истифода мебарад. Айни замон (дар санаи 20.12.2022с), "меъёри захираҳои ҳатмӣ барои пасандозҳо бо пули миллӣ 3,0% ва бо асъори хориҷӣ 9,0%-ро ташкил медиҳад" [19].

Меъёри захираҳои ҳатмӣ яке аз фишангҳои асосии амалӣ гардонидани сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин раванд барои танзими пардохтпазирии умумии низоми бонкӣ кумак менамояд. Талабот ба захираҳои ҳатмӣ бо мақсади ба даст овардани эътимоднокии аҳолӣ, устувор нигоҳ доштани захираҳои ҷалбкардашуда ва бехатарии амалиётҳои бонкӣ истифода бурда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил намудани ҳаҷми захираҳои ҳатмӣ, бонкҳо пойгоҳи пулии худро вобаста ба давраи пешниҳоди тавозун ва дар мувофиқа бо дастурамали алоҳида тартиб медиҳанд. "Бонки тиҷоратие, ки тавозуни ҳаррӯза ва

моҳонаро тартиб медиҳад, пойгоҳи пулиро дар заминаи формулаҳои муайянгардида ҳисоб менамоянд" [7,б.2-5] ва ҳисоботи худро дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор бо асъори хориҷӣ тартиб ва ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи бонкҳоро бо андозаи маблағҳои воқеан захирашуда муқоиса ва хулосаи худро пешниҳод менамояд. Чунин гуфтан мумкин аст, ки меъёри захираҳои ҳатмӣ барои амонату пасандозҳои ҷалбгардида ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд, то лаҳзаи боздошти яке аз амалиётҳо дар суратҳисоби худи бонкҳо ташкил карда мешаванд. Дар чунин ҳолат, бонк ин маблағҳои захиранамударо дар ҳолатҳои зарурӣ, муваққатан барои пардохтпазирии худ (дараҷаи муътадилии хароҷот) истифода карда метавонад.

Дар сурати боздошти яке аз амалиётҳои бонкӣ, маблағи меъёри захираҳои ҳатмӣ аз суратҳисоби бонкҳо ба суратҳисоби дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Ҳангоми норасоии маблағҳо бонкҳо мувофиқи Дастурамали №194 "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд", маблағҳои боқимондаро ба "суратҳисобҳои 20406 "Захираҳои ҳатмии бонкҳои маҳаллӣ бо пули миллӣ", 20606 "Захираҳои ҳатмии бонкҳои маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ", 20806 "Захираҳои ҳатмии бонкҳои хориҷӣ бо пули миллӣ" ва 22206 "Захираҳои ҳатмии бонкҳои хориҷӣ бо асъори хориҷӣ"-и зерин интиқол медиҳанд.

Дар ҳолати барзиёдии маблағи захираҳои ҳатмӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар муҳлати муайяншуда маблағи зиёдатиро ба суратҳисобҳои 20402 "Суратҳисоби муросилотии Вострои бонкҳои маҳаллӣ бо пули миллӣ", 20602 "Суратҳисоби муросилотии Вострои бонкҳои маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ", 20802 "Суратҳисоби муросилотии Вострои бонкҳои хориҷӣ бо пули миллӣ" ва 22202 "Суратҳисоби муросилотии Вострои бонкҳои хориҷӣ бо асъори хориҷӣ", ба бонкҳои тиҷоратӣ мегузаронад. Дар ин раванд, ҳаҷми маблағи бонкҳо кам мегардад ва ба вазъи эътимоднокӣ ва пардохтпазириаш таъсир мерасонад, ки дар натиҷа ба фаъолияти устуворонаи бонкҳо таъсир мерасонад. Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки баҳри ҳалли мушкилоти мазкур аз усулҳои гуногуне, ки дар таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон истифода бурда мешаванд, истифода намояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот маълум гардид, ки усулҳои гуногуни омӯзиши ҷалби сиёсати захираҳои иловагӣ дар давлатҳо истифода бурда мешаванд ва вазъи молиявии бонкҳо аз дараҷаи таҳияи ин сиёсат вобастагӣ дорад. Дар Федератсияи Россия бошад, барои ташаккул додани захираҳои молиявии бонкӣ, чи тавре Л.Е. Зернова қайд менамояд, бонкҳо аз "усулҳои нархӣ ва ғайринархӣ истифода мебаранд. Ҳамзамон, усулҳои пешниҳодшударо аз нигоҳи стратегӣ ба усулҳои пешсаф, рақобатнок, махсус ва одӣ ҷудо намудаанд" [16]. Инчунин, тибқи ақидаи К.Р. Гатаева "бонкҳо асосан усулҳои нархгузориро барои ҷалби пасандозҳо, ки боиси аз ҳад зиёд баҳодиҳии меъёри фоизҳо мегардад ва он бар зарари пардохтпазирии бонкҳо мебошад, истифода мебаранд. Вобаста ба ин, дар амалия усулҳои ғайринархгузории ҷалби пасандозгузорони навро, ки на аз баланд бардоштани фоизи маблағҳои ҷалбкардашуда, балки васеъ намудани хизматрасонӣ ба мизоҷон бо баланд бардоштани сифати онҳо иборатанд, васеътар истифода бурдан зарур аст" [6,с.21]. Ҳамзамон, мушоҳида кардан мумкин аст, ки бонкҳои ватанӣ низ аз усулҳои нархӣ ва ғайринархӣ, ки ба ҷалби маблағҳои муваққатан озод алоқаманд аст, истифода мебаранд.

Усулҳои нархӣ (фоизӣ) ҳамчун фишанги асосии рақобат барои ҷалби маблағҳои озоди муштариён истифода бурда мешаванд. Меъёри фоизи пасандозҳо таваҷҷуҳи мизоҷонро ба худ ҷалб менамоянд ва бонкҳо имкон пайдо месозанд, ки захираҳои иловагиро аз худ намоянд. Вале, ҳангоми дар як сатҳ нигоҳдорӣ ё кам кардани меъёри фоизи пасандозҳо ва хизматрасониҳо таваҷҷуҳи мизоҷон ба бонкҳо кам ва ё нобоварӣ нисбат ба фаъолияти бонкҳо зиёдтар эҳсос карда мешаванд. Ҳамзамон, на ҳамаи бонкҳо қобилияти баланд бардоштани меъёри фоизро доранд. Зеро, дар сурати баланд бардоштани меъёри фоизӣ он ба сатҳи пардохтпазирии худ таъсир хоҳад расонид. Аз ин лиҳоз, бонкҳоро зарур аст, ки дар баробари усулҳои фоизӣ ба усулҳои ғайрифоизӣ диққат диҳанд.

Усули ғайрифоизӣ (ғайринархӣ) бошад, бо истифодаи усулҳои гуногуни ҳавасмандгардонии муштариён, ки бевосита ба тағйир додани сиёсати фоизии пасандозҳо алоқаманд нест, ба роҳ мондан муҳим аст. Асосан усулҳои ғайрифоизӣ ба: рекламаҳои интерактивӣ, имтиёзҳои бурднок, интишори коғазҳои қиматнок, хариду фурӯши сарватҳои асъорӣ, истифодаи суратҳисобҳои ҷории мизоҷон бо пешниҳоди фоиз ва монанди инҳоро дар бар мегиранд. Ба василаи рушди ин усулҳо шахсони воқеию ҳуқуқӣ аз хусусиятҳои гузоштани пасандоз маълумот пайдо намуда ва ҳавасманд мегарданд, ки маблағҳои муваққатан озоди худро ба сифати пасандоз дар бонкҳо гузоранд. Бонкҳое, ки усули ғайрифоизиро дуруст ва бо мақсад истифода бурда тавонистанд, дар шароити имрӯза онҳо ҳамчун бонкҳои пешсаф шинохта мешаванд. Гуфтан бамаврид аст, ки нисбат ба усули фоизӣ, мавқеи усули ғайрифоизӣ дар ҷалби захираҳои муваққатан озод бештар аст.

Аммо, дар кишвари мо бинобар сабаби ба вуқуъ омадани ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-1997), паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, тағйирот дар сохтори низоми иқтисодӣ, бозхонди иҷозатномаҳои баъзе аз ташкилотҳои қарзӣ [8] аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бинобар сабаби риоя накардан ба талаботҳо (“ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ҶСП "БСТ ТИСТ Тоҷпромбонк", ҶСК "Фононбонк", ҶСП "Кафолатбонк", ҶСП ТАҚХ "СМТ-Сармоя" ва ғайраҳо” [15]) ва муаммоҳои дигари ҷойдошта, бонкҳо натавонистанд усулҳои ғайрифоизиро дар сатҳи зарурӣ истифода баранд. Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки роҳу усулҳои интихобнамудаи баъзе аз бонкҳои мамлакат мукаммал нестанд ва маҳз барои ҳамин тамоми бонкҳоро зарур меояд, ки сиёсати ягонаи захиравии худро дар заминаи усулҳои мувофиқ дуруст омода намоянд, то ин ки дар бозор пешсаф ва пардохтпазир бошанд.

Дар баробари усулҳои мазкур, инчунин, аз нигоҳи Т.Ю. Серебрякова усулҳои зерини ташаккули захираҳо: “таҳлил, моделсозӣ ва монанди инҳо” [14] истифода мешаванд. А.П. Бондарь ва Е.А. Ковбасюк қайд менамоянд, ки “дар доираи татбиқи сиёсати захиравӣ бонкҳо усулҳои гуногуни идоракунии захираҳои ҷалбкардашударо истифода мебаранд, ки онҳо имкон медиҳанд, сохтор, ҳаҷм ва сатҳи хароҷот аз рӯи уҳдадориҳои пасандозӣ таъмин карда шаванд” [4]. Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки усулҳои фоизӣ ва ғайрифоизӣ барои ҷалби маблағҳои муваққатан озод ва усулҳои таҳлил, моделсозӣ ва монанди инҳо барои баҳодиҳии сатҳи захираҳои ҷалбкардашуда истифода бурда мешаванд. Усулҳои мазкур ба монанди як низоми комилан мустақил дар бонкҳо бояд амал намояд.

Дар ҳолати ғайрисамаранок истифода намудани усулҳои мазкур, ҳаҷми захираҳои молиявии бонкҳо кам мегардад. Дар ин раванд сатҳи қарздиҳӣ ва сармоягузории бонкҳо ба соҳаҳои асосии афзалиятноки мамлакат (номгӯи соҳаҳои афзалиятнок тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2022, таҳти №355 муайян карда шудааст) кам мегардад. Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки ҷалби маблағҳои муваққатан озодро бештар тавассути усулҳои ғайрифоизӣ ба роҳ монанд. Зеро, дар ҳолати дуруст истифода бурдани ин усул, меъёри фоизи қарзҳо ва сармоягузориҳо паст гардида, ба рушди иқтисодиёт таъсири мусбат хоҳад расонид.

Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки бонкҳо ба василаи тағйир додани сиёсати захиравӣ, таъмин ва кафолат ба фаъолияти миёнаравии молиявӣ, кумак ба соҳаҳои афзалиятнок, ташкили моделҳои консептуалӣ, ҷорӣ сохтани усулҳои мувофиқ ва монанди инҳо метавонанд ба раванди идоракунии захираҳои молиявӣ, ки он ҳамчун ҳадафи асосӣ ба ҳисоб меравад, таъсир расонанд. Дар баробари масъалаҳои зерин, барои муайян намудани сатҳ ва сифати захираҳои бонкӣ таъминоти бехатарӣ, баргардишӣ ва баҳодиҳии онҳо лозим аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулаков У.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Афгонов, Н.А. Мукаммалгардонии равандҳои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун иқтидори захираҳои сармоягузорӣ [Матн]: дис. ... дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D): 6D050900 / Н.А. Авгонов. - Душанбе, 2021. -С.23.

2. Ахмедова С.С. Оценка ресурсной базы коммерческого банка с использованием инструментов экономико-математического моделирования [Текст]: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.10 / Ахмедова Сайда Сулеймановна. -Махачкала, 2004. -С.32.
3. Банковские ресурсы, их формирование и эффективное использование. [Электронный ресурс]. URL: https://tstu.ru/book/elib/pdf/2014/nazarchuk1.pdf (дата обращения: 27.11.2022).
4. Бондарь, А.П. Методы управления привлеченными ресурсами как элемент депозитной политики [Текст] / А.П. Бондарь, Е.А. Ковбасюк // Науковий вiсник: Фiнанси, банки, iнвестицiї. – 2014. -№2. -С.89. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/metody-upravleniya-privlechennymi-resursami-kak-element-depozitnoy-politiki (дата обращения: 04.02.2022).
5. Буриева, М.Ч. Пути привлечения инвестиций посредством фондовых рынков в Республике Таджикистан [Текст] / М.Ч. Буриева, А.Ш. Рахматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/5(172). -С.192.
6. Гатаева, К.Р. Перспективы развития депозитных операций коммерческих банков в Республике Казахстан / К.Р. Гатаева, А.Т. Идирисова // Материалы международной научно-практической конференции "Современные исследования основных направлений гуманитарных и естественных наук" (2 марта 2017 года). -Казань, 2017. -С.21.
7. Дастурамали №194 "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд". Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №77 аз 25 апрели соли 2012 тасдиқ шудааст. – б.2-5.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 июни соли 2011, №719, ш. Душанбе, (ҚҶТ аз 3.08.2018 №1550).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722, ш. Душанбе, (ҚҶТ аз 3.08.2018 с., №1548). – м.2.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, №237, ш. Душанбе, (ҚҶТ аз 14.11.2016 №1374).
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2019, №524, ш. Душанбе, (ҚҶТ аз 3.08.2018 №1549).
12. Полянская, А.А. Структурные продукты как альтернатива банковским вкладам. [Электронный ресурс]. URL: http://earchive.tpu.ru/bitstream/11683/26636/1/TPU158672.pdf (дата обращения: 04.02.2022). - с.11-12.
13. Рахимзода, Ш. Современное состояние привлеченных ресурсов и их роль в становлении банковских ресурсов Республики Таджикистан [Текст] / Рахимзода Ш., Шарифзода Н.Ш., Г.Г. Хакимович // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2022. -№4. -С.26-33.
14. Серебрякова, Т.Ю. Некоторые аспекты ресурсного анализа в коммерческом банке [Текст] / Т.Ю. Серебрякова, Ж.С. Китаева // Вестник Российского университета кооперации. - 2021. -№4(46). -С.88. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/nekotorye-aspekty-resursnogo-analiza-v-kommercheskom-banke (дата обращения: 08.02.2022).
15. Ташкилотҳои қарзии дар ҳолати барҳамдиҳии қарордошта. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/tj/banking_system/tashkilothoi_karzii_dar_holati_barhamdi_karordoshta.php (санаи муроҷиат: 14.04.2022).
16. Теоретические основы формирования депозитной политики коммерческого банка. [Электронный ресурс]. URL: https://research-journal.org/wp-content/uploads/2021/01/1-4-103.pdf#page=9 (дата обращения: 04.02.2022).
17. Умаров, Х.У. Состояние золотовалютных резервов Республики Таджикистан в современных условиях [Текст] / Х.У. Умаров, М.Р. Обидова // Вестник науки. -Душанбе, 2021. -Т.1. -№12(45). -С.77.
18. Файзуллоев, М.К. Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ: дис. … номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10 / М.К. Файзуллоев. -Душанбе, 2019. -С.30.
19. Фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ (меъёри захираҳои ҳатмӣ). [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/tj/monetary_policy/fishang.php (санаи муроҷиат: 20.12.2020).
20. Хашиева, Л.Х-М. Тенденции и перспективы развития методов управления привлеченными ресурсами коммерческого банка [Текст]: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.10 / Хашиева Лидия Хас-Магомедовна. –М., 2005. – с.21.
21. Хикматов, У.С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан [Текст] / У.С. Хикматов // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). -Душанбе, 2019. -№3(67). -С.48.
22. Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар / Шарифзода Н.Ш. // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. -№2(26). –С.149-160. – EDN IUZHZB.
23. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. –С.129-139. – EDN ITJJZD.
24. Шоасалов, Н.Қ. Афзалияти пасандоз ҳамчун сарчашмаи асосии захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Н.Қ. Шоасалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2018. -№10. -С.157.

**УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ҶАЛБКАРДАШУДА ҲАМЧУН УНСУРИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ**

Муаллиф дар мақолаи мазкур оид ба ташаккул ва идоракунии захираҳои бонкӣ ба иқтисодиёти мамлакат таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки рушди иқтисодиётро бидуни устувории низоми бонкӣ, аз ҷумла захираҳои бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Захираҳои бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дорои хусусиятҳои гуногун мебошад ва таъсири худро ба иқтисодиёт мерасонад. Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян карда шуд, ки сарчашмаи асосии рушди фаъолияти бонкҳои ватанӣ аз захираҳои ҷалбкардашуда вобаста аст. Зеро, дар шароити имрӯза бонкҳои ватанӣ дорои ками захираҳои худӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ташаккул ва идора кардани захираҳои ҷалбкардашуда барои бонкҳо хеле муҳим арзёбӣ карда шудааст. Чунин гуфтан мумкин аст, ки захираҳои бонки тиҷоратӣ таъсири худро ба бонк, дорандагони амонату пасандозҳо, қарзгирандагону қарздиҳандагон ва ҳатто ба давлат мерасонад. Бинобар ин, қайд намудан бамаврид аст, ки тамоми ҷомеа бояд барои рушди босуботи низоми бонкӣ кӯшиш намоянд ва дар ин замина даромади зиёд гирифта, фаъолияти худро рушд диҳанд.

**Калидвожаҳо**: модели ташаккули захираҳои ҷалбкардашуда, амонат, пасандоз, қарз, воситаҳои молиявӣ, рақобати солим, таъсири захираҳо, сармояи оинномавӣ, сармояи иловагӣ, сармояи захиравӣ, сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ.

**МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРИВЛЕЧЕННЫМИ РЕСУРСАМИ КАК ЭЛЕМЕНТ ФОРМИРОВАНИЯ РЕСУРСОВ БАНКА**

В данной статье автор обращает внимание на формирование и управление банковскими ресурсами и отмечает, что невозможно представить развитие экономики без устойчивости банковской системы, в том числе банковских ресурсов. Банковские ресурсы в условиях рыночной экономики имеют разные характеристики и влияют на экономику. В результате исследования было определено, что основной источник развития деятельности отечественных банков зависит от привлекаемых ресурсов. Потому что в сегодняшних условиях у отечественных банков мало собственных ресурсов. По этой причине формирование и управление привлеченными ресурсами считается очень важным для банков. Можно сказать, что ресурсы коммерческого банка оказывают влияние на банк, вкладчиков, заемщиков и кредиторов и даже на государство. Поэтому стоит отметить, что все общество должно стремиться к стабильному развитию банковской системы, и в связи с этим получать большие доходы и развивать свою деятельность.

**Ключевые слова:** модель формирования привлеченных ресурсов, депозиты, сбереженные, кредиты, финансовые инструменты, здоровая конкуренция, влияние ресурсов, уставный капитал, добавочный капитал, резервный капитал, инвестиции, экономическое развитие.

**METHODS OF MANAGING ATTRACTED RESOURCES AS AN ELEMENT OF THE FORMATION OF BANK RESOURCES**

In this article, the author draws attention to the formation and management of banking resources and notes that it is impossible to imagine the development of the economy without the stability of the banking system, including banking resources. Banking resources in a market economy have different characteristics and affect the economy. As a result of the study, it was determined that the main source of development of the activities of domestic banks depends on the attracted resources. Because in today's conditions, domestic banks have little of their own resources. For this reason, the formation and management of attracted resources is considered very important for banks. We can say that the resources of a commercial bank have an impact on the bank, depositors, borrowers and lenders, and even on the state. Therefore, it is worth noting that the whole society should strive for the stable development of the banking system, and in this regard, receive large incomes and develop their activities.

**Keywords:** model for the formation of attracted resources, deposits, savings, loans, financial instruments, healthy competition, the impact of resources, authorized capital, additional capital, reserve capital, investments, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифзода Нурулло Шариф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru**. Телефон: **(+992) 905-71-76-76**

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Нурулло Шариф*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru.** Телефон: **(+992) 905-71-76-76**

**Information about the author:** ***Sharifzoda Nurullo Sharif*** - Tajik National University, assistant of department of finance and insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Sharifzoda.nurullo@mail.ru.** Phone: **(+992) 905-71-76-76**

ТДУ: 338.2

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Файзулло М.Қ., Абдуллоев Э.Қ.***
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш.Левакант)**

Имконияти ҳамаи низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳои рушду инкишоф бо рушди илмӣ-техникӣ ва дараҷаи таъмини азнавсозии сифати қувваҳои истеҳсолкунанда ва воситаҳои истеҳсолот муайян мегарданд. Инро таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон тасдиқ мекунад, ки дар онҳо тамоюли нави инкишофи низоми бозорӣ, рушди устувори иқтисодиёт ба назар мерасанд, ки бо тараққии фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионии субъектони соҳибкорӣ вобастагӣ дорад.

Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар замони муосир бештар хусусиятҳои инноватсиониро ба худ касб намудааст, ки бо татбиқ ва истифодабарии инноватсияҳои ашёӣ, маҳсулотӣ ва техникӣ-технологӣ алоқаманд аст. Тағйиротҳои суръатнок дар ҷаҳонишавии иқтисодиёт, давлатҳо ва субъектони соҳибкории онҳоро водор сохтаанд, ки роҳи инноватсионии тараққиёти худро пеш гиранд ва бо ин восита бартариятҳои назарраси рақобатнокиро соҳиб гарданд.

Дар ин самт масъалаҳои ташкили фаъолияти инноватсионӣ ва такмилдиҳии механизмҳои амалигардонии он ҳам дар сатҳи фаъолияти субъектони соҳибкорӣ ва ҳам дар сатҳи соҳа, минтақа ва давлат аҳамияти аввалиндараҷаро пайдо мекунанд, ки тавассути коркард, татбиқ ва истифодабарии инноватсияҳо суръатбахшии тараққиёти иқтисодиро таъмин намуда, сатҳи некуаҳволии мардумро метавонанд баланд бардоранд.

Аз ин лиҳоз, сиёсати имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушди инноватсионии соҳаҳои пешбари иқтисодиётро тавассути рушди соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд, ки дар Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2020 (№227, аз 30.04.2011с.) ва Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 (№354, аз 30.05.2015с.) махсус қайд карда шудааст. Рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ бештар аз дараҷаи фаъолияти инноватсионии субъектони соҳибкорӣ вобастагӣ дорад. Устувории мавқеи инноватсионии соҳибкоронро бошад сиёсати оқилонаи ташкил ва идоракунии илман асоснокшуда таъмин менамояд.

Ин ҷо таъкид ба зикр аст, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ доир ба рушди ин самти иқтисодиёт диққати махсус дода мешавад. Аз он ҷумла, ҳанӯз дар Паёми соли 2017 чунин қайд кардаанд: «…пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад» [7].

Айни замон, новобаста аз он, ки дар сатҳи давлат кӯшишҳои роҳандозӣ намудани рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёт ба назар намоёнанд, аммо амалигардонии ин сиёсат аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ қаноатбахш нестанд. Воридоти ҳамаи намуди молҳо ба бозори дохилӣ гувоҳӣ он аст, ки фаъолияти соҳибкорони ватанӣ аз рӯи сифати маҳсулот, миқдор ва дараҷаи навоварии он ҷавобгӯи талабот нест. Ҳалли ин масоил қарору амалҳои махсусро дар самти тайёркунии иқтисодчӣ - менеҷерони соҳаи инноватсионӣ, ҳавасмандгардонии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, ташаккулу такмили тафаккури инноватсионӣ ва ташаббускоронаи соҳибкорони ватаниро талаб менамояд.

Аз ин сабаб дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккул, инкишоф, рушд ва такмилдиҳии фаъолияти инноватсионии

субъектони соҳибкорӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатнокии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва таъмини талаботи бозор аҳаммияти назаррасро ба худ касб мекунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки фаъолгардонии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар асоси коркарду истеҳсоли маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва истифодабарии технологияҳои нав бо мақсади самаранокгардонии истеҳсолот, усулҳои пешқадами идоракунӣ таҳлил ва омӯзишро талаб мекунад. Такмилдиҳии фаъолияти инноватсионӣ хусусиятҳои ба худ хосро дорост, чунки амалигардонии он иҷроиши якчанд корҳоро ба миён мегузорад, ба монанди такмили стратегияи рушди соҳибкорӣ, ташкили хадамотҳои вобаста ба татбиқи инноватсияҳо, иштирок дар тендерҳои лоиҳаҳои грантии инноватсионӣ ва дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии соҳибкорӣ, дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонии кормандон дар самти фаъолияти инноватсионӣ ва ғ. Ҳамаи масъалаҳои зикршуда, ки ба татбиқи инноватсияҳо ва ташкилу такмилдиҳии фаъолияти субъектони соҳибкорӣ алоқаманданд, зарурати омӯзиши дақиқи ин масъаларо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш меоранд.

Бояд таъкид кард, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон назди худ мақсаду ҳадафҳои рушди дарозмуддат ва дар ояндаи начандон дур таъмин намудани сатҳи баланди некуаҳволӣ ва беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолиро гузоштааст. Яке аз роҳҳои имконпазири ноилшавӣ ба ин ҳадафҳо гузариши иқтисодиёти миллӣ ба модели рушди инноватсионии тамоюли иҷтимоидошта мебошад. Суръатбахшии рушди инноватсионӣ дар шароити зиёд шудани мушкилоти берунӣ ва дохилӣ, ки ҷумҳурӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мегардад, ҳал намудани масъалаҳои вусъатбахшии саъю кӯшишҳо ҷиҳати рафъи мушкилотҳои дар иқтисодиёти миллӣ ва системаи инноватсионӣ ҷойдоштаро талаб мекунанд» [9,с.1].

Амалисозии ин корҳо дар навбати худ аз рушди фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкории тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва нақлиёт алоқамандии бевосита дорад. Бинобар ин, таҳлили раванди барпокунии фаъолияти инноватсионӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро пайдо мекунад, ки омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалиро дар ин самт пешбинӣ менамояд.

Мафҳуми «фаъолияти инноватсионӣ» ҳам ба маънои маҳдуд ва ҳам ба маънои васеъ маънидод карда мешавад. Ба маънои маҳдудаш фаъолияти инноватсионӣ – фаъолиятест, ки он ба истифодаи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бо мақсади гирифтани маҳсулоти нав, инчунин, роҳҳои истеҳсоли он ё такмили хизматрасонии иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ба маънои васеаш фаъолияти инноватсионӣ, ин ҷараёни ташкилшавӣ, азхудкунӣ ва тақсимоти маҳсулоти нав ва комилан такмил додашуда, хизматрасониҳо, тахнологияҳо, ашёи хом ва маводҳо, усулҳои ташкили истеҳсолот ва идораи он мебошад [5,с.23].

Фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонун «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Фаъолияти инноватсионӣ - фаъолияте, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодашудаи таҳқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст» [6,с.1].

Дар моддаи 5-уми қонуни мазкур, намудҳои фаъолияти инноватсионӣ ба таври зерин оварда шудаанд [6,с.2]:

- ҷорӣ намудани ғояҳо ва дастовардҳои нави илмӣ дар сохтори идоракунии давлатӣ;
- иҷро ва хизматрасонии корҳои илмию тадқиқотӣ, лоиҳавӣ, кашшофӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, барои ба даст овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, усули нав ё такмилдодашудаи кору хизматрасониҳо, ҷараёни технологии нав ё такмилдодашудае, ки дар гардиши иқтисодӣ татбиқ мегарданд, равона шудаанд;
- ташкили бозори фурӯши маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и инноватсионӣ;
- азнавҷиҳозонии технологӣ ва омодасозии истеҳсолот;

- ➢ гузаронидани озмоишҳо бо мақсади сертификатсиякунонӣ ва стандартонии ҷараёнҳои нави технологӣ, маҳсулот (кору хизматрасониҳо);
- ➢ истеҳсоли маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и нав ё такмилдодашуда ва ё мавриди истифода қарор додани технологияи нав ё такмилдодашуда дар марҳилаи ибтидоӣ то анҷоми муҳлати меъёрии талофияти лоиҳаи инноватсионӣ;
- ➢ ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ;
- ➢ тарғиби натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва паҳн намудани инноватсия;
- ➢ ҳифз кардан, вогузоштан ва ба даст овардани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла дастовардҳои илмӣ, илмии техникӣ ва технологие, ки пурра ошкор нагардидаанд) бо мақсади азхудкунӣ ва татбиқи онҳо;
- ➢ дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

Хусусияти муҳимми фаъолияти инноватсионӣ, давраи (сикли) инноватсионӣ мебошад, ки таҳти он давраи ташкилшавӣ, паҳншавӣ, истифодаи инноватсияҳо, инчунин, давраи амалишавии онҳо фаҳмида мешавад.

Давраи (сикли) пурраи инноватсионӣ пайдарпайии зерини фаъолияти инноватсиониро дар бар мегирад: тадқиқоти илмии бунёдӣ, тадқиқоти амалӣ, корҳои техникӣ (озмоишию лоиҳакашӣ, технологӣ, корҳои лоиҳавию ташкилӣ), истеҳсолоти таҷрибавӣ, азхудкунии ибтидоии навовариҳо, паҳнсозии инноватсияҳо, истифодаи техникаи нав, усулҳои ташкил ва идора.

Ҳар як инноватсия дар ҷараёни татбиқ бисёр марҳилаҳоро аз сар мегузаронад, ки моҳияти онҳо бо хусусияти ҷараёни инноватсионӣ, шаклу усули менеҷменти соҳибкороне, ки дар онҳо инноватсияҳо татбиқ мешаванд, шароити бозор ва ғайра муайян мегарданд. Тадбирҳои зерин, ки ҷараёни татбиқи инноватсияҳоро таъмин мекунанд, инҳоянд:

- ➢ ба вуҷуд омадани ғояи илмию техникӣ;
- ➢ инкишоф ва такмилу таҳиясозии ғояи илмию техникӣ;
- ➢ кор карда баромадани ҳамшабеҳ (прототип);
- ➢ азхудкунии озмоишӣ;
- ➢ истеҳсол баҳри аз санҷиш гузаштан дар бозор;
- ➢ истеҳсоли оммавӣ, фурӯш.

Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионии корхонаҳоро бошад таҳлили нишондиҳандаҳои зерин имконпазир мегардонанд: ҳаҷми хароҷоти корхона барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ (КИТТК), азхудкунии объектҳои моликияти зеҳнӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои тадқиқотии шарикӣ, таркиб ва миқдори кормандону шуъбаҳое, ки ба иҷрои КИТТК машғуланд, ҳаҷми технологияҳои нав дар доираи низоми табодули технология, иқтидори илмӣ-таҳқиқотии фаъолияти корхона, давомнокии марҳилаҳои алоҳидаи коркардҳои инноватсионӣ, навсозии маҳсулоти корхона, ҳаҷми маҳсулоти нави содиротшуда, миқдори технологияҳои нави татбиқшуда ва маҳсулотҳои нави истеҳсолшуда дар давраи муайян [8,с.110].

Лозим ба зикр аст, ки яке аз масъалаҳои асосии ба роҳ мондани ин ё он намуди фаъолият, аз он ҷумла фаъолияти инноватсионӣ таъмини заминаҳо ва шароитҳои ҳуқуқии он ба ҳисоб меравад. Чи гунае ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини заминаҳои ҳуқуқии рушди фаъолияти инноватсионӣ қадамҳои назаррас гузоштааст. Аз он ҷумла қабул шудани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (аз 16.04.2012, №822) ва қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ» (аз 21.07.2010, №629) имкон доданд, ки ҷанбаҳои ҳуқуқии ин намуди фаъолият муайян карда шаванд. Инчунин, як қатор қонунҳои дигаре низ дар мо амал мекунанд, ки барои амалигардонии раванди инноватсионӣ мусоидаткунандаанд.

Дар вобастагӣ аз аҳаммият ва таъиноташон заминаҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти инноватсиониро аз рӯи марҳилаҳои раванди инноватсионӣ метавон тақсим кард (ҷадвали 1). Чи гунае ки, аз таркиби ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, фаъолияти

инноватсионӣ дар ҳамҷоягӣ бо марҳилаҳои раванди инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад.

**Ҷадвали 1. Заминаҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. Legal grounds for organizing innovative activities in the Republic of Tajikistan**

| Марҳилаҳои асосии раванди инноватсионӣ | Номи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ | Таркиби санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба марҳилаҳои раванди инноватсионӣ |
|---|---|---|
| Маркетинги инноватсионӣ | Қонуни ҶТ «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника»(1998 г.№597) | Моддаи 9. Таъмини итилоотии фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникӣ. Дастрасии субъектҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ ба иттилооти илмӣ ва техникӣ. |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (2012г.№822) | Моддаи 13. Ба субъектони фаъолияти инноватсионӣ ҳуқуқи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дода мешавад. |
| Тадқиқотҳои бунёдӣ ва амалӣ | Қонуни ҶТ «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника»(1998 г.№597) | Моддаи 11. Кафолати рушди афзалиятноки тадқиқотҳои илмии бунёдӣ; ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ-техникӣ.<br>Моддаи 13. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ.<br>Моддаи 17. Тадқиқотҳо ва коркардҳои афзалиятноки амалӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби воситаҳои дигар субъектони хоҷагидорӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. |
| | Кодекси граждании ҶТ (Қисми II.1999 г. №885) (Қисми III.2005 г. №84) | Қисми II. Боби 36.(6). Пудрат оиди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ-конструкторӣ ва технологӣ<br>Қисми III. Боби 57. Муқаррароти умумӣ оид ба моликияти зеҳнӣ |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» (2004 г.№16) | Қисми 2. Намунаи саноатӣ ва ҳимояи ҳуқуқии он |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи ихтироъ» (2004г.№17) | Моддаи 4. Ҳуҷҷатҳои ҳимоявӣ.<br>Қисми 2. Қобилияти патент доштани ихтироъ |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи парки технологӣ» (2010г.№629) | Моддаи 5. Муттаҳидсозии неруи зеҳнӣ барои гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва татбиқи технологияҳои пешқадами муосир дар истеҳсолот |
| | Кодекси андози ҶТ. (2012 г. №901) | Моддаи 117. Тарҳи хароҷотҳо барои тадқиқотҳои илмӣ, қоркардҳои лоиҳавӣ ва корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ<br>Моддаи 70. Ба таъхир гузоштани муҳлати пардохти андоз бинобар амалигардонии фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқ аз тарафи андозсупорандагон |
| Истеҳсол | Қонуни ҶТ «Дар бораи ихтироъ» (2004г.№17) | Моддаи 26. Ба дорандаи патент ҳуқуқи истифодабарии ихтироъ, аз он ҷумла ҳуқуқи тайёркунӣ, истифодабарӣ ва фурӯш дода мешавад. |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ» | Моддаи 4. Ихтисори беасос ё қатъи истеҳсоли маҳсулоте, ки талабот дорад ё бо фармоишҳои истеъмолкунандагон таъмин аст. |

| | | |
|---|---|---|
| | (2006 г.№198) | |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи парки технологӣ» (2010г.№629) | Моддаи 5, 6 и 7. Татбиқи комёбиҳои инноватсионӣ ва технологӣ дар истеҳсолот, инчунин, истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (2012г.№822) | Боби 2. Субъектҳо, объектҳо ва намудҳои фаъолияти инновастионӣ<br>Моддаи 16. Сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» (2012 г.№895) | Моддаи 18. Истифодабарии технологияҳои иттилоотии муосир, паркҳои инноватсионӣ-технологие, ки бо воситаҳои техникии ба қобилияти эҷодии хонандагон мусоидаткунанда муҷаҳҳазанд ва барои фаъолияти инноватсионии ояндаи онҳо дар иқтисодиёт таъсиррасонанд. |
| Маркетинг (фурӯш) | Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» (2003 г. №34) | Моддаи 2. Итилооти рекламавӣ, ки барои ташаккули рағбати истеъмолкунандагон ба мол ва мусоидат кардан ба фурӯши молу маҳсулот пешбинӣ шудааст. |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ» (2006 г.№198) | Моддаи 4. Аз муомилот гирифтани маҳсулот бо мақсади баландбардории нарх ва ташкили камчинии мол дар бозор. |
| | Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (2012г.№822) | Статья 5. Ташкили бозори фуруши маҳсулотҳои инноватсионӣ |

Маълумотҳои ҷадвали 1 аз он шаҳодат медиҳанд, ки заминаҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти инноватсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намудан имконпазир аст. Дар вобастагӣ аз ҳар як марҳилаи раванди инноватсионӣ ин ё он банди қонунҳои дахлдор шароитҳои ҳуқуқиро фароҳам овардаанд, ки барои ташкили фаъолияти инноватсионӣ мусоидаткунанда маҳсуб мешаванд. Аз ҷадвал дида мешавад, ки бештари қонунҳо ба фаъолияти инноватсионӣ, ихтироъ, илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника, парки технологӣ, рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ нигаронида шудаанд.

Хусусияти дигари таъмини рушди инноватсионии фаъолияти соҳибкориро бо мавҷудият ва дастрасӣ ба захираҳо тавсиф додан мумкин аст. Таъмини захираҳо ва имконоти истифодаи онҳо, баҳодиҳии муҳити беруна барои таъмини рушди фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ заминаи зарурӣ фароҳам меоранд. Бинобар ин, раванди ташкил ва рушди фаъолияти инноватсионӣ аз ташаккули мақсадҳои асосии рушди соҳибкорӣ ва воситаю захираҳои бадастоварии онҳо оғоз мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мураттаб кардани мақсадҳо аз ташкили фаъолияти инноватсионӣ раванди хеле мураккаб буда, асосан аз зарурат ва мотивҳо бар меоянд. Ин раванд аз тартиб додани мақсадҳои пешакие оғоз мегардад, ки барои ҷустуҷӯи мақсадҳои ниҳоӣ самтҳоро нишон медиҳанд. Мувофиқи тадқиқотҳои гузаронидашуда, барои соҳибкорони соҳаи саноат омилҳои зерини ташвиққкунандаи фаъолияти инноватсионӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: 1) баландбардории рақобатнокии фаъолият (беҳтарсозии сифати махсулоти истеҳсолшаванда, азхудкунии бозорҳои нави фурӯш, устуворсозӣ ва васеъсозии мавқеи бозорӣ); 2) афзоиши ҳосилнокии меҳнат (такмили иқтидори истеҳсолӣ, навсозии сохтори номгӯи маҳулоти истеҳсолшаванда, камгардонии хароҷотҳои меҳнатӣ, беҳтарсозии шароитҳои меҳнат); 3) оқилона истифодабарии захираҳо (мутобиқсозӣ бо стандартҳо, камкунии масолеҳғунҷоиш ва энергияғунҷоиш).

Агар дар байни шуъбаҳои сохтори идоракунии соҳибкорӣ оиди мураттаб кардани мақсадҳо мувофиқат пайдо шавад, қадами дигар ташкили фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Нуқтаи ибтидоӣ дар ташкили фаъолияти инноватсионӣ муқаррар намудани имкониятҳои мавҷуда ва эҳтимоли расидан ба мақсадҳои инноватсионӣ мебошад, ки бо марҳилаҳои раванди инноватсионӣ алоқамандии зич доранд (расми 1).

**Расми 1. Хусусиятҳои ташкили фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ**
**Figure 1. Features of organizing innovative business activities**




Дар маҷмуъ, муқаррар намудани мақсади рушди инноватисонии субъектони соҳибкорӣ барои таҳияи дурнамои фаъолияти соҳибкорони ватанӣ заминаи асосиро фароҳам меорад ва онҳо метавонанд, ки бо такя ба он унсурҳои инноватсиониро дар кори худ татбиқ намоянд.

Аз ин ҷо чунин бар меояд, ки фаъолияти инноватсионӣ дар маҷмуи корҳои бо ҳам алақаманд оид ба сохтани инноватсия, татбиқ дар истеҳсолот ва фурӯшу паҳнсозии он дар бозор ифода меёбад. Ин раванд аз баҳамалоқамандии ҷараёни инноватсионӣ ва фаъолияти инноватсионӣ шаҳодат медиҳад [4,с.23].

Аз таҳқиқу омӯзиш ва баррасии масъалаи мазкур чунин бар меояд, ки хусусияти фаъолияти инноватсионӣ дар гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, истеҳсол ё такмил додани маҳсулоти нав, ашёи нав, техникаю технологияи нав зоҳир ёфта, максад аз амалигардонии он самаранокгардонии истеҳсолот ва баландбардории даромаднокию рақобатнокии субъектони соҳибкорӣ мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Фаррухӣ Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2011-2020 (30.04.2011г., №227).
2. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Аз 27 майи соли 2020. -№293.
3. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. Монография / С.Дж. Комилов. -Душанбе: Шарки озод, 2019. -264 с.
4. Комилов С.Дж. Управление развитием инновационных процессов на промышленных предприятиях. Монография / С.Дж. Комилов, М.К. Файзуллоев, Дж.Р. Рахмонов. -Душанбе: ТНУ, 2020. -276 с.
5. Комилов С.Ҷ. Менеҷменти инноватсионӣ (навҷорисозӣ). Китоби дарсӣ / С.Ҷ. Комилов, Г.Ш. Алиева. -Душанбе, 2013.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (16 апрели 2012 с., №822).

7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017с. [Манбаи электронӣ]. URL: http:www.prezident.tj. (санаи муроҷиат: 25.03.2023с.)
8. Раҳмонов Ҷ.Р. Механизми самаранок идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити муосир / Ҷ.Р. Раҳмонов, И.Н. Юсупов // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, инноватсия, инвеститсия. - 2021. - №4(56). -С.107-113.
9. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 (30.05.2015с., №354).
10. Файзов Н.Б. Проблемы управления инновационной деятельностью в АПК / Н.Б. Файзов, Ш. Махмудова, Ф.Б. Махмадиев // Кишоварз. – 2014. -№4. –С.Р.50-52.
11. Файзуллоев М.К. Инновационная стратегия на предприятиях промышленности Республики Таджикистан: необходимость разработки и выбор / М.К. Файзуллоев, Д.Р. Рахмонов // Сборник науч. труд.: Россия: тенденции и перспективы развития. Ежегодник. Ответственный редактор В.И. Герасимов. –М., 2017. - С.636-640.
12. Шарипов Б.К. Внедрение инновационного проекта в промышленном регионе / Б.К. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2017. -№2/4. –часть 2. -С.62-65.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур баъзе хусусиятҳои ташкил ва тараққии фаъолияти инноватсионии сбъектони соҳибкорӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, таъкид гардидааст, ки тамоюли нави инкишофи низоми бозорӣ ва рушди устувори иқтисодиёт бо тараққии фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионии субъектони соҳибкорӣ вобастагӣ дорад. Тавсиф дода шудааст, ки тағйиротҳои суръатнок дар ҷаҳонишавии иқтисодиёт, давлатҳо ва субъектони соҳибкории онҳоро водор сохтаанд, ки роҳи инноватсионии рушди худро пеш гиранд ва бо ин восита бартариятҳои назарраси рақобатнокиро соҳиб гарданд. Таъкид гардидааст, ки дар шароити муосир, масоили ташкили фаъолияти инноватсионӣ ва такмилдиҳии фишангҳои амалигардонии он ҳам дар сатҳи фаъолияти субъектони соҳибкорӣ ва ҳам дар сатҳи соҳа, минтақа ва давлат аҳаммияти аввалиндараҷаро пайдо кардаанд. Асоснок карда шудааст, ки дар шароит имрӯза, танҳо тавассути коркард, татбиқ ва истифодабарии инноватсияҳо суръатбахшии рушди фаъолияти соҳибкориро таъмин намудан имконпазир аст. Тавсиф дода шудааст, ки дар сатҳи давлат кӯшишҳои роҳандозӣ намудани рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёт ба назар намоёнанд, аммо амалигардонии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ қаноатбахш нестанд. Чунин хулосабарорӣ карда шудааст, ки хусусияти фаъолияти инноватсионӣ дар гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, истеҳсол ё такмил додани маҳсулоти нав, ашёи нав, техникаю технологияи нав зоҳир ёфта, мақсад аз амалигардонии он, самаранокгардонии истеҳсолот ва баландбардории даромаднокию рақобатнокии субъектони соҳибкорӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** фаъолияти инноватсионӣ, инноватсия, раванди инноватсионӣ, соҳибкорӣ, субъектони соҳибкорӣ, рушди инноватсионӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ.

## ОСОБЕННОСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье изучаются и исследуются некоторые особенности организации и развития инновационной деятельности субъектов предпринимательства, а также подчеркивается, что новая тенденция развития рыночной системы и устойчивого развития экономики связана с развитием научно-технической и инновационной деятельности субъектов предпринимательства. Характеризована, что стремительные изменения в условиях глобализации экономики вынудили государства и их субъектов предпринимательства встать на инновационный путь своего развития и тем самым получить значительные конкурентные преимущества. Подчеркнуто, что в современных условиях вопросы организации инновационной деятельности и совершенствования механизмов ее реализации приобрели первостепенное значение как на уровне деятельности субъектов предпринимательства, так и на уровне отрасли, региона и государства. Обосновано, что в современных условиях ускорить развитие предпринимательской деятельности можно только за счет разработки, внедрения и использования инноваций. Характеризована, что на государственном уровне видны усилия по запуску инновационного развития отраслей экономики, но реализация инновационной деятельности отечественными предпринимателями не отвечает современным требованиям. Сделан вывод о том, что особенность инновационной деятельности проявляется в проведении научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ, производстве или совершенствовании новой продукции, новых изделий, новой техники и технологий, а целью ее осуществления является повышение эффективности производства и повышения рентабельности и конкурентоспособности субъектов предпринимательства.

**Ключевые слова:** инновационная деятельность, инновации, инновационный процесс, предпринимательство, субъекты предпринимательства, инновационное развитие, научно-исследовательские работы, опытно-конструкторские работы.

**FEATURES OF PROVIDING INNOVATIVE DEVELOPMENT OF BUSINESS ACTIVITIES IN MODERN CONDITIONS**

This article examines and examines some features of the organization and development of innovative activities of business entities, and also emphasizes that a new trend in the development of a market system and sustainable development of the economy is associated with the development of scientific, technical and innovative activities of business entities. It is characterized that the rapid changes in the conditions of globalization of the economy forced the states and their business entities to embark on an innovative path of their development and thereby gain significant competitive advantages. It is emphasized that in modern conditions the issues of organizing innovation activity and improving the mechanisms for its implementation have become of paramount importance both at the level of activities of business entities, and at the level of the industry, region and state. It is substantiated that in modern conditions it is possible to accelerate the development of entrepreneurial activity only through the development, implementation and use of innovations. It is characterized that efforts are visible at the state level to launch the innovative development of economic sectors, but the implementation of innovative activities by domestic entrepreneurs does not meet modern requirements. It is concluded that the peculiarity of innovation activity is manifested in the conduct of research and development work, the production or improvement of new products, new products, new equipment and technologies, and the purpose of its implementation is to increase production efficiency and increase the profitability and competitiveness of business entities .

**Keywords:** innovation activity, innovation, innovation process, entrepreneurship, business entities, innovation development, research work, development work.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Файзулло Машраб Қурбоналӣ*** – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳон. **Суроға**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30. E-mail: **mashrab@mail.ru.** Телефон: **2273018**

***Абдуллоев Эмомали Қурбоналиевич*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар в. Хатлон (ш. Левакант), докторанти Ph.D. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Левакант, кӯчаи Рӯдакӣ, 21. Телефон: **904-50-24-44.** E-mail: **emomali2022@bk.ru**

**Сведения об авторах:** ***Файзулло Машраб Курбонали*** – Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30. E-mail: **mashrab@mail.ru.** Телефон: **2273018**

***Абдуллоев Эмомали Курбаналиевич*** - Филиал Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана (г. Левакант), докторант Ph.D. **Адрес**: Республика Таджикистан, г. Левакант, улица Рудаки, 21. Телефон: **904-50-24-44**. E-mail: **emomali2022@bk.ru**

**Information about the authors:** ***Faizullo Mashrab Kurbonali*** **-** Russian-Tajik (Slavonic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Tursunzade street, 30. E-mail: **mashrab@mail.ru.** Phone**: 2273018**

***Abdulloev Emomali Kurbanalievich*** **-** Branch of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan (Levakant), Ph.D. **Address:** Republic of Tajikistan, Levakant, Rudaki street, 21. Phone: **904-50-24-44.** E-mail: **emomali2022@bk.ru**

ТДУ: 336.72: 368(575.3)

# ПРИНСИПҲО ВА СТАНДАРТҲОИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САҲОМӢ


*Ҳакимов С.Ғ.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Муносибати бозоргонӣ дар сиёсати иқтисодӣ аҳамияти идоракунии корпоративиро, ки ба ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, нигоҳ доштани суботи молиявӣ ва мусоидат ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ равона карда шудааст, баланд мебардорад. Идоракунии корпоративӣ ҳамчун низоми муносибатҳое фаҳмида мешавад, ки чунин тарзи идоракунии ширкатро муқаррар мекунад, ки тақсимоти одилона ва баробари натиҷаҳои фаъолиятро дар байни ҳамаи иштирокчиён - саҳмдорон, мақомоти идоракунӣ, кормандон ва дигар шахсони манфиатдор таъмин мекунад.

Мақомоти олии роҳбарикунанда, маҷлиси умумии саҳмдорон бо салоҳияти ваколатҳои худ ҳисобида мешавад, ки интихоби аъзои шурои директорон, инчунин, қатъи ваколатҳои онҳоро дар бар мегирад. Шурои директорон мақоми намояндагӣ ба ҳисоб рафта, ба маҷлиси умумӣ ҳисобот медиҳад, қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдоронро иҷро намуда, аз болои фаъолияти хоҷагидории роҳбарият назорат мебарад. Раёсат, ки аз ҷониби Шурои директорон интихоб карда мешавад, бевосита ширкатро идора мекунад, қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон, қарорҳои Шурои директоронро иҷро менамояд ва дар назди Шурои директорон ва Маҷлиси умумии саҳмдорон барои натиҷаҳои кори худ ҳисобот медиҳад [2,с.33].

Моҳияти идоракунии корпоративӣ аз он иборат аст, ки саҳмдорон бояд имконияти муассири назорат ва мониторинг аз болои фаъолияти роҳбариятро дошта бошанд. Ин назорат ҳам ниҳодҳои ҳуқуқии беруниро, ки механизмҳои идоракунии корпоративиро танзим мекунанд ва ҳам расмиёти идоракунии дохилиро дар назар дорад. Фаъолияти ҳар як ширкат на танҳо аз идоракунии салоҳиятдор, мавҷудияти захираҳои арзишманд ва бозорҳои фурӯш вобаста аст. Дар иқтисоди муосир рушди бомуваффақияти ҳама гуна тиҷорат бидуни дастрасӣ ба сармоя ғайриимкон аст. Лекин, ҷалби сармоя ба ширкатҳо ба як масъалаи мушкил мубаддал гаштааст, зеро сармоягузорон ба ширкате, ки низоми самараноки идоракунӣ ва назорат аз болои фаъолияти онро надошта бошанд, маблағҳои калон намегузоранд. Барои сармоягузорон дар шароити ҳозира муҳим он аст, ки бояд маълумоти пурра дар бораи вазъи корҳо дар ширкатҳоро дошта бошанд, онҳо мехоҳанд дар назорати воқеии раванди идоракунӣ иштирок кунанд. Сармоягузорон ба расмиёти асосии идоракунии корпоративӣ ниёз доранд, то ки онҳо ба талаботи шаффофияти иттилоотӣ ва возеҳӣ дар раванди қабули қарорҳои корпоративӣ ҷавобгӯ бошанд ва албатта, дар ҳуҷҷатҳои дохилии ширкат ба таври мувофиқ сабт карда шаванд [8,с.77].

Рушди низоми идоракунии корпоративӣ дар ширкатҳо имрӯз ба яке аз омилҳои муайянкунандаи қабули қарорҳои сармоягузорӣ табдил ёфта истодааст. Сармоягузорон омодаанд барои саҳмияҳои он ширкатҳое, ки идоракунии хуби корпоративӣ доранд, нисбат ба ширкатҳое, ки дар онҳо идоракунӣ суст аст, маблағҳои калон пардохт кунанд.

Идоракунии хуби корпоративӣ дар ширкатҳое, ки ба стандартҳо ва таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ мувофиқанд:

- ҷолибияти сармоягузории онҳоро баланд мебардорад;
- барои ҷалби сармоягузорони дарозмуддат мусоидат мекунад;
- имкон медиҳад, ки тарофаи қарздиҳии онҳо кам карда шавад;
- арзиши бозории ширкатро баланд мебардорад.

Имрӯз ширкатҳо асосан аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва кредитӣ рушд карда, сармояро аз бозори фондӣ суст ҷалб мекунанд. Аммо, дар бозорҳои босуръат рушдёбанда, дар шароити тағйирёбии динамикии технология ва рақобати шадид, маблағҳои худӣ кофӣ нестанд. Аз ин рӯ, масъалаи мунтазам ва ба ҳаҷми назаррас ҷалб

намудани маблағҳои беруна ба миён меояд. Ва барои ин зарур аст, ки фаъолияти ширкат мутобиқи стандартҳои муосири идоракунии корпоративӣ ба роҳ монда шавад.

Идоракунии муосири корпоративӣ масъалаи калидӣ дар ташкили иқтисоди бозаргонии самарабахш, дар асоси волояти қонун ба ҳисоб меравад. Сӯистифода аз қудрати корпоративӣ аз ҷониби менеҷерҳо, соҳибон ва саҳмдорон, ҳам ба сармоягузорони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ зарар хоҳад расонд. Аз ин рӯ, барои такмил додани амалияи идоракунии корпоративӣ стандартҳо ва принсипҳоеро ҷорӣ кардан лозим аст, ки муносибатҳои одилонаи корпоративиро муқаррар кунанд [9,с.10-11].

Соли 1998 Бонки Ҷаҳонӣ барномаи глобалии беҳтар намудани вазъи идоракунии корпоративиро оғоз намуд, ки ба таври назаррас ба такмил додани низомҳои миллии идоракунии корпоративӣ ва ифшои маълумот дар бораи фаъолияти ширкатҳо дар кишварҳои гуногун, нигаронида шудааст. Моҳи майи соли 1999 Шурои ОЭСР (Ҳамкории иқтисодӣ ва рушд) Принсипҳои ОЭСР-ро қабул кард, ки баҳри мусоидат намудан ба ҳукуматҳои миллӣ дар кӯшишҳои онҳо дар таҳлил, арзёбӣ, такмил додани қонунгузории идоракунии корпоративӣ ва пешниҳоди роҳнамо ба танзимгарони бозори молиявӣ, пешбинӣ шудааст [13,с.50].

Ҳуҷҷат тавзеҳоти муфассалеро дар бар мегирад, ки кадом масъалаҳои мушаххасро бояд стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ танзим кунанд ва чи гуна афзоиши назарраси нақши сармоягузорон (саҳмдорон) дар идоракунии ширкатҳое, ки онҳо сармоягузорӣ мекунанд, таъмин карда шаванд. 22 апрели соли 2004 ҳукуматҳои 30 кишвари узви ОЭСР бо дарназардошти воқеии тағйироте, ки дар соҳаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ба вуқуъ пайвастанд, на танҳо таҷрибаи худи ОЭСР, балки таҷрибаи кишварҳое, ки ба ОЭСР дохил нестанд, варианти ислоҳшудаи Принсипҳои ОЭСР-ро тасдиқ карданд. Дар коркарди Принсипҳои ОЭСР гурӯҳи махсус оид ба идоракунии корпоративӣ ташкил шуда, дар он Бонки Ҷаҳонӣ, Фонди Байналмилалии Асъор, Бонки Ҳисоббаробаркунии Байналмилалӣ, Форуми суботи молиявӣ, Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ ва танзим, Ташкилоти байналмилалии комиссия оид ба қоғазҳои қиматнок (МОҚКБ) ба сифати мушоҳидакорони махсус даъват карда шудаанд [13,с.1].

Принсипҳои ОЭСР асосан дар бар мегиранд:

**1. Таъмин намудани замина барои корҳои самарабахши идоракунии корпоративӣ.** Сохтори идоракунии корпоративӣ бояд ба шаффофият ва самаранокӣ дар бозорҳо мусоидат ва ба волояти қонун мувофиқат кунад, тақсимоти масъулиятҳоро байни мақомоти гуногуни назоратӣ, танзимкунанда ва иҷроиш, дақиқ муайян кунад.

**2. Ҳуқуқи саҳмдорон ва вазифаҳои калидии моликият.** Ба ҳуқуқҳои асосии саҳмдорон дохил мешаванд: а) усулҳои боэътимоди бақайдгирии ҳуқуқи амвол; б) бегона ё ба дигар кас додани саҳмияҳо; в) сари вақт ва мунтазам гирифтани маълумоти зарурӣ дар бораи корпоратсия; г) иштирок ва овоздиҳӣ дар маҷлисҳои умумии саҳмдорон; д) интихоб ва аз вазифа озод кардани аъзоёни раёсат; е) дар фоидаи корпоратсия ҳисса доштан; ё) ворид намудани тағйирот ба оинннома ё дигар ҳуҷҷатҳои монанде, ки фаъолияти ҷамъиятро танзим мекунанд; ж) иҷозати бароришии саҳмияҳои иловагӣ; з) муомилоти дорои хусусияти фавқулодда, ки воқеан боиси фурӯши ширкат мегарданд.

**3. Муносибати баробар ба саҳмдорон.** Сохтори идоракунии корпоративӣ бояд муносибати баробарро нисбати саҳмдорон, аз ҷумла саҳмиядорони ақаллият ва хориҷӣ таъмин намояд. Ҳамаи саҳмдорон бояд дар сурати поймол шудани ҳуқуқҳояшон ҳифзи муассир ба даст оранд. Саҳмиядорони миноритарӣ бояд аз сӯиистифода аз ҷониби саҳмдорони дорои ҳиссаи назоратӣ ва ё амалҳои монанд ба ин ва дигарон ба манфиати онҳо, ки бавосита анҷом дода мешаванд, ҳифз карда шаванд.

**4. Нақши шахсони манфиатдор дар идоракунии корпоративӣ.** Сохтори идоракунии корпоративӣ бояд ҳуқуқҳои ҷонибҳои манфиатдорро, ки аз ҷониби қонун ё бо шартнома пешбинӣ шудаанд, эътироф кунад ва ҳавасмандкунии ҳамкории фаъоли байни корпоратсияҳо ва ҷонибҳои манфиатдорро, барои беҳбудӣ ва таъмини ҷойҳои корӣ ва устувории молиявии корхонаҳо, тақвият диҳад. Агар ҷонибҳои манфиатдор дар раванди идоракунии корпоративӣ ҷалб карда шаванд, онҳо бояд ба иттилооти зарурӣ,

кофӣ ва боэътимод сари вақт ва мунтазам дастрасӣ дошта бошанд. Ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла коргарони инфиродӣ ва мақомоти намояндагии онҳо, бояд озодона дар бораи амалҳои ғайриқонунӣ ё ғайриахлоқӣ ба шуро изҳорот кунанд. Дар баробари ин, ҳуқуқи онҳо дар натиҷаи чунин кирдорҳо набояд поймол карда шавад.

**5. Ифшои иттилоот ва шаффофият.** Сохтори идоракунии корпоративӣ бояд ифшои саривақтӣ ва дақиқи иттилоотро оид ба ҳама масъалаҳои муҳимми марбут ба корпоратсия, аз ҷумла вазъи молиявӣ, натиҷаи фаъолият, моликият ва идоракунии ширкат таъмин намояд. Иттилооти мазкур дар бар мегирад: натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва амалиётии ширкат; ҳадафҳои ширкат; моликият ба бастаҳои калони саҳмияҳо ва тақсими ҳуқуқи овоздиҳӣ; сиёсати мукофотпулӣ ба аъзоён ва шахсони асосии мансабдор, маълумот дар бораи аъзои Раёсат, аз ҷумла тахассуси онҳо, раванди интихоб, иштирок дар шурои директорони дигар ширкатҳо, инчунин, мақоми онҳо; шартномаҳо бо иштирокчиёни вобаста; омилҳои муҳимми хавфи пешбинишаванда ва ғайра. Бояд қайд кард, ки каналҳои паҳнкунии иттилоот бояд дастрасии баробар, саривақтӣ ва камхарҷро барои корбарон ба иттилооти зарурӣ, таъмин намоянд.

**6. Вазифаҳои Раёсат.** Сохтори идоракунии корпоративиро бояд идоракунии стратегии ширкат, назорати самараноки роҳбарон аз ҷониби Раёсат, инчунин, ҳисоботдиҳии Раёсат дар назди ширкат ва саҳмдоронро таъмин намояд.

Хусусан, аъзоёни Раёсат бояд дар асоси иттилооти зарурӣ, бо парастории мувофиқ ва эҳтиёткорона, бо манфиатҳои беҳтарини ширкат ва саҳмдорон фаъолият баранд; агар қарорҳои Раёсат метавонад ба гурӯҳҳои гуногуни саҳмдорон ба таври гуногун таъсир расонад, раёсат бояд ба ҳамаи саҳмдорон одилона муносибат кунад; раёсат бояд риояи стандартҳои баланди ахлоқиро таъмин намояд; он бояд манфиатҳои ҳамаи саҳмдоронро ба назар гирад; раёсат бояд вазифаҳои муайяни асосиро иҷро кунад [13,с.7-13].

**Ҷадвали 1. Стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ дар кишварҳои гуногун**
**Table 1. National standards of corporate governance in different countries**

| Кишвар | Сол | Ном |
|---|---|---|
| Британияи Кабир | 1991 | Кодекси Кэдбери, ки аз ҷониби Шурои иттилооти молиявӣ, Биржаи савдои Лондон, иттиҳоди касбии хизматчиёни муҳосибӣ бо роҳбарии Адриан Кэдбери таҳия шуда буд. |
| Олмон | 2000 | Кодекси таҷрибаи беҳтарини идоракунии корпоративӣ. |
| Фаронса | 2000 | Тавсияҳои кумитаи идоракунии корпоративӣ, ки аз ҷониби шурои саноати Фаронса, иттиҳодияи корхонаҳои хусусӣ, ҳаракати корхонаҳои Фаронса, зери роҳбарии М. Вено таҳия шудааст. |
| Юнон | 1999 | Принсипҳои идоракунии корпоративӣ. Кумита оид ба бозорҳои молиявӣ. |
| ИМА | 1998 | Принсипҳои асосӣ ва самтҳои идоракунии корпоративӣ дар ИМА. Фонди нафақаи Калифорния. |
| Бразилия | 1999 | Кодекси таҷрибаи мувофиқ. Донишкадаи идоракунии корпоративии Бразилия. |
| Ҳиндустон | 1998 | Кодекси тавсиявии идоракунии корпоративӣ. Конфедератсияи саноати Ҳиндустон. |
| Гонконг (Чин) | 1989 | Кодекси таҷрибаи беҳтарин ва роҳнамо барои директорони ширкатҳои ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби биржаи фондии Гонконг омода карда шудааст. |
| Мексика | 1999 | Кодекси таҷрибаи беҳтарин. Кумита оид ба идоракунии корпоративӣ, Шурои координатсионии соҳибкорони Мексика. |
| ҶАҶ | 1994 | Кодекси амалия ва рафтори корпоративӣ, ки аз ҷониби Институти директорони Африқои Ҷанубӣ бо дастгирии Палатаи савдои Африқои Ҷанубӣ ва Биржаи фондии Йоханнесбург таҳия шудааст. |
| Русия | 2001 | Кодекси рафтори корпоративӣ. Ҳукумати Федератсияи Русия. |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф бо омӯзиши як қатор сарчашмаҳо таҳияи шудааст [10,с.77].

Бояд қайд кард, ки принсипҳои бунёдии ОЭСР дар таҷрибаи байналмилалӣ васеъ паҳн шуда, ҳамчун принсипҳои асосии идоракунии корпоративии бисёре аз кишварҳои олам, ширкатҳои алоҳида ва бонкҳо қабул шудаанд.

Ҳамзамон бояд хотиррасон кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ "Стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ (лоиҳа)" соли 2012 ба табъ расид [12,с.22]. Ҳуҷҷати мазкур масъалаҳои гуногуни идоракунии корпоративӣ, аз ҷумла: принсипҳои идоракунии корпоративӣ, маҷлиси умумии саҳмдорон, мақомоти иҷроия, котиботи корпоративӣ, амалҳои назарраси корпоративӣ, сиёсати дивидендӣ, низоми назорат аз болои фаъолияти молиявӣ-хоҷагӣ, сиёсати ифшои иттилоот, алоқаи мутақобилаи ҷамъият ва шарикон, алоқаи мутақобилаи ҷамъият ва ҳайати коргарон, ҳалли низоъҳои корпоративӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар ҳуҷҷати мазкур, дар боби 1 принсипҳои идоракунии корпоративӣ оварда шудаанд. Қайд карда мешавад, ки идоракунии корпоративӣ бар пояҳои адолат, ростқавлӣ, масъулият, шаффофият, касбият ва салоҳият бунёд ёфтааст. Сохтори муассири идоракунии корпоративӣ эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи шахсони ба фаъолияти Ҷамъият таъаллуқдоштаро пешбинӣ мекунад, ба фаъолияти бомуваффақияти Ҷамъият, аз ҷумла, афзоиши арзиши бозорӣ ва нигоҳдории устувории молиявӣ мусоидат мекунад.

Ба принсипҳои асосии идоракунии корпоративӣ дохил мешаванд:

– ҳимояи ҳуқуқҳои саҳмдорон ва муносибати баробар нисбати саҳмдорони ҷамъият;

- аз ҷониби Ҷамъият эътироф ва риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи шахсони бо он алоқаманд, дар асоси ҳамкории мутақобилан судманд;

- объективӣ, шаффофият ва саривақтии ифшои маълумоти боэътимод дар бораи тамоми ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти Ҷамъият, ҳайати моликон ва сохтори идоракунӣ;

- назорати самаранок аз болои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Ҷамъият, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои саҳмдорон;

- аз ҷониби Шурои директорон таъмин намудани идоракунии стратегии ҷамъият ва назорати самараноки фаъолияти он;

- таъмини имконият ба мақомоти иҷроияи Ҷамъият барои оқилона, софдилона, танҳо ба манфиати Ҷамъият ва саҳмдорони он амалӣ намудани идоракунии самараноки фаъолияти ҷории Ҷамъият, инчунин, ҳисоботдиҳии мақомоти иҷроия дар назди Шурои директорони ҷамъият ва саҳмдорони он;

- риояи одоби соҳибкорӣ дар сохтори идоракунии корпоративӣ;

- сиёсати самараноки кадрӣ;

- ҳифзи муҳити зист;

- сиёсати самараноки танзими низоъҳои корпоративӣ [12,с.4].

Ба андешаи мо, принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар ҶТ, асосан ба принсипҳои идоракунии корпоративӣ, ки аз ҷониби ОЭСР таҳия шудааст, такя карда, тамоми нуктаҳои дар он қайдшуда, ба принсипҳои идоракунии корпоративии ОЭСР мувофиқат мекунанд. Илова бар ин, дар ҳуҷҷати Стандартҳои миллии идоракунии корпоративии дар ҶТ таҳияшуда, дар муқоиса бо стандартҳои ҷаҳонии идоракунии корпоративӣ як фасли алоҳида, "ҳифзи муҳити зист" қайд карда шудааст, ки барои стандартҳои миллӣ бо баҳои баланд арзёбӣ гардида, ифода мешавад.

Бояд қайд кард, ки мутобиқи принсипҳои идоракунии корпоративии ОЭСР ва Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ, дар шароити ҳозира бонкҳо ва ширкатҳои саҳомӣ Принсипу Кодексҳои корпоративии худиро эҷод карда, мувофиқи он фаъолияти бонкӣ ва идоракунии корпоративиро дар худ ба роҳ мемонанд. Таҳлили як қатор бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки аксари бонкҳои саҳомии ҶТ кодексу принсипҳои корпоративии худро дороанд. Масалан, Кодекси идоракунии корпоративии "Холиқ Бонк", "Спитамен Бонк", ташкилоти қарзии хурди "Ҳумо" ва ғ. Аз инҳо кодекси идоракунии корпоративии "Холиқ Бонк" -ро омӯзиш карда [6,с.18], ба чунин хулоса омадем, ки дар фаъолияти худ принсипҳои таҳияшуда муқарраороти асосие ба ҳисоб меравнд, ки дар ташаккулёбии низоми корпоративӣ ба онҳо бонк такя мекунад. Ғайр аз принсипҳои идоракунӣ бонки мазкур инчунин, қоидаҳои этикаи

корпоративиро дар фаъолияти бонкии худ ҷорӣ намудааст. Мутобиқи принсипҳои таҳияшудаи бонк идоракунии корпоративӣ дар бонки мазкур, пеш аз ҳама, ба эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Саҳмдори якка ва мақоми худи Бонк асос ёфта, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Бонк, аз ҷумла афзоиши дороиҳои Бонк, таъсиси ҷойҳои корӣ ва нигоҳ доштани устувории молиявӣ ва даромаднокии Бонк нигаронида шудааст [6,с.1].

Яъне, ба андешаи мо, дар таҳияи принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои саҳомӣ принсипҳои адолат, маъсулиятнокӣ, шаффофият, идоракунии самаранок аввалиндараҷа бояд ҳисобида шаванд.

**Расми 1. Хусусиятҳои таҳияи принсипҳои идоракунии корпоративӣ**
**Figure 1. Features of the development of principles of corporate governance**




Бояд қайд кард, ки низоми принсипҳои идоракунии корпоративии аз ҷониби ОЭСР қабулшуда, хусусияти намунжавӣ дошта, ҳар як ширкат, бонк ва ё давлат вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва қонунгузории худ онҳоро таҳия мекунанд. Онҳо доимо метавонанд тағйир ёбанд ва ё самти худро иваз намоянд. Ба ҳар ҳол, ба андешаи мо, мутобиқи Кумитаи Базел ва Принсипҳои идоракунии корпоративии ОЭСР кодексҳои корпоративии таҳияшуда як хусусияти умумӣ доранд:

- сохтори идоракунии корпоративӣ бояд ҳифзи ҳуқуқҳои саҳмдоронро таъмин намояд, ба сифати усули асосии ҳалли пешакӣ ва бархӯрди манфиатҳои ба вуҷудомада баромад кунад;

- низоми идоракунии корпоративӣ бояд муносибати баробарро нисбат ба ҳамаи гурӯҳҳои саҳмдорон, аз ҷумла саҳмдорони хурд ва хориҷӣ таъмин намуда, ба ҳар кадоми онҳо дар сурати поймол шудани ҳуқуқашон, ҳимояи баробар самаранокро таъмин намояд;

- идоракунии корпоративӣ бояд риояи ҳуқуқҳои шахсони манфиатдорро, ки қонун муқаррар кардааст, таъмин намуда, ҳамкории ҳамаи субъектҳои идоракунии корпоративиро дар рушди бонк ҳавасманд намояд;

- идоракунии корпоративӣ бояд шаффофияти иттилоотии ширкат (бонк), ифшои саривақтӣ ва пурраи маълумот оид ба тамоми масъалаҳои муҳимми фаъолияти молиявию хоҷагидории бонкро таъмин намояд;

- сохтори идоракунии корпоративӣ бояд иҷрои самараноки вазифаҳои худро аз ҷониби роҳбарон, инчунин, ҳисоботдиҳии мақомоти идоракунии ширкат (бонк) ва саҳмдоронро таъмин намояд.

**Муқарриз: д.и.и, профессори ДМТ – Иброҳимзода И.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Акилҷонов Ф.Ш. Идоракунӣ дар корпоратсияҳои байналхалқӣ. Дастури таълимӣ / Ф.Ш. Акилҷонов, А.Ҷ. Гадоев, Ф.Ш. Маликов. -Душанбе, 2017. -66 с.
2. Арабова Н., Грачева М. Особенности корпоративного управления в банках // Журнал "Управление компанией. – 2004. -№7-8. -С.37. [Электронный ресурс]. URL: http://www.gaap.ru/biblio/management/curp/028.asp (дата обращения: 29.11.2022).

3. Базельский комитет по банковскому надзору. Совершенствование корпоративного управления в кредитных организациях. 9.09. 1999. -С.25.
4. Давлатзод Умед. Формирование системы управления акционерным обществом в переходной экономике: диссертация кандидата экономических наук / Давлатзод Умед. – 2003. -169 с.
5. Кабиров Ш.О. Формирование и развитие корпоративной предпринимательской среды унитарного предприятия: теория и методология антикризисного управления: на примере ГУП “ТАЛКО” РТ: диссертация доктора экономических наук / Ш.О. Кабиров. -Душанбе, 2011. -335 с.
6. Кодекс корпоративного управления закрытого акционерного общества «Халык Банк Таджикистана». - 2019. -С.18. [Электронный ресурс]. URL: https://halykbank.tj (дата обращения: 01.11.2022).
7. Кодиров Ф.А. Развитие акционерных обществ в промышленности Республики Таджикистан: на примере акционерных обществ пищевой промышленности: диссертация кандидата экономических наук / Ф.А. Кодиров. – 2012. -165 с.
8. Кондратьев В.Б. Основные факторы повышения эффективности корпоративного управления: зарубежный опыт и российские реалии / В.Б. Кондратьев // Менеджмент и бизнес-администрирование. - 2011. -№4. -С.78–89.
9. Корпоративное управление: теория, методология и практика. Учебное пособие / Под ред. Элебаева Н.Б. – Бишкек, 2014. – 209 с.
10. Кузнецова Л.В. Корпоративное управление и эффективность банковской деятельности: диссертация к.э.н. / Л.В. Кузнецова. -М., 2010. -149 с.
11. Махмадиев, Ф.Б. Зарубежный опыт государственного регулирования фермерской кооперации / Ф.Б. Махмадиев, И.Х. Мехроби, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/6. -С.157-161.
12. Национальные стандарты корпоративного управления Республики Таджикистан (Проект). 2012. –Душанбе, -С.29.
13. Принципы корпоративного управления ОЭСР / Комитет по корпоративному управлению. - 22.04.2004. –С.52 -61.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -103 с.
15. Яковлев А.А. Глобальный финансовый кризис и корпоративное управление / А.А. Яковлев, Ю.А. Данилов, Ю.В. Симачев // Институт анализа предприятий и рынков ГУ – ВШЭ. Российский журнал менеджмента. -2010. -Том 8. -№2. -С.21-34.

## ПРИНСИПҲО ВА СТАНДАРТҲОИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САҲОМӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи мубрам ва воқеии принсипу стандартҳои идоракунии корпоративиро дар ширкатҳои саҳомӣ аз ҷиҳати назариявӣ, такя бо адабиёту андешаҳои олимони соҳа зери омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Дар ҳақиқат дар идоракунии бонкҳо, тибқи принсипу стандартҳои ҷаҳонӣ, ки аз тарафи ОЭСР ва Кумитаи Базел асосан таҳия шудаанд, ҷорӣ намудани идоракунии корпоративӣ аз бисёр ҷиҳат аҳамияти бузург дорад. Аз як тараф, ширкату бонкҳои саҳомӣ барои ҷалби маблағҳои иловагӣ барои рушди бизнеси худ имкониятҳои нав пайдо мекунанд ва аз тарафи дигар, шаффофият, назорат ва идоракунии ширкату бонкҳои саҳомӣ беҳтар ва хубтар мегардад. Чи тавре муаллиф қайд мекунад: “Муносибати бозоргонӣ дар сиёсати иқтисодӣ аҳамияти идоракунии корпоративиро, ки ба ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, нигоҳ доштани суботи молиявӣ ва мусоидат ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ равона карда шудааст, баланд мебардорад”. Муаллиф бо назардошти ададбиёти таҳлилшуда нишон медиҳад, ки тамоми кишварҳои рушдёфта принсипу стандартҳои миллии худ оид ба идоракунии корпоративиро таҳия ва тасдиқ кардаанд, ки асоси ҳуқуқии идоракунии корпоративӣ дар ширкату бонкҳои саҳомӣ ба ҳисоб меравад. Принсипу стандартҳои идоракунии корпоративӣ қоидаҳои зиёди идоракуниро дар назар доранд, ки бояд бо назардошти принсипҳои миллӣ ва қонунгузории маҳаллӣ дар тамоми ширкату бонкҳои саҳомии кишварҳои ҷаҳон ҷорӣ карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** принсип, стандарт, қойда, рафтор, ахлоқ, этика, идоракунӣ, идоракунии корпоративӣ, корпоратсия, бонкҳои саҳомӣ, саҳмия, саҳмдорон, манфиат, иштирокчиён, принсипҳои байналмиллалӣ, стандартҳо.

## ПРИНЦИПЫ И СТАНДАРТЫ КОРПОРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ В АКЦИОНЕРНЫХ ОБЩЕСТВАХ

В данной статье автор исследует и анализирует современный и актуальный вопрос “Принципы и стандарты корпоративного управления в акционерных обществах” с теоретической точки зрения, на основе изученной литературы и взглядов ученых данной области. Действительно, внедрение корпоративного управления имеет большое значение в сфере управления банками, согласно мировым принципам и стандартам, разработанным ОЭСР и Базельским комитетом. С одной стороны, акционерные общества и банки будут находить новые возможности для привлечения дополнительных средств для развития своего бизнеса, а с другой стороны, прозрачность, контроль и управление акционерными обществами и банками будут намного лучше и достоверней. Как отмечает автор, «рыночный подход к экономической политике подчеркивает важность корпоративного управления, направленного на достижение устойчивого экономического роста и занятости,

повышение уровня жизни, поддержание финансовой стабильности, содействие развитию мировой экономики». С учетом проанализированных данных автор показывает, что все развитые страны разработали и утвердили свои национальные принципы и стандарты корпоративного управления, что считается правовой основой корпоративного управления в акционерных обществах и банках. Принципы и стандарты корпоративного управления включают множество правил управления, которые должны быть внедрены во всех акционерных обществах и банках, с учетом национальных принципов и местного законодательства.

**Ключевые слова:** принципы, норма, правило, поведение, этика, управление, корпоративное управление, корпорация, акционерные банки, доля, акционеры, интерес, участники, международные принципы, стандарты.

## PRINCIPLES AND STANDARDS OF CORPORATE GOVERNANCE IN JOINT STOCK COMPANIES

In this article, the author explores and analyzes the modern and topical issue “Principles and standards of corporate governance in joint-stock companies” from a theoretical point of view, based on the studied literature and the views of scientists in this field. Indeed, the introduction of corporate governance is of great importance in the field of banking management, according to the global principles and standards developed by the OECD and the Basel Committee. On the one hand, joint-stock companies and banks will find new opportunities to raise additional funds for the development of their business, and on the other hand, transparency, control and management of joint-stock companies and banks will be much better and more reliable. As the author notes, "the market approach to economic policy emphasizes the importance of corporate governance aimed at achieving sustainable economic growth and employment, improving living standards, maintaining financial stability, and promoting the development of the world economy." Taking into account the analyzed data, the author shows that all developed countries have developed and approved their national principles and standards of corporate governance, which is considered the legal basis for corporate governance in joint-stock companies and banks. The principles and standards of corporate governance include a set of governance rules that must be implemented in all joint-stock companies and banks, taking into account national principles and local legislation.

**Keywords:** principles, norm, rule, behavior, ethics, management, corporate governance, corporation, joint-stock banks, share, shareholders, interest, participants, international principles, standards.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳакимов Сангалӣ Ғуломович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Sangali-hakimov@mail.ru.** Телефон: (**+992) 901-44-06-07**

**Сведения об авторе:** ***Хакимов Сангали Гуломович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sangali-hakimov@mail.ru**. Телефон: (**+992) 901-44-06-07**

**Information about the author:** ***Khakimov Sangali Gulomovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Sangali-hakimov@mail.ru.** Phone: **(+992) 901-44-06-07**

ТДУ: 332.135

# ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАЪСИС, РУШД ВА ИДОРАКУНИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

***Иброҳимзода И.Р., Эраҷи Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), минтақаи маҳдуди дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ нисбат ба боқимондаи қаламрав ва шароити имтиёзноки иқтисодӣ барои соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ мебошад. Мақсади асосии ташкили чунин минтақаҳо ҳалли мушкилотҳои стратегии рушди давлат дар маҷмуъ ё минтақаи алоҳида, савдои берунӣ, мушкилотҳои умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, минтақавӣ, илмию техникӣ мебошад.

Ба ибораи дигар, МОИ одатан ҳамчун як қисми минтақа ё кишваре муайян карда мешавад, ки дорои мавқеи мусоиди иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ, режими бидуни боҷ ё имтиёзи содироту воридот ва ҷудошавии муайяни тиҷоратӣ ва пулӣ аз дигар минтақаҳои кишвар мебошад.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, бахусус сармояи мустақим барои истеҳсоли маҳсулоти ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ ва тибқи талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ муҳим аст [14,с.71].

Дар таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти иқтисодии берунӣ моделҳои зиёди идоракунии минтақавӣ ва иқтисодӣ мавҷуданд. Дар байни ин сохторҳои мураккаб, сохторҳои иқтисодие ҳастанд, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ном доранд. Намудҳои гуногуни чунин минтақаҳоро аксар вақт "ҷазираҳо"-и иқтисоди ҷаҳонӣ, "равзанаҳо" барои ҷараёни сармоягузории хориҷӣ, технология ва малакаҳои идоракунӣ меноманд. Ниҳоят, бисёре аз иқтисоддонҳо МОИ-ро ҳамчун тимсоли сиёсати нави “дарҳои кушод” барои системаи ҷаҳонии иқтисодӣ мебинанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Пайёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: «Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор бояд тақвият дода шавад. Ҳукумати кишвар бояд мушкилоти ҷойдоштаи минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳаматарафа омӯхта, барои тақвият бахшидан ба фаъолияти онҳо ва ташкили дигар МОИ дар ҳудуди мамлакат тадбирҳои иловагиро амалӣ намояд [7].

Омили асосӣ дар ҷалб кардани сармояи хориҷӣ, устувории сиёсии мамлакати ҷойгиршудаи МОИ мебошад [12,с.104].

Ҳадафи таъсиси МОИ дар ҳама кишварҳои ҷаҳон ҳар гуна буда, аз вазифаҳо ва муаммоҳои ҳукми бартаридоштаи ҳар як давлат иборат аст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсиси минтақаи озоди иқтисодиро, ки сиёсати муҳимми ҷалби сармоягузории ҳориҷӣ, инчунин, нақши муҳимро дар азнавсозии иқтисодиёти миллӣ иҷро менамояд, таъсис додааст.

Бо мақсади васеъ намудани низоми пешбурди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз ҷиҳати боз ҳам содагардонии низоми андозсупорандагон тадбирҳо андешида истодаанд. Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкори МОИ – дар ҷумҳурӣ таъсис дода шудаанд, ки имтиёзҳои зиёде дар чунин минтақаҳо дида мешавад [3,с.18].

Зиёд гардидани имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандгардониро дар бахшҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба вуҷуд оварда, ба ин васила сатҳи гаронии андозро дар кишвар коҳиш медиҳад [15,с.34]. Гаронии андозро то ҳадде паст карданаш мумкин аст, агар ислоҳоти низоми андоз гузаронида шавад, ки он албатта бояд ба фароҳам овардани шароити муқаррарӣ барои бахши воқеии иқтисод оварда расонад.

Ҳар як давлат, ки аз ҷиҳати дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инкишофи институтҳои бозорӣ фарқ мекунанд, барои ҳалли масъалаҳои гуногун МОИ-ро дар худ таъсис медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсиси МОИ-ро, ки сиёсати муҳимми ҷалби сармоягузории ҳориҷӣ, инчунин, нақши муҳимро дар азнавсозии иқтисодиёти миллӣ иҷро менамояд, таъсис додааст [5,с.45].

Мақсади таъсиси МОИ дар кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии мутараққӣ, ин пурзӯр намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои муайян, паст кардани сатҳи бекорӣ дар марҳилаҳои аввали рушди МОИ ва ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ҳалли масъалаҳои технологӣ дар оянда мебошад. Мақсад аз таъсиси МОИ дар кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш қарордошта, ин таъсиси ҷойҳои нави корӣ, азхудкунии технологияҳои нав, ба даст овардани таҷрибаи идоракунӣ, рушди содирот бо мақсади зиёд намудани воридоти асъор, ҷалби сармояи хориҷӣ ва умуман тезондани рушди иқтисодиёт мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои сармоя як қатор афзалиятҳо дорад:

- Ξ табдилу такмил додани иқтисодиёти худ аз пӯшида ба шакли кушод;
- Ξ таҷрибаҳои механизмҳои иқтисодию сиёсие, ки барои мамлакат навоваронаанд ва пештар истифода нашудаанд.

Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди давлат нишонаи намунавии принсипи иқтисоди кушод ба ҳисоб меравад [13,с.720].

Албатта, барои бо дараҷаи баланд рушд додани МОИ кишвар, мо бояд ба таҷрибаи хориҷии инкишоф ва рушди онҳо аҳаммияти ҷиддӣ диҳем. Айни замон намудҳои гуногуни МОИ дар кишварҳои ҷаҳон фаъолият намуда истодаанд, ки мавҷудияти онҳо ҳамгироии минтақавиро бо мақсади рушди тиҷоративу иқтисодии байналмилалӣ бештар менамояд [14,с.76].

Мақсади асосии таҳқиқот, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадами ҷаҳонӣ дар заминаи таъсис ва фаъолияти МОИ мебошад. Барои бисёре аз кишварҳои ҷаҳон хусусан кишвари мо, омӯхтани таҷрибаҳои гуногуни давлатҳои пешқадам дар соҳаи ташкили МОИ хеле муҳим буда, дар оянда мо метавонем ин таҷрибаро дар худ истифода намоем.

Яке аз намояндагони барҷастаи кишварҳои пешрафта Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад, ки аз соли 1934 ин ҷониб МОИ-ро дар иқтисодиёти худ истифода мебарад.

ИМА дар самти ташкили фаъолияти МОИ аз ҷиҳати шумора мавқеи пешқадамро ишғол менамояд.

Самтҳои фаъолияти МОИ-и ИМА дар намудҳои зерин ба роҳ монда шудааст [2,с.12]:

- ℑ минтақаҳои савдои (хориҷӣ) беруна;
- ℑ минтақаҳои соҳибкорӣ;
- ℑ паркҳои технологӣ.

Онҳо ба ривоҷ додани минтақаҳои мамлакат саҳми арзанда гузошта, ба васеъ ва афзоиши савдои берунаи он мусоидат мекунанд.

**Минтақаҳои савдои (хориҷӣ) беруна** (МСБ) минтақаҳои маҳдуди ҳудудии мамлакат мебошанд, ки дар доираи онҳо нисбат ба режими умумии иқтисодӣ, аз ҷумла фаъолияти иқтисодии беруни низоми имтиёзнок муқаррар карда мешавад. Ба ибораи дигар, минтақаи тиҷоратӣ ё тиҷоратӣ-истехсолӣ мебошад, ки аз ҷиҳати низоми гумрукӣ, фискалӣ ва молиявӣ берун аз сарҳади давлатӣ воқеъ гардида, дар ҳудуди миллӣ боқӣ мемонад.

Нигоҳдорӣ, ба навъҳо ҷудо кардан ва бастабандии молҳо бидуни коркарди иловагӣ ба фаъолияти асосии МСБ нигаронида шудааст. Одатан МСБ барои ширкатҳои бузург ташкил карда мешаванд, ки фаъолияташон танҳо ба як резидент нигаронида шудааст.

МСБ дар самти фаъолияти МОИ-и ИМА бештар тараққӣ ёфтаанд. МСБ аз соли 1934 бо мақсади ҷалби кишвар ба тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути фаъолияти иқтисодии

чунин минтақаҳо ва коҳиш додани бекорӣ, ки соли 1929 бо номи “Таназзули бузург”[†] рух дода буд, таъсис дода шудааст.

**Ҷадвали 1. Ҳисоботи Шурои минтақаҳои савдои (хориҷӣ) беруна ба Конгресси Иёлоти Муттаҳидаи Америко [9]**
**Table 1. Report of the Council on Foreign (Foreign) Trade Zones to the Congress of the United States of America**

| № | Фаъолият | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Маҷмуи молҳои қабулшуда** | 669 млрд.долл | 793 млрд.долл | 767 млрд.долл | 624,9 млрд.долл | 835,6 млрд.долл |
| 2 | **Содирот аз МОИ** | 87 млрд.долл | 112 млрд.долл | 111 млрд.долл | 92,2 млрд.долл | 123,6 млрд.долл |
| 3 | **Шумораи шаҳрвандоне, ки дар МОИ кор мекунанд** | 450 000 | 440 000 | 460 000 | 470 000 | 480 000 |
| 4 | **Шумораи амалиётҳои фаъоли истеҳсолии МОИ** | 329 | 330 | 348 | 347 | 356 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллифон дар асоси омӯзиши маълумотҳои сомонаи расмии Идораи тиҷорати байналмилалии ИМА таҳия шудааст [Манбаи электронӣ]: https://www.trade.gov/annual-report.

Дар навбати худ, МСБ ба минтақаҳои таъиноти умумӣ (МТУ) ва минтақаҳои махсусгардонидашуда (ММ) тақсим карда мешаванд.

**Минтақаҳои соҳибкорӣ (МС)** дар ИМА ба эҳёи тиҷорати хурд ва миёна дар минтақаҳои депрессӣ (таназзулӣ), асосан дар шаҳрҳо, тавассути додани озодии бештари фаъолият ва ҳавасмандии молиявӣ ба соҳибкорон равона шудаанд. Ин ҳудудҳо ба марказҳои муҳимми рушди минтақавӣ дар асоси танзим, дефискализатсия ва дебюрократизатсия табдил ёфтанд.

Ба ин гурӯҳи МОИ минтақаҳо дохил мешаванд, ки бевосита ба хизматрасонии савдои хориҷӣ алоқаманд нестанд. Дар ин маврид имтиёзҳои гумрукӣ ба замина гузашта, имтиёзҳои гуногуни андоз, молиявӣ ва маъмурӣ нақши асосиро мебозанд.

Таъсисдиҳии МС-ро ИМА аз таҷрибаи Британияи Кабир, ки дар солҳои 70-уми асри гузашта аз тарафи иқтисодчиёнашон пешниҳод карда шуда буд, истифода бурданд.

**Баъзе аз ҳавасмандкуниҳои андозӣ дар МС-и ИМА:**

ξозод кардани моликияти хусусии корхонаҳо ва шахсони алоҳида аз андозҳои федералӣ ва маҳаллӣ;

ξмолҳое, ки аз минтақаҳо ба дигар кишварҳо содир мешаванд, андоз ва боҷҳои гумрукӣ пардохт намекунанд;

ξдар штатҳои гуногун тахфифҳои иловагӣ вуҷуд доранд, масалан, дар иёлоти Коннектикут - 50%, аз андози даромади корпоративӣ, дар иёлоти Луизиана - 100%, аз андоз аз фурӯши таҷҳизот, дар иёлоти Канзас - 100%, барои фурӯш, андоз аз масолеҳи сохтмонӣ, дар иёлоти Вирҷиния - 100%, аз андоз аз фурӯши воситаҳои асосӣ;

ξаксари имтиёзҳои андозро (70%) ширкатҳое, ки ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, мегиранд.

Дар МС ба ғайр аз ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои соҳибкорон як қатор имтиёзҳои дигар низ истифода мешаванд. Аз ҷумла, талабот ба тартиби содакардашудаи ҳуҷҷатгузорӣ, стандартҳои экологӣ ва стандартҳои бехатарӣ коҳиш дода шуданд.

Фаъолияти МС ба кам кардани маблағҳои аз буҷет барои барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҷудошуда ва дар натиҷаи эҳёи фаъолияти иқтисодӣ ва афзоиши шумораи аҳолӣ тадриҷан зиёд шудани даромади андоз аз корхонаҳо ва шаҳрвандон ба буҷетҳои

---

[†]Таназзули бузург (Великая депрессия) бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонист, ки 24 октябри соли 1929 бо фурӯпошии бозори саҳомӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оғоз ёфта, то соли 1939 (аз ҳама шадидтарин солҳои 1929-1933) идома кард.

сатҳҳои гуногун хизмат мекунад. МС ба ҳалли мушкилоти иқтисодии дохилӣ бо такя ба сармояи маҳаллӣ ва қувваи корӣ нигаронида шудаанд.

**Паркҳои технологӣ** (ПТ) чунин паркҳо (минтақаҳои техноинноватсия) худро шакли нави самараноки ҳамгироии илм ва истеҳсолот, макони таъсиси фирмаҳои сармояи венчурӣ, ки ба ҷорӣ намудани инноватсия ва коркарди технологияҳои нав машғуланд, эълон кардаанд.

Одатан, онҳо маҷмуи аз ҷиҳати ҷуғрофӣ гурӯҳбандишудаи лабораторияҳои илмӣ ва иншооти истеҳсолӣ мебошанд, ки бо шартҳои имтиёзнок ба ширкатҳои венчурӣ, ки ба рушди тиҷоратии навовариҳо ва ғояҳои ояндадори илмию техникӣ машғуланд, ба иҷора гирифта шудаанд. Баръакси МСБ ва МС барои таъсиси ПТ иҷозаи Ҳукумат талаб карда намешавад.

Дар ИМА ду намуди ПТ вуҷуд доранд: онҳое, ки бо ташаббуси шахсони алоҳида ё созмонҳои хусусӣ пайдо мешаванд ва онҳое, ки бо дастури ҳукуматҳои алоҳидаи иёлотҳо таъсис дода мешаванд. Паркҳои навъи дуюм ҳоло ҳам бунёд карда мешаванд, аммо навъи якум, махсусан паркҳои технологӣ маъмул ва самаранок фаъолият мекунанд.

Дигар хусусияти фарқкунандаи фаъолияти ПТ ҳамкории онҳо бо ширкатҳои саноатӣ мебошад, ки ба захираҳои донишгоҳ дастрасӣ доранд. Донишгоҳ ҳамчун воҳиди асосии парки технологӣ имкон дорад, ки дар татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бевосита ширкат варзад, аз таҷҳизоти муосири илмӣ бештар истифода барад, мутахассисони соҳаро ҳамчун омӯзгор ҷалб намояд ва ба кормандони донишгоҳ даромади иловагӣ расонад. Айни замон дар ИМА зиёда аз 150 паркҳои технологӣ (зиёда аз 30% умумии паркҳо дар ҷаҳон) мавҷуд мебошад.

Ҳамин тариқ, МОИ ба иқтисодиёти ИМА амиқ пайваст гардида, дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат нақши муассир мегузорад. Ин пеш аз ҳама, тавассути ҳавасманд гардонидани ширкатҳои миллӣ бо ёрии як қатор имтиёзҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар худи ИМА, молҳои нисбатан рақобатпазир дар муқоиса бо ширкатҳои хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Фаъолияти чунин минтақаҳо ба иқлими сармоягузорӣ низ дар мамлакат мусоидат намуда, ба рушди савдои беруна шароит фароҳам меорад.

Ҷопон, яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба шумор меравад. Бо мақсади фаъол гардонидани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва рушди минтақавӣ дар Ҷопон намудҳои зерини МОИ фаъолият менамоянд [14,с.77]:

- паркҳои технологӣ (технопаркҳо);
- минтақаҳои рушди воридот.

Дар Ҷопон ба рушди паркҳои технологӣ диққати махсус дода мешавад. Ин ба сабабҳои зерин вобаста аст. Дар солҳои 50 ва 1970 - ум мамлакат ба харидани патенту литсензияҳо аз хориҷа фаъолона шуруъ намуд. Истифодабарии техникаи пешқадами хориҷӣ ба Ҷопон имконият дод, ки як қатор соҳаҳои ҳозиразамони саноатиро аз нав ба вуҷуд оварад, бисёр соҳаҳои иқтисодиётро ба куллӣ аз нав созад, вақтро самаранок истифода бурда, аксари захираҳоро сарфа намояд.

Аммо истифодаи оммавии литсензияю патентҳои хориҷӣ низ оқибатҳои манфии худро дошт: якум, вобастагии иқтисодиёти Ҷопон ба техника ва технологияи хориҷӣ, махсусан амрикоӣ афзуд, дуюм, раванди маҳдуд кардани тадқиқоти фундаменталии он оғоз ёфт. Бинобар ин, аз охири солҳои 60-ум дар баробари воридоти оммавии технологияи хориҷӣ давлат ва монополияҳо роҳи инкишофи фаъолонаи тадқиқот ва конструктории илмии худ, мустаҳкам намудани неруи илмию техникиро пеш гирифтанд.

Натиҷаи ҳамин сиёсат дар мамлакат барпо намудани як қатор паркҳои технологӣ гардид. Дар муқоиса бо ИМА, ки чунин паркҳои технологӣ асосан аз ҷониби сармояи хусусӣ таъсис дода шудаанд, вале дар Ҷопон бошад баракс, таъсисдиҳии паркҳои технологӣ бо ташаббуси Ҳукумат анҷом дода мешаванд.

Сохтори паркҳои технологии Ҷопон хеле мураккаб ва гуногунмақсад мебошанд. Ҳар як паркҳои технологӣ ба се (3) минтақа тақсим мешавад:

Ξ минтақаи якум - тамаркузи марказҳо ва лабораторияҳои илмӣ, ташкилотҳои илмӣ ва муассисаҳои таълимӣ;

Ξ минтақаи дуюм - саноат (заводҳо, фабрикаҳо), ки дар он ҷо тадқиқот ва ихтироот гузарондан мумкин аст;

Ξ минтақаи сеюм комплекси истиқоматӣ мебошад, ки дар он хешу таборони олимону тадқиқотчиён зиндагӣ карда метавонанд.

Соли 1970 дар префектураи Ибараки, воқеъ дар 60 километрии шимолу шарқии Токио, аввалин парки технологии шаҳри Тсукуба, ки масоҳати умумии 28 000 гектар ва тақрибан 200 000 аҳолӣ дорад, сохта шуд. Ҷолиб он аст, ки ин бузургтарин лоиҳаи сармоягузории ҳукумати Ҷопон буд [11,с.65].

Сабабҳои муваффақияти технопарк, ба гуфтаи коршиносони ҷопонӣ, инҳоянд [1,с.18]:

➢ ҳаҷми зиёди маблағгузориҳои ибтидоии давлатӣ (1300 млрд/иен);

➢ таъсиси тамоми инфрасохтори зарурӣ аз ҷониби Ҳукумат;

➢ кори фидокоронаи кормандон (12-14 соат дар як рӯз барои пардохти рӯзи кори 8 соата);

➢ хариди таҷҳизоти пешқадам аз тарафи Ҳукумати Ҷопон барои ба вуҷуд овардани базаи дахлдори саноатӣ.

Чун дар дигар МОИ-и ҷаҳон, дар Ҷопон низ ҳавасмандкуниҳои маъмурӣ дар МОИ мавҷуд мебошад. Баъзе аз ҳавасмандкуниҳо дар МОИ-и Ҷопон инҳо ба ҳисоб мераванд:

➢ корхонаҳое, ки бо молҳои воридотӣ кор мекунанд, қарзҳо бо фоизи паст мегиранд (камтар аз 3%);

➢ барои МОИ марказҳои иттилоотӣ таъсис дода мешаванд, ки имкони баргузории намоишгоҳҳо, конфронсҳои тиҷоратӣ ва ғайраро доранд;

➢ системаи содакардашудаи қонунгузории гумрукӣ барои ширкатҳо дар МОИ.

Ба ақидаи мо чунин муваффақияти технопаркҳои Ҷопон бо сабабҳои зерин сурат гирифт:

❖ шароити мусоиди табиию иқлимӣ;

❖ шумораи кофии қувваи кории баландихтисос;

❖ шабакаи хеле инкишофёфтаи нақлиёт, махсусан нақлиёти баҳрӣ ва ҳавоӣ;

❖ инфрасохтори рушдёфта, ки ба рушди саноати электроника мувофиқанд;

❖ мавҷудияти заминаи мувофиқи саноатӣ, ки барои рушди паркҳои технологӣ замина мегузорад.

Ҷопон аз ҷиҳати рушд ва фаъолияти МОИ дар ҷаҳон ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Беҳтарин сиёсати Ҷопон ин иштироки фаъолонаи давлат дар раванди ташаккул ва рушди МОИ, хусусан минтақаҳои илмию техникӣ ба ҳисоб меравад.

Раванди рушд, фаъолият ва идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки дар саросари олам маълуму машҳур мебошад, бояд аз madди назари олимону мутахассисони соҳаҳои дахлдор дур набошад. Чунки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ин намуди фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҷаҳон ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Ва истифодабарии ин таҷриба дар мисоли минтақаҳои мо саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Дар замоне, ки ҳамгироии давлатҳо дар байни худ ба як ҳукми анъана даромадааст ва ягон давлат бе ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоӣ сатҳи рушди худро таъмин карда наметавонад, МОИ метавонанд ҳамчун фишанге баромад намоянд ва рушди минтақаҳои кишварро таъмин гардонанд [14,с.78].

Хусусиятҳои асосии МОИ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин инҳоянд:

✓ рушди мустақилонаи иқтисодиёт дар асоси принсипҳои танзими бозор;

✓ такя ба сармояи хориҷӣ. (принсип ҳанӯз ба амал бароварда нашудааст);

✓ саноат ин - афзалияти асосии муосири соҳавӣ мебошад. То соли 1989 Чин барои қариб ҳама сармоягузориҳои хориҷӣ дар МОИ кушода буд;

✓ ба содирот равона кардани истеҳсолот, ба истеҳсолот васеъ ҷалб намудани ашёи хоми хориҷӣ;

- ✓ дохил шудани минтақаҳои васеи миллӣ;
- ✓ ҳамкории фаъоли минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо дигар минтақаҳои кишвар;
- ✓ низоми андоз аз рӯи хусусиятҳои ҳудудии МОИ фарқ мекунад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин шаш МОИ-и бузург мавҷуд аст: Шенҷен, Чжухай, Шанту, Сямэн, Хайнан ва Қашғар. Сарфи назар аз он ки аз ташкил ва инкишофи МОИ-и Хитой ҳамагӣ 41 сол гузашта бошад ҳам, пайдоиши онҳо барои рушди босуръати иқтисодиёт, зуд тағйир ёфтани симои шаҳру деҳот ва хеле баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ дар таърихи Чин таконе гардид.

Намудҳои асосии МОИ-и Ҷумҳурии Мардумии Чин инҳоянд:

- ➢ минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (ММИ);
- ➢ минтақаҳои рушди техникӣ-иқтисодӣ (МРТИ);
- ➢ минтақаҳои баланди технологӣ (МБТ);
- ➢ минтақаҳои озоди гумрукӣ (МОГ);
- ➢ минтақаҳои ҳамкории иқтисодии наздисарҳадӣ (МҲИН);
- ➢ минтақаҳои истеҳсолӣ – содиротӣ (МИС).

Нақши асосиро дар содироти саноатии Ҷумҳурии Мардумии Чин ММИ, МРТИ, МҲИН ва МИС мебозанд, ки воқеан афзоиши ҳаҷми молҳои воридот ва содиротии Чинро ҳам аз ҷиҳати арзиш ва ҳам аз ҷиҳати мутлақ таъмин мекунанд.

Баъзе аз ҳавасмандкуниҳои андозӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Мардумии Чин [6,с.33]:

- ➢ тартиби бақайдгирии корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ сода карда шуд;
- ➢ имтиёзҳои андоз аз даромад барои корхонаҳое, ки сармояи хориҷӣ доранд – 15% (дар ҷумҳурӣ 33%);
- ➢ ҳангоми воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ ва масолеҳи гуногун (ашёи хом, қисмҳои эҳтиётӣ), ки аз ҷониби иштирокчии хориҷии корхона, аз ҳисоби ҳиссаи он дар ширкат ворид шудааст, агар онҳо дар истеҳсоли ин маҳсулот иштирок намоянд, андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб карда намешавад.

Ҳамин тариқ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, бо фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалби захираҳои молиявии дохилӣ ва хориҷӣ, техника ва технологияҳои пешрафта, ки яке аз рукнҳои муваффақияти ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳисоб меравад, ба миён омад. Натиҷаи чунин иқдом Ҷумҳурии Мардумии Чинро ба яке аз кишварҳои ҷолибтарини сармоягузорӣ дар ҷаҳон намуд. Сармоягузориҳои байналмилалӣ ба як қатор соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин барои рушди интенсивии ин бахшҳо ҳамчун замина равон гардид.

Яке аз самтҳои ояндадори рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бахусус иқтисодиёти Федератсияи Русия, таъсис ва ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) мебошад, ки як намуди махсуси танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Федератсияи Русия чор намуди МОИ фаъолият менамоянд [10]:

1. Минтақаҳои истеҳсолии саноатӣ.
2. Минтақаҳои ҷорикунии техникӣ.
3. Минтақаҳои туристию рекреатсионӣ.
4. Минтақаҳои махсуси бандаргоҳӣ.

Фаъолияти МОИ дар Федератсияи Русия бо Қонуни федералии аз 22 июли соли 2005 таҳти №116-ФЗ «Дар бораи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар Федератсияи Русия» танзим карда мешавад. Қарор дар бораи таъсиси МОИ аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Русия дар асоси аризаи аз ҷониби мақомоти болоии иҷроияи ҳокимияти давлатии субъекти Федератсияи Русия таҳия шуда, тасдиқ карда мешавад. МОИ-и Федератсияи Русия барои 49 сол таъсис дода мешаванд.

Айни ҳол дар Федератсияи Русия 50 МОИ (31 саноатӣ-истеҳсолӣ, 7 инноватсионӣ-технологӣ, 10 сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва 2 бандарӣ) мавҷуд аст. Дар давоми солҳои фаъолият дар МОИ 1019 резидент ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо зиёда аз 130 ширкаташро аз 42 кишвари ҷаҳон сармоягузорӣ мекунанд. Дар тули солҳо ҳаҷми умумии сармоягузориҳои эъломшуда беш аз 1,78 триллион рублро ташкил дод. Сармоягузориҳои коркардшуда - беш аз 822 миллиард рубл, беш аз 56,7 ҳазор ҷойҳои

корӣ таъсис дода шуданд, тақрибан 308 миллиард рубл пардохтҳои андозӣ, гумрукӣ ва суғуртавӣ ба анҷом расонида шуд.

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии фаъолияти МОИ Русия суръат бахшидан ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва қаламравҳои он мебошад. Ташкил ва инкишофи МОИ дар Русия бояд яке аз воситаҳои ҳамгироии хоҷагии халқ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамчун воситаи фаъол гардондани муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ гардад. Таъсиси МОИ дар Русия метавонад яке аз усулҳои муассири ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин, рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва умуман иқтисоди кишвар бошад. Аммо ҷорӣ намудани минтақаҳои нави озоди иқтисодӣ муносибати оқилона ва тасмимҳои масъулиятноки мақомоти федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро талаб мекунад.

Айни замон дар Ӯзбекистон корҳои зиёд барои таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) суръат гирифта истодааст. Мақсади асосии ин иқдомҳо дар он аст, ки аз ҳисоби сармоягузорони дохили ва хориҷа, рушд додани минтақаҳои алоҳидаи кишвар мебошад. Дар давоми се соли охир барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 30 ҳуҷҷатҳои хукуматӣ ва байниидоравӣ қабул карда шуд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.Мирзиёев таъкид карда буд, «барои ҷалби сармояи хориҷӣ тадбирҳои ба таври васеъ намоиш додани иқтидори сармоягузории кишварамон зарур аст. Дар ин самт масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии ҷойгиркунии иштирокчиён дар МОИ ва минтақаҳои хурди саноатӣ, додани имтиёзҳо ва бартариҳо бояд ҳал карда шавад» [8].

Бояд гуфт, ки имрӯз дар Ӯзбекистон ҳамагӣ 22 МОИ амал мекунанд. Дар ҳудудҳои онҳо, дар соҳаҳои саноати нассоҷӣ, кимиё, дорусозӣ, хӯрокворӣ, электротехникӣ, мошинсозӣ, масолеҳи сохтмонӣ 69 лоиҳа бо арзиши умумии тақрибан 512,4 миллион доллар роҳандозӣ шудааст. Ҳамаи ин ҳаҷми ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилиро ба иқтисодиёти минтақаҳо ва дар маҷмуъ, кишвар афзоиш дод.

Бо дарназардошти иқтидори ҳар як минтақа таъсиси МОИ, ки дар онҳо ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ оқилона таъмин карда шуда, инфрасохтори зарурӣ ташаккул ёфтааст, барои амалӣ намудани вазифаҳои рушди минтақаҳо мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, МОИ метавонад ҳамчун воситаи баробар кардани сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои гуногуни Ӯзбекистон хизмат кунад.

То имрӯз 244 лоиҳа бо арзиши умумии 1 миллиарду 527 миллион доллар (аз ҷумла сармоягузории хориҷӣ – 413,9 миллион доллар) мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳо таъсиси 21663 ҷойи нави корӣ дар назар аст [4,с.11].

**Ҷадвали 2. Дар МОИ-и Ӯзбекистон чунин низоми андози истифода мешавад**
**Table 2. Such a tax system is used in the SEZ of Uzbekistan**

| Номгӯи андоз | Объекти имтиёз | Намуди имтиёз | Давраи пешниҳоди имтиёз |
|---|---|---|---|
| **Андози замин** | Қитъаи замин | Озодкунӣ аз андоз ва (ё) пардохт | Бо ҳаҷми маблағгузориҳо, аз ҷумла ба эквивалент:<br>Аз 300 ҳазор то 3 миллион доллар ИМА - 3 сол;<br>3 миллион то 5 миллион доллар ИМА - 5 сол;<br>5 миллион то 10 миллион доллар ИМА - 7 сол;<br>Аз 10 миллион доллари ИМА ва зиёда аз 10 сол бо истифода аз меъёрҳои андоз аз фоида ва андози ягона ба андозаи 50% камтар аз меъёрҳои ҷорӣ. |
| **Андоз аз фоида** | Фоида | | |
| **Андоз аз моликити шахсони ҳуқуқӣ** | Андозбандии моликият | | |
| **Пардохти андози ягона барои корхонаҳои хурд ва муассисаҳои хурд** | Даромади умумӣ | | |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллифон дар асоси омӯзиши маълумотҳои сомонаи расмии Кумитаи давлатии Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст [Захираҳои электронӣ]: https:// www.stat.uz.

Ниҳоят дар Ӯзбекистон барои таъсис ва рушд додани МОИ сол то сол қадамҳои устувор монда истодаанд. Дар айни ҳол, дар ҷумҳурӣ 22 МОИ-и намудҳои гуногун

фаъолият карда истодаанд, ки барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ маҳаки асосӣ ба ҳисоб мераванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулов Ш.М.**


**АДАБИЁТ**

1. Зименков, Р.И. Свободные экономические зоны в Японии / Р.И. Зименков // Российский внешнеэкономический вестник. – 2006. -№4. -С.15-19.
2. Зименков, Р.И. Опыт США в создании и функционировании свободных экономических зон / Р.И. Зименков // В сборнике: Мировая экономика. Внешнеэкономический бюллетень. - 2005. -№11. -С.12-23.
3. Исматов, А.Ф. Налоговая система Республики Таджикистан: эффективность налоговых поступлений в государственный бюджет после принятия нового Налогового кодекса / А.Ф. Исматов, Эраджи Д., Т.С. Раджабов // Новые вызовы новой науки: опыт теоретического и эмпирического анализа: Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 13 февраля 2023 года. -Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. -С.15-19.
4. Кузиева, Н.Р. Свободные экономические зоны Узбекистана: развитие, функционирование и существующий налоговый режим / Н.Р. Кузиева, М.К. Норкулов. – 2019. -№53. -С.6-12. – EDN HSGVCM.
5. Курбонова, М.С. Основные показатели социально-экономического развития регионов / М.С. Курбонова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. -№3. -С.44-47. – EDN XWXSQP.
6. Меджидов, З.У. Зарубежный опыт функционирования особых экономических зон / З.У. Меджидов // Вестник Самарского государственного экономического университета. – 2016. -№1(135). -С.29-36.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017.
8. Послание Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева Олий Мажлису «Об основных итогах работы, осуществленных в 2017 году и приоритетных направлениях социально-экономического развития Республики Узбекистан в 2018 году» от 23.12.2017 г.
9. Сомонаи расмии Идораи тиҷорати байналмилалии ИМА. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.trade.gov/annual-report. (санаи муроҷиат 05.05.2023).
10. Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Русия. [Манбаи электронӣ]. URL: https:// www. economy. gov.ru/ material/ directions / regionalnoe_razvitie / instrumenty_razvitiya_territoriy/ osobye_ ekonomicheskie_zony/. (санаи муроҷиат 05.05.2023)
11. Танцуно Ш. Стратегия – технополисы / Ш. Танцуно. -М.: Прогресс, 1989.
12. Турсунов, И.Х. Механизми молиявию иқтисодии ташаккулёбии минтақаи озоди иқтисодии Суғд финансово-экономический механизм свободных экономических зон / И.Х. Турсунов // Кишоварз. – 2014. -№2. -С.104-106. – EDN SIUEIL.
13. Эраджи, Д. Роль свободных экономических зон в улучшении инвестиционного климата / Эраджи Д. // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов, Симферополь, 02 апреля 2021 года / Под общей редакцией З.О. Адамановой. Том Выпуск 7. -Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2021. -С.720-723. – EDN XSOONX.
14. Ibrohimzoda, I.R. Theoretical evolution of the creation and development of free economic zones / I.R. Ibrohimzoda, D. Eraji // The Finance and Economic Bulletin. – 2022. -No.2(31). -P.71-78. – EDN VOHQAE.
15. Ibrohimzoda, I.R. Theoretical evolution of the tax burden / I.R. Ibrohimzoda, T.S. Radjabov // The Finance and Economic Bulletin. – 2022. -No.2(31). -P.27-35. – EDN HLSOVL.


## ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАЪСИС, РУШД ВА ИДОРАКУНИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ


Минтақаҳои озоди иқтисодӣ, минтақаи маҳдуди дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ нисбат ба боқимондаи қаламрав ва шароити имтиёзноки иқтисодӣ барои соҳибкорони миллӣ ва хориҷӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур таҷрибаи ҷаҳонии таъсис, рушд ва идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки мубрамияти таъсисдиҳии онҳо сол то сол дар ҷаҳон афзоиш ёфта истодааст, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар рафти омӯзиш аз тарафи муаллифон муайян карда шуд, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон вобаста ба шакл ва шароити мувофиқи ҳудудии давлатҳо, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар онҳо таъсис дода шудаанд, рушд карда истодаанд. Мақсади асосии таъсис ва рушд додани чунин минтақаҳо ҳалли мушкилотҳои стратегии рушди давлат дар маҷмуъ ё минтақаи алоҳида, савдои берунӣ, мушкилотҳои умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, минтақавӣ, илмию техникӣ мебошад. Аз ҷониби муаллифон таҳлили таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодии баъзе аз давлатҳои хориҷие, ки дар онҳо чунин минтақаҳо бо маром рушд ёфтааст, гузаронида шудааст. Мақсади асосии омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакатҳои хориҷа дар он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои таъсисдиҳии чунин минтақаҳо дар ҳудуди худ истифода барад.



**Калидвожаҳо:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои технологӣ, минтақаҳои савдои (хориҷӣ) беруна, минтақаҳои соҳибкорӣ, сармоягузориҳои байналмилалӣ, сармоягузориҳои коркардашуда, рушди интенсивӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ.

**МИРОВОЙ ОПЫТ СОЗДАНИЯ, РАЗВИТИЯ И УПРАВЛЕНИЯ СВОБОДНЫМИ ЭКОНОМИЧЕСКИМИ ЗОНАМИ**

Свободные экономические зоны - это ограниченные зоны с особым правовым статусом по сравнению с остальной территорией и льготными экономическими условиями для отечественных и иностранных предпринимателей. В данной статье изучен мировой опыт создания, развития и управления свободными экономическими зонами, значение которых в мире с каждым годом возрастает. В ходе исследования авторы определили, что свободные экономические зоны во всем мире развиваются в зависимости от формы и соответствующих территориальных условий стран, в которых были созданы свободные экономические зоны. Основной целью создания и развития таких регионов является решение стратегических задач развития государства в целом или отдельного региона, внешнеторговых, общеэкономических, социальных, региональных, научно-технических проблем. Авторы проанализировали создание и развитие свободных экономических зон в некоторых зарубежных странах, где такие зоны успешно развиваются. Основная цель изучения и анализа опыта свободных экономических зон зарубежных стран заключается в том, что Республика Таджикистан может использовать его для создания таких зон на своей территории.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, технопарки, зоны внешней торговли, предпринимательские зоны, международные инвестиции, привлеченные инвестиции, интенсивное развитие, социально-экономическое развитие, внешнеэкономические связи.

**WORLD EXPERIENCE IN CREATING, DEVELOPING AND MANAGING FREE ECONOMIC ZONES**

Free economic zones are limited zones with a special legal status compared to the rest of the territory and preferential economic conditions for domestic and foreign entrepreneurs. In this article the world experience of creation, development and management of free economic zones, the importance of which in the world is increasing every year, is studied. During the study the authors determined that free economic zones around the world develop depending on the form and appropriate territorial conditions of the countries in which free economic zones were created. The main purpose of creation and development of such regions is to solve strategic tasks of development of the state as a whole or a separate region, foreign trade, general economic, social, regional, scientific and technical problems. The authors have analyzed the creation and development of free economic zones in some foreign countries, where such zones are successfully developed. The main purpose of the study and analysis of the experience of free economic zones of foreign countries is that the Republic of Tajikistan can use it to create such zones on its territory.

**Keywords:** free economic zones, technology parks, foreign trade zones, enterprise zones, international investments, attracted investments, intensive development, socio-economic development, foreign economic relations.

**Маълумот дар бораи муалифон:** ***Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918814240**. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Эраҷи Дилнавоз –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **555565665.** E-mail: **terik_5665@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Иброхимзода Ильхомуддин Раджабали*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918814240.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Эраджи Дильнавоз*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **555565665.** E-mail: **terik_5665@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Ibrohimzoda Ilkhomuddin Rajabali*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918814240.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Eraji Dilnavoz*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 555565665.** E-mail: **terik_5665@mail.ru**

ТДУ: 3378:621.22(575.3)

# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Собиров И.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир таҳлили амиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, ин ҳадафи стратегии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Ҳадафи ниҳоии дарёфти самтҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ, ин зарурати таъмини бартариятҳои рақобатпазирии кишварро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба миён меорад. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва дарёфти бартариятҳои рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба якдигар бевосита алоқаманд буда, барои пешрафти иқтисоди кишвар аҳаммияти стратегӣ доранд. Бояд қайд кард, ки камшавии захираҳои ихроҷшавандаи нафтӣ ва баландравии доимии нархи онҳо боис гардид, ки истеҳсоли неруи алтернативии энергетикӣ бо истифода аз сарчашмаҳои дигари иқтисодӣ ба вуҷуд оварда шаванд.

Вобаста ба ин бояд зикр намуд, ки масоҳати зиёди Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯҳсор буда, дорои захираҳои бузурги обию – энергетикӣ мебошад. Ҳамзамон самаранок истифодабарии захираҳои обӣ-энергетикӣ яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи рақобатпазир будани иқтисоди миллӣ мебошад. Вобаста будани мушкилиҳои истифодаи самараноки захираҳои обӣ-энергетикӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ муносибати мунтазамро тақозо менамояд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки дар Осиёи Марказӣ бозори ташаккулёфтаи энергетикӣ мавҷуд нест. Бинобар ин, сабаби ҳамкориҳои давлатҳо аз ҷиҳати ҷалби неруи энергетикӣ муносибати мутақобилан судманд надоранд. Мақсади истифодаи оқилонаи неруи обӣ-энергетикӣ ва ташкили сохтори оптималии соҳаи энергетикӣ ин таъмин намудани талаботи истеъмолкунандагон ба неруи арзони қувваи барқ буда, заминае барои рушди иқтисоди миллӣ фароҳам меорад.

Дар шароити имруза соҳаи энергетика дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат нақши муҳим ва ҳалкунандаро мебозад.

Аз ин ҷост, ки назарияи рушди иқтисоди миллиро олимони зиёд таҳқиқ намуда, гуногунҷанба буданашро муайян кардаанд. Аз нуқтаи назари муносибатҳои савдои берунӣ ва таъсири он ба хоҷагиҳои хонагӣ дар асарҳои илмии олимони классикии иқтисодӣ аз ҷумла: Ҷ. Кейнс, В. Леонтев, Т. Мена, Б. Олина, М. Познер, Д. Рикардо, А. Смит таҳлилнамоии ҷиҳатҳои муҳимми назариявии раванди танзими савдои хориҷӣ ба таълиф расидааст. Олимони афкори иқтисодии рус: С.А. Бартенев, В.П. Безобразов, С.Ю. Витте, И.Т. Посошков, А.Н. Радишев, В.Н. Татишев оиди назарияи инкишофи савдои берунӣ саҳми бузург гузоштаанд. Дар масъалаи сиёсати савдои берунӣ моҳият ва инкишофи иқтисодиёти ҷаҳон инчунин, оиди мушкилиҳои танзими иқтисодии берунӣ аз тарафи иқтисодчиёни хориҷӣ: Е.Ф. Авдокушин, В.Н. Бурмистров, Л.Б. Вардомский, Е.А. Миклашевская, Ж.И.Б. Сабелников, Б.М. Смитенко, Б.П. Супрунович, И.Н. Устинов, И.П. Фаминский, Н.Н. Шебарова, Т. Винод, Д.Д. Даниэле, П.Х. Линдерт, Д. Нэш, Ли Х. Радеба, Р. Фолсон, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Баҳодиҳии таъсири савдои берунӣ ба рушди иқтисоди минтақаҳо дар корҳои илмии Р.О. Тимченко [13,с.82], Е.В. Макарова [8,с.27], А.П. Кириенко, Е.О. Завялова [5,с.27], И.М. Степнов, М.Е. Суворова [12,с.34] таҳлил шудааст. Саҳм ва таъсири давлат ба савдои берунии минтақаҳо дар тадқиқоти А.М. Ходачек, С.М. Климов, И.Л. Маценович [6,с.148] таҳлил шудааст.

Дилхоҳ давлат дорои захираҳои меҳнатӣ, ашёи хом, хусусиятҳои иқтисодӣ-географӣ, сатҳи гуногуни инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, соҳаҳои ҷамъиятӣ ва миқдори сарфиятҳои неруи энергетикӣ ва ғайраҳо мебошад. Аз ин сабаб моделҳои дар ҳоли гузариш қарор доштаи сохтори неруҳои энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ ба муносибатҳои бозорӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Аммо madди назар аз хусусияти рушд дар баъзе аз минтақаҳои кишвар ташкили бозори байнидавлатии энергетикӣ бо

инфрасохтори мувофиқ, механизми фаъолият, усули ташаккули торф бартарият дошта, таъмини ҳамкориҳои судманд бамаврид аст.

Бояд қайд намуд, ки бозори энергетикӣ ба густариши неруҳои дахлдори истеҳсолӣ, хатҳои интиқоли барқ, такмили сохтори энергетикӣ, истифодаи самараноки воҳиди неруи барқ, беҳтарсозии робитаҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ мусоидат менамояд. Воқеан рушди иқтисодӣ аз баландбардории рақобатпазирии корхонаҳо дар бахшҳои воқеӣ, беҳдошти сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, вазъи умумии иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии давлатҳои Осиёи Марказӣ вобаста мебошад. Асосан ин аз истифодаи оқилонаи саноати неруи энергетикӣ сарчашма мегирад.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳаҷми захираҳои энергетикӣ, сохтор ва навъҳои хатти интиқоли неруҳои энергетикӣ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ нобаробар ҷойгир шудаанд. Барои мисол аз захираҳое, ки дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мавҷуд аст, ёдовар мешавем. Неруи гидроэнегетикӣ асосан дар Тоҷикистон тақрибан 70%, Қирғизистон 21% мутамарказ мебошад. Дар Қазоқистон бошад, захираҳои ангишт 85%, нафт 94%, газ дар Туркманистон зиёда аз 40%, Ӯзбекистон 30%, Қазоқистон 28% мавҷуд аст [7,с.81].

Таҳлили қиёсии захираҳои табиии ҷумҳурӣ бо дигар давлатҳо нишон доданд, ки захираҳои табиии давлатҳои ҳамсоя аз ҷумла, захираҳои нафтӣ ва энегетикӣ асосан: гази табиӣ (Ӯзбекистон), нафт (Туркманистон), гидроэнергетика ва ангишт (Қирғизистон), нафту ангишт (Қазоқистон) ва қисми зиёди захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гидроэнергетика иборат мебошанд. Дар баробари ин, қисми зиёди захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд [17,с.37].

Чихеле маълум аст, дар доираи мамлакатҳои ИДМ Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои гидроэнергетикӣ баъди ФР ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Дар ин ҷо таҳлили қиёсии дарёҳои Тоҷикистон - Панҷ, Вахш ва дарёи асосии Қирғизистон - Норин, инчунин, дарёи асосии Россия – Волгаро дар ҷадвали 1 дида мебароем.

**Ҷадвали 1. Таҳлили муқоисавии самаранокии иқтидори обию энергетикии дарёҳои Панҷ, Вахш, Норин ва Волга**

**Table 1. Comparative analysis of the efficiency of water and energy capacity of Panj, Vakhsh, Norin and Volga rivers**

| Дарё | Дарозӣ, км. | Маҷрои халиҷ, м³/с | Потенсиал, млн. кВт.с. | Тавлиди қувваи барқ, млрд. кВт.ч. | Иқтидори муқоисавӣ, ҳазор кВт./км. |
|---|---|---|---|---|---|
| Панҷ | 1000,8 | 2135,6 | 11,42 | 100,1 | 11,4 |
| Вахш | 691,0 | 618,3 | 8,4 | 74,1 | 12,2 |
| Норин | 535 | 480 | 5,8 | 56,9 | 10,8 |
| Волга | 3690,0 | 7790,0 | 6,2 | 54,0 | 1,7 |

Манбаъ: Дар асоси ин сарчашма таҳия шудааст: Водные и энергетические ресурсы Центральной Азии: проблемы использования и развития // Отраслевой обзор, Евразийский банк развития. -Алматы, 2008. - С.10.

Чуноне, ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бар меяд, дарёи Волга бо вуҷуди паҳноварию дарозии худ ва қувваи нисбиаш дар 1 километр назар ба дарёҳои Вахшу Панҷ ҳам аз ҷиҳати неру ва ҳам аз ҷиҳати тавлиди қувваи барқ то даҳ баробар кам мебошад.

Шароити кунунии истихроҷи иқтидори захираҳои обӣ-энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ зарурати махсусгардонии робитаҳои мутақобилан судмандро дар соҳаҳои коркарди захираҳо, истеҳсол ва таъмини неруи барқ ба истифодабарандагон ба бор меоранд.

Дар баробари ин, Тоҷикистон яке аз давлатҳои захираҳои беназирдоштаи гидроэнергетикӣ ба ҳисоб меравад. Иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш буда, дар маҷмуъ, 4%-и гидроэнергетикаи курраи

заминро ташкил медиҳад. Тоҷикистон аз рӯи захираҳои гидроэнергетикии худ дар ҷаҳон ҷои ҳаштумро ишғол мекунад. Нишондиҳандаҳои асосии неруҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ба ҳар сари аҳолӣ (87, 8 ҳазор кВт/соат дар як сол / шахс) – ҷойи дуюм, оид ба ҳудуди захираҳои эҳтиётии гидроэнергетика дар як км. кв. (3682,7 ҳазор кВт/соат дар як сол / км$^2$) ҷои якум, аз рӯйи неруи содиротии гидроэнергетика ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёҳои зиёде мавҷуд аст, ки нишебиҳои тулониро тай намуда, захираҳои бузурги энергетикиро ба бор меоваранд. Наздики 8%-и масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пиряхҳо ташкил медиҳанд. Маҷмуи умумии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 500 км.$^3$ мебошад, яъне 52%-и захираҳои оби тозае, ки дар пиряххои Осиёи Марказӣ мавҷуд аст, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд. (Ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2004).

Мавриди зикр аст, ки ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 16-17 милиард кВт/соат (наздики 5-6%-и иқтидори умумии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда) неруи барқ истеҳсол мешавад.

Иқтидори захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистонро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст ки:

- Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги пурсамари иқтисодии обӣ-энергетикӣ буда, истифодаи оқилона ва самараноки он зарур мебошад.

- Захираҳои обӣ-энергетикӣ имконят медиҳанд, ки тамоми аҳолии кишвар бо неруи арзони аз нигоҳи экологӣ тоза таъмин бошанд.

- Захираҳои обӣ-энергетикӣ ин яке аз омили муайянкунандаи саноати махсусгардонидашудаи кишвар мебошад.

- Неруи энергетикӣ метавонад як ҷузъи муҳимми содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад [11,с.43].

Ҳамин тавр истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ-энергетикӣ яке аз омили асосии рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, замина ва мақсади фароҳам овардани иқтидори содиротии он ба кишварҳои дигар ва минтақаҳо мебошад. Иқтидори содиротӣ ва рушди он раванди мураккабест, ки соҳаҳои дохилӣ ва беруни иқтисодиро дар тамоми марҳилаҳои иқтисоди миллӣ ҳамчун системаи мураккаби иқтисодӣ дар бар мегирад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди кишвар гидроэнергетика мебошад, ки истиқлолияти пурраи энергетикии кишвар ба он вобаста аст. Тоҷикистон метавонад дар як сол 527 миллиард киловатт-соат неруи барқ тавлид кунад, ки аз ҷиҳати экологӣ тозатарин ва аз ҷиҳати иқтисодӣ арзонтарин аст.

Истифодаи самараноки захираҳои ғании гидроэнергетикӣ ва оби тозаи кишвар ба манфиати на танҳо сокинони кишвар, балки ба манфиати тамоми минтақа мебошад. Дар давоми ҳафт соли охир барои сохтмон ва таъмири иншоотҳои гидроэнергетикии кишвар қариб 12 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст. Зиёд кардани истеҳсоли қувваи барқ бо роҳи сохтани неругоҳҳои обии миёна ва калон на танҳо ба манфиати Тоҷикистон, балки ба манфиати ҳамаи мамлакатҳои тараққиёбанда ва дигар минтақаҳо низ мувофиқ аст [2,с.205].

Ба роҳ мондани равандҳои содиротӣ дар доираи вилоятҳо аз мо таҳлил ва коркарди амиқи сиёсати мувофиқи минтақавиро тақозо менамояд. Воқеан бо ин роҳ дар раванди таҳаввулоти сиёсати тиҷорати берунии давлат, дар давраи гузариш аз амалияи идоракунии қатъии амудӣ ба рушди неруҳои содиротии минтақаҳо ва либерализатсияи (озодӣ) ҷараёни содиротию мустақилияти муносибати субъектҳои иқтисодӣ ва ғайра ба мақсад расидан мувофиқ аст.

Оиди иқтисодиёти минтақаҳо аз нуқтаи назари иқтисодчӣ А.А. Малтсев таъриф дар бораи моҳияти неруи содиротӣ оварда шудааст. Бо дар назардошти муайян кардани раванди содиротии неруҳои энергетикӣ, муайян кардани заминаи содиротии он дар асоси муайян намоии имкониятҳои миқдории содироти дохилии минтақаҳо ва иқтидори истеъмолии бозори хориҷӣ маънидод мешавад [9; 10,с.38, 69].

С.Г. Камолов дар зери мафҳуми неруи содиротӣ, қобилиятнокии низоми истеҳсоли молҳо, технологияҳо ва хизматрасониҳое, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ рақобатпазиранд маънидод намуда, оиди бавуҷудории рушди захираҳо, қувваи истеҳсолкунанда, низоми

маориф, зерсохтори фурӯши хизматрасониҳо ва низоми молиявию пулии имкониятҳои содиротиро арзёбӣ менамояд [3,с.3].

Неруи содиротӣ аз ҷониби олимони зиёд [1,с.525] дида баромада шуда, зарурати муайянсозии таркиби неруи содиротии минтақаҳо низ аз нигоҳи иқтисодиёт ба мақсад наздик аст.

Назари мо оиди мақсад ва фаҳмиши иқтисодии нерӯи содиротии минтақаҳо, ин ба ҳадди аксар расонидани нерӯи содиротӣ ва рақобатпазир будани он дар бозори ҷаҳонӣ байни молҳою хизматрасониҳое, ки дар шароити вазнини сохтори соҳаҳои минтақаҳо мавҷуданд, мебошад.

Дар раванди таҳлили моҳият ва мазмуни неруи содиротии минтақаҳо зарур аст, ки маҷмуи қобилияти низоми иқтисодии минтақавӣ барои истеҳсоли молҳо, технологияҳову хизматрасониҳое, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ аст, ба вуҷуд оварда шавад. Ин ҳам бошад аз истифодаи оқилонаи захираҳои табиии минтақаҳо сарчашма мегирад.

Мавҷудияти ин ҷавҳари дутаркибаи хосси иқтисодиёти берунӣ ва дохилии корхона имкон медиҳад, ки мо чунин хулосабарорӣ намоем: Яъне, неруи содиротиро дар доираи низоми иқтисодии корхона низ таҳлил намудан бамаврид мебошад.

Аммо категорияи потенсиали иқтисодӣ ин танҳо мафҳуми ибтидоии ҷузъиро дар бар нагирифта, балки фаҳмиши умумии зиёди "иқтидори умумии корхона"-ро мефаҳмонад. Ин худ патенсиали техникӣ, иҷтимоӣ, воситаҳои ғайримоддӣ – имиҷ, фарҳанги брендии корпоративӣ, патенту ихтироот ва ғайраро дар бар мегирад [4,с.24].




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар маънои васеъ, дар зери мафҳуми потенсиал "иқтидор" фаҳмишҳои манбаъҳо, воситаҳо ва захираҳои мавҷударо мефаҳманд, ки маъноҳои сафарбар кардан, ба кор андохтан ва мақсади ноил гаштан ба ҳадафҳои муайян, татбиқи нақша, ҳалли масъалаҳо, амалинамоии ҳадафҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатиро дар бар мегирад.

Бинобар ин, потенсиал ин мавҷудияти захираҳо, имкониятҳо ва ҳам самти самаранок ва мақсадноки истифодаи онҳоро дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки потенсиал ин ченаки ягонаи он чизҳоест, ки ба даст оварда шудаанд (эҳтимолан барои як ҳадафи мушаххас истифода мешавад) ва он чизе, ки имконпазир бошад, яъне дар шароити муайяни вақт ба даст оварда шавад, фаҳмида мешавад.

Чи тавре аз таҳлилҳо бар меояд, мафҳуми "патенсиал" бори аввал дар охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта мавриди истифода қарор гирифта, дар шароити муосир ҳамчун категорияи муҳимми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр неруи содиротии иқтисоди миллӣ, дар худ ҷузъи дохилии қобилияти тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, саноат, соҳаҳои алоҳида ё ширкатҳоро оиди истеҳсол намудани миқдори муайяни маҳсулоти рақобатпази барои содирот дар бозори хориҷӣ инъикос менамояд. Барои беҳтаргардонии фаъолияти содиротӣ ва тавлиди молҳои баландсифат, бояд ба равандҳои табдилдиҳӣ ва гузариш аз як ҳолати муқаррарӣ ба ҳолати нави коркарди маҷмуи захираҳои зарурӣ, диққати махсус зоҳир намуд.

**Муқарриз: н.и.и., м/к.-и ДМТ – Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**

1. Борисюк Н.К. Развитие экспортного потенциала региона с целью его интеграции в мировое сообщество / Н.К. Борисюк, Р.М. Прытков // Взаимодействие реального и финансового секторов в трансформационной экономике. Материалы Международной научной конференции. -Оренбург: ИПК ГОУ ОГУ, 2008. -С.525–528.
2. Зиёев С.С. Экономический рост Таджикистана и его приоритетные направления / С.С. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. -№9. –С.203-207. – EDN FRGVJN.
3. Камолов, С.Г. Об экспортной ориентации ВЭС / С.Г. Камолов // БИКИ. – 1997. -№139. -С.2-3.
4. Карачев И.А. Определение категории «экспортный потенциал предприятия» в контексте формирования региональной модели ВЭД / И.А. Карачев // Вестник финансового университета. Экономика и управление народным хозяйством. – 2015.-№4. -С.24-37.
5. Киреенко А.П. Влияние масштабов и структуры внешней торговли на социально-экономическое развитие (сравнительный анализ на примере субъектов Сибирского федерального округа) / А.П. Киреенко, Е.О. Завьялова // Известия ИГЭА. - 2014. -№3(95). -С.27-35.
6. Климов С.М. Государственное регулирование экономики в регионе / С.М. Климов, И.Л. Маценович, А.М. Ходачек. -СПб.: Знание, 2005. -148 с.
7. Койчуев Т. Электроэнергетика ЦАР: особенности функционирования и развития / Т. Койчуев, К. Гусев // Приоритеты сотрудничества ЦАС. -С.81-87.
8. Макарова Е.В. Роль внешней торговли в обеспечении устойчивости экономической системы / Е.В. Макарова // Российский экономический интернет-журнал. - 2006. -№3.
9. Мальцев А.А. Организация и стимулирование региональной внешнеэкономической деятельности / А.А. Мальцев, Е.Л. Андреева, И.Б. Рябова // Как оздоровить местную экономику. Ориентиры для российских должностных лиц. -М.: Дело ЛТД, 1995. -С.69–86.
10. Мальцев, А.А. Внешнеэкономические отношения: компромисс интересов или «вотчина» территорий / А.А. Мальцев // Внешняя торговля. – 1998. -№7-9. -С.38-41.
11. Раупов К.С. Природные ресурсы Таджикистана как фактор развития конкурентоспособного экспортного потенциала / К.С. Раупов // Россия и Азия. – 2018. -№3(4).
12. Степнов И.М. Регулирование внешнеэкономической деятельности как фактор повышения конкурентоспособности региона (на примере Рязанской области) / И.М. Степнов, М.Е. Суворова // Российский внешнеэкономический вестник. - 2012. -№11. -С.34-42.
13. Тимченко Р.О. Теоретические основы исследования участия регионов во внешней торговле / Р.О. Тимченко // Вестник Ростовского государственного экономического университета. - 2017. -№1(57). -С.82-86.
14. Хофизов Х.А. Анализ современного состояния и тенденции использования природно-ресурсного потенциала региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№5. -С.122-130.
15. Хофизов Х.А. Оценка инвестиционного обеспечения эффективного использования природно-ресурсного потенциала: эколого-экономические аспекты / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№3. -С.23-32.
16. Шарипов У.А. Инвестиционные процессы в регионе: совершенствование организационно-экономического механизма их активизации / У.А. Шарипов, А.У. Хомидов. –Душанбе: Дониш, 2020. -173 с.
17. Шарипов У.А. Инвестиционные риски в энергетике Республики Таджикистан: методы управления и их оценка на региональном уровне / У.А. Шарипов, З.М. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2022. -№8. -С.37-45.
18. Шерова, Н.Д. Роль инвестиций в энергетическом секторе Республики Таджикистан / Н.Д. Шерова, И.Б. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№10. –часть 1. -С.198-202. – EDN OTLOYV.

## АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити муосири иқтисодӣ таҳлили амиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, ин ҳадафи стратегии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Ҳадафи ниҳоии дарёфти самтҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ, ин зарурати таъмини бартариятҳои рақобатпазирии кишварро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба миён меорад. Воқеан бо ин роҳ дар раванди таҳаввулоти сиёсати тиҷорати берунии давлат дар давраи гузариш аз амалияи идоракунии қатъии амудӣ ба рушди неруҳои содиротии минтақаҳо ва либерализатсияи (озодӣ) ҷараёни содиротию мустақилияти муносибати субъектҳои иқтисодӣ ва ғайра ба мақсад расидан мувофиқ аст. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва дарёфти бартариятҳои рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба якдигар бевосита алоқаманд буда, барои пешрафти иқтисоди кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад. Дар мақолаи мазкур таҳлилу омӯзиши махсус оиди ташаккули иқтидори содиротии гидроэнергетика гузаронида шудааст. Дар баробари ин, ҳамчунин, усулҳои ҷалби сармоя ба рушди гидроэнегетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Асосан сохтори иқтидори содиротии минтақа ва механизмҳои танзиму маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ дар рушди иқтидори содиротии гидроэнергетика баррасӣ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, маблағгузорӣ, иқтидори энергетикӣ, минтақа, инфрасохтор, истеъмол, содирот.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В современных условиях углубления глобализационных процессов решение проблем обеспечения конкурентоспособности национальной экономики приобретает стратегическое значение для каждой страны. Последнее обуславливает необходимость поиска и нахождения ключевых направлений развития национальной экономики, обеспечивающих конкурентные преимущества страны на внешнем и внутреннем рынке. По существу, в процессе эволюции внешнеторговой политики государства в период перехода от практики жесткого вертикального управления к развитию экспортных сил регионов и либерализации (свободе) экспортный поток, целесообразно достижение цели независимости отношений хозяйствующих субъектов. При этом, нахождение и наращивание конкурентных преимуществ национальной экономики напрямую связывается с эффективным использованием природно-ресурсного потенциала регионов, имеющего для страны стратегическое значение. В данной статье рассматривается полемика о формировании экспортного потенциала гидроэнергетики. А также предлагаются методы привлечения инвестиций в развитие гидроэнергетики Республики Таджикистан. Рассмотрено структурные элементы экспортного потенциала региона и механизмы для регулирования и финансирования инвестиционного проекта развития экспортного потенциала гидроэнергетики.

**Ключевые слова:** инвестиции, финансирование, энергетический потенциал, регион, инфраструктура, потребление, экспорт.

## METHODOLOGICAL BASES FOR FORMING THE EXPORT POTENTIAL OF HYDROPOWER IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In modern conditions of deepening globalization processes, solving the problems of ensuring the competitiveness of the national economy is of strategic importance for each country. The latter necessitates the search for and finding key areas for the development of the national economy that provide the country's competitive advantages in the foreign and domestic markets. Actually, in this way, in the process of the evolution of the foreign trade policy of the state in the period of transition from the practice of strict vertical management to the development of the export forces of the regions and the liberalization (freedom) of the export flow, it is appropriate to achieve the goal of independence of the relationship of economic subjects, etc. At the same time, finding and increasing the competitive advantages of the national economy is directly related to the effective use of the natural resource potential of the regions, which is of strategic importance for the country. This article examines the controversy in the formation of the export potential of hydropower. It also proposes methods for attracting investment in the development of hydropower in the Republic of Tajikistan. The structural elements of the export potential of the region and the mechanisms for regulating and financing an investment project in the development of the export potential of hydropower are considered.

**Keywords**: Investments, financing, energy potential, region, infrastructure, consumption, export, attraction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собиров Исмоил Абдусабурович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **773333878.** E-mail: **Ismoil_Sobirov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Собиров Исмоил Абдусабурович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **773333878.** E-mail: **Ismoil_Sobirov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sobirov Ismoil Abdusaburovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **773333878**. E-mail: **Ismoil_Sobirov@mail.ru**

ТДУ: 338.439.5

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАНЗИМИ БОЗОРҲОИ ОЗУҚАВОРӢ

*Саидова Н.И., Каримова Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ имкон дод, ки ду модели фаъолияти бозори озуқа муайян карда шавад. Модели якум, яъне либералӣ, пешбинӣ мекунад, ки нархҳо дар бозори озуқа танзим карда намешаванд, дар ҳоле ки барои ҳифзи табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ тавассути субсидияҳо, грантҳо, имтиёзҳо, тамғаҳои озуқаворӣ ва ғайра чораҳо андешида мешаванд.

Модели дуюм аз консепсияи нақши фаъоли давлат дар танзими бозори озуқа асос ёфтааст. Ин модел бештар ба ғояи иқтисоди танзимшавандаи иҷтимоӣ нигаронидашуда мувофиқат мекунад. Хусусияти асосии модели мазкур дар он аст, ки дар сатҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул нигоҳ доштани нархи бозории озуқавориро таъмин менамояд. Гузашта аз ин, механизми нигоҳ доштани нархи истеъмолӣ аз методҳои бозорӣ асос ёфтааст. Модели дуюм бештар дар кишварҳои дорои соҳаи кишоварзиашон рушдёфта маъмул аст [15].

Баръакси кишварҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон давлат дар танзими нобаробарии нархҳо ва вазъи нархҳо дар бозор фаъолона иштирок намекунад. Мо чунин меҳисобем, ки тадбирҳои танзими давлатӣ бояд ба манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, коркардкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ ҷавобгӯ бошанд. Вазифаи идораи давлатӣ аз он иборат аст, ки таносуби мувофиқи механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолият ва рушди бозори озуқаворӣ таъмин карда шавад [4,с.16-24].

Танзими давлатии бозори озуқаворӣ дар хориҷа механизми мураккаби муносибатҳои байнисоҳавӣ ва байниқтисодӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити устувори иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маводи озуқаи хушсифат дар сатҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабули нархҳо мебошад. Ин механизм воситаҳои таъсиррасонӣ ба даромади деҳқонон, ба сохтори истеҳсолоти аграрӣ ва сохтори иҷтимоии деҳотро дарбар мегирад. Дар айни замон мазмуни асосии сиёсати аграрии аксарияти давлатҳои мутараққиро дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ тавассути субсидияҳои гуногун, дотатсияҳо ва имтиёзҳои гуногун ташкил медиҳад. Дар баъзе кишварҳо маблағгузории молиявии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз арзиши бозории маҳсулоти он 1,5-2 маротиба зиёд аст [5,с.24-28].

Дастгирии давлат ба соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ дар афзоиши якбораи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар кишварҳое, ки айни замон бузургтарин содиркунандагони он мебошанд - дар ИМА, Канада, давлатҳои ИА - нақши калон бозид [11,с.93-99].

Ба тадбирҳои субсидиякунонии мустақими давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дастгирии даромади онҳо нисбат дода мешавад, ки аз:

- пардохтҳои мустақими ҷуброни давлатӣ;
- пардохтҳо ҳангоми расонидани зарар аз офатҳои табиӣ;
- пардохт барои товони зарари вобаста ба азнавташкилдиҳии истеҳсолот (пардохт барои кам кардани майдони кишт, забҳи маҷбурии чорво ва ғайра) иборат мебошанд.

Ба тадбирҳои танзими ғайримустақими давлатии комплекси агросаноатӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Дахолати нархӣ ба бозори озуқа бо роҳи дастгирии нархҳои дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, муқаррар намудани квота ва таруфаҳо, муқаррар намудани андозҳо аз содирот ва воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ.
2. Ҷуброни хароҷоти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои харидории воситаҳои истеҳсолот бо маблағгузорӣ барои харидории нуриҳои маъданӣ, доруҳои захрнок ва хӯроки чорво, пардохти фоизи қарзҳои гирифташуда, пардохт барои суғуртаи амвол.

3. Мусоидат ба рушди бозор, ки ҷудо кардани маблағҳои давлатиро барои коркард ва амалигардонии барномаҳои бозоргонӣ, маблағгузориро барои нигоҳдории маҳсулот ва корҳои нақлиётӣ ва ҳамлу нақли маҳсулот пешбинӣ менамояд.

4. Мусоидат ба рушди инфрасохтори саноатӣ, ки ҷудо кардани маблағҳои давлатиро барои гузаронидани тадбирҳои дарозмуддат, ки афзоиши самаранокии истеҳсолотро таъмин мекунанд, субсидияҳо барои сохтмони биноҳои истеҳсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои обёрӣ, азнавбарқарорсозии заминҳо ва мусоидат ба таъсиси ассотсиатсияҳои фермерӣ.

Дар сохтори маблағгузориҳои давлатии мамлакатхои хориҷӣ ҳиссаи калонтаринро фондҳо барои дастгирии нархҳо ишғол менамоянд. Дар консепсияҳои муосири нархгузорӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои дорои иктисодиёти бозоргонии тараққикарда дахолати фаъолонаи давлат ба ташаккул ва танзими нархҳо пешбинӣ шудааст. Низоми танзими давлатии нархҳо тақрибан дар ҳамаи кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии мутараққӣ якхела буда, муқаррарсозии маҳдудиятҳои болоӣ ва поёнии тағйирёбии нархҳо ва нархи индикативӣ ё шартиро, ки давлат мехоҳад онҳоро нигоҳ дорад ва харидорӣ ва ё фурӯши маҳсулоти зудвайроннашавандаро бо мақсади дахолати молӣ ва нигоҳ доштани сатҳи дилхоҳи нархҳо пешбинӣ менамояд [8].

Хусусияти муҳимми ташаккули бозори ҷаҳонии озуқаворӣ истифодаи дастовардҳои муҳандисии генетикӣ гардид. Тақсимоти истеҳсолкунандагони асосӣ аз рӯи кишварҳо нисбат ба минтақаҳое, ки барои парвариши ГМО ҷудо карда шудаанд, дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Зироатҳои озуқавории маъмултарини ГМО, чунон ки аз ҷадвал бармеояд, лубиё ва ҷуворимакка мебошанд. Пешсафи ҷаҳонӣ дар истеҳсоли ГМО ИМА (53,5%), баъд Аргентина ва Бразилия (17,6% ва 11,3%), Канада (6,0%), Ҳиндустон ва Чин (3,7% ва 3,4%) мебошанд [9,с.66-68].

**Ҷадвали 1. Мамлакатҳои пешрави истеҳсолкунандагони ГМО (бо назардошти масоҳати кишти маҳсулоти мазкур)**

**Table 1. Leading GMO producing countries (taking into account the area of cultivation of this product)**

| № | Мамлакат | Масоҳаи (млн га) | % аз масоҳати умумӣ* | Зироатҳои ГМ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ШМА | 54,6 | 53,5 | Соя (як навъи лубиё), ҷуворимакка, пахта, маъсар, тарраҳо, папайя, юнучқа |
| 2 | Аргентина | 18,0 | 17,6 | Соя (як навъи лубиё), ҷуворимакка, пахта |
| 3 | Бразилия | 11,5 | 11,3 | Соя, хлопчатник |
| 4 | Канада | 6,1 | 6,0 | Маъсар, Ҷуворимакка, соя (як навъи лубиё), |
| 5 | Ҳиндустон | 3,8 | 3,7 | Пахта |
| 6 | Хитой | 3,5 | 3,4 | Пахта |
| 7 | Парагвай | 2,0 | 2,0 | Соя (як навъи лубиё) |
| 8 | Африкаи Ҷанубӣ | 1,4 | 1,4 | Ҷуворимакка, соя (як навъи лубиё), пахта |
| 9 | Уругвай | 0,4 | 0,4 | Соя (як навъи лубиё), Ҷуворимакка |
| 10 | Филиппин | 0,2 | 0,2 | Ҷуворимакка |
| 11 | Австралия | 0,2 | 0,2 | Пахта |
| 12 | Руминия | 0,1 | 0,1 | Соя (як навъи лубиё) |
| 13 | Мексика | 0,1 | 0,1 | Пахта, соя |
| 14 | Испания | 0,1 | 0,1 | Ҷуворимакка |
| 15 | Колумбия | на кам аз 0,1 | на кам аз 0,1 | Пахта |
| 16 | Фаронса | на кам аз 0,1 | на кам аз 0,1 | Ҷуворимакка |
| 17 | Эрон | на кам аз 0,1 | на кам аз 0,1 | Биринҷ |

Сарчашма: Clive James, ISAAA. - 2006г.

Мақсади танзими давлатии бозори ГМО ноил шудан ба мақсадҳои зерин мебошад:

- таъмини амнияти озуқаворӣ: нигоҳ доштани мувозинат байни ҳаҷм ва сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, ки барои таъмини ҳаёти муътадили аҳолӣ заруранд ва ба ҳадди ақал кам кардани хатари мутатсияи генҳо барои наслҳои оянда;

- таъмини амнияти экологӣ: пешгирӣ аз воридшавии растаниҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта ба экосистемаҳои кушода, ки метавонад боиси тағйироти бебозгашт дар муҳити зист гардад;

- таъмини амнияти иқтисодӣ: рушди истеҳсолоти дохилӣ ва диверсификатсияи бозори озуқа;

- Кишварҳои Амрикои Шимолӣ ва Иттиҳоди Аврупо пешвоёни мутлақ дар истеҳсол ва истеъмоли ГМО мебошанд. Бо вуҷуди ин, принсипҳо ва стандартҳое, ки заминаи қонунгузорӣ истеҳсол ва муомилоти ГМО-ро дар ин кишварҳоро танзим мекунад, гуногунанд.

Хусусияти фарққунандаи танзими бозори истеҳсол ва муомилоти ГМО дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо танзими қатъӣ ва ба низом даровардани тамоми заминаи қонунгузорӣ мебошад.

Дар ШМА принсипҳои ягонаи танзими тамоми бозорҳои озуқаворӣ, ҳам анъанавӣ ва ҳам аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта ва инчунин органикӣ мавҷуданд.

Солҳои охир дар кишварҳои пешрафта ба рушди кишоварзии органикӣ ва ташаккули бозори маҳсулоти экологии кишоварзӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад. Хусусиятҳои бозори ғизои органикӣ пеш аз ҳама иборатанд аз:

- усули истеҳсоли маҳсулоти ғизоии экологӣ ва таъини онҳо;

-назорати раванди истеҳсолот;

- нархи маҳсулоти ғизоии экологӣ нисбат ба нархи маҳсулоти шабеҳи шартӣ;

- каналҳои тақсимоти маҳсулоти экологӣ;

- андоза ва марҳилаи бозори ғизои органикӣ.

Лихтенштейн аз рӯи ҳиссаи хоҷагиҳои органикӣ дар Аврупо ҷои аввалро ишғол мекунад. Қариб сеяки хоҷагиҳоро хоҷагиҳои экологӣ ташкил медиҳанд. Инҳо, пеш аз ҳама, хоҷагиҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошанд, ки 30 гектари он дар кӯҳистон ҷойгиранд [14].

Дар Швейтсария, ки ҷойи дуюмро ишғол мекунад, аксарияти хоҷагиҳо дар кӯҳҳо - 59%, 21% дар баландкӯҳ ва танҳо 20% дар пастхамӣ ҷойгир шудаанд. Майдони миёнаи хоҷагии экологии ин ҷо 17,20 гектарро ташкил медиҳад. Пешвои экологӣ дар Швейтсария Кантон Граубенден мебошад, ки дар он ҳиссаи хоҷагиҳои экологӣ қариб 50%-ро ташкил медиҳад.

Ҷойи сеюмро Австрия ишғол кардааст. Хочагиҳои калонтарин масоҳаташон аз 10 то 20 гектар - тақрибан 36% ва аз чор се ҳиссаи он хоҷагиҳои масоҳати то 20 гектарро ташкил медиҳанд. Аксарияти хоҷагиҳо дар заминҳои Залтсбург ва Сурия воқеъ гардидаанд.

Дар Олмон 52% масоҳати заминҳои кишти экологӣ заминҳои сабзи доимӣ, 44% заминҳои корам ва боқимондаро заминҳои махсус ишғол менамояндд. Аксари минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ киштшаванда дар заминҳои Бавария, Бранденбург ва Маклембург – Померанияи наздик ҷойгиранд [14]. Маълумоти муфассал оид ба шумораи хоҷагиҳои кишварҳои дар боло зикршуда дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Миқдори хоҷагиҳои экологӣ дар Аврупо дар соли 2019**
**Table 2. Number of ecological farms in Europe in 2019**

| Мамлакат | Миқдори хоҷагиҳо | Вазни қиёсии хоҷагиҳо, % | Масоҳати киштзор, га | Вазни қиёсии киштзорҳои хоҷагии қишлоқ |
|---|---|---|---|---|
| Лихтенштейн | 39 | 28 | 1048 | 29,68 |
| Австрия | 19997 | 9,30 | 372026 | 13,36 |
| Швейтсария | 6199 | 10,20 | 116641 | 11,00 |
| Олмон | 18703 | Нет данных | 865336 | 5,11 |
| Полша | 11887 | 0,07 | 285878 | 1,85 |

Сарчашма: Таҳлили бозори аграрӣ http://agrocomplex.info

Андозаи бозори маҳсулоти органикии кишварҳои пешрафтаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти органикӣ дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

Бо таҳлили маълумот дар бораи тағйироти гардиши маҳсулоти озуқаворecho экологӣ дар Олмон дар давоми 9 соли охир тамоюли болоравӣ мушоҳида карда

**Ҷадвали 3. Андозаи бозори маҳсулоти ғизои органикӣ**
**Table 3. Market size of organic food products**

| Мамлакат | Гардиш (млн евро) | Гардиш барои ҳар як шаҳрванд (евро) | Вазни қиёсии маҳсулоти экологӣ | Вазни қиёсии истеъмолкунандагони маҳсулоти тозаи экологӣ |
|---|---|---|---|---|
| Лихтенштейн | 3 | 86 | - | - |
| Австрия | 530 | 64 | 5,4 | 72 |
| Швейтсария | 1,44 | - | - | 73 |
| Олмон | 4600 | 56 | - | 74 |
| Полша | 20 | 1 | 0,16 | 20 |

Сарчашма: Таҳлили бозори аграрӣ http://agrocomplex.info

мешавад (ниг. ба чадвали 4). Ҳарчанд дар соли 2018 нисбат ба соли қаблӣ афзоиши қобили мулоҳизаи гардиши мол ба андозаи беш аз 9% мушоҳида шудааст, аммо ин камтарин дар панҷ соли охир аст. Шояд ин коҳиши афзоиш нишонаи дақиқи буҳрони иқтисодӣ бошад.

**Ҷадвали 4. Бозори маҳсулоти экологии озуқаворӣ дар олмон дар солҳои 2010–2019**
**Table 4. Market of ecological food products in Germany in 2010-2019**

| Сол | Гардиш, млн евро | Бузургии нисбии тағйиротҳо,% |
|---|---|---|
| 2010 | 2,1 | - |
| 2011 | 2,7 | 28,5 |
| 2012 | 3,0 | 11,1 |
| 2013 | 3,1 | 3,3 |
| 2014 | 3,5 | 12,9 |
| 2015 | 3,9 | 11,4 |
| 2016 | 4,6 | 18,0 |
| 2017 | 5,3 | 15,2 |
| 2019 | 5,8 | 9,4 |

Сарчашма: Таҳлили бозори аграрӣ http://agrocomplex.info

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти органикии кишоварзӣ одатан нисбат ба истеҳсолкунандагони муқаррарӣ нархи маҳсулоти фурӯхташавандаро баландтар талаб мекунанд, гарчанде ки бояд қайд кард, ки баъзе маҳсулоти ғизоии органикӣ дар як сатҳ бо маҳсулоти мувофиқи анъанавӣ нархгузорӣ карда мешаванд. Афзоиши нархи ғизои органикӣ, ба ақидаи истеъмолкунандагон, асосан аз афзоиши хароҷоти меҳнат барои истеҳсоли маҳсулоти органикӣ, ҳосилнокии бештари усулҳо, ҳаҷми хурди истеҳсолот, кӯтоҳ шудани мӯҳлати нигоҳдории маҳсулоти истеъмолӣ ва дастрасии ками маҳсулоти органикӣ дар бозорҳо вобаста аст.

**Ҷадвали 5. Сатҳи муқоисавии нархҳо барои маҳсулоти экологӣ (%)**
**Table 5. Comparative level of prices for ecological products (%)**

| Мамлакат/сол | Фарқияти нарх дар сатҳи истеҳсолкунандагон | | | | | Фарқияти нарх дар сатҳи истеъмолкунандагон | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | сабзавот | нон | шир | картошка | мевагӣ | сабзавот | нон | шир | картошка | мевагӣ |
| Швейтсария | | | | | | | | | | |
| 2017 | 30-70 | 40 | 10-12 | 50 | 40-45 | 40-80 | 40-50 | 10 | 50 | 50-60 |
| 2019 | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Австрия | | | | | | | | | | |
| 2017 | - | 100 | 20-30 | 100-120 | - | - | 20-30 | 25-30 | 50-100 | - |
| 2019 | - | 170 | 18 | 280 | - | - | - | 27 | 34 | - |
| Олмон | | | | | | | | | | |
| 2017 | 50 | 100 | 15 | 200 | 50 | 20-100 | 20-150 | 25-80 | 50-100 | 20-150 |
| 2019 | - | 134 | 10 | 300 | - | - | 86 | 56 | 147 | - |

Яке аз шаклҳои ояндадори савдои яклухт дар мамлакатҳои мутамаддин низоми савдои маҳсулоти кишоварзӣ ба воситаи бозорҳои яклухти озуқа мебошад. Таъминоти бевоситаи озуқаворӣ ба низоми савдои чакана шабакаи супермаркетҳо) маҳдуд аст. Дар баробари ин, омӯзиши талабот, ташкили реклама, ҷустуҷӯйи харидорон ва ғайра ба

худи истеҳсолкунанда вогузор карда мешаванд, ки ин бесамар аст ва боиси зиёд шудани захираи маҳсулоти тайёр ва болоравии хароҷот ва нарх мегардад [1].

Таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА ва Ҷопон нишон медиҳад, ки бозорҳои яклухтфурӯшии озуқаворӣ ба фаъол шудани муомилоти мол, беҳтар конеъ гардонидани талаботи аҳолӣ мусоидат намуда, афзоиши нархи маводи озуқаро бозмедоранд. Ташкили бозорҳои яклухтфурӯшии озуқа марҳилаи зарурӣ дар таҷдиди сохтори каналҳои пешбурди қисми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Рушди минбаъдаи онҳо дар хориҷа роҳи махсусгардонии бозорҳои яклухти фурӯши баъзе навъҳои молро пеш мегирад. Дар баробари ин барои бо маҳсулоти озуқа таъмин кардани супермаркетҳо ва дигар истеъмолкунандагони калон робитаҳои бевосита ба роҳ монда мешаванд. Худи бозорҳои яклухт бо анборҳо, яхдонҳо, иншооти нақлиётӣ фаро гирифта шудаанд ва ба андозаи зиёд ба марказҳои тақсими маҳсулот мувофиқи фармоиши харидорон табдил меёбанд [2].

Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ (Испания, Фаронса, Ҷопон ва ғайра) нишон медиҳад, ки масоили бо озуқаворӣ таъмин намудани аҳолии шаҳрҳо бо ёрии бозорҳои яклухт самаранок ҳал карда мешавад. Бозорҳои яклухтфурӯшии озуқаворӣ набояд бо бозорҳои хурди яклухт ва чакана омехта карда шаванд, ки аксари сокинон аз онҳ ғизо мехаранд. Ин мавзуи нави савдои яклухт мебошад. Таҷрибаи хориҷие, ки метавонад дар Тоҷикистон дар соҳаи танзими истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бозори озуқаворӣ мутобиқ карда шавад, ки муаллиф ҷамъбаст кардааст, дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 7. Таҷрибаи хориҷии танзими бозори озуқаворӣ, ки барои Тоҷикистон қобили қабул мебошад**

**Table 7. Foreign experience of regulating the food market, which is acceptable for Tajikistan**

| *№* | *Мамлакат* | *Чораҳои танзими давлатӣ* | *Роҳҳои истифодабарии он дар Тоҷикистон* |
|---|---|---|---|
| *1* | ШМА | Механизми меъёрҳои гарав | Таъсиси мақомоти давлатие, ки ба Корпоратсияи молию кредитӣ монанд аст, ки маҳсулоти истеҳсолкунандагони кишоварзиро аз рӯи нархи устувори гарав (ставка) қабул мекунад, агар нархҳои бозор аз гарав паст бошад. |
| | | Дастгирии даромадҳои фермерон | Сатхи нархҳои максаднокро (кафолатнокро) тавре хисоб кардан лозим аст, ки онхо ба деҳқонон дараҷаи даромади такрористеҳсолкунии васеъро кафолат диҳанд ва дар охири сол ба деҳқонон фарқияти байни нархи мақсаднок ва нархи фурӯшро аз буҷет пардохт намоянд, агар охирин пасттар буд |
| *2* | Канада | Таъсиси инфрасохтори самараноки идоракунӣ | Барои иҷрои вазифахои идоракунӣ дар назди Вазорати кишоварзӣ низоми мақомоти гуногун ташкил карда шавад, ки онҳо аз рӯи вазъияти бозорҳои ҷудогонаи озуқаворӣ назорат мекунанд ва масъулияти шахсӣ доранд (масалан, кумитаи ғалла, комиссия оид ба махсулоти ширӣ ва ғайра). |
| *3* | Австрия | Танзими андозӣ ва гумрукӣ-таруфавии воридот | Бо мақсади маҳдуд намудани воридот ҳангоми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ аз воридкунанда андози воридотӣ бо меъёри андози муомилоти дохилӣ ситонида шавад, инчунин меъёрҳои баланди боҷҳои гумрукиро бо афзоиши пай дар пай зиёд кардани онҳо вобаста ба дараҷаи коркарди молҳо муқаррар намояд; ва маблағҳои бадастомадаро барои дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ҷудо намоянд |
| | | Танзими нарх | Қабули Қонун «Дар бораи нарх», ки номгӯи навъҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми маҳсулоти озуқавориро муайян мекунад, ба Вазири иқтисод ваколат медиҳад, ки нархҳои ҳадди аксар, ҳадди ақал ва қатъии молҳоро аз номгӯи мазкур муқаррар намуда, назорат аз болои риояи нархҳоро ба мақомоти иҷроияи маҳаллӣ вогузор намояд |
| *4* | Хитой | Андозбандии имтиёзнок | Озодсозии деҳқонон ва фермерон аз андози кишоварзӣ ва дигар пардохтҳо: ба фонди иҷтимоӣ ва ғ. |
| | | Танзими савдои хориҷӣ | Баргардонидани андоз ба арзиши иловагӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ–содироткунандагогни молҳои озуқаворӣ |
| *5* | Украина | Рушди | Сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди инфрасохтори бозори КАС |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | инфрасохтори бозорҳо | |
| *6* | Эрон | Танзими давлатии нархҳо | Танзими давлатии нархҳо бо воситаи харидории ғайримустақими маҳсулот аз фермерон ва ташкили бозорҳои чаканаи озуқаворӣ |

Эзоҳ: аз ҷониби муаллифон ҷамъбаст карда шудааст

Татбиқ ва мавриди истифода қарор додани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ташаккул ва танзими бозори озуқаворӣ на танҳо ба ҳавасмандгардонии тамоми системаи бозори озуқаворӣ, балки ба тамоми комплекси агросаноатии Тоҷикистон низ мусоидат намуда, собит месозад, ки давлат дар ин самт нақши ҳалкунанда мебозад.

Ҳамин тариқ, барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар кишварҳои хориҷӣ системаи фишангҳои бевосита ва ғайримустақими таъсири давлат: танзими нарх ва даромади хоҷагиҳо, маблағгузории буҷет, қарздиҳӣ, андозбандӣ ва ғайра истифода мешавад. Дар баробари ин қариб тамоми мамлакатҳои тараққикарда дар масъалаҳои содирот ва воридоти ашёи хоми хоҷагии қишлоқ принсипи протексионизми аграриро риоя мекунанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Тоҳирова Р.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Бородин, К.Г. Регулирование агропродовольственных рынков: внешнеэкономический аспект. -М.: Энциклопедия российских деревень, 2005. -С.204.
2. Гантимуров, Н.И. Научные основы формирования и регулирования продовольственного рынка. -Новосибирск: СО РАСХН, 2003. -С.110.
3. Головатюк, М.З. Научные основы формирования регионального продовольственного рынка. -Новосибирск: СО РАСХН, 1999. -С.187.
4. Джумабоев Х.К. Состояние и тенденция развития продовольственного рынка в Республике Таджикистан // Вестник ТГНУ. - 2008. -№1(45). -Часть II. -С.16-24.
5. Добросоцкий, В.И. Государственное регулирование продовольственного рынка (зарубежный опыт) // Мировая экономика и международные отношения. – 2000. -№9. -С.24-28.
6. Джумабоев Х.К. Инфраструктура рынка как фактор повышения продовольственного обеспечения населения // Вестник ТГНУ. - 2007. -№6(38). -С.147.
7. Закшевская, Е.В. Самообеспеченность регионов страны аграрной продукцией и развитие продовольственного рынка / Е.В. Закшевская // Устойчивое развитие агропродовольственного сектора как важнейший фактор социально-экономической стабильности России: материалы II Всерос. конгресса экономистов-аграрников, Москва, 13-15 февр. 2006 г. / РАСХН; редкол.: В.В. Морозов, Л.С. Орсик, И.Г. Ушачев. -М., 2006. -Ч. II. -С.290-293.
8. Зинина, П.И. Развитие механизма государственного регулирования продовольственного рынка региона / П.И. Зинина, Т.В. Глухова. -Саранск: Мордовский гос. ун-т, 2007. -С.224.
9. Коханова Н.М., Анисимов Е.Г. Международный опыт регулирования производства и оборота генетически модифицированных продуктов и возможность его применения в России // Экономические науки. – 2008. -№5. -С.66-68.
10. Кузьмин И.И. Экономическая поддержка сельскохозяйственного хозяйства в развитых странах // Аграрная наука. - 2002. -№4. -С.30-31.
11. Ли Чунюй. Зарубежный опыт государственного регулирования аграрного сектора национального хозяйства // Актуальные проблемы Экономики Украины. – 2011. -№8. -С.93-99.
12. Махмадиев, Ф.Б. Зарубежный опыт государственного регулирования фермерской кооперации / Ф.Б. Махмадиев, И.Х. Мехроби, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/6. -С.157-161.
13. Оценка общественной эффективности создания и функционирования оптовых продовольственных рынков / С.Д. Мельников [и др.]. -М.: ЦЭМИ РАН, 2001. -С.51.
14. Рынок органических продуктов: Состояние и перспективы развития // Аналитика аграрного рынка. [Электронный ресурс]. URL: http://agrocomplex.info
15. Саймон Герберт и др. Общие методы управления. Перевод А.А. Иммигрантор. - 1955. -164 с.
16. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№2. -С.5-12.


**ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАНЗИМИ БОЗОРҲОИ ОЗУҚАВОРӢ**


Дар мақолаи мазкур муаллифон таҷрибаи хориҷии танзими бозорҳои озуқвориро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ имкон дод, ки ду модели фаъолияти бозори озуқа муайян карда шавад. Модели якум, яъне либералӣ, пешбинӣ мекунад, ки нархҳо дар бозори озуқа танзим

карда намешаванд, дар ҳоле ки барои ҳифзи табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ тавассути субсидияҳо, грантҳо, имтиёзҳо, тамғаҳои озуқаворӣ ва ғайра чораҳо андешида мешаванд. Муаллифон қайд менамоянд, ки татбиқ ва мавриди истифода қарор додани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ташаккул ва танзими бозори озуқаворӣ на танҳо ба ҳавасмандгардонии тамоми системаи бозори озуқаворӣ, балки ба тамоми комплекси агросаноатии Тоҷикистон низ мусоидат намуда, собит месозад, ки давлат дар ин самт нақши ҳалкунанда мебозад. Ҳамин тариқ, барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар кишварҳои хориҷӣ системаи фишангҳои бевосита ва ғайримустақими таъсири давлат: танзими нарх ва даромади хоҷагиҳо, маблағгузории буҷет, қарздиҳӣ, андозбандӣ ва ғайра истифода мешавад. Дар баробари ин қариб тамоми мамлакатҳои тараққикарда дар масъалаҳои содирот ва воридоти ашёи хоми хоҷагии қишлоқ принсипи протексионизми аграриро риоя мекунанд.

**Калидвожаҳо:** самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, содирот ва воридоти ашёи хоми хоҷагии қишлоқ, бозори маҳсулоти озуқаворӣ.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РЕГУЛИРОВАНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ РЫНКОВ

В данной статье авторы изучили и проанализировали зарубежный опыт регулирования продовольственных рынков. Изучение зарубежного опыта позволило выделить две модели деятельности продовольственного рынка. Первая модель, т.е. либеральная, предполагает, что цены на продовольственном рынке не регулируются, при этом принимаются меры по защите социально незащищенных слоев населения посредством субсидий, дотаций, льгот, продовольственных талонов и т.п. Авторы отмечают, что внедрение и использование опыта зарубежных стран по формированию и регулированию продовольственного рынка не только способствует стимулированию всей системы продовольственного рынка, но и способствует развитию всего агропромышленного комплекса Таджикистана и доказывает, что государство играет решающую роль в этом направлении. Так, для повышения эффективности сельскохозяйственного производства в зарубежных странах используется система прямых и косвенных рычагов государственного воздействия: регулирование цен и доходов фермерских хозяйств, бюджетное финансирование, кредитование, налогообложение и др. В то же время практически все развитые страны следуют принципу аграрного протекционизма в вопросах экспорта и импорта сельскохозяйственного сырья.

**Ключевые слова:** эффективность сельскохозяйственного производства, экспорт и импорт сельскохозяйственного сырья, рынок продовольственных товаров.

## FOREIGN EXPERIENCE IN REGULATION OF FOOD MARKETS

In this article, the authors studied and analyzed foreign experience in regulating food markets. The study of foreign experience made it possible to identify two models of the food market. The first model, i.e. liberal, assumes that prices in the food market are not regulated, while measures are taken to protect socially vulnerable segments of the population through subsidies, subsidies, benefits, food stamps, etc. The authors note that the introduction and use of the experience of foreign countries in the formation and regulation of the food market not only helps to stimulate the entire system of the food market, but also contributes to the development of the entire agro-industrial complex of Tajikistan and proves that the state plays a decisive role in this direction. Thus, to improve the efficiency of agricultural production in foreign countries, a system of direct and indirect levers of state influence is used: regulation of prices and incomes of farms, budget financing, lending, taxation, etc. At the same time, almost all developed countries follow the principle of agrarian protectionism in export matters. and imports of agricultural raw materials.

**Keywords:** efficiency of agricultural production, export and import of agricultural raw materials, food market.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидова Нозанин Икромовна* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **9000-00-90-52**

***Каримова Нигина Саидмаметовна* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **915-22-12-28**

**Сведения об авторах:** ***Саидова Нозанин Икромовна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **9000-00-90-52**

***Каримова Нигина Саидмаметовна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры экономический теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915-22-12-28**

**Information about the authors:** ***Saidova Nozanin Ikromovna* -** Tajik National University, applicant for the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **9000-00-90-52**

***Karimova Nigina Saidmametovna* -** Tajik National University, Senior Lecturer at the University-wide Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **915-22-12-28**

ТДУ: 336.71(575.3)

# МАСОИЛИ ҶАЛБИ ПАСАНДОЗҲОИ ХОНАВОДАҲО БА НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ибодов А.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои рушди бомуваффақияти иқтисодӣ кишвари мо ва минтақаҳои он ба маблағгузорӣ ниёз доранд. Ҳамзамон, дар ҳама кишварҳое, ки дар онҳо муносибатҳои бозаргонӣ рушд кардаанд, пасандозҳои хонаводаҳо манбаи асосии пасандозҳои миллӣ махсуб меёбанд. Дар мамлакати мо, дар давраи дигаргуниҳои иқтисодӣ, пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун манбаи захираҳои молиявӣ нақши ночиз доштанд. Ҳатто баъзе иқтисодчиён чунин мешумориданд, ки меҳвари сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ бояд маблағҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои шаклҳои гуногуни моликият бошад, на пасандозҳои хонаводаҳо [2,с.18]. Тарафдорони ин равиш бар онанд, ки "танҳо корхонаҳо сарчашмаи асосии сармоягузорӣ шуда метавонанд ва бояд шаванд", аммо "пасандозҳои хонаводаҳо, танҳо дар ҳолати дуруст ҳавасманд сохтани раванди сармоягузорӣ тавассути фондҳои махсуси сармоягузорӣ ва бонкҳо метавонанд дар раванди сармоягузорӣ ёрдамчии хубе шаванд, вале гумон аст, ки асоси сармоягузорӣ шаванд" [7,с.63].

Аз аввали солҳои 90-уми асри XX, дар робита ба гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозоргонӣ, як низоми дузинагии бонкӣ дар кишвар рушд ёфт. Фаъолияти бонкӣ хусусан пас аз соли 2000 ба таври бесобиқа тараққӣ кард [13,с.24]. Дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои қонунгузорӣ бахшида ба низоми бонкӣ ва танзими фаъолияти бонкӣ қабул гардида, мавриди иҷро қарор гирифт, ки дар онҳо меъёрҳои асосии ҳуқуқӣ ва қоидаҳои фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ муқаррар карда шудааст [7,с.36].

Дар кишвар вобаста ба фазои мусоиди қонунгузорӣ яке аз паси дигар бонкҳо, филиалҳои онҳо ва ташкилотҳои қарзӣ таъсис меёфтанд. Барои мисол, мувофиқи бюллетени омори бонкӣ дар соли 2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 12 бонк, аз ҷумла 1 бонки давлатӣ ва 11 бонки ғайридавлатӣ, ки 201 филиали худро доштанд, 8 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 21 ташкилоти молиявии хурд ва 20 фонди қарзии хурд амал мекарданд [4,с.166].

Дар тули 16 сол, яъне то шиддатёбии бухрони низоми молиявӣ дар кишвар дар нимаи дуюми соли 2021 бошад, теъдоди бонкҳо то ба 14 адад (зимнан, шумораи бонки давлатӣ ҳамон як адад боқӣ монда, зиёдшавӣ танҳо ба бонкҳои ғайридавлатӣ рабт доштааст), шумораи филиалҳои бонкӣ то ба 295 адад, ташкилотҳои қарзии хурд то ба 49 адад, фондҳои қарзии хурд то ба 27 адад афзуда, шумораи воҳидҳои сохтории бонкҳо аз 201 адад дар соли 2005 то ба 1852 адад дар соли 2021 зиёд шудааст [4,с.165].

Аз тарафи дигар, нуқтаҳои интиқоли маблағ, ки дар соли 2005 умуман вуҷуд надоштанд, дар соли 2021 ба 1204 адад расиданд, ки ин худ аз миқёси интиқоли маблағҳои муҳоҷирон гувоҳӣ медиҳад. Дар солҳои баъдӣ, дар натиҷаи чораҳои қатъии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ кардани болоравии сатҳи таваррум дар асари омилҳои субъективӣ, ин шумора хеле коҳиш ёфт. Чунончи, танҳо дар худи соли 2016 ин шумора то ба 419 адад, яъне зиёда аз 3,1 маротиба кам карда шуд. Ҳаводиси номатлубе, ки аз ҷониби иқтисоддонҳо «бухрони пардохтпазирӣ» ном гирифта, аз 18 муассисаи калони молиявии Тоҷикистон чортои онро ба худ гирифтор карда, дутои он - «Фононбонк» ва "Тоҷпромбонк"-ро баршикаста ва кори дутои дигар "Тоҷиксодиротбонк" ва «Агроинвестбонк»-ро фалаҷ кард, ки минбаъд онҳо ҳам барҳам дода шуданд.

Издиҳоми муштариён дар назди ин муассисаҳои қаблан бонуфузи молиявӣ барои бозпас гирифтани пулҳои ҳаққи ҳалоли худ ба як рӯйдоди муқаррарӣ табдил ёфт. «Агроинвестбонк» ва "Тоҷиксодиротбонк" хизматрасониҳо ба шахсони воқеӣ ва амалиёти байналмилалиро мавқуф карданд. Мизоҷони одӣ метавонистанд аз ҳисоби худ танҳо дар идораи марказии бонк дар Душанбе ҳар рӯз ба андозаи 500 сомонӣ

бигиранд. Барои ин, баъзеҳо маҷбур буданд, ки аз минтақаҳои дурдасти кишвар ба пойтахт биёянд. Дорандагони суратҳисобҳои шахсӣ ва ҳуқуқӣ имкони гирифтани пули нақдро аз ҳисобҳои худ надоштанд, ки баъди гирифтани иҷозатномаи ин бонкҳо муштариён акнун маблағҳои худро аз Фонди суғуртаи амонатҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ гирфта истодаанд [4,с.54].

Оид ба сабабҳои бавуҷудоии ин бухрони пардохтпазирии низоми бонкии кишвар, олимону коршиносони хориҷию ватанӣ таҳқиқоти зиёде анҷом додаанд, ки бо истинод ба онҳо дар ин ҷо мухтасар қайд карда мегузарем. Аввалан, интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ дер боз қисми асосии даромади иқтисодии кишварро ташкил мекард. Ҳамин тариқ, пеш аз бухрон, муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ватан зиёда аз 4 миллиард доллари ИМА интиқол доданд, ки андаке камтар аз нисфи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Мувофиқи омори ғайрирасмӣ дар он солҳо тақрибан як миллион муҳоҷири меҳнатӣ аз кишвари мо дар Россия кор мекарданд. Ҳол он ки иқтисоди Россия дар асари таҳримҳои байналмилалӣ ва коҳиши минбаъдаи рубл ба мушкилоти шадид дучор омада буд.

Азбаски иқтисодиёти мо аз содироти қувваи корӣ ва воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ вобастагии сахт дошт, ин зуҳурот ба он таъсири ҷиддӣ расонид. Бисёре аз муҳоҷирон маҷбур шуданд ба ватан баргарданд. Танҳо дар солҳои 2014, 2015 ва давраи Пандемияи соли 2019, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба Тоҷикистон нисбатан коҳиш ёфта, солҳои 2021 он нисбатан муътадил гардид [4,с.167].

Сониян, нархи маҳсулоти содиротии асосии Тоҷикистон - пахта ва алюминий низ паст шуд. Ин боиси нисбатан коҳиш ёфтани рушди ин маҳсулотҳо дар кишвар гардид, коҳишёбии назаррас дар 20 соли охир ба чашм мерасид. Дар баробари ин, қурби сомонӣ ба доллари ИМА низ мунтазам коҳиш ёфтан гирифт. Бахши бонкӣ аз сабаби он, ки бисёри муштариён ғайри қобили пардохт ё муфлис шуданд, ба бухрон мувоҷеҳ гардид.

Сеюм, мушкилоти бавуҷудомадаи пардохтпазирӣ натиҷаи бухрони васеътари идоракунии ғайрисамаранокии низоми бонкӣ буд. Пас аз бухрони солҳои 2008-2009, дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон афзоиш ёфтанд, дар ҳоле, ки пардохтпазирӣ коҳиш меёфт. Бо вуҷуди афзоиши ҳаҷми сармоя, қарздиҳӣ ва ҷалби маблағҳо, баъзе нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, аз қабили даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя, дар тули якчанд сол тамоюли пастравиро доштанд.

Чорум, бонкҳои маҳаллӣ қарзҳоро бе баҳисобгирии дурусти хавфҳо медоданд. Дар тули якчанд сол, саноати сохтмонии Тоҷикистон босуръат тараққӣ кард ва чун натиҷа, бисёриҳо бо камоли майл пасандозҳоро дар сохтмони хонаҳои нав сармоягузорӣ карданд. Аммо, пас аз он ки ҳаҷми интиқоли пули муҳоҷирон коҳиш ёфт, мизоҷон имконияти бозпас гардонидани қарзҳои худро аз даст доданд, бонкҳо ба камбуди пули нақд дучор шуданд.

Панҷум, чуноне ки коршиносон исрор меварзиданд, идоракунии тамоми низоми бонкӣ, аз ҷумла сиёсати танзими Бонки миллӣ бояд аз нав дида баромада мешуд. Ҳукумат бояд назорати бахши бонкиро пурзӯр менамуд. Таҷрибаи бо роҳи интервенсияи асъорӣ ба танзим даровардани қурби асъор, ки аксар вақт, аз ҳисоби захираҳои бонкҳо бо усули "ихтиёрӣ-маҷбурӣ" роҳандозӣ мешуд, натиҷаҳои дилхоҳ надоданд. Дар соли 2015, қурби мубодилавии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 31,7% коҳиш ёфт, соли 2021 бошад, арзиши 1 долл. ИМА ба 1,15 сомонӣ баробар шуд. Ҷиҳати ба эътидол овардани қурби сомонӣ, Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои танзими муомилотро мунтазам амалӣ намуда истодааст.

Ҳамин тавр, бахши бонкии Тоҷикистон, тули солҳои 2015-2021 динамикаи танзими мусбати рушдро нишон дод. Коршиносон динамикаи пасти рушдро, пеш аз ҳама, бо он шарҳ медиҳанд, ки бонкҳои Тоҷикистон барои ҷалби қарзи берунӣ иқтидори кофӣ надоштанд ва талабот ба иқтисодиёти кишвар ба қарзҳо паст боқӣ монд. Бо вуҷуди ин, бонкҳои системавӣ натиҷаҳои хуб нишон дода, мутаносибан ба ин, даромади муайяне низ ба даст меоварданд.

Яке аз сабабҳои бад шудани вазъи бонкҳо, ин буд, ки тули солҳои зиёд бонкҳо ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт қарзҳои мақсаднок медоданд, гарчанде ки тибқи қонун

онҳо ба ин кор ҳуқуқ надоштанд. Ғайр аз ин, худи бонкҳо аз ҳисоби худ (дар асл аз ҳисоби амонатгузорон) меҳмонхонаҳо, хонаҳои истироҳатӣ, корхонаҳо ва ҳатто биноҳои истиқоматӣ месохтанд. Ҳол он ки мувофиқи қоидаи одитарини бонкдорӣ, фоидаи бонкҳо асосан аз ҳисоби фарқи фоизи амонатҳо ва қарзҳои додашуда ба даст меояд. Ба ибораи дигар, бонкҳои нисбатан муваффақ ба коре ғайри кори худ машғул гаштанд. Ҳамзамон, бешубҳа ягон бонкдор гумон намекард, ки бо сабаби сафарбар кардани маблағҳои амонатгузорон ба мақсадҳои дигар, бонк худро зери хатар мегузорад.

Мавриди тазаккур аст, ки БМТ бонкҳои мушкилдорро дар баробари дигар иштибоҳот, барои «риоя накардани қонунгузории бонкӣ, идоракунии бесамари хавфҳо, аз ҷумла, хавфҳои қарзӣ ва пардохтпазирӣ, норасоии молиявӣ ва дар ниҳоят вайрон кардани меъёрҳои пруденсиалӣ» айбдор мекунад, ки комилан дуруст аст. Вале чунин эътироф ҳамзамон маънои онро дорад, ки БМТ дар ҳамон вақт ба сифати ягона танзимгари миллӣ аз болои вайрон кардани қонунгузории бонкӣ, ғайримақсаднок додани қарзҳои дорои хавфи аз ҳад зиёд, норасоиҳои молиявӣ ва вайронкунии меъёрҳои пруденсиалӣ назоратро ба таври бояду шояд ба роҳ намондааст [5,с.69].

Шашум, дар айни авҷи норасоии шадиди пардохтпазирӣ, зарбаи ҳалкунанда ба баъзе бонкҳо аз ҷониби рақибони онҳо расонида шуд, ки бо пахши овозаҳои воҳиманок ҳамаи амонатгузоронро дар назди ин ташкилотҳои қарзӣ ҷамъ оварданд. Бонкҳои мушкилдошта, ба ин гуна ранг гирифтани ҳодиса омода набуданд, зеро пулҳои амонатгузорон на дар бонкҳо, балки дар дасти қарзгирандагон буданд.

Дар заминаи ҷамъбасти равишҳои консептуалии муҳаққиқону олимони хориҷию ватанӣ таърифи "хоҷагии хонавода" аз ҷониби муаллиф дода шуд, ки он яке аз субъектҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ ва шакли махсуси хоҷагӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун зинаи мустақили низоми молиявӣ баромад карда, ба тамоми муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷомеа таъсири ҷиддӣ расонида, аз як ё якчанд нафар одамоне иборат мебошад, ки дар як манзили истиқоматӣ ё дар як қисмати он зиндагӣ мекунанд, пурра ё қисман маблағҳои худро муттаҳид карда, харҷ менамоянд.

Хоҷагии хонаводаҳо ҳамчун унсури низоми иқтисодиёти миллӣ ба ҳайси воҳиди институтсионалие баррасӣ мешавад, ки дар тамоми марҳилаҳои такрористеҳсолии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, дар ҳамбастагӣ бо дигар воҳидҳои институтсионалӣ ба фаъолияти иқтисодӣ ҷалб мегардад. Хоҷагии хонавода воҳиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ мебошад, чунки хосияти ниҳоят муҳим – қабули тасмимҳоро дар соҳаи истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, инчунин, дар соҳаи андӯхт дорад.

Ҳамзамон асоснок шудааст, ки молияи хоҷагиҳои хонаводаҳо ҳамчун яке аз унсурҳои низоми молиявӣ ва категорияи мустақили иқтисодӣ баромад намуда, маҷмуи муносибатҳои пулиро оид ба ташаккулёбӣ ва истифодабарии буҷетҳои хонаводаҳо ифода менамояд. Дар таҳқиқот, дар заминаи ҷамъбасткунии таърифоти мавҷуда, дар адабиёти иқтисодӣ нисбат ба захираҳои молиявии хонаводаҳо, таърифи зерини захираҳои молиявии хоҷагии хонаводаҳо дода шудааст: захираҳои молиявии хоҷагии хонавода маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ оид ба ташаккул ва истифодабарии фондҳои воситаҳои пулии аҳолӣ бо мақсади таъмини талаботи ҳаётан муҳим мебошад.

Бахши хоҷагиҳои хонавода субъектҳои мухталифи хоҷагидорро: субъектҳоеро, ки бо соҳибкорӣ машғуланд; хоҷагиҳои деҳқонӣ; шахсонеро, ки ба расонидани хизматҳои касбӣ ё техникӣ ва шахсонеро, ки ба расонидани 170 хизматҳои пулакӣ дар хонаҳо машғуланд; шахсонеро, ки дар хоҷагии хонавода ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, шикору моҳидорӣ ва коркарди онҳо машғуланд (ба шарти барои фурӯш дар бозор пешбинӣ шудани маҳсулоти истеҳсолшуда), фаро мегирад [9,с.88].

Ба ин бахш ҳамаи хонаводаҳо – резидентҳои ҷумҳурӣ, инчунин, хоҷагиҳои хонаводаи ба истилоҳ "институтсионалӣ" дохил шуда, ба андешаи мо, корхонаи ғайрикорпоративӣ, ки пурра ба як ё якчанд аъзои як хоҷагии хонавода тааллуқ дорад, бояд на ҳамчун воҳиди институтсионалии мустақил, балки ҳамчун қисми таркибию ҷудонашандаи ин хоҷагиҳо шинохта шавад.

Ташаккули захираҳои молиявии хоҷагиҳои хонавода дар заминаи қонунияти иқтисодие сурат мегирад, ки чи қадаре ки даромадҳо бештар бошанд, ҳамон андоза

пасандоз низ зиёд мегардад ва зимнан суръати рушди пасандозҳо аз суръати афзоиши даромад бояд зиёдтар бошанд. Ба андешаи мо, дар самти майли хонаводаҳо ба истеъмол ва ба пасандоз мо бояд аз назариёти Ҷ. Кейнс, яъне равиши ҳавасманд сохтани қобилияти харидории хонаводаҳо аз ҳисоби даромадҳои пулии мегирифтаашон, кор гирем, на аз консепсияи монетаристие, ки имрӯзҳо аз ҷониби ХБА нисбати давлатҳои рӯ ба рушд татбиқ карда мешавад [12,с.73].

Пояи бозори сармоягузориҳои воқеӣ, яъне зинаи мобайнии байни пасандозҳо ва сармоягузориҳои воқеии бозори молия мебошад, ки ба он фаъолияти БМТ дар самти танзими меъёри фоиз таъсири хеле муҳим мерасонад. Аз ин рӯ, идоракунии бомаҳорати иқтисодиёти ватанӣ дар пайдо намудани таносуби беҳтарини байни андӯхту истеъмол таҷассум меёбад: истеъмолро бояд ҳамон тавре бо андӯхт пайванд дод, ки пасандозкунӣ ба васеъшавии истеъмол бурда расонад.

Бинобар ин, меъёри фоиз бояд самаранок бошад ва дар як вақт ба се принсип ҷавобгӯ бошад: а) хоҷагиҳои хонаводаро барои пасандозкунӣ ҳавасманд созад; б) маҷрои сармояро ба истеҳсолоти воқеӣ барангезад; в) маҷмуи тақозоро халалдор накунад.

Дар таҳқиқот модели иртиботи мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои молиявӣ: давлат, хоҷагиҳои хонавода, корхонаҳо дар бозори захираҳо, бозори молиявӣ ва бозори молу хизматрасонӣ таҳия гардидааст, ки ҳамбастагии зичи онҳоро ифода мекунад. Ба ҳадде, ки некуаҳволии як иштирокчии муносибатҳо аз некуаҳволии иштирокчиёни дигар вобастааст [6,с.47]. Чуноне ки аз ин модел бар меояд, хоҷагиҳои хонавода на танҳо захираҳои молиявии худро ташаккул медиҳанд, балки ҳамчун унсури баробарҳуқуқи низоми молиявӣ вазифаҳои захирасозӣ, тақсимотӣ, такрористеҳсолӣ, танзимгарӣ, сармоягузорӣ, муттаҳидсозӣ ва назоратиро иҷро карда, моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии худро равшан менамояд.

Дар таҳқиқот стратегияи банақшагирӣ ва идоракунии буҷети хонаводаҳо таҳия гардида, усули маъруфи ба истилоҳ “чор лифофа” интихоб шудааст, аммо истифодаи он барои хонаводаҳои аъзоёнаш сершумор, ки хосси кишвари мост, мушкилтар аст. Аз ин рӯ, пешниҳод шудааст, ки банақшагирии маблағҳои буҷети хонаводаҳоро ва раванди тақсимоти онҳо ба самтҳои хароҷот ва истифодбарандагон аз ҳам ҷудо намуда, феҳристи даромадҳо ва хароҷоти хонавода ва дар баъзе ҳолатҳо, феҳристи амвол (дороиҳо), уҳдадориҳо ва манбаъҳои ғайрифаъол истифода шаванд. Теъдоди лифофаҳо вобаста ба раванди банақшагирӣ ва шумораи ҳафтаҳо муайян гардида, набояд аз 10 самт зиёд бошад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ тақрибан 1,5 млн. хонавода вуҷуд дошта, дар қиёс бо кишварҳои пешрафта ва кишварҳои бо суръати баланд рушдёбанда, синну соли миёнаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷавон буда, мутаносибан ба ин, уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоӣ ва сарбории нафақаи аҳлу аёл ба як нафар аҳолии қобили меҳнат кам мебошанд.

Ҳамин тавр, сабабҳои камшавии эътиқоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар аз омилҳои зерин иборат аст:

1. Интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ дер боз қисми асосии даромади иқтисоди кишварро ташкил мекард.

2. Сониян, нархи маҳсулоти содиротии асосии Тоҷикистон - пахта ва алюминий низ паст шуда, дар баробари ин, қурби сомонӣ ба доллари ИМА низ мунтазам коҳиш ёфтан гирифт.

3. Мушкилоти бавуҷудомадаи пардохтпазирӣ натиҷаи буҳрони васеътари идоракунии ғайрисамаранокии низоми бонкӣ буд.

4. Бонкҳои маҳаллӣ қарзҳоро бе баҳисобгирии дурусти хавфҳо доданд.

5. Идоракунии тамоми низоми бонкӣ, аз ҷумла сиёсати танзими Бонки миллӣ бояд аз нав дида баромада мешуд.

6. Дар айни авҷи норасоии шадиди пардохтпазирӣ, зарбаи ҳалкунанда ба баъзе бонкҳо аз ҷониби рақибони онҳо расонида шуд, ки бо пахши овозаҳои воҳиманок ҳамаи амонатгузоронро дар назди ин ташкилотҳои қарзӣ ҷамъ оварданд.

Метавон зикр намуд, ки даромадҳои хонаводагӣ дар низоми макроиқтисодӣ таснифу гурӯҳбандӣ ва муайян карда шуданд, аз ҷумла: резидентҳои ҷумҳурӣ, хоҷагиҳои хонаводаи “институтсионалӣ”; тибқи нишондиҳандаҳои СҲМ: корпоратсияҳои ғайримолиявӣ ва квазикорпоратсияҳо; идоракунии давлатӣ, хоҷагии хонаводаҳо ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; дар давраи муосир, даромадҳои пулӣ, маҷмуӣ ва ҳатто ниҳоӣ, метавонанд афзоиш ёбанд, вале дар айни ҳол, ҳаҷми умумии истеъмол ва андӯхти хонаводаҳо бо сабаби якбора коҳишёбии трансфертҳои иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва амсоли он, бо сабаби баландшавии беқрбшавӣ, кам шудан гирифт. Хусусиятҳои ташаккули маърифати молиявӣ, ошкор гардид, ки тибқи он: маърифати молиявӣ дар шароити муосир, бо унсурҳои таркибӣ (маҳорат, малака, фаҳмиш, салоҳият, дониш ва ҳавасмандӣ), ки мавҷудияти онҳо дар асоси санҷиш ба таври амалӣ ошкор карда мешавад, муайян карда шуд; мушкилоти сатҳи маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, дар кадом гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ ё барои кадом салоҳиятҳои мушаххас барои ҳадафнок кардани барномаҳои баланд бардоштани маърифати молиявӣ барои аҳолӣ муқаррар шуд; дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат дар ихтиёри худ танҳо номгӯйи маҳдуди афзорҳои таъсиррасонии самаранокро ба рафтори молиявии хонаводаҳоро дорад. Сабабҳои камшавии эътиқоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар муайян гардид: интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ кам шуд; нархи маҳсулоти содиротии асосии Тоҷикистон паст шуда, дар баробари ин, қурби сомонӣ ба доллари ИМА низ мунтазам коҳиш ёфтан гирифт; мушкилоти бавуҷудомадаи пардохтпазирӣ натиҷаи буҳрони васеътари идоракунии ғайрисамаранокии низоми бонкӣ буд; бонкҳои маҳаллӣ қарзҳоро бе баҳисобгирии дурусти хавфҳо доданд; идоракунии тамоми низоми бонкӣ, бояд аз нав таҷдид мешуд; буҳрони репутатсионӣ бонкҳоро фаро гирифт.

**Муқарриз: н.и.и., м/к-и ДМТ – Файзуллоев Т.Т.**

**АДАБИЁТ**


1. Банковские операции: учебное пособие для студентов учреждений среднего профессионального образования / Г.Г. Коробова, Е.А. Нестеренко, Е.К. Гурелева [и др.]; под ред. Ю.И. Коробова. –М.: ООО "Изд. Магистр", 2007. -446 с.
2. Банковский механизм управления экономикой: Коллективная монография / С.М. Богомолов, Л.К. Жирин, Р.А. Карпова [и др.]. -Саратов: Издательство Саратовского университета, 1990. -120 с.
3. Босенко Е.В. Практикум по дисциплине "Основы финансовой грамотности" / Е.В. Босенко // Государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Северо-Осетинский государственный педагогический институт». -Владикавказ, 2019. -52 с.
4. Гаюров Г.Х. Влияние банковского финансового потенциала на развитие национальной экономики / Г.Х. Гаюров // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов / Под общей редакцией З.О. Адамановой. -Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2022. -С.164-167. – EDN QTYHRC.
5. Дейнека О.С. Экономическая психология: социально-политические проблемы / О.С. Дейнека. -СПб.: Изд-во СПбГУ, 1999. -239 с.
6. Зарубина, Н.Н. Экономическая социология: Учебник и практикум / Н.Н. Зарубина. – 3-е изд. –М.: Издательство Юрайт, 2016. -378 с.
7. Зелизер, В. Социальное значение денег: деньги на булавки, чеки, пособия по бедности и др. денеж. единицы / В. Зелизер; Вивиана Зелизер; пер. с англ. под науч. ред. В.В. Радаева. -М.: Дом интеллектуал. кн.:, 2004. -283 с.
8. Иброҳимов, И.Р. Амалиётҳои бонкӣ / И.Р. Иброҳимов, А. Хонҷонов, Д. Ҳусайнова. –Душанбе: Ирфон, 2011. -294 с.
9. Кейнс, Д.М. The general theory of employment, interest & money. Общая теория занятости, процента и денег / Д.М. Кейнс. – 1-е изд. -М.: Издательство Юрайт, 2020. -320 с.
10. Развитие финансово-кредитных теорий / С.Б. Коваленко, Г.Г. Коробова, С.В. Барулин [и др.]. -Саратов: Саратовский государственный социально-экономический университет, 2013. -152 с.
11. Файзуллоев, Т.Т. Таҷрибаи рушди маблағгузории хурд дар мамолики хориҷӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Т.Т. Файзуллоев, Д.Р. Вазирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№8. -С.118-127. – EDN JAYQRI.
12. Финансы. Денежное обращение. Кредит: Учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / А.М. Бабич, Л.Н. Павлова, А.М. Бабич, Л.Н. Павлова. -М.: ООО "Издательский дом "ФБК-Пресс", 2006. -605 с.

13. Формирование информационной культуры личности: теоретическое обоснование и моделирование содержания учебной дисциплины / Н.И. Гендина, Н.И. Колкова, Г.А. Стародубова, Ю.В. Уленко. -М., 2006. -С.30-31.
14. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№8. -С.33-39.
15. Шарипов, У.А. Резервы коммерческих банков и их возможность использования как инвестиции для экономического развития страны / У.А. Шарипов, Шарифзода Н.Ш. // Трансформация бизнеса и общественных институтов в условиях цифровизации экономики: Сборник научных трудов IV Национальной (российской) научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 26–27 мая 2022 года; под общей редакцией Е.ф. Щипанова [и др.]. -Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский университет технологий управления и экономики, 2022. -С.289-296. – EDN UZEGUG.
16. Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкӣ: масоили назариявӣ, ташкилӣ ва истифодаи онҳо / Шарифзода Н.Ш. // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. -№4(24). –С.177-188. – EDN GSPOIK.

## МАСОИЛИ ҶАЛБИ ПАСАНДОЗҲОИ ХОНАВОДАҲО БА НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур яке аз мавзуҳои мубраме, ки дар таҳкими иқтисоди миллӣ нақши беандоза дорад, бахшида шудааст. Муаллиф бо омӯзиши паҳлуҳои афзалиятноки масъалаи мазкур яққатор мушкилоти ҷойдоштаро муайян намудааст. Ба андешаи муаллиф ҷалби пасандозҳои хонаводаҳо ба низоми бонкӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули захираҳо буда метавонад ва ҳамчун сармоя дар рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ хизмат намояд. Мушкили асосӣ дар самти ҷалби пасандозҳои хонаводаҳо ба низоми бонкии кишвар ва истифодаи он ҳамчун сармоя дар иқтисодиёт, ин дараҷаи саводнокии молиявии аҳолӣ ба шумор меравад. Қисми зиёди аҳолии кишвар, масхсусан аҳолии минтақаҳои дурдаст дорои саводнокии молиявии кофӣ нестанд ва маблағҳоро дар бонкҳо нигоҳдорӣ намекунанд, ки ин омил сабабгори аз гардиши иқтисодӣ берун мондани маблағҳои муваққатан озод мегардад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки бо роҳу усулҳои муассир маблағҳои муваққатна озоди хонаводаҳоро ҳамчун пасандоз ба бонкҳо ҷалб созад ва ба ин васила устувории молиявии ташкилотҳои қарзиро таъмин намояд. Вобаста ба ин, ҷиҳати баландбардории саводнокии молиявии аҳолии кишвар ва ҷалби бештари пасандозҳои хонаводаҳо ба низоми бонкӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳодҳои муфид тавсия гардидааст. Пешниҳодҳои тавсияшуда метавонанд дар пешбурди низоми бонкӣ ва таҳкими минбаъдаи он заминаи заруриро фароҳам оранд.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, пасандоз, амонат, саводнокии молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ, иқтисоди воқеӣ, макроиқтисод.

## К ВОПРОСУ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ВРЕМЕННО СВОБОДНЫХ ДЕНЕЖНЫХ СРЕДСТВ НАСЕЛЕНИЯ В БАНКОВСКУЮ СИСТЕМУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена одной из актуальных тем, играющих огромную роль в укреплении национальной экономики. Изучив приоритетные аспекты данного вопроса, автор выявил ряд существующих проблем. По мнению автора, привлечение сбережений населения в банковскую систему является одним из важных источников формирования ресурсов и может служить капиталом в развитии приоритетных направлений народного хозяйства. Уровень финансовой грамотности населения является основной проблемой в направлении привлечения сбережений населения в банковскую систему страны и использования их в качестве капитала в экономике. Большая часть населения страны, особенно население отдаленных регионов, не обладает достаточной финансовой грамотностью и не держит деньги в банках, что приводит к тому, что временно свободные денежные средства остаются вне хозяйственного оборота. Автор предпринял попытку привлечь временно свободные средства населения во вклады в банки и тем самым обеспечить финансовую устойчивость кредитных организаций. В связи с этим автор рекомендовал некоторые предложения по повышению финансовой грамотности населения страны и привлечению большего количества сбережений населения в банковскую систему. Рекомендуемые предложения могут обеспечить необходимую основу для развития банковской системы и ее дальнейшего укрепления.

**Ключевые слова:** банковская система, сбережения, вклады, финансовая грамотность, коммерческие банки, кредитные организации, реальная экономика, макроэкономика.

## TO THE QUESTION OF ATTRACTION OF TEMPORARY FREE FUNDS OF THE POPULATION INTO THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article is devoted to one of the topical issues that plays a huge role in strengthening the national economy. Having studied the priority aspects of this issue, the author identified a number of existing problems. In the author's opinion, attracting the population's savings to the banking system is one of the important sources of resource formation and can serve as capital in the development of priority areas of the national economy. The level of financial literacy of the population is the main problem in attracting the savings of the population to the banking system of the country and using them as capital in the economy. Most of the country's population, especially the population of remote regions, does not have sufficient financial literacy and does not keep money in banks, which leads to the fact that temporarily free funds remain out of economic circulation. The author made an attempt to attract temporarily free funds of the

population to deposits in banks and thereby ensure the financial stability of credit institutions. In this regard, the author recommended some proposals for improving the financial literacy of the country's population and attracting more savings from the population to the banking system. The recommended proposals can provide the necessary basis for the development of the banking system and its further strengthening.

**Keywords:** banking system, savings, deposits, financial literacy, commercial banks, credit institutions, real economy, macroeconomics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ибодов Аваз Ҳасанович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ibodovavaz@gmail**. Телефон: **(+992) 907-33-99-12**

**Сведения об авторе:** ***Ибодов Аваз Хасанович*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ibodovavaz@gmail**. Телефон: **(+992) 907-33-99-12**

**Information about the author:** ***Ibodov Avaz Khasanovich*** **-** Tajik National University, post-graduate student of the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ibodovavaz@gmail.** Phone**: (+992) 907-33-99-12**

ТДУ: 33.071.8

# ИМКОНИЯТҲО ВА АҲАММИЯТИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР СОҲАИ ИҶТИМОӢ

*Шарофова Ч.Р.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагӣ истифода мешавад. Одатан шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои инфрасохтори иқтисодӣ ё истеҳсолӣ (роҳҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан, энергетика, ноқилҳои барқӣ, алоқа ва коммуникатсия ва ғайра), хизмати иҷтимоӣ (хоҷагии коммуналӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғайра) сурат мегирад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ соҳаи идоракунии моликияти давлатӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рушди технологӣ, инфрасохтори нақлиёт, хоҷагии коммуналӣ, хизмати тиббӣ, хизмати таҳсилотӣ ва дигарро фаро мегирад.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ одатан дар соҳаҳои ҳаётан муҳимми хоҷагии мамлакат, пеш аз ҳама, ҳаёти иҷтимоӣ (нақлиёти ҷамъиятӣ, маориф, тиб, фарҳанг, хоҷагии коммуналӣ, таъминоти аҳолӣ бо об ва ғайра) татбиқ мешавад. Давлат дар ҷалби соҳибкорон ва захираҳои онҳо ба соҳаҳои барои ҳаёти ҷомеа муҳим манфиатдор аст.

Мафҳуми ҳаёти иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи мустақил ва муҳимми ҳаёти ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Тибқи ақидаи маъмулӣ, соҳаҳои тандурустӣ, маориф, таъминоти иҷтимоӣ, хоҷагии коммуналӣ ва ғайра аз ҷумлаи соҳаҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб мешванд. Дар соҳаи иҷтимоӣ ташкилотҳо, корхонаҳо, сохторҳои гуногуни иҷтимоӣ амал мекунанд, ки мақсади асосии онҳоро баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ташкил медиҳад [15].

Дар адабиёти илмӣ ба соҳаи иҷтимоӣ одатан соҳаҳои зерини ҳаёти иҷтимоӣ дохил карда мешаванд: маориф, фарҳанг, тандурустӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, хизмати (кори) иҷтимоӣ, таъминоти нафақа [1]. Илова бар ин, соҳаи иҷтимоиро соҳаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ташкил медиҳанд.

ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ яке аз самтҳои самараноки амалӣ гардидани сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб мешавад. Иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии давлат маҳз бо рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (мориф, тандурустӣ, фарҳанг, хоҷагии коммуналӣ ва ғайра) муайян карда мешавад. Ба ақидаи олимон, сохторҳои гуногуни иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, оила ва ғайра) ба сиёсати иҷтимоӣ таъсири бевосита мерасонанд [8].

Давлат дар рушди соҳаи иҷтимоӣ манфиатор аст. Ҳаёти иҷтимоӣ заминаи таъмини сифати зиндагии инсон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ эълон шуда, таъмини шароити арзандаи зиндагии ҳар шахсро пешбинӣ мекунад. Барои ҳамин, давлати Тоҷикистон бо мақсади иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ тадбирҳои муаассир амалӣ мекунад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллии – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳанг яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон эълон мешаванд. Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 таъкид гардид: «Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62% зиёд гардид» [12].

ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ бо объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ робита дорад. Ф.М. Муқаддасзода ду намуди объектҳои инфрасохторро ҷудо мекунад: 1) инфрасохтори иқтисодӣ: шабакаҳои нақлиётӣ ва коммуналӣ (таъминоти об, канализатсия, энергеияи барқӣ ва ғайра), ки барои фаъолияти иқтисодиёт зарур аст; 2)

инфрасохтори иҷтимоӣ: мактабҳо, беморхонаҳо, китобхонаҳо, муассисаҳои ислоҳотӣ ва дигар, ки барои ҳаёти муътадили ҷомеа заруранд [9,с.89].

Инфрасохтори иҷтимоиро объектҳои соҳаи тандурустӣ, маориф (таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ), ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ташкил медиҳанд. Объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ намудҳои гуногун доранд. Чунончи, ШДБХ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самтҳо ва объектҳои зерин дорад: марказҳои комплекси хизмати иҷтимоӣ ба аҳолӣ; марказҳои хизмати иҷтимоӣ барои калонсолон; марказҳои хизмати иҷтимоӣ барои маъюбон; мараказҳои хизмати иҷтимоӣ барои наврасону ҷавонон ва ғайра. Объектҳои зикршуда мураккаб буда, самтҳои гуногуни ШДБХ-ро таъмин карда метавонанд. Аз ҷумла, ба марказҳои комплекси хизмати иҷтимоии аҳолӣ дохил мешаванд: ҳаммомхонаҳо, марказҳои либосшӯйӣ, марказҳои хизмати маишӣ, марказҳои хизмати иҷтимоӣ-маишӣ ба аҳолӣ ва ғайра.

Соҳаи фарҳанг низ гуногунпаҳлу буда, объектҳои зиёди иҷтимоиро дар бар мегирад. Ба соҳаҳо ва объектҳои фарҳангӣ дохил мешаванд: объектҳои мероси фарҳангӣ, марказҳои эҷодӣ, театрҳо, кинотеатрҳо, қасрҳои фарҳангӣ, толорҳои фарҳангӣ, боғҳои истироҳатӣ ва ғайра.

Дар соҳаи сайёҳӣ объектҳои гуногуни инфрасохтори сайёҳӣ диққати соҳибкоронро ҷалб мекунанд. Рушди сайёҳӣ барои ШДБХ шароити муосоид фароҳам меорад. Чунончи, дар панҷ соли охир ба Тоҷикистон беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст [12].

Дар соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ШДБХ доир ба объектҳои зерин ба роҳ монда мешавад: марказҳои варзишӣ, толорҳои варзишӣ, марказҳои шиноварзӣ, аквапаркҳо, варзишгоҳҳо ва ғайра.

Соҳаи иҷтимоӣ хусусиятҳои худро дорад. Аз ин нуқтаи назар, як қатор шартҳои ҷудо намудани объектҳои ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ вуҷуд доранд. Дар асарҳои илмӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Чунончи, шартҳои зерини ҷудо намудани объектҳои ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ пешбинӣ мешаванд:

- ҷолибияти иқтисодии объект барои бизнес дар шароити нигоҳ доштани функсияҳои назоратӣ ва идоракунӣ аз тарафи шарики давлатӣ;
- афзалияти рушди объект барои шарикии давлатӣ (субъекти идоракунӣ) ҳамчун омили таъмини шароити арзандаи зиндагӣ;
- имконияти объекти ШДБХ барои ноил гардидан ба самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки зимни интихоби шакли ШДБХ ба инобат гирифта мешавад;
- имконияти идоракунии самаранокии объектҳо (назорати доимӣ, ҳисобот ва ғайра) бо дарназардошти иқтидори онҳо дар соҳаи истеҳсол ва истеъмоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;
- ҷолибияти сармоягузории объектҳои соҳаи иҷтимоӣ, вобастагии даромади сармоягузории хусусӣ аз як қатр омилҳо, аз ҷумла хусусияти иҷтимоии хизматҳо, танзими давлатии нарх зимни хизматрасонии иҷтимоӣ [11,с.116-119].

Ба ақидаи П.Ҷ. Наботова, объектҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ чун қоида объектҳои маҷмуӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ) мебошанд, чунки намудҳои ҷудогонаи фаъолият дар соҳаи иҷтимоӣ бо неъматҳои маънавӣ, иҷтимоӣ робита доранд [10,с.129].

Яке аз сабабҳои афзоиши ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ дар он аст, ки талаботи аҳолӣ ба неъматҳои моддӣ ва маънавии иҷтимоӣ мунтазам зиёд мешавад. Бо мақсади пурра ва босифат қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии аҳолӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ фаъолона истифода мешавад. Давлат тавассути ҷалби сармояи бахши хусусӣ вазифаҳои иҷтимоиро ҳал мекунад. ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ барои ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳим дар соҳаи хизмати тиббӣ, таҳсилотӣ, коммуналӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, фароғатӣ, сайёҳӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ яке аз шаклҳои ҷалби соҳибкорон ба ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ мебошад. Зарурати рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ

бо ҷалби соҳибкорон яке аз омилҳои вусъати ШДБХ маҳсуб мешавад. Ин ақида дар асарҳои илмӣ васеъ истифода мешавад [17,с.19-23].

Ҷалби соҳибкорон ба соҳаи иҷтимоӣ яке аз шаклҳои муҳимми ШДБХ дар ин соҳа маҳсуб мешавад. Чунончи, танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорони Тоҷикистон ба маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ қариб 18 ҳазор иншооти таъиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ сохта ва ба истифода супорида шудааст [12].

Ҳадафи асосии лоиҳаҳои ШДБХ-ро дар соҳаи иҷтимоӣ таъмини некуаҳволии аҳолӣ ва сифати зиндагӣ ташкил медиҳад. Некуаҳволии аҳолӣ аз ҷумлаи нишондиҳандаҳои асосии сифати зиндагӣ маҳсуб мешавад.

Барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ нишондиҳандаҳои гуногун истифода мешаванд. Чунончи, тибқи Индекси ҷаҳонии некуаҳволӣ «Gallup-Healthways Well-Being Index» (2014) панҷ нишодиҳандаи некуаҳволӣ вуҷуд дорад: 1) ҷисмонӣ – сиҳатии ҷисмонӣ; 2) моддӣ – даромадҳо ва некуаҳволӣ; 3) иҷтимоӣ – муносибатҳои иҷтимоӣ; 4) эҳсосотӣ – ҷой надоштани рӯҳафтодагии одамон; 5) рушд ва фаъолнокӣ – меҳнат ва вақти озод [6].

Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ (ташкилоти байналмилалии иқтисодӣ) ду нишондиҳандаи некуаҳволиро муайян мекунад: шароити моддии зиндагӣ (некуаҳволии моддӣ) ва сифати зиндагӣ (маҷмуи омилҳои таркибии устувор) [14].

Соҳаи иҷтимоӣ дар таносуб бо соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа дар робита бо талаботи афзоишёбандаи аҳолӣ ба неъматҳои иҷтимоӣ доимо рушд мекунад. Хусусияти соҳаи иҷтимоӣ бо он муайян карда мешавад, ки талаботи аҳолӣ ба хизмати иҷтимоии дастрас ва босифат доимо меафзояд. Айни замон имкониятҳои бахши давлатӣ дар соҳаи хизмати иҷтимоӣ дар иртибот бо захираҳои молиявӣ, технологӣ, инноватсионӣ, аз ҷумла дар шароити истифодаи васеи захираҳои нав муайян карда мешавад. Қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба хизмати иҷтимоӣ ҳамкории судманди давлат ва шарикони хусусиро дар ҳаёти иҷтимоӣ талаб мекунад.

ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ аз ҳолати кунунӣ, имкониятҳо ва тамоили рушди ин ё он соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ вобатсагӣ дорад. Чунончи, ба ақидаи олимон, соҳаи тандурустӣ аз ҷумлаи соҳаҳое мебошад, ки дурнамо ва истифодаи бомуваффақияти ШДБХ-ро таъмин мекунад [13].

Рушди соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон мебошад. Чунончи, танҳо дар ду соли охир аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ба муассисаҳои тандурустии кишвар ба маблағи зиёда аз 1 миллиард сомонӣ беш аз 200 номгӯй таҷҳизоту дастгоҳҳои муосир дастрас карда шудаанд [12].

Интихоби самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз ҳадафҳои стратегии давлат, сатҳи рушди ин ё он соҳа, захираҳо ва имкониятҳо вобастагӣ дорад. Чунончи, рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон буда, танҳо соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6% зиёд буда, қариб 19%-и ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад [12].

Дар соҳаи таҳсилот ШДБХ асосан самтҳои зеринро дар бар мегирад: таҳсилоти томактабӣ (боғчаҳои бачагона, марказҳои рушди кӯдакон, марказҳои омодагии кӯдакон ба мактаб); таҳсилоти умумӣ (муассисаҳои таҳсилотии умумӣ, гимназияҳо, литсейҳо ва ғайра); таҳсилоти иловагии кӯдакон (марказҳои таҳсилоти иловагӣ, марказҳои эҷодиёти кӯдакон, марказҳои тахсилоти инноватсионӣ, марказҳои махсусгаштаи ихтироотӣ).

Айни замон ШДБХ дар соҳаи таҳсилот хусусиятҳои худро дорад. Чунончи, ШДБХ дар ин соҳа асосан бо истифодаи шакли созишнома амалӣ мешавад. Илова бар ин, расонидани хизмати ниҳоӣ оид ба таълим ва тарбия пешбинӣ намешавад. ШДБХ ба таъминоти техникии объекти инфрасохтори таълим ва бо супоридани минбаъдаи он ба моликияти давлат маҳдуд мешавад. Ба ин хусусиятҳои ШДБХ дар соҳаи таҳсилот дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад [3].

Дар асарҳои илмӣ омилҳои гуногуни ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла афзоиши талаботи аҳолӣ ба хизмати иҷтимоӣ дар ҳолати маҳдудияти имкониятҳои бахши давлатӣ [16], зарурати қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба хизмати дастрас ва

босифати иҷтимоӣ [7] таҳқиқ карда мешаванд. Ба ақидаи олимон, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ барои вусъати фаъолияти муштараки мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон шароити мусоид фароҳам меорад [2].

Айни замон олимон муътақиданд, ки ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ба шарте муваффақ мегардад, ки агар ин ҳамкорӣ на муваққатӣ, балки «мунтазам, бо дарназардошти омилҳои дохилӣ ва беруна ба роҳ монда шавад» [19,с.122-123].

Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ аз сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як кишвар, мавҷудияти захираҳои кофӣ, неруи инсонӣ вобастагӣ дорад. Айни замон ҷой доштани чунин ҳамкорӣ нишонаи он аст, ки дар мамлакат барои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ захираҳои кофӣ мавҷуданд. Ҳамкории иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади расонидани хизмати иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар давлатҳои ҷаҳон фаъолона истифода мешавад. Ин ҳамкорӣ аз ҷумла дар доираи Шарикии ҷаҳонӣ дар самти рушди устувор ба роҳ монда мешавад [20].

Сатҳи таҳсилот, саломатии инсон, дарозумрии инсон, ки нишондиҳандаҳои асосии сифати зиндагии аҳолӣ мебошанд, аз шароити арзандаи зиндагии инсон вобастагӣ доранд. Сифати баланд ва дастрасии хизмати иҷтимоӣ яке аз омилҳои муҳимми таъмини шароити арзандаи зиндагӣ маҳсуб мешавад. Аз сатҳи рушди ҳаёти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, хизмати иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва рушди неруи инсонӣ аз инкишофи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа вобастагӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар, хизмати иҷтимоӣ ширкати фаъоли давлат, соҳибкорон ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҳаёти иҷтимоӣ талаб мекунад.

Шарикии иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ дар таҷрибаи хориҷӣ босуръат рушд мекунад. Муассисаҳои таҳсилотӣ, марказҳои тиббӣ, беморхонаҳо, партовҳо, манзили иҷтимоӣ ва ғайра аз ҷумлаи объектҳои асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ буда, оид ба онҳо лоиҳаҳои шарикӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ васеъ татбиқ мешаванд. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хориҷа одатан тавассути созишномаҳои консессионӣ амалӣ мешавад.

Дар тачрибаи давлатҳои хориҷӣ шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ истифода мешавад. Чунончи, дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ шаклҳои зайл истифода мешаванд: додани фонди маҳаллии манзил ба истифодаи ширкати тиҷоратӣ; таъсиси ширкатҳое, ки бо идоракунӣ ва хизмати фонди манзилӣ машғуланд; таъмини бахши манзили истиқоматӣ бо оби хунук ва гарм. Объектҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи нақлиёт ва логистика сохтмони роҳҳои автомобилӣ, ташкили мусофиркашонии ҷамъиятӣ, дар соҳаи маориф ва тиб – марказҳои таълимӣ ва хизмати тиббӣ, дар соҳаи амволи ғаййриманқул – сохтмони меҳмонхонаҳо, биноҳои фароғатӣ, осоишгоҳҳо, дар соҳаи экология ва ободонӣ – кабудизоркунӣ, бунёди боғҳо, гулгаштҳо ва ғайра, дар соҳаи сайёҳӣ – бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, дар соҳаи иттилоот – рушди инфрасохтори иттилоотӣ ташкил медиҳанд [18].

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ барои шарикони давлатӣ ва хусусӣ муҳим аст. Афзалиятҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои давлат дар он зоҳир меёбад, ки давлат шарикони хусусиро ба ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ҷалб мекунад, сармоягузории хусусиро ба соҳаи иҷтимоӣ таъмин мекунад, соҳиби андозҳои иловагӣ мегардад. Аҳаммияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои шарикони хусусӣ дар он ифода меёбад, ки фоидаи муайян ба даст меоранд, дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ гардидани созишнома аз тарафи давлат хароҷоти сарфшударо барқарор мекунанд, дар ҳолати баланд бардоштани нарх ба кафолатҳои муайян ҳуқуқ пайдо мекунанд.

Дар асарҳои илмӣ борҳо таъкид мешавад, ки ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ ҷавобгӯйи манфиатҳои ҳам шарикони давлатӣ ва ҳам шарикони хусусӣ мебошад. Чунончи, дар натиҷаи истифодаи механизми ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ хароҷоти давлат дар соҳаи сохтмон ва истифодаи объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ кам мешавад, самаранокии идоракунии амволи давлатӣ таъмин мегардад, давлат салоҳияташро дар соҳаи моликиятдорӣ ва назорат нигоҳ медорад, даромади шарики хусусӣ аз сармояи ҷоришуда дар муддати дароз кафолат дода, сифати зиндагии аҳолӣ баланд мешавад [5].

Ҳамзамон бо ин, дар асарҳои илмӣ мушкилоти шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳқиқ мешавад. Чунончи, шарики давлатӣ бо мушкилоти зерин метавонад дучор гардад: хавфи зиёд; маҳдудшавии салоҳият оид ба ихтиёрдорӣ намудани объектҳо; хароҷоти зиёди эҳтимолӣ дар таносуб бо маблағгузории лоиҳаҳои буҷетӣ; хароҷот зимни интихоби шарикони хусусӣ ва назорати онҳо; эҳтимоли интихоби шарики хусусии бевиҷдон. Барои шарикони хусусӣ эҳтимоли пеш оамадни мушкилоти зерин ҷой дорад: танзими давлатии маблағгузорӣ аз тарафи шахсони сеюм; нигоҳ доштани ҳуқуқи моликияти давлат ба объект; хавфи бештар дар таносуб бо иҷрои супоришҳои давлатӣ; ба давлат баргардонидани объект пас аз ба охир расидани муҳлати созишнома [4].

Ба ин нигоҳ накарда, ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ афзалиятҳои зиёд дорад.

Афзалиятҳои шарикии иҷтимоӣ барои шарики давлатӣ инҳо мебошанд:

- афзоиши сифати зиндагии аҳолӣ (таъмини шароити арзандаи зиндагӣ);
- татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
- бунёд, ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ташаккули қувваи меҳнатии баландихтисос ҳамчун омили рақобатпазирии мамлакат;
- ҷалби самаранокии маблағҳои буҷетӣ дар робита бо лоиҳаҳои ШДБХ дар сатҳи марказ ва маҳал;
- имконияти таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо роҳи амалӣ намудани якчанд лоиҳаҳои ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ;
- имконияти додани қисми функсияҳои шарики давлатӣ ба шарики хусусӣ (сарфи назар аз имконнопазир будани хусусигардонии объекти ШДБХ);
- таъмини сифати баланд ва ба аҳолӣ дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ зимни нигоҳ доштани функсияҳои назоратӣ аз болои объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ;
- фароҳам овардани шароит барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат;
- роҳандозии сиёсати самараноки иҷтимоии давлат;
- такмили заминаи меъёри ҳуқуқии соҳаҳои иҷтимоӣ;
- таъминоти иттилоотии фаъолияти иҷтимоии давлат зимни истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи ШДБХ.

Афзалиятҳои ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ барои шарики хусусӣ инҳо мебошанд:

- ҷалби соҳибкорони хусусӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат;
- рушди соҳибкории хусусӣ дар робита бо истифодаи имкониятҳои ШДБХ;
- афзоиши даромади шарики хусусӣ ва имконияти он барои ширкати минбаъда дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
- ҷалби шарики хусусӣ ба ҷараёни идоракунии лоиҳаҳои ШДБХ, болоравии сатҳи дониш ва истеъдоди идоракунии шарики хусусӣ, ташаккули менеҷменти идоракунӣ;
- болоравии имиҷи (эътибор, нуфузи) шарики хусусӣ дар байни аҳолӣ, дар давлат ва ҷомеа;
- ҷалби шарики хусусӣ ба роҳандозии сиёсати иҷтимоии давлат, ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлатӣ, алалхусус, ба амалӣ гардидани ҳуҷҷатҳои стратегии давлат дар соҳаи рушди соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва ғайра);
- имконияти ширкати бевосита дар расонидани хизмати иҷтимоии дастрас ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, алалхусус, табақаҳои муҳтоҷ (ятимон, маъюбон ва дигарон);
- имконияти ба даст овардани даромади иловагӣ зимни расонидани хизмати иҷтимоӣ;
- сарфи камтари хароҷот дар таносуб бо сохтмони пурраи объекти инфрасохтори иҷтимоии тиҷоратӣ;
- имконияти тақсими баробари хавфҳо тибқи созишномаи ШДБХ;
- имконияти иштироки бевосита дар такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ШДБХ дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ мунтазам рушд мекунад. Шарикии мазкур барои ҳам шарики давлатӣ ва ҳам шарики хусусӣ судманд аст.

Аз як тараф давлат имкон пайдо мекунад, ки шарикони хусусиро ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии умумидавлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб, сохтмон ва истифодаи инфрасохтори иҷтимоиро дар ҳолатҳои норасоии маблағҳои буҷетӣ таъмин ва якҷоя бо

шарикони хусусӣ сифати хизмати иҷтимоиро дар соҳаи таҳсилот, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва ғайра таъмин намояд.

Аз тарафи дигар шарикони хусусӣ ба амалӣ гардидани сиёсати иҷтимоӣ ва ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ободонии маҳал, рушди маориф, тандурустӣ ва ғайра ҷалб карда мешаванд. Имконияти истифода ва расонидаи хизмати иҷтимоиро ба истеъмолкунандагон пайдо мекунанд, соҳиби даромад мешаванд, имиҷи иҷтимоӣ-иқтисодии худро дар байни аҳолӣ ва дар миқёси ҷумҳурӣ баланд менамоянд.

Аҳаммияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ дар он аст, ки тавассути он объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ бунёд, барқарор ва такмил дода мешаванд. Объектҳои нави инфрасохтори иҷтимоӣ (мактабҳои таҳсилотӣ, беморхонаҳо, муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ғайра) бунёд гардида, барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат, таъмини шароити зиндагии арзанда ва шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Искандаров Х.Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Бабич А.М. Экономика и финансирование социально-культурной сферы. Учебное пособие / А.М. Бабич, Е.В. Егоров. -Казань: Казанский государственный университет, 1996. -242 с.
2. Барабанов А.А. Институциональные проблемы формирования российской модели социального партнерства / А.А. Барабанов, Е.М. Прошина // Управленческое консультирование. – 2018. -№4(112). -С.124-129.
3. Глушко Ю.В. Особенности государственно-частного партнерства в сфере образования в России и за рубежом / Ю.В. Глушко, Н.В. Колодина // Государственно-частное партнерство. - 2017. -Т.4. -№2. -С.147-154.
4. Гоосен Е.В. Опыт реализации проектов ГЧП в России / Е.В. Гоосен, С.М. Никитенко, Е.О. Пахомова // ЭКО. – 2015. -№2(488). -С.163-175.
5. Иванов О.В. Теория и мировая практика государственно-частного партнерства / О.В. Иванов. -М.: МГИМО - Университет, 2016. -298 с.
6. Кислицына О.А. Измерение качества жизни // Благополучие: международный опыт / О.А. Кислицына. -М.: Институт экономики РАН, 2016. -62 с.
7. Ляпанов А.В. К проблеме развития социального партнерства в России / А.В. Ляпанов // Территория новых возможностей. Вестник Владимирского государственного университета экономики и сервиса. – 2014. -№1(24). -С.140-145.
8. Маргулян Я.А. Социальная политика: Учебник / Я.А. Маргулян. -СПб.: Издательство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2011. -236 с.
9. Мукаддасзода Ф.М. Развитие государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг: теория, методология, практика: дис…докт. эконом. наук / Мукаддасзода Ф.М. -Душанбе, 2018.
10. Наботова П.Ҷ. Тадбиқи лоиҳаҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ дар бахши иҷтимоӣ / П.Ҷ. Наботова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2019. -№3(28). -С.128-131.
11. Нюхаев Д.В. Государственно-частное партнерство в социальной сфере / Д.В. Нюхаев // Социально-экономические явления и процессы. - 2012. -№1(035). -С.116-119.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат 11.01.2023).
13. Сизова Е.С. Критерии и методы сравнительного анализа вариантов реализации проекта строительства или реконструкции объекта инфраструктуры здравоохранения с использованием механизмов государственного заказа и государственно-частного партнерства / Е.С. Сизова // Государственно-частное партнерство. - 2015. -Т.2. -№4. -С.175-192.
14. Созмони ҳамкорӣ – ва рушди иқтисодӣ: [Манбаи электронӣ]: URL: https://globalcentre.hse.ru/oecd (санаи муроҷиат 11.01.2023).
15. Сферы жизни общества // Информационный портал «Grandars». 2017. [Электронный ресурс]. URL: http://www.grandars.ru/college/sociologiya/sfera-obshchestva.html (дата обращения: 08.04.2017).
16. Торопушина Е.Е. Социальная интеграция в образовании как ресурс саморазвития местных сообществ Арктики: зарубежный опыт / Е.Е. Торопушина, Е.П. Башмакова // Корпоративное управление и инновационное развитие экономики Севера: Вестник Научно-исследовательского центра корпоративного права, управление и венчурного инвестирования Сыктыкварского государственного университета. – 2018. -№3. -С.75-82.
17. Фильченков В.А. Организация государственно-частного партнерства в социальной сфере региона / В.А. Фильченков // Российское предпринимательство. – 2008. -Том 9. -№4. -С.19-23.
18. Частно-государственное партнерство при реализации стратегических планов: практика и рекомендации. -СПб.: Международный центр социально-экономических исследований «Леонтьевский Центр», 2005.

19. Черышов А.Н. Социальное партнерство как основа совершенствования регулирования социально-экономических отношений в здравоохранении / А.Н. Черышов // Среднерусский вестник общественных наук. – 2017. -Т.12. -№2. -С.122-123.
20. Шарикии ҷаҳонӣ дар самти рушди устувор (Global Partnership for Effective Development Co-operation website). [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.effectivecooperation.org: (санаи муроҷиат 10.10.2020).

## ИМКОНИЯТҲО ВА АҲАММИЯТИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР СОҲАИ ИҶТИМОӢ

Дар мақола имкониятҳо ва аҳаммияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, таъмини сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, сифати зиндагӣ, ҳамкории иҷтимоии шарикони давлатӣ ва хусусӣ, ҷалби шарикони хусусӣ ба ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Мафҳуми ҳаёти иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи мустақил ва муҳимми ҳаёти ҷомеа таҳлил карда мешавад. ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ ҳамчун яке аз самтҳои самараноки амалӣ гардидани сиёсати иҷтимоии давлат, иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ таҳқиқ мешавад. Робитаи ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ бо объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ муайян карда мешавад, мафҳум ва намудҳои объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, хусусиятҳои онҳо, маҳакҳои ҷудо намудани объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ (объектҳои соҳаи тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва ғайра) муайян ва таҳлил карда мешаванд. Сабабҳо ва омилҳои рушди ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Хулоса асоснок карда мешавад, ки ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ яке аз шаклҳои ҷалби соҳибкорон ба ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ мебошад. Муайян карда мешавад, ки ҳадафи асосии лоиҳаҳои ШДБХ-ро дар соҳаи иҷтимоӣ таъмини некуаҳволии аҳолӣ ва сифати зиндагӣ ташкил медиҳад. Мафҳуми некуаҳволии аҳолӣ таҳлил гардида, нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, ки дар таҷрибаи хориҷӣ истифода мешаванд, муайян карда мешаванд. Хусусияти соҳаи иҷтимоӣ, заминаҳо ва омилҳои рушди мунтазами он, ки шарикии давлат ва бахши хусусиро талаб мекунанд, муайян карда мешаванд. Омилҳои таъсиргузор ба инкишофи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Таҷрибаи хориҷии шарикии иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ ҷамъбаст карда, шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ таҳлил мешаванд. Афзалиятҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои давлат ва шарикони хусусӣ муайян карда мешаванд. Айни замон мушкилоти шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳам шарики давлатӣ ва ҳам шарикони хусусӣ муайян карда мешаванд. Аҳаммияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ барои давлат ва шарикони хусусӣ муайян карда мешавад.

**Калидвожаҳо**: шарикии иҷтимоӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, шарики давлатӣ, шарики хусусӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, соҳаи иҷтимоӣ, некуаҳволии аҳолӣ, сифати зиндагӣ, сиёсати иҷтимоӣ, давлати иҷтимоӣ.

## ВОЗМОЖНОСТИ И ЗНАЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА В СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЕ

В статье исследуются возможности и значение государственно-частного партнерства в социальной сфере для социально-экономического развития страны, обеспечения уровня благосостояния населения, качества жизни, социального партнерства государства и частных партнеров, их привлечения в решение социальных задач повышения качества предоставляемых социальных услуг населению. Анализируется понятие социальной жизни как самостоятельной и значимой сферы жизни общества. ГЧП в социальной сфере исследуется как одно из эффективных направлений реализации социальной политики государства, решения социальных задач государства, обеспечения достойных условий жизни. Определяется взаимодействие ГЧП с объектами социальной инфраструктуры, анализируются понятие, виды, особенности объектов социальной инфраструктуры, критерии их выделения (объекты сфера здравоохранения, образования, социальной защиты населения, культуры, туризма, физической культуры, спорта и др.). Определяются причины и условия развития ГЧП в социальной сфере. Обосновывается вывод о том, что ГЧП в социальной сфере является одной из форм привлечения предпринимателей к решению жизненно значимых социальных задач. Определяется основная цель ГЧП в социальной сфере - обеспечение уровня благосостояния населения и качества жизни. Анализируется понятие благосостояния населения, определяются индикаторы определения уровня благосостояния населения, которые широко используются в международной практике. Определяются особенности социальной сферы, условия и основы развития государственно-частного партнерства в указанной сфере. Определяются условия, влияющие на развитие партнерства государства и частного сектора в социальной сфере. Обобщается международная практика социального партнерства, анализируются различные формы государственно-частного партнерства в социальной сфере, использующиеся в зарубежных странах. Определяются преимущества государственно-частного партнерства для государства и частных партнеров. В то же время определяются проблемы государственно-частного партнерства для государства и частных партнеров. Определяется значение государственно-частного партнерства в социальной сфере для государства и частных партнеров.

**Ключевые слова**: социальное партнерство, государственно-частное партнерство, государственный партнер, частный партнер, социальная жизнь, социальная сфера, благосостояние населения, качество жизни, социальная политика, социальное государство.

## POSSIBILITIES AND IMPORTANCE STATE-QUOTIENT PARTNERSHIP IN SOCIAL SPHERE

In article are researched possibility and importance state-quotient partnership in social sphere for social-economic development of the country, well-being level provision of the population, quality to lifes, social partnership state and quotient partner, their attraction in decision of the social problems, increasing quality provided to social services to population. It Is Analysed notion to social life as independent and significant sphere to lifes society. GCHP in social sphere is researched as one of the efficient directions to realization social politicians state, decisions of the social problems state, ensuring the worthy conditions to lifes. The interaction GCHP is Defined with object of the social infrastructure, are analysed notion, types, particularities object social infrastructure, criteria of their separation (the objects scope public healths, formation, social protection of the population, cultures, tourism, physical culture, sport and others). The reasons and condition of the development GCHP are Defined in social sphere. The conclusion is Motivated about that that GCHP in social sphere is one of the forms of attraction of the businessmans to decision vitally significant social problems. The main purpose GCHP is Defined in social sphere - a provision level well-being of the population and quality to lifes. It Is Analysed notion of well-being of the population, are defined indicators of the well-being level determination of the population, which are broadly used in international practical person. They Are Defined particularities of the social sphere, condition and bases her(its) constant development, requiring state-quotient partnership in specified to sphere. They Are Defined condition, influencing upon development partnership state and quotient of the sector in social sphere. It Is Generalised international practice social partnership, are analysed different forms state-quotient partnership in social sphere, using in foreign country. The advantage state-quotient partnership are Defined for state and quotient partner. Problems state-quotient partnership are defined In ditto time for state and quotient partner. Importance state-quotient partnership is Defined in social sphere for state and quotient partner.

**Keywords**: social partnership, state-quotient partnership. The State partner, private partner, social life, social sphere, well-being of the population, quality to lifes, social policy, social state.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарофова Чаманоро Рустамовна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 918-52-87-85.** E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарофова Чаманоро Рустамовна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 918-52-87-85**. E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sharofova Chamanoro Rustamovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Management. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 918-52-87-85.** E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru**

ТДУ: 631

# ҶАНБАҲОИ ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Қӯзибоева Б.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар мақола баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар заминаи рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ бо назардошти таҷрибаи давлатҳои Осиёи Миёна ба таври муфассал таҳқиқ шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ самтҳои рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ коркард ва пешниҳод шудааст.

Таҳқиқи ҷанбаҳои инноватсионии рушди рақобатпазирӣ дар маҷмааи агросаноатӣ бо сабаби ҷой доштани ҳадафи рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва амалишавии силсилаи инноватсионии рушд муҳим мебошад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2019 на танҳо вазифаҳо дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, балки кулли самтҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат арзёбӣ шудааст. «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрию индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Вале ба рақобат тобовар набудан ва баланд будани арзиши аслии маҳсулоти баъзе корхонаҳо, номукаммал будани роҳҳои ҳифзи манфиатҳои содироткунандагон дар хориҷи кишвар то ҳол ба таъмин намудани гуногунсамтии истеҳсолот ва содирот мусоидат накарда истодааст» [12].

Татбиқи чорабиниҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030» [14], «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» [2] ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишварамон мусоидат намуд.

Боиси зикр аст, ки бо ибтикори супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолот ва содиркунандагони молу маҳсулотҳои ватанӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ бонки "Тоҷиксодиротбонк" таъсис дода шудааст.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.01.2015 қайд карда шудааст, ки рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҷонибҳо бо фаъолият аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати кишвар мебошад, зеро соҳибкории хурду миёна, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи устувори таъмини рушди муътадили иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад [16].

Дастрасӣ ба иқтисодиёти сабз ва боэътимод ба кормандони корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ имкон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти ғизоиро зиёд кунанд ва ба коркарди арзиши иловашудаи назаррас ноил шаванд. Он инчунин, ба хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар ҳудудҳои маъмурию марзӣ фаъолият мекунанд, имкон медиҳад, ки агрегатҳои гаронбаҳои дизелиро бо технологияҳои ҳозиразамон, ба мисли хушккунакҳои ғизоии офтобӣ ва обёрии оби офтобӣ иваз кунанд. Дар ин самт зикр кардан зарур аст, ки бозори кишоварзии энергияи офтобӣ ҳанӯз дар марҳилаи аввали рушди худ қарор дорад ва монеаҳо ин хароҷоти нисбатан баланди технология, иттилои маҳдуд дар бораи манфиятҳо, набудани сиёсати мувофиқи ҳавасмандгардонӣ ва дастрасии маҳдуди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва таъминкунандагон ба маблағ барои истеҳсоли энергияи офтобӣ маҳсуб меёбанд.

Мутаассифона дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноат муаммоҳои зиёди дохилию берунӣ мавҷуданд, ки ин яке аз норасоии ҷиддии рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ҳамзамон, барои рушди соҳибкории саноатӣ дар иқтисодиёти миллӣ баъзе норасоиҳо мавҷуданд, ба мисоли: сатҳи нисбатан баланди хавф ва вобаста ба ин дараҷаи баланди ноустуворӣ дар бозор; вобаста будан аз ширкатҳои калон; норасоиҳо дар идоракунии фаъолият; салоҳиятнокии пасти хоҷагидорӣ; мушкилот дар ҷалби воситаҳои иловагии молиявӣ ва гирифтани қарз; нобоварӣ ва эҳтиёткории ҳамкорони хоҷагидор ҳангоми бастани шартномаҳо (аҳдномаҳо) ва ғ. мебошанд [3,с.6].

Ҳангоми ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ, нашрияҳои мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳои ватанӣ ва байналмилалӣ, асарҳои институтҳои тадқиқотӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои барномавии сатҳҳои гуногун, маълумоти шахсони мансабдор, намояндагони ҷомеаи илмӣ ва коршиносони соҳа истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, таҳлили усулҳои мантиқӣ ва иқтисодию оморӣ, усули дедуксия ва муносибати интегралӣ барои самтҳои афзалиятноки рушди маҷмааи агросаноатӣ ва дар шароити минтақаҳо гузаронида шуданд, зеро онҳо муаммои самаранокии иттиҳодияи истеҳсолкунандагони хурди молӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон) ва кооперативҳои истеҳсолиро муайян мекунанд.

Шумораи афзоиши корхонаҳо дар ҷаҳон барои ҳалли талаботи рушди устувор ва камхарҷ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркард ва нигоҳдории пас аз ҳосил, аз ҷумла обкашӣ, хунуккунӣ тавассути энергияи офтобиро амалӣ ва таҳия менамоянд. Ин технологияҳо боиси сарфаи хароҷот, ҳосили баланд ва арзиши маҳаллӣ барои деҳқонон ё корхонаҳои соҳаи агробизнеси маҳаллӣ мегардад. Бахши агросаноатии ватанӣ имкони харидани мошину таҷҳизоти гаронбаҳоро надорад, ки ба нархгузории маҳсулот, стратегияи фурӯш, арзёбии бозор, ҳалли пардохт, стратегияи воридшавӣ ба бозор ва занҷири арзиши кишоварзӣ таъсир мерасонад.

Бо вуҷуди ин, аллакай дар аввали соли 2020, баъзе кишварҳо, аз ҷумла Осиёи Миёна идораи озуқа ва маводи мухаддири онҳо, нақшаҳои стратегии марбут ба таҳқиқот ва инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ ва ғизоро пешниҳод кардаанд, ки ба таҳкими рақобатпазирии онҳо нигаронида шудаанд. Ҳар яке аз ин стратегияҳои дарозмуддат ҳадафи он аст, ки рушди амнияти озуқаворӣ ва кишоварзиро ба сатҳи муносиб дар оянда баранд. Ҳар як мақомоти ваколатдор ба ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар кулли занҷири арзиши озуқа ва ҳамгироии стратегии илм ва технология диққати махсус зоҳир мекунанд.

Дар марҳилаи татбиқ ва истифодаи инноватсия афзорҳои самарабахши амали ғайримустақим (қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, имтиёзҳои андоз) метавонанд пайдо шаванд. Аз таҳқиқи афзорҳои андозии танзимдор асарҳои илмии олимони кишвар маълум мешавад, ки ба самти мазкур аҳамияти зарурӣ пеш меояд [7,с.5]. Зарур мешуморем, ки воситаи мазкур, бояд дар асоси барномаҳои давлатии рушди инноватсионӣ ва сиёсати соҳаи кишоварзӣ ва барномаҳои рушди инноватсионии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҳар як минтақа бо назардошти афзалиятҳои мавҷуда ва иқтидори инноватсионии мунтазам истифода шавад.

Департаменти захираҳо, барномаҳо ва ҳамоҳангсозии тадқиқоти мамлакатҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ ҳадафҳои гузошташуда, аз ҷумла беҳтар кардани пайгирӣ, такмил додани таҳлили пешгӯӣ, вокуниши зудтар ба хуруҷи беморӣ, баррасии моделҳои нави тиҷорат, коҳиш додани ифлосшавии ғизо ва пешбурди фарҳанги қавии амнияти озуқавориро муайян мекунад. Он механизми шарикии байни ҳукумат, саноат ва ҳимоятгарони соҳаи тандурустиро тавсиф мекунад, ки ба хоҳиши навсозии минбаъдаи муносибат ба бехатарии озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ асос ёфтааст.

Нақшаи стратегии Институтҳои миллии тадқиқоти ғизои солимӣ барои солҳои 2020-2030 як равиши бисёрсоҳаро тавассути густариши ҳамкориҳои байни институтҳо ва марказҳо барои суръат бахшидан ба таҳқиқоти ғизо ва муайян кардани нақши ғизои инсон дар беҳбуди саломатии аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи бемориҳо талаб мекунад.

Нақшаи стратегӣ дар доираи чаҳор ҳадафи стратегӣ коркард шудааст, ки ба саволҳои асосии тадқиқоти ғизо ҷавоб медиҳанд:

Мо чӣ истеъмол мекунем ва он ба мо чӣ гуна таъсир мерасонад?

Чӣ тавр он ғизое, ки мо истеъмол мекунем, ба саломатӣ дар тули ҳаёт мусоидат мекунад?

Ҳар яке аз ин равишҳои байнисоҳавӣ ба ҳамкорӣ ва навоварӣ дар соҳаи ғизо, кишоварзӣ ва ғизо мусоидат мекунанд. Нақши илми мутахассисони соҳаи хӯроквории дар амалисозии ҳар як дидгоҳ муҳим аст [9,с.180].

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инноватсия хеле зарур аст, зеро кишоварзон мехоҳанд аҳолии босуръат афзоишёбандаро ғизо диҳанд, аммо бо аз даст додани заминҳои корам, афзоиши талабот ба ғизои солим ва таҳдиди тағйирёбии иқлим дучор меоянд. Сабаб дар он аст, ки муҳити танзимкунанда бештар шудааст ва дар чунин вазъ нигарониҳо дар самти амнияти шахсӣ ва экологӣ меафзоянд ва арзиши тадқиқот ва коркарди илмӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Агар ширкатҳои воридкунанда маҳорати кишоварзӣ хоҳанд, ки дар қонеъ кардани талаботи афзоянда ба озуқаворӣ кумак расонанд ва бо тиҷорати нави рақамӣ, ки ба бозор ворид мешаванд, рақобатпазир боқӣ монанд, бояд онҳо аз силсилаҳои анъанавии инноватсионии мавҷуда даст кашанд ва кӯшишҳои таҳияи маҳсулоти муносиби худро зуд амалӣ намоянд. Ин таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба эҳтиёҷоти муштариён, рӯзномаи хуб нигаронидашудаи КИТТК, рақамикунонии босуръат, боз будани иқтисодиёт ба ҳамкории дохилӣ, хориҷӣ ва фарҳангӣ, воқеан инноватсионӣ дар тамоми кишварро талаб мекунад.

**Ҷадвали 1. Истеҳсоли маҷмуи маҳсулот (хизматрасонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020** [11]

**Table 1. Total production of products (services) in the Republic of Tajikistan for 2018-2020**

| Нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳо | | | Фарқ, 2018с. ба 2020с., % |
|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи корхонаю ташкилоти шахсони ҳуқуқӣ | 43252 | 46465 | 47639 | +10 |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | 71059,2 | 79109,8 | 82543,0 | +16 |
| Шумораи муассисаю ташкилоти илмӣ | 82 | 82 | 82 | - |
| Маҷмуи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | 32257,2 | 34558,7 | 37616,6 | +17 |
| Маҳсулоти растанипарварӣ, млн.сомонӣ | 23546,4 | 25355,7 | 27447,3 | +17 |
| Маҳсулоти чорвопарварӣ, млн.сомонӣ | 8710,8 | 9203,0 | 10169,3 | +17 |

Сарчашма аз ҷониби муаллиф тибқи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Шумораи шахсони ҳуқуқии амалкунанда дар солҳои 2018-2020 ба 10%, истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулот (хизматрасонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 16% афзуда, шумораи корхонаҳои инноватсионӣ бетағйир мондаанд. Маҷмуи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар давоми се соли охир 17%, маҳсулоти растанипарварӣ 17% ва маҳсулоти чорводорӣ 17% афзудаанд.

Ҳамин тариқ, дар тули 3 сол кулли нишондиҳандаҳои таҳлили афзоиш ёфтаанд, ба истиснои шумораи корхонаҳои инноватсионӣ. Боиси зикр аст, ки бетағйир мондани корхонаҳои инноватсионӣ бо мушкилоте, ки корхонаҳо дар соҳаи кишоварзӣ дучор меоянд, алоқаманд аст. Сабабҳои бетағйир мондани миқдори корхонаҳои инноватсионӣ бо душвориҳои зерин вобаста аст, ки бартараф кардани онҳо талаб мешавад: хароҷоти зиёд, пеш аз ҳама, хароҷоти таҳияи маҳсулот дар чаҳорчӯбаи асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ; тағйир додани афзалиятҳои истеъмолкунандагон; ва мураккабии навовариҳои насли оянда.

Рушд дар соҳаи агробизнес хеле дар сатҳи паст боқӣ мемонад ва далелҳо мавҷуданд, ки баъзе бахшҳои кишоварзии арзиши иловашуда натанҳо дар сатҳи байналмилалӣ рақобатпазир нестанд, балки дар сатҳи маҳаллӣ рақобатпазир намебошанд. Инчунин, сабаби ин омилҳо, хароҷоти баланди истеҳсолот, ҳосилнокии

пасти агросаноатӣ, шумораи ками коркардкунандагон, стратегияҳои ғайримуқаррарии тиҷорат ва бесамарии амалияи ноодилонаи савдо мебошад.

Ба назари муҳаққиқони тоҷик як масъалаи дигари соҳаи агробизнес, ин номутобиқатии нархи бозорӣ ва арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мебошад [10,с.88]. Инчунин, мавҷуд набудани рақобатпазирии байналмилалӣ, боиси кам шудани сармоягузорӣ дар бахши агробизнес мегардад:

- барои ҳалли муаммоҳои комплекси агросаноатӣ зарур аст;
- баланд бардоштани баробарии дастрасӣ ва иштирок дар бахши кишоварзӣ;
- баланд бардоштани рақобатпазирии ҷаҳонӣ ва даромаднокии комплекси агросаноатӣ;
- таъмини идоракунии устувори захираҳо дар комплекси агросаноатӣ.

Баъзе унсурҳои стратегияҳои асосӣ ҳамдигарро пурра мекунанд ва ба ташаккул ва барқарор кардани эътимод ба кишоварзӣ мусоидат мекунанд. Бо дарназардошти ин, стратегияҳои муҳимми зерини дастгирӣ ва имконпазир муайян карда шуданд, ки бо стратегияҳои асосӣ мувофиқат мекунанд:

- идоракунии пешниҳодшуда;
- рушди муттаҳид ва устувори деҳот;
- дониш ва навоварӣ;
- ҳамкории байналмилалӣ;
- бехатарӣ ва амният.

Ҳамчун қадами аввал дар самти наздик шудан ба стратегияи инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ барнома ва чорабиниҳои афзалиятноки зерин асоснок карда мешаванд:

- татбиқи стратегияи ҳамаҷонибаи ҳифз ва амният барои таъмини фаъолияти бенуқсон ва суботи иҷтимоӣ, эътимод;
- ташаккули диди муштарак дар соҳаи кишоварзӣ, идоракунии самаранок ва шарикии иҷтимоӣ;
- пайгирии босуръати барномаи азнавтақсимкунии замин барои рушди кишоварзӣ ва равандҳои тавонмандсозии гурӯҳҳои мақсаднок;
- тағйир додани пажуҳишҳои кишоварзӣ, интиқоли технология, таҳсилот ва тавсеаи беҳтар ҷавоб додан ба ниёзҳои бозор;
- кам кардани арзиши умумии маҳсулот, аз ҷумла коҳиши минбаъдаи андоз ва боҷҳо барои сӯзишвории дизелӣ ва дигар маводҳо;
- таҷдиди назар кардани ваколатҳои маркетинг ва савдои кишоварзӣ дар давраи шуроҳои пас аз назорат, дар шароити пандемия ва афзоиши талабот ба дастрасӣ ба бозор, инфрасохтор ва иттилоот;
- таъсиси низомҳои боэътимоди омори кишоварзӣ ва таҳлили иқтисодӣ, ки дастраси ҳамаи деҳқонон ва корхонаҳо мебошад;
- ташаккули низоми самараноки идоракунии хавфҳо барои низомҳои саломатии растаниҳо ва ҳайвонот, инчунин, низомҳои нархҳо ва даромадҳо ва офатҳои табиӣ;
- сармоягузориҳои мақсаднок ба марказҳои рушди деҳот барои воситаҳои зиндагӣ, инфрасохтор, обёрӣ, неруи барқ, телекоммуникатсия, нақлиёт, омӯзиш ва рушди малакаҳо.

Вазифаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир:

- таъмини маҳсулоти саноатии ватанӣ дар заминаи тақсими вазифаҳо байни мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ;
- беҳтаргардонии таъминоти хӯрокворӣи аҳолӣ;
- ташаккули тавозуни иқтисодии истеҳсолоти саноатӣ ва соҳаҳои дигар;
- рушди истеҳсолоти дорои технологияҳои баланди рақобатпазир;
- наздик кардани сатҳҳои даромади кормандони соҳаи саноат;
- ҳифз намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ дар ҳамаи соҳаҳои саноат.

Дар соҳаҳои ислоҳоти идоракунии давлатӣ, макроиқтисодиёт, рушди бахши хусусӣ, баланд кардани самаранокии бахши энергетикӣ, пешбурди лоиҳаҳои саноатӣ ва

сайёҳӣ, рушди саноати кӯҳӣ-истихроҷи маъдан як қатор чораҳои ҷиддӣ андешида мешаванд ва тибқи дурнамо дар заминаи истеҳсолоти мавҷудбуда на кам аз 8-10 маҷмааи саноатӣ-истеҳсолӣ, энергетикӣ, хусусӣ-саноатӣ ва давлатӣ ташкил хоҳанд шуд.

Ба тадбирҳои рушди маҷмааи агросаноатӣ, дастгирии кишоварзон дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми деҳот ва ғайра бахшида шудааст. То имрӯз масъалаҳо дар бораи зарурияти бо роҳи кооператсия муттаҳид намудани хоҷагиҳои майда ва деҳқонӣ дар шароити ҳозира хеле тезутунд ва серталабанд.

Кооператсия ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ омили муҳимми ба эътидол овардани соҳаи кишоварзӣ, ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз монополияи корхонаҳои коркарди саноатӣ, фароҳам овардани заминаи нигоҳдорӣ, коркард, хизматрасонии агросаноатӣ, қарзӣ ва молиявӣ дар асоси таъсиси кооперативҳо мебошад.

Маҳз собитқадамона истифода бурдани принсипҳои кооператсия дар бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқи мамлакатро муътадил гардонда метавонад.

Дар маҷмуъ, аксарияти кишоварзони хурд (хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ, заминҳои наздиҳавлигӣ) дар Тоҷикистон ба бозорҳо суст пайвастанд. Сабабҳои гуногун, аз ҷумла сатҳи пасти истеҳсолот, хароҷоти баланди истифодаи нақлиёт, бидуни роҳҳо, харидорони беэътимод, ки аз шартномаҳои худ саркашӣ мекунанд ва мавҷуд набудани иттилоот оид ба бозор. Ҷалби кишоварзони хурд (хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ, заминҳои наздиҳавлигӣ) ба раванди таҳияи сиёсат метавонад баислоҳоти назарраси бозор тавассути коҳиш додани халалдоршавии бозор оварда расонад.

Робитаҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва бозорҳо бояд тавассути ташаккули муассисаҳои ибтидоӣ, аз қабили кооперативҳо ё ташкилоти фермериро дар бар мегиранд, бунёд карда шаванд. Ин равиш дар бозор барои кам кардани хароҷоти муомилоти трансаксионӣ инчунин, ба таври назаррас коҳиш додани талафоти пас аз ҷамъоварии маҳсулот, ки барои кишоварзони хурд (хоҷагиҳои деҳқонӣ, заминҳои наздиҳавлигӣ) то 30%-ро ташкил медиҳад, мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, стратегияи дар боло овардашуда метавонад мавқеи кишоварзонро дар бозор таҳким бахшад ва дар натиҷа онҳоро дар баҳсҳои сиёсӣ дастболо кунад [5,с.116].

Қоидаҳои ҷалб намудани заминдорони миёна ва хурд ба қабули лоиҳаҳои тадқиқоти илмӣ ва қарорҳо бояд амалӣ ва инкишоф дода шаванд. Иштироки фаъолона ва устуворонаи хоҷагиҳои хурд ва иштироки кишоварзон дар тадқиқот бояд муҳаррики баланд бардоштани рақобатпазирии маҷмааи агросаноатӣ гардад.

Умуман, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки бо мақсади таъмини ягонагии танзими институтсионалии воситаҳои рушди инноватсиониро мо дар сатҳи минтақавӣ баррасӣ намудем. Дар марҳилаи кунунии истеҳсолоти инноватсионӣ воситаҳои аз ҳама мувофиқ воситаҳои таъсиррасонӣ ва дастгирии раванди инноватсионӣ (маблағгузории мақсаднок, инфрасохтор, иттилоот, таъминоти кадрӣ) мебошанд.

Тавре таҷрибаи хориҷа дарак медиҳад дар мамолики рушдёфтаи бозор стратегияи рушди инноватсионии маҷмааи агросаноатӣ бомуваффақият амалӣ мегардад. Мушоҳида мешавад, ки гузариш ба технологияҳои муосир ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия танҳо дар давраи кӯтоҳмуддат гарон аст, аммо дар давраи дарозмуҳлат на танҳо ба коҳиш додани хароҷот, балки баҳои дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок шудан ва албатта, коҳиш таъсири зарарноки истеҳсоли соҳа ба муҳити зист боис мешавад. Маҷмааи агросаноатие, ки ба технологияи муосир нигаронида шудааст, метавонад дар бозор дарозмуддат фаъолият намояд, зеро ҳосилнокии меҳнат баландтар ва хароҷот нисбат ба корхонаҳои бо усули анъанавӣ фаъолият дошта хеле кам мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДҲБСТ - Маъмуров А.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи «Ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. URL: https://moa.tj/tj/sectoral-programs (санаи муроҷиат: 7.11.2022)

2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 // Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016. -№678. -199 с.
3. Дадоматов Д.Н. Муаммоҳои ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Н. Дадоматов. –Хуҷанд: Ношир, 2021. -271 с.
4. Концепция аграрной политики Республики Таджикистан. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 31 декабря 2008 года за №658. [Электронный ресурс]. URL: https://moa.tj/ru/ept (дата обращения: 15.11.2022).
5. Кузибаева Б.М. Особенности формирования трансакционных издержек в традиционно аграрной экономике / Б.М. Кузибаева // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - 2014. - №5(61). -С.116-125.
6. Қӯзибоева Б.М. Оид ба масъалаҳои рушди минбаъдаи комплекси агросаноатӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон. / Б.М. Қӯзибоева // Маҷаллаи «Ахбори ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. -№3(88). -С.78-86.
7. Маъмуров А.М. Анализ и результаты расчета собираемости налогов и налогового администрирования / А.М. Маъмуров // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2015. -№4(65). -С.13-21.
8. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. [Электронный ресурс]. URL: http://ncz.tj/system/files/Article Attachments/
9. Ниязбекова Ш.У. Инновации в аграрной сфере и сельском хозяйстве / Ш.У. Ниязбекова // Вестник Национальной академии наук Республики Казахстан. -Астана, 2018. -Том 3. -выпуск 373. -С.186-190.
10. Нурмахмедов К.А. Некоторые проблемы ценообразования и ценовой стратегии в аграрном секторе / К.А. Нурмахмедов, Х.Х. Исматов // Кишоварз. – 2013. -№4. -С.88-91.
11. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Нашриёти ҶДММ “ТоРус”, 2021. -702 с.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21 декабри 2019, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ (санаи муроҷиат:16.08.2022).
13. Рахимов А.М. Роль аграрной политики в обеспечении продовольственной безопасности / А.М. Рахимов, К.О. Темиров // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2021. -№3(88). -С.87-92.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоикистон барои давраи то соли 2030. Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 №636 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/strateg2030.pdf (санаи муроҷиат: 22.09.2022 с.)
15. Файзов Н.Б. Проблемы управления инновационной деятельностью в АПК / Н.Б. Файзов, Ш. Махмудова, Ф.Б. Махмадиев // Кишоварз. – 2014. -№4. –С.50-52.
16. Эмомалӣ Раҳмон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. 23.01.2015, ш. Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ (санаи муроҷиат: 16.09.2022).

## ҶАНБАҲОИ ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Соҳаи кишоварзӣ, ки намудҳои фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад, аз таъмини маҳсулотҳои кишоварзӣ, арзиши изофа ва таъмини маҳсулоти ғизоӣ ба бозори истеъмолӣ, то таъмини амнияти озуқавории миллӣ, як бахши муҳимми иқтисодиёт боқӣ мемонад. Имрӯз барои илм ва инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ роҳҳои нав васеъ кушода шудааст ва он кишварҳое, ки аввалин шуда технологияҳои навтаринро татбиқ менамоянд, дар арсаи ҷаҳонӣ рақобатпазиртарин хоҳанд монд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қишлоқ барои ҳамкории соҳаи кишоварзӣ бо аҳли олимони ватанӣ дар соҳаҳои аз биология то робототехника имкониятҳои калон фароҳам меорад. Аммо барои рақобатпазир шудан, комплекси агросаноатӣ як қатор мушкилоте дорад, ки ҳам корхонаҳои калон ва ҳам истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ бо онҳо дучор меоянд. Дар ин мақола муфассалтар оид ба инноватсионии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ сухан меравад. Инчунин, муаллиф таҷрибаи хориҷиро дар самти баланд бардоштани рақобатпазирӣ, дар заминаи рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ муаррифӣ намуда, стратегияи рушди дохилии ин бахшро муфассалтар пешниҳод намудааст. Муаллиф ба чунин хулоса омад, ки соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳамчун соҳаи махсуси инноватсияҳо мебошад, ки гузариш ба постиндустриализм адекватӣ мебошад. Дар ин ҳол, худи инноватсияҳо ба он равона гардидаанд, ки корхонаро дар оянда бо хусусияти устувории бозорӣ (рақобатпазирӣ) таъмин намоянд ва ин аллакай фурӯши боэътимод ва ба оянда нигаронидашударо дар назар дорад.

**Калидвожаҳо**: комплекси агросаноатӣ, агробизнес, рақобатпазирӣ, рушди инноватсионї, кишоварзї, стратегия.

## ИННОВАЦИОННЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ АПК В УСЛОВИЯХ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Важным сектором экономики остается аграрный сектор, включающий в себя все виды экономической деятельности: от поставок сельскохозяйственной продукции, добавленной стоимости и поставок продовольственных товаров на потребительский рынок до обеспечения национальной продовольственной безопасности. Сегодня перед наукой и инновациями в области сельского хозяйства существуют новые

возможности, и те страны, которые первыми внедрят новейшие технологии, останутся наиболее конкурентоспособными на мировой арене. В Республике Таджикистан село дает большие возможности для сотрудничества между аграрным сектором и отечественными учеными в областях от биологии до робототехники. Однако для того чтобы стать конкурентоспособным, агропромышленный комплекс сталкивается с рядом проблем, с которыми сталкиваются как крупные предприятия, так и мелкие сельхозпроизводители. В данной статье более подробно рассматривается инновация конкурентоспособности в агропромышленном комплексе. Также автор представил зарубежный опыт в направлении повышения конкурентоспособности в контексте инновационного развития агропромышленного комплекса и более подробно представил внутреннюю стратегию развития данной отрасли. Автор пришел к выводу, что сфера экономической деятельности как особая сфера является инновационной, адекватной переходу к постиндустриализму. При этом сами инновации направлены на обеспечение фирме рыночной устойчивости (конкурентоспособности) в будущем, а это уже предполагает надежные и перспективные продажи.

**Ключевые слова:** агропромышленный комплекс, агробизнес, конкурентоспособность, инновационное развитие, сельское хозяйство, стратегия.

## INNOVATIVE ASPECTS OF AIC DEVELOPMENT UNDER THE ENSURE COMPETITIVENESS OF THE NATIONAL ECONOMY

The agricultural sector remains an important sector of the economy, including economic activities ranging from the supply of agricultural products, value added and the supply of food products to the consumer market to ensuring national food security. Today, new opportunities are wide open for agricultural science and innovation, and those countries that are the first to adopt the latest technologies will remain the most competitive on the world stage. In the Republic of Tajikistan, the village provides great opportunities for cooperation between the agricultural sector and domestic scientists in the fields from biology to robotics. However, in order to become competitive, the agro-industrial complex faces a number of problems that both large enterprises and small agricultural producers face. This article discusses in more detail the innovation of competitiveness in the agro-industrial complex. The author also presented foreign experience in the direction of increasing competitiveness in the context of the innovative development of the agro-industrial complex and presented in more detail the internal development strategy of this industry. The author came to the conclusion that the sphere of economic activity as a special sphere is innovative, adequate to the transition to post-industrialism. At the same time, the innovations themselves are aimed at providing the company with market stability (competitiveness) in the future, and this already implies reliable and promising sales.

**Keywords:** agro-industrial complex, agribusiness, competitiveness, innovative development, agriculture, strategy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қӯзибоева Бароат Муротбоевана*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1. Телефон: **(+992) 927-65-35-58.** E-mail: **baroatbony@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Кузибаева Бароат Муротбоевна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **(+992) 927-65-35-58.** E-mail: **baroatbony@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kuzibayeva Baroat Murotboevna*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, building 1. Phone: **(+992) 927-65-35-58.** E-mail: **baroatbony@mail.ru**

ТДУ: 336.71

# ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲОИ БОНКӢ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ СИФАТИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Аҳадов И.Қ., Саёраева Р.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Таҷрибаи низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки яке аз фишангҳои асосии таъмини устуворӣ ва эътимоднокии низоми бонкии ҳар як кишвар, ин захираҳои пулии онҳо ба ҳисоб рафта, тавассути истифодаи дурусти онҳо сатҳи даромаднокии худро таъмин менамояд ва сатҳи дороиҳои худро афзоиш медиҳанд. Аз ин лиҳоз, сифати дороиҳои ташкилоти қарзиро бо роҳи диверсификатсиякунонии амалиётҳои фаъол, мушаххасоти ҳаҷми дороиҳои хавфнок, таъмини даромаднокии маҷмуӣ ва даромаднокии дороиҳо, муайянкунии ҳаҷми дороиҳои муҳим ва бесифат, аломатҳои пайдоиши ноустуворӣ ё камшавии дороиҳо, сатҳи пардохтпазирӣ, инчунин, усулҳои баҳодиҳии дороиҳо дар сатҳи низоми бонкӣ муайян кардан мумкин аст. Вобаста ба ин ташкили сиёсати дурусти дороиҳои бонкӣ, шарти асосии рушди низоми бонкӣ маҳсуб меёбад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 қайд карда шудааст, ки “...бояд якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ оид ба беҳтар намудани сифати дороиҳои низоми бонкӣ, афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат ба соҳибкорони истеҳсолӣ ва фаъол намудани низоми рейтинги миллӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои суғурта тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд”.

Барои ин, пеш аз ҳама, ҳолати объекти идорашаванда, яъне дороии бонки тиҷоратиро таҳлил намуда, таъсири омилҳои ба он таъсиркунанда, алоқаи дороиро бо объектҳои дигар, махсусан бо уҳдадориҳои бонкӣ омӯхта, алтернативҳои имконпазири инкишофи онро пешгӯӣ намудан лозим аст. Фаъолияти бонки тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои асосии онро таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба гузаронида, дар стратегияи рушд барои давраи оянда роҳҳои имконпазири бартараф намудани камбудӣ ва ташаккули онро ҷойгир намояд. Таҳлили вазъи молиявии имрӯзаи бонк имкон медиҳад, ки вазифаҳои идоракуниро дар самти дороиҳо ва уҳдадориҳо дуруст ба роҳ монда, самтҳо ва вариантҳои асосии ҳалли онҳоро муайян намуд.

Дороиҳои бонки тиҷоратӣ як қисмати тавозун мебошанд, ки ҷойгиркунӣ ва истифодаи захираҳои бонки тиҷоратиро инъикос менамояд. Яъне сарчашмаи дороиҳо ва амалиётҳои фаъоли бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби уҳдадориҳои он, ки ба он сармояи худии бонк ва воситаи ҷалбшуда иборатанд, ташкил карда мешавад, яъне уҳдадориҳои бонк дороиҳои бонкро ташкил намуда, барои гузаронидани ин амалиётҳо шароит фароҳам меорад (нигоҳ ба диаграммаи 1).

Дар натиҷаи нишондиҳандаҳои дар диаграммаи овардашуда гуфтан мумкин аст, ки заминаи асосии уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро амонатҳо ва сармояи тавозунӣ ташкил медиҳад. Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи уҳдадориҳо, амонатҳо ва сармояи тавозунӣ тағйироти на чандон зиёд ба чашм мерасанд. Яъне, дар солҳои 2016-2019 қариб ҳамаи нишондиҳандаҳо дар як сатҳ қарор доранд, ки дар соли 2016 уҳдадорӣ ба 15,690 млрд сомонӣ, амонатҳо ба 9,244 млрд сомонӣ ва сармояи тавозунӣ ба 5,496 млрд сомонӣ баробар буданд. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 2019 бо каме тағйиротҳои ҷузъӣ аз қабили уҳдадорӣ ба 15,749 млрд сомонӣ, амонатҳо ба 9,742 млрд сомонӣ ва сармояи тавозунӣ ба 6,226 млрд сомонӣ баробар гардиданд. Дар соли 2020 бошад, ин рақамҳо каме тамоюли болоравиро касб намуданд, аммо дар соли 2021 боз коҳиш ёфтанд. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки дар низоми бонкии кишвар дар солҳои охир нишондиҳандаҳои мусбат назаррас нестанд. Сабаби ин дар таъсири буҳрони молиявӣ, пандемияи COVID 19 ва дигар омилҳо, ки дар натиҷаи он якчанд ташкилотҳои қарзии мушкилотдор аз байн рафтанд ва ин боиси он гашт, ки сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ кам гарданд.

Ҷиҳати таъмини дастрасии мизоҷон ба захираҳои пулии бонк, зарурияти рушди ҳаматрафаи дороиҳои бонкӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар шароити имрӯза таъмини

**Диаграммаи 1. Вазъи уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои 2016-2021 (бо млн. сомонӣ)**
**Diagram 1. The state of obligations of credit organizations in 2016-2021 (in millions of somoni)**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои электронии сайти Бонки миллии Тоҷикистон. nbt.tj. (санаи мурочиат 03.11.2021)

низоми бонкӣ бо дороӣ ва захираҳои пулӣ бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ алоқамандии зич дошта, фаъолияти низом аз рушди иқтисодиёти мамлакат низ вобастагии зиёд дорад. Таҳлилҳои динамикӣ нишон медиҳанд, ки новобаста аз афзоиши нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёт афзоиши сатҳи даромад ва дороиҳои низоми бонкӣ низ дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Яке аз нишондиҳандаи асосии мароиқтисодӣ ин Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ буда, вобаста ба рушди иқтисодиёт он низ дар ҳоли руш қарор дорад. Дороиҳои бонкӣ низ бо вуҷуди мушкилиҳои зиёд дар баробари ин нишондиҳанда рушд намуда истодааст ва онро бо ММД муқоиса намудан аз манфиат холӣ нест. Лекин аз рӯйи таҷриба чунин шакли рушд барои таъмини ҳаматрафаи иқтисодиёт бо маблағҳои пулӣ ҳоло ҳам қаноатмандкунанда нест. Аз таҳлили нишондиҳандаҳои диаграмаи 2 бар меояд, ки новобаста аз афзоиши дороиҳои низоми бонкӣ ҳоло низ як қатор мушкилотҳо ҷой доранд.

**Диаграммаи 2. Дороиҳои ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон нисбат ба ММД, %**
**Diagram 2. Assets of credit organizations of Tajikistan in relation to GDP, %**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкии солҳои 2011, №12 (197), 2015, №12 (245), 2018, 12 (281), 2019, №12 (293), 2020, №12 (305), 2021, №12 (316).

Аз рӯйи таҳлилҳо муайян намудан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон сатҳи дороиҳо нисбат ба ММД дар сатҳи баландтарин ба 45% омада мерасад, ки ин ҳам бошад дар

соли 2007 рост меояд. Дар солҳои охир бошад ин тамоюл рӯ ба пастравӣ овардааст, масалан дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 22,66%, ки дар 15 соли охир нишондиҳандаи пасттарин, аз ҷумла дороиҳои пардохтпазир ба 7,3% омада расидааст ва ин нишондиҳанда низ дар ҳафт соли охир тамоюли болоравиро касб нанамудааст. Ин ҳолат аз номукаммалии идора шудани ташкилотҳои қарзӣ ва суръати пасти бозори молиявии кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Нишондиҳандаҳои дигари низоми бонкӣ, ки муҳимияти он дар пешрафти ин низом дар қатори дороиҳо баръало аён мегарданд, ин қарз, сармоя ва пасандоз мебошанд. Ҳангоми ба таври лозима идора шудани онҳо бо истифода аз сиёсати идоракунии ташкилоти қарзӣ, метавонад ба дигар нишондиҳандаҳои бонки тиҷоратӣ таъсири мусбати худро расонад. Дар солҳои охир тамоюли болоравии дороиҳои низоми бонкӣ ба чашм мерасад ва дигар нишондиҳандаҳо низ дар баробари ин суръати рушдро касб кардаанд.

**Диаграммаи 3. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ (бо млн.сомонӣ)**
**Diagram 3. Changes in indicators of the banking system (in millions of somoni)**




| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| дорой | 18640 | 21187 | 20932 | 21201 | 21976 | 26307 |
| сармоя | 2417 | 5497 | 5724 | 5914 | 6227 | 7176 |
| қарз | 11228 | 9823 | 8507 | 8677 | 9703 | 10882 |
| пасандоз | 8614 | 9244 | 9283 | 9724 | 9742 | 11414 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ дар солҳои 2015, №12 (245), 2019, №12 (293), 2020, №12 (305).

Ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ муайян кардан мумкин аст, ки дороиҳои бонк аз соли 2015 то соли 2020 ба 41,1% афзоиш ёфта, аз 18 640 млн сомонӣ ба 26 307 млн. сомонӣ омада расид. Ҳарчанд дар ин давра шумораи ташкилотҳои қарзӣ бамаротиб кам гардиданд, аммо аз ҳисоби сандуқи қарзӣ ва маблағҳо дар суратҳисобҳои мукотибавии бонкҳои берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шудаанд. Дигар нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ низ рӯ ба болоравӣ овардаанд, ки сармоя аз соли 2015 то 2020 ба 2,9 маротиба, пасандозҳо бошанд ба 1,3 маротиба афзоиш ёфтанд. Танҳо ҳиссаи қарзҳо дар ин марҳила рӯ ба пастравӣ овардааст, ки ба 3,1% баробар аст.

Сохтор ва сифати дороиҳо асосан пардохтпазирии бонк, эътимоднокии мизохон нисбат ба бонк ва бозоргирии онро муайян мекунанд. Кифоягии сармоя ва сатҳи хавфҳои қарзӣ аз сифати дороиҳои бонк вобастагӣ дорад ва сатҳи хавфҳои асъорӣ ва фоизӣ бошад, аз мутобиқати дороиҳо ва ухдадориҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва мухлат вобаста аст.

Пардохтпазирии бонк ин дар ҳолати муайяншуда пардохт намудани уҳдадориҳо ё бо дархости аввалин қонеъ намудани талаботи муштариён (амонатгузорон, қарздорон, соҳибони коғазҳои қиматнок ва ғайра) мебошад. Ташкилоти қарзӣ ин амалро дар ҳолате иҷро карда метавонад, ки сармояи худии кофӣ ва ҷобаҷогузории дороиҳоро дуруст ба роҳ монда бошад.

Аз ин рӯ, идоракунии дурусти дороиҳо барои таъмини пардохтпазирии бонк муҳим буда, бо се омили асосии муҳим муайян карда мешавад: -андозаи сармояи худӣ; -ҳаҷми воситаҳои пулии ҷалбшуда; - риояи ҷобаҷогузории онҳо.

Бинобар ин, ҳамаи дороиҳои бонкӣ вобаста ба дараҷаи пардохтпазирӣ ва муҳлат ба дороиҳои пардохтпазириашон баланд, дороиҳои пардохтпазир, дороиҳои пардохтпазириашон дарозмуддат, пардохтпазир дар амалиёт бо металлҳо ва пардохтпазирии умумӣ ҷудо мешаванд [2]. Аз ҳамаи чор категорияи дороиҳои бонкӣ, пардохтпазириашон баланд ин қарзҳое мебошанд, ки ба бонки дигари тиҷоратӣ ва қарзҳои кӯтоҳмуддат ба қарзгирандагони дараҷаи аввал дода мешаванд [7].

Вобаста аз ҳаҷми пардохтпазирӣ, дороиҳои бонкро ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- дороиҳои пардохтпазирии дараҷаи аввал – дар шакли нақд ё суратҳисобҳои муросилотӣ ва коғазҳои қиматноки давлатӣ мебошанд;

- дороиҳои бонкии пардохтпазириашон баланд – коғазҳои қиматнок мебошанд, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд;

- дороиҳои пасти пардохтпазирии бонк – қарзҳои кӯтоҳмуддат ва баъзан дарозмуддат, амалиёти факторинг, коғазҳои қиматноки сармоягузорӣ ва амалиёти лизингӣ мебошанд;

- дороиҳои ноустувор - қарзҳои батаъхирафтода, баъзе коғазҳои қиматбаҳо, таҷҳизот ва иншоот мебошанд [3].

Аз ин ҷо муайян кардан мумкин аст, ки сифати дороиҳо ба пардохтпазирии дороиҳо, ҳаҷми дороиҳои хавфнок ва ҳаҷми дороиҳои даромаднок вобаста аст. Барои таъмини қобилияти ҳаррӯза дар иҷрои уҳдадориҳои худ, бонки тиҷоратӣ ба сифатии дороиҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дода, бояд ба талаботи пардохтпазирӣ ҷавобгӯ бошад.

Барои назорати сатҳи пардохтпазирии ташкилоти қарзӣ, меъёрҳои пардохтпазирӣ (фаврӣ, ҷорӣ, дарозмуддат ва умумӣ, инчунин, амалиёт бо металлҳои қиматбаҳо), ки ҳамчун таносуби дороиҳо ба уҳдадориҳо бо назардошти давра, миқдор ва дигар хусусиятҳо мебошанд, муайян карда мешаванд [11].

Сифати дороиҳо хусусияти умумии онҳост ва он дар асоси меъёрҳо, ба монанди пардохтпазирӣ, хавфнокӣ ва даромаднокӣ муайян карда мешавад. Пардохтпазирӣ аз сифат ва қобилияти дороиҳои бонк вобаста мебошад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ онро ба пули нақд табдил дода, ба ин восита уҳдадориҳоро пардохт менамояд. Ҳаҷм ва миқдори қарз аз сифат ва ҳаҷми муайяни дороиҳо вобаста аст, яъне бо афзоиш ёфтани сандуқи дороиҳо сандуқи қарзӣ низ меафзояд. Вобаста ба ин меъёри пардохтпазирӣ барои бонк ё дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкиро Бонки миллии Тоҷикистон муайян менамояд:

- таносуби байни дороиҳо ва уҳдадориҳои он бо дарназардошти муҳлат, маблағ, навъи дороиҳо, уҳдадориҳо ва омилҳои дигар;

- таносуби дороиҳои пардохтпазир (захираҳои пули нақд, коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуддат, дигар дороиҳои зуд ба фурӯшраванда) ва дороиҳои умумӣ;

Сифати дороиҳо аз рӯи дараҷае муайян карда мешаванд, ки онҳо ба ноил шудан ба ҳадафи асосии бонки тиҷоратӣ, яъне ба даст овардани фоидаи устувори он мусоидат намоянд.

Сатҳи баланди сифати дороиҳо, пеш аз ҳама, бо он муайян карда мешавад, ки маблағҳои гузошташуда дар муҳлати дар шартнома пешбинишуда бо назардошти арзиши ҳисобкардашудаи назди ташкилоти қарзӣ (барои дороиҳои ҷойгиршуда) то чи андоза пурра баргардонида мешаванд ё қобилияти фурӯхтани ин дороиҳо бо нархи на камтар аз арзиши балансиаш (барои дороиҳои дарозмуддат) мебошанд [5].

Арзёбӣ намудани сифати дороиҳои бонкӣ, яке аз муҳимтарин чораҳои муайян кардани сатҳи эътимоднокии бонк ва дурнамои фаъолияти он мебошад. Сифати дороиҳо бо он муайян карда мешавад, ки онҳо то чи андоза дар иҷрои вазифаи асосии бонки тиҷоратӣ, яъне фаъолияти устувори он саҳм мегузоранд. Аз ин лиҳоз, сифати дороиҳои бонкҳои тиҷоратиро бо омилҳои зерин: мутобиқати сохтори дороиҳо бо сохтори уҳдадориҳо аз рӯи муҳлат, пардохтпазирии дороиҳо, даромаднокии дороиҳо, диверсификатсияи амалиётҳои фаъол, ҳаҷм ва таносуби дороиҳои хатарнок ва камарзиш ва нишонаҳои ноустувории дороиҳо муайян кардан мумкин аст.

Бонкҳои тиҷоратӣ барои муайян намудани сифати дороиҳо ва идора кардани онҳо бояд нақшаи чорабиниҳои махсус таҳия намоянд, ки дар онҳо тадбирҳои зерин аз қабили баҳодиҳӣ ва таснифи дороиҳо, дар сатҳи муносиб ва боэътимод саривақт ташкил намудани фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо, аз тавозун хориҷ кардани дороиҳои беэътимод ва инъикоси воқеии пардохти дороиҳо ва ғайра андешида шуда бошад. Вазъи дороиҳо, сандуқи қарзӣ, аз ҷумла, фонду захираҳо ва дороиҳои ғайрифаъоли асосӣ бояд зери назорати роҳбарияти бонкҳои тиҷоратӣ қарор дошта бошанд. Маълумоте, ки онҳо доранд, ҳадди ақал бояд маълумоти зеринро аз қабили хулосаи натиҷаи охирини баҳодиҳии дороиҳо, тамоюлҳои муқоисавии сифати умумии дороиҳои ғайрифаъол, баҳодиҳии бадшавии ҳолати ҷорӣ ё пешбинишудаи сифати дороиҳо ва зарари эҳтимолӣ, ки дар шароити муқаррарӣ ва таҳти фишор ба амал меояд, сатҳ ва кифоятии фондҳои ташкилоти қарзиро дар бар гирад. Ин маълумотҳоро бонкҳои тиҷоратӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади огоҳ будани он аз ҳолати молиявӣ ва вазъи пардохтпазирӣ метавонанд пешниҳод намояд.

Ташкилотҳои қарзӣ барои сари вақт муайян намудани бадшавии сифати дороиҳо, назорати доимии дороиҳои ғайрифаъол, инчунин, ҷамъоварии маблағҳои муҳлатгузашта бояд захираҳои моддию маънавии зарурӣ дошта бошанд [4].

Ҳамин тариқ, ба тамоюлоти умумии таркиб ва сохтори дороиҳо нигоҳ накарда, ҳар як бонк кӯшиш мекунад, ки барои ташкили сохтори дороиҳо, ки бевосита аз сифати онҳо вобаста аст, мароқ зоҳир намояд. Сифати дороиҳо аз болои бозоргирии онҳо муайян карда мешавад ва дар ин маврид, ҳаҷми таваккалиятҳои дороиҳо, ҳаҷми умумии дороиҳои камарзиш ва ҳачми дороиҳои даромаднок ба назар гирифта мешавад.

Ба андешаи олимони тоҷик Н. Ашуров ва А. Ашуров барои муайян намудани фаъолияти устувори бонкҳо таҳлили сифати активҳо ва пассивҳо, инчунин, асоси захиравии онҳо аҳамияти зиёд доранд [1].

Пайдоиши фоизҳои тағйирёбанда дар таҷрибаи фаъолияти бонкҳои мамлакатҳои мутараққӣ ба он оварда расонд, ки сифати дороиҳо ва уҳдадориҳо дар якҷоягӣ таҳлил гарданд. Ин ҳолат масъалаи идора намудани дороиҳо ва уҳдадориҳоро ба миён овард. То ин давра ҷараёни интихоби дороиҳо ва идора кардани уҳдадориҳо ба таври ҷудогона сурат мегирифт. Дар ин давра депозитҳо (амонатҳо) ҳамчун нишондоди омили таъсири беруна ҳисобида мешуданд. Ин мафҳум ба он асоснок карда мешуд, ки бонкҳо депозитҳоро намехаранд ва танҳо қабул менамоянд. Дар он давра сиёсати идора кардани уҳдадориҳо ба афзоиши онҳо ва интихоби дороиҳо равона карда шуда буданд. Ҳолати якҷоя идора кардани дороиҳо ва уҳдадориҳо дар навбати аввал интихоби таркиби муътадили депозитҳо ва уҳдадориҳо, захираҳо ва сандуқи қарзӣ, идора кардани пардохтпазирӣ гузошта шуданд.

Ҳолати таҳлили дороиҳо ба амалиёти қарзӣ ва амалиёт бо қоғазҳои қиматнок таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, аз ҷумла қарзҳои дар муҳлати муқарраршуда барнагашта ва сандуқи коғазҳои қиматнок. Аз ҳолати ин ду нишондод омилҳоеро, ки ба сифати активҳо таъсир мерасонанд ба осонӣ муайян кардан мумкин аст:

1. Вобастагӣ ба хусусияти сиёсати маблағгузории бонки тиҷоратӣ.

2. Ҳолати дуруст ҷобаҷогузории қарзҳо ва маблағгузориҳо.

3. Дуруст ва самаранок идора кардани қарзҳои беэътимод.

Маъмулан, сифати дороиҳоро иқтисоддонон бо омилҳои зерин алоқаманд мекунанд:

- Сифати сандуқи қарзӣ;
- Фоидаоварии дороиҳо;
- Дараҷаи хатари дороиҳо;
- Ҳиссаи қарзҳои мухлати пардохташон ба таъхирафтода ва ғайра [1].

Сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар муайян намудани сифати дороиҳои низоми бонкӣ нақши асосӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳлили он метавонад то кадом андоза пардохтпазир будани дороиҳои низоми бонкиро муайян намояд. Зиёд шудани ҳиссаи қарзҳо дар иқтисодиёт ва вазни қиёсии он бо ММД аз он шаҳодат медиҳад, ки

дороиҳои бонкӣ то кадом андоза самаранок истифода шуда истодаанд (нигоҳ ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ (млн. сомонӣ)**
**Table 1. Quality of the credit portfolio of the banking system (million Somoni)**

| Гурӯҳбандии қарзҳо / Солҳо | Ҳамагӣ (маҷмуӣ) | Фаъол | Ғайрифаъол | Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарз (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| 2014 | 9 661,3 | 7 482,1 | 2 179,2 | 22,6 |
| 2015 | 11 228,4 | 6 983,2 | 4 245,2 | 37,8 |
| 2016 | 9 823,1 | 5 220,0 | 4 603,1 | 46,9 |
| 2017 | 8 507,3 | 5 460,7 | 3 046,6 | 35,8 |
| 2018 | 8 677,2 | 6 045,0 | 2 632,2 | 30,4 |
| 2019 | 9 703,2 | 7 144,2 | 2 559,0 | 26,4 |
| 2020 | 10 882,5 | 8 336,7 | 2 545,8 | 23,4 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ дар солҳои 2015, №12 (245), 2019, №12 (293), 2020, №12 (305).

Аз ҷадвали мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳиссаи қарзҳои маҷмуӣ, фаъол ва ғайрифаъол зудтағйирёбанда мебошанд. Чунки иқтисодиёти замони имрӯза худ ноустувор аст ва аз ин рӯ тағйирот дар қарзҳо низ ба таври возеҳ аён мегардад. Масалан, агар мо ба солҳои 2015-2016 таваҷҷуҳ намоем, ҳам зиёдшавии қарзҳои маҷмуӣ ва ҳам қарзҳои ғайрифаъолро мебинем. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар ҳамон солҳо дар иқтисодиёт талабот ба қарз зиёд, аммо иқтидори баргардонидани қарз бошад паст буд. Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзӣ дар соли 2016 ба ҳадди максималии худ ба 46,9%-и сандуқи қарзӣ баробар гардид. Дар солҳои охир бошад, тамоюли болоравии қарзҳои маҷмуӣ ва фаъол нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол ба чашм мерасанд, ки ин аз босуботии низоми бонкӣ ва истифодаи самаранoки дороиҳои бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Вобаста ба ин доктори илмҳои иқтисодӣ Хайрзода Ш.Қ. дар кори таҳқиқотии худ қайд менамояд, ки то соли 2019 сифати сандуқи қарзии низоми бонкии кишвар ба таври назаррас беҳтар гардид, ки ин имкон дод, сатҳи устувории он баланд бардошта шавад. Бо вуҷуди ин, мушкилоти қарзҳои пастсифат ва муҳлаташон батаъхирафтода ҳанӯз ҳам боқӣ мондаанд. Танзимгар бояд доимо мониторинги вазъи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзиро ба роҳ монда, ҳамкории ташкилотҳои қарзӣ ва бюроҳои қарзиро такмил диҳад, инчунин, ташаккул ва истифодаи Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) ва суғуртаи бонкиро, махсусан хизматрасониҳои қарзиро инкишоф диҳад [8].

Натиҷаи таҳлили вазъи ҷории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои молиявии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳарчанд фаъолияти бонкҳо тамоюли болоравии рушдро дорад, аммо баъзеи онҳо аз рӯйи суръати рушди дороиҳои умумӣ ва сармояи худӣ нишондодҳои кам дошта, новобаста аз ин васеъгардонии базаи захиравиро асосан аз ҳисоби воситаҳои мизоҷон идома доданд. Бинобар таъсири буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат (аз ҷумла ба интиқоли маблағи ташкилотҳои қарзӣ) ва дигар омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ даромаднокии низоми бонкӣ дар солҳои охир кам гардидааст, ки ин ба тавозуни ҳиссаи сармояи худӣ нисбат ба сармояи ҷалбгардида таъсири манфии худро расонида истодааст.

Таҳлили сифати дороиҳо нишон медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ барои гирифтани даромаднокии баланд кӯшиш мекунанд, то ба мавқеи нави устувор бароянд. Бар замми ин, бонкҳо кӯшиш менамоянд, то сиёсати идоракунии дурустро пеш гирифта, дороиҳои хавфнокро коҳиш диҳанд ва вазъи муътадилро дар бозор аз даст надиҳанд.

Талаботҳои иқтисодиёти бозорӣ низоми бонкиро маҷбур месозад, ки сатҳ ва сифати дороиҳо ва пардохтпазирии худро баланд бардорад. Иҷроиши ин талаботҳо кафолат медиҳанд, ки ин нишондодҳо дар давраи дарозмуддат нигоҳ дошта шуда, ба соҳаи бонкӣ дараҷаи баландтарини устуворӣ таъмин карда шавад. Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «..ноустувории сармояи бонкӣ, сатҳи нокифояи қарздиҳӣ ба иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармоя моро водор месозад, ки дар ин самт тадбирҳои таъхирнопазир андешем…Вобаста ба ин Бонки миллиро зарур аст, ки дар самти гузаронидани ислоҳоти зарурии пуливу қарзӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, сатҳи нархҳо, фаъолияти бонкҳо, назорати риояи қонунгузории бонкӣ ва такмили он, паст кардани дараҷаи хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои корпоративӣ чораҳои мушаххас андешад» [6].

Сандуқи дороиҳои бонк низомест, ки дорои нишондиҳандаҳои мухталиф буда, хусусиятҳои асосии дороиҳоеро фаро мегирад, ки ба гирифтани фоидаи воқеӣ аз истифодаи онҳо таъсир мерасонанд. Азбаски дороиҳои бонк бо ҳам робитаи хеле зич доранд, ба идоракунии онҳо аҳамияти хоса бояд зоҳир намуд.

Дар асоси таҳлилҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бонк бояд барои баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ, таркиби сифатии дороиҳояшро беҳтар намуда, тадбирҳо оид ба афзоиши ҳиссаи дороиҳои нақдӣ, тақсимоти оқилонаи маблағҳои худӣ ва қарзӣ, сармоягузорӣ, қарз ва дороиҳои дигар андешида шавад. Барои боз ҳам афзоиш додани дороиҳои пулӣ ҳиссаи зиёди маблағҳои нақдӣ ба амалиётҳои қарздиҳӣ, сармоягузорӣ ва ба коғазҳои қиматнок худо карда шавад. Ҳалли мушкилоти ҷойгиркунии маблағҳо ба пешниҳоди қарзҳо ва сармоягузориҳо, ки метавонанд даромадро дар сатҳи баланд дошта бошанд. Аз ин рӯ, шароити идоракунии солими бонк, ин қобилияти қонеъ гардонидани талаботи амонатгузорон мебошад ва бонкҳоро зарур аст то маблағҳое, ки барои қонеъ кардани талаботи мизоҷони бонк зарур аст, ба миқдори кофӣ таъмин намоянд.

Дар рушди бомуваффақияти ташкилотҳои қарзӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар баробари кифоягии сармоя, пардохтпазирию бозоргирӣ, сифати алоқа бо муштариён, қаноатмандии муштариён аз хизматрасониҳои пешниҳодшуда, муносибат ба мизоҷон, таҳияи барномаҳои компютерӣ ва дастгирии иттилоотии хизматрасонӣ, маркетинги бонкӣ ва пешниҳоди махсулотҳои нави бонкӣ, истифодаи технологияҳои арзиши рақамӣ ва сифати дороиҳо нақши назаррасро дорост.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров Н. Идора кардани хатари бнкӣ / Н.Ашуров, А.Ашуров. -Душанбе: ҶДММ «Суфра», 2013. -175 с.
2. Балабанов, И.Т. Риск-менеджмент / И.Т. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 1996. -230 с.
3. Вагапова Э.Ф. Оценка качества активов коммерческого банка на примере АККСБ «КС БАНК» ОАО / Э.Ф. Вагапова, Л.А. Челмакина. –Саранск: Мордовский государственный университет имени Н.П. Огарева. -10 с.
4. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо”.
5. Максютов, А.А. Основы банковского дела. Учеб. пособие / А.А. Максютов. -М.: Бератор-Пресс, 2014. -384 с.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дарбораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». -Душанбе, 22 декабри соли 2017. -С.13-14.
7. Портфель активов в коммерческих банках. Финансовый университет при Правительстве РФ / М.В. Минаева. –С.13.
8. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: дис. ... д-ри илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10 / Хайрзода Ш.Қ. -Душанбе, 2021. -381 с.
9. Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ-инвеститсионии кишвар / Шарифзода Н.Ш. // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. -№2(26). –С.149-160. – EDN IUZHZB.
10. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. –С.129-139. – EDN ITJJZD.
11. Vladyka, M.V. Investments to the innovation economy of Russian regions: dynamics, structure. Risks. International Business Management. - 2016. -v.10. -No19. -P.504-505.


## ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲОИ БОНКӢ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ СИФАТИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Барои таъмини қобилияти ҳаррӯза дар иҷрои уҳдадориҳои худ, бонки тиҷоратӣ ба сифатии дороиҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дода, бояд ба талаботи пардохтпазирӣ ҷавобгӯ бошад. Сохтор ва сифати дороиҳо асосан пардохтпазирии бонк, эътимоднокии мизоҷон нисбат ба бонк ва бозоргирии онро

муайян мекунанд. Муаллифон дар асоси таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ тавонистаанд, ки нақши дороиҳоро дар низоми бонкии муосир пурра таҳлил намуда, муайян кардаанд, ки сифати дороиҳо ба пардохтпазирии дороиҳо, ҳаҷми дороиҳои хавфнок ва ҳаҷми дороиҳои даромаднок вобаста аст. Дар асоси таҳқиқоти ин масъала муаллифон роҳҳои муайян намудани сифати дороиҳои бонкӣ ва истифодаи дурусти онро пешниҳод намудаанд. Аз ин сабаб, таҳлили мавзуи мазкур барои пешрафти низоми бонкӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар хулосаи мақола муаллифон доир ба муайян намудани сифат ва идоракунии дороиҳои бонкӣ пешниҳодҳои мушаххас намудаанд, ки дар амалия татбиқи онҳоро ба мақсад мувофиқ шуморидан мумкин аст.

**Калидвожаҳо**: бонки тиҷоратӣ, дороиҳои бонкӣ, сифати дороиҳо, пардохтпазирӣ, сармояи худӣ, амлиёти фаъол, захираҳои бонкӣ, сандуқи қарзӣ, сармоя, қарзҳои ғайрифаъол, дороиҳои хавфнок, қарзҳо, сандуқи дороиҳо.

## УПРАВЛЕНИЕ БАНКОВСКИМИ АКТИВАМИ И ОПРЕДЕЛЕНИЕ ИХ КАЧЕСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Для обеспечения текущей платежеспособности коммерческого банка качество его активов должно быть приоритетным и соответствовать требованиям ликвидности. Структура и качество активов во многом определяют ликвидность банка и доверие клиентов к банку. На основе изучения экономической литературы и работ отечественных и зарубежных ученых автором удалось всесторонне проанализировать роль активов в современной банковской системе и определить, что качество активов зависит от ликвидности активов, величины рисковых активов и суммы доходных активов. На основе исследований по данному вопросу авторы предлагают способы определения качества банковских активов и их целевого использования. Поэтому анализ данной темы имеет особое значение для развития банковской системы. В конце статьи авторы внесли конкретные предложения по определению качества и управлению банковскими активами, реализацию которых на практике можно признать целесообразной.

**Ключевые слова:** коммерческий банк, банковские активы, качество активов, ликвидность, собственный капитал, активные операции, банковские резервы, кредитный портфель, капитал, бездействующие кредиты, рисковые активы, кредиты, портфель активов.

## BANKING ASSETS MANAGEMENT AND DETERMINING THEIR QUALITY IN MODERN CONDITIONS

To ensure the current solvency of a commercial bank, the quality of its assets must be a priority and meet liquidity requirements. The structure and quality of assets largely determine the bank's liquidity and customer confidence in the bank. Based on the study of economic literature and the works of domestic and foreign scientists, the author managed to comprehensively analyze the role of assets in the modern banking system and determine that the quality of assets depends on the liquidity of assets, the value of risky assets and the amount of profitable assets. Based on research on this issue, the authors propose ways to determine the quality of banking assets and their intended use. Therefore, the analysis of this topic is of particular importance for the development of the banking system. At the end of the article, the authors made specific proposals for determining the quality and management of banking assets, the implementation of which in practice can be considered expedient.

**Keywords:** commercial bank, bank assets, asset quality, liquidity, equity, active operations, bank reserves, loan portfolio, capital, inactive loans, risky assets, loans, asset portfolio.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Аҳадов Исматилло Қаюмович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **+992 918 90 41 46.** E-mail: **im-yusuf@mail.ru**
***Саёраева Рухшона Шайховна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи аудит ва ревизия. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **+992 93 114 30 10.** E-mail: **rukhshona@list.ru**

**Сведения об авторах:** ***Ахадов Исматилло Каюмович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **+992918 90 41 46.** E-mail: **im-yusuf@mail.ru**
***Саёраева Рухшона Шайховна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры аудита и ревизии. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **+992 93 114 30 10**. E-mail: **rukhshona@list.ru**

**Information about the authors:** ***Akhadov Ismatillo Kayumovich*** **-** Tajik State Financial and Economic University, Senior Lecturer, Department of Banking. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **+992918 90 41 46.** E-mail: **im-yusuf@mail.ru**
***Sayoraeva Rukhshona Shaykhovna*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Audit and Revision. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **+992 93 114 30 10.** E-mail: **rukhshona@list.ru**

ТДУ: 336.70

# ИНФРАСОХТОРИ МОЛИЯВИИ МУОСИР ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

*Тӯхтаев Т.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Рушди босуръати бозорҳои молиявӣ дар ду даҳаи асри XX, таваҷҷуҳи ҷомеаи илмиро ба масъалаҳои нақши инфрасохтори молиявӣ дар иқтисодиёт, механизмҳои таъсири он ба рушди иқтисодӣ, сабабҳои тафовути сатҳи рушди низомҳои молиявӣ ва сохтори онҳо дар мамолики мухталиф ҳарчӣ бештар ҷалб намудан гирифт.

Дар адабиёти вижаи иқтисодӣ барои ишора кардани ду намуди асосии инфрасохтори (бозори) молиявӣ истилоҳоти гуногун истифода мешавад: «низоми молиявии бонк-асос» (bank based financial system) ва «низоми молиявии дар бозори коғазҳои қиматнок асосёфта» (market based financial system); «бозорҳои дар равобити қавии тарафайн асосёфта» (relationship-based financial system) ва «бозорҳои молиявии дастрасии мустақим» (arm's length financial markets), ё мухтасар «бонкӣ» ё худ «бозорӣ».

Ҳанӯз ду-се даҳсола пештар низомҳои молиявии мамолики мутараққиро метавонистем мушаххасан бо ин ду намуд тасниф кунем: «бонкӣ» - мамолики Аврупои ғарбӣ ва Ҷопон ва «бозорӣ» - Британияи Кабир, ИМА ва дигар мамолики англо-саксонӣ. Дар солҳои 1990-ум бошад, дар аксари мамолики Аврупо тағйироте ба миён омад, ки дар натиҷаи он таснифоти болоӣ «кӯҳна» ба назар мерасидагӣ шуд: низомҳои молиявии онҳо хеле «бозорӣ» шуданд. Бо вуҷуди он, тафовут байни онҳо ҳанӯз побарҷост. Чун асоси ин гуфта, адабиёти фаровон дар бобати бартарияти муқоисавии ин ё он низому инфрасохтори молиявӣ низ дастрас аст.

Дар бобати таъсири хуби ҷузъиёти инфрасохтори молиявӣ ба иқтисодиёт ходимони намоёни сиёсӣ ва иқтисодчиёни машҳур ибрози назар кардаанд. Чунончи Александр Ҳамилтон соли 1781 қайд кардааст, ки «бонкҳо аз ҳамаи механизмҳое, ки рӯи замин арзи ҳастӣ карда, дар рушди иқтисодӣ ҳисса гузоштаанд, беҳтаринашон мебошанд» [21]. Дар бораи таъсири мусбии институтҳои молиявӣ ба хоҷагии халқ Волтер Бэйҷҳот [5] ва Йозеф Шумпетер [35] низ навиштаанд. Ҷоизадори Нобел Мертон Миллер бошад, қайд кардааст, ки «ақида дар бораи ҳиссагузории бозорҳои молиявӣ дар рушди иқтисодӣ хеле дақиқ аст ва зарурате ба муҳокимаи ҷиддии он нест» [18].

Дар зинаҳои қаблии тадқиқот, мо дар бобати пажуҳиши олимони пасошуравӣ оид ба таъсири сатҳу дараҷаи рушди инфрасохтори молиявӣ дар ривоҷ ёфтани раванди инвеститсионӣ ва неруи сармоягузории кишвар назари худро баён карда будем. Тибқи хулосаҳои ҳосилшуда, муайян карда шуда буд, ки қафомондагию заифии инфрасохтори молиявии миллӣ, дар навбати аввал сарчашмаи хавфи баланд буда, сипас чун монеи пурқуввати маҳдудкунандаи неруи инвеститсионии мамлакат баромад мекунад [2].

Дар бобати фаъолияти инфрасохтори молиявӣ дар бахши давлатӣ бошад, як қатор олимони ватанӣ масъалаву муаммоҳои мухталифи танзими андозии равандҳои инвеститсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тавсеаи неруи инвеститсионии кишвар баррасӣ намуда, хулосаҳои илмӣ ироа намудаанд [1].

Дар бораи нақши боризи низоми молиявӣ дар рушди иқтисодӣ чунин муаллифони маъруф чун Е. Шоу, Р. Голдсмит, Р. Маккиннон ва дигарон низ навиштаанд [14].

Ҳамзамон, онҳое ҳам буданд, ки аҳамияти бахши молиявиро таҳти шубҳа қарор доданд. Президенти ИМА Ҷон Адамс соли 1819 исрор мекард, ки бонкҳо ба "ахлоқ, оромӣ ва ҳатто ба некуаҳволии" миллатҳо зарароваранд [21].

Боиси ёдрас аст, ки муаммоҳои сохтори низоми молиявӣ, инфрасохтори он, бозорҳои молиявӣ ва ҷузъиёти онҳо дар асарҳои асосгузорони "иқтисодиёти рушд" (development economics), аз ҷумла, як қатор ҷоизадорони Нобел (В. Леонтйев, Я. Тинберген, С. Кузнетс) умуман муҳокима нашудаанд. Дигар ҷоизадори Нобел – Роберт Лукас, дар бобати аз ҳад зиёд муболиға гардидани баҳои таъсири низоми молиявӣ ба рушди иқтисодӣ гуфтааст. Ҷоан Робинсон таъид кардааст, ки низоми молиявӣ ҳосила аз иқтисодиёти воқеӣ буда, худи рушди иқтисодӣ талаботро ба хадамоти молиявӣ тавлид

мекунад (“where interprise leads, finance follows”) [32]. Низоми молиявӣ ба рушди иқтисодӣ мутаассир набуда, танҳо ба талаботи бахши “воқеӣ” вокуниш нишон медиҳад.

Маврид ба қайд аст, ки қаблан ҳам аксари иқтисодчиён ҷонибдори нуқтаи назари аввала будаанд. Зимнан дар бистсолаи охири асри XX дар соҳаи мазкур табаддулоти куллӣ ба миён омада, акнун аҳамияти бахши молиявӣ дар рушди иқтисодӣ таҳти шубҳа қарор намегирад. Дар давраи мазкур, асарҳои сершуморе рӯи кор омаданд, ки дар онҳо нақшу мақоми низоми молиявӣ дар рушди иқтисодӣ аз дидгоҳи гуногун дида баромада шудаанд.

Дар аввали асри XX Йозеф Шумпетер [35] таъсири мусбии бонкҳоро ба сатҳ ва суръати афзоиши даромади миллӣ аз ҳисоби равона кардани воситаҳо барои татбиқи лоиҳаҳои бештар пурсамар қайд намуда буд. Ӯ таъкид карда буд, ки бонкҳо дар рушди иқтисодӣ нақши калидиро мебозанд, зеро ба кадом ширкатҳо равона кардани захираҳои молиявии ҷамъиятро (пасандозҳо) муайян мекунанд. Аз рӯи ақидаи ӯ, бонкҳо ба рушди иқтисодӣ тавассути таъсир ба тақсимоти пасандозҳо нақшгузоранд, на аз ҳисоби таъсирашон ба меъёри пасандозҳо.

Ба инкишофи тадқиқоти муаммои “низоми молиявӣ ва рушди иқтисодӣ” асари соли 1969-ум нашркардаи Раймон Голдсмит нақши муассир гузоштааст [13]. Маълумоти бахши бонкии 35 мамлакатро дар давраи солҳои 1860 ва 1963 омӯхта, Р. Голдсмит хулоса кард, ки дар давраи дарозмуҳлат байни рушди иқтисодиву молиявӣ мувозинати муайян (параллелизм) мушоҳида мегардад ва дар аксари ҳолатҳо (агарчанде ҳолатҳои истисно низ мавҷуданд) суръати баланди рушди иқтисодӣ бо суръати айнан баланди рушди молиявӣ рост меояд.

Аммо Голдсмит ба суоли робитаи сабабиву оқибатии байни онҳо посухи қонеъкунанда надодааст: яъне, оё рушди низоми молиявӣ барои таъмини рушди иқтисодии босуръат замина буда метавонад ё не? Эҳтимол аз сабаби набудани маълумот дар бораи бозори коғазҳои қиматнок, ӯ фарқияти байни сохтори низоми молиявӣ ва таъсири онро ба рушди иқтисодӣ баррасӣ накардааст.

Дар асари гурӯҳи олимони амрикоӣ бошад, робитаи таърихии байни рушди бонкҳо ва марҳилаҳои барвақти саноатикунонӣ дар Англия (1750-1844), Шотландия (1750-1845), Фаронса (1800-1870), Белгия (1800-1875), Олмон (1815-1870), Россия (1860-1914) ва Ҷопон (1868-1914) баррасӣ шудааст [8].

Р. Маккиннон бошад, дар асари маъмули замонаш, ки соли 1973 таълиф шудааст, робитаи байни низоми молиявӣ ва рушди иқтисодиро дар Аргентина, Бразилия, Олмон, Индонезия, Корея, Тайван ва Чили баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон баррасӣ намудааст [25].

Дар ду асари охирон, муаллифон таҳаввулоти низомҳои сиёсӣ ва ҳуқуқиро аз як тараф ва саноатию молиявиро аз тарафи дигар, ҳадафи таҳлили амиқ қарор додаанд. Дар маҷмуъ, хулосаҳои муаллифони мазкур якранг аст: ҳатто агар низоми молиявӣ дар робита бо эҳтиёҷи ташкилотҳои ғайримолиявӣ тараққӣ кунад ҳам, аммо низоми молиявии хуб амалкунанда дар лаҳзаҳои муайян ва дар давраҳои муайяни таърихӣ, рушди иқтисодиро ба таври назаррас ҳавасманд намудааст.

Асарҳои номбурда ба пажуҳишҳои сершумор, ки аз рӯи самтҳои зерин бурда мешуданд, ҳусни оғоз бахшиданд: 1) маҷро ва самтҳои таъсири низоми молиявӣ ба рушди иқтисодӣ (яъне низоми молиявӣ чи гуна ва аз ҳисоби кадом омилу сабабҳо ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад), 2) кадом тамсилаҳои низоми молиявӣ самаранокии бештар доранд (бонк-асос ё тамсилаҳои дар бозори коғазҳои қиматнок асосёфта), 3) чи ё кадом омилҳо дараҷаи рушди бахши молиявиро муайян мекунанд.

Пажуҳишҳои номбурда дар мисоли бештари мамлакатҳо бо истифода аз усулҳои эконометриии муосир гузаронида мешуданд. Дар шумораи назарраси пажуҳишҳо, ки ба динамикаи иқтисодӣ аз ҳисоби рушди институтҳои молиявӣ бахшида шуда буданд, чунин муайян гардид – манотиқе, ки дар он низоми молиявии мураккабтар ва мутараққӣ ташаккул ёфтааст (муҳим нест, ки шаҳр, мамлакат ё иёлате бошад), минбаъд дар рушди иқтисодӣ низ пешсаф мегардад [19; 27; 28; 29; 34].

Муаллифони дигар, Ҷит Ҷаяратне ва Филип Страхан [15] маълумотро дар бораи берун кардани бонкҳои ИМА аз танзими давлатӣ дар солҳои 1972-1991 чун нишондиҳандаи таккони махсуси рушди молиявӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ба

чунин хулоса омадаанд, ки суръати рушди ММД дар иёлатҳои алоҳида аз 0,51 то 1,19 банди фоизӣ афзудаанд.

Соли 1989 А. Гелб низ ба мавҷудияти коррелятсия дар байни нишондиҳандаҳои рушди молиявӣ ва рушди иқтисодӣ ишора карда буд [12]. Рагурам Раҷан ва Луиҷи Зингалез дар навбати худ, ҷонибдори чунин ақидаанд, ки бозорҳои молиявии мутараққӣ дар навбати аввал ба рушди он ширкатҳое мусоидат мекунанд, ки аз маблағгузории беруна вобастаанд [31]. Онҳо шумораи зиёди соҳаҳои истеҳсолотро дар мамлакатҳои гуногун таҳқиқ намудаанд, то муқаррар кунанд, ки соҳаҳои аз маблағгузории беруна вобаста дар мамлакатҳои инфрасохтори молиявиашон рушдёфта бештар тараққӣ мекунанд. Таҳлили регрессионии аз тарафи онҳо гузаронидашуда ба ин суол посухи мусбӣ додааст.

Натиҷаи таҳқиқоти онҳо имкон медиҳад хулоса кунем, ки сатҳи баланди рушди инфрасохтор ва низоми молиявӣ махсусан ба рушди ширкатҳои нав (лоиҳаҳои стартап) бештар мусоидат мекунад. Ҳамчунин, рушди бозорҳо ва институтҳои молиявӣ рушди соҳаҳои илмталабро ба амсоли техникаи ҳисоббарор ва дорусозии муосир (фармасевтика), ки бештар ба маблағгузории беруна ниёз доранд, метезонад. Ба ақидаи олимони болозикр, чунин мусоидатро бештар бозорҳои саҳмияҳо таъмин мекунанд.

П.Руссо ва Р. Силла бошанд, тасдиқи “назарияи авлавияти рушди молиявиро” (financial led growth) дар 17 мамлакатҳои гуногун аз асри XVII дарёфтаанд [29; 30; 34]. Таҳлили рушди иқтисодии Голландия дар солҳои 1600-1794, Англия солҳои 1700-1850, ИМА солҳои 1790-1850 ва Ҷопон солҳои 1880-1913 муаллифонро ба ақидае овард, ки мувофиқи он, маҳз пайдоиши афзорҳои молиявӣ, институтҳо ва бозорҳои молиявӣ дар рушди савдою саноат нақши асосиро бозидааст. Бахусус “давраи мейдзи”-ро дар Ҷопон (1868-1884) бо истифода аз усулҳои гуногуни VAR таҳқиқ намуда, Руссо хулоса кардааст, ки инфрасохтори (ё худ бахши) молиявӣ дар рушди иқтисодии босуръати Ҷопон то Ҷанги якуми ҷаҳон нақши боризро адо намудааст.

Дар ибтидои солҳои 1990-ум Р.Кинг ва Р.Левин асареро нашр карданд, ки моҳиятан идомаи таҳқиқоти Голдсмит буд [17]. Онҳо индикаторҳои рушди молиявии 77 мамлакатро дар давраи солҳои 1960-1989 дида баромада, онҳоро бо як қатор нишондиҳандаҳо пурра карданд. Онҳо кӯшиш карданд ба суоле посух диҳанд, ки оё метавонад сатҳи рушди молиявӣ суръати ояндаи рушди иқтисодӣ, андӯхти сармоя ва афзоиши ҳосилнокии меҳнатро муайян кунад.

Нишондиҳандаҳои рушди молиявӣ, ки онҳо ба доираи таҳқиқоти худ ворид карда буданд, инҳоянд:

- Амиқияти молиявӣ (DEPTH) – таносуби уҳдадориҳои бозоргири миёнаравҳои молиявӣ (нақдина ва депозитҳои институтҳои қарзӣ) нисбат ба ММД.
- Ҳиссаи бонкҳои хусусӣ дар ҳаҷми қарзҳо (BANK) – таносуби қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба маблағи умумии қарзҳо ва дороиҳои бонки марказӣ.
- Қарз ба бизнеси хусусӣ (PRIVATE) – таносуби қарзҳо ба бизнеси хусусӣ нисбат ба бузургии умумии қарз (ба истисноӣ байнибонкӣ).
- Таносуби қарзҳо ба корхонаҳои хусусӣ нисбати ММД (PRIVY).

Дар байни нишондиҳандаҳои рушд Кинг ва Левин суръати рушди ММД-и воқеиро ба ҳар сари аҳолӣ, суръати рушди сармояи асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва суръати рушди ҳосилнокии меҳнатро интихоб намуданд.

Онҳо 12 муодилаи регрессияро барои 77 мамлакат таҳия намуда, дигар тағйирёбандаҳоеро, ки ба рушди иқтисодӣ таъсир расонида метавонистанд (даромад ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи маълумоту касбият, суботи сиёсӣ, сиёсати фискалию монетарӣ) истисно намуданд. Онҳо коэффитсиентҳои пураҳамиятро дар ҳамаи 12 регрессияҳо ҳисоб карда баромаданд, ки робитаи хеле қавиро байни ҳар 4 нишондиҳандаи рушди молиявӣ ва 3 нишондиҳандаи рушд нишон додааст.

Барои муайян кардани робитаи сабабиву оқибатии байни рушди молиявию иқтисодӣ, муаллифон кӯшиш кардаанд муайян кунанд, ки то чи андоза амиқияти молиявии (DEPTH) соли 1960 имкон медиҳад, то суръати рушд, андӯхти сармоя ва ҳосилнокии меҳнат барои 30 соли оянда пешгӯӣ карда шавад. Муодилаҳои регрессияе, ки онҳо таҳия кардаанд, пешгӯишавандагии баланди нишондиҳандаи амиқияти

молиявиро нишон дод. Ҳамин тавр, коэффитсиентҳои ҳосилшуда имкони пешгӯӣ медиҳанд, ки агар дар Боливия соли 1960 амиқияти молиявӣ на 10%, балки мувофиқи нишондиҳандаи миёнаи мамлакатҳои рӯ ба тараққии ҳамонвақта баробари 23% бошад, пас мамлакат дар 30 соли оянда ба андозаи 0,4% тезтар тараққӣ карда, ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 1990 метавонист ба 13% баландтар гардад [18].

Камбудии ин кори илмӣ дар он буд, ки зимни таҳияи он, маълумотҳои рақамии танҳо бонкҳо истифода бурда шудаанд. Ин таҳқиқот ба суоли маҳз кадоме аз хусусиятҳои низоми молиявӣ барои рушди иқтисодӣ аз ҳама муҳиманд, посухи пурра дода натавонист: андоза, самаранокӣ, рақобатпазирӣ, танзими бонкҳо, нақши институтҳои молиявии ғайрибонкӣ, андоза ва бозоргирии бозорҳои саҳмияҳою вомбаргҳо, ҳуқуқи саҳмдорон ва қарздеҳон ва ғайра. Ҳамчунин, чигунагии механизми гузариши импулсҳо аз бахши молиявӣ ба воқеӣ, ва оё низоми молиявии самараноктар рушди иқтисодиро бештар аз ҳисоби сатҳи баланди сармоягузориҳо ё аз ҳисоби сафарбар кардани сармоягузориҳо ба соҳаҳою корхонаҳои маҳсулноктар метезонад, номаълум монд.

Дар асарҳои минбаъдаи ҳамин ё дигар муаллифон нишондиҳандаҳои дигари рушди молиявӣ (капитализатсия/ММД, бозоргирии бозори саҳмияҳо (гардиш/капитализатсияи бозори саҳмияҳо ва ғайра) рӯи кор омаданд [9; 10; 20; 22; 31].

Ҳамин тавр, Р. Левин дар якҷоягӣ бо Сара Зервос таҳқиқоти муштарак гузаронида, нақши бозори саҳмияҳоро дар рушди иқтисодӣ муайян кардаанд [22]. Онҳо нишондиҳандаҳои гуногуни (капитализатсия/ММД, гардиш/капитализатсия ва ғайра) бозори саҳмияҳои 42 мамлакатро барои давраи солҳои 1976-1993 таҳқиқ намуданд.

Муаллифони мавсуф муқаррар намуданд, ки сатҳи ибтидоии бозоргирии бозори саҳмияҳо (гардиш/капитализатсия), дар баробари сатҳи ибтидоии рушди низоми қарз (қарзи бонк ба бахши хусусӣ/ММД) бо суръатиояндаи рушди иқтисодӣ, андӯхти сармоя ва рушди ҳосилнокии меҳнат барои 18 соли минбаъда коррелятсияи назарраси мусбӣ доранд. Ин ҷо низ барои бартараф намудани таъсири омилҳои беруна (сатҳи ибтидоии даромад, сатҳи маълумоту касбият, таваррум, хароҷоти давлат, суботи сиёсӣ ва ғайра) ба модел ислоҳҳои мувофиқ ворид карда шудаанд.

Левин ва Зервос таъкид мекунанд, ки робитаи байни бозори саҳмияҳо, бонкҳо ва рушд тавассути рушди ҳосилнокӣ бештар рӯи кор меояд, на ин ки тавассути андӯхти сармоя.

Онҳо ҳамчунин муайян карданд, ки андозаи бозори саҳмияҳо (капитализатсия/ММД) бо суръати рушди ММД, ҳосилнокии меҳнат ва андӯхти сармоя коррелятсияи хеле заиф дорад. Дар ҳақиқат, ба даст овардани қарори мусбии листинг (қарори махсуси Кумитаи биржавӣ оид ба роҳ додани коғазҳои қиматноки ширкат ба савдои биржавӣ) дар биржаи миллӣ, ҳатман ба тақсимоти беҳтарини захираҳои молиявӣ сабаб шуда наметавонад.

Т.Бек, Р.Левин ва Н.Лоайза ба суоли маҳз ба кадом қисмат таъсир кардани бахши молиявии иқтисодиёт кӯшиши пайдо намудани посухро кардаанд [7]. Аз ҷумла, онҳо таъсири рушди миёнаравҳои молиявиро ба меъёри пасандоз, инвеститсияҳо ва ҳосилнокии меҳнат таҳқиқ намуданд. Онҳо барои ин мақсад, маълумоти рақамии 63 мамлакатро барои давраи 1960-1995 истифода бурдаанд.

Таҳқиқоти онҳо мавҷудияти робитаи устуворро байни рушди миёнаравҳои молиявӣ аз як тараф ва инвеститсияҳою меъёри пасандозҳои бахши хусусӣ аз тарафи дигар, тасдиқ карда натавонист. Аммо ба онҳо муяссар гашт, ки байни рушди миёнаравҳои молиявию афзоиши ММД-и воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва ҳосилнокии меҳнат робитаи пураҳамияти омориро ифшо намоянд.

Аз тарафи дигар, ин натиҷаҳо бо ақидаи Й. Шумпетер оид ба рушди молиявӣ мувофиқ омадаанд. Зеро ӯ чунин мешуморид, ки миёнаравҳои молиявӣ рушдро тавассути ҳавасмандкунии афзоиши ҳосилнокии меҳнат (TFP-total factor productivity) ба пеш мекашанд.

Т.Бек, А. Демиргуч-Кунт ва Р.Левин дар бораи низомҳои молиявии 150 мамлакат манбаи додаҳоро барои давраи солҳои 1960-1995 таҳия намуданд, ки имкони таҳқиқи таҳаввули онҳоро дар 35 соли охир фароҳам овард [6]. Онҳо тавонистанд нишон диҳанд,

ки бонкҳо, миёнаравҳои молиявии ғайрибонкӣ (ширкатҳои суғурта, фондҳои нафақа, ширкатҳои молиявӣ, фондҳои инвеститсионӣ ва ғайра) ва инчунин, бозорҳои саҳмияҳо дар мамлакатҳои бой бештар тараққӣ карда, ҳамзамон, самаранок мебошанд. Яъне бо баробари афзудани боигарии ин ё он мамлакат, низому инфрасохтори молиявии он низ мураккабу мутараққӣ мегардад. Боз як хулосаи дигар: чи қадаре, ки мамлакатҳо бойтар шаванд, бозорҳои саҳмияҳо назар ба бозорҳои қарзҳои бонкӣ бештар фаъолу самараноктар мегарданд. Ҳамин тавр, бо баробари болоравии некуаҳволӣ дар ин ё он мамлакат, низомҳои молиявӣ тамоюли (баъзан истисно ҳам ҷой дошта метавонад) бештар "бозорӣ" (яъне, бештар дар бозори коғазҳои қиматнок асос ёфтан) шудан доранд.

Р.Раҷан ва Л.Зингалез муайян карданд, ки дар мамлакатҳои низому инфрасохтори молиявиашон мутараққӣ, соҳаҳое, ки ба воситаҳои ҷалбшаванда ниёз доранд, нисбат ба дигар соҳаҳо сареҳтар рушд меёбанд. Ё ки баръакс, дар мамолики низоми молиявиашон заиф, чунин соҳаҳо назар ба дигарашон хеле суст тараққӣ меёбанд [31].

Маълумоти ширкатҳои алоҳидаро истифода бурда, А. Демиргуч-Кунт ва В.Максимович муайян карданд, ки ширкатҳо дар он мамолике босуръат тараққӣ мекунанд, ки дар он ҷо гирифтани маблағгузории беруна осонтар бошад [11] Дар маҷмуъ, корҳои илмии номбаршуда робитаи мусбии байни рушди молиявию иқтисодиро нишон медиҳанд.

Осори илмии солҳои 90-уми асри сипаришуда, ки ба нақши низоми молиявӣ дар рушди иқтисодӣ бахшида шудаанд, ба назарияи нави рушди иқтисодӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ, неоинститутсионализм ва иқтисодиёти рафторӣ такя мекунанд, ки имкони тавлиди назари навро ба нақши бонкҳо ва бозори коғазҳои қиматнок чун сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба миён оварда, барои ташаккули донишҳо оид ба фаъолияти институтҳои молиявӣ дар микросатҳ мусоидат намуданд. Маҳз ҳамин назарияву фарзияҳо як қатор қонуниятҳои назарияи неоклассикиро беэътибор карданд.

Назарияи неоклассикӣ дар бозорҳои бидуни фриксия (ҳолати идеалӣ) ва самаранок, ки дар онҳо агентҳои (иштирокчиён) мутафарриқ ва ратсионалӣ амал мекунанд, асос ёфтааст.

Асоси назарияи нави рушди иқтисодиро (назарияи рушди эндогенӣ) асарҳои П. Ромер, Р. Лукас ташкил медиҳанд [23; 33]. Ин назария дар нимаи дуюми солҳои 1980-ум ба вуҷуд омада, ба пешрафти таҳқиқот дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти даҳаи минбаъда таъсири амиқ расонидааст. Назарияи нави рушди иқтисодӣ прогресси илмию техникиро (ПИТ) дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳад, ки он дар тафовут аз назарияи неоклассикӣ чун омили эндогенӣ матраҳ мешавад.

Боз як асоси назариявии пажуҳишҳои номбурда "иқтисодиёти иттилоотӣ" (economics of information) [4; 16; 36] гардид, ки дар замони муосир бо назарияи бозори сармояи неоклассикӣ баробарқимат шуморида мешавад.

Неоинститутсионализм (*New Institutional Economics*) бештар дар хароҷоти транзаксионӣ, андозҳо ва дигар фриксияҳои бозор тамаркуз ёфтааст. Иқтисодиёти рафторӣ (*Behavioral Economics*) бошад, аз рафтори ғайриратсионалии (ғайриоқилона) агентҳои беиттило бармеояд. Дар тафовут аз назарияи неоклассикӣ, ин назарияҳо таваҷҷуҳи муҳимро ба фриксияҳои (соишҳо) махсуси бозор равона кардаанд. Онҳо ҳамчунин муҳимияти сохтори институтсионалии бозорро ба назари эътибор мегиранд.

Дар назарияи неоклассикӣ институтҳо аз он ҷое "аҳамият надоранд", ки нархҳои мутавозин ва тақсимоти захираҳо аз сохторҳои мушаххаси институтсионалӣ вобаста нестанд. То даме, ки бозорҳо самаранок ва бидуни фриксия маҳсуб мешаванд, амалан низоми молиявии дилхоҳро метавон истифода бурд.

Назарияи неоклассикиро танқид карда истода, ҷонибдорони неоинститутсионализм ва иқтисодиёти рафторӣ моделҳои низоми молиявиро таҳия мекунанд ва нишон медиҳанд, ки чи гуна ба миён омадани фриксияҳои бозориву инҳироф аз рафтори оқилона (ратсионалӣ) метавонад ба вайроншавии ҷидди мутавозинии нарх ва тақсимоти захираҳо оварда расонад.

Моҳияти иқтисодиёти иттилоотӣ дар баёнияи зерин ифода меёбад. Намудҳои гуногуни хароҷоти иттилоотӣ, транзаксионӣ ва дигар хароҷот, ки аз сабаби тафовут

дар низомҳои ҳуқуқӣ, танзимотӣ ва андозӣ ба миён меоянд, боиси пайдоиши шартномаҳои молиявӣ, бозорҳо ва миёнаравҳои гуногуншакл дар мамлакатҳо ва давраҳои гуногуни таърихӣ мегарданд.

Низомҳои молиявӣ имкон медиҳанд, ки соишҳои бозорӣ (фриксияҳо) тавассути таъсиррасонӣ ба тақсимоти вақтию фазогии захираҳо дар байни агентҳои иқтисодӣ, паси сар карда шаванд [18; 26]. Масалан, ба миён омадани бонкҳо, ки гирифтани иттилоро дар бораи ширкатҳо ва мудирони (менеҷерон) онҳо осон мегардонад, тақсимоти захираҳои қарзиро бешубҳа тағйир медиҳад.

Айнан, мавҷудияти шартномаҳои молиявӣ, ки ба сармоягузорон дар бобати баргашта гирифтани маблағҳои гузошташуда бо даромадаш (бо ифодаи фоиз) аз қарздорон бовариро илқо мекунад, дар тартибу интизоми истифодаи захираҳои амонатӣ аз ҷониби дорандагони онҳо таъсиргузор мебошад.

Боз як далел. Мавҷудияти бозорҳои зудамали (бозори дараҷаи дуюм) саҳмияву вомбаргҳо низ ба сармоягузорон боварӣ ва эътимод мебахшад. Зеро дар ҳолати зарурӣ онҳо метавонанд, сармоягузории хешро бо талафоти камтарин аз арзишаш ва бо тезӣ ба нақдина бадал кунанд. Ин бошад, дар навбати худ, дар тақсимоти захираҳои молиявӣ таъсиргузор буда, ҳиссаи захираҳоеро, ки ба андӯхт ва сипас мувофиқан ба сармоягузорӣ равона мегарданд, меафзояд.

Миёнаравҳои молиявӣ хароҷотеро, ки бо муайян кардани объектҳои бештар самараноки инвеститсионӣ алоқаманданд, тавассути татбиқи назорати корпоративӣ, идоракунии хавфҳо ва ҷамъоварии захираҳои молиявӣ коҳиш медиҳанд. Инчунин, назария ифода мекунад, ки миёнаравҳои молиявӣ хадамоти номбаршударо расонида, тавассути он ба қарорҳои субъектони хоҷагидор оид ба андӯхт ва сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, ки ин дар навбати худ ба суръати рушди иқтисодӣ дар давраи дарозмуҳлат таъсири мустақим мерасонад.

Ҳамин тавр, назарияи нави молия, ки дар иқтисодиёти иттилоотӣ ифода ёфтааст, дар фарзияи тақсимоти ассиметрикии иттилоот байни қарздиҳандаву қарзгиранда асос ёфтааст. Номувофиқии иттилоот (ассиметрият) бо ном проблемаҳои хавфи ахлоқӣ ва интихоби манфиро (moral hazard, adverse selection problems) ба миён меорад. Моҳияти онҳо дар он аст, ки муомилаи дилхоҳи молиявӣ барои қарздиҳанда хавферо дар худ дорад, чун қарзгиранда метавонад бар зарари манфиатҳои қарздиҳанда амал кунад. Ин ҳолат ба он боис мегардад, ки муомилаи молиявӣ барои манфиатҳои тарафайн судманд набуда, пеш аз ҳама, посухгӯи манфиати қарзгиранда мебошад [4; 36; 3].

Аз ин рӯ, ташкили маблағгузорӣ ба муаммои муҳиме табдил меёбад, ки барои ҳалаш механизмҳои мухталифи маблағгузорӣ истифода мешаванд ва ҳар кадоми онҳо проблемаи хавфи ахлоқӣ ва интихоби манфиро ба таври гуногун ҳал мекунанд.

Вобаста аз ақидаҳои олимони соҳаи низоми молиявӣ ва ташаккули инфрасохтори молиявии муосир, ки дар боло тавсифашро оварда, таҳлил намудем, нақшу мақоми низоми молиявӣ дар рушди иқтисодӣ тавассути вазифаҳое, ки адо мекунад, муайян карда мешавад. Мо бо таснифоти вазифаҳои низоми молиявии олими намоёни соҳа Росс Левин (Донишгоҳи Миннесота, ИМА), ки чандин бор дар ин мақола таърифашро овардем, мувофиқем. Зеро таснифоти ӯ бо назардошти аксарияти талаботи инфрасохтори комили молиявии низоми бозориасоси муосир таҳия гардида, ба ниёзҳои мамолики рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷавобгӯ буда метавонад. Ҳамин тавр, Р. Левин панҷ вазифаи низоми молиявии муосири бозориасосро ҷудо намудааст [18]:

1) иттилоотӣ (пешниҳоди иттилоот оид ба инвеститсияҳои имконпазир ва тақсимоти сармоя);

2) назорат ва мониторинг (ташкил ва бурдани назорат аз болои сармоягузориҳо ва менеҷерон пас аз додани хатти маблағгузорӣ);

3) идоракунии хавфҳо (паст кардан, танаввуъ (диверсификатсия) ва идоракунии хавфҳо);

4) тамаркузи пасандозҳо (сарҷамъ кардани пасандозҳои агентҳои иқтисодӣ);

5) ихтисори хароҷоти муомилот (муомилоти молу хадамотро осон мегардонад).

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

## АДАБИЁТ


1. Исматов, Х.Х. Вопросы налогового регулирования инвестиционных процессов в Республике Таджикистан / Х.Х. Исматов, Н.Ш. Рахимова, А.Ш. Амонова // Социальные и экономические системы. – 2022. -№4(28). - С.194-217.
2. Тухтаев Т.М. Институциональные сбои современной финансовой инфраструктуры / Т.М. Тухтаев // Финансово-экономический Вестник. – 2022. – №3(32). – С.82-86.
3. Чиркова Е.В. Действуют ли менеджеры в интересах акционеров? Корпоративные финансы в условиях неопределенности. -М.: ЗАО «Олимп-Бизнес», 1999.
4. Akerlof G.A. The market for “Lemons”: Qualitative Uncertainty and the Market Mechanism// Quarterly Journal of Economics, 1970, № 84, pp. 488-500
5. Bagehot W. Lombard Street. Homewood, IL: Richard D. Irwin, 1873 (1962 Edition).
6. Beck T., Demirgüç-Kunt A., Levine R.A New Database on Financial Development and Structure// World Bank Economic Review, № 14, 2000.
7. Beck T., Levine R., Loayza N. Finance and the Sources of Growth// Journal of Financial Economics. No 58, 2000, pp. 261-300.
8. Cameron R., Crisp O., Patrick H.T., Tilly R. Banking in the Early Stages of Industrialization: A Study in Comparative Economic History, New-York: Oxford University Press, 1967.
9. Demirgüç-Kunt A., Levine R. Bank-Based and Market-Based Financial Systems: Cross-Country Comparisons. World Bank, mimeo.
10. Demirgüç-Kunt A., Maksimovic V. Funding Growth in Bank-Based and Market-Based Financial System: Evidence from Firm Level Data, mimeo, 2000. www.worldbank.org.
11. Demirgüç-Kunt A., Maksimovic V. Stock Market Development and Firm Financing Choices// World Bank Economic Review, 1996 № 10, pp. 341-370.
12. Gelb A. Financial Policies, Growth and Efficiency, Working paper No 421, 1989. The World Bank, Washington, DC.
13. Goldsmith R.W. Financial Structure and Development. New Haven, CT: Yale University Press, 1969.
14. Gurley J.G, Shaw E.S. Financial Aspects of Economic Development // American Economic Review, №45, 1955.
15. Jayaratne J., Strahan P.E. The Finance-Growth Nexus: Evidence from Bank Branch Deregulation // Quarterly Journal of Economics, № 111.
16. Jensen M.C., Meckling W.H. Theory of the Firm: Managerial Behavior, Agency Costs and Ownership Structure// Journal of Financial Economics, 1976, № 3, pp. 305-360.
17. King R.G., Levine R. Finance and Growth: Schumpeter Might be Right// Quarterly Journal of Economics, № 108, 1993.
18. Levin R. Finance and growth: theory and evidence//Working Paper 10766. September 2004. National bureau of economic research. P.1. www.nber.org.
19. Levine R. Bank-Based or Market-Based Financial Systems: Which is Better? // Journal of Financial Intermediation, Vol. XI (February), 2002.
20. Levine R. Finance and Growth: Theory and Evidence// Working Paper 10766. September 2004. National bureau of economic research. P.1. www.nber.org.
21. Levine R., Loayza N., Beck T. Financial Intermediation and Growth: Causality and Causes//World Bank. Mimeo. www.worldbank.org.
22. Levine R., Zervos S. Stock Markets, Banks and Economic Growth // American Economic Review, № 88, 1998.
23. Lucas R.E. On the Mechanics of Economic Development // Journal of Monetary Economics, 1988, Vol. 22, pp. 3-42.
24. McKinnon R.I. Money and Capital in Economic Development, Washington, DC: Brookings Institution, 1973.
25. McKinon R.I. Money and Capital in Economic Development, Washington, DC: Brookings Institution, 1973.
26. Merton R.C., Bodie Z. A Conceptual Framework for Analyzing the Financial Environment in the Global Financial System: A Functional Perspective, Eds: D.B. Crane, et al., Boston, MA: Harvard Business School Press, 1995.
27. Neal L.D. The Rise of Financial Capitalism: International Capital Markets in the Age of Reason, Cambridge, U.K.: Cambridge University Press, 1990.
28. North D. Institutions, Institutional Change, and Economic Performance, Cambridge, U.K.: Cambridge University Press, 1990.
29. Peter L. Rousseau. Historical Perspectives on Financial Development and Economic Growth // National Bureau of Economic Research Working Paper No 9333 November 2002. www.nber.org.
30. Peter L. Rousseau. Richard Sylla. Emerging financial markets and early US growth// National Bureau of Economic Research Working Paper No 7448, 1999.
31. Rajan R.G., Zingales L. Financial Dependence and Growth // American Economic Review No 88, June 1998, pp. 559-586.
32. Robinson J. The Rate of Interest and Other Essays, London: MacMillan, 1952, p.86.
33. Romer P. Increasing Returns and Long Run Growth // Journal of Political Economy, 1986, Vol.94, pp. 1002-1037.
34. Rousseau P.L., Sylla R. Financial System, Economic, Economic Growth and Globalization // National Bureau of Economic Research Working Paper No 8323 June, 2001;
35. Schumpeter J.A. Theorie der Wirtschaftlichen Entwicklung. Leipzig: Dunker & Humbolt, 1912. [The Theory of Economic Development, 1912, translated by R. Opie. Cambridge, MA: Harvard University Press, 1934].

36. Stiglitz J.E., Weiss A. Credit Rationing in Markets with Imperfect Information // AER. - 1981. -№ 81. -P.393-410.

## ИНФРАСОХТОРИ МОЛИЯВИИ МУОСИР ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Мақом ва ҷойгоҳи инфрасохтори молиявии муосир бо ҷузъиёту меъёрҳои рӯз аз рӯз тағйирёбандааш дар таъмини рушди иқтисодии ин ё он кишвари алоҳида ё худ низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мавзуи марказии мақола мебошад. Зарурати таҳқиқоти нақши низоми молиявӣ ва унсури марказии инфрасохтори молиявии муосир – бозорҳои мутараққии молиявӣ барои иқтисодиёти рӯ ба тараққии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳатҳо аён аст. Аввал ин ки дар низоми иқтисодиёти миллии мо то ҳол низоми асосии тамаркуз ва тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ, яъне бозори фондӣ ташаккул ва рушди зарурӣ наёфтааст. Зарурати ташаккулу рушди онро барои таъмини тақсимоти самараноки сармоя дар байни соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, таҷрибаи мамолики мутараққии муосир ва ҳатто иддае аз мамолики рӯ ба тараққӣ низ собит намудааст. Дуюм, ҷанбаҳои назариявию методии ташаккули ҷузъиёти инфрасохтори муосири молиявӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои калидии рушди бемайлон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба майдони мубоҳисаи илмӣ ва пажуҳиши густарда кашида нашудаанд. Бо далели мавҷудияти асосҳои болоӣ, дар мақола ақидаву назар ва натиҷаи тадқиқоти як қатор олимони барҷастаи соҳаи низоми молиявии муосир, ки бештар намояндагони мактабҳои классикиву муосири Аврупову Амрико мебошанд, ба таври бонизом ва пайдарпай мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ба муаллиф муяссар гаштааст, ки бечунучаро будани нақш ва мақоми инфрасохтори молиявии муосирро дар таъмини рушди иқтисодиёт дар мисоли мамолики мутараққӣ собит намуда, ба баъзе нуктаҳои заъфи ин назария ва проблемаҳои ҷойдоштаи соҳа ишора намояд.

**Калидвожаҳо:** инфрасохтори молиявӣ, низоми молиявӣ, рушди иқтисодӣ, бозорҳои молиявӣ, бозори саҳмияҳо, миёнаравҳои молиявӣ, рушди иқтисодӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ, иқтисодиёти рафторӣ, иқтисодиёти рушд.

## СОВРЕМЕННАЯ ФИНАНСОВАЯ ИНФРАСТРУКТУРА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

Роль и место современной финансовой инфраструктуры с её изменяющимися элементами и параметрами в обеспечении экономического развития той или иной страны, или же мировой экономики, являются центральной темой статьи. Необходимость исследования роли финансовой системы и центрального элемента современной финансовой инфраструктуры – развитых финансовых рынков - для развивающейся экономики Республики Таджикистан важна по многим причинам. Во-первых, в нашей национальной экономической системе до сих пор недостаточно развита система мобилизации и эффективного распределения финансовых ресурсов, т.е. фондовые рынки не до конца сформированы и ещё не развиты. Необходимость их формирования и развития для эффективного распределения капитала по отраслям национальной экономики доказана опытом развитых и ряда развивающихся современных стран. Во-вторых, теоретико-методические аспекты формирования элементов современной финансовой инфраструктуры для обеспечения экономического развития и ключевых показателей устойчивого роста Республики Таджикистан до сих пор не были затронуты в научной дискуссии и не стали предметом всестороннего исследования. В статье предпринята попытка системного и поэтапного изучения и последующего исследования постулатов, точек зрений и результатов исследований ряда видных учёных отрасли, большинство которых являются представителями европейских и американских классических и современных школ. На этой основе автору удалось обосновать бесспорность роли и места современной финансовой инфраструктуры в обеспечении экономического развития на примере развитых стран и указать на пока ещё существующие слабые стороны данной концепции и проблемы отрасли.

**Ключевые слова:** финансовая инфраструктура, финансовая система, экономическое развитие, финансовые рынки, рынки акций, финансовые посредники, экономический рост, информационная экономика, поведенческая экономика, экономика роста.

## A MODERN FINANCIAL INFRASTRUCTURE IN SUPPORT OF ECONOMIC DEVELOPMENT

The role and place of modern financial infrastructure with its changing elements and parameters in supporting economic development of a particular country, or the world economy as a whole, is the central subject of the article. The need to explore the role of the financial system and the central element of the modern financial infrastructure - developed financial markets for the developing economy of the Republic of Tajikistan is due to many reasons. First, in our national economic system, the system of mobilisation and effective distribution of financial resources is still underdeveloped, i.e. stock markets are not fully formed and undeveloped. The necessity of their formation and development for the effective distribution of capital in the sectors of the national economy, is proved by the experience of developed and a number of developing modern countries. Secondly, theoretical and methodological aspects of formation of elements of modern financial infrastructure to support economic development and key indicators of sustainable growth of the Republic of Tajikistan have not yet been touched upon in scientific discussions and have not become a subject of comprehensive research. Due to the existence of the above grounds, the article attempts a systematic and phased study and subsequent research of postulates, viewpoints and research results of a number of prominent scientists of the sphere, most of whom are representatives of European and American classical and modern schools. On this basis, the author was able to substantiate the indisputable role and place of modern financial infrastructure in providing economic development on the example of developed countries and point to still existing weaknesses of the concept and the problems of the sector.

**Keywords:** financial infrastructure, financial system, economic development, financial markets, equity markets, financial intermediaries, economic growth, economics of information, behavioral economics, development economics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тӯхтаев Тӯхтабой Муқимович*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. Телефон: **(+992) 927-75-57-04.** E-mail: **ttukhtaev@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Тухтаев Тухтабой Мукимович*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и кредита. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, мкр. 17, дом 1. Телефон: **(+992) 927-75-57-04.** E-mail: **ttukhtaev@mail.ru**

**Information about author:** ***Tukhtaev Tukhtaboy Mukimovich*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance and Credit. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, мкр. 17 micro district, 1 Block. Phone: **(+992) 927755704.** E-mail: **ttukhtaev@mail.ru**

ТДУ: 332,364

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ҚАРЗҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ - АСОСИ РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА


*Қаюмова С.А.*

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд**


Рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (РИИМ) чунин тағйирёбии сохторӣ-динамикӣ дар иқтисодиёти минтақа ва ё мамлакат мебошад, ки бо баландшавии иқтисодиёт, беҳбудӣ ва беҳтаркунии эҳтиёҷоти иҷтимоии аҳолии он фаҳмида мешавад. Рушди минтақа чунин зуҳурот мебошад, ки дар он мақсадҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ афзалияти асосӣ баҳисоб меравад.

Чи тавре, ки дар боло қайд карда шуд, яке аз самтҳои асосии давлат, ин баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ мебошад. Барои расидан ба мақсади гузошта шуда бояд омилҳоеро муайн кард, ки вобаста ба он метавон рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ва минтақаҳои онро баланд кард.

Ба РИИМ омилҳои бисёре низ таъсири худро мерасонад. Дар зери мафҳуми омили ба РИИМ таъсиррасонанд,а маҷмуи далелҳоро фаҳмидан мумкин аст, ки хусусиятҳои хосси рушди равандҳои иқтисодиро дар сатҳи минтақаи муайян ифода мекунад.

Ба омилҳои РИИМ метавон потенсиали иқтисодии минтақа, мавҷудияти захираҳои табиӣ, потенсиали рақобатпазирии минтақа, захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва ғайраҳоро дохил кард. Ҳар як минтақа мехоҳад кадом омилҳо ба сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он таъсир расонида истодааст, маълумот гирад. Чунин дониш барои идора кардан ва дар вақти муфид таҳлил намуда, қабули қарори дуруст барои ҳалли масъалаҳои гуногун, ки рушди минтақаро дар бар мегирад, лозим аст [6; 13].

Маълум гашт, ки яке аз омилҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, ин омили молиявӣ мебошад. Низоми бонкӣ низ яке аз зерқисмҳои низоми молия буда, саҳми он баҳри рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат муҳим мебошад.

Яке аз унсурҳои муҳимми иқтисоди бозорӣ, низоми қарзӣ мебошад. Низоми қарзӣ маҷмуи муносибатҳои қарзӣ, шаклҳо ва усулҳои қарздиҳӣ мебошад, ки дар амалияи ташкилотҳои молиявию қарзӣ амалӣ карда мешавад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” дар зери мафҳуми қарз воситаҳои пулие фаҳмида мешавад, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ тибқи шартҳои пардохти фоизнокӣ дар муҳлати муайяншуда баргарданда пешниҳод карда мешавад [8].

Дар навбати худ қарзҳои бонкӣ ба ду намуд тақсим карда мешаванд: қарзҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ.

«Қарз ба шахсони ҳуқуқӣ - қарзест, ки ба шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо ва ташкилоти тиҷоратӣ) бо мақсади харидани ашёи хом, пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, пардохти андозҳо, барои эхтиёҷоти ташкилот, ва дигар эҳтиёҷоти бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд буда, фаҳмида мешавад».

«Қарз ба шахсони воқеӣ - карзест, ки ба шахсони воқеӣ (истеъмолкунандагон) бо мақсади харидани мол (кор, хизмат) барои эҳтиёҷоти оилавӣ, шахсӣ ва дигар эҳтиёҷоти бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, фаҳмида мешавад» [14].

Ба ақидаи А.Е. Егорова «қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ қисми муҳимми низоми воқеӣ муносибатҳои қарзӣ мебошад. Мақсади асосии қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ, ёрӣ расондан ба пурратар қонеъ гардонидани талаботи истеъмолии аҳолӣ мебошад. Хусусияти асосии қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ муносибати байни қарздиҳанда (бонк) ва қарзгиранда (шахси воқеӣ) мебошад» [4].

Барои пурратар муаррифӣ ва дидани хусусиятҳои муҳимми худи мафҳуми «қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ», мо таҳлили истилоҳоти онро дар доираи андешаҳои муаллифони гуногун анҷом медиҳем, ки чунин таърифҳо дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Таҳлили истилоҳоти мафҳуми «қарздиҳии шахсони воқеӣ»**
**Table 1. Theoretical overview of the concepts of "lending to individuals"**

| Муаллиф | Шарҳи моҳияти қарздиҳӣ ба шахсони алоҳида |
|---|---|
| Крупнов Ю.В | Қарз додан ба шахсони воқеӣ ин аз ҷониби бонкҳо барои харидани молҳои истеъмолӣ, инчунин, барои пардохти намудҳои гуногуни хароҷоти дорои хусусияти худ (тиббӣ, ҳаққи таҳсил ва ғ.) додани қарз мебошад. |
| Каврук Е.С | Қарз додан ба шахсони воқеӣ - ин аз ҷониби бонкҳо барои харидани молҳои истеъмолӣ, инчунин, барои пардохти намудҳои гуногуни хароҷоти дорои хусусияти худ (тиббӣ, ҳаққи таҳсил ва ғ.) додани қарз мебошад. |
| Сарнаков И.В | Қарз додан ба шахсони воқеӣ як намуди қарзҳои мақсадноки бонкӣ мебошад, ки ба шахсони воқеӣ бо мақсадҳои гуногун дода мешавад |
| Белоглазова Г.Н, Кроливецкая Л.П | Қарз додан ба шахсони воқеӣ қарзест, ки ба шахсони воқеӣ (истеъмолкунандагон) барои хариди мол (кор, хизматрасонӣ) барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ ва дигар эҳтиёҷоти ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, дода мешавад. |
| Сидоров В.В | Қарз додан ба шахсони воқеӣ – чараёни додани маблағҳои қарзӣ ба шахсони воқеӣ (истеъмолкунандагон) барои қонеъ гардонидани талаботи онҳо (хариди мол, пардохти хизматрасонӣ ва ғ.), ки бо амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест. |

Сарчашма: Красовская Т.В. Проблемы потребительского кредитования на современном этапе / Т.В. Красовская, А.А. Растащенова, О.А. Жабина // Молодой ученый. - 2014. -№6. -С.355-357

Ҳамин тариқ, самтҳои асосии қарздиҳии бонкӣ ба шахсони воқеӣ соҳаҳои истеъмолӣ, сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мебошанд [6].

Ю.С. Крупнов таъкид менамояд, ки қарзи истеъмолӣ воситаи қонеъ гардонидани талаботи гуногуни истеъмолии аҳолӣ буда, дорои хусусияти дуҷонибаи иқтисодӣ буда, дар байни қарзи пулӣ ва қарзи сармоя мавқеи фосилавиро ишғол мекунад [7].

Дар маҷаллаи «Бюллетени молиявӣ» таҳти таҳрири Е.В Орлова мафҳуми дигар дода мешавад, қарзи истеъмолӣ шакли қарзест, ки ба аҳолӣ ва корхонаҳо ҳангоми харидани молҳои истеъмолии халқ, молҳои дарозмуддат, пардохти хизмати банкӣ дар асоси муҳлати пардохт дода мешавад, фаҳмида мешавд [11].

Н.В. Калистратов бар ин назар аст, ки қарзи истеъмолӣ ин қарзест, ки бештар дар корхонаҳои савдо ва хидматрасонӣ аз ҷониби намояндагони бонкҳо барои хариди молу хидматҳои дар бонк муайяншуда, ба истисноии мошинҳо ва амволи ғайриманқул дода мешавад. Аммо бо вуҷуди ин, муаллиф қайд мекунад, ки қарзҳои автомобилӣ ва қарзҳои ипотека ҳамчун қарзи истеъмолӣ тасниф мешаванд [5].

Дар ҷадвали 2 хусусиятҳои фарққунандаи қарзи истеъмолӣ ва қарз барои шахсони воқеӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. арзи истеъмолӣ ва қарз барои шахсони воқеӣ**
**Table 2. Distinctive features of consumer credit and lending to individuals**

| Хусусиятҳои умумӣ | Хусусиятҳо | |
|---|---|---|
| | Қарзи истеъмолӣ | Қарзҳо ба шахсони воқеӣ |
| Барои қарздиҳанда ҳама қарзҳои додашуда қарзҳои сармоявӣ мебошанд | Барои қарзгиранда қарз ин қарзи пулест, ки барои мақсадҳои истеъмолӣ, объектҳои истеъмоли кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат истифода мешавад. | Барои қарзгир, қарз ҳангоми маблағгузорӣ бо мақсади ба даст овардани даромад дар оянда, инчунин, ҳангоми пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ қарзи асосӣ шуда метавонад. |
| Риояи қонунҳо ва принсипҳои ягонаи фаъолияти кредитӣ | Дар минтақаҳои истеъмоли оммавӣ, риояи қонунҳои ҳифзи истеъмолкунандагон истифода мешавад | Шартҳои қарздиҳии инфиродӣ, бозори дуюмдараҷаи қарзҳо, васеъ намудани доираи танзим |
| Хусусиятҳои пешгӯии даромад ва пасандозҳои дарпешистода | Пардохти қарз аз ҳисоби даромади ҷории мунтазам гирифташуда | Пардохти қарз аз ҳисоби пардохти иҷора, дивидендҳо, иҷора, даромади тиҷорат |
| Вобастагӣ ба рушди даври | Характери иҷтимоии қарзҳо, | Барномаҳои маблағгузории |

| Хусусиятҳои умумӣ | Хусусиятҳо | |
|---|---|---|
| | Қарзи истеъмолӣ | Қарзҳо ба шахсони воқеӣ |
| иқтисодиёт | ёрию мадади давлат барои дараҷаи зиндагонӣ | хурди тиҷоратӣ |

Сарчашма: Пленкин, В. Скоринговая модель кредитных историй / В. Пленкин // Банковский Весник. – 2016. -С.48-50

Бо назардошти амалияи қарздиҳии аҳолӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ ва ватанӣ аз рӯи меъёрҳои зерин таснифоти муфассалтари қарзҳои бонкии истеъмолиро гузарондан мумкин аст:

**Ҷадвали 3. Таснифи қарзҳои бонкии истеъмолӣ ба шахсони воқеӣ**
**Table 3. Classification of consumer bank loans to individuals**

| Меъёрҳо | Намудҳо |
|---|---|
| Оид ба объектҳои қарз | Зери гарави коғазҳои қиматнок;<br>- дар сохтмон ба даст овардани манзили истиқоматӣ;<br>- барои таъмири хонаҳои онҳоро газификатсия, ҳамроҳшавӣ ба шабакаҳо водопровод ва канализатсия;<br>- ба омӯзиш;<br>- ба хизматрасониҳои тиббӣ;<br>- ба хариди автотранспорт;<br>- дар телефони худ насб. |
| Оид ба субъектҳои қарз | Пешниҳод мешавад:<br>- аз ҷониби бонк;<br>- ташкилотҳои;<br>- аз ҷониби шахсони воқеӣ, шакли хусусӣ қарзҳои матлубот;<br>- муассисаҳои навъи ғайрибонкӣ (ломбардҳо, фондҳои нафақа ва ғайра);<br>- корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар онҳо қарзгирандагон кор мекунанд. |
| Аз рӯи намуди қарзгиранда | - ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ;<br>- гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ;<br>- гурӯҳҳои синну соли гуногун;<br>- гурӯҳҳои қарзгирандагон, ки аз рӯи сатҳи даромад, қобилияти қарзӣ, қобилияти пардохтӣ фарқ мекунанд;<br>- VIP - мизоҷон;<br>- донишҷӯён;<br>- оилаҳои ҷавон ва ғ. |
| Бо мақсади пешбинишуда | Аз рӯи мақсад:<br>- қарзҳо барои беҳтар намудани шароити манзил;<br>- қарзҳо барои хариди молҳои дарозмуддат;<br>- қарзҳои таълимӣ;<br>- қарз барои табобат ва истироҳат ва ғайра.<br>Ҳадафнопазир:<br>-қарзҳо барои эҳтиёҷоти таъхирнашуда;<br>- овердрафт. |
| Аз рӯи муҳлати пешниҳод | Ба зер тақсим карда мешавад:<br>- қарзҳои кӯтоҳмуддат ба муҳлати то 1 сол;<br>- қарзҳои миёнамуҳлат ба муҳлати аз 1 то 3 сол;<br>- қарзҳои дарозмуддат ба муҳлати зиёда аз се сол. |

Сарчашма: Ольхова, Р.Г. Банковское дело: учебник / Р.Г. Ольхова. -М.: Кнорус, 2016. -304 с.

Раванди идоракунии ташкили қарзи истеъмолӣ дар ташкилоти қарзӣ маҷмуи муайяни марҳилаҳоро дар бар мегирад, ки дар натиҷа муштарӣ қарз мегирад ва ташкилоти молиявӣ дар шакли фоизи қарз фоида мегирад.

Ҳар як ташкилоти қарзӣ раванди қарздиҳии худро таҳия менамояд.

Раванди қарздиҳиро шартан ба якчанд марҳила тақсим кардан мумкин аст, ки дар ҳар яки онҳо хусусиятҳои қарз, усулҳои додани он ва пардохти он нишон дода мешаванд (расми 1).

**Расми 1. Марҳилаҳои раванди қарздиҳии қарзи истеъмолӣ ба шахсони воқеӣ**
**Figure 1. Stages of the process of lending consumer loans to individuals**




Қарор дар бораи имконияти додани қарз аз ҷониби шахси мансабдори ваколатдор ё мақоми дахлдори идоракунии бонк қабул карда мешавад.

Бо мақсади ташкили оқилонаи кори қарз дар қарори коллегия ваколатҳои сардори шуъбаи қарз, ҷонишини раиси правления оид ба қарзҳо муайян карда мешаванд.

Пас аз ба ташкилоти қарзӣ муроҷиат кардани мизоҷ, номгӯи муайяни ҳуҷҷатҳо, ки комитети қарзӣ барои қабул ё рад кардани дарохости мизоҷ лозим аст, таҳия ва омода карда мешавад.

**Расми 2. Қабули қарори қарзӣ аз тарафи комитети қарзӣ**
**Figure 2. Credit decision making by the credit committee**




Агар ҳамаи талаботҳо ва ҳуҷҷатҳои лозима мутобиқат кунад, баъд аз тарафи эксперти қарзӣ ба комитети қарзӣ муҳокима оиди дастгирӣ ё рад кардани қарз маълумотҳо пешниҳод карда мешавад [18].

Баъдан аз тарафи комитети қарзӣ хулоса оиди қабули дархости мазкур ё рад кардани он бароварда мешавад, ки ин раванд дар расми 2 оварда шудааст.

Маълум шуд, ки 4 марҳилаи асосии қарздиҳӣ вуҷуд дорад. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо омӯзиши бодиққатро, ки дар заминаи меъёрӣ асос ёфтааст, талаб мекунад.

Қайд карда шуд, ки низоми бонкии устувор низ асоси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мебошад.

Айни ҳол дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2021 дар маҷмуъ 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 13 адад бонки анъанавӣ, 1

адад бонки исломӣ, 18 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 4 адад ташкилоти қарзии хурд ва 27 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд.

Шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ 1 852 ададро ташкил намуда, нисбат ба охири соли 2020 ба 83 адад кам шуд.

**Ҷадвали 4. Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (адад)**
**Table 4. Structure of the banking system of the Republic of Tajikistan, (units)**

| № | Сохтор | 31.12.2019 | 31.12.2020 | 31.12.2021 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ) | 75 | 69 | 63 |
| 1.1 | Бонкҳо | 17 | 19 | 14 |
| | Бонкҳои анъанавӣ | 16 | 18 | 13 |
| | Бонкҳои исломӣ | 1 | 1 | 1 |
| 1.2 | Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 58 | 50 | 49 |
| | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 22 | 18 | 18 |
| | Ташкилотҳои қарзии хурд | 6 | 5 | 4 |
| | Фондҳои қарзии хурд | 30 | 27 | 27 |
| 2 | Воҳидҳои сохтории ТҚМ (ҳамагӣ) | 1925 | 1935 | 1852 |
| 2.1 | Филиалҳо | 348 | 356 | 295 |
| | Равзани бонкҳои исломӣ | - | 2 | 2 |
| 2.2 | Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 1577 | 1241 | 1204 |
| 2.3 | Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд | - | 338 | 353 |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки милли Тоҷикистон: www.nbt.tj (санаи мурочиат 22.04.2022)

Аз ҷадвал мушоҳида кардан мумкин аст, ки нисбати соли 2020 дар соли 2021 миқдори ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 6 адад кам шудааст. Сабаби камшавии миқдори ташкилотҳои қарзии молияӣ, ин муфлисшавии ин ташкилотҳо ва ё бозхонди иҷозатномаи онҳо аз тарафи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар давраи аз 31 декабри соли 2020 то 31 декабри соли 2021 ба 1 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд (ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ") иҷозатнома дода шуда, иҷозатномаи 5 адад бонк (ҶСП "Бонки Осиё", ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ҶСП "Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон" ва ҶСП "Кафолатбонк") ва 2 адад ташкилоти маблағгузории хурд (ҶДММ ТҚХ "Мадина ва ҳамкорон" ва ҶСП ТАҚХ "СМТ-Сармоя") бозхонд карда шуд.

**Ҷадвали 5. Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи соҳаҳо, (ҳазор сомонӣ)**
**Table 5. Loans issued by financial institutions by industry, (thousand somoni)**

| № | Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ қарзҳо | 7664960 | 1174758,1 | 1563037,5 |
| 2 | Кишоварзӣ | 154292 | 83301,9 | 214977,3 |
| 3 | Саноат | 6705644 | 97762,1 | 142782,8 |
| 4 | Сохтмон | 350227 | 107665,0 | 117978,3 |
| 5 | Нақлиёт | 72995 | 2343,0 | 3451,8 |
| 6 | Хӯроки ҷамъиятӣ | 2408 | 280,0 | 2982,0 |
| 7 | Хизматрасонӣ | 57494 | 141464,9 | 201047,8 |
| 8 | Савдои хориҷӣ | 150089 | 144928,4 | 158126,9 |
| 9 | Миёнаравии молиявӣ | 4650 | - | - |
| 10 | Истеъмолот | 67593 | 485947,2 | 600942,0 |
| 11 | Дигар | 99298 | 111065,6 | 120748,9 |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ. Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019-2020-2021.

Новобаста ба ин, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд карда истодааст ва дар навбати худ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарзҳо пешниҳод ва амонатҳо қабул карда шуда истодааст.

Тасмим гирифтем, ки дар ҷадвали мазкур ҳолати қарзҳои пешниҳодшудаи ташкилотҳои қарзиро вобаста аз соҳаҳо таҳлил намоем. Маълум шуд, ки сол то сол ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшудаи ташкилотҳои қарзӣ зиёд шуда истодааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми қарзӣ дар мамлакат рушд карда истодааст.

Дар навбати худ яке аз шаклҳои пешрафтатарини қарзҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ ба мизоҷони худ пешниҳод мекунанд, ин қарзҳои истеъмолӣ мебошад. Аз ҷадвал мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳаҷми қарзҳои истеъмоле, ки ташкилотҳои қарзӣ ба мизоҷон пешниҳод кардаанд, дар соли 2020 ба 485947,2 сомонӣ баробар шуда, дар соли 2021 ин намуди қарз ба 114994,8 сомонӣ зиёд шудааст.

Тасмим гирифтем, ки дар тадқиқоти худ таҳлили сандуқи қарзии яке аз бонкҳои пешрафтатарини мамлакат ҶСП "Бонки Арванд"-ро гузаронем. Айни замон шабакаи филиалҳои ҶСП Бонки "Арванд " аз беш аз 70 нуқтаҳои хизматрасонии иборат аст, ки дар онҳо зиёда аз 900 нафар кормандони баландихтисос фаъолият мебаранд.

Дар ҷадвали 6 таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП "Бонки Арванд" дар солҳои 2019-2020 оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии ҶСП "Бонки Арванд" дар солҳои 2019-2020**

**Table 6. Analysis of the financial performance of Bank Arvand CJSC for 2019-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2019 | Соли 2020 | Тағйирёби |
|---|---|---|---|
| Даромаднокии дороиҳо (ҚОА, %) | 2,2% | 0,6% | (1,6) % |
| Даромаднокии сармоя (ҚОЕ, %) | 11,7% | 3,1% | (8,6) % |
| Даромади фоизии холис (NIM, %) | 16,8% | 14,5% | (2,3)% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К-2.1, %) | 110% | 167% | 57% |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки Милли Тоҷикистон: www.nbt.tj

Аз рӯи ҷадвали 6 маълум шуд, ки нишондиҳандаҳои молиявии бонк дар соли 2020 нисбати соли 2019 тағйирёфтаанд. Даромаднокии дороиҳо нисбати соли 2019 ба -1,6% кам шудааст, ки ин тағйирёбиро мо аз рӯи расми 3 дида метавонем.

**Расми 3. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои молиявӣ дар солҳои 2019-2020**

**Figure 3. Changes in financial indicators in 2019-2020**




Аз рӯи тағйирёбии нишондиҳандаҳои молиявӣ маълум шуд, ки онҳо дар соли 2020 нисбати соли 2019 паст гардидаанд, ба монанди даромаднокии сармоя ба (8,6)%, даромади фоизи холис ба (2,3)%. Танҳо меъёри пардохтпазирии ҷорӣ ба 57% зиёд шудааст.

Аз таҳлили гузаронидашуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳолати молиявии бонки тиҷоратӣ сол аз сол рушд ёфта истодааст, зеро зиёд шудани ҳаҷми сандуқи қарзӣ ва ҳамчунин, амонатҳо аз ин шаҳодат медиҳад.

Дар баробари гузаронидани амалиётҳои қарзӣ бонкҳо барои зиёд намудани ҳаҷми онҳо, инчунин, барои баланд бардоштани сифати сандуқи қарзӣ кӯшиш менамоянд. Ҳамин тавр барои самаранок идоракунии сандуқи қарзӣ таҳлили он зарур мебошад.

Таҳлили сандуқи қарзӣ ин низоми омӯзиш ва мушоҳида аз болои фаъолияти бонкҳо мебошад, ки имконияти баҳодиҳии сохтор ва сифати қарзҳои бонкиро дар тағйирёбӣ, бо муқоиса бо дигар нишондиҳандаҳо медиҳад.

**Ҷадвали 7. Таҳлили нишондиҳандаҳои сандуқи қарзии ҶСП Бонки “Арванд” дар соли 2019-2020**

**Table 7. Analysis of the loan portfolio of CJSC Bank Arvand for 2019-2020**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | Уфуқӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Мутлақ | Нисбӣ |
| Истеҳсолот | 15 412 940 | 13 784 463 | - 1 628477 | -10,57 |
| Истеъмолӣ | 85 005 201 | 74 962 749 | - 10042452 | -11,81 |
| Манзил | 69 926 329 | 55 242 134 | - 14684195 | -21,00 |
| Миёнаравии молиявӣ | 182 318 | 5 323 801 | 5 141 483 | 2820,07 |
| Таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ | 8 077 292 | 9 347 046 | 1 269 754 | 15,72 |
| Тиҷорат | 73 635 648 | 87 151 156 | 13 515 508 | 18,35 |
| Хизматрасонӣ | 25 100 039 | 30 618 890 | 5 518 851 | 21,99 |
| Хоҷагии қишлоқ | 36 323 969 | 50 708 043 | 14 384 074 | 39,60 |
| Чорводорӣ | 71 154 611 | 90 821 293 | 19 666 682 | 27,64 |
| Ҳамагӣ | 384 818 347 | 417959574 | 33 141 227 | 8,61 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯи ҳисоботи молиявии ҶСП “Бонк Арванд”

Чи тавре ки аз ҷадвали 7 маълум аст, ҳаҷми умумии сандуқи қарзии бонк дар соли 2019 қариб ба 385 млн. сомонӣ баробар буда, он дар соли 2020 ба 418 млн. сомонӣ баробар гашт, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соли 2020 сандуқи қарзии бонк ба 8,61% зиёд гардидааст. Барои зиёд шудани ҳаҷми сандуқи қарзӣ, чунин намудҳои қарзӣ таъсир расониданд, ба монанди:

- зиёд шудани қарзи миёнаравии молиявӣ ба 2820%;
- зиёд шудани қарз ба хоҷагии қишлоқ ба 15,72%;
- зиёд шудани қарзи тиҷоратӣ ба андозаи 18,35%;
- зиёдшавии қарзи хизматрасонӣ ба 21,99% ва ғайраҳо;

Ин тағйирёбиро аз рӯи расми 4 дида мебароем.

**Расми 4. Тағйирёбии сандуқи қарзии бонк дар солҳои 2019-2020**

**Figure 4. Change in the bank's loan portfolio in 2019-2020**




Аз рӯи расми 4 маълум аст, ки аксарияти маҳсулотҳои қарзии бонк аз зиёдшавии талабот ба онҳо дарак медиҳад, зеро нишондиҳандаҳои онҳо дар соли 2020 нисбати

соли 2019 ба тарафи манфӣ майл намудааст, ба монади қарзҳо ба тиҷорат, хизматрасонӣ, хоҷагии қишлоқ, чорводорӣ ва ғайра.

Айни замон сохтори сандуқи қарзии бонк дар чунин ҳолат қарор дорад:

**Расми 5. Сохтори сандуқи қарзӣ дар соли 2020**
**Figure 5. Structure of the loan portfolio in 2020**




Аз рӯи расми 5 маълум аст, ки дар сохтори сандуқи қарзӣ ҳиссаи калонро қарзҳои барои чорводорӣ 22% ва қарзҳо барои тиҷорат 21% пешниҳод гардида ишғол мекунад.

Яке аз пешрафтатарин қарз дар бонки Арванд, ин қарзи истеъмолӣ мебошад, ки миқдори зиёди мизоҷон аз ин қарз истифода мебаранд. Чи тавре, ки маълум аст, аз пешниход ва сари вақт гирифтани қарз ва фоизхо ҳолати молиявии ташкилоти қарзӣ хуб ба роҳ монда мешавад.

Намудҳои карзи истеъмолие, ки бонк ба мизоҷон пешниҳод мекунад гуногун мебошад ва ҳар яки онҳо афзалиятҳои худро дороанд.

Дар ҷадвали 8 маҳсулоти қарзҳои истеъмолии аз тарафи бонк пешниҳодшаванда оварда шудааст.

**Ҷадвали 8. Намудҳои қарзҳои истеъмолии ҶСК “Бонки Арванд”**
**Table 8. Types of consumer loans of CJSC Bank Arvand**

| Намуди қарзҳо | Маблағи қарз | Мухлати қарз | Меъёри фоизӣ (солона) |
|---|---|---|---|
| Қарзи истеъмолӣ | То 25000 сомонӣ; ҳамарзиш бо доллари ИМА | То 24 моҳ. | То 35% сомонӣ; Аз 20 то 24% бо доллари ИМА |
| Экспресс қарз | То 250000 сомонӣ; ҳамарзиш бо доллари ИМА ва рубли ФР | То 24 моҳ. | 26% бо сомонӣ; 22% бо доллари ИМА; 28% бо рубли Русия |
| Қарз барои донишомӯзӣ “Таҳсил” | То 10000 сомонӣ; ҳамарзиши он бо доллари ИМА | То 18 моҳ. | 32,40% сомонӣ; 20% $; |
| Қарзи “ДАСТГИРӢ” | То 20000 сомони; 600 $; 70000 рубли Русия. | То 18 моҳ. | 36% - бо сомонӣ 24% - бо доллари ИМА; 28% - бо рубли Русия |

Сарчашма: Сомонаи расми ҶСП Бонки “Арванд” https://arvand.tj/cl/kredity

Аз рӯи ҷадвали 8 маълум шуд, ки бонк 4 намуди қарзҳои истеъмолиро ба мизоҷон пешниҳод мекунад. Ҳар яки онҳо аз ҳамдигар бо хусусиятҳои худ фарқ мекунанд, ки ин фоизи қарз, ҳаҷми қарзҳои истеъмолии пешниҳодшуда, бо давраи қарз ва бо асъори пешниҳоди қарз фарқ мекунанд.

Ҳоло андозаи ин қарзҳоро дар ҷадвали зерин барои солҳои 2019-2020 барои ҶСП “Бонк Арванд” таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 9. Таҳлили ҳаҷми қарзи истеъмолӣ дар ҶСП “Бонки Арванд”**
**Table 9. Analysis of the volume of consumer credit in CJSC “Bank Arvand”**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | Амудӣ, % | | Уфуқӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2019 | 2020 | Мутлақ, бо смн. | Нисбӣ, бо % |
| Қарзҳо барои хариди таҷҳизоти техникӣ | 31451924,4 | 29985099,6 | 37 | 40 | -1466824,8 | -11,81 |
| Экспересс карз | 12750780,2 | 12743667,3 | 15 | 17 | -7112,9 | -11,81 |
| Қарз барои донишомӯзӣ “Таҳсил” | 17001040,2 | 16491804,8 | 20 | 22 | -509235,4 | -11,81 |
| Қарзи “Дастгирӣ” | 23801456,3 | 15742177,3 | 28 | 21 | -8059279 | -11,81 |
| Ҳамагӣ қарзи истеъмолӣ | 85005201 | 74962749 | 100 | 100 | - 10042452 | -11,81 |

Сарчашма. Ҳисоби муаллиф аз рӯи ҳисоботи молиявии ҶСП “Бонк Арванд”

Аз рӯи ҷадвали 9 тартиб додаамон маълум аст, ҳамаи қарзҳо нисбат ба соли гузашта кам шуда истодааст, эксперс қарз ба -7112,9 сомонӣ, қарз барои “Таҳсил” - 509235,4 сомонӣ, қарзи истъмолӣ -1466824,8 кам шудааст. Аз ҳама тағйироти зиёд дар қарзи Дастгирӣ дида мешавад, ки ба - 8059279 сомонӣ нисбат ба соли 2019 кам гардид, ки ин нишондиҳандаи хуб нест, аз сабаби пандамияи COVID-19, бисёри мизоҷон ба бонк рафта натавонистанд, аз ҳамин сабаб сандуқи қарзӣ нисбати соли 2019 кам гашт.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2019 қисми зиёди қарзи истеъмолӣ, ин қарз барои харидани техникаҳоро ташкил дода, он 37% қарзҳои истеъмолиро ташкил мекунад.

Ҳамчунин 28% қарзҳои истеъмолиро қарзҳои дастгирӣ, 20% қарз барои донишомӯзӣ “Таҳсил”, 15% қарзҳои экспресс ташкил мекунанд.

Таҳлили сохтори қарзи истеъмолӣ дар соли 2020 нишон дод, ки қисми зиёди қарзи истеъмолиро қарзҳо барои харидани таҷҳизоти техникӣ дода мешавад, ки он 40% қарзҳои истеъмолиро ташкил мекунанд. Инчунин, 22% қарзҳо барои донишҷӯён “Таҳсил”, 21% қарзҳои истеъмолиро қарзи Дастгирӣ, 1% экспресс қарҳо ташкил мекунанд.

Ҳамин тавр аз таҳлили сохтори сандуқи қарзии бонки тиҷоратӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тағйирёбии динамикӣ ва сохтории қарзҳои истеъмолӣ сол аз сол зиёд гашта истодааст, ки аз зиёд шудани миқдори мизоҷони бонки тиҷоратиро низ нишон медиҳад.

Солҳои охир қарздиҳии истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати тез меафзояд. Ин, пеш аз ҳама, ба вуҷуд омадани маҳсулоти нави қарзӣ ва илова намудани маҳсулоти мавҷуда вобаста аст. Аммо дар бозори қарздиҳӣ як қатор муаммоҳои вобаста ба паст будани қобилияти пардохт ва ноустувории молиявии қарзгирандагон, норасоиҳо дар заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, тафовутҳои минтақавӣ дар ҳолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ва ғайраҳо идома дорад.

Бо вуҷуди ин, дар рушди қарзҳои истеъмолии мамлакат, бо назардошти таъсири он ба баланд бардоштани самаранокии бахши воқеӣ ва афзоиши ММД, як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки ҳалли фаврии онҳоро талаб мекунанд, аз ҷумла:

- мавҷудияти шумораи зиёди бонкҳои тиҷоратии заиф ба шахсони воқеӣ бо фоизҳои ниҳоят баланд қарз медиҳанд, ки боиси афзоиши қарзи муҳлатнашуда мегардад;
- афзоиши фоизҳо дар тамоми иқтисодиёт, ки дар натиҷаи хуруҷи бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ, инчунин, зиёд шудани меъёрҳои захиравии Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзии мавҷуда ба вуҷуд омадааст;
- пастшавии қобилияти пардохтпазирии шаҳрвандон дар заминаи ноустувории умумии макроиқтисодӣ, ки дар мамлакат аз охири соли 2019 ба мушоҳида мерасад, ки боиси афзоиши қарзи батаъхиргузоришуда аз рӯи қарзҳои истеъмолӣ мегардад;

- пурзӯр намудани талаботи бонкҳо нисбат ба мизоҷони худ, ки боиси хуруҷи қарзгирандагон ва тамоюли онҳо ба маҳсулоти қарзии ломбардҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд ва иттифоқҳои қарзӣ мегардад;

- мавҷуд набудани механизмҳои самараноки баҳодиҳии эҳтиёҷоти бахши воқеӣ ба афзоиши ҳаҷми фурӯш, ки боиси хуруҷи маблағҳои қарзӣ ба хориҷа бо сабаби аз ҷониби шаҳрвандон харидории молҳои истеҳсоли хориҷӣ мегардад;

- тақсимоти ғайрисамараноки маблағҳои қарзӣ аз рӯи минтақаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт.

Ҳамин тариқ, аксари муаммоҳои қарзҳои истеъмолӣ дар мамлакат ба сатҳи баланди фоизҳо, набудани барномаи самараноки пешниҳоди қарзҳои мақсаднок аз рӯи бахшҳои иқтисодиёт, инчунин, номуайянии талабот ба мизоҷони молиявӣ ва муассисаҳои қарзӣ вобаста аст.

Аммо ҳамаи ин камбудиҳоро бо дахолати тадриҷан давлат бартараф кардан мумкин аст. Дар баробари ин, дар рушди сектори воқеии иқтисодиёти миллӣ маҳз қарзҳои истеъмолӣ нақши муҳим мебозанд, зеро танҳо бо кумаки онҳо дар ташаккули пешниҳоди умумӣ самараи мултипликаториро ба даст овардан мумкин аст.

Таҳлили амалияи қарздиҳии бонки тиҷоратӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт нишон дод, ки дар бобати қарз додан ба талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ҳанӯз бисёр захираҳои пинҳонӣ мавҷуданд.

Пас аз таҳлили сандуқи қарзии бонк метавон гуфт, ки бонк ба таври динамикӣ рушд карда, бо мақсади нигоҳ доштан ва баланд бардоштани суръати афзоиш ҳам муҳити беруна, вазъи иқтисодии кишвар, мавқеи рақибон ва нишондиҳандаҳои дохилии фаъолияти бонкӣ зарур аст. Дар хотир доштан муҳим аст, ки вазъи молиявиро бо ягон нишондиҳанда тавсиф кардан мумкин нест, бинобар ин, қарор дар бораи бастани шартномаи қарзӣ дар шароити як меъёри бисёрсоҳавӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳама қарзҳое, ки ба ном қарзҳои истеъмолӣ номида мешаванд, як дараҷа хавф доранд, аммо ин дараҷаҳо вобаста ба омилҳои гуногун фарқ мекунанд. Таснифи (аз нав тасниф намудани) қарзҳо ва ташаккули (тасҳеҳи андоза) захираҳо аз ҷониби бонкҳо дар асоси принсипҳои гуногун сурат мегирад [17].

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сандуқи қарзӣ мо ба ҶСП "Бонки Арванд" чунин чорабиниҳоро тавсия медиҳем:

- беҳтар намудани кор бо мизоҷон, то онҳо қарзҳои худро сари вақт баргардонанд;
- бо диққат таҳлил кардани мизоҷон дар назди қарздиҳандагон;
- мунтазам назорат кардани таъиноти қарзқои истифодашуда аз муштариён;
- беҳтар намудани фаъолияти маркетингӣ, зеро ин ташкилоти қарзӣ намуди бештари қарзҳоро пешниҳод мекунад ва ҷалби муштариён кам аст;
- бо мақсади ҷалби захираҳои қарзӣ барои васеъ намудани сандуқи қарзӣ навъҳои нави пасандозҳоро таҳия намояд;
- таҳияи механизми арзёбии қобилияти қарзии қарзгирандагон.

**Муқарриз: муаллими калони ДПДТТ**
**ба номи ак. М.С. Осимӣ – Ҳасанов Ф.А.**

### АДАБИЁТ


1. Ахмедов Ф.В. Факторы формирования и развития малого бизнеса Согдийского региона: теоретические и территориальные аспекты / Ф.В. Ахмедов // Вестник Таджикского национального университета (серия экономических наук). -Душанбе, 2016. -№2/9(165). -С.218.
2. Ахмедов Ф.В. Формирование и развитие предпринимательской среды: отраслевые аспекты национальной экономики / Ф.В. Ахмедов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№5. -С.89-96.
3. Бюллетени омори бонкӣ. Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020-2021.
4. Егорова А.Е. Банковское потребительское кредитование: учеб.практ. пособие / Е.А. Егорова. -М.: Юстицинформ, 2015. -332 с.
5. Калистратов Н.В. Зарубежный опыт работы с проблемными кредитами / Н.В. Калистратов // Банковское дело. - 2014. -423 с.
6. Красовская Т.В. Проблемы потребительского кредитования на современном этапе / Т.В. Красовская, А.А. Растащенова, О.А. Жабина // Молодой ученый. – 2014. -№6. -С.355-357.

7. Крупнов Ю.С. Риски потребительского кредитования / Ю.С. Крупнов // Бизнес и банк. – 2014. -№12. -С.53.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" (дар таҳрири қонуни ҶТ аз 27.11.2014с. №1154).
9. Минаев Ю.Н. Анализ факторов, влияющих на уровень социально-экономического развития региона / Ю.Н. Минаев // Гуманитарные науки. Экономика. Вестник ТГУ. – 2008. -выпуск 1(69). ISSN 1810-0201.
10. Ольхова, Р.Г. Банковское дело: учебник / Р.Г. Ольхова. -М.: Кнорус, 2016. -304 с.
11. Орлова Е.В. Особенности продажи товаров в кредит в розничной торговле / Е.В. Орлова // Финансовый вестник. - 2013. -№5. -С.11-18.
12. Пленкин, В. Скоринговая модель кредитных историй / В. Пленкин // Банковский весник. – 2016. -С.48-50.
13. Побирченко В.В. Факторы устойчивого социально-экономического развития региона, синергия взаимодействия / Побирченко В.В. – 2017.
14. Полегошко Т.И. Рынок розничных банковских услуг: современные аспекты и дальнейшее развитие / Т.И. Полегошко // Банковский вестник. – 2016. -№1. -С.5-13.
15. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: www.nbt.tj
16. Сомонаи расмии ҶСП "Бонки Арванд". [Манбаи электронӣ]. URL: www.arvand.tj
17. Степанова О.А. Кредитование физических лиц в России: проблемы и пути решения / О.А. Степанова, С.А. Орлова, Т.В. Шпортова // Фундаментальные исследования. - 2015. -№2-13. -С.2930-2932.
18. Шакирова А.И. Методы управления рисками при кредитовании физических лиц / А.И. Шакирова, Э.В. Саяхова // Экономика и социум. - 2014. -№2-4(11). -С.1140-1142.

## ТАКМИЛИ НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ҚАРЗҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ - АСОСИ РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳлили низоми қарздиҳии қарзҳои истеъмолӣ дар масири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа бахшида шудааст. Дар аввал моҳияти қарз ва намудҳои қарзи бонкӣ оварда шуда, баъдан баррасии назариявии мафҳуми қарзҳо ба шахсони воқеӣ ва қарзҳои истеъмолӣ дар ҷадвал гирд оварда шудааст. Қисми амалии мақолаи мазкур аз таҳлили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили сандуқи қарзии яке аз бонкҳои пешрафтатарини мамлакат ҶСП "Бонки Арванд" иборат мебошад. Мақсади асосии мақолаи мазкур аз омӯзиши асосҳои назариявии мафҳуми қарзҳои истеъмолӣ ва таъсири он ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат иборат аст. Рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (РИИМ) чунин тағйирёбии сохторӣ-динамикӣ дар иқтисодиёти минтақа ва ё мамлакат буда, он бо баландшавии иқтисодиёт, беҳбудӣ ва беҳтаркунии эҳтиёҷоти иҷтимоии аҳолии он фаҳмида мешавад. Муайян карда шудааст, ки яке аз омилҳои асосие, ки ба рушди иҷтимоӣ-қтисодии минтақа таъсир мерасонад, ин низоми бонкӣ буда, мавқеи қарзҳои истеъмолӣ низ дар радифи он ҷои махсусро ишғол менамояд. Таҳлили сандуқи қарзии ҶСП "Бонки Арванд" гувоҳӣ медиҳад, ки сол то сол ҳаҷми қарзҳои истеъмолӣ зиёд шуда, бонки мазкур рушд ёфта истодааст. Дар интиҳои мақола муаммоҳои таҳлил ва баҳодии қарзҳои истеъмолӣ дар ташкилотҳои қарзӣ оварда шуда, тавсияҳо доир ба беҳтар кардан ва баланд бардоштани самаранокии сандуқи қарзӣ дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, омилҳо, қарз ба шахсони воқеӣ, қарз ба шахсони ҳуқуқӣ, қарзи истеъмолӣ, равандиҳои қарздиҳӣ, сандуқи қарзӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СИСТЕМЫ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО КРЕДИТОВАНИЯ – ОСНОВА СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

Статья посвящена изучению теоретических аспектов и анализу системы потребительского кредита в ходе социально-экономического развития региона. Сначала даются сущность банковских кредитов и виды кредитов, после чего в таблице приведено теоретическое рассмотрение понятия кредитов физическим лицам и потребительских кредитов. Практическая часть данной статьи представляет собой анализ банковской системы Республики Таджикистан и анализ кредитного портфеля одного из самых передовых банков страны ЗАО «Банк Арванд». Основной целью данной статьи является изучение теоретических основ концепции потребительского кредита и его влияния на социально-экономическое развитие страны. Социально-экономическое развитие региона (СЭРР) - это такое структурно-динамическое изменение в экономике региона или страны, под которым понимается рост экономики, совершенствование и улучшение социальных потребностей его населения. Определено, что одним из основных факторов, влияющих на социально-экономическое развитие региона, является банковская система, и особое место наряду с ней занимает потребительское кредитаование. Анализ кредитного портфеля ЗАО «Банк Арванд» показывает, что объем потребительских кредитов растет из года в год, и этот банк развивается. В конце статьи представлены проблемы анализа и оценки потребительских кредитов в кредитных организациях, а также даны рекомендации по совершенствованию и повышению эффективности кредитного портфеля.

**Ключевые слова:** социально-экономическое развитие региона, факторы, кредиты физическим лицам, кредиты юридическим лицам, потребительские кредиты, процесс кредитования, кредитный портфель.

## IMPROVING THE SYSTEM OF CONSUMER LENDING IS THE BASIS OF SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION

The article is devoted to the study of theoretical aspects and analysis of the consumer credit system in the course of the socio-economic development of the region. First, the essence of bank loans and types of loans is given, after

which the table shows a theoretical consideration of the concept of loans to individuals and consumer loans. The practical part of this article is an analysis of the banking system of the Republic of Tajikistan and an analysis of the loan portfolio of one of the most advanced banks in the country, Arvand Bank CJSC. The main purpose of this article is to study the theoretical foundations of the concept of consumer credit and its impact on the socio-economic development of the country. The socio-economic development of a region (SES) is such a structural and dynamic change in the economy of a region or country, which is understood as economic growth, improvement and improvement of the social needs of its population. It has been determined that one of the main factors influencing the socio-economic development of the region is the banking system, and a special place along with it is occupied by the position of consumer credit. An analysis of the loan portfolio of Arvand Bank CJSC shows that the volume of consumer loans is growing from year to year, and this bank is developing. At the end of the article, the problems of analyzing and evaluating consumer loans in credit institutions are presented, as well as recommendations are given for improving and increasing the efficiency of the loan portfolio.

**Keywords:** social and economic development of the region, factors, loans to individuals, loans to legal entities, consumer loans, procedural lending, loan portfolio.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қаюмова Сурайё Абдуазимовна*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, муаллими калони кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, кӯчаи Ленин, 226. E-mail: **suraida@mail.ru.** Телефон: **+992 (92) 752-65-05**

**Сведения об авторе:** ***Каюмова Сурайёхон Абдуазимовна*** - Политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М. Осими в г. Худжанде, старший преподователь кафедры финансов и кредита. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, улица Ленина, 226. E-mail: **suraida@mail.ru.** Телефон: (+992) **927-52-65-05**

**Information about the author:** ***Kaumova Surayohon Abduazimovna*** - Polytechnic institute of the Tajik Technical University named after academician M. Osimi in Khujand, senior lecturer of the department of finance and credit. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Lenin street, 226. E-mail: **suraida@mail.ru**. Phone: **(+992) 927-52-65-05**

ТДУ: 336.025

# АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН

*Ҳаитова Н.Н.*
**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ**

Дар Конститутсия дарҷ гардидани кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ шароит фароҳам меоварад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ ва истеҳсолоти ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон бо ин, соҳибкорӣ ба навовариҳои илму техника, тағйироти талабот ва вазъи бозори ҷаҳониву минтақавӣ ба зудӣ мутобиқ шуда, дар ин замина, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро таъмин менамояд. Фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳимми инкишофи бахши иқтисодии кишвар мебошад. Рушди соҳибкорӣ дар айни замон омили муҳимтарини болоравии сатҳи иқтисодиёт аст, ки ба андозаи зиёд ба коҳиши камбизоатӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Имрӯз давлат ҷиҳати рушди соҳибкорӣ заминаи хеле мусоид фароҳам оварда, ба ҳар фарди Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ин бахш собиткорона фаъолият намоянд. Далели чунин гуфтаҳо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014 мебошад, ки мақсад аз қабули Қонуни мазкур, муайян намудани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, тартиби бақайдгирии онҳо, ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷавобгарӣ барои монеаи ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ шудан мебошад. Ҳуқуқ ба фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ҳуқуқи субъективии соҳибкорон маҳсуб мегардад. Он хусусияти ягона дошта, ба салоҳиятҳои алоҳида ҷудо намешавад. Муҳтавои ин ҳуқуқ аз таъсиси ҳама шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳо ва соҳибкории инфиродӣ иборат аст, ки онҳо ба қонунгузории амалкунанда мухолифат надоранд, аз ҷумла: иштирок бо молу мулки худ дар фаъолияти дигар субъектҳо; муқаррар намудани нарх ва нархномаҳо (тарифҳо) ба маҳсулот (кор, хизматрасонӣ); кушодани суратҳисобҳои бонкӣ; тақсимоти озодонаи фоида (даромад); гирифтани ҳар намуд даромади шахсии аз ҷиҳати андоза номаҳдуд ва ғайраҳо.

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст.

Тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” ба субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд:

- шахсони воқеӣ (шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд);
- шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратии резидент ва ғайрирезидент, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ).

Инчунин вобаста аз даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои соҳибкорӣ ба се намуд ҷудо мешаванд.

Мутобиқи қонунгузории зикршуда, ба субъекти соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол то 1 млн. сомонӣ аст. Аммо, бояд қайд намуд, ки ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолияти истеҳсоли молҳои зераксизӣ, таҳвили алюминийи аввалия, фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ, фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок машғуланд, мансуб нестанд.

Дар навбати худ ба субъектони соҳибкории миёна шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади онҳо дар як сол аз 1 млн. сомонӣ то 25 млн. сомонӣ буда, ба субъекти

соҳибкории калон шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади онҳо дар як сол аз 25 млн. зиёд аст.

**Расми 1. Намудҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. Types of entrepreneurship in the Republic of Tajikistan**




Айни замон, соҳибкориро бояд як генератори рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум донист. Вобаста ба ин, зарурати фароҳам овардани шароит барои рушди он дар тамоми самтҳои фаъолият ва минтақаҳо, бартараф намудани монеаҳои мавҷуда дар амал, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ва ғайра ба миён омадааст. Ҳалли ин мушкилот бидуни дастгирии давлат ва ҳимояи соҳибкорӣ ғайриимкон аст. Дар ин ҷо тезисҳои китоби «Иқтисодиёт»-ро овардан ба маврид буда, иқтисодчиёни машҳур П. Самуэлсон ва В. Нордхаус қайд мекунанд, ки давлат:

- бо ёрии имтиёзҳои андоз фирмаҳо ё коргаронро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои нокифоя ҳавасманд менамояд;
- муқаррар намудани андозҳои баландтар фаъолиятҳои сердаромадро бозмедорад (масалан, истеҳсол ва фурӯши тамоку ё маҳсулоти спиртӣ ва ғайра) ва ба ин васила даромади давлатро зиёд мекунад.

Бояд гуфт, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ таҳия ва татбиқи сиёсати мукаммали андоз механизми самараноки танзими давлатии иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Иҷрои ухдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон – субъектҳои соҳибкорӣ ва муассисаю ташкилотҳо муҳимтарин талаби интизоми давлатӣ ва хоҷагӣ мебошад. Сиёсати андоз татбиқи маҷмуи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки тартиби пардохти намудҳои асосии андозҳо ва дигар пардохтҳои муқарраршударо таъмин менамояд, дар баробари ин, таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳимоя ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аҳамияти баланд бардоштани фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун манбаи стратегии рушди иқтисодӣ.

Бо мақсади ҳифзи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти такмили сиёсати иқтисодии давлат корҳои муайян анҷом дода мешаванд, аз ҷумла:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳимоя ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ такмил дода мешаванд;
- стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳои миллӣ ҷиҳати мусоидат ба рушди иқтисодиёт ва соҳибкорӣ қабул карда мешаванд;
- системаи андоз ва гумрук такмил меёбад;
- кишварҳо ҳамасола ба сохторҳои соҳибкорӣ имтиёзҳои гуногуни молиявӣ дода, онҳоро аз пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ озод мекунанд, субсидияҳо ва ғайра медиҳанд;
- барои рушди соҳибкорӣ инфрасохтори зарурӣ ба вуҷуд оварда мешавад ва ғайра.

Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инҳоро метавон ҷудо кард: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»; «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон»; «Дар бораи амнияти озуқаворӣ»; «Дар хоҷагии деҳқонӣ» ва ғайра, инчунин, кодексҳои андоз, гумрук, меҳнат ва дигар кодексҳои ҷумҳуриявӣ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав аз соли 2017 ба низом даровардани фаъолияти

мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади рушди соҳибкорӣ аз рӯи намуди фаъолият ва дар сохторҳои маъмурӣ-воҳидҳои территориявии мамлакат.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» возеҳ муайян карда шудааст, ки «Ҳифзи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ нигаронида шудааст».

Дар моддаи 4 Қонуни мазкур «принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ: қонуният, шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ; баробарии ҳамаи сохторҳои тиҷоратӣ; кафолати ҳимояи ҳуқуқҳо ва таъмини фаъолияти озоди субъектҳои соҳибкорӣ; иштироки озод субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахл доранд”. Илова бар ин, дар қонун принсипи рушди афзалиятноки соҳибкории хурду миёна муқаррар карда шудааст.

Бояд гуфт, ки қабули барномаҳо ва стратегияҳои миллӣ, ки қариб тамоми самтҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ барои давраи кӯтоҳ, миёна ва дарозмуддатро муайян мекунанд. Ба салоҳияти Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия ва тасдиқи барномаҳои ҷалби сармоягузорӣ, рушди сохибкорӣ, дастгирӣ ва хифзи давлатии он.

Низоми махсуси андозбандӣ гуфта, ин тартиби махсуси баҳисобгирӣ ва супоридани андозу пардохтҳоро дар давраи муайян меноманд, ки бо тартиб ва ҳолатҳои бо қонунгузории андоз пешбинишуда татбиқ мегардад. Аз рӯи қоидаи умумӣ ин ба як андоз иваз намудани маҷмуи андозҳои мавҷуд буда ҳисоб меёбад. Ғайр аз асосоҳои пешбурди баҳисобгири муҳосибавӣ, ҳисоботдиҳӣ ва супоридани андозҳо, реҷаи махсуси андоз - имтиёзҳоро низ ба андозсупорандаи ин низом муқаррар менамояд. Тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низомҳои махсуси андоз 3 низоми махсус ва 5 низоми содакардашудаи андозбандӣ дохил мешаванд, ки он дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Низоми махсуси андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Special system of taxation in the Republic of Tajikistan**

| № | Низоми махсуси андозбандӣ | Номгӯи низомҳо |
|---|---|---|
| 1 | Низомҳои махсус | - низоми андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ;<br>- низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок;<br>- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд. |
| 2 | Низомҳои содакардашуда | - низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои оҳибкории хурд;<br>- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);<br>- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;<br>- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки паранда ва чорво;<br>- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ |

Сарчашма: Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав. - №1844. ш. Душанбе, 23.12.2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf

Тибқи моддаи 25 Кодекси андоз низоми махсуси андозбандӣ низомҳои махсус ва содакардашударо дар бар мегиранд, ки дар навбати худ низомҳои махсус андозбандии фаъолияти МОИ, субъектони бозори қоғазҳои қиматнок ва соҳибкории инфиродиро дар бар мегирад. Тибқи низомҳои содакардашуда, субъектони соҳибкории хурд, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, субъектони бизнеси бозӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, фаъолияти инноватсионию технологӣ андозбандӣ карда мешаванд.

Чи хеле ки аз ҷадвали 2 бармеояд соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи низомҳои махсус андозбандӣ гардида, шарҳи васеи андозбандии ин соҳибкорӣ дар расми 2 оварда шудааст.

**Расми 2. Намудҳои низоми андозбандии соҳибкори инфиродӣ**
**Figure 2. Taxation regimes of individual entrepreneurship in the Republic of Tajikistan**




Дар расми 2 низоми андозбанди соҳибкори инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки низоми андозбандии соҳибкори инфиродӣ тибқи КА ҶТ ба 2 намуд ҷудо мешавад:

- патент;
- шаҳодатнома.

Андозбандии фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ дар асоси патент анҷом дода мешавад. Патент ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ-резидентон ва ғайрирезидентон ҳамчун соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда мебошад. Андозбандии шахсони воқеӣ дар асоси Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда (минбаъд – низоми патентӣ), ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, амалӣ мегардад. Дар расми 3 талаботҳои соҳибкоронии инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда оварда шудааст.

**Расми 3. Шартҳои асосии патент**
**Figure 3. The main conditions of the patent**




Истифодаи низоми андозбандӣ дар асоси патент ҳангоми иҷро нагардидани яке аз шартҳое, ки дар боло овардашуда, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи 367 Кодекси андоз иҷозат дода намешавад.

Ҳангоми аз ҷониби соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ҷалб гардидани коргари кироя ва аз 200 ҳазор сомонӣ зиёд гардидани даромади умумии он дар давраи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи тақвимӣ, чунин соҳибкор уҳдадор аст дар муҳлати 10 рӯзи тақвимӣ пайдо шудани чунин ҳолатҳо ба мақомоти андоз барои қатъ намудани фаъолият дар асоси патент ва ба низоми дигар гузаштан ариза диҳад.

Соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз иҷрои як қатор уҳдадориҳо озод мебошанд, ки дар расми 4 оварда шудааст.

Ҳангоми аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ - дорандаи патент иҷро нагардидани яке аз шартҳои пешбинигардида, чунин соҳибкори инфиродӣ бо меъёри панҷкаратаи андозаи моҳонаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта андозбандӣ карда мешавад.

**Расми 4. Озодкуниҳои соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолиятбаранда**
**Figure 4. Benefits of the patent system of taxation of individual entrepreneurs**



***Аз пардохти андоз аз даромад*** аз фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ба истиснои андоз аз даромад ва андози иҷтимоии бевосита ба арзиши (нархи) патент дохилшаванда



***Аз пешниҳоди ҳисоботи андоз***, ба истиснои пешниҳод намудани эъломияи даромади умумӣ барои соли гузаштаи тақвимӣ бо замимаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои бонкӣ доир ба пардохти андозҳо

Мақомоти андоз бо мақсади муайян намудани ҳадди даромади соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда бо истифода аз маълумоти мавҷуда корҳои назоратиро амалӣ менамояд.

Соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда андозҳои дигари дар Кодекси мазкур барои шахсони воқеӣ муқаррааргардидаро пардохт менамояд.

Уҳдадории андозии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда то расман бекор гардидани қайди давлатӣ боқӣ мемонад. Шахсони воқеӣ-резидентҳо ва ғайрирезидентон, ки андозсупорандагони бо низоми патентӣ фаъолияткунанда дониста мешаванд.

Соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда дар мақомоти андози маҳалли фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ҳолати иваз гардидани маҳалли фаъолияти чунин соҳибкор, варақаи ҳисоббаробаркунии ӯ ба таври автоматӣ ба мақомоти андози дахлдор интиқол дода мешавад.

Аз низоми патентӣ ба низоми дигари андозбандӣ, инчунин, аз низоми дигари андозбандӣ ба низоми патентӣ гузаштани соҳибкори инфиродӣ бо тартиби муқаррааргардида баъд аз иҷрои расмиёти бақайдгирии давлатӣ анҷом дода мешавад.

Уҳдадории андозии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз санаи якуми моҳи баъд, аз моҳи қатъ гардидани бақайдгирии давлатии чунин соҳибкори инфиродӣ хотима меёбад.

Барои боз ҳам пурратар шудани низоми андозбандии патентӣ дар ҷадвали 2 унсурҳои асосии низоми патентии андозбандӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Унсурҳои асосии низоми патентии андозбандӣ**
**Table 2. The main elements of the patent taxation system**

| Унсурҳо | Шарҳи унсурҳо |
|---|---|
| Андозсупорандагон | Шахсони воқеӣ-резидентҳо ва ғайрирезидентон |
| Меъёри андоз | Меъёри андозҳои соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, аз рӯи намудҳои алоҳидаи фаъолият мутобиқи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти коэффитсиентҳои минтақавии танзимкунанда муайян карда мешавад |
| Давраи андоз | Давраи андоз барои соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда моҳи тақвимӣ эътироф карда мешавад. |
| Тартиби супоридани андозҳо | Андозҳо аз рӯи низоми патент аз ҷониби андозсупоранда мустақилона тариқи пешпардохт то санаи 5-уми моҳ барои як моҳ ё якчанд моҳи минбаъда ба буҷети маҳалли фаъолият пардохт карда мешаванд. |

Сарчашма: Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав. - №1844. ш. Душанбе, 23.12.2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf

Дар асоси ҷадвали 2 маълум гардид, ки соҳибкори тибқи патент фаъолиятбаранда, ин шахсони воқеии резидент ва ғайрирезидент буда, меъёри патент ба таври мутлақ аз

тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, ҳар сол бо назардошти сатҳи таваррум индексатсия карда мешавад. Давраи андозбандии патент моҳи тақвимӣ буда, он ҳар моҳ то санаи 5 ба таври пешпардохт бояд супорида шавад.

Бояд қайд намуд, ки ғайр аз Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми патентии андозбандӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда" ба танзим дароварда мешавад, ки мутобиқи он намудҳои алоҳидаи фаъолият тибқи патент андозбандӣ мегарданд, ки он дар расми 5 оварда шудааст.

**Расми 5. Номгӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки тибқи патент андозбандӣ мегарданд**
**Figure 5. Types of activities taxable on the basis of a patent**




Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда". -Душанбе, 31.03.2022. -№151.

Ҷуноне ки аз расми 5 бармеояд, 10 намуди хизматрасонии нақлиётӣ ва 8 номгӯи дигар хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи патент андозбандӣ карда мешаванд, ки аз ҳама меъёри баландтарин барои фаъолияти хизматрасонии нақлиёт, ин кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз то 40 тонна мебошад, ки он бе назардошти коэффитсиенти минтақавӣ 830 сомониро ташкил медиҳад ва аз ҳама меъёри пасттарин барои фаъолият доир ба кашонидани борҳо бо трактор ва мотороллерҳо мебошад, ки 80 сомониро ташкил медиҳад. Барои номгӯйи дигари хизматрасонӣ меъёри баландтарини патент барои нусхагирии ҳуҷҷатҳо, сабти мусиқӣ дар телефони мобилӣ ва барномарезии он, ки 260 сомонӣ пешбинӣ шудааст ва аз ҳама пасттарин ин барои хизматрасонӣ оид ба тез кардани корд, тайёр намудани калид ва микросхема (чипҳо) мебошад, ки 90 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳар як соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ҳуқуқ дорад бо мақсади анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ минтақаи фаъолиятро дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ё ҳудуди вилоят (вилоятҳо) ва ё ду ё зиёда шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ интихоб намояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як минтақа коэффитсиентҳои минтақавии танзимкунандаи меъёри андозҳо барои пардохти патент муқаррар намудааст, ки аз ҳама баландтарин барои шаҳри Душанбе 1,2 ва аз ҳама пасттарин барои дигар шаҳрҳо ва дигар марказҳои маъмурии ноҳияҳо 0,7-ро ташкил медиҳад.

Чи хеле ки дар боло оварда шудааст, низоми дигари андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин андозбандии соҳибкории инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ ин соҳибкорон бо ду тарз андозбандӣ мегарданд (расми 6).

**Расми 6. Низомҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятбаранда**
**Figure 6. Taxation regimes of individual entrepreneurs operating on the basis of a patent**




Боиси зикр аст, ки соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятбаранда, вобаста аз хусусиятҳои муайян ба соҳибкорони бо шартҳои махсус амалишаванда ва

тибқи низомҳои махсус андозбандишаванда ҷудо мешаванд, ки дар поён ин хусусиятҳоро дида мебароем.

Тибқи муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда бояд ба шартҳои муайян ҷавобгӯй бошанд, ки он дар расми 7 оварда шудааст.

**Расми 7. Шартҳои асосии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда**
**Figure 6. The main conditions of individual entrepreneurship functioning on the basis of a certificate in special regimes**

Шахси воқеӣ барои анҷом додани фаъолияти пешбинишуда ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ ариза пешниҳод намуда бошад

↓

Дар соли тақвимӣ даромади умумии соҳибкори дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда аз 500 ҳазор сомонӣ бештар набошад

↓

Фаъолияти иқтисодии хориҷии анҷомдодашавандаи соҳибкори дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда (воридот ва содироти молҳо) аз маблағи 500 ҳазор сомонӣ бештар набошад

↓

Ҳуқуқ дорад дар вақти фаъолият 2 корманди кирояро ҷалб намояд

Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда бояд ба мақомоти андози маҳалли фаъолияти худ оиди бақайдгирӣ ариза намуда, дар асоси бақайдгирӣ шаҳодатнома гирад. Инчунин, даромад ва фаъолияти беруниитисодии ин соҳибкор дар давоми як соли тақвимӣ набояд аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд буда, ҳуқуқи ҷалби ду корманди кирояро дорад.

Вақте, ки аз ҷониби соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда иҷро нагардидани яке аз шартҳои дар боло овардашуда, чунин соҳибкори инфиродӣ бо меъёри панҷкаратаи андозаи моҳонаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта андозбандӣ карда мешавад. Соҳибкори инфиродие, ки тибқи шаҳодатномаи бо шартҳои махсус фаъолиятбаранда 15 намуди фаъолиятро дар бар мегирад, ки аз ҳама меъёри баландтарини он фаъолияти сароядагӣ мебошад, ки он 788 сомониро ташкил медиҳад ва аз ҳама меъёри пастарини он фаъолият оид ба истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ мебошад, ки он 80 сомонӣ муқаррар гардидааст.

Низоми дигари андозбандии соҳибкории инфиродӣ "Андозбандии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда" мебошад.

Ба соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда шаҳодатнома ба мухлати бемаҳдуд дода шуда, чунин соҳибкор дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя буда, метавонад тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкориро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд накардааст, анҷом диҳад.

Даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда аз ҳамаи намудҳои фаъолияти амалишаванда дар давраи пешинаи дувоздаҳ моҳи пурраи муттасили тақвимии гузашта наметавонад аз 1 миллион сомонӣ зиёд бошад.

Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда наметавонад намудҳои зерини фаъолиятро анҷом диҳад:

- истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зераксизӣ;
- фаъолияти иқтисодии хориҷӣ зиёда аз 1 миллион сомонӣ;
- фаъолияти фондҳои сармоягузорӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, фаъолияти суғуртавӣ ва қарзӣ, ломбардҳо, истифодабарии захираҳои табиӣ,

инчунин, фаъолияти дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар (бо фаъолияти миёнаравӣ) машғулшаванда;

- қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, консентрат ва маъданҳо;
- фурӯши сӯзишворӣ (ба истиснои нуқтаҳои алоҳидаи сайёр), гази моеъ ва табиӣ, ташкили бозорҳо, меҳмонхонаҳо;
- ташкили коргоҳҳои оҳангудозӣ (ба истиснои кафшергарӣ, корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор, сохтани дарвоза ва панҷараҳо), коргоҳҳои пахтатозакунӣ (пахтазанак), равғанбарорӣ, мебелсозӣ ва коргоҳҳои истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ;
- фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба банду басти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ;
- фаъолияти тиббию косметикӣ ва ташхисҳои тиббӣ (ба истиснои тибби мардумӣ);
- хизматрасонии нақлиётӣ (логистикӣ) дар самти ташкили хатсайрҳои мусофиркашонию боркашонӣ, ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалӣ;
- фаъолият оид ба ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз ҷумла тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва марказҳои калони савдо, агар масоҳати умумии объекти ғайриманқули онҳо зиёда аз 100,0 метри мураббаъро ташкил диҳад;
- фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ ва ташкили шабакаи ягонаи иттилоотию коммуникатсионӣ.

Соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда вобаста ба намуди фаъолият ва даромади гирифтаашон бо тартиби муқарраргардида низомҳои махсуси муайяни андозро истифода мебаранд, ки он дар расми 8 оварда шудааст.

Тавре аз расми 8 бармеояд, соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда вобаста ба намуди фаъолият ва даромади гирифтаашон бо тартиби муқарраргардида низомҳои махсуси зерини андозро истифода мебаранд:

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ.

**Расми 8. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда**

**Figure 8. Taxation of individual entrepreneurship operating on the basis of a certificate in special regimes**




Барои ба роҳ мондани сиёсати самараноки андоз дар иқтисоди ноустувор татбиқи маҷмуи тадбирҳои зерин зарур аст:

1. Роҳи осонтарини сер кардани иқтисодиёт бо пардохтпазирӣ, паст кардани сатҳи андозбандӣ мебошад.

2. Тартиби додани «таътили андоз» барои корхонаҳои саноатии низоми содакардашудаи андозбандӣ, инчунин, ба корхонаҳои саноатӣ оид ба андоз аз даромад, андози амвол ва андози замин таҳия ва тасдиқ кардан зарур аст;

3. Ислоҳоти андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоӣ бояд дар ҳамбастагӣ бо ислоҳоти низоми нафақа, суғуртаи тиббӣ ва иҷтимоӣ гузаронида шавад.

Умуман, сиёсати самарабахши андоз маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии мақомоти сатҳи дахлдор, инчунин, дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз дар доираи салоҳияти худ мебошад, ки ба мувофиқа гардонидани манфиатҳои фискалии мақомоти давлатӣ дар соҳаи андоз равона карда шудаанд, тамоми сатҳҳо, манфиатҳои структураҳои тиҷоратӣ, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор.

Механизми ташаккули сиёсати самараноки андоз дар шароити муосири иқтисодӣ инҳоянд:

– муайян намудани мақсадҳои сиёсати андоз;

– баҳодиҳии сифатӣ ва миқдорӣ ба параметрҳои сиёсати андоз;

– таҳияи модели сиёсати андоз, ки ноустувории муҳити мавҷудаи иқтисодиро ба назар мегирад;

– тасҳеҳи сиёсати андоз ва оптимизатсияи он дар асоси таҳлили нусхаи аввал ва арзёбии экспертӣ;

– қабул ва тасдиқи сиёсати андози давлат;

– назорат ба татбиқи параметрҳои асосии сиёсати андоз;

– фавран ворид намудани тағйирот дар параметрҳои сиёсати андоз дар натиҷаи ҳодисаҳои нооромкунандаи беруна ва дохилӣ ва ғайри пешбинишаванда.

**Муқарриз: н.и.и., м/калони ДПДТТХ- Ҳасанов Ф.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Аникин А.В. Глава шестнадцатая. «Школа Сэя» и вклад Курно. Юность науки: Жизнь и идеи мыслителей-экономистов до Маркса / А.В. Аникин. -2-е изд. -М.: Политиздат, 1975. -С.303-322. -384 с. -50 000 экз.
2. Богданов Л.А. Economics / Л.А. Богданов. - 2019. -№4(42). -С.5-8.
3. Корчагин, А.Д. Значение и роль предпринимательства в инновационном процессе / А.Д. Корчагин // Инновации. - 2007. -№5. -С.42.
4. Кузьмина Е.Е. Организация предпринимательской деятельности: учеб. пособие для прикладного бакалавриата / Е.Е. Кузьмина. -3-е изд., перераб. и доп. –М.: Издательство Юрайт, 2019.
5. Курбонов А.Р. Проблемы налогообложения фонда оплаты труда и пути его совершенствования в Республике Таджикистан / А.Р. Курбонов, З.С. Султонов // Материалы VI Международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита». -Душанбе: Ризо-Принтер, 2017. -С.145-148.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда”. - №151. Душанбе, 31.03.2022.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ”. - ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, №1107.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 декабри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http:///president.tj
9. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. -М.: Эксмо, 2007. -960 с. -ISBN 978-5-699-18389-0.
10. Трубников А.А. Налогообложение индивидуальных предпринимателей в 2008 году / А.А. Трубников // Бухгалтерский учет. - 2008. -№18. -67 с.
11. Черник Д.Г. Налоги: практика налогообложения / Д.Г. Черник. –М.: Инфра-М, 2008. -368 с.
12. Юткина Т.Ф. Основы налогообложения / Т.Ф. Юткина. -М.: Инфра-М, 2009. -176 с.
13. Cantillon R. ([1755] 2010), Essai sur la Nature du Commerce en Général (An Essay on Economic Theory), English translation by the Ludwig von Mises Institute, published under the Creative Commons Attribution License 3.0, www.mises.org
14. Carlen, Joe, A brief history of entrepreneurship: the pioneers, profiteers, and racketeers who shaped our world. - New York, 1 online resource (243 pages).
15. Human Rights Documents online. URL: FPP Newsletter October 2014 (PDF) (Санаи муроҷиат: 22 декабри 2021).

**АНДОЗБАНДИИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН**

Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии андозбандии соҳибкории инфиродӣ бахшида шудааст. Дар мақола моҳият ва намудҳои соҳибкории инфиродии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои низомҳои махсус ва содакардашудаи андозбандии соҳибкории инфиродӣ оварда шудааст. Мақсади асосии навиштани мақолаи мазкур, ин омӯзиши хусусиятҳои андозбнадии соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди тавсияҳо доир ба мукаммалгардонӣ ба ҳисоб меравад, зеро, андоз аз як тараф сарчашмаи назарраси ғанигардонии буҷет ба ҳисоб равад, аз тарафи дигар яке аз омилҳои муҳимми рушди соҳибкории инфиродӣ ба шумор меравнад. Бинобар ин, бо ёрии мукаммалгардонии андозбандии соҳибкории инфиродӣ метавон ба зиёдшавии пояи воридоти андозии буҷети давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд, ки он дар навбати худ ба рушди иқтисодиёти мамлакат оварда мерасонад. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе тавсияҳо пешниҳод карда шуд, ки он ба беҳшавии ин самт оварда мерасонад.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории инфиродӣ, андозбандӣ, патент, шаҳодатнома, даромади умумӣ, низоми махсус, низоми содакардашуда.

**НАЛОГООБЛОЖЕНИЕ ИНДИВИДУАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ПУТИ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ**

Статья посвящена изучению теоретических аспектов налогообложения индивидуального предпринимательства. В статье описаны сущность и виды индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан, особенности специальной и упрощенной систем налогообложения индивидуального предпринимательства. Основной целью данной статьи является изучение специфики налогообложения индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан и выработка рекомендаций по его совершенствованию, так как налог, с одной стороны, является значительным источником обогащения бюджета, с другой стороны, является важным фактором индивидуального развития бизнеса. Поэтому с помощью совершенствования налогообложения индивидуального предпринимательства возможно увеличение налоговой базы государственного бюджета и развитие предпринимательства в Республике Таджикистан, что в свою очередь приведет к развитию экономики страны. На основе изучения и анализа системы налогообложения индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан были даны некоторые рекомендации, которые приведут к улучшению деятельности в этой области.

**Ключевые слова:** индивидуальное предпринимательство, налогообложение, патент, свидетельство, валовый доход, специальный режим, упрощенный режим.

**TAXATION OF INDIVIDUAL BUSINESS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND WAYS OF ITS IMPROVEMENT**

The article is devoted to the study of the theoretical aspects of the taxation of individual entrepreneurship. The article describes the essence and types of individual entrepreneurship in the Republic of Tajikistan, the features of the special and simplified systems of taxation of individual entrepreneurship. The main purpose of this article is to study the specifics of taxation of individual entrepreneurship in the Republic of Tajikistan and develop recommendations for its improvement, since the tax, on the one hand, is a significant source of budget enrichment, on the other hand, is an important factor in individual business development. Therefore, by improving the taxation of individual entrepreneurship, it is possible to increase the tax base of the state budget and develop entrepreneurship in the Republic of Tajikistan, which in turn will lead to the development of the country's economy. Based on the study and analysis of the system of taxation of individual entrepreneurship in the Republic of Tajikistan, some recommendations were made that will lead to improvement in this area.

**Keywords:** individual entrepreneurship, taxation, patent, certificate, gross income, special regime, simplified regime.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳаитова Насиба Нӯмонҷоновна*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М. Осимӣ, омӯзгори калони кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин, 226. Телефон: **92-952-15-71.** E-mail: **nasiba13.89@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хаитова Насиба Нумонджоновна*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им. акад. М. Осими, кафедра финансов и кредита. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, улица Ленина, 226. Телефон: **(+992) 92 966-66-93**. E-mail: **nasiba13.89@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khaitova Nasiba Numonjonovna*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical University. acad. M. Osimi, Department of Finance and Credit. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. Lenina 226. Phone: **(+992) 92 966-66-93**. E-mail: **nasiba13.89@mail.ru**

**УДК: 338.45**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ УСЛОВИЙ ФИНАНСИРОВАНИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Хайдаров М.М.***
**Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Балтийский государственный технический университет «ВОЕНМЕХ» им. Д.Ф. Устинова, г. Санкт-Петербург, Россия**

Промышленность является важнейшей отраслью многих национальных экономик. Например, в Республике Таджикистан промышленность занимает первое место в структуре ВВП с удельным весом в 28,5%. В настоящее время промышленность республики насчитывает в своём составе 90 отраслей и направлений. Значительная часть предприятий акционирована, имеются и совместные организации с участием иностранного капитала [5,с.67].

В таблице 1 показан рейтинг стран в 2021 году по объему промышленного производства.

**Таблица 1. Рейтинг стран по объему промышленного производства в 2021 году [15]**
**Table 1. Ranking of countries by industrial production in 2021**

| Страны | Объем производства, млн. долл. | Доля в ВВП | Объем производства в единицах |
|---|---|---|---|
| Китай | 9400050 | 40,5% | 4002752 |
| Европейский Союз | 5233350 | 25,1% | 2684985 |
| США | 3722590 | 19,1% | 2173319 |
| Индия | 2179020 | 23,0% | 408693 |
| Япония | 1638343 | 30,1% | 1007330 |
| Индонезия | 1332500 | 41,0% | 207017 |
| Россия | 1301184 | 32,4% | 203988 |
| Германия | 1289093 | 30,7% | 832431 |
| Южная Корея | 799755 | 39,3% | 440941 |
| Мексика | 785697 | 31,9% | 208498 |

Можно заметить, что доля промышленности в ВВП стран-лидеров рейтинга достигает 40% и более, что свидетельствует о важной значимости промышленной отрасли и необходимости ее финансирования.

В научной литературе обсуждаются следующие проблемы финансирования промышленности, характерные для большинства государств:

1. Неразвитость сегмента финансового рынка, ориентированного на финансирование промышленности – традиционные источники заемного капитала (в частности, банковские организации) пассивно производят финансовые продукты, учитывающие специфику промышленности как объекта инвестиций [7];
2. Недостаток инвестиций на модернизацию промышленности в инновационном направлении – инновационные инвестиции оказываются наиболее рискованными, что снижает их привлекательность для инвесторов, несмотря на высокий потенциал таких инвестиций [2];
3. Отсутствие эффективных методологических подходов, применение которых позволяло бы оценить привлекательность тех или иных бизнес-субъектов промышленного комплекса или реализуемых ими проектов [3].

В условиях названных проблем актуализируется вопрос о совершенствовании институциональных условий финансирования промышленности Республики Таджикистан.

Институциональные условия в экономике относятся к правилам, нормам, законам, обычаям и формальным организациям, которые оказывают влияние на экономическую деятельность и поведение акторов в системе. Эти условия включают институты государства,

права собственности, регулирование, политическую систему, культуру и другие социально-экономические факторы. Институциональные условия по-разному интерпретируются известными учеными:

Д. Норт: «Институциональные условия - это ограничения и стимулы, которые создаются человеком и воздействуют на экономическое поведение и результаты» [12,с.204];

О. Уильямсон: «Институциональные условия - это правила игры в экономике, включающие формальные и неформальные институты, а также политическую систему и обычаи» [14,с.75];

Р. Коуз: «Институциональные условия - это права собственности, контракты и организационные структуры, которые формируют рамки, в которых экономическая деятельность может происходить» [6,с.22];

Э. Остром: «Институциональные условия - это наборы правил, норм и процедур, которые определяют взаимодействие людей и ресурсов в обществе и формируют режимы управления ресурсами» [13,с.108].

В рамках настоящего исследования были выявлены и систематизированы перспективные направления совершенствования институциональных условий финансирования промышленности Республики Таджикистан.

Направление 1. Развитие институтов финансирования

Ключевым аспектом развития институциональных условий финансирования промышленности Республики Таджикистан является совершенствование институтов финансирования – финансовых и нефинансовых (государственных, образовательных и т.п.) организаций, которые непосредственно занимаются финансированием промышленности или содействуют этому процессу. В частности, необходимо развивать следующие функции институтов финансирования: стимулирование инновационной активности; финансовая поддержка; консультативная функция; аккумулирующая функция; поддержка инфраструктуры [9,с.11].

- ограниченный доступ к информации. Счетная палата Таджикистана сталкивается с трудностями в получении доступа к информации, необходимой для эффективного проведения аудита и расследований. Например, государственные органы могут отказываться предоставлять информацию или предоставлять неполные или неточные данные. Для решения этой проблемы правительство могло бы установить четкие процедуры предоставления информации учреждению, включая наложение штрафов за несоблюдение правил предоставления информации [6,с.59].

Совершенствование всей системы контроля и управления отраслями национальной экономики и их финансирования из различных источников является важнейшим вопросом для устойчивого развития любой экономики. Эффективный контроль и управление

необходимы для обеспечения рационального использования ресурсов, минимизации коррупции и доверия инвесторов к системе;

- укрепление институциональных рамок. Надежная институциональная структура имеет решающее значение для эффективного контроля и управления предприятиями и их финансированием. Такие институты, как регулирующие органы, аудиторы и финансовые учреждения, играют важную роль в обеспечении эффективного использования ресурсов, минимизации коррупции и доверия инвесторов к системе. Для укрепления институциональной базы правительства могут перенять передовой опыт со всего мира и инвестировать в развитие потенциала этих институтов. Например, правительства могут принять новые законы и нормативные акты, которые обеспечат ответственность предприятий за свои действия и предоставят инвесторам большую прозрачность;

- обеспечение большей прозрачности. Прозрачность является ключевым элементом эффективного контроля и управления отраслями национальной экономики и их финансирования из различных источников. Прозрачность позволяет инвесторам принимать обоснованные решения и способствует снижению уровня коррупции. Правительства могут повысить прозрачность путем проведения политики, требующей от компаний раскрытия финансовой информации и принятия международных стандартов бухгалтерского учета. Кроме того, правительства могут создать публичные порталы, предоставляющие инвесторам доступ к информации о деятельности предприятий, включая информацию о воздействии на окружающую среду и социальной ответственности;

- поощрение взаимодействия с заинтересованными сторонами. Вовлечение заинтересованных сторон в процесс проведения финансовых проверок имеет решающее значение для эффективного контроля и управления предприятиями и их финансирования из различных источников. Заинтересованные стороны, включая местные сообщества, НПО и инвесторы, заинтересованы в результатах деятельности предприятий и могут предоставить ценную информацию и отзывы. Правительства могут создать возможности для взаимодействия с заинтересованными сторонами путем проведения общественных консультаций и форумов, которые позволят заинтересованным сторонам выразить свое мнение о результатах деятельности отраслей. Кроме того, правительства могут стимулировать компании к взаимодействию с заинтересованными сторонами путем разработки руководящих принципов, требующих от компаний проводить консультации с местными сообществами и НПО по вопросам воздействия на их деятельность;

- повышение эффективности управления рисками. Эффективное управление рисками необходимо для контроля и управления промышленными предприятиями и их финансированием из различных источников. Такие риски, как ущерб окружающей среде, социальные волнения и изменения в нормативно-правовом регулировании, могут оказать значительное влияние на результаты деятельности отраслей. Правительства могут повысить эффективность управления рисками, поощряя компании к принятию стратегий управления рисками, учитывающих целый ряд рисков. Кроме того, правительства могут ввести политику, требующую от компаний проведения оценки воздействия на окружающую среду и социальную сферу до начала деятельности;

- инвестирование в технологии. Технологии могут сыграть важную роль в улучшении контроля и управления отраслями и их финансирования из различных источников. Например, цифровые платформы могут предоставлять инвесторам информацию в режиме реального времени о деятельности отраслей, включая финансовые данные и показатели экологической и социальной эффективности. Кроме того, технология блокчейн может использоваться для создания прозрачных цепочек поставок, снижая риск коррупции и обеспечивая эффективное использование ресурсов.

Контрольно-счетные органы Республики Таджикистан (Счетная палата Республики Таджикистан) нуждаются в постоянном совершенствовании. Ниже в табл. 1 нами предлагаются пути повышения роли Счетной палаты Республики Таджикистан в осуществлении государственного финансового контроля и эффективности использования средств бюджетов различных уровней;

- централизация органов контроля и бухгалтерского учета. Централизация органов контроля и бухгалтерского учета может привести к более стандартизированному и гармонизированному набору правил и предписаний. Это уменьшило бы расхождения и конфликты между различными органами, что привело бы к более эффективной работе. Централизация может означать создание центрального органа, осуществляющего надзор за всеми органами, или создание общей структуры, которой должны придерживаться все органы. Это гарантировало бы, что каждая организация работает по одним и тем же правилам, что привело бы к более справедливым и прозрачным операциям. Кроме того, централизация может также способствовать улучшению коммуникации и сотрудничества между различными органами, что еще больше повышает оперативную эффективность;

**Таблица 1. Направления совершенствования контрольно-счетных органов Республики Таджикистан**

**Table 1. Directions of improvement of control and accounting bodies of the Republic of Tajikistan**

| Шаг | Описание |
|---|---|
| Централизация контрольно-счетных органов | Подчинение различных контрольных и бухгалтерских органов центральному органу власти или создание стандартизированного набора правил и предписаний для обеспечения согласованности. |
| Расширенные программы обучения | Проведение регулярных тренингов и образовательных программ, чтобы сотрудники были в курсе новейших практик и технологий. |
| Внедрение передовых технологий | Использование передовых технологий, таких как искусственный интеллект и машинное обучение, для автоматизации рутинных задач и повышения эффективности. Внедрение аналитики данных для принятия обоснованных решений. |
| Регулярные аудиты и обзоры | Проведение регулярных внутренних и внешних аудитов и обзор для обеспечения соблюдения установленных правил и предписаний. |
| Надежные механизмы отчетности | Создание эффективных механизмов отчетности, возможно, в цифровом формате, для упрощения и эффективности финансовой отчетности. |
| Улучшенные каналы связи | Улучшение каналов связи между различными органами для улучшения сотрудничества и обмена информацией. |
| Прочная правовая база | Создание четкой правовой базы, определяющие роль, обязанности и наказания за несоблюдение. |
| Вовлечение заинтересованных сторон | Регулярное взаимодействие с заинтересованными сторонами, чтобы понять их потребности и ожидания. |
| Постоянное совершенствование и инновации | Поощрение постоянного совершенствования и инновации внутри организаций с помощью стимулов и специализированных инновационных команд. |
| Прозрачность и подотчетность | Укрепление культуры прозрачности и подотчетности внутри органов, поощрение открытого общения и четких линий подотчетности. |

Составлено автором

- расширенные программы обучения. Регулярные программы обучения и просветительской работы имеют решающее значение для обеспечения того, чтобы сотрудники были в курсе новейших практик и технологий в области контроля и бухгалтерского учета. Эти программы могут принимать различные формы, включая мастер-классы, практикумы, курсы электронного обучения или даже обучение без отрыва от производства. Цель состоит в том, чтобы постоянно совершенствовать навыки и знания сотрудников, позволяя им более эффективно выполнять свои обязанности. Более того, эти программы могли бы также помочь в выявлении и воспитании талантов внутри организации, тем самым способствуя ее долгосрочному успеху;

- внедрение передовых технологий. Использование передовых технологий, таких как искусственный интеллект, машинное обучение и аналитика данных, может значительно повысить эффективность работы контрольных и бухгалтерских органов. Эти технологии позволяют автоматизировать рутинные задачи, освобождая сотрудников для того, чтобы они

могли сосредоточиться на более сложных видах деятельности с добавленной стоимостью. Кроме того, анализ данных может дать ценную информацию о тенденциях и закономерностях, позволяя организации принимать более обоснованные решения. Внедрение этих технологий потребует тщательного планирования и исполнения, но выгоды с точки зрения повышения эффективности могут быть значительными;

- регулярные аудиты и проверки. Регулярные аудиты и проверки необходимы для обеспечения соблюдения всеми контрольными и бухгалтерскими органами установленных правил и предписаний. Эти проверки могут проводиться, как внутри компании, так и за ее пределами для обеспечения дополнительной прозрачности. Целью этих аудитов является не только выявление и исправление любых несоответствий или ошибок, но и обеспечение уверенности заинтересованных сторон в том, что организация работает прозрачным и этичным образом. Кроме того, регулярные обзоры также могли бы помочь в выявлении областей, требующих улучшения, тем самым способствуя постоянному совершенствованию организации;

- надежные механизмы отчетности. Надежные механизмы отчетности являются ключом к бесперебойной работе контрольных и бухгалтерских органов. Эти механизмы могли бы включать использование цифровых платформ и программного обеспечения, которые позволяют легко и эффективно представлять финансовую информацию. Надежная система отчетности не только обеспечила бы точную регистрацию и представление всей соответствующей информации, но и облегчила бы коммуникацию и обмен информацией внутри организации. Это могло бы привести к улучшению процесса принятия решений и повышению операционной эффективности;

- улучшенные каналы коммуникации. Хорошая коммуникация имеет решающее значение для эффективной работы любой организации. В случае контрольных и бухгалтерских органов усовершенствованные каналы связи могли бы способствовать улучшению сотрудничества и обмена информацией между различными органами. Это могло бы включать использование цифровых средств коммуникации или организацию регулярных встреч или форумов для обсуждения. Улучшенная коммуникация могла бы привести к более скоординированным и слаженным операциям, снижая вероятность конфликтов или недоразумений;

- прочная правовая база. Прочная правовая база необходима для эффективной работы контрольных и бухгалтерских органов. Эта структура обеспечила бы четкие руководящие принципы в отношении ролей и обязанностей различных органов, а также штрафных санкций за несоблюдение. Такая структура помогла бы обеспечить, чтобы все органы действовали прозрачным и этичным образом, тем самым повышая авторитет и репутацию организации. Кроме того, прочная правовая база также могла бы помочь защитить права и интересы заинтересованных сторон;

- взаимодействие с заинтересованными сторонами. Регулярное взаимодействие с заинтересованными сторонами имеет решающее значение для понимания их потребностей и ожиданий. Это может включать регулярные встречи, опросы или другие формы общения. Взаимодействуя с заинтересованными сторонами, контрольные и бухгалтерские органы могут гарантировать, что они отвечают их потребностям и ожиданиям, тем самым повышая их удовлетворенность и лояльность;

- постоянное совершенствование и инновации. Поощрение культуры постоянного совершенствования и инноваций может значительно повысить эффективность контрольных и бухгалтерских органов. Это могло бы включать создание специальной инновационной команды, ответственной за поиск и внедрение инновационных решений. В качестве альтернативы это могло бы включать создание системы вознаграждения, которая стимулировала бы сотрудников выдвигать инновационные идеи. Процесс непрерывного совершенствования заключается не только во внедрении новых идей, но и в критической оценке существующих процессов и определении областей для улучшения. Речь идет о формировании настроя на постоянное обучение и рост, что может значительно повысить долгосрочный успех организации;

- прозрачность и подотчетность. Прозрачность и подотчетность являются ключевыми ценностями, которые должны быть заложены в культуру контрольных и бухгалтерских органов. Прозрачность предполагает открытость и честность в отношении деятельности организации, в то время как подотчетность предполагает принятие ответственности за свои действия. Продвижение этих ценностей может значительно повысить авторитет и репутацию организации. Это могло бы включать установление четких линий подотчетности, содействие открытому общению и обеспечение того, чтобы все действия и решения были хорошо задокументированы и поддавались аудиту. Развивая культуру прозрачности и подотчетности, органы контроля и бухгалтерского учета могут укрепить доверие к заинтересованным сторонам и гарантировать, что они действуют этично и ответственно.

Обоснование роли контрольно-ревизионных учреждений в обеспечении экономической безопасности весьма актуальна в современной сложной и взаимосвязанной глобальной экономике. Экономическая безопасность, в данном контексте, относится к способности нации или организации поддерживать стабильные экономические условия, включая стабильный доход, здоровый уровень занятости и устойчивый рост.

Контрольно-ревизионные учреждения играют жизненно важную роль в достижении этой цели, обеспечивая систему сдержек и противовесов, предотвращающая финансовые нарушения, мошенничество и бесхозяйственность. Они обеспечивают независимую и объективную оценку финансовых отчетов, систем и практик для обеспечения прозрачности, подотчетности и эффективности управления финансами [9,с.35; 11,с.57].

В более широком смысле эти институты способствуют экономической безопасности, укрепляя доверие к экономике. Когда заинтересованные стороны, такие как инвесторы, кредиторы, сотрудники и общественность, уверены в финансовой целостности организаций и учреждений, они с большей вероятностью будут инвестировать, тратить и вносить свой вклад в экономическую деятельность. Это доверие особенно важно во времена экономической неопределенности или волатильности, когда доверие к финансовой системе может существенно повлиять на экономическую стабильность [12; 13].

Кроме того, контрольно-ревизионные учреждения помогают обеспечить эффективное использование ресурсов. Выявляя неэффективные или расточительные методы, они могут помочь организациям улучшить свою деятельность и управление финансами, что приведет к улучшению экономических результатов. Эта роль особенно важна в государственном секторе, где эффективное использование финансовых ресурсов может напрямую влиять на качество государственных услуг и экономическое благополучие граждан.

Контрольно-ревизионные учреждения также играют решающую роль в предотвращении и выявлении экономических преступлений, таких как мошенничество, растрата и коррупция. Эти преступления могут оказать значительное влияние на экономическую безопасность, подрывая доверие к экономике, истощая ресурсы и создавая экономическую нестабильность. Обеспечивая сдерживающий фактор и средства обнаружения, контрольные и аудиторские учреждения способствуют целостности и стабильности экономики [14; 16].

Наконец, во все более глобализирующейся экономике контрольно-ревизионные учреждения играют важнейшую роль в решении трансграничных финансовых вопросов. Они могут включать уклонение от уплаты налогов, отмывание денег и другую незаконную финансовую деятельность, которые могут подорвать экономическую безопасность. Сотрудничая со своими коллегами из других стран, контрольно-ревизионные учреждения могут помочь в решении этих глобальных проблем не только внутри страны, но и за ее пределами [10,с.99].

В заключение следует отметить, что роль контрольно-ревизионных учреждений в обеспечении экономической безопасности является весьма актуальной и важной. Их работа не только влияет на финансовую целостность отдельных организаций, но и способствует более широкой экономической стабильности и благополучию. По мере того как экономические вызовы становятся более сложными и взаимосвязанными, роль этих институтов будет только возрастать. При этом задача государственных институтов

заключается в том, чтобы найти и использовать наиболее эффективные формы, методы и инструменты финансового контроля за использованием государственных финансовых ресурсов.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Закон Республики Таджикистан «О Счётной палате Республики Таджикистан». -Душанбе: 2011. -15 с.
2. Кодирзода, Ф.Д. История формирования и роль контрольно-ревизионных институтов в обеспечении экономической безопасности / Ф.Д. Кодирзода / Мат. Межд. научно-практ. конф. «Экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развития в условиях цифровой экономики». -Душанбе: «ТНУ», 21-24.05. 2022. – С. 489-496.
3. Кодирзода, Ф.Д. Роль государственных институтов контроля в обеспечении экономической безопасности / Ф.Д. Кодирзода, М.В. Калемуллоев / Мат. Межд. научно-практ. конф. «Государство и бизнес в современной экономике». - Воронеж: Издательско-полиграфический центр «Научная книга», 2023. – С. 39-44.
4. Кодирзода, Ф.Д. Зарубежный опыт развития контрольно-счетных органов и возможности его использования в Таджикистане / Ф.Д. Кодирзода // Общество и цивилизация. – 2023. Т. 5. - № 1. – С. 50-54.
5. Лимская декларация руководящих принципов контроля // Контроллинг. – 1991. - № 1. – С. 55-62.
6. Мавлонзода, В.Х. Роль высших органов аудита в достижении целей устойчивого развития в условиях пандемии Covid-19 / В.Х. Мавлонзода, Ф.Д. Кодирзода, Б.О.Раджабзода // Вестник РТСУ. – 2022. -№1(76). - С.56-61.
7. Национальная Стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, принятая решением Правительства Республики Таджикистан от 1 октября 2016 года, №392. – Душанбе: 2016. – 104 с.
8. Национальный доклад о ходе реализации национальных документов страны в контексте Целей устойчивого развития. Министерство экономического развития и торговли. – Душанбе: 2018. – 230 с.
9. Соколова, А.А. Оценка контрольной деятельности органов государственного финансового контроля / А.А. Соколова // Экономика и социум. – 2015. – № 6 (19). – С. 34-41.
10. Степашин, С.В. Государственный аудит и экономика будущего / С.В.Степашин. - М.: Наука, 2008. – 276 с.
11. Суглобов, А.Е. Внедрение автоматизированных систем ведомственного финансового контроля / А.Е. Суглобов, Е.Н. Барикаев // ФКУ НПО «СТ и С МВД России». – 2014. -№4. –С.54-62.
12. Фадейкина, Н.В. Международные стандарты высших органов финансового контроля / Н.В. Фадейкина, М.В. Мельник, Е.Ю Ядыкина. – М.: 2015. – 230 с.
13. Шохин, С.О. Эффективность бюджетно-финансового контроля / С.О. Шохин. -М.: Прогресс, 1995. -215 с.
14. Alan Birchall. Financial Analysis & Control. Financidi awareness forstudents and managers. -UK, East Kilbridge, 1991. – 270 p.
15. Kotter J.P. Organisational Dynamics: Diagnosis and Intervention. Reading Mass: Addison-Wesley. 1978. -P.30-39.
16. Newman W.H. Constructive Control: Design and Use of Control Systems. -N.Y., 1975. -P.33-41.


## РОҲҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ МАВҚЕИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АМАЛИСОЗИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ


Дар мақола мавқеи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалисозии назорати давлатии молиявӣ баррасӣ гардидааст, ки яке аз ниҳодҳои асосии масъули таъмини идоракунии шаффофи молияи давлатӣ мебошад. Вале дар ҷараёни амалисозии фаъолияти худ ин ниҳоди назорати молиявӣ ба муаммоҳои методологӣ ва истифодаи фишангҳои идоракунӣ, ки ба фаъолияти босамари он монеа эҷод менамоянд, дучор мешавад. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур муаммоҳои методологӣ ва истифодаи фишангҳои идоракунии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Ба муаммоҳои методологии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд: набудани стандартикунонии фаъолият; маҳдудияти назорат, ки тафтиши мувофиқатии амалиётҳои молиявиро ба меъёрҳо ва тартибот таъмин месозад; таҳлили номукаммали маълумот, ки аз норасоии донишҳои техникӣ ҳангоми таҳлили ахбороти мураккаби молиявӣ бармеояд ва ғ. Ба сифати муаммоҳои истифодаи фишангҳои идоракунии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд: шумораи ками кормандон; захираҳои технологии маҳдуд ва ҳуқуқ ба таъмини иҷроиши пешниҳодоти худӣ. Ҳамин тавр, Палатаи ҳисоби Тоҷикистон бо муаммоҳо дар дарёфти ахборот, ки барои гузаронидани аудити самаранок ва тафтишот зарур аст, дучор мешавад, ки натиҷаҳои фаъолияти онро коҳиш медиҳанд.



**Калидвожаҳо:** назорати молиявӣ, Палатаи ҳисоб, амалиётҳои молиявӣ, молияи давлатӣ, ниҳодҳои назоратӣ, ахборот, бехатарии иқтисодӣ, коррупсия, бахши давлатӣ, аудит.


## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ РОЛИ СЧЁТНОЙ ПАЛАТЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОСУЩЕСТВЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ФИНАНСОВОГО КОНТРОЛЯ


В статье рассматривается роль Счетной палаты Республики Таджикистан в осуществлении государственного финансового контроля, которая является основным институтом, ответственным за обеспечение прозрачности в управлении государственными финансами. Однако, в ходе осуществления своей деятельности данный институт финансового контроля сталкивается с рядом проблем, связанных с методологическими и инструментальными вопросами, которые препятствуют ее эффективности. Поэтому в данной статье рассмотрены проблемы методологического и инструментального характера в функционировании Счетной палаты Таджикистана. Проблемами методологического характера функционирования Счетной палаты

Таджикистана, являются: отсутствие стандартизации деятельности; ограниченный фокус, включающий проверку соответствия финансовых операций установленным правилам и процедурам; недостаточный анализ данных, состоящий в нехватке технических знаний для анализа сложных финансовых данных и др. В качестве инструментальных проблем деятельности Счетной палаты выделены: недостаточное количество персонала; ограниченные технологические ресурсы и полномочия по обеспечению выполнения своих рекомендаций. Следовательно, Счетная палата Таджикистана сталкивается с трудностями в получении доступа к информации, необходимой для эффективного проведения аудита и расследований, котрые снижают результаты их работы.

**Ключевые слова:** финансовый контроль, Счетная палата, финансовые операции, государственные финансы, надзорные институты, информация, экономическая безопасность, коррупция, государственный сектор, аудит.

## WAYS TO ENHANCE THE ROLE OF THE ACCOUNTS CHAMBER OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE IMPLEMENTATION OF STATE FINANCIAL CONTROL

The article examines the role of the Accounts Chamber of the Republic of Tajikistan in the implementation of state financial control, which is the main institution responsible for ensuring transparency in the management of public finances. However, in the course of its activities, this institute of financial control faces a number of problems related to methodological and instrumental issues that hinder its effectiveness. Therefore, this article discusses methodological and instrumental problems in the functioning of the Accounts Chamber of Tajikistan. The problems of the methodological nature of the functioning of the Accounting Chamber of Tajikistan are: lack of standardization of activities; limited focus, including verification of compliance of financial transactions with established rules and procedures; insufficient data analysis, consisting in a lack of technical knowledge to analyze complex financial data, etc. As instrumental problems of the activity of the Accounting Chamber, the following are highlighted: insufficient number of personnel; limited technological resources and powers to ensure the implementation of its recommendations. Consequently, the Audit Chamber of Tajikistan faces difficulties in gaining access to the information necessary for the effective conduct of audits and investigations, which reduce the results of their work.

**Keywords:** financial control, Accounting Chamber, financial transactions, public finance, supervisory institutions, information, economic security, corruption, public sector, audit.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодирзода Фаридун Диловар*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **28121992far@gmail.com**. Телефон: **(+992) 900001881**

**Сведения об авторе:** ***Кодирзода Фаридун Диловар*** - Таджикский национальный университет, докторант. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **28121992far@gmail.com.** Телефон: **(+992) 900001881**

**Information about the author:** ***Kodirzoda Faridun Dilovar*** - ajik National University, doctoral candidate. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **28121992far@gmail.com**. Phone: **(+992) 900001881**

# ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ:347.1 (575.3)

## ТАНЗИМИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН ДАР САРЧАШМАҲОИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ЗАРДУШТӢ

***Раҳмон Озода Эмомалӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз замони дарки муносибатҳо дар ҷомеаи инсонӣ, ба вуҷуд омадани нахустин шаҳр-давлатҳо ва баъдан шаклгирии онҳо ба давлат инсоният пайваста аз пайи ҳадаф, мақсад ва ҳимояи манфиатҳои худ қадам мезанад, ки чунин рафтор мазмун ва моҳияти ҳастии инсон, инчунин ҳолати ботинӣ ва руҳии ӯро инъикос менамояд. Албатта, дар масири ҳастии инсоният мушкилоти зиёд дар самти шинохти манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ҷой доштанд, ки имконият намедоданд то тамоми субъектҳо дар ҷомеа ба таври шоиста зиндагӣ намоянд, аммо бо гузашти фосилаҳо ва тағйир ёфтани вазъият дар сарзамини инсонӣ дарки эътирофнамоӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи субъектҳо ба вуҷуд омад, ки дар ин радиф метавон аз шинохти мақому манзалат ва ҳуқуқу манфиатҳои занон ҳамчун барандагон ва дарёбандагони махсуси ҳуқуқи инсон ёдоварӣ намуд.

Дар шинохти ҳуқуқу манфиатҳои занон нақш ва ҷойгоҳи давлатҳову тамаддунҳо гуногун буда, онҳо бо дарназардошти вазъияти мавҷуда ва манфиатҳои худ ба ҳолати ҳуқуқии занон баҳогузорӣ менамуданд [25,с.20-90]. Дар ҳамин радиф ёдовар шудан аз мақом ва нақши мардуми тоҷику форс дар ташаккули ҳуқуқу манфиатҳои занон саривақтӣ мебошад. Зеро, тамаддуни ҳазорсолаи мо дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, махсусан табақаҳои осебпазири ҷомеа, ки занон ҷузъи таркибии онро ташкил медиҳанд, бетаваҷҷуҳ набуда, ҳолати ҳуқуқии онҳоро тавассути сарчашмаҳои гуногун мавриди танзим қарор додааст, ки далели раднашавандаи он мустаҳкамгардӣ ва таҳкими ҳуқуқу манфиатҳои занон дар сарчашмаҳои нодири низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд махсус қайд намуд, ки дар марҳилаи дуюми ҳуҷуми арабҳо ба сарзамини тоҷикон, ки он солҳои 705-755-ро фарогир аст, низоми ҳуқуқии исломӣ рӯйи кор омода, ҷойгузини низоми ҳуқуқии зардуштӣ гардид [23,с.292]. Яъне, мардуми фарҳангсолори тоҷик то ин муддат муносибатҳои ҷамъиятӣ ва байниҳамдигарии худро тавассути низоми ҳуқуқии зардуштӣ мавриди танзим қарор медоданд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз низомҳои ҳуқуқии қадимаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар давраи амали худ ҳамчун низоми ҳуқуқии пешрафта ва мукаммал ба ҳисоб мерафт.

Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ арзи ҳастӣ доштанд, дар баробари масъалаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқ, озодӣ, уҳдадорӣ ва манфиатҳои занонро дар худ мустаҳкам намудаанд, ки ба онҳо метавон Авасто бо қисматҳои Йаснаҳо [27,с.75-181], Йаштҳо [12,с.182-272], Виспарад [8,с.273-277], Хурд-Авасто [24,с.278-293] ва Вандидод [7,с.294-481], Эъломияи ҳқуқи башари Куруши Кабир [14,с.117-118; 15,с.119-120], Қонунномаи Сосониён [13,с.303-396] ва ғ.-ро дохил намуд. Вазъи ҳуқуқии занон ва мақому манзалати онҳоро, инчунин манбаъҳои дигари ҳуқуқ, андарзномаҳо ва катибаҳои марбут ба низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ муайян намудаанд, ки ба онҳо Ардавирознома [4,с.100-112], Ёдгори Бузургмеҳр [9,с.130-138], Чида андарзи парйуткешон [26,с.212-214], Рисолаи рӯзҳо [17,с.221-222], Андарзи пешиниён [3,с.223-224] ва ғ.-ро шомил намудан мумкин аст. Яъне дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ вазъи ҳуқуқии занон ва мақоми онҳоро дар ҷомеа ду навъи сарчашмаҳо муайян ва танзим менамуд:

1. Сарчашмаҳои расмии низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ки ҳамчун ҳуҷҷати асосии давлатӣ дар ин тамаддун мавриди истифода ва корбарӣ қарор доштанд (Авасто, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён ва ғ.).

2. Сарчашмаҳои маънавию ахлоқӣ, ки ҳамчун ҳуҷҷати ахлоқӣ-ҳуқуқӣ ва динӣ дар тамаддуни зардуштӣ ба ҳисоб мерафтанд (Ардавирознома, Ёдгори Бузургмеҳр, Чида андарзи парйуткешон, Рисолаи рӯзҳо, Андарзи пешиниён ва ғ.).

Дар китоби муқаддаси зардуштиён ва сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии зардуштӣ – Авасто ҳуқуқ, озодӣ, вазифа ва манфиатҳои занон дар соҳаҳои гуногун мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтаанд. Шинохти ҳуқуқу манфиатҳои занон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз эҳтиром гузоштан ба зан-модар оғоз меёбад. Бо ин мақсад, дар тамаддуни зардуштӣ ҷашни **Спандармадгон** мeоростанд, ки баъзе аз олимону муҳаққиқон онро ҳамчун ҷашни махсуси занон дар ин тамаддун баҳогузорӣ менамоянд. Ин ҷашн дар **Спандармадрӯз**, яъне рӯзи панҷуми моҳи **Спандармад** (Исфанд) таҷлил карда мешуд [20,с.732]. Бояд ишора намуд, ки **Спандармад** дар баробари **Амурдоду Хурдод** гурӯҳи сегонаи **Амшоспандбонувон**ро ташкил дода [20,с.625], намоди модархудоии Аҳура Маздо ба ҳисоб мераванд [20,с.625-626]. Духтари **Спандармад** – **Дин** аз зумраи изадбонуи нигоҳбони осоиши занон маънидод мегардад [20,с.675]. А. Берунӣ ҷашни **Спандармадгон**ро ҷашни вижаи занон маънидод намуда, қайд менамояд, ки дар ин ҷашн занон аз шавҳарони худ ҳадя дарёфт мекарданд ва бо ин назардошт онро ҷашни Муздгирон низ ном мебурданд [1,с.229]. Муҳаққиқони ватанӣ низ ишора ба ҷой доштани чунин ҷашн дар тамаддуни зардуштӣ мекунанд [16,с.21]. Аз ин рӯ, ба хотири нигоҳ доштан ва зинда намудани ин ид аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ таклифҳо роҷеъ ба ҷашнгирии як рӯзи махсус ҳамчун «Рӯзи парастор» манзур гардидааст, ки ҳадаф аз он арҷ гузоштан ба парасторон, махсусан занони тарбиятгар, мураббияҳо ва парасторзанон ба ҳисоб меравад [20,с.732]. Чунин як ҷашн дар баробари рӯзи байналмилалии занон (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзи модар), ки ҳамасола санаи 8-уми март таҷлил мегардад, ҳамчун ҷашни алоҳида манзур гардидааст.

Мақом ва манзалати зан дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ то ҳадест, ки сарчашмаҳои ин низоми ҳуқуқӣ хушбахтӣ ва нишотро дар рӯйи замин аз ҳастии онҳо вобаста медонанд. Аз ҷумла, ишора мешавад, ки «замини шод заминест, ки марди парҳезгор дар он хона бисозад ва оташу гову гӯсфанд ва зану фарзанд орад ва сабзаву саг ва абзори зиндагии хуш дар он бисёр бошад» [5,с.17].

Ҷавҳари асосии таълимоти зардуштӣ ва моҳияти Авасторо **ҳумата**, **ҳухта**, **ҳварита** – пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек ташкил медиҳад [10,с.236] ва аҳолии зардуштию ғайризардуштӣ, ки дар сарзамини таърихии тоҷикон зиндагӣ доштанд, вазифадор буданд, ки ин сегонаи зардуштиро ба роҳбарӣ гиранд. Дар чунин шакл масъулият вогузоштан нисбат ба субъектони муносибатҳои ҷомеа, аз ҷумла занон, эътиқодмандӣ ва роҳнамоии зардуштиёнро ба маҷрои дурусти зиндагӣ нишон медиҳад.

Мувофиқи таълимоти зардуштӣ зан-модар бояд аз хислатҳои волои инсонӣ бархӯрдор бошад, бо пиндору гуфтору рафтори нек фарзандони нексиришту некзамирро ба воя расонад. Зеро, зан офарандаи ҳаёт маҳсуб шуда, ташаккули руҳиву равонии фарзанд аз ӯ вобастагӣ дорад. Бо ҳамин мақсад, дар банди 9, Йаснаи 16 занони некпиндор, некгуфтор ва неккирдор мавриди ситоишу эҳтиром қарор гирифтаанд. Аз ҷумла дар Авасто чунин омада: «Ҳамаи обҳоро меситоем. Ҳама гиёҳонро меситоем. Ҳама мардони некро меситоем. Ҳама занони некро меситоем. Ҳама изадони менуӣ ва ҷаҳонӣ – он некибахшандагони ашаванро – меситоем» [11,с.81]. Аз ин банди Йаснаҳо бармеояд, ки мақому манзалати зан дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз пиндору, гуфтору рафтораш низ вобаста будааст. Дар банди 4, кардаи сеюми Виспарад бошад, чунин нуктаи бисёр муҳим дарҷ ёфтааст: «Занеро истода хоҳам, ки дар андешаву гуфтору кирдор нек, саромаду хубомӯхтаву фармонбардори шавҳар ва [ради] ашаван [чун] Спандармад ва [чун] занонест, ки аз они туанд» [8,с.411]. Моҳияти ин меъёри Виспарадро, ки хислатҳои ҳамидаи зан ва ҳуқуқу манфиатҳои ӯро инъикос менамояд, метавон дар чунин шакл маънидод намуд:

а) Аз нигоҳи таълимоти зардуштӣ, нахустин хислати ҳамидаи зан ин андешаи наку доштани ӯ ба ҳисоб меравад. Зеро, агар андешае, ки дар зеҳни зан сайр менамояд, андешаи созанда бошад, ӯ қобилияти муоширaт ва муносибати нек намуданро дошта, ҷомеаро ба некандешӣ ва хушбаёнӣ талқин менамояд.

б) Гуфтори нек аз зумраи яке аз унсурҳои бисёр муҳим барои муайян намудани мақоми зан дар он замон маҳсуб шуда, сарчашмаи худро аз андешаи неки дар вуҷуди онҳо ҷойдошта мегирад. Некгуфторӣ, ки аз ҷониби занон сурат мегирад, на танҳо барои нигоҳ доштани муҳити солим дар оила мусоидат менамояд, балки барои мустаҳкам намудани муносибатҳо дар ҷомеа имконияти воқеиро фароҳам месозад.

в) Дар ҳоле ки некандешӣ ва некгуфторӣ дар замираи занон арзи ҳастӣ намояд, пас унсури сеюм – неккирдорӣ низ бояд зуҳурёбии худро дар вуҷуди онҳо пайдо намояд. Кирдори неки аз ҷониби зан сурат гирифта, имконият фароҳам меорад, ки ӯ ҳамчун субъекти муҳим дар ҷомеа шинохта шуда, ҳуқуқу манфиатҳояш аз ҷониби дигар субъектони муносибатҳои ҷомеа мавриди эҳтиром ва риоя қарор гиранд.

г) Дар меъёри болозикр истилоҳи «саромад»-ро метавон ҳамчун «нахустофаранда» ва «бавуҷудоранда» маънидод намуд. Зеро зан-модар дар саргаҳи офариниши ҳаёт қарор дошта, дар баробари мард оиларо сарварӣ ва кӯдаконро тарбия менамояд. Инчунин, ишора намудан ҷоиз аст, ки тамаддуни зардуштӣ бо мақсади арҷ гузоштан ба занон ва шинохти ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, онҳоро ҳамчун «саромад»-и муносибат ва равишҳои ҳуқуқӣ баҳогузорӣ намуда, ҷойгоҳи онҳоро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ баланд маънидод менамояд. Ба ин маъно зан ҳамчун сарвар, роҳбар, бартар, мумтоз ва шахси баргузида ҳисоб мешавад.

ғ) Бархӯрдорӣ аз илму маърифат яке аз масъалаҳои марказие маҳсуб мешавад, ки занон бояд ба он таваҷҷуҳи пайваста дошта бошанд. Бо ин мақсад, дар муқаррароти болозикр вожаи «хубомӯхта» соҳибмаърифат ва соҳибхирад будани занро дар назар дорад. Вақеан, зани соҳибхирад ва соҳибилм фарзандони солеҳу солеҳаро ба камол расонида, моҳияти зиндагиро ба онҳо дуруст маънидод менамояд.

д) Меҳру муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳурмату эҳтиром миёни зану шавҳар пойдор нигоҳ доштани оиларо таъмин намуда, имконияти воқеиро ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар Виспарад пешбинӣ гардидани истилоҳи «фармонбардори шавҳар» будани зан, маънои содиқ будани ӯро ба шавҳар ифода менамояд. Бояд ишора намуд, ки содиқ будан дар муносибатҳои оиладорӣ на танҳо ба занон мутааллиқ буд, балки мардон низ уҳдадории содиқ буданро ба зимма доштанд. Махсусан, дар қисми 2, банди 4, кардаи сеюми Виспарад пешбинӣ мегардад, ки мард бояд бо садоқатмандӣ ва муҳаббат занро ба сӯйи ростӣ раҳнамун созад [11,с.411]. Аммо яке аз вижагиҳои асосии низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҳангоми муайян намудани вазъи ҳуқуқии занон аз он иборат аст, ки хислатҳои мазкурро зан ҳангоми итоат кардан ба шавҳар ва фармонбардори шавҳар будан ба даст меорад. Яъне вазъи ҳуқуқии бартар ё беҳтари зан аз мард-шавҳари зан вобаста аст.

Бо таҳлил намудани муқаррароти болозикр як паҳлуи муҳимми вазъи ҳуқуқии занон дар тамаддуни зардуштӣ ошкор мегардад. Зеро, занони некандешаю некгуфтору некрафтор дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ мақоми баландро соҳиб буда, дар баробари ин хислатҳои волои инсонӣ онҳоро зарур буд то ба маърифат ва ҳурмату эҳтироми шавҳар бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Бояд ишора кард, ки ҳурмат ва эҳтиром на танҳо аз ҷониби зан нисбат ба мард анҷом дода мешуд, балки мард низ вазифадор буд то зани худро эҳтиром намуда, ӯро нигоҳубин намояд. Бо ин мақсад, дар банди 1, Йаснаи 11 пешбинӣ мегардад, ки агар мард дар ҳолати пеш омадани мушкилӣ танҳо фикри худро намуда, нисбат ба зану фарзанди хеш бетаваҷҷуҳӣ нишон диҳад, пас ин гуна мард лоиқи бахшидан нест [11,с.71]. Ҳамин аст, ки дар Фарвардин йашти Авасто, ки аз 31 карда ва 158 банд иборат аст, сухан оид ба ситоишу бузургдошти мардону занони порсо меравад. Дар тафовут аз гуфтаҳои фавқуззикр, низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба заноне, ки ахлоқи пасти инсониро соҳиб буда, ба амалҳои ғайриахлоқӣ даст мезананд, баҳои манфӣ дода, нисбат ба онҳо навъҳои гуногуни ҷазоро пешбинӣ менамояд. Масалан, дар Авасто вожаи «Ҷаҳӣ» бештар маврид ба маънои зани фурӯмояву бадасл, фиребандаву иғвогари мардон, нопорсову фармонравои ситамгар ва рӯсапиву бадкора истифода бурда шудааст. Дар фаргарди 18, бандҳои 61-65-и Вандидод бо дарназардошти ҳамаи табоҳиҳое, ки аз Ҷаҳӣ бурун меояд, ӯро сазовор ба марг хондаанд [7,с.597]. Мувофиқи банди 15, Йаснаи 10 зани нобакор ва камхирад, ки

думболи фирефтани мардони порсо аст, ҳеҷ гоҳ ба мақсади худ намерасад, зеро ӯ худ фирефташудаест, ки оқибат нобуд мегардад [11,с.69].

Дар охири фаргарди 3-и Ҳадухт Наск (Пайвасти Йаштҳо) бошад, пешбинӣ мегардад, ки зани дурванди бисёр бадандеши бадгуфтори бадкирдори нопоки бадомӯхтаи нофармонбардор аз шавҳарро ҷазои сахти ондунёӣ интизор аст. Чунончи дар он омада: «Он гоҳ равони марди дурванд дар нахустин гом ба пойгоҳи андешаи бад дар ояд. Пас дар дувумин гом ба пойгоҳи гуфтори бад дар ояд. Сипас, дар севумин гом ба пойгоҳи кирдори бад дар ояд ва саранҷом дар чаҳорумин гом ба сарои тирагии бепоён (дӯзах) расад. Он гоҳ дурвандмарде, ки пеш аз ӯ зиндагониро бадруд гуфтааст, аз ӯ мепурсад: «Эй дурванд! Чӣ гуна аз ҷаҳони пуросеб ба ҷаҳони ҷовидона дар омадӣ? Ин шиканҷаи дерпой туро чӣ гуна менамояд?» Он гоҳ Аҳриман гӯяд: «Аз касе, ки роҳи пурҳаросу саҳмгину табоҳро паймуда ва дарди ҷудоии равон аз танро кашидааст, чизе мапурс». Пас, ӯро хурише заҳрогин оваранд; чи бадандеши бадгуфтори бадкирдори баддинро ҷуз он хуриш нашояд. Зани дурванди бисёр бадандеши бадгуфтори бадкирдори нопоки бадомӯхтаи нофармонбардор аз шӯйро низ чунин хурише диҳанд» [12,с.403]. Вале, бояд махсус қайд намуд, ки интихоб намудани роҳи нек ва бад масъулияти шахсии зан маҳсуб мешуд ва инро низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар худ инъикос намудааст. Аз ҷумла, пешбинӣ мегардад, ки «ҳар марду зан роҳи нек ва бадро шахсан интихоб менамояд» [5,с.16].

Яке аз масъалаҳои бунёдӣ ва муҳим, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ин эътироф ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои занон дар самти нигоҳдошти саломатӣ ба ҳисоб меравад. Дар банди 5, Йаснаи 27 аз Аирйаман[‡] даъват карда мешавад, ки «ба-д-ин ҷо ой ёрии мардону занони зартуштиро, ёрии Маниши некро, ёрии ҳар он Динеро, ки дархури музде гаронбаҳост!» [27,с.136-137; 11,с.98]. Н.Ф. Сафарзода масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки «дар ин ҷо, калимаи «ёрӣ» ба маънои кумак расонидан ва тавон бахшидан истифода шудааст, ки он нисбат ба шахси мариз сурат мегирифт. Дар натиҷаи чунин ёрирасонӣ ҳолати шахси мариз беҳ гардида, тавоноӣ ва зарфияти руҳии ӯ барқарор карда мешуд. Аирайман дар ҳолати беморӣ ва ноумедӣ ба ёрии мардум мешитофт ва бо роҳу василаҳои гуногун онҳоро табобат менамуд. Дар марҳилаи табобатнамоӣ ӯ ба аломатҳои ҷинсӣ, шаҳрвандӣ (аҳолии зардуштӣ ва ғайризардуштӣ), дороӣ ва синну соли бемор аҳаммият намедод» [18,с.23-24]. Муҳаққиқи ватанӣ А.Ғ. Холиқзода низоми ҳуқуқии зардуштиро мавриди омӯзиш қарор дода, ифроз менамояд, ки ҳифзи саломатӣ дар тамаддуни зардуштӣ соҳиби ҷойгоҳи махсус буд. Алалхусус, дар давраи ҳомиладории зан ба ӯ иҷозати исқоти ҳамл намудан дода намешуд. Чунин тадбир ба хотири нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатии кӯдаки дар батни модар буда, инчунин бо мақсади ҳифзи саломатии зан сурат мегирифт [21,с.51-61, 94-98]. Дар фаргарди 5, сархати 45-и Вандидод бошад, қайд мегардад, ки ҷанини дар батни модар пайдошуда аз якмоҳагӣ то даҳмоҳагӣ мавриди ҳифз қарор мегирад [7,с.344]. Дар банди дуюми Эъломияи Куруши Кабир бошад, пешбинӣ мегардад, ки «…агар касе нотавон буд ва бар ӯ ситаме рафт, ман аз вай дифоъ хоҳам кард ва ҳаққи ӯро гирифта ва баъд пас хоҳам дод ва ситамкоронро ба кайфар хоҳам расонд» [19,с.117]. Ҳангоми маънидоди ин банди Эъломияи Куруши Кабир баъзе олимон бар он назаранд, ки «дар ин ҷо, истилоҳи «нотавон» ба маънои шахси бемор ва барҷомонда омадааст. Агар касе бо истифода аз ҳолати беморӣ, нотавонӣ ва ё барҷомондагии шахс ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро поймол менамуд, нисбат ба ӯ бевосита худи шоҳ чораандешӣ мекард ва ҳаққи поймолшудаи чунин ашхосро барқарор менамуд» [18,с.29]. Муқаррароти болозикр дар баробари дигар табақаҳои аҳолии

[‡] Аирйаман (дар паҳлавӣ Арйоман ва Ирмон) номи изади дӯстӣ ва пайванду оромиш, яке аз изадони бузурги дини маздопарастист. Ӯро нахустин пизишки менуӣ шумурдаанд, ки чораву дармони дардҳо ва нохушиҳо ба дасти ӯ супурда шудааст ва ҳангоме, ки Аҳриман 99999 бемориро ба ҷаҳон овард, ба фармони Аҳура Маздо ба замин омад, то дармони он бемориҳоро биоварад. Маънии «Аирйаман» дӯсту ёвар аст ва дар «Гоҳон» унвонест барои пешвоёни динӣ, аммо дар дигар бахшҳои Авасто ва дар «Бундаҳишн» аз ӯ ба унвони изади дармонбахши дардҳо ёд шудааст.

мансуб ба ин гурӯҳ, инчунин нисбат ба зани нотавон низ, ки имконияти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худро надошт, паҳн мегардид.

Дар банди 6, Йаснаи 35 муқаррароти бисёр муҳим дар чунин шакл пешбинӣ мегардад: «Он чиро, ки ҳар марде, ё зане донист, ки дурусту нек аст, бар ӯст, ки худ ба кор бандад ва дигаронро низ биогоҳонад то онро – ончунонки ҳаст – ба кор банданд» [11,с.120]. Яъне, дар ҳолати нахуст занро мебоист барои соҳибхирад гардидани худ ба омӯзиш бипардозад то бидонад кадом амал дуруст асту кадом амал нодуруст. Дар сурати аз худ намудан, ӯ вазифадор буд, ки дониши худро ба дигарон, аз ҷумла ба фарзандону наздикон биомӯзонад. Бояд қайд намуд, ки дар ин муқаррарот омӯхтан ва омӯзонидан ҳамчун ҳуқуқ ва уҳдадорӣ ба занон пешбинӣ карда шудааст. Дар ҷойи дигар ишора мешавад, ки «он чиро мард ё зане, ки дуруст ё хуб аст, пас бояд онро бо ғайрат аз барои худ ба ҷой оварад ва онро ба дигарон бифаҳмонад то он тавре, ки боист бад он амал кунад» [5,с.16-17]. Дар ин ҳолат низ, омӯзонидани донишҳои худ барои дигарон, алалхусус ба фарзанд ҳамчун уҳдадорӣ дар назди марду зан вогузор гардидааст. Чунин муқаррарот, инчунин дар банди 34-и Андарзи Парйуткешон[§] пешбинӣ шуда, падару модар масъулият ба зимма гирифтаанд, ки ҳар он чизеро худ медонанд ба фарзандон биомӯзонанд. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки «падару модар бояд ин кору кирдори некро ба фарзанди хеш пеш аз понздаҳсолагӣ биомӯзанд. Чун вай ин чандтои онро биомӯхт, ҳар кору кирдори нек, ки фарзанд кунад, падару модарро низ расад ва чун вай наомӯзад ва фарзанд ба меҳтарӣ гуноҳ кунад, падару модар дар бунёди ин кор бувад» [26,с.213-214]. Ҳатто падару модар масъулият доштанд то фарзанди худро барои омӯзиш ба мактаб диҳанд. Бо ин мақсад, дар рӯзи Хвар онҳо фарзанди худро ба дабиристон медоданд, то ин ки дабиру фарзона шавад [17,с.221]. Чунончи дар бандҳои 11 ва 13-и яке аз сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ки ҳамчун Рисолаи рӯзҳо маъруф асту дар он вижагии ҳар як рӯзи моҳ муайян шудааст, чунин омада: «Рӯзи Хвар кӯдак ба дабиристон деҳ, то дабиру фарзона шавад… Рӯзи Тир кӯдакро ба тир андохтан ва набарду саворӣ омӯхтан фирист». Ин муқаррарот як навъ уҳдадории падару модар, аз ҷумла модаронро дар таълиму тарбияи фарзанд пешбинӣ мекунад. Яъне, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар баробари ҳуқуқу озодӣ, ҳамзамон уҳдадориҳои занону модарон низ пешбинӣ шудааст.

Дар банди 10, Йаснаи 57 сухан дар бораи кумак расонидан ба мардон ва заноне меравад, ки дур аз манзили худ ҳамчун дарвеш дар минтақае қарор гирифтаанд. Аз ҷумла дар он чунин омада: «Касе, ки марди дарвешу зани дарвешро пас аз фурӯ рафтани Хуршед, хонае устувор бахшад» [11,с.164]. Яъне, ҳолати мазкур бозгӯкунандаи ҳуқуқи дастрасӣ доштани мард ва зани дарвеш (муҳоҷир) ба кумак, махсусан ҷои зист мебошад. Диққатҷалбкунанда он аст, ки ҳуқуқ ба таъмини ҷои зист барои мард ва зани ниёзманди муҳоҷирро Авесто ҳангоми фурӯ рафтани офтоб шарт ва зарур меҳисобад. Яъне Авесто ҷомеаро уҳдадор мекунад, ки ҳангоми фурӯ рафтани офтоб ва фаро расидани шаб бояд ягон нафар марду зан (махсусан занон) дар кӯча намонанд ва ҳатман дар хонае барои зиндагӣ созгор бо ҷои зист таъмин карда шаванд. Имрӯз, ки вазъияти ҷомеаи инсонӣ муташанниҷ гардида, занону кӯдакон бештар ба муҳоҷират рӯй овардаанд, мазмун ва моҳияти муқаррароти фавқуззикр мубрамияти бештарро касб намудааст. Аммо тавре дида мешавад ниёгони миллати тоҷик дар ҳазорсолаи пеш аз мелод ин масъала ё мушкилии ҷомеаи муосирро аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ҳал намуда буданд.

Дар банди 7-и Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир чунин нуктаи муҳим дарҷ ёфтааст: «То рӯзе, ки ман зинда ҳастам, нахоҳам гузошт, ки мардон ва занонро ба номи

---

[§] Чида Андарзи Парйуткешон ё Барчидаи андарзи парйуткешон яке аз муҳимтарин андарзномаҳои паҳлавӣ аст, ки дар асоси таълимот ва эътиқоди зардуштӣ таҳия шудааст. Дар Чида Андарзи Парйуткешон ё Барчидаи андарзи парйуткешон озодии виҷдон ва эътиқоди динии зардуштиёни давраи Сосониён, махсусан занони зардуштӣ инъикос ёфтааст. Матни Чида Андарзи Парйуткешон ё Барчидаи андарзи парйуткешонро аз паҳлавӣ бо транскрипсия ва тарҷумаи форсӣ нахуст Саиди Урён дар маҷмуаи «Матнҳои паҳлавӣ» (Теҳрон, 1382) ва сипас тарҷумаи тоҷикии онро Д. Саймиддинов дар «Адабиёти паҳлавӣ» (Душанбе, 2003) ва Холиқзода А.Ғ. дар Китоби дуюми «Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон)» (Душанбе, 2016) овардаанд.

барда ва каниз ё номҳои дигар бифурӯшанд ва ин расми зиндагӣ бояд ба гетӣ рахт барбандад, аз Маздо мехоҳам, ки маро дар тааҳҳудоте, ки нисбат ба миллатҳои Эрон ва мамолики чаҳоргона гирифтаам, пирӯз гардонад» [14,с.118]. Аз муқаррароти меъёри мазкури Эъломияи Куруши Кабир бармеояд, ки ӯ ном ё тамғаи ғуломӣ ва канизиро аз занон дур намуда, ҳамчун ғулом ва каниз истифода намудани онҳоро манъ кардааст. Инчунин, дар заминаи ҳамин меъёри эълонкардаи Куруши Кабир хариду фурӯши занон ба ҳайси ғулом ва каниз аз байн бурда шуда, ӯ дар таърихи ҳастии инсоният мардуми тоҷикро ҳамчун мардуми инсонпарвар ва инсондӯст муаррифӣ намудааст.

Қонунномаи Сосониён яке аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи низоми ҳуқуқии зардуштӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтааст[**]. Ин сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами ҳуқуқи оилавӣ, баҳсу мунозираҳои ҳуқуқи маданӣ, зиддияту мухолифатҳои иҷтимоӣ, шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон, роҳу василаҳои баргузор намудани мурофиаи судӣ, арҷ гузоштан ба қарорҳои додгоҳ, инчунин эътирофу ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои занонро дар муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ мавриди танзим қарор додааст. Аз ҷумла, дар фасли 19, банди 3-и Қонуннома пешбинӣ мегардад, ки «падар ҳақ надорад духтари худро ба издивоҷ бо марде маҷбур намояд» [13,с.363]. Аз муқаррароти меъёри мазкур бармеояд, ки принсипи озодона бастани ақди никоҳ ба таври дахлдор риоя гардида, ташкил намудани оила танҳо бо ризоияти тарафҳо сурат мегирифтааст. Дар фасли 32, банди 1 бошад, пешбинӣ мегардад, ки падар ҳаққи ба фарзандхондӣ додани духтари худро танҳо бо ризоияти ҳамсараш, яъне модари духтар дорад [13,с.375]. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳуқуқи зан-модар ҳангоми фарзандхондӣ бо мард-шавҳар баробар будааст. Яъне дар баробари мард, яъне шавҳар қарор ё гирифтани иҷозати зан, яъне модари духтар ҳангоми ба фарзандхондӣ додани духтар ҳалкунанда ва ҳатмӣ будааст. Меъёрҳои болозикри сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ гувоҳи онанд, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, махсусан сарчашмаҳои ҳуқуқии он ба ҳуқуқи зан дар муносибатҳои оилавӣ ва маданӣ арҷ гузошта шуда, принсипи баробарҳуқуқии мардон ва занон низ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ риоя мешудааст.

Дар муносибатҳои молумулкӣ ва идораи он низ баробарҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасад. Махсусан, дар фасли 28, банди 28 ишора мешавад, ки «духтар то модоме, ки дар хонаи падар аст, метавонад уҳдадори идораи амволи падари мутаваффои[††] худ шавад ва то он вақт ҳуқуқи писару духтар баробар аст» [13,с.374]. Аз меъёри ишорашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳангоми вафот кардани падар, духтарон ва писарони ӯ барои тақсимоти молу мулки падари худ ҳаққи баробар доранд. Аммо, ин баробарҳуқуқӣ то замоне ба инобат гирифта мешавад, ки духтар ба шавҳар набаромадааст. Ҳангоми ба шавҳар баромадан ӯ ҳуқуқи соҳибӣ намудани мероси падари худро замоне ба даст меорад, агар шахси дигари меросбар (масалан, ҳамсар ва ё писар) вуҷуд надошта бошад. Дар банди 29-и ҳамин фасл зикр карда мешавад, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт будани ҳамсари марди фавтида ҳуқуқи соҳибӣ кардани моликиятро танҳо ӯ дорад, яъне фарзандон ҳаққи даъвои моликияти падарро дар ин ҳолат надоранд, зеро мувофиқи Қонунномаи Сосониён дар чунин ҳолат уҳдадории пардохти қарзҳои шахси фавтида ба ҳамсараш, яъне занаш мегузарад, на ба фарзандонаш. Аз ҷумла дар банди 29-и Қонунномаи Сосониён чунин омада: «Модоме ки завҷа зинда аст, дойини шахси мутаваффӣ наметавонад ба писар ё духтари мутаваффо руҷуъ кунад» [13,с.374]. Яъне, ҳама гуна даъвоҳо аз болои шахси фавтида ё қарзҳои шахси фавтида дар сурати зинда будани завҷааш на ба фарзандон, балки ба завҷа мегузаштааст. Дар ин ҷо сухан дар бораи гузариши ҳуқуқу уҳдадориҳо пас аз вафот меравад, ки мувофиқи Қонунномаи Сосониён баъзе ҳуқуқу уҳдадориҳои шавҳар пас аз вафоти ӯ ба ҳамсар-занаш мегузарад. Яъне дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ субъекти ҷавобгар аз рӯи уҳдадориҳои марди вафоткарда ҳамсар-занаш баромад мекунад. Ин муқаррароти Қонунномаи Сосониён занро ҳамчун суъбекти мустақили

[**] Сарчашмаи мазкур дар адабиёти илмӣ бо номҳои «Қонунномаи Сосониён», «Қонуни мадании зардуштиён», «Мотикони ҳазор додистон», «Китоби ҳазор қарорҳои судӣ» ва ғ. маълуму машҳур аст.
[††] Яъне, падари фавтида

ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян кардааст. Аз ин рӯ, хулоса баровардан мумкин аст, ки модоме даъвогарон ва қарздорони шахси фавтида барои иҷрои тақозо ё пардохти қарз ба духтар ё писари шахси фавтида муроҷиат карда наметавонанду танҳо ба завҷааш ҳуқуқи муроҷиат кардан доранд, пас, ҳуқуқи қабули мероси шавҳар низ танҳо ба завҷааш таалluқ доштааст. Аз ин дидгоҳ меросбари асосии шавҳар зан будааст, на каси дигар. Ҳангоми дар қайди ҳаёт набудани зан-ҳамсар, дигар шахсони наздик ҳуқуқи қабули мероси шахси вафоткардаро пайдо мекардаанд.

Низоми ҳуқуқии зардуштӣ на танҳо тавассути сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ-ҳуқуқӣ ба шинохти ҳуқуқу манфиати занон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, балки дар андарзномаҳои камназир, ки дар ин марҳила арзи ҳастӣ доштанд, ба зан-модар эҳтиром гузошта, ҷойгоҳи ӯро дар муҳити оилавӣ ва ҷамъиятӣ баланд арзёбӣ намудаанд. Масалан, вақте ба Бузургмеҳри Бухтагон савол медиҳанд, ки осудатарин шахс дар дунё кӣ ҳаст? Ӯ чунин посух медиҳад: «Он ки ӯро фарзанди шоиста ва зани ба хости шӯй дилхоҳ аст» [9,с.135]. Яъне, доштани фарзандони солеҳ ва солеҳа, инчунин зани меҳрубону ҳалим, ки шавҳари худро иззату эҳтиром менамояд, аз зумраи бузургтарин хушбахтӣ ва осудагӣ баҳогузорӣ гардидааст, ки асоси воқеӣ низ дорад. Дар ҷойи дигар ишора мешавад, ки «аз озори падару модар ва сардор сахт бипарҳезед, то тан бешукӯҳу равон гунаҳкор набувад» [26,с.214]. Ин ҳолат нисбат ба фарзанде мутааллиқ мебошад, ки падару модар ва ё сардору роҳбарро мавриди озори ҷисмонию руҳӣ қарор дода, пас аз он ҳамчун шахси гунаҳкор ва бадбахт пайваста дар ҳолати сахти руҳию равонӣ қарор мегирад. Вале, бояд дар ҳамин замина ишора намуд, ки тавлиди фарзанд ва тарбияи дурусти ӯ дар зиндагӣ аз зан вобаста буда, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба он аҳаммияти вижа дода шудааст. Махсусан, қайд мегардад, ки «дар рӯзи нахуст Ҳурмуз ба зан фармуд: Эй зан туро офаридам, то мардони порсо ба вуҷуд оварӣ ва дар оғӯши пурмеҳри худ парвариш диҳӣ, то ба ёрии онон решаи нодурустӣ ва нопокӣ аз ҷаҳон биафтад» [19,с.18].

Аз таҳлили сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ки ҳуқуқу манфиатҳои занонро дар худ инъикос намудаанд, чунин хулоса ва бардоштҳоро манзур намудан ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Сарчашмаҳои танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии занон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ он сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқие маҳсуб мешаванд, ки аз ҳазорсолаи II пеш аз мелод то соли 755 мелодӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ арзи вуҷуд дошта, дар худ ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои занонро мустаҳкам намуда, фарогирандаи манфиатҳои онҳо дар муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ мебошанд.

2. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ вазъи ҳуқуқии занон тавассути ду категорияи сарчашмаҳо мавриди танзим қарор гирифтааст: сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии расмӣ ва сарчашмаҳои таърихии ахлоқӣ-ҳуқуқӣ. Ба ҳайси сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии расмӣ, ки танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии занон мебошанд, инҳо дохил мешаванд: Авасто (махсусан, қисмҳои Йаснаҳо, Йаштҳо, Виспарад ва Вандидод), Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониён. Ба сифати сарчашмаҳои таърихии ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, ки ифодакунандаи мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои занон мебошанд, метавон инҳоро шомил намуд: Ардавирознома, Ёдгори Бузургмеҳр, Чида андарзи парйуткешон, Рисолаи рӯзҳо, Андарзи пешиниён ва ғ.

3. Дар масири таърихи инсонӣ шинохти ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои занон ба таври фарогир танҳо дар асрҳои XIX-XX ба вуҷуд омада, аз соли 1975 то имрӯз, ҳамасола 8-уми март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии занон» таҷлил карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» низ онро ба таври ҳуқуқӣ танзим менамояд. Аммо, бояд махсус ишора намуд, ки агар ҷомеаи байналмилалӣ барои шинохти ҳуқуқ ва озодии занон пас аз корпартоӣ ва инқилобҳои мухталифи онҳо рӯй оварда бошад, пас низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар ҳазорсолаи қабл аз мелод занро ҳамчун субъекти махсус маънидод намуда, бо мақсади арҷгузорӣ нисбат ба ӯ таҷлили ҷашни Спандармадгонро пешбинӣ менамояд. Ин ҷашн дар Спандармадрӯз, яъне рӯзи панҷуми моҳи Спандармад (Исфанд) таҷлил карда шуда, шабеҳи Рӯзи байналмилалии занон (8-уми март) мебошад. Дар асоси сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ, рӯзи панҷуми моҳи Спандармад (Исфанд) занон аз шавҳарони худ ҳадя дарёфт карда, аз

ичрои тамоми машғулиятҳои рӯзгор озод буданд. Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки таҷлили рӯзи махсус ҳамчун рӯзи байналмилалии занон ё рӯзи модар барои миллати тоҷик бегона набуда, балки аз таъриху тамаддуни қадимаи ниёгони мо маншаъ мегирад.

4. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ занони некандеша, некгуфтор ва некрафтор мақоми баландро соҳиб буда, масъулияти омӯхтану омӯзонидан ва ҳурмату эҳтироми шавҳарро бар дӯш доштанд. Дар тафовут аз ин, низоми ҳуқуқии зардуштӣ занони бадсиришт, дорои ахлоқи зишт ва фиребандаро манфӣ баҳогузорӣ намуда, нисбат ба онҳо вазнинтарин ҷазоҳоро пешбинӣ менамояд. Бояд зикр намуд, ки дар Авасто вожаи «Ҷаҳӣ» бештар маврид ба маънои зани фурӯмояву бадкор, фиребандаву иғвогари мардон, нопорсову фармонравои ситамгар ва рӯсапиву бадкора истифода бурда шудааст. Вале, мувофиқи таълимоти ин низоми ҳуқуқӣ интихоб намудани роҳи нек ё бад аз ҷониби зан ҳамчун ҳуқуқи ӯ муаррифӣ карда мешавад.

5. Аз мазмун ва моҳияти сарчашмаҳои танзимкунандаи низоми ҳуқуқии зардуштӣ чунин ҳуқуқ ва озодиҳои занонро метавон ҷудо намуд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқ ба озодии интихоб, ҳуқуқи озодана ташкил намудани оила, ҳуқуқи интихоб намудани шавҳар, ҳуқуқи омӯхтан ва омӯзонидан, ҳуқуқ ба нигоҳдошти саломатӣ, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифодабарии моликият, ҳуқуқ ба мерос, ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати додгоҳӣ, ҳуқуқи интихоби ҷойи зист, ҳуқуқи фарзандхондӣ ва ғ.

6. Озодӣ аз ғуломӣ ва манъи хариду фурӯши занон аз зумраи муҳимтарин дастовард дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ маҳсуб мешавад, ки баҳри шинохти мақому манзалати зан ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ дар марҳилаҳои баъдӣ нақши калидиро иҷро намудааст. Инчунин, низоми ҳуқуқии зардуштӣ занонро ҳамчун субъекти махсус муаррифӣ намуда, ба моҳияти принсипи инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ замина гузоштааст.

**Муқарриз: Назаров А.Қ. – д.и.ҳ.профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе, 1990. – 432 с.
2. Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 784 с.
3. Андарзи пешиниён // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби II: Манобии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 223-224.
4. Ардавирознома // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби II: Манобии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 100-112.
5. Бастангор Муҳаммад. Ҳуқуқи башар аз манзари андешамандон / Пажуҳиш ва тадвини Муҳаммад Бастангор. – Теҳрон: Интишор, 1380ҳ. – 808 с.
6. Вандидод // Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 469-615.
7. Вандидод // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 294-481.
8. Виспарад // Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 403-429.
9. Ёдгори Бузургмеҳр // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби II: Манобии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 130-138.
10. История Таджикского народа. Древнейшая и древняя история. – Душанбе, 1998. – 372 с.
11. Йаснаҳо // Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 28-194.
12. Йаштҳо // Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 195-402.
13. Қонунномаи Сосониён // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби II: Манобии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонунномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 303-396.
14. Матни Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир (Аз хатти форсӣ баргардонии д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С.) // Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 117-118.

15. Матни Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир (Матн аз китоби профессор П. Ҷамшедов гирифта шудааст ва бо матни русии Эъломия мутобиқ аст) // Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. –Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – С. 119-120.
16. Рахмон Д.С. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе: ТАЙАРОН, 2018. – 176 с.
17. Рисолаи рӯзҳо // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби II: Манобии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонуннномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 221-222.
18. Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Сафарзода Некрӯз Файзӣ. – Душанбе, 2022. – 177 с.
19. Саъдизода Ҷ. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш/ Ҷ.Саъдизода, Н.Ф.Сафарзода. –Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.
20. Тавзеҳот // Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 618-772.
21. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право)/ А.Г.Халиков. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. -488 с.
22. Халиков А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право)/ А.Г.Халиков. –Душанбе: Сарбоз, 2003. – 115 с.
23. Холиқзода А.Ғ. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография/ А.Ғ.Холиқзода, Ш.Ш.Шосаидзода, А.Х.Аминҷонов, М.С.Соҳибзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 508 с.
24. Хурд-Авасто // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 278-293.
25. Ҳуқуқи занон // Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқов А.Ғ., н.и.ҳ. Диноршоев А.М. -Душанбе, 2010. – 284 с.
26. Чида Андарзи Парйуткешон // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби II: Манобии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. Қисми 3. Бундаҳишн ва дигар мабонии ҳуқуқ. Қисми 4. Қонуннномаи Сосониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 212-214.
27. Ясно // Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон. (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) / муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. - Китоби I: Ҳуқуқ дар аҳди бостон. Қисми 1: Авасто; Қисми 2: Вандидод. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 75-181.

## ТАНЗИМИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН ДАР САРЧАШМАҲОИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ЗАРДУШТӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва таърихи ҳуқуқи инсон – танзими вазъи ҳуқуқии занон дар сарчашмаҳои низоми ҳуқуқии зардуштӣ бахшида шудааст. Дар таърихи миллати тоҷик яке аз марҳилаҳои муҳим давраи амали низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ яке аз низомҳои ҳуқуқии қадимаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар давраи амали худ ҳамчун низоми ҳуқуқии пешрафта ва мукаммал ба ҳисоб мерафт. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ арзи ҳастӣ доштанд, дар баробари масъалаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқ, озодӣ, уҳдадорӣ ва манфиатҳои занонро дар худ мустаҳкам намудаанд, ки ба онҳо метавон Авасто бо қисматҳои Йаснаҳо, Йаштҳо, Виспарад, Хурд-Авасто ва Вандидод, Эъломияи Куруши Кабир, Қонуннномаи Сосониён ва ғ.-ро дохил намуд. Вазъи ҳуқуқии занон ва мақому манзалати онҳоро, инчунин манбаъҳои дигари ҳуқуқ, андарзномаҳо ва катибаҳои марбут ба низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ муайян намудаанд, ки ба онҳо Ардавирознома, Ёдгори Бузургмехр, Чида андарзи парйуткешон, Рисолаи рӯзҳо, Андарзи пешиниён ва ғ.-ро шомил намудан мумкин аст. Муаллиф сарчашмаҳои танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии занонро дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ таҳлил намуда, онҳоро ба сарчашмаҳои расмӣ ва ахлоқӣ ҷудо намудааст. Муҳаққиқ иброз менамояд, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар ҳазорсолаи қабл аз мелод занро ҳамчун субъекти махсус маънидод намуда, бо мақсади арҷгузорӣ нисбат ба ӯ таҷлили ҷашни Спандармадгонро роҳандозӣ намуда буд. Иди мазкур ҳамчун иди занон маънидод гардида, занон аз шавҳарони худ ҳадя дарёфт мекарданд ва аз иҷрои тамоми машғулиятҳои рӯзгор озод буданд. Ба андешаи муаллиф сарчашмаҳои танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии занон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ он сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқие маҳсуб мешаванд, ки аз ҳазорсолаи II пеш аз мелод то соли 755 мелодӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ арзи вуҷуд дошта, дар худ ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои занонро мустаҳкам намуда, фарогирандаи манфиатҳои онҳо дар муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ буданд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқи зан, ҳифзи ҳуқуқҳои зан, вазъи ҳуқуқии занон, баробарҳуқуқӣ, сарчашма, сарчашмаи ҳуқуқ, низоми ҳуқуқии зардуштӣ, Авасто, Вандидод, Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, Қонуннномаи Сосониён, озодӣ, зан, модар.

## ЖЕНЩИН В ИСТОЧНИКАХ ЗОРОАСТРИЙСКОЙ ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ

Данная статья посвящена одному из актуальных вопросов юриспруденции и истории прав человека – регулированию правового статуса женщин в источниках зороастрийской правовой системы. Одним из важных периодов в истории таджикского народа является период зороастрийской правовой системы. Зороастрийская правовая система считается одной из древнейших правовых систем в мире, а в период своего функционирования считалась передовой и всесторонней правовой системой. Историко-правовые источники,

существовавшие в зороастрийской правовой системе, наряду с различными правовыми вопросами, также укрепляли права, свободы, обязанности и интересы женщин, к которым можно включить Авеста с частями Ясно, Яшти, Висперед, Малая Авеста и Вандидад, Декларация Кира Великого, Сасанидский судебник и т.д. Определены правовой статус женщин и их положение, а также другие источники права, письменные наставления и надписи, относящиеся к зороастрийской правовой системе, к которым можно отнести Ардавиразнаме, Ядгар Бузургмехра (Заметки Бузургмехра), Избранные наставления парйуткешнов, Трактат о днях, Наставления предков и т.д. Автор проанализировал источники, регулирующие правовой статус женщин в зороастрийской правовой системе, и разделил их на официальные и нравственные источники. Исследователь указывает, что зороастрийская правовая система в тысячелетии до нашей эры трактовала женщину как особый субъект и организовывала празднование праздника Спандармадганы, чтобы воздать ей должное. Этот праздник трактовался как женский праздник, женщины получали подарки от мужей и были свободны от всех повседневных дел. Автор считает, что источниками, регулирующие правовой статус женщин в зороастрийской правовой системе, являются те историко-правовые и нравственные источники, которые существовали на территории исторического Таджикистана со II-го тысячелетия до н.э. до 755 года н.э. и закрепляли права, свободы и обязанности женщин, охватывающие их интересы в различных общественных отношениях.

**Ключевые слова:** право, права женщин, защита прав женщин, правовой статус женщин, равноправие, источник, источник права, зороастрийская правовая система, Авеста, Вандидад, Декларация прав человека Кира Великого, Сасанидский судебник, свобода, женщина, мать.

## THE REGULATION OF THE LEGAL STATUS OF WOMEN IN THE SOURCES OF THE ZOROASTRIAN LEGAL SYSTEM

This article focuses on one of the topical issues of jurisprudence and the history of human rights – the regulation of the legal status of women in the sources of the Zoroastrian legal system. One important period in the history of the Tajik people is the period of the Zoroastrian legal system. The Zoroastrian legal system is considered to be one of the oldest legal systems in the world, and was considered to be an advanced and comprehensive legal system at the time of its operation. The historical and legal sources that existed in the Zoroastrian legal system, along with various legal issues, also reinforced the rights, freedoms, duties and interests of women, which can include the Avesta with parts of Yasno, Yashti, Vispered, Lesser Avesta and Vandidad, the Declaration of Cyrus the Great, the Sassanid Code of Laws, etc. The legal status of women and their position are defined, as well as other sources of law, written precepts and inscriptions relating to the Zoroastrian legal system, which may include Ardavirazname, Yadgar Buzurgmehr (Notes of Buzurgmehr), Selected Precepts of Pariyutkeshn, Treatise on Days, Precepts of Ancestors, etc. The author analysed the sources regulating the legal status of women in the Zoroastrian legal system and divided them into formal and moral sources. The researcher points out that the Zoroastrian legal system in the millennium B.C. treated women as a special subject and organised the celebration of Spandarmadgana to pay tribute to her. This holiday was treated as a women's holiday, women received gifts from their husbands and were free from all daily chores. The author believes that the sources regulating the legal status of women in the Zoroastrian legal system are those historical and moral sources that existed in the territory of historical Tajikistan since the II millennium BC to 755 AD and enshrined the rights, freedoms and duties of women, covering their interests in various social relations.

**Keywords:** law, women's rights, protection of women's rights, legal status of women, equality, source, source of law, Zoroastrian legal system, Avesta, Vandidad, Declaration of Human Rights of Cyrus the Great, Sassanid Judiciary, liberty, woman, mother.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмон Озода Эмомалӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Рахмон Озода Эмомали*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры теории и истории государства и права, юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author**: ***Rahmon Ozoda Emomali*** - Tajik National University, doctoral student of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

**ТДУ: 338:436.32(575.3)**

# ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО КИБЕРҶИНОЯТҲО: ДАР МИСОЛИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ВА СОЗМОНИ ПАЙМОНИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ

*Давлатзода Комрон Давлат*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти шахс, ҷомеа ва давлат на танҳо афзудааст, балки қисман ба яке аз асосҳои рушд табдил ёфтааст. Инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ, низоми бонкӣ-молиявӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, идоракунии давлатӣ, умуман пешрафти давлатро бе технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) тасаввур кардан ғайриимкон аст. Яке аз самтҳои муҳимми он, ворид намудани технологияҳои нав, пайвастшавӣ ба шабакаи ҷаҳонии Интернет мебошад, ки он барои ҳар як давлати мустақил амалисозии барномаҳои таъмини амнияти иттилоотиро тақозо менамояд. Хатар ва ҳамлаҳои киберӣ, мутаасифона боиси хароб гардидани инфрасохтори иқтисодӣ-иҷтимоӣ, аз кор боз мондани корхонаю муссисаҳо, истеҳсолот ва таъмини аҳолӣ бо талаботи рӯзмарра мегардад. Масъалаи таъмини амниятӣ иттилоотӣ, дар заминаи рушди босуръати истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрам арзёбӣ мегардад. Гуфтан мумкин аст, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро афзоиши шумораи ҳамлаҳои киберӣ дар самтҳои мухталифи ҷомеа аз ҷумла, дар муассисаҳои тандурустӣ, сохторҳои молиявӣ ва таълимӣ нигарон намудааст. Бояд тазаккур дод, ки тибқи маълумоти Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ (WEF), фаъолияти ҷиноятии шахсон тавассути истифодаи ТИК дар шакли «мустақим» (онлайн), яке аз панҷ хатари асосии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, чунки ба мавҷудият ва фаъолияти муваффақонаи тамоми бахшҳои иқтисодиёт таҳдид мекунад. Бар асоси гузориши WEF, танҳо дар соли 2019 талафоти иқтисоди ҷаҳонӣ аз ҳамлаҳои киберӣ 2,5 триллион долларро ташкил дода, то соли 2022 ин рақам ба 8 триллион доллар баробар гардид [5].

Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (минбаъд СҲШ ва СПАД) низ, аз афзоиши бесобиқаи киберҷиноятҳо нигарон буда, қайд менамоянд, ки теъдоди чунин ҷиноятҳо дар кишварҳои аъзо, ки бо истифодаи ТИК содир шудаанд, дар нимсолаи аввали соли 2021 панҷ маротиба афзуда, дар содир намудани онҳо зиёда аз 64 ҳазор нафар гунаҳкор дониста шудаанд [11].

Айни замон дар доираи ИДМ заминаи муайяни меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи байнидавлатӣ (созишномаҳои бисёртарафа ва дутарафа) ва байниидоравӣ, инчунин дар сатҳи ҷумҳурӣ, аз ҷумла, қонунҳо, фармонҳо, карорҳо, ва ғайра ба тавсиб расидааст, ки масъалаҳои мубориза бар зидди киберҷиноятҳоро танзим менамоянд. Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда дар самти киберҷиноятҳо, дар доираи ИДМ Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 17 феврали соли 1996 дар ҷаласаи пленарии VII-и Ассамблеяи байнипарлумонӣ қабул карда шудааст, ба шумор меравад. Боби 30 Кодекси мазкур ба масоили «Ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ» бахшида шуда, як қатор моддаҳои дигар, ҷавобгариро барои содир намудани ҷиноятҳо бо истифодаи ғайриқонунии компютер ё иттилооти компютерӣ пешбинӣ мекунанд [3,с.221-229]. Таҳлили Кодекси ҷиноятии намунавии ИДМ нишон медиҳад, ки муқарраротu меъёрии тавсияшудаи кодекси мазкур, дар самти масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии киберҷиноятҳо, дар қонунгузории миллии давлатҳои аъзо, пурра инъикос нагардидаанд, бинобар ин тамоми маҷмуи кирдорҳои ғайриқонунии содиршударо ҷиҳати мубориза бо киберҷиноятҳо дар бар намегиранд.

Дар ҷаласаи 38 пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои ИДМ (Қарори №38-20 аз 23 ноябри соли 2012) созишномаҳо оид ба такмил ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи иттилоот қабул гардиданд, ки ҳамкории мақомоти корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ, дар самти мубориза бо киберҷиноятҳоро муқаррар намуд, аз ҷумла:

- Созишномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ (Қарори сарони давлатҳои ИДМ аз 25 ноябри соли 1998, ш. Москва) [13];

- Созишнома оид ба табодули иттилоот дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳо (Қарори сарони давлатҳои ИДМ аз 22 майи соли 2009, ш. Остона) [14];

- Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ (Қарори сарони давлатҳои ИДМ аз 20 ноябри соли 2013, ш. Санкт-Петербург) [12].

Дар ин созишномаҳои баимзорасида, роҳҳои муосири ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар самти мубориза бо «киберҷиноятҳо» ва бехатарии захираҳои иттилоотӣ муқаррар гардидаанд. Бо мақсади танзими масъалаҳои таъсис ва фаъолияти гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва оперативӣ дар ҳудуди ИДМ ҷиҳати ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дар истеҳсоли мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзои ИДМ қарор доранд, пешниҳоди далелҳо ё гузаронидани тафтишот, дигар амалҳои мурофиавӣ ва (ё) чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар қаламрави ду ва зиёда давлатҳо соли 2015 дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои ИДМ Созишнома дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти тафтишӣ ба имзо расид, ки он фаъолияти гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯии давлатҳои аъзои ИДМ-ро дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо мукаммал гардонид.

Ҳамзамон, барои таъмини муборизаи босамари киберҷиноятҳо ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои ИДМ, бо қарори Шурои сарони давлатҳои ИДМ соли 2018 Созишнома дар бораи Ҳамкории кишварҳои аъзои ИДМ, дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ба имзо расид (Қарори СҲШ аз 28 сентябри соли 2018, ш. Душанбе) [4].

Бояд қайд намуд, ки созишномаи мазкур таввачуҳи асосиро ба фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти салоҳиятдори кишварҳои аъзои ИДМ дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо равона менамояд. Аз ҷумла, дар бораи ҳамкориҳои судманд дар самти табодули маълумот дар бораи ҷиноятҳои тарҳрезишуда ё содиршуда ва шахсони дар онҳо дастдошта, иҷрои дархостҳо оид ба мусоидат дар пешниҳоди маълумоте, ки метавонад дар тафтишоти киберҷиноятҳо мусоидат кунад, заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам оварда, мафҳумҳои «технологияи иттилоотӣ», «барномаи зараровар», «системаи иттилоотӣ», «дастрасии беиҷозат ба иттилоот» ва ғайра муқаррар карда шудаанд [8,с.338].

Қадами навбатӣ дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо - моҳи октябри соли 2013, дар шаҳри Минск, дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои ИДМ қабул гардидани Консепсияи ҳамкории кишварҳои аъзои ИДМ дар мубориза бо ҷиноятҳое, ки тавассути истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд, ифода мегардад. Зеро дар асоси Консепсияи мазкур соли 2016 "Барномаи ҳамкории кишварҳои аъзои ИДМ оиди мубориза бар зидди ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд, барои солҳои 2016-2020" тасдиқ карда шуд. Моҳи июли соли 2018 дар ҷаласаи навбатии Шурои вазирони корҳои дохилӣ (минбаъд - ВКД) дар шаҳри Боку «Низомнома дар бораи амалиёти ҳамоҳангшудаи мақомоти корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ оид ба муқовимат ба намудҳои нави ҷиноятҳои содиршуда, дар ҳудуди кишварҳои ИДМ дар соҳаи технологияҳои муосири иттилоотӣ», қабул ва тасдиқ гардид [6].

Дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои ИДМ (дар шакли видеоконференсия), ки 18 декабри соли 2020 баргузор шуд, баёнияи муштарак оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ қабул гардид. Он зарурати таҳти сарпарастии Созмони Миллали Муттаҳид таҳия намудани як конвенсияи мукаммали байналмилалиро оид ба мубориза бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои ҷиноятиро эътироф мекунад. Лозим ба ёдоварист, ки барномаҳои байнидавлатӣ, тадбирҳои муштараки мубориза бо ҷинояткорӣ, воситаи муассири ҳуқуқии ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди киберҷиноятҳо дар доираи ИДМ мебошад. Ҳамин буд, ки «Барномаи ҷории байнидавлатии тадбирҳои муштараки мубориза бо ҷинояткорӣ барои солҳои 2019-2023 (минбаъд - Барнома) аз ҷониби Шурои сарони кишварҳои ИДМ 28 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе

тасдиқ карда шуд. Дар Барнома аз ҷумлаи тадбирҳои ташкилию амалӣ, нигоҳ доштани таҷрибаи пешгирӣ, ошкор ва рафъи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд, пешбинӣ шудааст. Барномаи мазкур таъминоти иттилоотӣ аз табодули маълумот дар бораи далелҳо ва усулҳои содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, инчунин, таҷрибаи ошкор, пешгирӣ, рафъи онҳо, мубодилаи маълумот дар байни мақомоти корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ-ро муқарар намуд. Ҳамзамон, бо мақсади таъмини илмӣ гузаронидани конференсияҳои илмию амалӣ, аз ҷумла оид ба проблемаҳои ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди киберҷиноятҳо низ, дар доираи Барномаи мазкур пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2015, таҳти №332 тасдиқ шудааст, дипломатияи иттилоотӣ яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, роҳандозии дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи истифодаи густурдаи имкониятҳои фановариҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ сурат мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори таҳияи маҷмӯи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар мавриди таъмини амнияти иттилоотӣ ва риояи ҳамаҷонибаи он меъёрҳо дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои фаъоли ИДМ, санадҳои асосии танзимкунандаи соҳаи амнияти иттилоотӣ ва киберамниятро дар ҷумҳуриро қабул намудааст, аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооткунонӣ» аз 06.08.2001 сол;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиллоот» аз 10.05.2002 сол;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоотӣ» аз 02.12.2002 сол;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30.07. 2007 сол;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ФОҶ» аз 25.03.2011 сол;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз 03.12.2012 сол;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19.03.2013 сол;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.06.2014 сол;
- Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.11.2003 сол;
- Консепсияи сиёсати давлатии иттлоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008 сол.

Санадҳои мазкур, ҳамчун усули таъмини амнияти иттилоотӣ пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияро оид ба ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла пешгирӣ ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи иттилоот, инчунин ошкор, тафтиш ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсонеро, ки ҷиноятҳо бар муқобили амнияти иттилоотӣ содир намудаанд, пешбинӣ менамояд.

Махсусан, барои тафтиш, ошкор ва мубориза бар зидди киберҷиноятҳо моҳи ноябри соли 2013 дар сохтори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон – шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ - як воҳиди махсуси оперативӣ таъсис дода шуд. Самтҳои асосии фаъолияти шуъбаи мазкур, дар таъмини амнияти иттилоотии кормандони (мутахассисони) ширкатҳои саноати IP (операторони алоқаи мобилӣ, барномасозон ва ғайра) ифода мегардад. Аз ин рӯ, ин ширкатҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, метавонанд аз дастгирии иттилоотии (нигоҳдории) Вазорати корҳои дохилии ҶТ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд ва мақомоти салоҳиятдори давлатӣ бошад, дар навбати худ, аз технологияи ин ширкатҳо зимни мубориза бар зидди киберҷиноятҳо, ки дар ҷараёни ҳамкорӣ дастрасии заруриро ба захираҳои ин ширкатҳо тақозо менамояд, бо мақсадҳои оперативӣ ва расмӣ истифода бурда метавонанд. Тибқи маълумоти ВКД ҶТ танҳо дар соли 2022 аз ҷониби Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД ҶТ, 17 ҳолати киберҷиноятҳо ошкор гардида, зиёда аз 500 ҳодиса бо истифода аз интернет ва технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба қайд гирифта шудааст [1].

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо киберҷинояткорӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ фаъолона инкишоф

меёбад. Дар баробари ин, дар миқёси ҷаҳонӣ то ҳол механизми ягонаи байналмилалии ҳуқуқии мубориза бо киберҷиноятҳо вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил ҳамкории давлатҳоро дар ин самт мушкил месозад. Зеро омори содиршавии киберҷиноятҳо дар ИДМ нишон медиҳад, ки дар соли 2020 шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар самти киберҷиноятҳо 4 маротиба афзудааст: яъне аз 125 244 ҳолат дар соли 2018 то ба 536 516 ҳолат дар соли 2020 (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар самти киберҷиноятҳо дар ҳудуди давлатҳои аъзои идм [9]**

| Давлатҳои аъзои ИДМ | Шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
| Ҷумҳурии Озарбойҷон | 145 | 147 | 220 |
| Ҷумҳурии Армения | 93 | 126 | 213 |
| Ҷумҳурии Белоруссия | 4741 | 10539 | 25562 |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 72 | 108 | 62 |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 0 | 0 | 3 |
| Ҷумҳурии Молдовия | 3 | 2 | 1 |
| Федератсияи Россия | 120 141 | 185 580 | 510 396 |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 13 | 13 | 25 |
| Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 36 | 41 | 34 |
| Дар маҷмуъ, давлатҳои аъзои ИДМ | 125 244 | 196 556 | 536 516 |

Таҳлили маълумотҳои мазкур дар Давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки Маълумоти омории мавҷуда аз афзоиши босуръати киберҷиноятҳо, ичунин эҳтимолияти содиршавии ин кирдорҳо нисбати соҳаҳои молиявию қарзӣ, амнияти иттилоотии мақомотҳо ва ташкилотҳо, корхонаҳо ва шахсони воқеӣ бо хатари зарари калони молиявӣ расонидан шаҳодат медиҳанд.

Кормандони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020 аз 51 киберҷиноятҳои содиршуда, 43 -тоашро ошкор намудаанд, аз ҷумлаи онҳо: дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ – 4; тағир додани маълумоти компютерӣ - 36; ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ - 3.

Соли 2020 дар ИДМ, ҳиссаи парвандаҳои ҷиноятӣ бо ҳукми айбдоркунӣ ба суд ирсолшуда 18,2% (2018 - 24,8%, 2019 - 23%) аз шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда дар ин самтро ташкил медиҳад. 73,6% дар соли 2020 ошкор нашуда монданд (2018 - 66,5%, 2019 - 68,4%) [10]. Ҳамин тариқ, дар баробари он, ки шумораи киберҷиноятҳо дар фазои маҷозӣ пайваста меафзояд ва навъҳои нави ҷиноятҳои марбут бо ТИК ва системаҳои пардохтҳои электронӣ ва ғайра ба миён меоянд, ки ҳамкориҳои мутақобилан судмандро талаб менамоянд. Мутаассифона, дар шароити имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо то имрӯз заминаи дақиқи ташкилию ҳуқуқии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ (милиса) дар раванди ошкор, пешгирӣ ва мубориза бар зидди киберҷиноятҳоро таҳия нагардидааст.

Таҳқиқи ҷинояти мазкур нишон дод, як қатор проблемаҳои асосӣ ҷиҳати ошкор, тафтиш ва пешгирии киберҷиноятҳо дар давлатҳои аъзои ИДМ ҷой доранд [7,с.11]. Якум, худдории бисёре аз созмонҳо ва ташкилотҳои бонкӣ, дар бораи ифшои маълумоти оммавӣ ва ҳамкорӣ накардани онҳо бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар бораи дуздии иттилооти компютерӣ ва дуздии маблағҳо тавассути рахна кардани системаҳои амниятии онҳо ва усулҳои дигари киберҷиноятҳо мебошад [15,с.29-30].

Дуюм аз сабаби оне ки ошкор, боздоштан, тафтиш, инчунин то андозае набудани дастури ташкилии тафтишии ин намуди ҷиноят ва пешгирии киберҷиноятҳо, ки дар фазои киберӣ содир мешаванд зарур аст, ки аз ҷониби субъектони муборизабаранда ба ғайр аз таҳсилоти касбӣ доштан, инчунин таҳсили иловагиро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ҷорӣ намуд.

Сеюм синну соли ҷинояткононе, ки ба ин намуди ҷиноят (киберҷиноятҳо) даст мезананд, сол то сол ҷавонтар шуда истодааст [2,с.67-82] ва дар амал тибқи қонунгузории ҷиноятии бештари аз давлатҳои аъзои ИДМ, шахси шонздаҳсола,

субъекти ин ҷиноят мебошад, аз ин лиҳоз зарурияти таҷдиди назар намудани субъекти содиркунандаи ин ҷиноятҳо ба миён омадааст.

Чорум таҳия ва қабули Консепсияи ҳамкории мақомоти корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ ва дигар субъектони муборизабарнда дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо; ҳамоҳангсозӣ ва ба ҳам наздик кардани муқаррароти дахлдори қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ИДМ, ки масъалаҳои мубориза бар зидди киберҷиноятҳорро танзим мекунанд.

Панҷум бастани созишномаҳои байнидавлатӣ (дуҷониба ва бисёрҷониба) оиди ҳамкорӣ дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо, аз ҷумла истифодаи далелҳои электронӣ дар тафтиши киберҷиноятҳо; дар асоси принсипи мутақобила расонидани ёрии ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва техникӣ.

Дар воқеъ, давлатҳои аъзои ИДМ-ро зарур аст, ки зимни таҳия қонунгузории миллиро дар мубориза бо киберҷиноятҳо тақвият бахшанд, ки ин метавонад ҳамкориҳои кишварҳои аъзои ИДМ-ро дар ин самт сода намуда, самаранокии мубориза бо киберҷиноятҳо ва дигар таҳдидҳоро ба амнияти миллӣ ва иттилоотӣ афзоиш диҳад.

**Муқарриз: Назаров А.Қ. – д.и.ҳ., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. [Манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj. (санаи муроҷиат: 01.05.2023 с.).
2. Абрамян Т.А. Актуальные проблемы привлечения к ответственности лиц за преступления в сфере информационных технологий / Т.А. Абрамян // Юрист. - 2018. -№5. -С.68-72.
3. Давлатзода К.Д. Аҳаммияти санадҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо / Давлатзода К.Д. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2023. -№2. -С.221-229.
4. Документ вступил в силу для следующих государств: Республика Беларусь (12 марта 2020 г.), Киргизская Республика (12 марта 2020 г.), Республика Узбекистан (12 марта 2020 г.), Республика Казахстан (6 июня 2020 г.). (СПС Консультант-Плюс).
5. Лавров С.В. Глобальные проблемы кибербезопасности и международные инициативы России по борьбе с киберпреступностью / С.В. Лавров // Внешнеэкономические связи. Исполнительный комитет. Официальный сайт СНГ. [Электронный ресурс]. URL: https://e-cis.info/news/566/88646/?sphrase_id=18002 (дата обращения: 16.05.2022).
6. Национальная стратегия по развитию информационного общества в Азербайджанской Республике на 2014–2020 гг.: распоряжение Президента Азербайджанской Республики // Президент Азербайджанской Республики. Официальный сайт. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.president.az/articles/11308 (дата обращения: 23.05.2022).
7. Овчинский В.С. Криминология цифрового мира: учебникт / В.С. Овчинский. -М., 2018. -С.11.
8. Овчинский С.С. Оперативно-розыскная информация: монография / под ред. А.С. Овчинского, В.С. Овчинского. -2-е изд. -М.: ИНФРА-М, 2017. -338 с.
9. Сводные отчеты «О состоянии преступности и результатах расследования преступлений» на территории государств – участников СНГ за январь-декабрь 2018 г., 2019 г., 2020 г. // Ф.785 КН.1.
10. Состояние преступности в Государствах-Участниках Содружества независимых государств в 2019 году. Официальный сайт. https://www.ksgp-cis.ru/about/obzory/sostojanie-prestupnosti-v-2019-godu. [дата обращения: 21.04.2023].
11. Сеть без взлома. Парламенты ОДКБ приняли концепцию борьбы с киберугрозами // Российская газета. Официальный сайт. [Электронный ресурс]. URL: https://rg.ru/2020/11/30/parlamenty-odkb-prinialikoncepciiu-borby-s-kiberugrozami.html (дата обращения: 21.06.2022).
12. Утверждено на заседании Совета глав правительств СНГ: г. Санкт-Петербург, 20 нояб. 2013 г. // СПС Консультант-Плюс
13. Утверждено на заседании Совета глав государств СНГ: г. Москва, 25 ноября. 1998 г. // СПС Консультант-Плюс.
14. Утверждено на заседании Совета глав правительств СНГ: г. Астана, 22 мая 2009 г. // СПС Консультант-Плюс.
15. Шевченко Е.С. Актуальные проблемы расследования киберпреступлений / Е.С. Шевченко // Эксперт-криминалист. - 2015. -№3. -С.29-30.


## ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО КИБЕРҶИНОЯТҲО: ДАР МИСОЛИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ВА СОЗМОНИ ПАЙМОНИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ


Дар мақола масъалаи ҳамкориҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо дар мисоли Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ

мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Солҳои охир заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ фаъолона инкишоф меёбад. Дар баробари ин, дар миқёси ҷаҳонӣ то ҳол механизми ягонаи байналмилалии ҳуқуқии мубориза бо киберҷиноятҳо вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил ҳамкории давлатҳоро дар ин самт мушкил месозад. Аз ин лиҳоз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои минтақавии худро дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо таввасути санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби ташкилотҳои минтақавӣ, аз қабили СПАД ва СҲШ қабул шудаанд, амалӣ менамояд. Ин шакли ҳамкории минтақавиро метавон самарабахштарин номид, зеро фаъолияти ташкилотҳои зикргардида, ки ба таҳияи созишномаҳо, таҳлили вазъи киберҷинояткорӣ дар минтақа ва ҷаҳон нигаронида шудааст, дар якҷоягӣ шароити мусоиди ҳамкориро дар мубориза ба киберҷиноятҳо фароҳам меоваранд.

**Калидвожаҳо:** киберҷиноятҳо, ИДМ, СҲШ, СПАД, созишнома, технологияи иттилоотӣ, барномаи зараровар, системаи иттилоотӣ, мубориза, дастрасии беиҷозат ба иттилоот, амниятӣ иттилоотӣ, қонунгузории миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

## РЕГИОНАЛЬНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В БОРЬБЕ С КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЯМИ: НА ПРИМЕРЕ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА И ОРГАНИЗАЦИИ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье анализируется и обсуждается вопрос о региональных партнерах Республики Таджикистан в борьбе с киберпреступностью, например, Шанхайской организации сотрудничества и Организации Договора о коллективной безопасности. В последние годы правовая база противодействия киберпреступности активно развивается на национальном, региональном и международном уровнях. В то же время до сих пор не существует единого международно-правового механизма противодействия киберпреступности в глобальном масштабе и не выработаны единые условия в этой сфере, что затрудняет сотрудничество государств в этой сфере. С этой точки зрения Республики Таджикистан осуществляет свое региональное сотрудничество в борьбе с киберпреступностью через нормативно-правовые документы, принятые региональными организациями, такими как ОДКБ и ШОС. Данную форму регионального сотрудничества можно назвать наиболее эффективной, поскольку деятельность упомянутых организаций, направленная на выработку договоренностей, анализ ситуации с киберпреступностью в регионе и мире, в совокупности обеспечивает благоприятные условия для сотрудничества в борьбе с киберпреступностью.

**Ключевые слова:** киберпреступность, СНГ, ШОС, ОДКБ, соглашение, информационные технологии, вредоносная программа, информационная система, борьба, несанкционированный доступ к информации, информационная безопасность, национальное законодательство, правоохранительные органы.

## REGIONAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIGHT AGAINST CYBERCRIMES: ON THE EXAMPLE OF THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION AND THE ORGANIZATION OF THE COLLECTIVE SECURITY TREATY

The article analyzes and discusses the issue of regional partners of the Republic of Tajikistan in the fight against cybercrime, for example, the Shanghai Cooperation Organization and the Collective Security Treaty Organization. In recent years, the legal framework for combating cybercrime has been actively developing at the national, regional and international levels. At the same time, there is still no single international legal mechanism for combating cybercrime on a global scale and no uniform conditions have been developed in this area, which makes it difficult for states to cooperate in this area. From this point of view, the Republic of Tajikistan carries out its regional cooperation in the fight against cybercrime through legal documents adopted by regional organizations such as the CSTO and the SCO. This form of regional cooperation can be called the most effective, since the activities of the mentioned organizations aimed at developing agreements, analyzing the situation with cybercrime in the region and the world, together provide favorable conditions for cooperation in the fight against cybercrime.

**Keywords**: cybercrime, CIS, SCO, CSTO, agreement, information technologies, malware, information system, fight, unauthorized access to information, information security, national legislation, law enforcement agencies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Komron Davlat*** - Tanjik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

ТДУ: 321.01(575.34)

# БАРПО НАМУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШУРАВӢ ВА ТАЪСИСИ МАҚОМОТИ ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР БАДАХШОН

*Латипов М.Л.*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Равандҳои барпо, барқарор ва мустаҳкам намудани ҳокимияти шуравӣ дар Бадахшон бинобар сабабҳои гуногун нисбат ба минтақаҳои дигари Тоҷикистони кунунӣ хусусиятҳои худро доштанд. Ба чунин хусусиятҳо дар навбати аввал мавқеи ҷуғрофӣ, боду ҳавои сард ва дурдаст будан аз марказҳои инқилобӣ дохил мешуданд. Ғайр аз он, мардуми Бадахшон, ки тули асрҳо дар ҳолати вазнини иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарор дошт, базудӣ мутобиқ шудан ба тағйиротҳои инқилобӣ имконнопазир буд.

Дар ин давра (солҳои 1918-1920) яке аз манбаъҳои асосии қувваҳои зиддишуравӣ босмачиёни Фарғона ҳисоб мешуданд. Қабл аз пош хӯрдани аморати Бухоро дастаҳои босмачиён, ки ба суи Олой ва Помир қадам гузошта буданд, аз ҷониби амири Бухоро бо силоҳу аслиҳа таъмин мегардиданд. Яке аз чунин дастаҳои калони босмачиёнро феодали доранда Мадаминбек роҳбарӣ мекард. Ӯ дар ибтидо дастаи начандон калони босмачиёнро ташкил карда, онро ба артиши халқии мусалмонон якҷо намуда, худро ҳимоятгари манфиатҳои миллии аҳолии мусалмон аз зулму ситам ва истибдоди болшевикон эълон кард.

Коммунистон бо сарварии А.А. Холмкаков ва ҷавонони маҳаллӣ сафҳои милитсияи халқиро пурра карда, дар Помири Ғарбӣ барои ҳифзи ҳокимияти нав кӯшишу ғайрат мекарданд. Ҳангоме, ки А.А. Холмкаков бо мақсади ҷорӣ намудани тартибот ва мустаҳкам кардан ҳокимияти шуравӣ ба Мурғоб сафар мекунад, аз сарҳади Афғонистон ба шаҳри Хоруғ чор нафар мадярҳо (собиқ аскарон дар Маҷористон) бо силоҳу аслиҳа ворид мешаванд [10,с.205-206].

Афсарони мадяро афсарони сафедҳо дастгир ва беяроқ мегардонанд. Баъд аз Помири Шарқӣ баргаштан А.А. Холмкаков қарор дод, ки онҳо ба шаҳри Тошкент равона карда шаванд. Аммо шоми 23 июли соли 1919 онҳо аз ambори силоҳу аслиҳа мусаллаҳ шуда, А.А. Холмаков ва якчанд инқилобчиёни дигарро ба қатл расонида, ба хориҷа фирор намуданд.

Баъд аз вафоти А.А. Холмаков 24 июли соли 1919 сарварии сиёсии отряди Помир ба зиммаи П. Воловик гузошта шуд, ки ӯ бо ҳамроҳии табиб Вичич ва фаъолони шуравӣ, барои дар байни аскарон, милитсияи халқӣ мустаҳкам намудани интизом ва сафарбарии ҳамаи онҳо ба муқобили аксулинқилобчиёну босмачиён равона гардид [6]. Минбаъд, баъзе аз аъзои отряди мазкур аз қабили И. Исмоилов, Х. Бокиев, В. Гулмамадов, А. Бошхуджаев, Г. Мамадбеков, У. Миралишоев, М. Бахтиёров, К. Элчибеков, Д. Довутов, Ш. Юлбарсхонов поягузори милитсия дар Помир шудаанд [4,с.67].

Маврид ба зикр аст, ки дар он давра шароити ҳарбӣ-сиёсӣ дар Помир ниҳоят вазнин ба назар мерасид, зеро он бо ҳуҷуми дастаҳои босмачиён ва қувваҳои зиддишуравӣ аз вилоятҳои асосии кишвари Туркистон ҷудо гардида, дар ҳолати дахолати мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин ҳуҷуми дастаҳои босмачиён, ки барҳамзании ҳуҷуми онҳоро имконнопазир буд, қарор дошт. Хусусан, дар моҳи сентябри соли 2019 роҳбари артиши деҳқонони Фарғона К.И. Монстров, ки қаблан бо ҳукумати шуравӣ ҳамкорӣ менамуд, бо роҳбари дастаҳои босмачии Мадаминбек созишнома баста, қаламрави васеи Туркистонро иҳота намуд. Дар натиҷа, шаҳри Ош ва Помир пурра аз Туркистони Шуравӣ канда шуда, сарҳад бо Чин, Ҳиндустон ва қисман Афғонистон ба ихтиёри аксулинқилобчиён гузашт [3].

Аксулинқилобчиён бо бойҳову руҳониёни минтақа муттаҳид шуда, ҳокимияти шуравиро дар Помир муваққатан барҳам доданд [12,с.97]. Баъд аз дар назди Андиҷон аз ҷониби қувваҳои инқилобӣ торумор кардани босмачиён ва аз шаҳри Ош берун шудан дастаҳои боқимондаи К.И. Монстров ва Мадаминбек дар водии Олой гирд омаданд.

Дар водии мазкур қувваҳои сафедгвардиячиён ва боқимондаи дастаи босмачиён ҷамъ омаданд, ки хавфи барҳам додани ҳоккмияти шуравиро дар Помир ба амал овварданд. Бинобар ин, Артиши Сурх дар якҷоягӣ бо милитсия халқӣ ва дастаҳои ихтиёрӣ ба босмачиёни зарба зада, мавзеъҳои калони аҳолинишинро аз душманон озод карда, роҳ ба сӯи Бадахшонро боз намуданд. Дружинаи ихтиёрии халкӣ низ барқарор карда мешавад, ки он дар байни аҳолии минтақаи кӯҳӣ дастгирии ҳамаҷониба пайдо менамояд, зеро рӯз то рӯз шумораи ихтиёрчиён ба хизмати милитсия меафзуд.

27 апрели соли 2020 (тибқи манбаъҳои дигар 22 апрели соли 2020) аз ҷониби Шурои Комиссарони Ҷумҳурии Туркистон таҳти №27 «Низомнома дар бораи Милитсияи Шуравии коргарону деҳқон» қабул мегардад [1,с.1.3]. Тибқи банди 1 низомномаи мазкур Милитсияи Шуравии коргарону деҳқон мақомоти ичроияи хокимияти марказии коргару деҳкон оид ба танзими ҳаёти дохилии ҷумҳурӣ, барои мустаҳкам намудан ва амиқ гардондани музаффариятҳои Инқилоби Октябр, мутаносибан талаботи манфиатҳои синфӣ мебошад [1,с.1.3].

27 майи соли 1920 қисмҳои Артиши Сурх ба водии Олой ворид гаштанд. Ҳодисаи мазкур сафедгвардиячиёнро маҷбур сохт, ки Помирро тарк карда, ба сӯи Ҳиндустон фирор намоянд. Баъд аз гурехтани сафедгвардиячиён Шуғнону Вахон муваққатан зери нуфузи эшону муллоҳо гузашт.

Амири Бухоро аз вазъияти истифода бурда, дар назди хеш вазифа гузошт, ки ҳокимиятро дар Помири Шарқӣ аз нав барқарор намояд. Аммо барои ташкил намудани шуриши мусаллаҳона бар зидди сохти амирӣ ва барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ дар Помир ҷараёни муттаҳидшавии қувваҳои инқилобӣ тобистони соли 1920 ба авҷи аъло расид [10,с.208-210].

26 июни соли 1920 дар деҳаи Поршнев дар ҳайати 26 нафар шахсон чамъомаде доир гардида, иштирокчиёни он савганд хӯрданд, ки бахри то охир барҳам задани ҳукмронии амир ва пайравони ӯ дар Помир бо тамоми қувваю ғайрат бо мақсади барқарор кардани ҳокимияти шуравӣ мубориза беамон хоҳанд бурд. Дар маҷлис роҳу воситаҳои ба даст овардани қалъа ва аслиҳахонаи Хоруғ ҳамаҷониба мавриди муҳокима қарор гирифта, вазифаҳои мушаххаси ҳар як иштирокчии шуриш анику равшан муайян гардид.

27 июни соли 1920 Хубоншо Наримшоев дар ҳайати 20 нафар ба қалъа ҳуҷум карда, онро иҳота намуданд. Дар натиҷаи муҳориба миёни шуришгарон ва қувваҳои бек шуришгарон ғолиб баромаданд ва дар Шуғнон аз нав ҳокимияти шуравӣ барқарор гардид [12,с.99].

Ҳамин тариқ, дар охири моҳи июн ва ибтидои моҳи июли соли 1920 баъд аз барҳам задани қувваҳои аксулинқилобии сафедгвардиячиён, босмачиён ва амалдорони аморати Бухоро, инчунин, паст гардидани нуфузи бойҳою руҳониён ҳокимияти шуравӣ дар Помир барқарор карда шуд.

Омили асосии минбаъд дар қаламрави Помир мустаҳкаму пойдор намудани ҳокимияти шуравӣ ташкил ва барпо шудани шакли ибтидоии ташкилоти ҳокимияти шуравӣ кумитаҳои инқилобӣ маҳсуб аст.

Маврид ба зикр аст, ки дар ташкил гардидани кумитаҳои инқилобӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти шуравӣ дар Помир нақши муҳимро фаъолияти сегонаи ҳарбӣ-сиёсии Кумитаи иҷроияи марказии Туркистон бозидааст.

Ба вазифаҳои асосии сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ дохил мешуданд:

- ҳифзи сарҳади давлатӣ;
- расонидани ёрӣ ба аҳолии маҳаллӣ;
- ташкили мақомоту ташкилоти шуравӣ [5,с.13].

Дар охири соли 1921 сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ дар ҳайати Т.М. Дяков (раис), Ш. Шохтемур ва Х. Ҳусейнбоев ҳамчун як мақомоти муваққатӣ оид ба барпо намудани ҳокимияти шуравӣ ва мустаҳкам намудани сарҳади давлатӣ ба фаъолияти худ шуруъ намуд [5,с.35].

Мутобиқи қарори сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ аз 19 сентябри соли 2021 дар ҳудуди Помир ду кумитаи инқилобӣ (дар Помири Ғарбӣ зери роҳбарии Т.М. Дьяков ва дар Помири

Шарқӣ зери роҳбарии Х. Ҳусейнбоев) таъсис дода шуданд. Ҳамчунин, сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ «Дастурамал дар бораи тартиби ташкили кумитаҳои иқилобӣ дар ҷойҳо»-ро тасдиқ намуд [5,с.35]. Маҳз санади мазкур асоси ташкили кумитаҳои инқилобӣ дар ҷойҳо гардид [9,с.139].

Бояд тазаккур дод, ки ташкил кардани кумитаҳои инқилобӣ дар байни ду қисми Помир ғарбӣ ва шарқӣ хусусиятҳои хосси худро дошт. Ба вуҷуд омадани ин кумитаҳо дар қисми Помири Шарқӣ дар шароити мураккаб ва муборизаи авлодӣ мерафт. Ду авлоди ба ҳам зидди қирғизҳо дар сарзамини Помири Шарқӣ чун кучманчӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Кумитаҳои инқилобӣ дар Помири Ғарбӣ интихоб гардида, дар Помири Шарқӣ бошад таъин мегардиданд [7,с.75]. Таъин кардани кумитаҳои инқилобӣ ин ҳам яке аз хусусиятҳои хосси Помири Шарқӣ дар шароити барқарор ва мустаҳкам кардани ҳокимияти шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Инчунин, аҳолии ин ҷо нисбат ба мардуми Помири Ғарбӣ зиёдтар побанди дину мазҳаб буданд. Баробари ин, барқарор ва мустаҳкам кардани ҳокимияти шуравӣ дар қисми Помири Шарқӣ дар шароити душвори муқобилият ҷараён дошт.

Ҳангоми ба Хоруғ ташриф овардан, дар моҳи сентябри соли 1921, сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ ба ташкили мақомоти доимии давлатӣ, аз ҷумла милитсияи шуравӣ шуруъ намуд [11].

Аммо шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии ҳар ноҳияву деҳаҳои Бадахшон аз ҳамдигар фарқ мекарданд, ки ин омил ба шуури сиёсии бошандагон наметавонист таьсир нарасонад.

13 феврали соли 1921 дар маҷлиси навбатии сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ маърузаҳои Т.М. Дяков ва Ш. Шотемур доир ба вазъияти корбарӣ дар Помири Ғарбӣ шунида шуданд. Аз суханони баромадкунандагон маълум гашт, ки ташкил намудани кумитаҳои инқилобӣ дар Помири Ғарбӣ маҳз аз волости Рушон оғоз мегардад. Зеро волости Рушон нисбат ба волостҳои дигари Помир ба марказҳои инқилобии Туркистон наздиктар ҷойгир буд [2,с.46-47].

Ба ҷуз аз волости Рушон инчунин Кумитаҳои Инқилобй дар деҳаҳои Шидз, Дерзуд, Хуф ва дар волости Вомар; дар волости Шуғнон, дар деҳаҳои Сохгарв, Поршнев, Хоруғ ва ғайра барпо карда шуданд. Кумитаҳои Иқилобии деҳот дар Помири Ғарбӣ, ки шумораи аҳолиаш камтар ба назар мерасид, ташкил карда шуда, якчанд деҳаҳои ба ҳам наздик ба он ҳамроҳ карда шуданд.

Мувофиқи маълумоти сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ ба унвони Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Туркистон кумитаҳои инқилобӣ дар Помири Ғарбӣ дар чунин волостҳо: Рушон, Шуғнон (дар Хоруғ ҳам), Ишкошим, Вахон ва Бартанг ташкил карда шуданд. Интихоби кумитаҳои инқилобии Помири Ғарбӣ дар маркази ноҳияҳо - деҳаҳо гузаронида мешуданд. Мувофиҳи тартибот якчанд рӯз пеш аз оғози интихобот вақту соати онро ба интихобкунандагон фаҳмонида медоданд. Дар интихобот иштирок карданро тамоми истиҳоматкунандагони ноҳия, яъне мардоне, ки синнашон ба 18 расида бошад, ба ҷуз эшонҳо ва ашхоси судшуда ҳуқуқ доштанд. Аммо дар он занҳо ҳуқуқи иштирок кардан надоштанд, чунки ҳоло онҳо дар асорати урфу одати куҳна қарор доштанд.

Ба ҳайати кумитаҳои инқилобии деҳот 3 нафар интихоб шуда, як нафар чун номзад ба аъзогӣ маҳсуб буд. Бояд қайд намуд, ки дар интихоботҳо ҳоло ҳам таъсири бойҳо эҳсос мегардид. Ҷараёни демократии интихобот дар қисми ғарбии Помир дар он ифода меёфт, ки «шакли оммавии онро на танҳо бойҳо, балки камбағалон - мардикорон, ки тарафи одамони оддиро гирифта, ҷонибдори адолат буданд, истифода мебурданд» [8,с.13].

Дигаргуниҳо дар Помири Шарқӣ баъд аз ба ин ҷо ташриф овардани Х. Хусейнбоев низ рух медиҳанд. Маводи бойгонӣ шаҳодат медиҳанд, ки то ба Помири Шарқӣ ташриф овардани аъзои сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ ин ҷо қариб беодам монда буд. Қисми аҳолӣ ба тарафи Афгонистону Чин куч баста буданд. Дар натиҷаи аз ҷониби

аъзои сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ бо сарварии Х. Ҳусейнбоев корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидан, аҳолӣ мунтазам ба макони зисти аввалаашон бармегаштанд.

Барпо кардани кумитаҳои инқилобӣ дар Помири Шарқӣ аз доманаи куҳи Ранг-Кул ба суи водии Олой ниҳоят дар шароити вазнин ба амал омад. Мустаҳкам намудани ташкилотҳои маҳаллии ҳокимияти шуравӣ дар Помир ва алалхусус дар қисми шарқии он ба муқобилияти қувваҳои аксулинқилобии аз ҳукмронӣ рафта дучор омада, аз тарафи қабилаҳои қирғиз ва босмачиёни Бухорои Шарқӣ ҷонибдорӣ мегардиданд. Босмачиёни водии Олой ва Бухорои Шарқӣ, ки аз мамлакатҳои хориҷӣ ба воситаи Афғонистон, Ҳиндустон ва Синзияни Чин маблағу силоҳ мегирифтанд, ба мадади унсурҳои бою руҳониён умед баста, зуд-зуд ба маҳалҳои аҳолинишин ва нуқтаҳои сарҳадӣ ҳуҷум карда, мардумро аз ризқу рӯзӣ маҳрум сохта, кормандони шуравиро ба қатл мерасониданд [12,с.104].

Бо ҳамин, соли 1922 қувваҳои асосии аксулинқилобчиён дар Помир асосан барҳам дода шуда, ҷараёни барқарору мустаҳкамшавии сохторҳои ҳокимияти шуравӣ суръат мегирад. Ба ҳайати кумитаҳои инқилобӣ дар Помир беш аз ҳама мубоизони фаъоли барқароркунии ҳокимияти шуравӣ интихоб мегардиданд. Дар роҳи пойдории ҳокимияти шуравӣ чунин диловарони Помир ба мисли Меликбек Қурбонмамадов (раиси Кумитаи инқилобии Шуғнон), Иззатулло Рамимхудоев (раиси Кумитаи инқилобии полости Рушон), Иброҳим Исмоилов (раиси Кумитаи инқилобии волости Ишкошим), Шоабдуқодир Юлбарсхонов (раиси Кумитаи инқилобии волости Вахон), Қосим Бердибеков (раиси Кумитаи инқилобии волости Мурғоб) заҳмат кашиданд. Дар қатори кумитаҳои инқилобии деҳот ва волост, инчунин кумитаи инқилобии вилоятӣ низ интихоб гардид, ки моҳи ноябри соли 1922 раиси он Шириншо Шотемур шуд [7,с.75].

Ҳамин тавр, бо барпо намудани Кумитаи инқилобии вилоятӣ асосан ҷараёни барпо ва мустаҳкам намудани ташкилотҳои ҳокимияти шуравӣ ба анҷом расид.

Аз барпо гардидани ҳокимияти шуравӣ то соли 1923 Помир ҳамчун ноҳия ба вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Туркистон дохил мешуд.

15 августи соли 1923 Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Туркистон ноҳияи Помирро ба вилояти Помир табдил дода, ҳамчун воҳиди алоҳидаи маъмурӣ ба ҳайати Ҷумҳурии Худмухтори Туркистон дохил намуд. Ба ҳамин муносибат Президиуми КИМ Ҷумҳурии Худмухтори Туркистон таклиф гузошт, ки ба Конститутсияи ҷумҳурӣ дигаргунӣ ворид карда шавад. Дар баробари ин Президиуми КИМ Ҷумҳурии Худмухтори Туркистон лозим шуморид, ки муваққатан «Помирҳо» (Ғарбӣ ва Шарқӣ – М.Л.) номида шавад, то он даме, ки Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ «Округи Помир»-ро тасдиқ накунад [8,с.125].

Мувофиқи қарори КИМ Ҷумҳурии Худмухтори Туркистон барои Помир отряди нав тайёр карда шуд, ки он дар шаҳри Андиҷон аз ҳисоби полки шашуми набарди Туркистон пурра гардид. Дар ҳайати он афсароне буданд, ки аз урфу одати халқ пурра огоҳӣ дошта, дар мубориза зидди босмачиён таҷрибаи кофӣ андухта буданд. Охири моҳи августа соли 1923 отряд ба шаҳри Ош расида омад. Баъд аз 20 рӯз он то Мурғоб, охири сентябр ба Хоруғ омада расид [10,с.295-296].

Дар назди отряди мазкур вазифаҳои муҳимми мустаҳкам намудани сарҳад ва барҳам задани дастаҳои боқимондаи босмачиёни Дарвоз вогузошта шуд. Инчунин, барпо намудани кумитаи инқилобии вилоятӣ дар Помир барои пешрафти фаъолияти ташкилотҳои шуравӣ аҳаммияти муҳим дошт.

Моҳи августи соли 1924 Кумитаи инқилобии вилоятии Помир ташкил гардид. 27 августи соли 1924 КИМ Ҷумҳурии Худмухтори Туркистон ҳайати Кумитаи инқилобии вилоятии Помирро зери роҳбарии С. Абдуллоев ва ҳайати аъзо иборат аз Герасимов, Дубровский, Ғуломхидир Хоҷаев ва Элчибеков тасдиқ намуд.

Кумитаи инқилобии вилоятии Помир ҳамчун мақомоти олии ҳокимияти мардумӣ буда, бевосита ба Президиуми КИМ Ҷумҳурии Худмухтори Туркистон итоат мекард.

Бинобар ин, ташкил гардидани Кумитаи инқилобии вилоятӣ давраи нави мустаҳкамшавии ташкилотҳои шуравӣ дар Помир шуморида мешавад.

Маводи зиёди боэътимод аниқу равшан гувоҳӣ медиҳанд, ки масъалаи барпо ва мустаҳкам намудани ҳокимияти шуравӣ дар Помир дорои хусусиятҳои ба худ хос буд. Дар қисми шарқии Помир ҷараёни барпо ва мустаҳкам намудани ҳокимияти шуравӣ дар натиҷаи муқобилияти қувваҳои аксулинқилобӣ, бою феодалон, намояндагони рӯҳониён ва дахолати мамолики хориҷӣ ниҳоят бо душвориҳо сурат гирифт. Ҳайати кумитаҳои инқилобӣ дар ин ҷо аз сабаби мушкил будани вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ таъин карда мешуд.

Дар қисми ғарбии Помир Барпо ва мустаҳкам кардани ҳокимияти шуравӣ дар қисми ғарбии Помир нисбатан оромтар сурат гирифт ва дар ин ҷо кумитаҳои инқилобии маҳаллӣ бо иштироки васеи аҳолӣ интихоб карда мешуданд. Ғайр аз ин, дар қисми шарқии Помир дастаҳои ғоратгаронаи босмачиён фаъолияти ҷинояткоронаи худро амалӣ менамуданд. Аммо дар қисми Ғарбии Помир босмачиён вуҷуд надоштанд ва ҷараёни барпо ва мустаҳкам намудани ҳокимияти шуравӣ дар шароити нисбатан осоишта сурат мегирифт.

Ҳамин тариқ, кумитаҳои инқилобӣ моҳиятан мақомоти ҳокимияти шуравӣ буда, бинобар вазъи фавқулодда ва муҳимми Помир аз нуқоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ таъсис гардида буданд. Ташкилшавии дастаҳои ихтиёрии милитсия дар навбати худ собиткунандаи иштироки бевоситаи аҳолӣ дар мубориза бар зидди фаъолияти ҷинояткоронаи гурӯҳҳои зиддишуравӣ дар тамоми Осиёи Миёна гардид.

**Муқарриз: Алимардонӣ М.У. – н.и.т., ВКД ҶТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бойгонии давлатии ВМКБ.Фонди 25/с.,феҳр.,1., воҳ.ниг.1.п.1. –С.1.3.
2. Гафуров А.М. Ревкомы Таджикистана (1917-1924) / А.М. Гафуров. –Душанбе, 2008. -С.46-47.
3. Зевелев А.И. Из истории гражданской войны в Узбекистане / А.И. Зевелев. -Ташкет, 1959. -372 с.
4. Имомёрбеков А. История формирования и развития органов милиции на Памире(1917-1945гг.): диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук / А. Имомёрбеков. –Душанбе, 2015. -167 с.
5. История ГБАО. Т.2 (Новейшая история). -Душанбе: Ирфон, 2005. -С.13.
6. Назаршоев М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в условиях Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР, 1917-1941 гг.: дисс. докт. истор. Наук / М.Н. Назаршоев. -С. 69.
7. Назаршоев М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в условиях Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР / М.Н. Назаршоев. -Душанбе, 1982. -С.75.
8. Очерки по истории Советского Бадахшана. -Душанбе, 1985. -С.125.
9. Розикзода А.Ш.История формирования и деятельности милиции Таджикистана / Розикзода А.Ш. -Душанбе: Ирфон, 2001. -С.139.
10. Рақиб Абулхаев. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва Помир (солҳои 1917-1924) / Рақиб Абулхаев. -Душанбе, 2022. -С.205-206.
11. Розикзода А.Ш. Первые шаги Памирской милиции / Розикзода А.Ш. // Азия-плюс. - 2001. 1 марта.
12. Эркаев М. Барпо ва мустаҳкам намудани ҳокимияти советӣ дар Тоҷикистон / М. Эркаев. -Д., 1966. -С.97.


## БАРПО НАМУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШУРАВӢ ВА ТАЪСИСИ МАҚОМОТИ ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР БАДАХШОН


Дар мақолаи мазкур таърихи барпо намудани ҳокимияти шуравӣ ва таъсиси мақомоти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар Бадахшон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки масоили барпо намудани ҳокмияти шуравӣ дар Бадахшон ва ҳаракатҳои зиддиинқилобӣ дар адабиёти шуравӣ, пасошуравӣ ва хориҷӣ аз нуқтаҳои назари гуногун баён ва баҳогурӣ шудаанд. Дар адабиёти шуравӣ равандҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ аз нуқтаи назарӣ идеологӣ баҳогузорӣ шуда, ҳама гуна танқидҳои ҳокмияти шуравӣ ҳамчун фалсификатсияҳои буржуазӣ ҳисобида мешуданд. Баъд аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ да адабиёти ватанӣ тамоюлҳои азнавбаррасии ҳодисаҳои наҷандон дури таърихӣ пайдо гардида, дар баъзе аз адабиёти илмӣ талошҳои қаҳрамонгардонии босмачиёну дигар аксулинқилобчиён ба чашм мерасанд. Дар мақолаи мазкур, ки даъвои ҳақиқати зинаи олиро надорад, саъю кӯшиш мегардад, ки равандҳои барпо намудани ҳокимияти шуравӣ ва таъсиси мақомоти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар Бадахшон холисона мавриди тадқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ гузошта шаванд.



**Калидвожаҳо:** Бадахшон, Помир, ҳокимияти шуравӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, босмачигарӣ, аксулинқилобчиён, қувваҳои зиддишуравӣ.

## УСТАНОВЛЕНИЕ СОВЕТСКОЙ ВЛАСТИ И ОРГАНИЗАЦИЯ ОРГАНОВ ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ОБЩЕСТВЕННОГО ПОРЯДКА В БАДАХШАНЕ

В данной статье рассмотрена история установления советской власти и организации органов по обеспечению общественного порядка в Бадахшане. Автор отмечает, что вопросы установления советской власти в Бадахшане и контрреволюционных движений освещались и оценивались в советской, постсоветской и зарубежной литературе с разных точек зрения. В советской литературе политические и социальные процессы оценивались с идеологической точки зрения, а любая критика советской власти рассматривалась как буржуазные фальсификации. После распада СССР в отечественной литературе появились тенденции ревизии (пересмотра) недавних исторических событий, а в части научной литературы видны попытки героизации басмачей и прочих контрреволюционеров. В данной статье, не претендующей на истину в высшей инстанции, делается попытка объективного историко-правового исследования процессов установления советской власти и организации органов по обеспечению общественного порядка в Бадахшане.

**Ключевые слова:** Бадахшан, Памир, советская власть, общественный порядок, басмачество, контрреволюционеры, антисоветские силы.

## THE ESTABLISHMENT OF SOVIET POWER AND THE ORGANIZATION OF AUTHORITIES TO MAINTAIN PUBLIC ORDER IN BADAKHSHAN

This article discusses the history of the establishment of Soviet power and the organization of public order in Badakhshan. The author notes that the issues of establishing Soviet power in Badakhshan and counter-revolutionary movements were covered and evaluated in Soviet, post-Soviet and foreign literature from different points of view.. After the collapse of the USSR, tendencies of revision (revision) of recent historical events appeared in domestic literature, and in part of the scientific literature, attempts to glorify the Basmachi and other counter-revolutionaries are visible. This article, which does not claim to be the truth of the highest authority, attempts an objective historical and legal study of the processes of establishing Soviet power and organizing bodies to ensure public order in Badakhshan.

**Keywords:** Badakhshan, Pamir, Soviet power, public order, basmachi, counter-revolutionaries, anti-soviet forces.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Латипов Муҳиб Лоҷварбекович*** – Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковник милитсия, сардори кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ. **Суроға**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3

**Сведения об авторе:** ***Латипов Мухиб Лоджварбекович*** – Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции, начальник кафедры специальной тактики и физической подготовки. **Адрес**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Мастонгулова, 3

**Information about the author:** ***Latipov Muhib Lojvarbekovich*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police lieutenant colonel, head of the department of special tactics and physical training. **Address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulov, 3

ТДУ: 343.2

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

*Сайдалиев О.И.*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Яке аз институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ин таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки он аз чор аломати асосӣ иборат мебошад: объект, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ. Агар яке аз аломатҳои мазкур дар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, он гоҳ кирдори содиршуда ҷиноят ҳисобида намешавад. Дар ин миён субъекти ҷиноят нақши асосӣ дошта, он содиркунандаи ҷиноят ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таҳлили мафҳуму моҳият ва аломатҳои субъекти ҷиноят аҳаммияти калони ҳуқуқӣ дорад.

Доир ба мафҳуми субъекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошанд. Масалан, дар адабиёти соҳавӣ қайд мегардад, ки субъекти ҷиноят унсури асосии таркиби ҷиноят буда, мазмуни ин унсур субъективӣ мебошад ва ба шахсе тааллуқ дорад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст ва барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ тамоми аломатҳо мавҷуд мебошанд [22,с.180]. Ба андешаи Ю.В. Тарасова, субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафе мебошад, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ аз он оғоз мегардад, расидааст, инчунин қасдан ё аз беэҳтиётӣ кирдори (ҳаракат ё беҳаракат) барои ҷамъият хавфнокеро, ки қонуни ҷиноятӣ манъ кардааст, содир карда бошад, ки барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Дар баъзе мавридҳо, масалан, ҳангоми содир шудани ҷиноят аз ҷониби субъекти махсус, аломатҳои дигар низ пешбинӣ карда мешаванд [19,с.15].

Яке аз аломатҳои ҳар як таркиби ҷиноят дар баробари объект, тарафҳои объективӣ ва тарафи субъективӣ ҳамеша субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузорӣ истилоҳи "субъекти ҷиноят" истифода нашудааст. Барои муайян кардани он чунин ибораҳо истифода мешаванд: «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст», «шахсе, ки ҷазоро адо мекунад», танҳо «шахсе», «шахсе, ки доғи судӣ дорад», «шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад», «иҷрокунанда», «ташкилкунанда», «шарик», «гуноҳгор», «маҳкумшуда», «маҳкумшудаи ноболиғ» ва ғайра. Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ «субъекти ҷиноят» дорои мафҳуми возеҳи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснокшуда мебошад [19,с.15]. Андешаи мазкур дар баъзе адабиётҳо низ ба назар мерасад: сарфи назар аз он, ки истилоҳи «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории ҷиноятӣ мавҷуд нест, вале қонунгузорӣ меъёрҳоеро муқаррар мекунад, ки имкон медиҳанд, дар таркиби ҷиноят мавҷуд будан ё набудани чунин унсур ба сифати субъекти ҷиноят муайян карда шавад [22,с.180]. Дар ҷойи дигар низ қайд мегардад, ки яке аз аломатҳои ҷиноят ин субъекти ҷиноят мебошад, яъне шахси воқеии мукаллаф, ки ҷиноят содир кардааст. Дар қонунгузории ҷиноятии имрӯза истилоҳи «субъекти ҷиноят» истифода нашуда, ифодаи «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст» ҳамчун синоним истифода мешавад [21,с.201].

Мутобиқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафе мебошад, ки дар замони содир кардани ҷиноят ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидааст. Аз мафҳуми мазкур ду хулосаи муҳим баровардан мумкин аст. Аввалан, танҳо шахсони воқеӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Сониян, субъекти ҷиноят на ҳама шахсони воқеӣ, балки танҳо ҳамон шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки дорои аломатҳои муайян, яъне, мукаллаф буданд ва дорои синну соли муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ мебошанд. Ин аломатҳо барои субъекти ҷиноят ҳатмӣ мебошанд [23,с.272]. Ба андешаи С.М. Кочои, субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллаф мебошад, ки ҷиноят содир намуда, ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидааст. Он дорои аломатҳои ҳатмии зерин аст: шахси воқеӣ, мукаллаф будан, расидан ба синни қонунӣ [7,с.27]. Дар яке аз адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки субъекти ҷиноят шахси гунаҳкоре мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокеро содир кардааст, ки бо яке аз меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ манъ

гардидааст ва он дорои аломатҳои ҳатмии зикршуда мебошад. Тибқи қонунгузорӣ танҳо шахси воқеӣ субъекти ҷиноят буда метавонад. Шахсони ҳуқуқӣ, ашёи беҷон, ҳайвонот субъекти ҷиноят ҳисобида намешаванд [22,с.180].

Ҳамин тариқ, субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии мукаллафе мебошад, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ, кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намуда, ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст ва дар баъзе ҳолатҳо дорои аломатҳои махсуси пешбининамудаи меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Мафҳуми субъекти ҷиноят набояд бо мафҳуми шахсияти ҷинояткор омехта карда шавад. Ин мафҳумҳо ба шахсе дахл доранд, ки ҷиноят содир кардааст, вале аз чиҳати мазмун фарқ мекунанд. Субъекти ҷиноят танҳо бо аломатҳои умумӣ ва махсуси дар боло зикршуда тавсиф мешавад. Мавҷуд набудани субъекти ҷиноят маънои мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро дорад, яъне имконнопазирии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси содирнамудаи ҷиноятро дорад.

**Шахси воқеӣ.** Тибқи қонун танҳо шахси воқеӣ метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Ба онҳо ҳам шаҳрвандони кишвар ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дохил мешаванд. Дар ин хусус баъзе муҳаққиқон қайд намудаанд, ки субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ буда метавонад. Бояд гуфт, ки қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳои хориҷӣ имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани на танҳо шахсони воқеӣ, балки шахсони ҳуқуқиро низ пешбинӣ мекунанд. Дар адабиёти ҳуқуқии шӯравӣ ва русӣ низ борҳо пешниҳод шудааст, ки институти ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. Аммо, ин муқарраротдар қонуни ҷиноятии имрӯза мавҷуд намебошад [13; 5; 18]. Ба андешаи В.Д. Иванов, яке аз аломатҳои субъекти ҷиноят шахси воқеӣ ба ҳисоб меравад. Зеро танҳо шахс метавонад субъекти ҷиноят бошад. Айни замон тибқи қонунгузорӣ маълум аст, ки на ҳайвонот ва на ашёи беҷонро субъекти ҷиноят эътироф кардан мумкин нест. Агар ҳайвонҳое, ки ба саломатии одамон зарар расондаанд, ҳамчун воситаи ҷиноят баромад кунанд, барои ин соҳиби ҳайвон ё шахси дигар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [4,с.88].

Дар дигар сарчашмаҳо низ дар ин хусус сухан меравад, ки ҳайвонҳое, ки зарар расонидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Дар ин ҳолат соҳибони онҳо барои зарари расонидаи онҳо ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешаванд. Инчунин, шахсони ҳуқуқӣ низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд, сарфи назар аз он, ки фаъолияти истеҳсолӣ ё тиҷоратии онҳо метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарари калон расонад. Дар сурати расонидани чунин зарар шахсони масъул (роҳбарони) корхона, муассиса ё ташкилот шахсан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд [23,с.272]. Оид ба ин масъала Ю.В. Тарасова қайд мекунад, ки маҳдудияти қатъии доираи субъектҳои имконпазири ҷиноят бо шахсони сирф воқеӣ, инчунин маънои онро дорад, ки шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва ғайра) низ субъекти ҷиноят шуда наметавонанд. Шахсони ҳуқуқие наметавонанд, ки худ аз худ амалҳои қонунӣ ва ғайриқонуниро анҷом диҳанд. Агар ҷиноятҳоро намояндагони алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ содир карда бошанд, пас на шахсони ҳуқуқие, ки аз номи онҳо амал мекунанд, балки маҳз ҳамон намояндагон ба ҷавобгарии ҷинояти кашида мешаванд [19,с.17]. Ба андешаи Н. Лейкин бошад, мафҳуми субъекти ҷиноят, пеш аз ҳама, маҷмуи аломатҳоеро дар назар дорад, ки дар асоси онҳо шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Чунин аломатҳои доимӣ ва умумӣ мукаллафӣ ва ба синни муайян расидани шахс мебошанд [10,с.37].

Ҳамин тавр, аз андешаҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки шахси воқеӣ яке аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят буда, дар муайян кардани кирдори ҷиноятӣ ҳамчун таркиби ҷиноят нақши калон дорад. Тавре маълум гардид, танҳо шахсони воқеӣ метавонанд субъекти ҷиноят бошанд. Шахсони ҳуқуқӣ, ҳайвонҳо ва ашёҳои беҷон субъекти ҷиноят буда наметавонанд. Ҳарчанд дар хусуси шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят баҳсҳои мухталиф ҷой дошта бошад, ҳам вале қонунгузорӣ ва аксари олимон субъекти ҷиноят будани шахсони ҳуқуқиро эътироф намекунанд. Зеро воқеан ҳам шахсони ҳуқуқӣ худ аз худ ҳаракат карда ва ё кирдореро содир карда наметавонанд. Шахсони воқеие, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ ҷиноят содир мекунанд,

шахсан худашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Барои ҳайвонҳо низ чунин тартибот муқаррар шудааст. Онҳо субъекти ҷиноят намебошанд ва барои зарари расонидаи онҳо соҳибонашон ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

**Мукалафӣ.** Аломати дигари субъекти ҷиноят мукалафӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузор имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро танҳо дар сурате мепазирад, ки агар ӯ моҳияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии амал (беамалии) худро дарк карда, қобилияти идора кардани онҳоро дошта бошад, ки ин дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мукаллафӣ эътироф карда мешавад. Дар адабиёти соҳавӣ оид ба мафҳум ва моҳияти мукаллафӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Масалан, дар яке аз адабиёт қайд мегардад, ки мукаллафӣ дар баробари расидан ба синни муайян яке аз аломатҳои умумии субъекти ҷиноят мебошад. Дар қонунунгузорӣ мафҳуми мукаллафӣ вуҷуд надорад. Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавриди мукаллафӣ чунин ҳолати равонии шахсро мефаҳмад, ки ӯ метавонад аҳамияти амалӣ (беамалии) худро дарк намояд ва онҳоро дар вақти содир намудани ҷиноят идора кунад. Шахсе, ки дорои ин сифатҳо аст, қодир аст, ки барои амали худ дар назди давлат ҷавоб диҳад [24,с.128]. Дар адабиёти дигар қайд шудааст, ки қонуни ҷиноятӣ мукаллаф будан ва расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун аломатҳои умумӣ ва ҳатмии субъекти ҷиноят муқаррар менамояд. Мукаллафӣ ин бо қобилияти фаҳмидани моҳияти ҳодисаи рӯхдода, ба таври кофӣ инъикос кардани воқеияти атроф, хулосаҳои дуруст баровардан ва мувофиқи фаҳмиши худ рафтор кардани шахс мебошад. Мукаллафӣ ба саволи он ки оё шахс метавонад ҳолатҳои воқеии рафтори худ, хатари ҷамъиятии рафтори худро дарк карда, онҳоро идора карда метавонад, ҷавоб медиҳад [23,с.273].

Ҳамаи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, дар ҳоле ки ҳангоми содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок моҳияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии амалӣ (беамалии) худро дарк карда, ба онҳо роҳбарӣ карда бошанд. Ин қобилият дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун мукаллафӣ номида мешавад. Мукаллафӣ ба синну соли шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст, зич алоқаманд мебошад, зеро қобилияти идора кардани рафтори худ аз инкишофи синну сол вобаста аст [21,с.201]. Ба андешаи дигар муҳаққиқон, мукаллафӣ аломати субъекти ҷиноят буда, маънои онро дорад, ки шахс дар вақти содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок ҷониби воқеӣ ва хатари ҷамъиятии кирдор (амал ё беамалии) худро дарк карда, онро идора карда метавонад. Дар адабиёти таълимӣ ақидае баён шуда буд, ки «мукаллафӣ шарти муқаррарии гунаҳкорӣ ва ҷавобгарӣ мебошад» [8,с.369], аммо баъзе олимон умуман гунаҳкорӣ ва мукаллафиро якхел баҳо медиҳанд [15,с.22].

Бояд тазаккур дод, ки мукаллафӣ қобилияти танзим кардани рафтори шахс дар вақти содир кардани ҷиноят мебошад. Барои мукаллаф донистани шахси кирдори барои ҷамъият хавфнок содиркарда муқаррар кардан лозим аст, ки ӯ дорои хосиятҳои зарурии равонӣ мебошад, яъне: ӯ қодир аст моҳияти воқеӣ ва хатари ба ҷамъият хавфноки амалашро (беамалӣ) дарк кунад ва онҳоро идора карда тавонад. Огоҳӣ аз хусусияти воқеии ҷиноят маънои онро дорад, ки шахс робитаи байни кирдори содиркардааш ва оқибатҳои рӯхдодаро дарк мекунад (дарк мекунад, ки вай шахсро аз ҳаёт маҳрум мекунад). Огоҳӣ аз хатари ба ҷамъият хавфнокии кирдор маънои онро дорад, ки шахс маънои хавфнокии кирдори худ ва хатари онро барои ҷамъият дарк мекунад. Қобилияти идора кардани амалҳои худ маънои онро дорад, ки амали шахс бо иродаи ӯ комилан идора карда мешавад.

Моҳияти мукаллаф будан дар он ифода меёбад, ки он шарти ҳатмии гуноҳ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Худи ҷавобгарии ҷиноятӣ, чун қоида, дар таъин кардани ҷазо таъсир мерасонад. Мутобиқи қонунгузории ҷиноятӣ, яке аз ҳадафҳои ҷазо ислоҳи маҳкумшуда мебошад. Ба даст овардани чунин мақсад танҳо дар робита ба шахсоне, ки қобилияти равонии муътадил доранд, имконпазир мебошад [23,с.273].

Дар раванди иродавӣ одатан якчанд марҳилаҳоро ҷудо мекунанд: 1) бедорсозӣ, дарки мақсад ва хоҳиши расидан ба он; 2) даркнамоии як қатор имкониятҳо барои ноил шудан ба мақсад; 3) муборизаи ангезаҳо; 4) кабули яке аз қарорҳои имконпазир; 5) иҷрои қарори қабулшуда [21,с.203].

Таҳлили муфассали таърифҳои мукаллафӣ дар таҳқиқотҳои Р.И. Михеев ба назар мерасад. Ӯ қайд мекунад, ки баъзе олимон онро қобилияти бо ҳолати солимии равонии шахс муайян намуда, аз кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки содиркардаи ӯ бохабар будан ва идора кардани онҳо муайян мекунанд (В.С. Трахтеров); баъзеи дигар дорои қобилияти гунаҳкорӣ ва масъул будан медонанд (П.С. Дагел); баъзеи дигар қобилияти шахс дар бораи рафтори худ ва идора кардани он, ба он вобаста будани гунаҳгорӣ ва ҷавобгар будани шахс барои кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки содиршуда меҳисобанд (Н.П. Грабовская, Н.С. Лейкина) [11,с.48]. Ба андешаи Р.И. Михеев, мукаллафӣ ин қобилияти шахс дар вақти содир намудани ҷиноят мебошад, ки хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии амали (беамалии) худро дарк намуда, онро идора карда метавонад, ки он қобилияти гунаҳгор донистани шахсро барои содир намудани ҷиноят муайян мекунад, яъне он шарти қонунии гуноҳ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад [11,с.49].

Мукаллаф будан яке аз аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят мебошад. Сарфи назар аз мавҷуд набудани ин мафҳум дар қонунгузории ҷиноятӣ, бояд қайд кард, ки масъалаи таърифи қонунгузории он аз ҷониби олимон ба таври норавшан ҳал шудааст. Баъзе олимон дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар намудани меъёрҳоро оид ба мукаллафӣ ба мақсад мувофиқ мешуморанд [12; 17]. Дигарон бар ин назаранд, ки мафҳуми «мукалафӣ» ба муқаррарнамоии қонунгузорӣ ниёз надорад, зеро субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ то исботи акси он мукаллаф ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, ба назари онҳо, кофӣ аст, ки мафҳуми «номукаллафӣ» дар қонун муайян карда шавад. Баъзе олимон нуқтаи назари охиринро асоснoктар меҳисобанд [21,с.203].

Мукаллафӣ қобилияти субъективии шахс ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ барои кирдори ҷиноятии содиркардааш ба ҳисоб меравад. Бинобар сабаби мавҷуд набудани мафҳуми мукаллафӣ дар қонуни ҷиноятӣ, мафҳуми он дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Масалан, Ш.С. Рашковская мукаллафиро қобилияти дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят дарк намудани кирдорҳои худ ва идора кардани онҳо медонад [16,с.80]. В.С. Орлов қайд мекунад, ки мукаллафӣ яке аз хислатҳои муҳимми шахс мебошад, ки бидуни он шахсро ҳангоми содир кардани ягон кирдори барои ҷамъият хавфнок ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф кардан мумкин нест [14,с.26]. Ба андешаи мо, мафҳуми мукаллафиро ҳамчун аломати субъекти ҷиноят пурра ва дақиқ Ю.М. Антонян ва С.В. Бородин пешниҳод намудаанд. Онҳо мукаллафиро ҳолати рӯҳии шахс мешуморанд, ки аз қобилияти ӯ аз нигоҳи сатҳи рушди иҷтимоӣ-психологӣ ва иҷтимоишавӣ, синну сол ва ҳолати саломатии равонӣ, огоҳ будан аз кирдор, беамалии ӯ (хабардор будан аз тарафи воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии кирдор) ва ба онҳо ҳангоми содир кардани ҷиноят роҳбарӣ кардан иборат мебошад ва бинобар ин барои ӯ ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо татбиқ карда мешавад [1,с.123-124]. А.Н. Трайнин қайд мекунад, ки новобаста аз он ки шахси гирифтори шизофрения чӣ кор кунад - силоҳ нигоҳ дорад, молу мулкро нест кунад, маҷрӯҳ кунад – амали вай ба маънои қонунии ҷиноятӣ дохил намешавад [20,с.135].

**Расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ.** Аломати дигари субъекти ҷиноят ба синни пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ расидани шахс мебошад. Маврид ба зикр аст, ки субъекти ҷиноят на ҳар шахс, балки танҳо он шахсе мебошад, ки ба синни муайян расида бошад. Вобаста ба ин, қонуни ҷиноятӣ синну солеро, ки шахс метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, муқаррар мекунад. Оид ба масъалаи мазкур низ дар адабиёти соҳавӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Масалан, ба андешаи С.М. Кочои, синну соли ҷавобгарии ҷиноятии муқаррарнамудаи қонун хусусияти объективии қобилияти шахсро барои дарк кардани аҳаммияти амал (беамалии худ) ва идора кардани онҳо тасдиқ мекунад. Шахс на дар рӯзи таваллуд, балки баъди ба охир расидани ҳамон рӯз, яъне шуруъ аз соати нави рӯзи оянда ҳамчун ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида ҳисобида мешавад [7,с.27]. Ю.В. Тарасова бошад, қайд намудааст, ки яке аз аломатҳои дигари субъекти ҷиноят ин синну сол мебошад. Маҳз синну сол аст, ки аломати таркибии шахси мукаллафро ҳамчун субъекти ҷиноят ифода мекунад. Синну солро давра, марҳалаи инкишоф, ба камол расидани шахс мефаҳманд [19,с.24]. Синну сол нисбат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо шумораи муайяни солҳои зиндагӣ, балки

хусусияти объективии қобилияти шахсро дар фаҳмидани аҳамияти амал (беамалии) ва идора кардани онҳо ифода менамояд [21,с.201].

Бешубҳа, қобилияти дарк намудани ҷиҳати ҳақиқӣ ва хавфи ҷамъиятии амали худ ва идора кардани он ба инкишофи синну сол вобаста аст. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои хориҷӣ маҳдудиятҳои синнусолии ҷавобгарӣ муқаррар карда шудаанд, ки ноболиғонро аз доираи таъсири ҳуқуқи ҷиноятӣ хориҷ мекунанд. Инчунин, ноболиғоне, ки дараҷаи хосси инкишофи зеҳнӣ ва иродавӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, моҳият ва мафҳуми кирдорҳои худро дарк накарданд ва ё онҳоро идора карда натавонистанд.

Синну сол ба иҷтимоишавии шахс бевосита алоқаманд аст. Инсон дар давоми умри худ дар баробари ба воя расиданаш дар бораи воқеияти атроф дониши зарурӣ мегирад, робитаҳои байни падидаҳоро меомӯзад, талаботи меъёрҳои ҷамъиятиро азхуд мекунад ва мувофиқи таҷриба ва дониши андӯхтааш қодир мегардад, ки рафтори худро назорат кунад. Ба синни муайян расидан аз сатҳи миёнаи иҷтимоишавии шахс шаҳодат медиҳад, ки ин шарти ҳатмӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад [23,с.274]. Ҳангоми муқаррар кардани синну соли судшаванда аз ҷониби экспертизаи судӣ-тиббӣ рӯзи таваллуди ӯ рӯзи охирини сол ҳисобида мешавад, ки аз ҷониби коршиносон нишон дода шудааст ва суд бояд ҳангоми муайян кардани синну сол аз рӯи шумораи ҳадди ақал ва ҳадди аксари солҳо синни ҳадди ақали чунин шахсе, ки аз ҷониби коршиносон пешниҳод шудааст, ба инобат гирад [7,с.27].

Синну соли умумии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз 16-солагӣ ва барои ҷиноятҳои алоҳида аз 14-солагӣ муқаррар карда шуда, қонуни ҷиноятӣ ба назар мегирад, ки ҳангоми расидан ба ин синну сол ноболиғ ба рафтори худ, аз ҷумла рафтори ҷиноятӣ, комилан баҳо дода метавонад. Ғайр аз ин, сухан танҳо дар бораи ҷиноятҳои қасдан меравад, аз ин рӯ, шакли гуноҳ низ ба тафовути синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Қонунгузор бо муқаррар намудани номгӯи кирдорҳои ҷиноятие, ки барои онҳо ҷавобгарӣ аз 14-солагӣ оғоз мегарданд, нишон медиҳад, ки шахсе, ки ба синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ нарасидааст, барои ҷиноятҳои дигар, ки аҳаммияти калони пешгирикунанда дорад, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад [19,с.33].

Синну соли ҷавобгарии ҷиноятиро худсарона дар қонун муқаррар кардан мумкин нест. Қонунгузор ҳангоми муайян кардани сину соли ҷавобгарии ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, маълумоти физиология, психологияи умумӣ ва инкишоф, педагогика, психиатрия, ҷомеашиносӣ ва дигар илмҳоро ба назар мегирад. Дар айни замон, муайян кардани синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти содиршуда як мушкилии мураккабест, ки қонунгузорӣ дар ҳама кишварҳо бо он рӯ ба рӯ мешавад. Сухан дар бораи муқаррар намудани маҳдудиятҳои поёнии синну соле меравад, ки дар доираи онҳо шахс ба ҷавобгарии чиноятӣ кашида мешавад. Дар ин хусус О.Д. Ситковская қайд мекунад, ки кӯшишҳои қонунгузорӣ қариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳон аз асрҳои 17-18 оғоз карда, барои муқаррар кардани синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ, ба истиснои истифодаи ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба кӯдакон ва наврасон, кӯшиш менамоянд [17,с.48].

Қонунгузорӣ ҷиноятҳоеро муқаррар мекунад, ки барои онҳо аз синни 14-солагӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Қонунгузорӣ ин таркибҳои ҷиноятро бо асосҳои (сабабҳои) зерин ҷудо кардааст: 1) хусусияти анъанавӣ, зеро он хусусияти кирдорест, ки барои ҳама давру замон муқаррарӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки барои шахсоне, ки ба синни муайян расидаанд, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро равшан намояд; 2) дараҷаи нисбатан баланди хавфи ҷамъиятии як қатор ҷиноятҳо; 3) паҳншавии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон; 4) чораҳои таҳаммулпазирии иҷтимоӣ нисбат ба рафторҳои ғайримуқаррарии ин категорияи шахсон. Ҳангоми муқаррар кардани ин ё он синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ қонунгузор инчунин қобилияти дарк намудани на танҳо факти вайронкунии қонунро (дар ин ҳолат ҷавобгарӣ барои одамкушӣ ё дуздӣ аз синни барвақттар муқаррар шуданаш мумкин аст), балки инчунин арзишҳои иҷтимоии риоя кардани мамнуъҳои дахлдорро ба назар мегирад [21,с.205]. Дар ин хусус дар дигар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд шудааст, ки таҳлили рӯйхати ҷиноятҳое, ки барои синни 14-солагӣ муқаррар шудаанд, нишон медиҳад, ки сухан дар бораи ҷиноятҳои қасдан

меравад, ки хатари ҷамъиятии онҳо ниҳоят баланд мебошанд. Аз ин рӯ, дар ҳама маврид ҷазои сахттарин маҳбас ба муддати тӯлонӣ муқаррар шудааст. Зоҳиран, дар баробари хатари ҷамъиятии кирдор ва гуноҳи қасдан, яке аз меъёрҳои таснифи ҷиноятҳо ба гурӯҳе, ки ҳадди ақалли ҷавобгариашон маҳдуд аст, содиршавии ин кирдорҳо аз ҷониби наврасони синни 14-сола мебошад [23,с.278].

Синну сол барои қонуни ҷиноятӣ ҳамчун нишондиҳандаи камолоти равонӣ ва иҷтимоии шахс муҳим аст. Ба ғайр аз ин, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба хислатҳои зеҳнӣ ва иродавии шахс бештар диққат медиҳад ва пеш аз ҳама, аз он сабаб, ки маҷмуи муайяни ин сифатҳо хусусияти дигари шахсиятро, ки барои ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок аст, яъне мукаллафиро муайян мекунад [2,с.97]. Мукаллафӣ ва расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятии муқаррарнамудаи қонун ҳамчун аломатҳои субъекти ҷиноят ба ҳам зич алоқаманданд ва дар таркиби ҷиноят ҳамдигарро пурра мекунанд. Ба ақидаи Я.М. Бринин, субъекти ҷиноятро ҳамчун мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бе ин ду аломат тасаввур кардан ғайриимкон аст [3,с.218].

Худи қонуни ҷиноятӣ меъёри махсусеро дар бар намегирад, ки мафҳуми синну солро муайян намояд, дар он танҳо маҳдудиятҳои синну соли фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят нишон дода шудааст. Бинобар ин,ноболиғони ба синни муқаррарнамудаи қонун нарасида, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намудаанд, наметавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, зеро онҳо хатари амали (беамалии) худро пурра дарк карда ё онро идора карда наметавонанд. Яъне, онҳо субъекти ҷиноят нестанд ва барои кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки содиркардаашон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд [19,с.25]. Масалан, дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ бо ифодаи беэҳтиромии ошкоро нисбат ба ҷомеа, ки бо истифода аз силоҳ ё ашёи ба сифати силоҳ истифодашаванда аз ҷониби навраси 13-сола содир шудааст, аз ҷониби қонунгузорӣ ҳамчун амали барои ҷамъият хавфнок ҳисобида намешавад.

Расидан ба синни муқарраршудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки шахс дорои дараҷаи муайяни шуури ҳуқуқӣ ва қобилияти баҳодиҳии на танҳо ҷониби воқеии кирдораш, балки ба аҳамияти иҷтимоию ҳуқуқии онҳо, инчунин, қобилияти дуруст баҳо додан ҷазои ҷиноятиро доро мегардад. Ғайр аз ин, қобилияти ҷамъиятро барои мубориза бурдан ба муқобили кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфноки наврасон бе истифодаи ҷазои ҷиноятӣ, тавассути тадбирҳои тарбиявӣ ба назар гирифтан лозим аст [9,с.269-270]. Синну сол на танҳо хосияти биологии инсон буда, нишондиҳандаи дараҷаи инкишофи ҷисмонӣ (физиологии) инсон мебошад, балки хосиятҳои иҷтимоию психологӣ низ ба ҳисоб меравад. Инчунин, ин хосиятҳо имкон медиҳанд, ки эҳтимолияти субъекти ҷиноят будан ё набуданро ифода кунанд [6,с.30].

Мутобиқи қонунгузорӣ шахсе, ки то лаҳзаи содир кардани ҷиноят ба синни 16 расида бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Тахмин карда мешавад, ки ноболиғоне, ки ба синни 16-солагӣ расидаанд ва аз он калонтар, қодиранд моҳияти ҳодисаи рӯхдодаро дарк карда, оқибатҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфноки рафтори худро пешгӯӣ кунанд. Ҳамзамон, қобилияти дарк кардани аҳаммияти ҷамъиятии баъзе кирдорҳоро, ки аз нигоҳи хатари ҷамъиятӣ аёнанд, ноболиғон ҳатто дар синни барвақттар соҳиб мешаванд. Аз ҷумла, куштор, расонидани зарар ба саломатии инсон дараҷаи гуногун, таҷовуз ба номус, дуздӣ ё нобуд кардани молу мулки дигарон, терроризм ё гаравгон гирифтан ва дигарон.

Аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти ҷиноят дар он ифода мегардад, ки субъект аломати ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад ва бинобар ин, дар сурати мавҷуд набудани он дар кирдори содиршуда ҷиноят умуман вуҷуд надорад. Тибқи қонуни ҷиноятӣ ноболиғ субъекти ҷиноят буда наметавонад. Тибқи вазъи ҳуқуқӣ ноболиғоне, ки ақибмондагии инкишофи рӯҳӣ доранд, ба ноболиғон баробар карда мешаванд. Агар шахсе, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст, кирдори ғайриқонунии ҷиноятӣ содир карда бошад, вале дар айни замон ақибмонии инкишофи рӯҳиро ошкор намояд, ки бо бемории рӯҳӣ алоқаманд нест, ки дар натиҷа ӯ моҳияти воқеӣ, хатари кирдорҳои худ ё идора кардани онҳо пурра дарк карда наметавонад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

**Муқарриз: Раҳмонзода М.Ҷ. – н.и.ҳ-и ДМТ**


**АДАДБИЁТ**

1. Антонян Ю.М. Преступность и психические аномалии / Ю.М. Антонян, С.В. Бородин. -М.: Наука, 1987. -С.123-124.
2. Блувштейн Ю.Д. Понятие личности преступника / Ю.Д. Блувштейн // «Советское государство и право». – 1979. -№8. -С.97.
3. Брайнин Я.М. Уголовная ответственность и ее основание в советском уголовном праве / Я.М. Брайнин. -М., 1963. -С.218.
4. Иванов В.Д. Уголовное право. Общая часть. Учебник / В.Д. Иванов. -Ростов-на-Дону, 2002. -С.88.
5. Келина С.Г. Ответственность юридических лиц в проекте нового УК РФ / С.Г. Келина // Уголовное право: новые идеи. -М., 1994. -С.50.
6. Клещина Е.Н. Изучение личности обвиняемого следователем в целях оказания профилактического воздействия: дисс.... канд. юрид. наук / Е.Н. Клещина. -М., 2003. -С.30.
7. Кочои С.М. Уголовное право. Общая и Особенная части: Учебник. Краткий курс / С.М. Кочои. -М., 2009. -447 с.
8. Курс советского уголовного права. В 5-ти т. -Ленинград, 1968. -Т. 1. -369 с.
9. Курс уголовного права. Том 1. Общая часть / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой. -М., 2002. -С.269-270.
10. Лейкина Н.С. Личность преступника и уголовная ответственность / Н.С. Лейкина. -Л., 1968. -С.37.
11. Михеев Р.И. Проблемы вменяемости и невменяемости в советском уголовном праве / Р.И. Михеев. -Владивосток, 1983. -С.48.
12. Михеев Р.И. Основы учения о вменяемости и невменяемости в советском уголовном праве: учеб. пособие / Р.И. Михеев. -Владивосток: ДВГУ, 1980. -С.75.
13. Никифоров А.С. Юридическое лицо как субъект преступления и уголовной ответственности / А.С. Никифоров. -М.: ЮрИнфоР, 2002.
14. Орлов В.С. Субъект преступления по советскому уголовному праву / В.С. Орлов. -М., 1958. -С.26.
15. Протченко Б.А. К понятию невменяемости / Б.А. Протченко // Советская юстиция. –1987. -№17. -С.22.
16. Рашковская Ш.С. Субъект преступления / Ш.С. Рашковская. -М., 1960. -С.8.
17. Ситковская О.Д. Психология уголовной ответственности / О.Д. Ситковская. -М., 1998. -С.129.
18. Ситковский И.В. Уголовная ответственность юридический лиц: автореф. дисс…. канд. юрид. наук / И.В. Ситковский. -М., 2003.
19. Тарасова Ю.В. Специальный субъект преступления и его значение в уголовном праве: дисс. ...канд. юрид. наук / Ю.В. Тарасова. –М., 2006. -195 с.
20. Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления / А.Н. Трайнин. -М.: Госюриздат, 1957. -С.135.
21. Уголовное право. Общая часть: Учебник. Издание второе переработанное и дополненное / Под ред. доктора юридических наук, профессора Л.В. Иногамовой-Хегай, доктора юридических наук, профессора А.И. Рарога, доктора юридических наук, профессора А.И. Чучаева. -М., 2008. -560 с.
22. Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. В.П. Ревина. -М.: Юстицинформ, 2016. -580 с.
23. Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. Ф.Р. Сундурова, И.А. Тарханова. – 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Статут, 2016. -864 с.
24. Уголовное право России. Общая часть: учебник для бакалавров /отв. ред. А.И. Плотников. -Оренбург: ООО ИПК «Университет», 2016. -442 с.


## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ


Дар мақолаи мазкур масъалаи баъзе ҷанбаҳои мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноят мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз адабиёти ҳуқуқӣ ва андешаҳои муҳаққиқон мафҳуми субъекти ҷиноят ва аломатҳои онро таҳлилу баррасӣ намудааст. Зимни таҳлили масъала муаллиф ба хулосае омадааст, ки субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии мукаллафе мебошад, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ, кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намуда, ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст ва дар баъзе ҳолатҳо дорои аломатҳои махсуси пешбининамудаи меъёрҳои қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Субъекти ҷиноят танҳо бо аломатҳои умумӣ ва махсус тавсиф мешавад. Мавҷуд набудани субъекти ҷиноят маънои мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро дорад, яъне имконнопазирии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси содирнамудаи ҷиноятро дорад. Таҳқиқот нишон дод, ки субъекти ҷиноят аз се аломати асосӣ: шахси воқеӣ, мукаллафӣ, расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ иборат мебошад. Шахси воқеӣ яке аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят буда, дар муайян кардани кирдори ҷиноятӣ ҳамчун таркиби ҷиноят нақши калон дорад. Тавре маълум гардид, танҳо шахсони воқеӣ метавонанд субъекти ҷиноят бошанд. Шахсони ҳуқуқӣ, ҳайвонҳо ва ашёҳои беҷон субъекти ҷиноят буда наметавонанд. Мукаллаф будан яке аз аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят мебошад. Сарфи назар аз мавҷуд набудани ин мафҳум дар қонунгузории ҷиноятӣ, бояд қайд кард, ки масъалаи таърифи қонунгузории он аз ҷониби олимон ба таври норавшан ҳал шудааст. Баъзе олимон дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар намудани меъёрҳоро оид ба мукалафӣ ба мақсад мувофиқ мешуморанд. Синну сол ҳамчун аломати муҳимми субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бо назардошти хусусиятҳои рушди ин ё он кишвар, бо назардошти таъсири афзоиши ҷиноякории ноболиғон ба тарзҳои гуногун муқаррар карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, субъект, ҷиноят, аломатҳои асосӣ, аломатҳои иловагӣ, шахси воқеӣ, мукаллафӣ, номукаллафӣ, синну сол, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПОНЯТИЯ И ПРИЗНАКИ СУБЪЕКТА ПРЕСТУПЛЕНИЯ

В данной статье рассматривается вопрос о некоторых аспектах понятия и признаках субъекта преступления. Автор, используя юридическую литературу и мнения исследователей, проанализировал и рассмотрел понятие субъекта преступления и его признаки. В ходе анализа вопроса автор пришел к выводу, что субъектом преступления является физическое лицо, совершившее умышленно или по неосторожности общественно опасное деяние, достигшее возраста уголовной ответственности, а в ряде случаев имеющее особые признаки, предусмотренные нормы особенной части уголовного законодательства. Субъект преступления характеризуется только общими и специальными признаками. Отсутствие субъекта преступления означает отсутствие состава преступления и, следовательно, невозможность привлечения лица, совершившего преступление, к уголовной ответственности. Исследование показало, что субъект преступления состоит из трех основных признаков: физическое лицо, вменяемость, достигший возраста уголовной ответственности. Физическое лицо является одним из признаков специального субъекта преступления и играет большую роль в определении преступного деяния как состава преступления. Как оказалось, субъектами преступления могут быть только физические лица. Субъектами преступления не могут быть юридические лица, животные и неодушевленные предметы. Вменяемость является одним из обязательных признаков субъекта преступления. Несмотря на отсутствие данного понятия в уголовном законодательстве, следует отметить, что вопрос о его легальном определении учеными решен нечетко. Некоторые ученые считают целесообразным закрепление норм наказания в уголовном праве. Возраст как важный признак субъекта преступления в уголовном праве устанавливается по-разному, с учетом особенностей развития той или иной страны, с учетом влияния роста преступности несовершеннолетних.

**Ключевые слова:** понятие, субъект, преступление, главные действующие лица, дополнительные действующие лица, физическое лицо, преступник, возраст, уголовная ответственность.

## SOME ASPECTS OF THE CONCEPT AND SIGNS OF THE SUBJECT OF THE CRIME

This article discusses the issue of some aspects of the concept and features of the subject of a crime. The author, using the legal literature and the opinions of researchers, analyzed and considered the concept of the subject of a crime and its features. In the course of the analysis of the issue, the author came to the conclusion that the subject of the crime is an individual who has committed, intentionally or through negligence, a socially dangerous act that has reached the age of criminal responsibility, and in some cases has special features provided for by the norms of the special part of the criminal legislation. The subject of the crime is characterized only by general and special features. The absence of a subject of a crime means the absence of corpus delicti and, consequently, the impossibility of bringing the person who committed the crime to criminal responsibility. The study showed that the subject of a crime consists of three main features: an individual, sanity, who has reached the age of criminal responsibility. An individual is one of the signs of a special subject of a crime and plays an important role in determining a criminal act as a corpus delicti. As it turned out, the subjects of the crime can only be individuals. Subjects of a crime cannot be legal entities, animals and inanimate objects. Sanity is one of the mandatory features of the subject of the crime. Despite the absence of this concept in criminal law, it should be noted that the issue of its legal definition by scientists has not been clearly resolved. Some scholars consider it expedient to fix the norms of punishment in criminal law. Age as an important feature of the subject of a crime in criminal law is established in different ways, taking into account the peculiarities of the development of a particular country, taking into account the influence of the growth of juvenile delinquency.

**Keywords:** concept, subject, crime, main characters, additional characters, individual, offender, offender, age, criminal liability.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сайдалиев Орзуҷон Илҳомович*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Телефон: **(+992) 907567777**. E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саидалиев Орзуджон Ильхомович*** - Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 21. Телефон: **(+992) 907567777.** E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saidaliyev Orzudzhon Ilhomovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law. A Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 907567777.** E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

**ТДУ: 342.4**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ДАР КОНСТИТУТСИЯ

*Диноршоҳ Азиз Мусо, Мирзозода Шаҳриёр Мунавар*
**Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе,**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат, ки дар доираи васеи санадҳои меъёрӣ амалӣ карда мешавад, барои таъмини риояи вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат пешбинӣ шуда, се вазифаи муҳимро иҷро мекунад: якум, тибқи талаботи он заминаи ҳуқуқие ба вуҷуд меояд, ки ба таъсис ёфтани муносибатҳои меҳнатии истеҳсолӣ, инчунин ба ташаккули натиҷаҳои яхкела, саривақтӣ ва боэътимоди чунин муносибатҳо мусоидат мекунад; дуюм, ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули низоми демократӣ дар ҷои кор, тавассути фароҳам овардани замина барои ҳамкорӣ бо корфармоён, кормандон ва намояндагони онҳо хидмат мекунад. Сеюм, танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ метавонад ба таври доимӣ василаи ёдовар ва кафили меъёрҳои асосӣ ва ҳуқуқ дар мавқеи кор бошад, ки тавассути раванди қонунгузории миллӣ аз ҳимояти васеи иҷтимоӣ бархӯрдор гаштааст. Дар баробари ин, он метавонад тартиби маҷбурии истифодаи ин усулҳо ва ҳуқуқҳоро муқаррар созад.

Мутобиқи моддаи 2 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси меҳнат, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад. Ҳамзамон, дар моддаи 3 Кодекси мазкур муқаррар карда шудааст, ки вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштанинекуаҳво лии одамон равона гардидааст [8, м. 3].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки аз мазмуни ҳуқуқи конститутсионии инсон ба меҳнат бармеоянд, ду мавқеи асосӣ мавҷуданд, ки онҳоро шартан ба «маҳдуд» ва «васеъ» унвон кардан мумкин аст. Дар доираи мавқеи аввал баъзе муаллифон зикр менамоянд, ки чун қоида, ҳарчанд онҳо дорои хусусияти маҷмуӣ мебошанд, вале бояд қонунгузории соҳаи меҳнатро аз дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат мебошанд, фарқ намуд [11,с.75]. Муаллифон ба ин мавқеъ муқаррароти қонунгузории граждани, маъмурӣ ва ҷиноятиро низ ворид кардаанд. Дар ҳолати мавқеи дуюм қонунгузории меҳнат ин он санадҳои ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим мекунад [12,с.8]. Бидуни баҳс дар бораи ин мавқеъҳо, мо танҳо ин нуктаро қайд мекунем, ки ин баҳсҳо аз соҳае бармеоянд, ки ин ё он муаллифон дар он соҳаҳо таҳқиқоти илмии худро анҷом медиҳанд. Тарафдорони мавқеи аввал одатан мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат мебошанд, ки ба ҳамин васила мустақилияти қонунгузории меҳнатро ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ асоснок мекунанд. Тарафдорони мавқеи дуюм, чун қоида, мутахассисони соҳаҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқ мебошанд, ки муносибатҳои меҳнатӣ барои онҳо аз нуқтаи назари муносибатҳои шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ ҳамчун объекти омӯзиш қарор гирифтааст.

Барои ошкор сохтани мақсади таҳқиқоти худ мо таҳти танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат ҳамон доираи васеи санадҳои меъёриеро дар назар дорем, ки ҷанбаҳои гуногунро танзим намуда, мазмуни доираи ин ҳуқуқро ошкор менамоянд.

Тавре ки омӯзиши адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат дар се сарчашмаи асосӣ таҷассум ёфтааст:

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2.Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст;

3.Қонунгузории соҳавӣ.

Дар илми ҳуқуқ чунин як далели эътирофшуда вуҷуд дорад, ки конститутсия-сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқ маҳсуб ёфта, на танҳо асосҳои сохти конститутсионии давлатро муқаррар мекунад, балки ҳуқуқҳои асосии инсонро эълон ва кафолат дода, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, инчунин асосҳои конститутсионии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнатро, муайян менамояд. Конститутсия ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ муқаррар намуда, барои таҳкими ҳуқуқии он замина фароҳам меорад ва принсипу самтҳои асосии рушди қонунгузориро дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ муайян мекунад.

Танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар амалияи ҷаҳонӣ тафсири норавшан дорад. Ин ба равишҳои танзими ҳуқуқи инсон, ки дар асри XX дар ҷаҳон вуҷуд дошт, вобаста аст. Кишварҳое, ки ба консепсияи пайдоиши табиии ҳуқуқи башар пайравӣ мекарданд, ба танзими конститутсионии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ афзалият дода, аксар вақт ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро сарфи назар мекарданд. Ба ин категорияи давлатҳо кишварҳое дохил мешаванд, ки дар адабиёти шуравӣ ҳамчун кишварҳои сохти капиталистӣ шинохта шудаанд. Дар ин кишварҳо танзими ҳуқуқ ба меҳнат (ё озодии кор) аз миёнаи солҳои 50 уми асри XX оғоз мешавад. Дар навбати худ, дар кишварҳое, ки ба консепсияи мусбати ҳуқуқи инсон афзалият дода шуда, танзими ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар мадди аввал гузошта шудаанд, дар низоми онҳо ҳуқуқ ба меҳнат ҳанӯз дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX эътирофи конститутсионӣ пайдо карда буд. Ба ин гурӯҳи давлатҳо асосан давлатҳои узви лагери сотсиалистӣ, хусусан ИҶШС, дохил мешаванд.

Ин масъаларо як қатор муаллифон, аз ҷумла В.В. Чиркин ва Д.Худолей омӯхта, аз ҷумла қайд мекунанд, ки «ҳуқуқи меҳнат ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон нисбатан дар солҳои наздик пайдо шудааст. Чунин ҳисобидан мумкин аст, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсияҳои мавҷи сеюм, яъне баъди ба охир расидани ҷанги дуюми ҷаҳон, низоми қонунӣ гирифт. Лекин дар ИҶШС ин намуди ҳуқуқ хеле пештар дар сатҳи ҳуқуқи конститутсионӣ ҳукми қонунӣ гирифтааст, вале бо ин вуҷуд он бо омилҳои дохилии ин кишвар вобаста буд. Давлатҳои Аврупо ва Амрикои Лотинӣ зарурияти дар сатҳи ҳуқуқҳои конститутсионӣ мустаҳкам намудани ҳуқуқи меҳнатро дар миёнаи асри XX дарк карданд. Албатта, дар ин кор нақши ҳалкунандаро ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, шикасти фашизм, идеологияи либерализми рост, ки дар бисёр давлатҳои ҷаҳон амал мекард, бозидааст [10,с.168].

Тоҷикистон оғоз аз солҳои 20-уми асри XX ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ИҶШС шинохта шуда, талаботи низоми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи инсонро дар маҷмуъ, аз ҷумла низоми ҳуқуқи меҳнатро, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ ташаккул ёфтааст, ҳимоя кардааст. Чунончи А.М. Диноршоев қайд мекунад «дар Тоҷикистон барқарор шудани ҳуқуқҳои инсон мисли дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ буд ва аз ҷумла, дар марҳалаи ибтидоӣ тараққиёти қонунгузории конститутсионии Тоҷикистон ба таҷрибаи ҶШСФР асос ёфта, Конститутсияи соли 1918 ҶШСФР дар ташаккулёбии низоми конститутсионии Тоҷикистон нақши калон бозидааст. Аввалин конститутсияҳои Тоҷикистон хусусиятҳо ва шароити миллиро инъикос намуда, дар танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ба таври умумӣ конститутсияи ҶШСФР-ро ба ҳайси намуна қабул кардааст [5,с.12-13].

Дар навбати худ Г.М. Бобокалонов масъалаи ташаккул ва инкишофи қонунгузории меҳнатро дар Тоҷикистон таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки «тартибу хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи қонунгузории меҳнат дар Тоҷикистон ва дар дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ, пеш аз ҳама, бо принсипи бунёди давлати нав ва қонунҳои ҷадиди ба он мувофиқ алоқаманд буда, дар он мавқеи асосиро идеяи барҳам додани сохти давлати кӯҳна ва ба вуҷуд овардани қонунҳои нав ишғол мекард» [3,с.11]. Ф.Т. Тоҳиров бошад қайд мекунад, ки «санадҳои қонунгузории ҶШСФР, ки дар рӯзҳои аввали барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ қабул шуда буданд, аз ҷумла Конститутсияи соли 1918 ҶШСФР ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқ дар ҶШС Туркистон пазируфта шуда, самти тараққиёти давлатӣ-ҳуқуқии онро муайян карданд. Онҳо ҳамчун воситаи табаддулоти иқтисодӣ дар дигаргун сохтан ва аз нав ташкил

кардани тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси принсипҳои сотсиалистӣ хизмат мекарданд” [13,с.86].

Н.П. Фарберов масъалаи танзими ҳуқуқи инсонро дар Россия таҳлил намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки «аз оғози ба сари ҳокимият омадан болшевикон як қатор санадҳои қонунгузориро қабул карда, ҳуқуқу озодиҳои демократиро, ки ба тамоми ҷамъият дахл дошт, ҷорӣ ва мустаҳкам намуданд" [14,с.8]. Масалан, тавассути декрети Шурои Комиссарони Халқ аз 11 ноябри соли 1917 рӯзи кории ҳаштсоата ҷорӣ карда шуд [4,с.18]. Минбаъд дар Конститутсияи соли 1918 ҶШСФР нахустин бор эълон карда шуд, ки барои нест кардани табақаҳои муфтхӯри ҷамъият ва ташкили низоми иқтисодиёт хизмати умумии меҳнатӣ ҷорӣ гардид.

Дар баробари ҳамин қайд кардан лозим аст, ки аксарияти муаллифон дар бораи усулҳои конститутсионии мустаҳкам намудани муносибатҳои меҳнатӣ дар аввалин санадҳои низоми шуравӣ, аз ҷумла дар конститутсия сухан ронда, нишон медиҳанд, ки он на ба унвони ҳуқуқи як фард, балки ба унвони вазифаи ӯ ироа шудааст.

Вобаста ба ин О.И. Чистякова қайд мекунад, ки дар давраи аввали ҳокимияти шуравӣ низоми ҳуқуқ ба меҳнат муқаррар нашуда буд, зеро «давлат ба шаҳрванд додани ин ё он ҳуқуқи конститутсиониро ба зиммаи худ ҳамчун уҳдадории дахлдор гузошта, амалишавии ин ҳуқуқро таъмин менамуд. Чунин уҳдадории ба шаҳрвандон додани таҳсилоти олӣ ва ҳаматарафаро ҳанӯз дар соли 1918 давлати шуравӣ ба зимма гирифта наметавонист. Аз ҳамин сабаб ҳам конститутсия ҳуқуқи таҳсил ва ҳуқуқи меҳнатро дар ин давра танзим накардааст” [15,с.95].

Бинобар ин, мо пешниҳоди муаллифонеро саҳеҳ мешуморем, ки онҳо қайд мекунанд, ки «ташаккули низоми конститутсионии ҳуқуқу озодиҳо дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ танҳо баъд аз дар Конститутсияи соли 1918 ҶШСФР муайян кардани ҷиҳати ҳатмии он оғоз ёфтааст» [1,с.4].

Дар Тоҷикистон оиди ташаккули низоми ҳуқуқи меҳнат пажӯҳишгари ватанӣ А.И. Имомов чунин қайд мекунад, ки «бори нахуст ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи соли 1936 собиқ ИҶШС ва Конститутсияи Тоҷикистон (соли 1937) пешбинӣ шуда буд. Дар онҳо ҳуқуқи шаҳрванд ба меҳнат, яъне ҳуқуқи кори кафолатнок доштан, ки муздаш мувофиқи миқдору сифати он дода мешавад, муайян гардида буд. Конститутсияи ИҶШС (соли 1977) ва Конститутсияи Тоҷикистон (соли 1978) онро бо ҳуқуқи мувофиқи истеъдод, лаёқат, малакаи касбӣ, маълумот ва талаботи ҷомеа интихоби касб, машғулият ва кор пурра намуданд. Инчунин ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ машғул гардидан, интизоми меҳнатро қатъӣ риоя намудан вазифаи асосии ҳар як шаҳрванд дониста шуд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба меҳнат ва вазифаи меҳнат кардан яке аз рукнҳои вазъи ҳуқуқии шаҳрванд гардид» [7,с.432].

Г.М. Бобокалонов вобаста ба ин масъала зикр менамояд, ки «дар Конститутсияи соли 1937 ҶШС Тоҷикистон боби махсус ҷудо карда шуда буд, ки дар он ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии шаҳрвандон муқаррар карда шудааст” [3,с.58]. Аз ҷумла, моддаҳои 103-105 ба ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон бевосита дахл дошта, дар моддаи 103 чунин гуфта шудааст: «Шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи меҳнат кардан, яъне ҳуқуқи гирифтани кори кафолатнокро бо музди меҳнати худ мувофиқи миқдор ва сифати он доранд. Ҳуқуқи меҳнатро ташкили сотсиалистии хоҷагии халқ, афзоиши бемайлони қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъияти шуравӣ, барҳам додани имконияти муфлисшавии иқтисодӣ ва барҳам додани бекорӣ таъмин мекунад”. Дар қисми якуми моддаи 104 гуфта мешавад, ки «шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи истироҳат доранд» ва дар қисми дуюм низ қайд шудааст, ки «ҳуқуқи истироҳат бо роҳи то 7 соат кӯтоҳ кардани рӯзи корӣ барои қисми зиёди кормандон таъмин карда мешавад ва рухсатиҳои меҳнатии пардохтшавандаи ҳарсолаи кормандон бошад барои истироҳат дар санатория, хонаҳои истироҳатӣ ва дигар осоишгоҳҳо пешбинӣ шудааст” [9,с.26].

О.В. Борисов масъалаи танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнатро дар Конститутсияи соли 1936 ИҶШС таҳлил намуда, чор хусусияти асосиро муайян мекунад: якум, кафолати соҳиб шудан ба кор; дуюм, музди меҳнат мувофиқи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии он, сеюм, ҳуқуқ ба меҳнат бо роҳи ташкили низоми сотсиалистии хоҷагии халқ, афзоиши мунтазами қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъияти

шуравӣ, бартараф кардани бухронҳои иқтисодӣ ва омилҳои бекорӣ таъмин мегардид; чорум, ҳуқуқ ба меҳнат бо ҳуқуқ ба истироҳат мутобиқат дошт. Ҳуқуқ ба истироҳат бо муқаррар намудани рӯзи кории ҳаштсоата ва коҳиши он ба ҳафт ва шаш соат кафолат дода шуда буд, барои як қатор касбҳо аз ҷумла дар сеххое, ки шароити меҳнат махсусан душвор аст, рӯзи корӣ то чор соат коҳиш дода шуда, рухсатии ҳарсолаи музднок ва ба кормандон имконияти истироҳат намудан дар санаторияҳо, хонаҳои истироҳатӣ, клубҳо ва курортҳо муқаррар гардида буд [4,с.21-22].

Ба ғайр аз хусусиятҳои зикршуда мазмуни ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат тибқи конститутсияи соли 1936 ин нуқтаҳоро фаро мегирифт:

-имконияти татбиқи баробар сохтани ҳуқуқҳои меҳнатии занон бо мардон. Илова бар ин занон аз ҳуқуқи баробар бо мардон дар кор дар таъмини музди меҳнат, истироҳат ва ғайра бархурдор буданд;

- роҳ надодан ба ҳар гуна маҳдудияти мустақим ё ғайримустақими ҳуқуқ ё муқаррар намудани бартариҳои мустақим ё ғайримустақими шаҳрвандон вобаста ба асли нажодӣ ва миллии онҳо, инчунин ҳар гуна таблиғи хосси нажодӣ ё миллӣ, бадбинӣ ва беэътиноӣ тибқи қонун ҷазо дода мешавад;

-таъмини ҳуқуқи муттаҳидшавӣ дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ- иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои кооперативӣ, ташкилотҳои ҷавонон, ташкилотҳои варзишӣ ва мудофиавӣ, ҷамъиятҳои маданию техникӣ ва илмӣ [4,с.22-23].

Конститутсияҳои ҷумҳуриҳои иттифоқии шуравӣ дар баробари нигоҳ доштани равишҳои умумии низоми конститутсионӣ- ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ба Конститутсияи соли 1977 ИҶШС мувофиқ буда, ба мазмунашон дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид накардаанд.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар Тоҷикистон дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

Аввалан, ташаккул ва дар конститутсия мустаҳкам шудани ин ҳуқуқ дар марҳилаи аввал зери таъсири ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии дар ҶШСФР қабулшуда (аз ҷумла, Конститутсияи соли 1918) ба амал омад. Баъдан дар ибтидо аввал ин ҳуқуқ дар шакли уҳдадорӣ ба меҳнат муқаррар шуда буд ва танҳо бо қабули Конститутсияи соли 1936 ИҶШС он ба низоми ҳуқуқи инсон табдил ёфт.

Низоми минбаъдаи конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат бо он равандҳое вобаста аст, ки дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба амал омадаанд. Тавре О.В. Борисов қайд менамояд, «тадриҷан танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии меҳнат, ки дар Конститутсия ифода ёфтааст, бинобар гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва тағйир ёфтани пояҳои низоми иқтисодии мамлакат ба талаботи ҳаёти воқеӣ ҷавобгӯй набуд. Идеяи хоҷагидории сотсиалистӣ дар амал пурра татбиқ нагардид. Он усулҳо ва механизмҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби давлат, ки дар ИҶШС мавриди истифода қарор дошт, барои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ғайри қобили қабул гардид” [4,с.22-23].

Воқеан, раванди гузаштан ба иқтисоди бозорӣ муносибати навро ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таҳияи механизмҳои нави татбиқи ин ҳуқуқ, аз ҷумла дар масъалаи таъмини амният ва кафолатҳо тақозо мекард. Аз ин рӯ, қабули Конститутсияи соли 1994 дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун марҳалаи нав шинохта шуд. Тавре дар банди қаблӣ қайд карда будем, дар фарқият аз аксар кишварҳои пасошӯравӣ, дар Тоҷикистон идомаи муқаррароти конститутсионие, ки ҳуқуқи меҳнатро танзим мекунанд, ҳифз шудааст. Ҳамзамон, унсурҳои наве илова карда шуданд, ки аз мазмуни санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, бармеоянд.

Чунончи А.М. Диноршоев қайд менамояд, «иродаи хосси сиёсии роҳбарияти давлат дар ташаккули моддаҳои 1, 12 ва 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир шуд, ки он самти рушди мамлакатро ҳамчун давлати иҷтимоӣ ва рӯ ба иқтисоди бозаргонӣ муайян кардааст. Чунин давлат вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати худро муайян намуда, ба таъмини зиндагии шоиста барои шаҳрвандон ва алалхусус

некуаҳволии шахсоне, ки мустақилона ба чунин зиндагӣ ноил шуда наметавонанд, таъкид мекунад. Дар ин асос муносибати давлатӣ ба мафҳуми давлати иҷтимоӣ мушаххас мегардад. Дар Тоҷикистон ҳаққи меҳнат ва саломатии одамон ҳифз карда мешавад ва ҳадди ақали музди меҳнати кафолатнок барои шаҳрвандон муқаррар гардида, аз ҷониби давлат ҳуқуқи оила, модар, падар, кӯдак, маъюбон ва пиронсолон мавриди ҳимоят қарор дорад. Низоми хизматрасонии иҷтимоӣ инкишоф ёфта, нафақаи давлатӣ, имтиёзҳо ва дигар кафолатҳои иҷтимоӣ муқаррар гардидааст" [6,с.140].

Дар баробари ин, чунончи таҳлили меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон нишон медиҳад, танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат муқаррароти мустақим ва ғайримустақим дорад. Ин низоми ҳуқуқ, тавре ки дар боло зикр гардид, дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳуқуқи ба таври озодона ихтиёрдорӣ кардани қобилияти меҳнат, интихоби намуди фаъолият ва касб; ҳуқуқ ба кор дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯ мебошад; ҳуқуқ ба подош барои кор, бидуни ҳеҷ гуна табъиз ва на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат, ки қонун муқаррар кардааст; манъи кори маҷбурӣ.

Муқаррароти мустақими ҳуқуқ ба меҳнатро дар чунин нуқтаҳои конститутсия, монанди кафолати фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 12 Конститутсия) мушоҳида кардан мумкин аст. Ба таври умум эътироф шудааст, ки фаъолияти соҳибкорӣ яке аз навъҳои фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Илова бар ин, олимони ватанӣ таъкид мекунанд, ки дар моддаҳои 28, 37 ва 39, ки ҳуқуқи иттиҳодия, ҳуқуқи истироҳат ва ҳуқуқи таъмини иҷтимоиро ба танзим медароранд, робита бо ҳуқуқи меҳнат вуҷуд дорад. Дар ҳақиқат, яке аз намудҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иттифоқҳои касаба мебошанд, ки мақсади онҳо ҳифзи манфиатҳои кормандон мебошад. Дар робита ба ҳуқуқи истироҳат, бисёр коршиносон ин низоми ҳуқуқро ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба меҳнат мешуморанд. Инчунин ин нуқтаро қайд бояд кард, ки ҳалли масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ бевосита аз мазмуни муносибатҳои меҳнатӣ бармеояд.

Мавридҳои дар болоро зикршударо ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки низоми ҳуқуқ ба меҳнат, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуқуқи субъективии инсон ифода ёфтааст, принсипҳои меҳварӣ ва асосии ташаккули муносибатҳои меҳнатиро муайян мекунад. Ҳуқуқи меҳнат дар заминаи муносибатҳои аксиологӣ дорои мазмуни махсуси конститутсионӣ ва арзишӣ мебошад, зеро он фарогири хосиятҳои меъёр-қоида ва меъёр-принсип буда, як қатор арзишҳои шахсӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ дорои аҳамияти дараҷаи олӣ мебошад, ки бо меҳнат алокаманданд: арзишҳои моҳият, мазмун ва ҷараёни меҳнат, арзишҳои шароити мусоиди меҳнат, арзишҳои ҳаққи моддии меҳнат, арзишҳои ҳифзи меҳнат.

Дар баробари ин, дар танзими конститутсионии ин ҳуқуқ хусусияти дугонаи муайяне ба амал меояд. Мо аз як тараф, дар танзими конститутсионӣ бо конститутсияҳои пештара, аз ҷиҳати ифодаи конститутсионӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ба меҳнат, на озодии меҳнат (ки мо онро дар сархати гузашта муфассал баён карда будем), аз тарафи дигар, давомиятро мебинем, ки ба қоидаҳои конститутионӣ дохил намудани барасмиятдарории санадҳои асосии байналхалқии ҳуқуқи инсон мазмуни ин ҳуқуқро васеъ кардаанд.

Меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ташаккули мазмуни ҳуқуқи меҳнат дар Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расониданд. Ин як далели эътирофи умум аст, ки яке аз дастовардҳои тамаддуни муосир таҳия ва қабули стандартҳои байналмилалии меҳнат буда, натиҷаи ҳамкории байнидавлатӣ ва эътирофи муҳимтарин принсипу меъёрҳои умумибашарӣ аз ҷониби низомҳои ҳуқуқии миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: Муминзода Н.М. – н.и.ҳ., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алексеева Л.В. Генезиси таърихии ҳуқуқи конститутсионии меҳнат / Л.В. Алексеева // Илми ҳуқуқ. - 2011. -№4. -С.4.
2. Бобокалонов Г.М. Ташаккул ва инкишофи қонунгузории меҳнат дар Тоҷикистон (1917-1940): рис. ном. илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Г.М. Бобокалонов. –Душанбе, 2004. -С.11.

3. Бобокалонов Г.М. Ташаккул ва инкишофи муносибатҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон (1917-1940 гг.). рис. ном. илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Г.М. Бобокалонов. –Душанбе, 2004. -С.58.
4. Борисов О.В. Танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ дар Федератсияи Россия: рис. ном. илмҳои ҳуқуқшиносӣ / О.В. Борисов. -М., 2006. -С.18.
5. Диноршоев А.М. Таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.М. Диноршоев. -Душанбе, 2014. -С.12-13.
6. Диноршоев А.М. Таснифоти ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.М. Диноршоев. -Душанбе, 2013 -140 с.
7. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.И. Имомов. –Душанбе, 2017. -432 с.
8. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2016, № 7 моддаи 3.
9. Конститутсия (Қонуни асосӣ)-и ҶШС Тоҷикистон. -Сталинобад, 1937. -С.26.
10. Қонуни конститутсионии кишварҳои хориҷӣ / ред. ред. В.В. Чиркин. -М., 1997. -С.34; Худолей Д.М. Ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ // Бюллетени Донишгоҳи Перм. – 2010. -№1(7). -С.168.
11. Сироватская Л.А. Дар бораиислоҳоти дар пешистодаи муносибатҳои меҳнатӣ / Л.А. Сироватская // Қонуни меҳнат. - 1998. -№2. -С.75.
12. Снигирева И.О. Кодекси меҳнати Федератсияи Русия ва илми ҳуқуқи меҳнат / И.О. Снигирева // Қонуни меҳнат дар Русия ва хориҷа. - 2012. -№2. -С.8.
13. Тоҳиров Ғ.Т. Ташаккули ҳуқуқи шӯравӣ дар Тоҷикистон / Ғ.Т. Тоҳиров. -Душанбе, 1987. -С.86.
14. Фарберов Н.П. Асосҳои конститутсионии ташкили Давлати Шуравии умумихалқӣ / Н.П. Фарберов. -М., 1982. -С.8.
15. Чистяков О.И. Конститутсияи РСФСР дар соли 1918 Прок. ёрдампулӣ. 2. таҳрир, аз нав дида баромада. -М.: Зертсало-М, 2003. -С.95.

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА МЕҲНАТ ДАР КОНСТИТУТСИЯ

Дар мақола муаллифон масъалаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба соҳаи меҳнат марбут мебошад, мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси таҳқиқи худ қайд мекунанд, ки танзими ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат асосан тавасути конститутсия танзим мешавад. Дар баробари ин, дар асоси конститутсия, қонун ва дигар санадҳои зерқонун оид ба меҳнат қабул мешаванд, ки танзими минбаъдаи муносибатҳои меҳнатӣ бевосита ба онҳо ҳавола шуда, ҷиҳати танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар раванди татбиқ нақши муҳимро иҷро менамоянд. Меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба ташаккули мазмуни ҳуқуқи меҳнат дар Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расониданд. Муаллифон чунин хулосабарорӣ менамоянд, ки ин як далели эътирофи умум аст, ки яке аз дастовардҳои тамаддуни муосир таҳия ва қабули стандартҳои байналмилалии меҳнат буда, натиҷаи ҳамкории байнидавлатӣ ва эътирофи муҳимтарин принсипу меъёрҳои умумибашарӣ аз ҷониби низомҳои ҳуқуқии миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** конститутсия, созишнома, шартномаи коллективӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, танзими ҳуқуқӣ.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРАВА НА ТРУД В КОНСТИТУЦИИ

В статье авторы рассмотрели вопрос правового регулирования конституционных прав человека и гражданина на труд в Республике Таджикистан. На основании своего исследования авторы отмечают, что правовое регулирование трудовых прав в основном регулируется конституцией. На основе конституции принимаются закон и другие подзаконные акты о труде, на них непосредственно возлагается дальнейшее регулирование трудовых отношений, и они играют важную роль в правовом регулировании трудовых прав в процессе реализации. Авторы приходят к выводу, что это общепризнанный факт того, что одним из достижений современной цивилизации является разработка и принятие международных трудовых норм, что является результатом межгосударственного сотрудничества и признания важнейших общечеловеческих принципов и норм со стороны национальных правовых систем.

**Ключевые слова**: конституция, соглашение, коллективный договор, право на труд, правовое регулирование.

## LEGAL REGULATION OF THE RIGHT TO WORK IN THE CONSTITUTION

In the article, the authors considered the issue of legal regulation of the constitutional rights of man and citizen to work in the Republic of Tajikistan. Based on their research, the authors note that the legal regulation of labor rights is mainly regulated by the constitution. On the basis of the constitution, a law and other by-laws on labor are adopted, they are directly entrusted with the further regulation of labor relations, and they play an important role in the legal regulation of labor rights in the process of implementation. The authors come to the conclusion that it is a generally recognized fact that one of the achievements of modern civilization is the development and adoption of international labor standards, which is the result of interstate cooperation and recognition of the most important universal principles and norms by national legal systems.

**Keywords**: constitution, agreement, collective agreement, right to work, legal regulation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Диноршоҳ Азиз Мусо*** **-** Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, муовини директори иҷроия оид ба корҳои илмӣ. **Суроға**: 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1. Телефон: **(+992) 935890207**. E-mail: **a.dinorshoh@gmail**
***Мирзозода Шаҳриёр Мунавар*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **+992 918553721**. E-mail: **shahriyor8787@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Диноршох Азиз Мусо*** **-** Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в г.Душанбе, заместитель исполнительного директора по научной работе. **Адрес**: 734002, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Бохтар, 35/1. Телефон: **(+992) 935890207**. E-mail: **a.dinorshoh@gmail**
***Мирзозода Шахриёр Мунавар*** **-** Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, старший преподаватель кафедры права. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: +**992 918553721**. E-mail: **shahriyor8787@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Dinorshoh Aziz Muso*** - Branch of Moscow State University named after M.V. Lomonosov in Dushanbe, Deputy Executive Director for Research. **Address**: 734002, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bokhtar street, 35/1. Phone: **(+992) 935890207**. E-mail: **a.dinorshoh@gmail**
***Mirzozoda Shahriyor Munavar*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Senior Lecturer of the Department of Law. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: **+992 918553721.** E-mail: **shahriyor8787@mail.ru**

УДК: 342.44(575.3)

# КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ОСНОВА НОВОЙ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

*Шарифзода Лохути Шариф*
**Таджикский национальный университет**

Одной из важнейших составляющих политического процесса является деятельность по принятию конституционных изменений. Это знаковое событие для каждой страны, поскольку в большинстве случаев этот процесс продиктован целями реформирования общественных отношений, затрагивающего интересы широких слоёв населения. Даже частичное изменение конституционного текста может повлечь за собой значительное переустройство конституционно-правовых институтов, влекущее для страны новую модель конституционного развития. Исследования в области конституционного строительства свидетельствуют, что большая часть конституций, действующих в современных государствах, в той или иной степени подверглись корректировке. Обобщение современного опыта конституционных реформ позволяет выделить ряд новых проблем в конституционном праве, требующих своего разрешения, в том числе в виду необходимости учёта международных демократических правовых стандартов [1].

Конституционная реформа, как и всякое явление, подчиняется всеобщим диалектическим законам, т.е. – это всегда определённый перерыв постепенности, качественное изменение конституционно-правовых институтов и норм. Этим конституционная реформа отличается от других изменений конституционного текста. Принятие конституционного или иного закона о конституционной реформе – это только часть процесса реформирования общественных отношений. В самом законе о реформе часто содержится только принципиальное положение, затрагивающее определённый институт общественного (государственного) строя, основы правового положения личности. Тщательная подготовка проводимых в последние десятилетия конституционных реформ, осуществляемых с помощью так называемого «пакетного принципа», позволяет избежать излишнего затягивания данного процесса [1].

Немало примеров проведения конституционных преобразований, часть из которых носит характер конституционных реформ, имеется в государствах постсоветского пространства, которые после распада СССР пережили существенную трансформацию всей системы общественных отношений. Так, в Таджикистане за годы независимости проведено три референдума по внесению изменений и дополнений в Конституцию страны: в 1999, 2003, 2016 годы. С одной стороны, это было обусловлено потребностью реализации Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане, а с другой – проведение этих референдумов было вызвано необходимостью адекватно реагировать на произошедшие изменения в республике в постконфликтный период.

Политическая история новейшего периода характеризуется тем, что с обретением Таджикистаном независимости возникла необходимость приведения конституционного строя в соответствие с произошедшими изменениями системы общественных отношений. Начавшийся после обретения независимости конституционный процесс был связан с новым статусом республики, избравшей суверенный путь и демократический принцип жизнеустройства. Возникла потребность в новом Основном Законе суверенного государства. Ещё в сентябре 1991 года в Верховном Совете была образована рабочая группа по подготовке проекта новой Конституции Таджикистана, которую тогда возглавил генеральный прокурор Н. Хувайдуллоев. А уже весной 1992 года в правительственной газете «Джумхурият» для всенародного обсуждения был опубликован проект Конституции. Однако начавшаяся в мае 1992 года в республике гражданская война скорректировала сроки принятия нового Основного Закона. Только после восстановления конституционного строя в ноябре 1992 г. новое политическое руководство нашей республики продолжило работу по подготовке новой конституции, которая призвана была закрепить суверенный статус Таджикистана и его новую форму государственности.

Осмысливая ситуацию того непростого периода отечественной истории, надо учитывать тот факт, что Конституция страны принималась в самое трудное для Таджикистана время, когда республика была ввергнута в гражданскую войну, переговорные процессы между конфликтующими сторонами только наметились, а около миллиона таджикских граждан находились в вынужденной миграции [2]. По требованию

противоборствующих сторон парламент внёс десятки поправок в Конституцию страны. Позже глава рабочей группы по разработке проекта главного документа страны, тогдашний первый замглавы Верховного Совета страны Абдулмаджид Достиев заявил, что в Основной Закон внесено столько поправок, что все их невозможно перечислить [3].

Проект первой Конституции независимого Таджикистана был опубликован в прессе для всенародного обсуждения весной 1993 года. Однако учитывая тогдашнюю обстановку, как такового обсуждения все же не получилось [3].

Тем не менее, даже в условиях полыхавшей гражданской войны конституционный процесс в республике не прерывался. На всенародном референдуме в разгар гражданской войны, 6 ноября 1994 года, была принята Конституция Республики Таджикистан, определившая основы общественно-политической жизни и устои современного государства.

Таким образом, даже в столь непростых условиях потребность в новой Конституции была обусловлена необходимостью закрепить обретённую суверенность и выйти из политического кризиса и паралича власти. При этом представляет интерес сам процесс, связанный с подготовкой проекта Основного Закона страны, работой над которым занимались известные учёные и политические деятели. В ходе этой работы было немало острых дискуссий, выдвижение различных точек зрения по тому или иному вопросу, касающихся определённых аспектов общественно-политической жизни таджикского общества, прав и свобод граждан.

Принятию Конституции предшествовала долгая (более 4-х лет) кропотливая работа. С 1990 года были созданы две комиссии по подготовке проекта новой Конституции (в августе 1990 г. и в феврале 1992 г.). В апреле 1992 г. проект Конституции, подготовленный второй рабочей группой, под руководством бывшего Генпрокурора Н. Хувайдуллаева, был опубликован для всенародного обсуждения. Однако события в республике – переход «митинговой демократии» в гражданскую войну, не дали завершить эту работу до конца [4].

Лишь с восстановлением конституционного строя создались условия для продолжения прерванной работы над проектом новой Конституции страны. Новое политической руководство во главе с Эмомали Рахмоном, избранным на XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан, видело главный смысл своей деятельности в сохранении государственности, но не силой оружия, а силой закона. По мнению Рафики Мусоевой, занимавшей тогда должность председателя комитета по государственному строительству, реализация данной установки в жизнь предполагала принятие новой Конституции нашей страны, одним из авторов которой она являлась. В январе 1993 года Р. Мусоевой, как председателю комитета, было поручено подготовить предложения по проведению конституционной реформы. Уже в июне 1993 года Верховный Совет утвердил состав Комиссии по подготовке проекта нового Основного Закона страны. Председателем комиссии был утверждён Эмомали Рахмонов. В её состав вошли ещё 65 государственных и политических деятелей, представителей всех регионов страны, политических партий, общественных организаций, национальных общин, учёных, юристов, философов, экономистов и т.д [4].

В ноябре 1993 года Постановлением Президиума Верховного Совета Республики Таджикистан была создана рабочая группа (11 человек) для разработки проекта Конституции под руководством первого заместителя председателя Верховного Совета Абдулмаджида Достиева. В состав группы также вошли: Зариф Алиев – председатель Комитета конституционного надзора Республики Таджикистан, Шавкат Исмоилов – министр юстиции, Халифабобо Хамидов – первый заместитель министра юстиции, Рафика Мусоева – председатель комитета Верховного Совета по госстроительству, Сафарали Раджабов – председатель Комитета Верховного Совета по законодательству, правопорядку и правам человека, Махмадназар Салихов – Генеральный прокурор, Сабзали Рахмонов – заместитель председателя Верховного суда, Тоджинисо Азизова – зав. юридическим отделом управления делами Верховного Совета, Рашид Рахимов – директор Института мировой экономики и международных отношений Академии наук РТ, Шарофиддин Рустамов – член-корреспондент Института языка и литературы Академии наук РТ» [4].

Рабочая группа работала в очень жёстком режиме, было немало трудностей, по ходу работы приходилось решать много текущих вопросов. Как отмечает Р. Мусоева, при подготовке проекта новой Конституции страны «мы постигали идеи правового государства, разделения властей, принципа «сдержек и противовесов». Однако, по единому мнению всех членов группы, отказались от слепого копирования тех или иных моделей, мы стремились учитывать социально-экономические, политические, культурные, правовые, национальные и

исторические особенности нашей страны. Ведь любые демократические институты – конституции, парламенты – это также продукт времени – десятков, а то и сотен лет. Конечно, мы не отказывались и от своего ближайшего прошлого, мы предлагали сохранить и многие социальные гарантии советского Таджикистана – бесплатное образование и здравоохранение, право на труд, отдых, гарантии соцобеспечения в старости и т.д.» [4].

Изучая опыт других стран, рабочая группа рассматривала альтернативные варианты, и, как отмечает Р. Мусоева, «в течение полугода были подготовлены два варианта проекта Конституции: «президентской республики» и «парламентской республики». Оба были представлены на рассмотрение Конституционной комиссии, где было решено продолжить работу над первым проектом. Разъяснительная работа «в народе» стала, наверное, наибольшей нагрузкой для группы. Порой было не просто объяснить, что такое принцип сдержек и противовесов, почему мы отдали предпочтение президентской республике, сохранятся ли социальные гарантии советской системы и т.д. [3].

Характеризуя ход обсуждения проекта новой Конституции республики, А. Достиев отмечает: «По итогам обсуждений мы получили более 7 тысяч предложений. Большинство из них были важны и приняты нами, но были предложения и просто редакционного характера. Но самыми любопытными, пожалуй, стали предложения – всего 17 – от мужчин с просьбой разрешить многоженство» [3]. Когда данные предложения были вынесены на заседание рабочей группы, то было много споров и дискуссий, порой самых острых. В конечном счёте, вверх взяло мнение о недопустимости многожёнства, что впоследствии нашло своё отражение в законе.

При обсуждении проекта новой Конституции особый интерес вызвала дискуссия, связанная с вопросом о языке. Касаясь данного вопроса, А. Достиев отмечает, что он первоначально был категорически против сохранения в Конституции персидского языка, и вообще был ярым противником всего иранского. Своё мнение он изменил после встречи в 1993 году с вице-президентом Ирана, известным учёным – Муходжирони, который сказал: «Персы – это вы, таджики. Это ваш язык». После этого и после долгого изучения нашей истории, я просил в Конституции в скобках оставить персидский язык. И что интересно, все члены рабочей группы были «за». Позже на президиуме из 11 человек «за» проголосовали семеро [4]. В конечном счёте, по данному вопросу было принято положение, закреплённое в статье первой в ныне действующей Конституции Республики Таджикистан, принятой 6 ноября 1994 г.: «Государственным языком Таджикистана является таджикский язык» [5].

После завершения обсуждения проекта нового Основного Закона, он был вынесен на всенародный референдум. В референдуме 6 ноября 1994 года по принятию новой Конституции Республики Таджикистан от общего числа участвовавшего электората, который составлял 2 миллиона 535 тысяч 777 человек, «За» проголосовали 90 процентов, 10% - «Против». Таким образом, новая Конституция Республики Таджикистан была принята большинством голосов граждан страны.

Однако после принятия Конституции произошедшие изменения общественно-политической ситуации в республике обусловили необходимость корректировки её отдельных положений. В последующем в неё трижды вносились дополнения и изменения.

Первые поправки были внесены на референдуме 26 сентября 1999 года, следующий референдум по внесению изменений в Основной Закон страны проводился 22 июня 2003 года, а 22 мая 2016 года на Всенародном референдуме были внесены новые поправки в Конституцию Республики Таджикистан.

В числе основных поправок, внесённых на первом референдуме в 1999 г., было разделение парламента страны на две палаты – Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, т.е. учреждение профессионального парламента, что положило начало парламентаризму в Таджикистане. Другое важное изменение касалось четвёртой главы, посвящённой президенту. Тогда всеобщим голосованием президентский срок был увеличен с пяти до семи лет [2]. Важным моментом в процессе этого было решение о функционировании в нашей стране многопартийной системы. По результатам референдума 1999 года была одобрена регистрация религиозных политических партий, что было условием мирного соглашения, которое положило конец гражданской войне 1992–1997 годов [4].

26 сентября 1999 года на референдуме по поправкам в Конституцию страны из 2 миллионов 591 тысячи 905 человек «За» голосовали 75,3%, «Против» - 24,7%.

На референдуме 22 июня 2003 году было предложено внести 56 изменений и поправок, в том числе касательно бесплатной медицины и образования. Тем не менее, главное из изменений вновь касалось четвертой главы – и новая поправка дала возможность избираться

президентом на два срока по семь лет. В Конституцию Республики Таджикистан было включено положение о том, что не подлежат изменению республиканская форма правления, территориальная целостность, демократическая, правовая, светская и социальная сущность государства.

На референдуме по внесению дополнений и изменений в Основной Закон 22 июня 2003 года из 2-х миллионов 436 тысяч 496 человек электората «За» проголосовали 92,8%, «Против» - 7,2%.

Последний конституционный референдум в Таджикистане состоялся 22 мая 2016 года. В бюллетени для голосования был внесён один вопрос: «Принимаете ли вы изменения и дополнения, внесённые в Конституцию страны?». Поправки, подготовленные представителями обеих палат парламента Таджикистана, состояли из 41 пункта, в том числе предлагалось дополнить статью 65 частью пятой следующего содержания: «Ограничения, предусмотренные в части четвёртой данной статьи, не распространяются на Основателя мира и национального единства - Лидера нации. Правовой статус и полномочия Основателя мира и национального единства - Лидера нации определяют конституционный закон». Текст поправок был одобрен на заседании сессии нижней палаты парламента 22 января 2016 года, и они были направлены на рассмотрение Конституционного суда. Было предложено сократить возрастной ценз кандидатов на пост президента на пять лет – с 35 до 30 лет. Предлагалось также внести изменения в статью 65, часть вторую и изложить её в следующей редакции: «Кандидатом на пост президента Республики Таджикистан может быть выдвинуто лицо, имеющее только гражданство Республики Таджикистан, не моложе 30 лет, имеющее высшее образование, владеющее государственным языком и не менее последних 10 лет проживающее на территории республики» [6]. Важнейшими поправками в Конституцию являются те, которые связаны с основами конституционного строя. В частности, статья 1 была дополнена положением о том, что «Форма правления Республикой Таджикистан является президентской» [5]. С целью недопущения использования религии в политических целях, представляющих угрозу устойчивости политической системы, в статью 8 включено дополнение о том, что «В Таджикистане запрещается деятельность политических партий других государств, создание партий национального и религиозного характера, а также финансирование политических партий зарубежными государствами и организациями, иностранными юридическими лицами и гражданами» [5].

На референдуме 22 мая 2016 года конституционные изменения были одобрены 96,6% избирателей.

Следует отметить, что при всех положительных моментах внесённых изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан, тем не менее, некоторые эксперты подвергли критике отдельные из этих поправок.

В частности, эксперты-правоведы после принятия поправок в Конституцию в 2003 году жаловались на то, что практика внесения сразу 56 дополнений и изменений на одном референдуме была только в Таджикистане. Многие были тогда недовольны тем, что Таджикистан на протяжении девяти лет дважды вносил изменения в Основной Закон, что говорило о нестойкости Конституции страны [6].

А бывший председатель СДПТ Р. Зойиров, анализируя результаты проведённых референдумов по внесению изменений и дополнений в Основной Закон страны, отмечал: «Конституция, принятая в 1994 году по сравнению с внесёнными в неё поправами в 1999, 2003 и 2016 годах, была более устойчивой. Тогда в 1994 году Конституция принималась не второпях, над ней работали люди без политических амбиций и интересов, объективно. Она стала неустойчивой, когда в неё уже позже стали вносить дополнения и поправки. Люди, которые разрабатывали поправки в Конституцию на референдуме 22 мая 2016 г., практически не дали выбора народу, предоставив ему только возможность ответить «да» или «нет» относительно сразу всех 50 изменений» [3].

В первую очередь это связано с тем, что в теоретическом и практическом плане вопрос, о предмете административного судопроизводства все ещё остается дискуссионным. При этом складываются два основных подхода: один из них в качестве предмета административного судопроизводства определяет административное правонарушение [21], другой - административно-правовой спор [2; 4; 14].

Следует отметить, что в соответствии с теорией административной юстиции предмет обусловливает цель и задачи административного судопроизводства и вызывает необходимость ее оформления как особого организационно-правового механизма по разрешению публично-правового спора. В настоящее время значительная часть ученых считают, что предметом административного судопроизводства является административно-правовой спор, возникающий из материальных административных правоотношений. Вместе с тем, имеются также авторитетные мнения ученых, которые в предмет административного

судопроизводства включают рассмотрения судами дел об административных правонарушениях.

Например, А.П. Шергин и А.Ю. Якимов в качестве предмета административной юрисдикции рассматривают административные правонарушения [30; 31]. Поэтому создание института административных судей или особых административных судов они связывают со специализацией рассмотрения судами дел об административных правонарушениях [21; 31]. В то же время большинство других авторов связывают идею создания административных судов, и соответственно административного судопроизводства, с административной юстицией, предметом которой является административный спор (спор о праве административном) [22; 2; 27; 23; 4].

При всей спорности вопроса о предмете административного судопроизводства действующее законодательство и судебная практика свидетельствуют о том, что в этот предмет следует включать как административно-правовые споры, так и административные правонарушения. Выделение двух групп конфликтных отношений в качестве элементов предмета административного судопроизводства - административного спора и административного правонарушения - предполагает возможность использования более общего понятия для обозначения предмета этого судопроизводства в целом. По мнению А.Б. Зеленцова, например, таким понятием может являться "административно-правовой конфликт" [7; 1].

Касаясь вопроса о включении в предмет административного судопроизводства дел об административных правонарушениях (учитывая существование в России КОАП), он отмечает, что такой подход может иметь необходимое основание и концептуальное решение лишь в том случае, если использовать институт административно-наказательного иска, построенный по образцу «иска о применении репрессии», характерного для административной юстиции во Франции.

При таком «исковом» подходе дело о наложении административного наказания приобретает характер спора об административной ответственности и вполне логично вписывается в предмет административного судопроизводства как юрисдикционной деятельности суда по разрешению административных споров [17; 18].

Следует отметить, что использование конструкции административно наказательного иска и возможность регулирования в одном кодексе рассмотрение административно-юстиционных дел и дел об административных правонарушениях, актуализировано также в работе национальных исследователей [4].

Вместе с тем, до принятия КАС РФ, Ю.Н. Старилов отмечал, что ч.2 ст. 118 Конституции РФ определяя административное судопроизводство как форму осуществления судебной власти не уточняет, что понимается под «административным судопроизводством», рассмотрения дел об административных правонарушениях или же в соответствии с Законом РФ от 27 апреля 1993г. «Об обжаловании в суде действий и решений, нарушающих права и свободы граждан» -это исковое производство, которым оспаривается неправомерные действия и решения государственных органов [24]. Эта дилемма получила определенное отражение в Постановлении Конституционного Суда РФ от 12 мая 1998г., который указал, что судопроизводство по делам, возникающим из административных правоотношений, регулируемое ГПК, АПК и КоАП, должно быть административным судопроизводством независимо от того, осуществляется ли оно судом общей юрисдикции или арбитражным судом [25; 18; 28].

В связи с этим А.Б. Зеленцов отмечал, что по логике указанного Постановления Конституционного Суда РФ к административному судопроизводству, очевидно, следует относить как производство по административным правонарушениям, так и по административным спорам в суде общей юрисдикции, а также по экономическим спорам, вытекающим из административных отношений в арбитражном суде. Соответственно, предметом административного судопроизводства выступают, с одной стороны, административные споры, а с другой - административные правонарушения [4; 5].

Несмотря на то, что п.5.ст.1 КАС РФ [13], дела о привлечении к административной ответственности не относит к предмету административного судопроизводства, регулируемого этим кодексом, однако на наш взгляд, рассмотрение предмета административного судопроизводства по конструкции административно-правовой спор и административные правонарушения для Республики Таджикистан имеет принципиально важное теоретическое и практическое значение.

Исходя из предметного критерия, административное судопроизводство учеными разделяются на определенные формы его осуществления [7; 1]. Например, А.Б. Зеленцов делит их на административно-тяжебную форму судопроизводства - это административная спорная и административная-деликтная или административно-наказательная [8], последнюю А.Ю. Якимов называет административно-наказательным или карательным административным судопроизводством [31]. Административно-тяжебное судопроизводство-это судебная форма защиты прав граждан и юридических лиц, предметом которого является административно-правовой спор с органами государственной власти, возбуждаемый в суде путем подачи административного иска (заявления). При этом административно-наказательное судопроизводство выступает как форма реализации административной ответственности.

**Рецензент: Муминзода Н.М. - к.ю.н., доцент ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2008№1, ст. 6-7.
2. Бойцова В. Нужна ли нам административная юстиция / В. Бойцова // Советская юстиция. - 1993. -№7. -С.12-13.
3. Зеленцов А.Б. Административно-правовой спор (теоретико-методологические подходы к исследованию) / А.Б. Зеленцов // Правоведение. - 2000. -№1.-С.68-79.
4. Зеленцов А.Б. Административно-правовой спор (теоретико-методологические подходы к исследованию) / А.Б. Зеленцов // Правоведение. - 2000. -№1.
5. Зеленцов А.Б. Содержание и виды административно-правовых споров // Административное право: теория и практика / А.Б. Зеленцов //Материалы научной конференции. –М., 28 ноября 2001. -М., 2002.
6. Зеленцов А.Б. Административно-правовой спор. Вопросы теории / А.Б. Зеленцов. -М.: РУДН, 2002.
7. Зеленцов А.Б. КАС РФ как предпосылка смены парадигмы в теории административного права / А.Б. Зеленцов // Административное право и процесс. -2015. -№11. -С.21-24.
8. Зеленцов А.Б. О предмете административно-правового спора / А.Б.Зеленцов, Ф.Ф. Яхин. -М.: Юрист, 2003. -№11. -С.34.
9. Зеленцов А.Б. Теоретические проблемы административного иска / А.Б. Зеленцов // Правоведение. - 2006. -№1.
10. Зеленцов А.Б. Понятия и виды споров об административной ответственности / А.Б. Зеленцов // Административное право и административный процесс. -М., 2007. -№1. -С.34-42.
11. Ибрагимов С.И. Некоторые положения законодательства Республики Таджикистан об административном иске / С.И. Ибрагимов // Российско-Таджикский (славянский) университет. Вестник университета. Научный журнал. -2012. -№1(36). -С.32-40.
12. Кодекс об административных процедурах Республики Таджикистан от 5 марта 2007 г., №232 Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007 год, №5.
13. Консультант Плюс/ http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_176147/?frame=3 (дата обращения 08.05.2015г).
14. Лупарев Е.Б. Понятие и признаки административно-правового спора / Е.Б. Лупарев // Журнал российского права. -2002. -№2. -С.44-51.
15. Лупарев Е.Б. Определение административно-правового спора / Е.Б. Лупарев // Проблемы административной юстиции.- М., 2002.
16. Лупарев Е.Б. Общая теория административно-правового спора / Е.Б. Лупарев. -Воронеж, 2003. -С.56.
17. Публично-правовой спор, как предмет административного судопроизводств//доступно на сайте: http://studies.in.ua/admin_proces-seminar/2125(время обращения март 2015г.)
18. Постановление Конституционного Суда РФ от 28 мая 1999. №9-П // Там же. 1999. № 23. Ст. 2890.
19. Сухарева В.Н. Сущность административно-правовых споров / В.Н. Сухарева // Юрист. -1999. -№10.
20. Севрюгин В.Е. Теоретические проблемы административного проступка: дисс. на соиск. учен.степ. докт. юрид. наук/ В.Е. Севрюгин. -М., 1994. -С.222.
21. Студеникина М. Административная юстиция: какой путь избрать в России / М. Студеникина // Российская юстиция. - 1996. -С.35-37.
22. Салищева Н. Г. О некоторых способах защиты и охраны прав, свобод и законных интересов в сфере деятельности исполнительной власти в РФ // Конституция РФ и совершенствование механизмов защиты прав человека / Н. Г. Салищева. - М., 1994. -С. 85-86.
23. Старилов Ю.Н. Административная юстиция. Теория, история и перспективы / Ю.Н. Старилов. -М.: Норма 2001. -С.134.
24. СЗ РФ. -1998. -№20. -Ст. 2173.
25. Постановление Конституционного Суда РФ от 28 мая 1999. №9-П // Там же. -1999. -№23. -Ст. 2890.
26. Хаманева Н.Ю. Защита прав граждан в сфере исполнительной власти / Н.Ю. Хаманева. -М., 1997. -С.115-135.
27. Хаманева Н.Ю. Теоретические проблемы административно-правового спора / Н.Ю. Хаманева // Государство и право. - 1998. -№13. -С.30.
28. Чечот Д.М. Административная юстиция (теоретические проблемы) / Д.М. Чечот. -Л.: Изд-во ЛГУ, 1973. -С.57-72.
29. Шергин А.П. Административная юрисдикция / А.П.Шергин. -М., 1979. -С.35.
30. Якимов А.Ю. Статус субъекта административной юрисдикции и проблемы его реализации / А.Ю. Якимов. -М., 1999. -С.114-115.

## МУАММОҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲСҲОИ МАЪМУРӢ – ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ПРЕДМЕТИ МУРОФИАИ СУДИИ МАЪМУРӢ

Муқаррароти назариявӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки предмети мурофиаи судӣ ва маъмуриро муайян мекунанд, таҳлил карда шудаанд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки дар доктринаи мурофиавии Тоҷикистон раванди мураккаб ва зиддиятноки тадриҷан бартараф намудани равиши ҳукмрон ба мурофиаи маъмурӣ, ки ҳанӯз дар замони шуравӣ муқаррар шуда буд, мавҷуд аст. Инро қабули КҲМ ҶТ ва ба он дохил намудани қоидаҳои мурофиаи судӣ оид ба баҳсҳои маъмурӣ собит мекунад. Дар баробари ин дар фаҳмиши предмети мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар шароити муосир як дуализми муайян ошкор мегардад: аз як тараф, он одатан парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд, дар бар мегирад, ва аз тарафи дигар, дар партави андешаҳои нав дар бораи мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамчун як шакли адолати судии маъмурӣ ба субъекти он баҳсҳои маъмурӣ ва ҳуқуқӣ дохил мешаванд.Бо таҳқиқи ин вазъияти ба ҳам зид муаллиф ба хулосае меояд, ки инъикоси расмии қонуни ҷамъиятӣ. Ихтилофи шаҳрванд бо мақомоти ҳокимият бояд аз рӯи хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии моддии маъмурӣ, объект ва субъектҳои он, ки мазмуни онҳо аз унсурҳои дахлдори муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ куллан фарқ дорад, муайян карда шавад. Қонунгузории мурофиавии муосир, ба андешаи муҳаққиқ, бояд сохтори соҳавии ҳуқуқи моддӣ, тартиби татбиқи ҳуқуқ ва ваколатҳои худро аз ҷониби субъектҳои он, хусусияти роҳҳои ҳифзи онҳоро равшан ва ба таври кофӣ инъикос намояд. Чунин равиш боиси пешбурди баҳси маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва фаҳмиши парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар навбати аввал ҳамчун маъмурӣ-баҳсӣ (ҳуқуқи инсон) мегардад, на маъмурӣ-ҷазодиҳӣ. Дар ин замина тамоюли муосир, ки барои давлатҳои пасошӯравӣ маъмул аст, маҳз дарк намудани баҳси ҳуқуқии маъмурӣ ҳамчун субъекти мурофиаи судии маъмурӣ ва хориҷ кардани муносибатҳои марбут ба ҳалли он аз доираи танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошад, ошкор карда мешавад.

**Калидвожаҳо**: баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, баҳсҳои идоракунӣ, муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, мурофиаи судии маъмурӣ, даъвои маъмурӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳуқуқҳои субъективии оммавӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ ОСМЫСЛЕНИЕ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО СПОРА КАК ПРЕДМЕТА АДМИНИСТРАТИВНОГО СУДОПРОИЗВОДСТВА

Анализируются теоретические положения и правовые нормы законодательных актов Республики Таджикистан, определяющих предмет судебно-административного процесса. В статье раскрывается, что в процессуальной доктрине Таджикистана идет сложный и противоречивый процесс постепенного преодоления сложившегося еще в советский период господствующего подхода к административному судопроизводству. Подтверждением этого является принятие КАП РТ и включение в него норм об исковом судопроизводстве по административным спорам. При этом выявляется определенный дуализм в понимании предмета административного судопроизводства в современных условиях: с одной стороны, в него традиционно включаются дела об административных правонарушениях, рассматриваемые в порядке ПКоАП РТ, а с другой, в свете новых представлений об административном судопроизводстве как форме административной юстиции к его предмету относятся административно-правовые споры, Исследуя эту противоречивую ситуацию, автор приходит к выводу, что формальное отражение публично-правового конфликта гражданина с властью, в сущности, должно определяться особенностями материального административного правоотношения, его объектом и субъектами, содержание которых принципиально отличны от соответствующих элементов отношений гражданско-правового характера. Современное процессуальное законодательство, по мнению соискателя, должно четко и адекватно отражать отраслевую структуру материального права, порядок реализации его субъектами своих прав и полномочий и специфику способов их защиты. Такой подход обуславливает выдвижение на первый план административно-правового спора в качестве предмета административного судопроизводства и понимание административного судопроизводства в первую очередь как административно-спорного (правозащитного), а не административно-наказательного. В этом контексте выявляется общая для государств постсоветского пространства современная тенденция понимания в качестве предмета административного судопроизводства именно административно-правового спора и исключение отношений, связанных с его разрешением, из сферы гражданско-правового регулирования.

**Ключевые слова:** публично-правовые споры, административные споры, публично-правовые отношения, административное судопроизводство, административный иск, административное правонарушение, публичные субъективные права.

## THEORETICAL UNDERSTANDING OF ADMINISTRATIVE LEGAL DISPUTES AS A SUBJECT OF ADMINISTRATIVE LEGAL PROCEEDINGS

Theoretical provisions and legal norms of the legislative acts of the Republic of Tajikistan, which determine the subject of the judicial and administrative process, are analyzed. The article reveals that in the procedural doctrine of Tajikistan there is a complex and contradictory process of gradually overcoming the prevailing approach to administrative proceedings that was established back in the Soviet period. This is confirmed by the adoption of the CAP RT and the inclusion in it of the rules on litigation in administrative disputes. At the same time, a certain dualism is revealed in the understanding of the subject of administrative proceedings in modern conditions: on the one hand, it traditionally includes cases of administrative offenses considered in accordance with the Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan, and on the other hand, in the light of new ideas about administrative proceedings as a form of administrative justice to its the subject includes administrative and legal disputes. Exploring this contradictory situation, the author comes to the conclusion that the formal reflection of the public law conflict of a citizen with the authorities, in essence, should be determined by the features of the material administrative legal relationship, its object and subjects, the content of which is fundamentally different from the corresponding elements civil law relations. Modern procedural legislation, in the opinion of the applicant, should clearly and adequately reflect

the sectoral structure of substantive law, the procedure for exercising its rights and powers by its subjects, and the specifics of ways to protect them. This approach causes the promotion of the administrative-legal dispute as the subject of administrative proceedings and the understanding of administrative proceedings primarily as administrative-controversial (human rights), and not administrative-punitive. In this context, a modern trend, common for the states of the post-Soviet space, to understand precisely the administrative legal dispute as the subject of administrative legal proceedings and the exclusion of relations related to its resolution from the sphere of civil law regulation is revealed.

**Keywords:** public law disputes, administrative disputes, public law relations, administrative proceedings, administrative claim, administrative offense, public subjective rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳматова Заррина Мирзобековна*** **–** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсентии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 микроноҳия, бинои 1

**Сведения об авторе:** ***Рахматова Заррина Мирзобековна*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права **Адрес:** **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, 17 микрорайон, дом 1

**Information about the author:** ***Rakhmatova Zarrina Mirzobekovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Ph.D. in Law, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law Address: Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, microdistrict 17, building 1

# СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

ТДУ: 327.3 (575.3)

## МАСЪАЛАИ МУҲОҶИРАТ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ АМНИЯТИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶАҲОНИ ГЛОБАЛИЗАТСИОНӢ

*Заҳруддинов И.З.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Глобализатсия равандест, ки баҳамназдикшавӣ, баҳамалоқамандӣ ва баҳамвобастагии ҷаҳонро суръат бахшида, аз як тараф идора ва назорати онро то андозае осон карда бошад, аз тарафи дигар, ин раванд мушкилиҳоеро ба миён овардааст, ки роҳи ҳалли онҳо заҳматталаб мебошанд. Чун онҳо мушкилсоз ҳастанд, аз ҷониби як-ду давлат ҳалли худро наёфта, дастгирию дахолати бештари давлатҳоро талаб доранд ва аз ин рӯ, онҳо ба худ хусусияти глобалиро касб мекунанд. Имрӯз дар ҷаҳон нобаробарии рушди давлатҳо вуҷуд дорад, ки таносуби вазъияти иҷтимоиро тағйир дода, мардумро водор мекунад, ки барои муҳайё намудани шароитҳои мувофиқ тарки ватани худ кунанд. Мушкилоти дигар дар он аст, ки дар давлат ва минтақаҳои мухталифи ҷаҳон ҷангу муноқишаҳои зиёд сурат гирифта истодаанд, ки ин низ аҳолии давлатҳои мухталифро водор мекунанд, ки тарки зодгоҳи худ карда, аз аҳли байти худ, аз Ватани худ дур шаванд. Мутаассифона, давлатҳое ҳастанд, ки сабабгори ба вуҷуд омадани ноорomiҳо дар канораҳои мухталифи ҷаҳон мешаванд ва ин барои пайдо шудани мушкилии муҳоҷират замина мегузорад. Барои бунёдкунандагони чунин ҳолатҳо манфиатҳои миллии давлатҳои зарурӣ аввалиндараҷа буда, бо амалишавии чунин мушкилотҳо онҳо ҳатто нафъ ҳам мебардоранд ва манфиати давлатҳои дигар бошад барои онҳо аҳамият надорад.

«Яке аз масъалаҳои глобалии замони муосир муҳоҷирати аҳолӣ мебошад, ки имрӯз дар ҷаҳон мубрамтар гардидааст. Муҳоҷират ё худ мигратсия аз калимаи лотинии migratio гирифта шуда, маънои кӯчидан, муҳоҷират, ҳиҷрат, муҳоҷиршавиро дорад. Муҳоҷирати аҳолӣ ин ҳиҷрати одамон ё тағйири ҷой барои зиндагии муваққатӣ ё доимӣ мебошад. Муҳоҷиратро аслан ба муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ (хориҷӣ) ҷудо мекунанд. Муҳоҷирати дохилӣ дар дохили давлат сурат мегирад, ки аҳолии як қисмати ноҳияҳо, вилоятҳо ё ҷумҳуриҳои дохилии давлат тағйири муваққатӣ ё доимии манзил мекунанд. Муҳоҷирати хориҷӣ ё берунаи аҳолӣ ин аз сарҳади давлат бурун шудани аҳолӣ бо ин ё он мақсад мебошад. Муҳоҷирати берунаи аҳолиро муҳоҷирати байналхалқӣ ном бурда, онро ба муҳоҷирати байниминтақавӣ ва дохилиминтақавӣ низ ҷудо мекунанд.

Имрӯз дар ҷаҳон аксаран муҳоҷирати хориҷӣ фаъол шуда, хусусияти глобалиро касб кардааст, ки таъсири амиқи худро ба вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ мерасонад. Навъҳои гуногуни муҳоҷирати хориҷиро ҷудо мекунанд: *муҳоҷирати меҳнатӣ,* яъне одамон барои дарёфти кор ва музди маош аз давлатҳои рӯ ба рушд ё оқибмонда ба давлатҳои рушдкарда ҳиҷрат мекунанд; *муҳоҷирати сиёсӣ,* вақте одамон бо хоҳиши худ ё бо таъсири гурӯҳе маҷбур мешаванд, ки мамлакати худро тарк намоянд; *муҳоҷирати динӣ,* вақте ба ақаллияти динӣ аз ҷониби аксарияти динӣ ё дигар гурӯҳҳо фишороварию таъқиб раво дониста мешавад ва ақаллият маҷбур мешаванд, ки қаламрави мамлакатро тарк намоянд; *муҳоҷирати ҳарбӣ,* вақте дар дохили ин ё он давлат муноқишаю ҷангҳо рух медиҳанд ва аҳолии давлат маҷбур мешавад, ки ба хотири амнияти худ тарки давлат карда, ба давлатҳои дигар муҳоҷир шаванд; *Муҳоҷирати илмӣ,* вақте донишмандону олимони забардаст тарки мамлакат мекунанд» [2,с.137-146]. Ҳамаи навъҳои зикршудаи муҳоҷират амалан имрӯз дар ҷаҳон вуҷуд дошта, дар ҳар давлат шакли гуногуни он сурат мегирад.

Агар ба таърихи масъалаи муҳоҷират назар андозем, пас мушоҳида мегардад, ки муҳоҷират низ қарибки ҳамқадами раванди глобализатсия мебошад. Таҳлили равандҳои глобализатсионӣ ду навъи муҳоҷирати хоси замонҳои пешинро нишон медиҳад. Аввалан, ибтидои муҳоҷират аз забткориҳои давлатҳои мухталиф, аз Миср

оғоз карда, то Империяи Риму забткориҳои арабҳоро фаро мегирифт. Дуввум, муҳоҷиратро таҳаввулоти хаотикии қабилаҳо ва халқиятҳои кӯчманчӣ ба миён меоварданд, ки сохтори иҷтимоӣ ва низоми сиёсии онҳо дар ҳоли пайдошавӣ буд. Дар тули асрҳои XIX ва XX раванди муҳоҷират тағйир ёфта, шаклҳои навро ба худ касб намуд. Раванди амалишавии он тасодуфӣ набуда, аз ташаккулёбии заминаҳои аввали ҷомеаи шаҳрвандӣ (civil society) ва давлати миллӣ вобаста мебошад, ки шакли дуюминро агар миллат-давлат (nation-state, État-nation) ном барем ба воқеят мувофиқтар мебошад. Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқу озодиҳои шахсиро таъмин намуда, ба ӯ имкон медоданд, ки ихтиёран ҷойи сукунати худро интихоб намояд. Давлати миллӣ бошад ҷангҳои диниро бартараф намуда, майли рушди иқтисодиро зиёд кард, ки хоҳу ноҳоҳ барои амалишавии он зарурат ба муҳоҷирон пайдо гашта, раванди муҳоҷират муътадил сурат гирифт. Бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Урупо ва таъсиси давлатҳои миллӣ сарҳади давлатҳои алоҳидаи минтақаро мушаххас намуда, принсипҳои шаҳрвандиро тасдиқ намуданд, ки дар пояи онҳо мафҳумҳои эмигратсия ва иммигратсия пайдо гаштанд [3,с.61-75].

Агар имрӯз вазъияти муҳоҷиратро дар ҷаҳон таҳлил намоем, маълум мегардад, ки аҳолии давлатҳои оқибмонда ва рӯ ба рушд бештаран ба давлатҳои Урупои Ғарбӣ ва ИМА ҳиҷрат мекунанд ва онҳо сабабҳои мухталиф дошта, бо қолабҳои пештара онҳоро таҳлил намудан на ҳама вақт мувофиқ меояд. Олими муосири амрикоӣ С. Хантингтон ба маврид қайд мекунад, ки «Муҳоҷират ба сифати мушкилоти марказии замони мо баромад мекунад, чун омилҳои мутобиқшавии мавҷҳои пештараи иммигратсия, ки дар миёнаи асри XIX ва дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба кор меомаданд, имрӯз аллакай натиҷа намедиҳанд» [3,с.61].

Яке аз сабабҳои асосии зиёдшавии муҳоҷират дар солҳои охир ҷангҳои мухталиф дар давлатҳои ҷаҳон, ба монанди Ироқ, Сурия, Ливия, Афғонистон, Украина ва ғ. ба ҳисоб мераванд. Дар аксари давлатҳои номбаршуда ҷангҳоро давлатҳои ғарбӣ ташкил кардаанд ё ба онҳо дахолат намуда, вазъияти дохилии давлатҳоро ноором намуданд ва аҳолии давлатҳо маҷбуран роҳи ҳиҷратро ихтиёр намудаанд. Иштибоҳи бузурги давлатҳои ғарбӣ дар он аст, ки имрӯз онҳо худро фиреб карда истодаанд, зеро ки онҳо мехоҳанд бо ин тарз «гуманизм»-и худро нишон диҳанд, аммо ин ҳатман дар оянда, ҳатто дарояндаи наздик ба онҳо гарон меафтад. Ин тамоюл дар чӣ зуҳур мегардад? Аввалан, муҳоҷирони зиёди ба давлатҳои ғарбӣ вурудшуда бештаран аз давлатҳои оқибмонда буда, характер ва менталитети онҳо тамоман дигар мебошад ва ба маданияти урупоӣ ё ғарбӣ пурра мутобиқ намешаванд. Дуюм, чун аксаран давлатҳои ин муҳоҷиронро давлатҳои ғарбӣ валангор намудаанд захму нафрати дохилии онҳо ба зудӣ (шояд ҳеҷ гоҳ) шифо наёбад ва дар мавриди мувофиқ ҳатман қасоси худро мегиранд. Сеюм, бисёрии муҳоҷирони ба давлатҳои мухталиф (аз он ҷумла ба давлатҳои ғарбӣ) вурудшуда саводи кофӣ надоранд ва дар ҷойҳои кории арзанда мақоми худро пайдо карда наметавонанд. Чорум, як қисмати мушаххаси муҳоҷирони ба давлатҳои ғарбӣ вурудшуда пайравони дини ислом мебошанд, ки барои мутобиқшавии онҳо ба фарҳанги ғарбӣ монеа мешавад. Панҷум, дини ислом ба ҳамаи он тағйиротҳои ифротии ба истилоҳ «ахлоқию арзишии ғарбӣ», ки имрӯз дар давлатҳои ҷаҳони ғарбӣ ошкоро ташвиқ карда шуда истодааст, комилан зид буда, иллати сар задани нофаҳмию нооромиҳо дар ҷомеаҳои ғарбӣ мегардад. Шашум, давлатҳои ғарбӣ бо паҳн намудани мавҷҳои нави глобализатсияи фарҳангӣ мехоҳанд мақоми динҳои классикӣ, махсусан дини исломро паст кунанд, аммо ин ҳатман ба бархӯрди динӣ-тамаддунӣ оварда мерасонад, ки бо ғалабаи ҷомеаи ғарбӣ пурра тамом мешавад гуфтан, ба ақли солим рост намеояд. Аз ин рӯ, давлатҳои ғарбӣ он чизеро ки кишт намуданд (яъне, дар дигар давлатҳо ҷангҳоро ташкил намуда, истиқлолияти давлатии он давлатҳоро зери суол монданду сабаби пайдошавии муҳоҷирати бузург гаштанд), ҳатман дар оянда дар сурати нооромиҳои дохилии давлатҳои худ ҳосил мебардоранд.

Сабаби дигари муҳоҷирати аҳолӣ ин рушди нобаробари давлатҳо ва тафовути вазъияти иҷтимоии одамон мебошад, ки барои беҳтар намудани он одамон ба давлатҳои рушдкарда ҳиҷрат мекунанд. Масъалаи муҳоҷират имрӯз дар тамоми ҷаҳони мушкилоти нигаронкунанда мебошад ва давлатҳо бо роҳҳои мухталиф мехоҳанд пеши

роҳи онро бигиранд. Ҳалли ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошад, ки дар давлати мо низ шумораи муҳоҷирон, махсусан муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар хеле зиёд мебошанд. Муҳоҷирони тоҷик дар давлатҳои Федератсияи Россия, Қазоқистон, Курёи Ҷанубӣ, Британияи Кабир, Олмон, ИМА ва якчанд давлатҳои дигар кору фаъолият мекунанд. Аз ҳаҷми умумии ҳамаи муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 95 фисади онҳо дар Федератсияи Россия кору фаъолият мекунанд [10]. Бо сабаби вазнин намудани қонунгузориҳои муҳоҷират аз тарафи Россия шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилиҳои мухталиф рӯ ба рӯ мешаванд. Дар Федератсияи Россия барои муҳоҷирони давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё бисёр сабукиҳо ворид карда шудааст. Дар сурати ҳамроҳ гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё шаҳрвандони ҷумҳурии мо низ метавонанд аз чунин имтиёзҳо бархӯрдор гарданд. Ҳоло бошад шаҳрвандон барои гирифтани патент ё иҷозатномаҳои мухталиф маблағи зиёдро сарф мекунанд ва ин кафолати он шуда наметавонад, ки онҳо дар оянда аз тарафи Хизмати федералии муҳоҷирати Федератсияи Россия ба мушкилӣ дучор нахоҳанд гашт. Бартарии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё инчунин дар он зуҳур мегардад, ки натиҷаи меҳнати муҳоҷирони дар давлатҳои аъзо кору фаъолият мекарда ба собиқаи кориашон низ ворид шуда, барои гирифтани нафақаиояндаи онҳо мусоидат хоҳад кард [15].

Албатта, муҳоҷирати меҳнатӣ паҳлуи мусбати худро дошта, аз як ҷиҳат барои таъмин намудани тавозун дар ҷомеа мусоидат намуда, ба он таъсири мусбат мерасонад. Дастовардҳои моддию молиявии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам ба хазинаи молиявии оилаҳо ва ҳам ба хазинаи давлатию муносибатҳои бозоргонӣ дар давлат таъсири мусбат расонида, иқтисодиёти дохилии давлатро то андозае фаъол мегардонад. Аз дигар тараф, муҳоҷират ба истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ низ мерасонад ва он таъсиррасониҳоро метавонем ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо кард:

1. Зиёда аз миллион нафар аҳолӣ дар хориҷи кишвар кору фаъолият мекунанд ва ҳамаи истеҳсолот ва дастовардҳои онҳо на барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои давлатҳои хориҷӣ монда мешаванд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар Паёми 2021 ҳаминро дар назар дошта, қайд намуд ки «ин кумакҳо барои иқтисодиёти давлатҳои хориҷӣ мебошанд» [12]. Албатта, ин маънои онро надорад, ки мо барои бурун шудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар монеа бунёд кунем. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар барои пайдо намудани қути лоямут меҳнат карда, ба бисёр мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд ва рӯз то рӯз талаботи кордиҳандаҳо дар хориҷ, махсусан дар Федератсияи Россия вазнин шуда истодааст. Имрӯз Россия аз давлатҳои Осиёи Марказӣ талаб мекунад, ки марказҳои омӯзиши муҳоҷиронро дар дохили давлат ташкил намоянд. Дар ин Марказҳо ба муҳоҷирон забони русӣ, маданияти рафтор ва дигар талаботҳои муҳоҷиратро омӯзонидан лозим аст, ки баъди воруди онҳо ба Федератсияи Россия ягон мушкилӣ рух надиҳад. Албатта, Россия бо ин иқдомҳои худ вуруд ва хуруҷи муҳоҷиронро назорат намуда, муҳоҷирони барои худ нолозимро аз давлати худ ихроҷ мекунад ва ба давлат ҳамон муҳоҷиронеро иҷозати вуруд медиҳад, ки менталитеташон бо менталитети россиянҳо наздик бошад ва муҳоҷирон доғи вазнини судӣ надошта бошанд, чун замонҳои охир мушоҳида мегардад, ки муҳоҷирони аз давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла аз Ҷумҳурии Тоҷикистон вурудшуда ба бисёр ҷиноятҳои вазнин даст мезананд. Ин қоидаҳои нав ба нав пайдо намудани корро барои муҳоҷирони меҳнатӣ вазнин мекунад ва онҳо наметавонанд сари вақт барои оилаҳои худ маблағи заруриро ирсол намоянд. Масалан, пайдошавӣ ва авҷи бемори COVID-19 ё коронавирус низ барои онҳо як мушкилии навро ба миён оварда буд, чун дар бештари давлатҳои хориҷӣ корхонаҳо корро кам намуданд ё дарҳои худро баста буданд, ки ин дар навбати худ сабаб шуд то муҳоҷирон як муддати зиёд бекор монанд ва замони то андозае паст гаштани сатҳи ин беморӣ муҳоҷирони меҳнатӣ боз имконият пайдо намуданд, то фаъолияти меҳнатии худро идома диҳанд. То соли 2016 муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Федератсияи Россия ба ватан ҳар сол 3-4 млрд. доллари амрикоӣ ирсол менамуданд ва баъдан ин рақам камтар шудан гирифт. Масалан, соли 2019 2,6 млрд. доллари амрикоӣ, соли 2020 1 млрд. 741 млн. доллари амрикоӣ, соли 2021 зиёда 1,5 млрд доллари амрикоӣ ирсол карда шуд [8], аммо

воқеаҳои солҳои охир метавонад инро ҳам камтар намояд, ки он таъсири манфии худро ҳатман ба вазъияти иҷтимоии оилаҳои тоҷик мерасонад.

2. Аксари муҳоҷирони меҳнатии мо дар Федератсияи Россия кор мекунанд ва дар сурати депортатсия ё ихроҷ шудани онҳо аз тарафи Россия барои амнияти дохилии мо метавонанд хатарсоз бошанд. Воқеан онҳо барои амнияти дохилии давлат хатарнок мебошанд, чунки «Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаҳои аз ҳама душвор дар соҳаи ҷараёни муҳоҷират густариш ёфтанд. Ҳатто бе назардошти он, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2000, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муҳоҷират» қабул шудааст ва Хадамоти давлатии муҳоҷират дар назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд, ҳоло ҳам баъзан масъалаҳои ҳуқуқии муҳоҷиратӣ коркард нашудаанд. Ба ҳар сурат, баргаштани муҳоҷирони гуногун аз кишварҳои дигар, ки аксари онҳо муҳоҷирони «иқтисодӣ» мебошанд, аз худ масъалаи афзуншавии амниятро зоҳир менамоянд» [6,с.158-159]. Аз ин рӯ, хатар дар он зуҳур мешавад, ки ин муҳоҷирон кам аст ё зиёд дар хориҷи кишвар кору фаъолият карда, бо маош таъмин буданд ва ба фикрҳои ғалат, аз он ҷумла ба масъалаҳои сиёсӣ камтар диққат медоданд, ҳатто нисбат ба ин масъала то андозае бепарво низ буданд. Мутаассифона имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи ин шаҳрвандони худ дар дохили давлат шароити кории мусоидро муҳайё карда наметавонад. Аз дигар тараф, маоши аз тарафи корхонаҳои ватанӣ, махсусан корхонаҳои давлатӣ пешниҳодмешуда онҳоро қаноатманд карда наметавонад. Агар мардуми дохилӣ бо ин маоши кам одат карда бошанду бо он то андозае қаноат кунанд, пас муҳоҷирони меҳнатӣ инро қабул надоранд. Мардуми кордида ва пулдидаи бекор аз худ бомбаи оҳиста-оҳиста таркандаро мемонад, ки он хоҳу нохоҳ имрӯз ҳам набошад, пас пагоҳ ҳатман ба таркидан меояд.

3. Бештари муҳоҷирони меҳнатии дар Россия кору фаъолияткунанда барои Федератсияи Россия як олоти фишороварӣ нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Инро мо ҳар замоне, ки муносибатҳои мо бо Россия сард мешаванд, баръало мушоҳида мекунем. Федератсияи Россия як қисмати шаҳрвандони моро депортатсия мекунад ва ҳукумати моро ҳушдор мекунад, ки дар сурати ба шартҳои онҳо розӣ нашудан метавонанд, ки шаҳрвандони боқимондаи моро, ки шумораи зиёдро ташкил медиҳанд ба Тоҷикистон фиристонад, то вазъияти дохилии давлати мо муташанниҷ гардад. Психология ва менталитети шаҳрвандони дар муҳоҷират буда мехоҳем ё на хеле тағйир ёфтааст ва онҳо аз шаҳрвандони дар дохили давлатбуда фарқ мекунанд. Онҳо шарту шароитҳои дохили давлатро метавонанд қабул накунанд ва норозигии худро ошкоро баён кунанд.

Бинобар ин, мо чӣ қадаре Федератсия Россияро шарики стратегӣ ва боваринок ҳисоб накунем ҳам, бояд сиёсати макиавелчигиро ҳеҷ вақт фаромӯш накунем ва Россия дар навбати худ чунин сиёсатро дар чандин мавридҳо ба мо нишон дода буд. Перомуни ин масъала андеша накардани ҳукумат ғалат буда, хатогии ҷиддии стратегӣ ва сиёсӣ мебошад.

4. Сатҳи саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ хуб нест. Бештари муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар дар бахшҳое кору фаъолият мекунанд, ки ба саломатии онҳо зиён мерасонад. Онҳо ё ба корҳои вазнини ҷисмонӣ банданд, ё дар соҳаҳо ва минтақаҳои зарарнок бидуни таъминоти дурусти тиббӣ фаъолият мекунанд, ё тамоми фаслҳои сол дар берун фаъолият мекунанд ва амсоли инҳо, ки таъсири он дар саломатӣ ва зиндагии ояндаи онҳо ҳатман ҳис карда мешавад. Бештари муҳоҷирони меҳнатӣ ба саломатии худ каматр диққат дода, аз назорати табибон сари вақт намегузаранд ва ё дар марказҳои табобатию истироҳатгоҳҳо саломатии худро дуруст барқарор намекунанд. Чун ҷавонтар ҳастанд худи ҷисми онҳо бо ин мушкилиҳо мубориза мебарад, аммо баъд аз чанд соли дигар дар онҳо касалиҳои мухталифе пайдо мегардад, ки бо ҳамаи маблағҳои коркардаашон саломатии худро барқарор карда наметавонанд. Аз чунин одамон фарзанди солим (агар шавад) тавлид шудан мушкил аст ва ин зарба ба саломатии насли ҷавони давлату миллат мебошад.

5. Муҳоҷироне, ки дар хориҷӣ кишвар давраи тӯлонӣ кору фаъолият мекунанд ҳувияти миллии худро оҳиста-оҳиста аз даст дода истодаанд.

Ҳанӯз дар миёнаи садаи XIX дар чашми муҳоҷирони аз давлатҳои урупоӣ, ба монанди ирландиҳо, шотландиҳо, фаронсавиҳо, олмониҳо, итолиёиҳо, испаниҳо ва ҳатто скандинавҳои ба ИМА кӯчбаста «Америка дар қиёс бо давлатҳои худашон хело зебо менамуду [дар натиҷаи он] ҳар як муҳоҷири ба қарори амрикоишудан меомад, ба зуди дар худ ҳисси ватанпарастиро нисбати давлати навашон пайдо менамуд» [3,с.65]. Ҳаводиси таърихиро таҳлил намуда, бидуни хато ба хулосагирие омадан мумкин аст, ки муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, ки дар хориҷи кишвар кору фаъолият мекунанд вазъи зиндагии хубро соҳиб гашта, бароиояндаи худ ва фарзандонашон метавонанд ба осонӣ аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон даст кашанд ва майл ба он давлати сукунатдоштаашон намуда, ҳатто аз шаҳрвандони таҳҷоии он давлатҳо бештар меҳанпараст гарданд. Агар худи онҳо ба давлати навашон содиқ шаванд, пас фарзандони онҳо бошанд бевосита худро пурра ғайритоҷик ҳис хоҳанд кард, ки ин зарба ба ҳувияти миллии мо мебошад. Мо дар ин ҷо наметавонем ба тарафи замини онҳо санг занем, чун мо натавонистем шароитҳои хуби зиндагиро барои онҳо муҳайё намоем. Шиками фарзандону кӯдаконро бо ғояи ватандӯстиву ҳувияти миллӣ сер кардан нашавад ва дар баҳогузорӣ ва муносибат ба ин масъала бисёр ҷиддӣ рафтор намудан лозим мебошад. Агар шаҳрвандони муҳоҷири мо чунин паёмадро ихтиёр кунанд, пас ин дар сиёсати ташвиқотии мо перомуни ватандӯстиву баланд бардоштани ҳувияти миллӣ дар давлат зарбаи сахт мебошад.

Шояд касе гӯяд, ки онҳо барои хуб кардани вазъияти иҷтимоии худ шаҳрвандии хориҷиро гирифта истодаанд ва хоҳу ноҳоҳ онҳо ба ватани худ, яъне ба Тоҷикистон бармегарданд. Аввалан, шаҳрвандоне, ки имрӯз шаҳрвандии хориҷиро гирифта истодаанд бигзор ба ҷумҳурӣ баргарданд ҳам, аммо дар хориҷ кору фаъолият мекунанд ва бештари натоиҷи меҳнати онҳо бар нафъи давлати мо нест. Дуюм, имрӯз худи онҳо чун насли тавлидшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд майли Ватан мекунанд, аммо насли онҳо ва фарзандони онҳо, ки дар хориҷи кишвар таваллуд мешавад, дигар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ нахоҳанд кард ва ватани худро на Тоҷикистон, балки давлати хориҷӣ, яъне давлате, ки дар он ҷо сукунат мекунанд, ҳисоб кунанд. Сеюм, агар онҳо ватани дигар пайдо кунанд ва робитаҳои шаҳрвандӣ ва хешу табории худро аз ҷумҳурӣ дур кунанд, пас даромадҳо аз ҳисоби ирсоли маблағҳои муҳоҷирон низ кам мегардад. Чорум, давлате, ки тавозуни иқтисодиёташро аз ҳисоби маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ баробар мекунад, ҳеҷ гоҳ ба давлати мустақили рушдкарда, ба истилоҳ nation-state табдил намеёбад. Панҷум, агар имрӯз мушоҳида кунем ба қатори муҳоҷирони меҳнатӣ на танҳо мардуми одӣ, инчунин донишмандон низ дохил буда, онҳо давлатро тарк намуда истодаанд, ки худи онҳо ва махсусан фарзандони донишманди онҳо дигар барои давлати дигар хизмат мекунаду Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад барои онҳо давлати бегона хоҳад буд.

6. Яке аз масъалаҳои нигаронкунанда дар муҳоҷирати шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар он зуҳур мегардад, ки муносибатҳои оилавӣ, яъне муносибати зану шавҳар, волидайну фарзандон то андозае вайрон мегардад [4]. Дар нигоҳи аввал, шояд масъала ҷиддӣ гирифта нашавад ё баъзеҳо саҳлангорӣ намуда, ҳатто писханд мекунанд, ки аввалан, ин чӣ мушкилот аст ва дувум, мардуми муҳоҷир барои кор кардан ва таъмин намудани ҳамин оилаи худ мераванд ва оила дар навбати худ маҷбур аст, ки ба баъзе қурбониҳо роҳ диҳад, чун падар ё модар барои таъмини онҳо ба муҳоҷират рафтааст. Дуруст аст, ки онҳо барои таъмини оилаҳои худ рафтаанд, на барои вақтхушӣ, аммо дурӣ аз ватану оила чӣ қадар замонро дар бар мегирад бисёр муҳим мебошад. Муҳоҷироне ҳастанд, ки аз 1 то 3-4 сол ва ҳатто аз ин ҳам зиёдтар ба назди оилаҳои худ барнамегарданд. Дар баробари масъулиятҳои таъмини камбудиҳои моддии оилаҳои худ набояд вазоифи волидайнӣ ва вазоифи зану шавҳариро нодида гирифт. Ин ду масъалаи гузошта бисёр муҳим ва нигаронкунанда мебошанд. Масъалаи аввал, агар мо оилаҳои бо волидайн тарбияёфтаро бо оилаҳои волидайни дар муҳоҷиратбуда қиёс намоем, он гоҳ баръало зуҳур мегардад, ки дар оилаҳои гурӯҳи дувум фарзандон аз муҳаббати волидайн камтар воқиф буда, ба он эҳтиёҷи бисёр доранд. Ин дар навбати худ ба он оварда мерасонад, ки наздикии тарафайни волидайн бо фарзандон заиф гардад ва ягон пулу мол ҷойи онро пур карда наметавонад. Пас, мо мехоҳем ё на

муҳоҷирати аҳолӣ, дар мисоли мо муҳоҷирати маҷбурии меҳнатии мо – оила, муносибатҳои тарафайни онҳо, меҳру муҳаббатро заиф мегардонад, ки ин ба ноустуворӣ ва беиттифоқии оилаҳо бурда мерасонад. Беҳуда дар масали халқӣ нагуфтаанд, ки «аз чашм дур шавӣ, аз дил низ дур мешавӣ!». Масъалаи дувум, муносибати бевоситаи зан ва шавҳар дар ин замон чӣ хел сурат мегирад. Замоне, ки яке аз намояндагони оила (хоҳ мард бошад ва хоҳ зан) чанд сол тарки ватану оила мекунанд, беихтиёр дар муносибатҳои онҳо мушкилиро ба миён меорад. Масалан, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан кодекси оила якканикоҳӣ нишон дода шудааст [5] ва риояи он аз шаҳрвандон талаб карда мешавад, дар сурати дигар мушкилиҳои онҳо бо қонун пайдо мегардад. Аммо муҳоҷирони мо, махсусан мардон муддати тӯлоние, ки дар хориҷи кишвар фаъолият мекунанд ба моҳияти қонун эътибор намедиҳанд ва риоя ҳам намекунанд ва барои талаботҳои худ роҳҳои мухталифро истифода мекунанд. Онҳо метавонанд, ки бо занҳои дигар бошанд ва гурӯҳе ҳатто дар хориҷи кишвар ду бору се бор ва ҳатто зиёдтар ҳам оила бунёд мекунанд. Мо гурӯҳҳоеро, ки барои иҷозати меҳнатӣ гирифтан дар хориҷ ё гирифтани шаҳрвандӣ оиладор мешаванд ба ин шумор дохил ҳам намекунем. Яъне, муҳоҷирони мо дар замони набудани худ дар назди оилаҳо чунин муносибатҳоро бунёд мекунанд. Мо дар ин ҷо касеро муҳокима накарда истодаем, фақат хотирасон карда истодаем, ки ин суханҳо воқеӣ ва далелнок мебошанд. Гузашта аз ин, ҳастанд шаҳрвандоне, ки аз тарафи онҳо дар замони муҳоҷират ягон камбудӣ намешавад ё шаҳрвандоне, ки бо оилаҳои худ якҷоя дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Сухан ин ҷо дар бораи он мушкилиҳое рафта истодааст, ки муҳоҷирати меҳнатии тӯлонӣ ба сари оилаҳои тоҷик чӣ борро меорад? Агар мардони як муддати зиёд дар муҳоҷиратбуда мушкилотҳои биологии худро ин тавр қонеъ намоянд, пас саволе пайдо мешавад, ки занҳо чӣ кор мекунанд. Намехоҳем сари ин масъала бисёр равшанӣ андозем, чун барои фарҳанги мо душворҳазм мебошад, аммо мушкилии асосии солҳои охир бамиёномада – ин зиёдшавии бероҳагардӣ (фоҳишагарӣ) дар оилаҳо, махсусан дар оилаҳои муҳоҷирон мушоҳида мегардад. Солҳои охир бисёр мушоҳида мегардад, ки чунин сурат гирифтани муносибатҳои оилавӣ ба вайроншавии оилаҳои тоҷик ва ҳатто дар пояи номусу амсоли он куштори яке аз тарафҳои оила, яъне ё зан ва ё мард зиёд шудааст. Ин дар навбати худ, ба бадбинию душмании оилаҳо ва авлодони онҳо бурда мерасонад. Яъне, муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити имрӯза агар аз як тараф, барои бартараф намудани мушкилиҳои оилавии шаҳрвандон таъсири мусбат расонад (чун дар аксари оилаҳои тоҷик хоҳу нохоҳ ягон намоянда дар хориҷи кишвар кору фаъолият мекунад), аз дигар тараф бошад, далелҳои овардашудаи боло исбот мекунанд, ки дар замони тӯлонӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба институти оила ва никоҳ дар ҷумҳурӣ зарбаи марговар мезанад. Мо бояд дар вақти омӯзиш ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ диҳем, аммо дар фарҳангу менталитети мардуми мо одат шудааст, ки оид ба ин масъалаҳо ошкоро суҳбат накунем ва мардуми мо фикр мекунанд, ки чунин рафтор ба масъала нодуруст аст ва ҳатто ғайриахлоқист ва ин масъала худ ба худ роҳи ҳалли худро меёфта бошад. Афсӯс, аммо аз мушкилӣ гурехтан ва мисли «шутурмурғ (страус) сарро зери хок кардан» – ин маънои онро надорад, ки хатар бартараф гашт. Баръакс, гурехтан аз мушкилӣ дурнамои онро боз вазнинтар мекунад, пас ба ин мушкилӣ ба таври ҷиддӣ андеша карда шавад.

Умуман, Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳамаи ин далелҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, бояд ҳатман стратегияиояндаи давлатӣ ва муҳоҷиратро дурустттар коркард ва амалӣ намояд. Бояд дар ҷумҳурӣ ҷойҳои кориро ташкил намуда, шаҳрвандонро бо кор таъмин намояд, то заифӣ ва вобастагии давлат аз дигар давлатҳо камтар ҳис гардад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2019 қайд намуд, ки «Мувофиқи маълумоти оморӣ соли ҷорӣ шумораи шаҳрвандони мо, ки берун аз кишвар фаъолияти меҳнатӣ доранд, қариб 60 фоиз кам шудааст, ки ин натиҷаи рушди иқтисодиёт ва ташкили ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар мебошад. Шумораи аз ҳама зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ 1 миллиону 100 ҳазор нафар ба соли 2010 рост меояд. Соли ҷорӣ ин рақам 486 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти марказиву маҳаллӣ, корхонаву муассисаҳо, ҷомеаи

шаҳрвандӣ, ташкилоту муассисаҳои давлативу ғайриҳукуматӣ, соҳибкорону тоҷирон ва умуман, ҳар як фарди ватандӯсту бонангу номусро зарур аст, ки барои ташкил кардани ҷойҳои корӣ дар кишвар талош намоянд» [11]. Албатта, яке аз сабабҳои асосии кам шудани муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, аз он ҷумла дар Федератсия Россия ин пандемияи коронавирус буд ва замони сабук кардани талаботҳои муҳоҷират аз ҷониби Россия шумораи муҳоҷирони тоҷик боз босуръат баланд шуд, чун маоши дар корхонаҳои ватанӣ барои мардум пешниҳодмешуда нисбат ба корхонаҳои Федератсияи Россия якчанд маротиба камтар мебошад. Аз ин рӯ, мардум мақоли «Моҳӣ ҷуқуриро меҷӯяду одам беҳтарин шароитро!» сармашқи худ карда, ба Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, барои оилаҳои худ шароити беҳтарро муҳайё менамоянд. Сарфи назар аз ҳамаи ин мушкилотҳо мо бояд иқтисодиёти дохилиро устувор намуда, шаҳрвандонро бо кор таъмин намоем, то онҳо ба хориҷи кишвар ба муҳоҷират камтар рафта, дар давлати худ кору фаъолият намоянд ва барои давлату халқи худ хизмат намоянд. Ин дар навбати худ ба он оварда мерасонад, ки аз як тараф иқтисодиёти ҷумҳурӣ рушд менамояд ва аз дигар тараф, ягон хатари беруна истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳдид нахоҳад кард.

**Муқарриз: Муминов А.И. - д.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Закон Республики Таджикистан о миграции (Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 год, № 12, ст. 320; 2002 г., № 4, ч. 1, ст. 248; 2005 г., № 12, ст. 657; 2008 г., № 12, ч. 2, ст. 1004; 2010 г., № 1, ст. 15).
2. Захруддинов, И.З. Мушкилоти муҳоҷирати аҳолӣ ва таъсири он ба давлатҳои миллӣ / И.З. Захруддинов // Равандҳои ҷаҳони муосир ва ояндабинии иҷтимоӣ. -Душанбе: Пойтахт, 2017. -С.137-146.
3. Иноземцев, В.Л. Потерянное десятилетие / В.Л. Иноземцев. -М.: Московская школа политических исследований, 2013. -600 с.
4. Исследовательский доклад «таджикская трудовая миграция в условиях глобального финансового кризиса: причины и последствия» / Авт. сост. Х. Умаров. -Душанбе, 2010. - 118 с.
5. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 22, мод. 303; соли 2006, № 4, мод. 196; соли 2008, № 3, мод. 201; соли 2010, № 7, мод. 546; соли 2011, № 3, мод. 177; № 12, мод. 855; соли 2013, № 3, мод. 195; соли 2015, № 11, мод. 960; соли 2016, № 3, мод. 143; № 11, мод. 881; соли 2017, № 1-2, мод. 18).
6. Маҳмадов, А. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография / А. Маҳмадов. -Душанбе: ЭР-граф, 2016. -264 с.
7. Модернизация и глобализация: образы России в XXI веке / Рос. акад. наук, Ин-т философии; Отв. ред. В.Г. Федотова. -М.: ИФРАН, 2002. -208 с.
8. Объем денежных переводов из России в Таджикистан вырос и достиг 2,6 миллиарда долларов. [Электронный ресурс]. URL: https://orenburg.migranews.ru/articles/news/ (дата обращения: 07.05.2022).
9. Таджикистан 2020: актуализация рисков и угроз, сценарии развития: научно-аналитический доклад / Научный редактор Р. Хайрутдинов. -Казань: Издательство Казанского университета, 2020. -80 с.
10. Трудовая миграция из Таджикистана. [Электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/migration/20190910/1029833969/ Tajikistan-trudovaya-migratsiya-vyrosla.html (дата обращения: 02.01.2022).
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019. [Манбаи электронӣ]. URL: https://president.tj/node/13739/ (санаи истифодабарӣ: 19.11.2021).
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://president.tj/node/13739/ (санаи истифодабарӣ: 25.11.2022).
13. Улмасов, Р.У. Влияние внешней миграции на брачность и разводимость мигрантов / Р.У. Ульмасов // Электронный мультидисциплинарный научный журнал с порталом международных научно-практических конференций - интернетнаука. – 2017. -№3. -С.33-46.
14. Умаров, Х. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование) / Х. Умаров, Р. Ульмасов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -320 с.
15. Что нужно знать о получении пенсии в странах ЕАЭС. [Электронный ресурс]. URL: https://egov.kz/cms/ru/articles/eaes-1/ (дата обращения: 24.03.2023).


## МАСЪАЛАИ МУҲОҶИРАТ ҲАМЧУН ТАҲДИДИ АМНИЯТИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶАҲОНИ ГЛОБАЛИЗАТСИОНӢ


Дар мақола масъалаи муҳоҷират, ки дар ҷаҳони глобализатсионӣ ба яке аз масъалаҳои глобалӣ табдил ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилоти ҷиддӣ

мебошад, чун як қисмати зиёди аҳолии мамлакатро муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Дар мақола нишон дода мешавад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба якчанд гурӯҳ ҷудо мешавад: муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар кору фаъолият намуда, дастовардҳои онҳо барои давлатҳои хориҷӣ мемонанд; бештари муҳоҷирон дар Федератсияи Россия кор мекунанд ва дар сурати ихроҷ шудану дар ҷумҳурӣ бо кор таъмин нагаштан, онҳо метавонанд барои давлат хатарсоз гарданд; вобаста ба манфиатҳои сиёсӣ Федератсияи Россия муҳоҷиронро барои муташанниҷ кардани вазъияти дохилии давлати мо ихроҷ карда, ҳукуматро таҳдид мекунад; муҳоҷироне, ки дар хориҷӣ кишвар давраи тулонӣ кору фаъолият мекунанд, метавонанд ҳувияти миллии худро аз даст диҳанд; муҳоҷират имрӯз ба институти оила ва никоҳ зарба зада, ҷудошавии оилаҳо ва зиёдшавии бероҳагардиро зиёд кардааст. Хулоса мешавад, ки бояд Ҳукумати Тоҷикистон стратегияи ояндаи давлатӣ ва муҳоҷиратро дурустттар коркард ва амалӣ намуда, заифӣ ва вобастагии ҷумҳуриро аз давлатҳои дигар кам намояд.

**Калидвожаҳо:** глобализатсия, муҳоҷират, давлатҳои ғарбӣ, ҷанг, бекорӣ, аҳолӣ, вазъияти иҷтимоӣ, ҷойҳои корӣ, таҳдид, амният, истиқлолияти давлатӣ.

## ПРОБЛЕМА МИГРАЦИИ КАК УГРОЗА БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ В ГЛОБАЛИЗИРУЮЩЕМ МИРЕ

В статье рассматривается проблема миграции, превратившаяся на сегодняшний день в глобальную проблему в глобализирующем мире. Для Республики Таджикистан это острая проблема, потому что большую часть населения страны составляют трудовые мигранты. В статье показано, что трудовая миграция разделяется на несколько групп: трудовые мигранты, работающие за границей и оставляющие свои достижения иностранным государствам; большую часть мигрантов составляют те, которые работают в РФ и которые, в случае их депортации на родину, остаются необеспеченными работой в своей стране, могут стать угрозой для государства; трудовые мигранты, депортируемые РФ, в связи с ее национальными интересами, что, в свою очередь, создает напряжённость внутри государства и угрожает правительству; мигранты, долго работающие за границей и теряющие свою национальную идентичность; миграция, вредящая сегодня институту семьи и брака, что приводит к увеличению разводов в семьях и распространению проституции. Делается вывод, что Правительство Таджикистан должно разработать и реализовать правильную государственную стратегию по миграции и уменьшить слабость и зависимость республики от других государств.

**Ключевые слова:** глобализация, миграция, западные государств, война, безработица, население, социальное положение, рабочие места, угроза, безопасность, государственная независимость.

## THE PROBLEM OF MIGRATION – AS A THREAT TO THE SECURITY OF STATE INDEPENDENCE IN A GLOBALIZING WORLD

The article deals with the problem of migration, which has now become a global problem in a globalizing world. For Tajikistan, this is an acute problem, because most of the country's population is made up of labor migrants. The article shows that labor migration is divided into several groups: labor migrants working abroad and leaving their achievements to foreign countries; the majority of migrants are those who work in the Russian Federation, and who, in the event of their deportation to their homeland, remain unsecured with work in their country, may become a threat to the state; labor migrants deported by the Russian Federation in connection with its national interests, which, in turn, creates tension within the state and threatens the government; migrants who work abroad for a long time and lose their national identity; migration, which today harms the institution of the family and marriage, which leads to an increase in divorces in families and the spread of prostitution. It is concluded that the Government of the Republic of Tajikistan should develop and implement the right state strategy for migration and reduce the weakness and dependence of the republic on other states.

**Keywords:** globalization, migration, Western states, war, unemployment, population, social status, jobs, threat, security, state independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Заҳруддинов Ильёсиддин Зиёваддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел**ефон: 917-17-70-82.** E-mail: **falsafa-tnu@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Захруддинов Ильёсиддин Зиёваддинович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел**ефон: 917-17-70-82.** E-mail: **falsafa-tnu@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zahruddinov Ilyosiddin Ziyovaddinovich*** – Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 917-17-70-82.** E-mail: **falsafa-tnu@mail.ru**

ТДУ: 327 (575.3)

# РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАҲОИ САРҲАДӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Содиқзода Хушбахт Насреддин*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар замони муосир ба вуҷуд омадани хатарҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ боиси таҳдид ба амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ шуда, сабаби вайрон намудани суботи низоми муносибатҳои байналмилалӣ мегардад.

Омили таъсиррасон, пеш аз ҳама, мавқеи ҷойгиршавии минтақа маҳсуб меёбад, ки Осиёи Марказӣ дар меҳвари бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва геостратегии ҷаҳон қарор дорад. Осиёи Марказӣ дар наздикии минтақаҳои ноамни ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Шарқи Наздик ҷойгир аст, ки зуҳуроти терроризм, амалҳои ифротгароӣ, қочоқи ғайриқонунунии маводи мухаддир ва силоҳ, инчунин барагехтани ҷиноятҳои муташаккил босуръат афзоиш ёфта истодааст. Фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ, радикализми динӣ, тарғибу ташвиқи ақидаҳои бунёдгароӣ ва ҷудоихоҳии минтақавӣ дар сарҳади Осиёи Марказӣ авҷ гирифта истодааст.

Масъалаи муайян намудани хатти сарҳадӣ ва делимитатсияву демаркатсияи марзиву ҳудудӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ пас аз пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани давлатҳои минтақа то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Сол то сол байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои минтақа бо ҳамсоягони худ, ба монанди Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Федератсияи Россия ва дигар мамлакатҳо ҷараён дорад. Новобаста ба баргузор намудани музокиротҳои дипломатӣ, мулоқоти роҳбарони давлатҳо, машварати мақомоти корҳои хориҷӣ ва амнияти сарҳадӣ ва нишастҳои комиссияҳои байниҳукуматӣ дар самти муайян намудани хатти сарҳадӣ, баҳсҳои ҳудудӣ идома доранд.

Ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ ягонагӣ ва тамомияти марзии давлатҳоро дарбар мегирад. Ҳар як давлат вобаста ба манфиати милливу сиёсии худ ҷонибдори он аст, ки сарҳади васеъ ва калон дошта бошад, то ин ки нуфузи худро дар минтақа ва ҷаҳон устувор нигоҳ дорад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати бетарафиро дар самти муайян намудани хатти сарҳадӣ нагирифта, талош ба он доранд, ки ҳарчи зудтар масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи марзиву ҳудудии кишварашон ҳалли худро пайдо намоянд. Дар ҳамин самт давлатҳои Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ ин мушкилотро бартараф карда натавониста истодаанд. Ҳарчанд беш аз 32 сол аст, ки кишварҳо кӯшиш доранд монеаҳои сарҳадиро бартараф намуда, суботи амнияти сарҳадии худро мустаҳкам намоянд, мутассифона, проблемаи сарҳадӣ рӯз аз рӯз афзоиш ёфта, тамоми ҳудуди минтақаро фаро гирифта истодааст. Аксари кишварҳои минтақа дар ин самт мушкилӣ доранд.

Мавзуи баҳси сарҳадии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷомеаи ҷаҳониро нигарон намудааст. Дар ҳолати ҳал накардани баҳси сарҳадии кишварҳои Осиёи Марказӣ ин мушкилӣ мумкин аст, ки ба проблемаи глобалӣ табдил ёбад. Зеро дар ҷаҳони муосир ҳар як бӯҳрон ва ё ҳар як проблемае, ки дар як гӯшаи ҷаҳон ба вуҷуд меояд, имконият дорад, ки таъсири худро ба тамоми ҷаҳон расонад. Ба монанди баҳси сарҳадӣ, ки онро метавон ҷанг низ номид, байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Украина. Тайи 10 соли охир баҳси марзиву ҳудудии ин ду кишвар боис ба он гардидааст, ки дар ҷаҳон бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ сар занад. Кишварҳои қитъаи Авруосиё ва ҳатто Африқову Амрикои Шимоливу Ҷанубӣ аз ин ҷанг зарарҳои зиёди молияввию иқтисодиро паси сар намуда истодаанд. Яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани бӯҳрони азими норасоии ғизо дар ҷаҳон маҳз ин ҷанг ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин нархи сӯзишворӣ ва энергияи барқ дар Аврупо ва Осиё гарон шудааст. Нархи маҳсулоти хӯрокворӣ низ афзоиш ёфт. Ҳодисае, ки аввали соли 2022 дар Қазоқистон сар зад, агар вобаста ба гарон шудани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ

ва газу сӯзишворӣ ҳам бошад, аммо бевосита таъсири ҷанги Федератсияи Россия ва Украина мебошад [14].

Давлатҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки масъалаи сарҳадиро дар доираи муколамаи дастаҷамъӣ ва бо ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамдигар ва баробарии тарафҳо ҳал намоянд. Танҳо бо ҳамин роҳ, мумкин аст, ки қазияи сарҳадии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз байн бурда шавад.

Равобити сарҳадӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар умум ҳамчун омили мусбии густариш додани равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба тақвият додани муносибатҳои давлатҳо муосидат менамояд. Ҳамкориҳои давлатҳоро бо ҳам зич алоқаманд намуда, шароити наверо барои ташаккули муносибатҳои минтақавӣ муҳайё менамояд. Тавассути муносибатҳои сарҳадӣ кишварҳои минтақа муомилоти иқтисодиву тиҷоратӣ намуда, рафту омади минтақавиро афзоиш медиҳанд. Бо ҳамдигар ҳамсарҳад будани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таҳкими ҳамгироии минтақавӣ сабаб мегардад. Ҳамсарҳад будани кишварҳои Осиёи Марказӣ боис ба рушди равандҳои дипломатӣ мегардад. Давлатҳо доимо хоҳони ба роҳ мондани муносибатҳои байниҳамдигарӣ, пеш аз ҳама, муносибатҳои дӯстона, мебошанд. Давлатҳо иқдоми худро дар масъалаи ҳамкории дарозмуддат бо кишварҳои ҳамсарҳад вусъат мебахшанд. Тавре ки маълум аст, ки дар ҷаҳони имрӯза ягон давлат дар алоҳидагӣ суботи сиёсии худро нигоҳ дошта наметавонад. Байни худ ҳамсарҳад будани кишварҳои Осиёи Марказӣ оқибати онро дорад, ки амнияти миллӣ ва оромии мардуми худро таъмин намоянд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, сарҳад дар равандҳои ҳамгироии минтақавии Осиёи Марказӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Давлатҳои имрӯзаи Осиёи Марказӣ агарчи дар қарни гузашта (асри XX) таъсис ёфта бошанд ҳам, аммо халқу миллатҳои он таърихи чандин ҳазорсоларо паси сар намудаанд. Фарҳангу тамаддуни хеле ҳам қадима дошта, мероси бузурги ниёгони худро ҳифз менамоянд. Сокинони Осиёи Марказӣ нисбат ба дигар аҳолии минтақаҳои Осиёи Марказӣ дорои арзишҳои кӯҳан мебошанд. Намояндагони барҷастаи мардуми ин сарзамин дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзандаи худро гузоштааст. Халқҳои Осиёи Марказӣ дар самти ҷаҳонофарӣ ва бунёди ҷомеаҳо дар тӯли таърих нақши бағоят муҳимро бозида, кӯшиш намудаанд, ки ҷаҳонро аз нестшавӣ наҷот диҳанд ва барои ташаккул додани арзишҳои башарӣ қадамҳои устуворро гузоштаанд.

Имрӯз низ халқҳои Осиёи Марказӣ дар рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ нақш гузошта истодааст. Шаҳрҳову маҳалҳои зебову ободро сохта, кашфиётҳои зиёди илмиву технологӣ анҷом дода истодаанд. Ба раванди ҷаҳонишавӣ ва густариши равобити байналмилалӣ таъсири аввалиндараҷа намуда, талош ба он доранд, ки инсоният ба асри навини илму технология ворид шуда, зеҳни сунъиро ба манфиати ояндаи дурахшони ҷаҳон бунёд карда, мавриди амал қарор диҳанд. Иқдомиҳои минтақавии сокинону давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ташаккули раванди ҳамгироии байналмилалӣ ва расидан ба ҳадафҳои рушди устувори ҳазорсола нигаронида шудааст.

Ба ғайр аз омили мусбии худ, сарҳад барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷараёни манфиеро низ ба миён овардааст, то ин ки равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ташаккул наёбанд. Тавре ки дар боло гуфта будем, пеш аз ҳама, масъалаи номуайянии хатти сарҳадӣ мебошад, ки солиёни зиёд ҳалли худро наёфта истодааст. Қазияи сарҳад аз давраи бостон то ин замон дар байни на танҳо халқу давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳон чунин мавҷуд аст. Давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки дар доираи ҳамкориҳои пайвастаи худ бо ниҳоду созмонҳои минтақавиву байналмилалӣ масъалаи муайян намудани хатти сарҳадиро ҳал намоянд.

Дар айни замон кишварҳои Осиёи Марказӣ бо проблемаҳои зиёди марбут ба танзим намудани сарҳади давлатии худ домангир шудаанд, зеро муайян намудани мушкилоти ҳудудӣ ва демаркатсияи марзӣ нисбат ба беруни минтақа, дар дохил, яъне танҳо байни кишварҳои минтақа, домангир аст. Махсусан, мушкилоти марзиву ҳудудӣ дар нуқтаи сарҳадии водии Фарғона мебошад, ки то ба ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Ҳудуди ҳазорҳо километр то инҷониб мавриди баҳс қарор дода шудаанд, ки барои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ монеаи ҷиддиеро ба бор меоваранд. Маҳз муташанниҷ гардидани муносибатҳои аксари давлатҳои минтақа дар самти номуайянии сарҳадӣ, аз

ба тавофуқ наомадан дар масъалаи делимитатсия ва демаркатсияи марзҳо ва шиддат гирифтани ҷараёни бетарафӣ вобастагӣ дорад.

Дар даврони мавҷудияти ИШҶС масъалаи сарҳадии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бе ба инобат гирифтани асосҳои этникӣ, ҷуғрофӣ, демографӣ ва таърихӣ ба таври сунъӣ муайян шуда буд. Дар натиҷа, тайи ду даҳсолаи охир мунокишаи барзиёди марзиву ҳудудӣ байни Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон боқӣ мондааст. Оқибатҳои низоъҳои сарҳадӣ байни давлатҳо ва гурӯҳҳои этникиву сокинони маҳаллӣ ба он оварда расонид, ки на танҳо ба амнияту субот дар водии Фарғона, балки дар тамоми қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдид намояд.

Баъди интихоб шудан ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва дубора барқарор намудани равобити минтақавӣ бо Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистону Туркманистон, талошҳои кишварҳо дар самти ба роҳ мондаи музокироти минтақавии сарҳадӣ оғоз гардид. Дар гузашта сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлати Ӯзбекистон идома додан ба мавқеи бетарафӣ дар масъалаҳои минтақавӣ буд ва бо тағйир ёфтани роҳбарияти ин давлат, масъала ба таври дигар мавриди муҳокима қарор гирифта истодааст. Кишварҳои минтақа дубора хоҳиши барқарор намудани равобити минтақавиро пайгирӣ доранд. Вазъи сиёсии Қирғизистон низ сабаб ба дигаргун шудани равобити сарҳадӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ шудааст.

Дар ин замина, масъалаи сарҳадӣ дар ҳамкориҳои минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии давлатҳоро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз мушкилоти сиёсии доманадори Афғонистон, сарҳад низ омили таъсиррасонӣ ба ташаккули равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ гардидааст.

Аз ибтидо, боёд зикр намуд, ки бар хилофи вазъи душвори водии Фарғона, кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ: Қазоқистон ва Туркманистон аз мушкилоти марбут ба баҳсҳои сарҳадӣ дар минтақа канорагирӣ намуда, кӯшиш доранд дар ин масъала бетараф бошанд. Агар аз лиҳози риоя намудани принсипи байналмилалӣ яъне, эҳтироми ягонагиву тамомияти арзӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохиливу сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ дуруст бошад, вале аз нигоҳи дигар, яъне пос доштани равобити ҳамсоягӣ барои ин ду кишвар нисбат ба давлатҳои ҳамҷавори худ, беэҳтиромӣ мебошад. Зеро бетараф будан дар ин масъала, на танҳо орӣ будан аз ин мушкилот, балки маънои онро низ метавонад ифода намояд, ки мақсади ин давлатҳо ноором будани амният дар давлатҳои ҳамсояи худ бошад.

Қазоқистон ва Туркманистон дар самти номуайянии сарҳадӣ мушкилӣ надоранд ва дар ин самт дар низоми қонунгузории худ раванди муайянеро муқаррар намуда, масъалаҳои марзиву ҳудудии худро танзим намудаанд.

Ҳанӯз Ҷумҳурии Туркманистон моҳи сентябри соли 2000-ум бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва моҳи июли соли 2001 бо Ҷумҳурии Қазоқистон созишнома дар бораи муайян намудани сарҳадро қабул намуд. Қазоқистон низ дар ин иртибот, моҳи июли соли 2001 бо Туркманистон, моҳи декабри соли 2001 бо Қирғизистон ва моҳи сентябри соли 2022 бо Ӯзбекистон созишнома дар бораи сарҳадро баст [3,с.46].

Дар доираи мулоқоти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки 10 ноябри соли 2017 дар шаҳри Самарқанд баргузор шуда буд, шартнома дар бораи хатти сарҳадӣ байни Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон қабул гардид. Ҳамин тариқ, тибқи суханони вазири корҳои хориҷии ҳамонвақтаи Қазоқистон Кайрат Абдраҳмонов, санади мазкур дар раванди муайяннамоии хатти сарҳадӣ нуқта мегузорад. Бояд зикр намуд, ки Қазоқистон қаблан шартномаи ба ин монандро бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Қирғизистон дар соли 1999 ва бо Қирғизистону Ӯзбекистон дар соли 2011 баста буд [14].

Мутассифона, дар водии Фарғона манзараи муқобили ин ҳаводис инъикос меёбад, чунки он маконест, ки давлатҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо онна танҳо ҳамсарҳаданд, балки марзи ин се кишвари Осиёи Марказӣ бо ҳам тавъаманд пайванданд. Пош хӯрдани ИҶШС боиси он гашт, ки водии Фарғона байни се давлат тақсим гардид. Дар пайи чандин солҳо музокирот оиди ба тавофуқ расидан ва танзим намудани баҳсҳои марзиву ҳудудӣ баргузор шуданд.

Масъалаи баҳси ҳудудии водии Фарғона аз миёнаҳои асри гузашта сарчашма мегирад. Зеро дар даврони ИҶШС сарҳади ин давлатҳо ба таври мушаххас ҷудо нашуда буд ва дар ду марҳила ин минтақа байни давлатҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба таври гуногун тақсим гардид. Харитаи маъмурӣ ва марзиву ҳудудии кишварҳои ИҶШС чанд маротиба тағйир ёфтанд, ки дар натиҷаи он баҳси ҳудудии водии Фарғона аз он давра ҷараён дорад. Шуруъ аз солҳои 1920, 1950 ва то соли 1980 ҳудуди водии Фарғона байни кишварҳои дар боло зикршуда тақсим мегардад [8,с.103; 5]. Дар натиҷа, давлатҳо ба таври гуногун мавқеи худро муайян намуда, акнун вобаста ба манфиати худ ҳудуди дар пеш муқарраршударо ҳамчун сарҳади имрӯзаи давлатии худ эътироф менамоянд. Дар се марҳалаи тағйироти ҳудудии дар водии Фарғона ба вуқуъпайваста, харитаи марзиву ҳудудии ин водӣ дигаргун шуда буд. Давлатҳо низ талош доранд дар ин масъала манфиати миллӣ ва сиёсии худро пеш бурда, хоҳони онанд, ки ин масъала ба нафъи онҳо ҳалли худро ёбад.

Талошҳои давлатҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар самти муайян намудани хатти сарҳадии водии Фарғона ба чунин натиҷа расид, ки ҳудуди водии Фарғона қисман муайян карда шавад. Баҳсҳои барзиёди марзиву ҳудудӣ байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон то имрӯз идома доранд. Монеаи ҳудудӣ боиси бо суръати паст рушд гардидани равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ гардидааст.

Вазъият бо мавҷуд будани ҳашт макони истиқомати аҳолии ин се давлат: шашто дар Қирғизистон, ки дар чор маҳал ӯзбекҳо ва ду маҳал тоҷикҳо, инчунин, дуто дар Ӯзбекистон, ки дар як маҳал қирғизҳо ва як маҳали дигар тоҷикҳо зиндагонӣ менамоянд, муташанниҷтар мегардад. Шумораи аҳолие, ки дар ин маконҳо зиндагонӣ мекунанд, беш аз 100 ҳазор нафарро ташкил медиҳад [14]. Агар ба мероси таърихии начандон дур, яъне асри XIX назар намоем, дар он давра дар водии Фарғона Хонигарии Хӯқанд мавҷуд буд ва ҳудуди хонигарӣ тамоми сарҳади водиро фаро мегирифт.

Бинобар ин, то он замоне, ки масъалаи мушкилоти номуайянии сарҳадӣ ҳалли худро пайдо накунад ва то он даврае, ки баҳси ҳудудиву марзии се давлати дар боло зикршуда, аз байн бурда нашавад, таҳдид ба амнияту бехатарии минтақа аз дохил боқӣ хоҳад монд. Ҳарчанд, ки ҳар се давлати Осиёи Марказӣ манфиатдори онанд, ки баҳси сарҳадии водии Фарғона бо ба инобат гирифтани омилҳои ба ҳам алоқаманди ландшафтӣ, мушкилоти мавҷуд будани захираҳои истифоданашуда ва истифодашаванда, мавқеи этникиву миллии сокинони дар ин макон истиқоматкунанда ҳал гардад.

Солҳои 2017-2018 барои баррасии масъалаи мазкур тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омад. Тамоми шароит ва имкониятҳо барои ҳал намудани мушкилоти сарҳадии водии Фарғона фароҳам карда шуданд. Давлатҳо низ омода буданд, ки мушкилоти сарҳадии худро дастаҷамъона мавриди баррасӣ қарор дода, ба як хулосаи амиқ биёянд.

Намояндагони Қирғизистон ва Ӯзбекистон байни худ тавоқуф карданд то масъалаи мазкурро пайгирӣ намоянд. Ҷараёни музокироти сарҳадӣ байни Ӯзбекистону Қирғизистон ба таври фаъол муҳокима гардид. Шартнома дар бораи делимитатсияи сарҳадӣ байни ду давлат аз ҷониби Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва президенти ҳамонвақтаи Қирғизистон Алмазбек Атамбаев моҳи октябри соли 2017 дар шаҳри Тошканд қабул шуд, ки натиҷаи музокироти бавуқуъомадаро ифода менамояд. Қирғизистон бо Ӯзбекистон тақрибан 1280 км сарҳад дорад ва шартномаи қабулшуда 1170 км байни марзи ду давлатро танзим менамояд [5]. Ин вазъият дар заминаи ҷараён гирифтани иқдоми ҳукуматҳои ҳар ду давлат ба амал омада буд. То ин давра, дар миёнаҳои моҳи сентябри соли 2016 байни комиссияҳои ҳукуматии ду давлат муҳокимаи масъалаи ҳудудӣ ба миён омад.

Тибқи баҳои мутахассисону коршиносони дохиливу хориҷӣ чунин тавофуқи кишварҳо дар самти муайяннамоии сарҳади ду давлат дастоварди муҳим дар самти муайян намудани ҳудуд дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Зеро дар давмои 15 соли охир чунин пешравӣ дар робитаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳеҷ гоҳ ба амал наомада буд. Вале, идомаи гуфтушунид дар масоили сарҳадӣ байни се давлат доир ба

масъалаи ҳудуди водии Фарғона на он қадар содда мебошад. Раванди ҳамгироии сарҳадии водии Фарғона бо сабаби хос будани мавқеи давлатҳо ва мавҷуд будани баҳсҳои милливу этникӣ дар ин макон ҷараёни мураккаби музокироти давлатҳоро ба бор меоварад.

Маҳалҳои аҳолинишини Сох, Шоҳимардон, Ҷангайл ва Чонғараи ӯзбекҳо дар Қирғизистон ва маҳалҳои аҳолинишини Бараки қирғизҳо дар Ӯзбекистон аз ҷумлаи 36 макони баҳсбарангези сарҳадии давлатҳои Қирғизистону Ӯзбекистон ба шумор меравад ва новобаста ба тавофуқи бамиёномада, байни Қирғизистону Ӯзбекистон дар самти сарҳад, мушкилоти номуайянии марзиву ҳудудӣ то ин замон вуҷуд дорад. Маҳалҳои аҳолинишини ду давлат, ки дар нуқтаи муайяннаммоии марз ҷойгир мебошанд, сабабгори асосии баҳси сарҳадии ду давлат мебошанд.

**Харитаи минтақаи сарҳадии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар водии Фарғона [14]**




Дар ин самт, танҳо талошу кӯшишҳо ва иқдомоти роҳбарони давлатҳо басанда нест. Бояд шаҳрвандони ин кишварҳо низ дар навбати худ барои бартараф намудани монеаи сарҳадӣ саҳми худро гузоранд. Махсусан, сокиноне, ки дар маҳалҳои сарҳадӣ зиндагонӣ менамоянд, кӯшиш намоянд то ба як тавоқуф расанд. Доимо байни ҳамдигар мунокиша накарда, самаранок аз заминҳои ба онҳо вобасташуда истифода намоянд. Зеро замин моликияти давлатҳояшон ба ҳисоб мераванд ва давлатҳои онҳо барои истифода намудан аз замини давлат ба шаҳрвандонаш ҳуқуқ додааст. Баҳси замин дар тамоми гӯшаи ҷаҳон ба вуқуъ меояд. Баҳси замини сарҳадӣ бошад, дар он макони дунё ба амал меояд, ки маҳали аҳолинишин дар наздикии сарҳади давлатӣ қарор дорад.

Санаи 21 январи соли 2018 дар шаҳри Ӯш ҷаласаи комиссияи делимитатсия ва демаркатсияи байниҳукуматии Қирғизистону Ӯзбекистон баргузор гардида буд. Дар ин ҷаласа ду омил мавриди баррасӣ қарор гирифт. Якум омил ин иваз намудани ҳудуди давлатҳо мебошад [3,с.46]. Яъне, дар он маконе, ки қирғизҳо дар ҳудуди назди сарҳадии Ӯзбекистон зиндагонӣ менамоянд ба Қирғизистон дода шавад ва дар он маҳали аҳолии ӯзбеке, ки дар назди сарҳади Қирғизистон зиндагонӣ менамоянд ба Ӯзбекистон дода шаванд. Албатта, ҳеҷ як давлате намехоҳад, ки ҳудуди давлати худро ба давлати дигар диҳад ва ё онро тағйир диҳад ва ё иваз намояд. Зери оқибати чунин амалҳо боиси ба

амал омадани ҷанги сиёсиву ҳарбӣ мегардад. Дар натиҷаи чунин ҷанг мардуми осоишта зарар дида, бӯҳрони молиявиву иқтисодӣ ба миён меояд. Масоили равшан вазъи кунунии Арманистон ва Озарбойҷон мебошад. Дар минтақаи Қафқоз низ пас аз байн рафтани ИҶШС баҳси сарҳадӣ ба амал меояд. Масъалаи сарҳадӣ байни Федератсияи Россия бо Ҷопон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Муғулистон, Қазоқистон, Грузия ва Украина низ аз даврони солҳои 90-уми қарни гузашта ба амал омадааст.

Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин вазъияти ноамни ҷаҳон бояд таҷриба шавад, то ин ки барои масъалаи сарҳадӣ даст ба низоъҳои ҳарбӣ назананд.Омили дигаре, ки мушкили сарҳадиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ метавонад аз байн барад, ин масъалаи таъсис додани долонҳои наздисарҳадӣ дар маҳалҳои аҳолинишин мебошад. Кишварҳои Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон метавонанд чунин пешниҳодро мавриди назар қарор дода, дар ин масъала чораандешӣ намоянд. Ташкили долони наздисарҳадӣ барои аҳолӣ низ имконияти фарохро ба вуҷуд меоварад.

Иваз намудани ҳудуд ба манфиати кишварҳо ва сокинони наздисарҳадии онҳо шуда метавонад. Зеро аҳолии минтақа хоҳони он нестанд, ки ҷойи истиқоматии худро тарк намоянд ва ё ватани ниёгони худро аз даст диҳанд. Ҷонибдорӣ накардани сокинони маҳалҳои наздисарҳадии давлатҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шояд ҳоло вақти истифода намудани усули ивазнамоии ҳудуд барои ҳалли ин қазия ғайриимкон мебошад. Инчунин, омили иваз намудани ҳудуди наздисарҳадӣ сабаби ба вуҷуд омадани хатару таҳдидҳои нав барои минтақаи Осиёи Марказӣ мегардад.

Байни халқҳои Қирғизистону Ӯзбекистон аз давраи асрҳои XVII – XX равобити минтақавӣ сурат мегирад. Қирғизҳо ва ӯзбекҳо ба гурӯҳи халқҳои туркнажод дохил мешаванд. Байни худ умумияти фарҳангӣ, пеш аз ҳама, забонӣ, доранд. Мутаассифона баъзе ҳаракату гурӯҳҳои ифротгарову ҷудоихоҳе ҳастанд, ки бо кумаки шахсони манфиатдори хориҷа кӯшиш менамоянд раванди ҳамгироии халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла қирғизҳову ӯзбекҳоро, халадор намоянд. Соли 2010 дар шаҳри Ӯши Қирғизистон мунокишаи этникии қирғизҳо бо ӯзбекҳо ба амал омад. Дар натиҷа беш аз 400 нафар ӯзбек дар ин мунокиша аз ҷониби қирғизҳо ба таври бераҳмона кушта шуданд [14]. Ин ҳолат дар таърихи халқҳои ду давлат ҳамчун фоҷеаи хунин сабт гардидааст. Чунин омилҳо сабабгори он мешаванд, ки ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ аз байн бурда шавад ва давлатҳои Осиёи Марказӣ аз давлатҳои абарқудрати минтақа ва ҷаҳон вобаста бошанд.

Муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон то солҳои 2016-2018 дар даврони мустақилияти ҳар ду давлат дар сатҳи бояду шояд хуб қарор дошта буд. Сиёсати роҳбарияти онвақтаи Ӯзбекистон боиси он гардида буд, ки давлатҳо тули беш аз 10-15 сол равобити минтақавӣ ва дуҷонибаи худро ташаккул надиҳанд. Баъди тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ дар Ӯзбекистон равобити минтақавӣ бо Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистону Ӯзбекистон аз нав эҳё карда шуд. Тоҷикистон бо Ӯзбекистон беш аз 1332 км сарҳад дорад ва то ин давра беш аз 93 км-и сарҳади давлатӣ байни ду кишвар муайян нашудаанд [16]. Соли 2022 байни ду давлат шартномаи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадӣ қабул гардида буд, ки дар натиҷа 84%-и сарҳади ду кишвар муайян карда шуданд.

Аввалин ҷаласаи комиссияи байниҳукуматӣ дар масъалаи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадии Тоҷикистону Ӯзбекистон 30-31 майи соли 2017 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. Дар моҳи январи соли 2018 ҳангоми сафари кории сарвазири Ӯзбекистон Абдулло Арипов ба Тоҷикистон масъалаи сарҳадӣ дар доираи комиссияҳои байниҳукуматӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт [14]. Дар он давра ҷаласаи комисссияи байниҳукуматӣ доир ба масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва музокироти делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадӣ бо роҳбарии сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва сарвазири Ӯзбекистон Абдулло Арипов оғоз шуд. Дар натиҷаи ҷаласа, масъалаи баҳсталаби нерӯгоҳи барқиву обии Фарҳод ҳалли худро пайдо карда, мувофиқи созишнома нергӯҳи мазкур, ки дар даврони ИҶШС буёнд шуда буд, ба ҳудуди Тоҷикистон тааллуқ дода шуд ва инфрасохтори неругоҳ ба моликияти Ӯзбекистон пазируфта шуд. Масъалаи баҳси сарҳадӣ дар ҷараёни баргузоршавии мулоқотҳои

роҳбарони Тоҷикистону Ӯзбекистон, музокиротҳои сиёсии шахсони мансабдори ҳар ду ҷониб ва мақомоти дахлдор рӯз ба рӯз ҳалли худро пайдо менамоянд.

Яке аз масъалаҳои баҳсталаби сарҳадӣ байни Тоҷикистону Қирғизистон мебошад. Омили ҷойгиршавӣ ва доштани ландшафти кӯҳии ду давлат, ҳамчунин мавҷуд будани маҳали аҳолинишини тоҷикон дар ҷамоати Ворух ва деҳаи Калачаи шаҳри Исфара бо сарҳади вилояти Боткени Қирғизистон сабаби асосии номуайянии сарҳадӣ гардидааст. Тоҷикистон бо Қирғизистон 970 км сарҳад дорад ва аз ин қисмат 459 км-и сарҳади давлатҳо дар водии Фарғона қарор дошта, 58 минтақаи сарҳадӣ дар баҳси сарҳадии ду давлат мебошад [8,с.104].

Дар маҳалҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Қирғизистон низоъҳои сокинони ду кишвар панҷ соли охир аст, ки пайваста ба вуқуъ омада истодаанд. Масъалаи ҳудуд ва истифодаи замин барои сокинони ин макон то ба ҳол ҳал нашудааст. Қирғизистон назар ба Тоҷикистон дар гузашта бо Қазоқистон ва Ӯзбекистон баҳси сарҳадӣ дошт ва ҳоло ҳам чунин ҳолат мавҷуд аст. Байни Тоҷикистону Қирғизистон соли 2000-ум комиссияи байниҳукуматӣ дар бораи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадӣ таъсис дода шудааст [14]. То ин лаҳза, комиссияи мазкур чандин маротиба вохӯриҳо гузаронида, талош ба он дорад то масъалаи низои сарҳадӣ ҳал шавад.

Моҳи ноябри соли 2015 Комиссия ба тавофуқ омад, то ин ки масъалаи 520 км ҳудуди наздисарҳадӣ байни ду давлат ба таври баробар муайян карда шавад. Дар натиҷаи сафари кории Президенти Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков дар моҳи феврали соли 2018 ба Тоҷикистон масъалаи сарҳадӣ сатҳи нави баррасиро қарор гирифт [14]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таърихи халқи худ ва мероси ниёгони он кӯшиш дорад масъалаи сарҳадиро ҳаматарафа ва бо назардошти эҳтироми манфиатҳои ду ҷониб баррасӣ намояд.

Проблемаи сарҳадии Тоҷикистону Қирғизистон характери мураккаби таъсиррасон ба суботи минтақавиро дорад. Роҳҳои соддаи бартараф кардани мушкилоти сарҳадии мазкур ҳоло мавҷуд нест. Зеро проблемаи сарҳади мушаххасоти этникиро низ дар худ ташкил медиҳад. Масъалаи истифодаи захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама об, роҳ, коммуникатсия, объектҳои инфрасохтори маҳаллӣ барои сокинони наздисарҳадии ҷамоати Ворух ва деҳаи Калачаи шаҳри Исфара бо сарҳади вилояти Боткен монеаи асосии ба тавоқуф омаданро дорад. Аз ин лиҳоз, сокинони минтақа пайваста ҷамъомадҳову эътирозҳо дар ин бобат гузаронида, байни худ мунокишаҳо менамоянд. Қирғизистон нисбати аҳолии наздисарҳадии Тоҷикистон назорати сахтро пешбинӣ намуда, нагузошта истодааст, ки мардум ба оби тозаи ошомиданӣ, роҳу коммуникатсия ва заминҳои чарогоҳ дастёбӣ намоянд. Ин омил сабабгори бештари низоъу ҷангҳои сокинони маҳалҳои аҳолинишини наздисарҳадӣ, аз ҷумла ҷамоати Ворух мегардад. Сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Қирғизистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин давлат хоҳони ташаккул додани равобити минтақавӣ бо Тоҷикистон нест. Дар аввалҳои соли 2022 мақомоти дахлдори ин кишвар ба таври расмӣ эълон намуд, ки дар робита бо ба амал омадани мушкилоти иқтисодӣ ва буҳрони озуқаворӣ сарҳади худро бо Тоҷикистон мебандад ва муваққатан содироти маҳсулоти хӯрокворӣ ба Тоҷикистон қатъ карда шавад. Чунин тасмими Қирғизистон танҳо нисбати Тоҷикистон пешбинӣ шуда, алайҳи дигар давлатҳои ҳамсоя ва ҷаҳон татбиқ нагардид. Муносибати Қирғизистон аз доираи равобити ҳамосягиву ҳамҷаворӣ берун буда, мақсади зид буданашро дар раванди рушди ҳамгироии минтақавӣ ифода менамояд.

Дар Қирғизистон чандин маротиба аст, ки мунокишаҳои сиёсии дохилӣ сар мезанад ва баъзе роҳбарони ин давлат аз кишвар фирор карда, баъзеҳояшон маҳкуми зиндон шудаанд. Таъсири кишварҳо ва шахсони манфиатдор дар ин кишвар то ба он дараҷа расидааст, ки то ҳол суботи сиёсӣ таъмин нашудааст. Чунин тағйирот ба сифати яке аз омили асосии омода набудани ин давлат ба раванди ҳамгироии минтақавӣ мебошад.

Қирғизистон ва Тоҷикистон дар доираи аъзогӣ дар созмонҳои минтақавӣ талош намуда истодаанд, ки монеаи сарҳадиро бартараф намоянд. Лекин мушкилии сиёсии сарҳадӣ, ки махсусан аз ҷониби сокинони наздисарҳадӣ ба вуқуъ меоянд, монеаи рушди равандҳои ҳамгироии минтақавӣ мегарданд.

Мавҷуд будани мушкилоти сарҳадӣ дар дохили минтақаи Осиёи Марказӣ дар натиҷа ба он оварда расонидааст, ки ҳамкориҳои минтақавӣ қисман ташаккул ёбанд. Одатан, масъалаи сарҳадӣ дар замони муосир набояд мавҷуд бошад. Зеро ҷаҳон баъди сипарӣ намудани ду ҷанги ваҳшатноки инсоният, солҳои 1914-1918 ва солҳои 1939-1945 ба низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ ворид шуда, низоми бисёрқутбиро касб намуд. Сарҳади давлатҳо ба таври мушаххас муайян шудаанд ва аз ҷониби тамоми давлатҳои аъзои Созмони Миллали Муттаҳид ба таври қисман ва ё дастаҷамъона пазируфта шудаанд.

Кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, дар бобати ба роҳ мондани ҳамгироии минтақавии сарҳадӣ қадамҳои устувор гузоранд. Албатта, мушкилоти сарҳадиро худ дар алоҳидагӣ ҳал карда наметавонанд. Шояд зарур бошад, яке аз давлатҳои минтақа барои баргузор шудани ҷаласаву нишастҳои махсуси комиссияҳои байниҳукуматии давлатҳои дахлдори минтақа дар самти делимитатсия ва демаркатсияи ҳудудӣ иқдом намуда, шароити заруриро фароҳам оварад ва ба сифати миёнарав кумак расонад.

Эҳтироми баробари сарҳади тарафайн, ки қисмати заминӣ, обӣ ва фазои ҳавоиро, ки дар умум ягонагӣ ва тамомияти арзиро ифода менамояд, яке аз масъалаҳои муҳимми равандаҳои ҳамгироии сарҳадии минтақаи Осиёи Марказиро фаро мегирад.

Раванди ҷаҳонишавӣ таъсири худро дар самти рушди равандҳои ҳамгироии сарҳадии минтақавӣ расонида, ба ҳамоҳангии ҳадафу мақсади давлатҳои минтақа мусоидат менамояд. Зимнан, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҷараёни ҷаҳонишавӣ ворид шуда, дар сарҳади дигаргуниҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии минтақа ва ҷаҳон қарор доранд. Ин ҷараён масъалаи мушкилоти сарҳадии кишварҳои Осиёи Марказиро ҳамчун проблемаи минтақавӣ тавзеҳ дода, манзараи амиқеро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин бобат пешбинӣ месозад.

Ҳамгироии сарҳадии минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҷараёни нави талоши давлатҳо ва сокинони минтақа ниёз дорад, ки мушкилии марбутаро тавонад бартараф созад. Аз камбудиҳои мавҷуда ва имконияти пешбинишаванда истифода намуда, ояндаи дурахшони рушди устуворро барои минтақаи Осиёи Марказӣ фароҳам созад.

Хулоса, равандҳои ҳамгироиии минтақавии сарҳадии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷараёни нави ташаккул қарор дошта, марҳалаи нави гузаришро аз сар гузаронида истодааст.

Мавҷуд будани масоилҳои этникӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву иқтисодӣ дар маҳалҳои наздисарҳадӣ монеаи рушди ҳамгироии минтақавӣ гардида, сабаби ба вуҷуд омадани муноқишаҳои сарҳадӣ шуда истодаанд. Бо тағйирёбии вазъи минтақа ва ҷаҳон давлатҳои Осиёи Марказӣ сиёсати ташаккулдиҳии равобити минтақавиро пеша гирифта, талош ба он доранд, ки дар ҷодаи таҳкими ҳамкориҳои минтақавии сарҳадӣ гомҳои нав гузоранд ва мо низ ба ин раванд боварӣ дорем.

**Муқарриз: Бобозода Ф.т. – н.и.т., АИДПҶТ**

**АДАБИЁТ**


1. Вызовы безопасности в Центральной Азии / рук. проекта: А.А. Дынкин, В.Г. Барановский. -М.: ИМЭМО РАН, 2013. -150 с.
2. Давлатњои Осиёи Марказї дар шароити љањонишавї. -Хуљанд: Ношир, 2016. -280 с.
3. Данков А. Конфликты в Центральной Азии. Конфликты на постсоветском пространстве: Перспективы урегулирования и роль России / А. Данков. - 2016; 36: 45-50.
4. Зиядуллаев Н. О стратегии развития государств Центральной Азии в условиях глобализации и регионализации мировой экономики / Н. Зиядуллаев, У. Зиядуллаев // Общество и экономика. - 2019. -№4. -С.87-100. DOI: 10.31857/S020736760004759-3
5. Колосов В.А. Государственные границы на постсоветском пространстве / В.А. Колосов, А.Б. Себенцов; отв. красный. С.В. Севастьянова, Ю. Лейн, А.А. Киреева. -Владивосток: Дальнаука, 2016.
6. Мещеряков К.Е. Региональное лидерство в Центральной Азии / К.Е. Мещеряков // Вестник Санкт-Петербургского университета. – 2006. -1. –С.127-199.
7. Примбетов С. Перспективы интеграции Центральноазиатских государств. Центральная Азия и Кавказ / С. Примбетов. – 2006. -6. –С.135-145.
8. Севастьянова С.В., Лайне Ю., Киреева А.А. -Владивосток: Дальнаука, 2016. Целикин, А. Взаимоотношения государств Центральной Азии. Конфликтный потенциал региона. - Центральная Азия. Геополитика и экономика региона: Сборник, 2010. -С.103-104.

9. Темуров Ф.С. Нигоҳе ба таърихнигории равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дар пасманзари ҳамкориҳои Тоҷикистон дар фазои ИДМ (солҳои 1991-2015) / Ф.С. Темуров, Сайидзода З.Ш. – Душанбе: Контраст, 2018. -176 с.
10. Центральная Азия - 2020: четыре стратегических концепта. -Астана: КИСИ, 2015. -54 с.
11. Центральная Азия 2050. Раскрытие потенциала региона. –Астана: Издательство LEM, 2018. -345 с.
12. Шаймергенов Т.Т. Центральная Азия 2027: меняющийся стратегический ландшафт / Т.Т. Шаймергенов, М.А. Абишева. -Астана: Библиотека Первого Президента РК – Елбасы, 2017.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Ирфон, 2009. -704 с.
14. Территориальные споры в Центральной Азии на пороге 30-летия независимости. [Электроный ресурс]. URL: https://cabar.asia/ru/territorialnye-spory-v-tsentralnoj-azii-na-poroge-30-letiya-nezavisimosti (дата обращения: 12.09.2022 с.).
15. Центральная Азия и влияния глобализации. [Электроный ресурс]. URL: https://e-cis.info/news/566/81567/ (дата обращения: 05.09.2022 с.).
16. Borders in the Fergana Valley: an inevitable source of conflict? [Электроный ресурс]. URL: http://www.geopolitika.lt/?artc=6497. (дата обращения: 12.09.2022 с.).

## РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАҲОИ САРҲАДӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Масъалаи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар давраи муосир равандҳои устувори ҳамгироии минтақавии кишварҳоро тақозо намуда, маҷмуи тадбирҳои муштараки давлатҳоро дар ҳалли мушкилоти мавҷуда такшил медиҳад. Мушкилоти сарҳадии минтақа дар пайи даҳ соли охир сабабгори ба миён омадани нофаҳмиҳои сиёсӣ ва мураккаб гардидани муносибаҳои аксарияти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ гардида истодааст. Давлатҳои минтақа бо мақсади ҳимоя аз манфиати миллии худ кӯшиш доранд то масъалаи сарҳадӣ байни кишварҳои ҳамсарҳад зудтар бартараф карда шавад. Мушкилоти сарҳадӣ монеаи асосӣ барои ташаккул додани равандҳои ҳамгироии минтақаи Осиёи Марказӣ гардида, ташаббуси кишварҳоро дар самти талош намудан ба ҷараёни устувори ҳамкории минтақавӣ аз байн мебарад. Монеаи сарҳадӣ ва ҳал нагардидани масъалаҳои баҳсҳои ҳудудӣ кишварҳои минтақаро ба он оварда мерасонад, ки аз раванди ба роҳ мондани ҳамгироии минтақавӣ даст кашанд. Муаллиф чунин мешуморад, ки давлатҳои минтақаро зарур аст, ки ҷиҳати ба роҳ мондани равобити сарҳадӣ дар Осиёи Марказӣ чораҳои воқеъбинонаро ба манфиати ҳамаи тарафҳо андешида, дар доираи ҳамкориҳои минтақавии худ ҳамаҷониба талош намоянд.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, сарҳад, делимитатсия, демаркатсия, равандҳо, ҳамгироӣ, дурнамо, ҳамкорӣ, иттифоқ, дипломатия, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, шарикии стратегӣ, сиёсати хориҷӣ.

## ИНТЕГРАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ ПРИГРАНИЧНЫХ ТЕРРИТОРИЙ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Вопрос делимитации и демаркации границы в Центральноазиатском регионе в современную эпоху требует стабильных процессов региональной интеграции стран и комплекса совместных мер государств по решению существующих проблем. Пограничные проблемы в регионе были причиной политических недоразумений и сложных отношений большинства стран Центрально-Азиатского региона на протяжении последних десяти лет. В целях защиты своих национальных интересов государства региона стараются как можно быстрее решить пограничный вопрос между приграничными странами. Пограничная проблема стала главным препятствием для формирования интеграционных процессов в Центрально-Азиатском регионе и сводит на нет инициативу стран в направлении стремления к устойчивому процессу регионального сотрудничества. Пограничный барьер и нерешенные вопросы территориальных споров приводят страны региона к отказу от процесса налаживания региональной интеграции. Автор считает, что государствам региона необходимо принять реальные меры в интересах всех сторон для налаживания трансграничных отношений в Центральной Азии и приложить всесторонние усилия в рамках своего регионального сотрудничества.

**Ключевые слова:** Центральная Азия, Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан, Узбекистан, граница, делимитация, демаркация, процессы, интеграция, перспектива, сотрудничество, союз, дипломатия, взаимоотношения, международные отношения, стратегическое партнерство, внешняя политика.

## INTEGRATION PROCESSES OF BORDER TERRITORIES IN CENTRAL ASIA

The issue of delimitation and demarcation of the border in the Central Asian region in the modern era requires stable processes of regional integration of countries and requires a set of joint measures of states to solve existing problems. Border problems in the region have been the cause of political misunderstandings and difficult relations in most countries of the Central Asian region over the past ten years. In order to protect their national interests, the states of the region are trying to resolve the border issue between border countries as soon as possible. The border problem has become the main obstacle to the formation of integration processes in the Central Asian region and nullifies the initiative of the countries in the direction of striving for a sustainable process of regional cooperation. The border barrier and unresolved issues of territorial disputes lead the countries of the region to abandon the process of establishing regional integration. The author believes that the states of the region need to take real measures in the interests of all parties to establish cross-border relations in Central Asia and make all-out efforts within the framework of their regional cooperation.

**Keywords:** Central Asia, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan, Uzbekistan, p border, delimitation, demarcation, processes, integration, perspective, cooperation, union, diplomacy, mutual relations, international relations, strategic partnership, foreign policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Содиқзода Хушбахт Насреддин*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 918-24-39-00**. E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Садикзода Хушбахт Насреддин*** - Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, докторант Ph.D. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, ш. г. Душанбе, улица Саида Насыра, 33. Телефон: **(+992) 918-24-39-00**. E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sadikzoda Khushbakht Nasreddin*** **-** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Ph.D. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Said Nasyr street, 33. Phone: **(+992) 918-24-39-00.** E-mail: **sodiqzoda-khushbakht@mail.ru**

ТДУ: 32/323

# САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ШАКЛГИРИИ ВАЗЪИЯТИ МУТАНОСИБИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ БА ВАЗЪИЯТИ БУҲРОНӢ

***Қурбонов Д.М.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Вазъияти буҳронӣ хосси дилхоҳ системаи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ мебошад. Дер ё зуд ин ё он системаи ҷамъиятӣ ва системаи сиёсӣ ба вазъияти буҳронӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Саволе ба миён меояд, ки оё вуҷуд дорад мавриде, ки ин ва ё он системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла системаи сиёсӣ ва вазъияти буҳронӣ рӯ ба рӯ нагардида бошад. Ё ин, ки ҳаст кафолатҳои илмӣ ва стратегие, ки системаи сиёсӣ ба буҳрони муносибатҳои сиёсиву идоракунӣ ворид нагардад. Ҷавоби саволи гузошташуда бисёр мураккаб ва пурпечутоб мебошад. Дар асоси донишҳои таҷрибавӣ – сиёсӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳеҷ як системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ доимӣ ва азалӣ набуда, дар натиҷаи мушкилот ва ба бунбаст ворид гардидан тағйир меёбад. Гуё буҳрон омили асосии тағйирот ва пешрафти муносибатҳои мухталифи таркиботи институтсионалии зерсистемаҳои системаи ҷамъиятӣ мебошад.

Буҳрон метавонад дарс ва ё огоҳкунандае барои системаҳои сиёсие, ки чандон муносибатҳо ва мазмуни корашонро ба меъёрҳои тағйирёбанда ва муосирӣ иваз накардаанд, бошад. Танҳо дарки саривақтӣ ва бошууронаи вазъияти буҳронӣ водор ба интихоби роҳи эволютсионии инкишофи системаи сиёсии ҷомеа ва давлату таркиботи институтсионалии он мекунад. Дар ҳолати дарк накардани вазъияти буҳронӣ харобиҳо ва мушкилоти ҷиддие пеш меояд ва сабаби аз байн рафтан ва тағйир ёфтани сохтори ҷамъиятиву сиёсӣ мегардад.

Профессор Г.Н. Зокиров андешаҳои ҷолиб ва бесобиқаро пешниҳод менамояд, ки буҳрони сиёсӣ бештар дар ду ҳолат ба амал меояд: аввал, вақте ки зиддият дар байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ пайдо гашта, ба сатҳи муқовимат мерасанд. Баъд, зиддиятҳои инкишофи ҷомеа хосияти антагонистӣ пайдо намуда, асосан байни тарзи идора - режими сиёсӣ ва манфиатҳо ва талаботи кулли аҳолӣ сурат мегиранд. Фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва, махсусан, мақомоти идории он боиси сар задани зиддиятҳо дар сатҳи инкори манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва ба инобат нагирифтани онҳо ба амал меоянд. Системаи идоракунӣ ва касбияти идоракунандагон аҳамияти муҳим дорад. Хизмати давлатӣ дар раванди идораи корҳо мақоми махсус пайдо менамояд. Муҳим он аст, ки идоракунандагон ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ бошанд [3,с.181-190].

Ҳама гуна тафсири умумии буҳрон бояд на ҳамчун хусусиятҳои объективӣ, "табиӣ"-и он, балки ҳамчун параметрҳои парадигма, линзаҳои консептуалӣ, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун дар фаҳмиши назариявӣ ва барномарезии таҳқиқоти мушаххаси таҷрибавӣ кумак кунанд, баррасӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи аввал тавсия дода мешавад, ки барои муайян кардани доираи парадигмаҳои мувофиқтарин ва ояндадор як навъ заминаҳои ба вуҷуд омадани буҳронро санҷид.

Устувории ҳама гуна тартиботи сиёсиро моделҳои стандартии муносибатҳои сиёсӣ, ки дар ҷомеа ташаккул ёфтаанд, мақому нақшҳо, инчунин, меъёрҳо ва қоидаҳои танзими институтсионалӣ муайян мекунанд. Дар нақшҳои сиёсӣ интизориҳои одамон аз ҳамдигар объективӣ шуда, дар шакли конвенсияҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои институтсионалӣ муқаррар карда мешаванд ва дар шакли доварӣ дар бораи рафтори дилхоҳ, афзалиятнок ё қобили қабул дар вазъияти мушаххас як қабати арзишӣ пайдо мекунанд. Ба шарофати тартиботи институтсионалӣ дар ҷомеа сатҳи номуайянӣ коҳиш меёбад. Одамон ногузир ҳангоми интихоби моделҳои эҳтимолии рафтор дар вазъияти муайян меъёрҳо ва қоидаҳои муоширати мутақобиларо роҳбарӣ мекунанд.

Саволи асосӣ ин аст: чаро одамон дар амалиёти худ меъёрҳои тартиботи сиёсиро такрор мекунанд? Чаро қоидаҳои муносибатҳои сиёсие, ки наслҳои пештара ба вуҷуд овардаанд, устувор шуда, қувваи объективӣ пайдо мекунанд? Якчанд механизмҳои

иҷтимоие мавҷуданд, ки устувории тартиботи меъёриро таъмин мекунанд. Пеш аз ҳама, ин иҷтимоикунонии сиёсӣ, раванди омӯхтан ва азхуд кардани меъёр ва қоидаҳои муносибатҳои сиёсии ҷамъият мебошад. Маҳз дар ҷараёни иҷтимоишавӣ дар шахс муносибати муътадил нисбат ба рафтори муайян дар вазъияти маъмулӣ ташаккул меёбад, вай ба қоидаҳои қаблан муқарраргардида одат мекунад ва интихоби рафтори мушаххас аз рӯйи қолабҳои мавҷуда муайян карда мешавад [5]:

Хусусиятҳои асосии вазъияти бухронӣ инҳоянд:

• тезу тунд шудани низоъҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки характери ошкорои сиёсиро касб мекунад, зеро талабу дархост ба мақомот оид ба тағйир додани роҳи сиёсӣ, стратегия ва усулҳои идоракунии он ирсол мешавад;

• нотавонии ҳокимияти давлатӣ дар идора кардани ихтилофҳои рӯзафзун, танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муносибатҳо бо усулҳои куҳнаи анъанавӣ;

• сиёсати дохилию берунии давлатӣ торафт бештар ҳамчун қоидаи номуайянӣ, ҳамчун сиёсати нодуруст зуҳур меёбад;

• номутаносибии системаи сохторию функсионалии идоракунӣ ва институтҳои сиёсии ҳокимият, халалдор шудани ҳамкорӣ, робитаҳои созанда бо муҳити сиёсӣ;

• барҳам хӯрдани қонунияти ҳокимияти давлатӣ, вазъияти тезутунди ҷамъият, таҳдидкунандаи фалокати сиёсӣ.

Механизми пойдории тартиботи сиёсӣ низ қонуниятнокӣ, дар шуури одамон ташаккул додани ақидаҳо дар бораи аҳамият ва зарурати тартиботи сиёсӣ, ба мақсад мувофиқ будани меъёрҳои муқарраркардаи он мебошад. Қонунигардонӣ ин раванди азхудкунии маҷмуи арзёбиҳои арзишӣ аз ҷониби аъзои ҷомеа мебошад, ки бо зуҳури он дар онҳо на он қадар дарки оқилонаи самаранокии тартиботи сиёсӣ, балки эътиқод ба тағйирнопазирӣ, пешгӯӣ, ногузир ва дахлнопазирии он зоҳир мешавад. Чунон ки П. Бегер ва Т. Лукмон менависанд, «самаранокгардонии тартиби институтсионалиро тавассути додани эътибори маърифатӣ ба маъноҳои объективӣ шарҳ медиҳад. Самаранокӣ тартиботи институтсионалиро бо додани хусусияти меъёрӣ ба амрҳои амалии он асоснок мекунад» [2,с.153].

Вазъияти бухронӣ дар соҳаи сиёсӣ вақте ки таносуби рафтор ва фаъолияти механизмҳо ва субъектони ҳаёти сиёсӣ, ки аз тартиботи муқарраргардидаи меъёрӣ дур мешаванд, вусъат меёбад. Масалан, норозигӣ аз сиёсати пешгирифтаи доираҳои ҳукмрон афзуда, харакати эътирозӣ, аз ҷумла бо кирдорҳое, ки бар хилофи тартиби муқарраршудаи барпо кардани чорабиниҳои оммавӣ доир карда мешаванд, вусъат меёбад. Аз ҷониби одамон бошуурона ё худсарона вайрон кардани қоидаҳои баёни муносибати худ ба мақомот зуҳури инҳирофоти сиёсӣ буда, пояҳои муқарраршудаи режими сиёсиро вайрон мекунад.

Вазъияти бухронӣ дар зуҳури ҳамаи ин нишонаҳо давра ба давра инкишоф меёбад. Марҳилаи якум, ибтидоӣ бо пайдоиши марказҳои сершумори низоъ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хос аст. Дар системаҳои плюралистӣ бухронҳо мутобиқшавии нави қувваҳо ва манфиатҳоро ошкор мекунанд. Рад кардани онҳо ғайр аз сарчашмаи болоравии нави тараққиёти ҷамъият дигар чизеро ифода карда наметавонад. Дар ин ҳолат низоъҳо нақши ислоҳкунанда, устуворкунанда мебозанд. Дар системаҳои мураккаби ҷамъиятию сиёсӣ низоъҳо нақши ноустуворкунанда, вайронкунанда, амиқ гардондани бухрони сиёсиро мебозанд.

Марҳилаи дуюм ин инкишофи вазъиятҳои низоӣ дар ҷомеа ба дараҷае мебошад, ки онҳоро дигар бо роҳи созиш ҳал кардан мумкин нест ва вайроншавии функсионалии механизмҳои ҳокимияти давлатӣ, институтҳои ҷамъиятӣ, номувофиқатии сохторҳо, шаклҳо ва усулҳои идоракуниро бо низоми тағйирёфта инъикос мекунад.

Марҳилаи сеюм инкишоф ва тезутунд шудани бухрон, аз ҷумла аз байн рафтани сохторҳои мавҷудаи сиёсӣ ва боиси харобшавии системаи идоракунии давлатӣ, яъне парокандагӣ, бекурбшавии қудрати давлатӣ, аз даст додани сифатҳои муҳим аз ҷониби мақомот - коҳишёбии таъсири назорат ба равандҳои иҷтимоӣ. Дар ин сурат сухан дар бораи бухрони умумии системаи идоракунӣ меравад.

Албатта, интихоби ин марҳилаҳо нисбӣ ва шартӣ аст. Дар амал, ҳама чиз хеле мураккабтар аст. Дар байни ин марҳилаҳо монеае вуҷуд надорад.

Аксаран вазъияти мутаносиби инкишофи системаи сиёсӣ дар давраи гузариш аз як зина ба зинаи дигар ба вазъияти бухронӣ мубаддал мегардад. Дар инҷо метавонад буҳрони арзишотӣ, буҳрони институтсионалӣ ва буҳрони иштирок намудан ба вуҷуд ояд. Гузариш аз як сохтори сиёсиву идеологии ҷомеа ба дигараш хоҳ нохоҳ мушкилот ва вазъиятро буҳронӣ мегардонад.

Дар давраи гузариши тараққиёти ҷамъият моҷарои асосӣ ҳукмфармост, буҳрон ҳамаҷониба тамоми соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Моҳияти давраи гузариш дар он аст, ки ду раванд дар як масири бархурд ҷараён доранд - аз як тараф аз байн бурдани институтҳои анъанавии давлатӣ, одатҳо ва қолабҳо дар татбиқи вазифаҳои ҳокимият, аз тарафи дигар бунёди сохторҳои комилан нав, ғайридавлатӣ. - сохторҳои нави институтсионалӣ, инчунин, қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори сиёсӣ ба вуҷуд меоянд.

Давраи гузариш, инчунин, маънои гардиши сиёсиро дорад, ки дар фазои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳамзамон барандагони манфиатҳо ва арзишҳои гуногун, баъзан ба ҳам мухолиф ҳамзистӣ мекунанд.

Хусусияти зиддиятҳои иҷтимоию сиёсии давраи гузариш дар он аст, ки агар дар шароити суботи иҷтимоӣ онҳо асосан характери уфуқи (мубориза дар доираи режим) дошта бошанд, пас дар давраи гузариш хосияти амудӣ - муборизаи зидди режим барои барпо намудани режими нав пайдо мекунанд.

Ихтилофҳои иҷтимоию сиёсӣ дар натиҷаи бархурди тамоюлҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

– зарурати объективии мавҷуда аз як тараф, расман эълон намудани гузариши ҷомеа аз давраи догма ва ғайриплюралистӣ ба давраи гуногунандешӣ, аз тарафи дигар, майли субъективии истифодабарии механизмҳои пештараи сахти идоракунии ҷамъият ва давлатӣ;

- аз ҷонибе диққати аввалиндараҷа ба дигаргунсозиҳои куллии демократии муносибатҳои сиёсӣ ба манфиати тамоми ҷамъият равона мегардад, аз ҷониби дигар бошад, майлу хоҳиш танҳо ба манфиати элитаҳои нави сиёсӣ ва ба амал баровардани онҳо равона мегардад;

- таблиғи шиори «бозори озод» аз як тараф, ба таври сунъӣ фароҳам овардани имкониятҳои ибтидоии нобаробар барои иштироки самараноки субъектхои ҷамъият дар муносибатҳои бозорӣ аз тарафи дигар;

- аз як тараф эълони баробарӣ ва озодии иштирок дар раванди идора кардани давлат ва аз тарафи дигар таваҷҷуҳ ба «дастаи худӣ» ва ё ба эътибор гирифтани аломатҳои хурди маҳалливу этникӣ мушкилотро эҷод мекунанд [4,с.35].

Дар давраи гузариш нақши шуури сиёсӣ, механизмҳои танзимнамоӣ, омилҳои сиёсию идеологӣ хеле зиёд шуда, аксар вақт ҳалкунанда мегардад. Шикастани муносибатҳои кухна ва дар шуури ҷамъиятӣ пойдор шудани муносибатҳои нав неруҳои ба ҳам зидро метавонад ба вуҷуд оварад.

Вазъияти бухронӣ дар системаи идоракунии давлатӣ низ ба назар мерасад. Он дар мувозинат накардани тартиби қабул ва иҷрои карорҳои идоракунӣ зоҳир мегардад. Меъёрҳо ва қоидаҳои аз ин пеш муқарраршуда, ки раванди тартиб додан ва ба амал баровардани қарорҳои сиёсиро танзим мекунанд, вазифаи системавии сохтор ва ба тартиб дароварданро иҷро намекунанд. Сиёсатгузорони давлатӣ дар интихоби стратегияҳои мувофиқ бинобар якбора паст шудани сатҳи самаранокии тартиботи институтсионалӣ мушкилоти ҷиддиро эҳсос мекунанд, ба дурустии қоидаҳо ва расмиёти танзимкунандаи равандҳои қабули қарорҳои сиёсӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ шубҳа вуҷуд дорад. Мушкилот дар ҳамоҳангсозии мавқеъ байни таркиботи институтсионалии системаи идоракунии давлатӣ ба миён меоянд, дар қабули қарорҳои ҳаётан муҳим таъхир вуҷуд дорад, мақомоти давлатӣ ба конфронтатсияи тараққиёти ҷамъият ворид мегарданд, ки ин боиси якбора паст шудани самара ва самаранокии идоракунии давлатӣ мегардад.

Ҳамин тавр, гузариши ҳолати мутаносиби инкишоф ва вазъияти сиёсӣ ба вазъияти бухронӣ дар натиҷаи ба миён омадани маҷмуи шаклҳои омехташудаи рафтори сиёсӣ, ноустувор гардондани системаи мавҷудаи муносибатҳои сиёсӣ, сарфи назар шудани итоаткориҳо ва итоаткуниҳои системаи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби одамон, ба вуҷуд омадани хавфу хатар дар ҷомеа, бо назардошти манфиату эҳтиёҷоти лаҳзаинаи худ амал кардан ва ғайра ба амал меояд. Дар натиҷа, робитаҳои сохторие, ки вобастагии байниҳамдигарии моделҳои нақши рафторро дастгирӣ мекунанд, устувории худро гум мекунанд ва норавшан мешаванд.

Бухрони вазъияти сиёсӣ дар сурати афзоиш ёфтани шаклҳои фаъолияти сиёсии ғайрисистемавӣ ва муносибатҳои мутақобилае, ки барои системаи муайяни сиёсӣ хос нестанд, шиддат мегирад. Шаҳрвандони одӣ метавонанд ба тартиботи муқарраргардидаи ҷамъиятӣ итоат накарда, ба ҳукумат норозигӣ пешниҳод кунанд, созмонҳои сиёсӣ - ҷамъиятӣ фаъол мешаванд, ки ба муборизаи зидди режими сиёсӣ даъват мекунанд, қарорҳои ҳукуматро вайрон кардани тартиботи муқарраршуда қабул мекунанд. Моделҳои ғайриодӣ, ки аз одати муқаррарӣ дур мешаванд, ба тартиботи институтсионалӣ таҳдид мекунанд, зеро онҳо мантиқи куҳнаи такрористеҳсоли муносибатҳои сиёсиро мешиканад.

Вариантҳои дигари илмӣ ва консептуалии муайяннамоии заминаҳо ва сабабҳои гузариши вазъияти мутаносиби сиёсӣ ба вазъияти бухрониро метавон дарёфт намуд. Сабабҳои шаклгирии вазъияти бухрониро метавон бо роҳҳои гуногун тасниф кард. Онҳо ба объективӣ, ки бо эҳтиёҷоти даврии тағйирот ва навсозӣ алоқаманданд, ва субъективӣ, ки аз вижагиҳои роҳбарии сиёсӣ бармеоянд ва, инчунин, табиӣ, ки хусусияти ҳодисаҳои табиатро доранд, ҷудо мегарданд. Мо, инчунин, метавонем сабабҳои вазъияти бухрониро ба берунӣ ва дохилӣ тақсим кунем. Сабабҳо ва омилҳои беруна бо вазъияти сиёсии байналмилалӣ ё баъзе омилҳои ғайрисистемавӣ, омилҳо ва заминаҳои дуюм, яъне дохила, бо номукаммалии идоракунӣ, муноқишаҳои дохилӣ, фаъолияти гурӯҳҳои дохили система ва ғ. алоқамандии зич доранд.

Ҳамин тавр, бухрони вазъияти сиёсӣ падидаи таркибии ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ буда, хусусиятҳои хосси худро дорад, ки дар он амалҳои оқилона ва ғайримантиқии ашхос, созмонҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва институтҳои ҳокимият, вазифаҳо, нақшҳо, манфиатҳо, мақсадҳои сиёсии онҳо ифода меёбад.

Вазъияти бухронӣ як шакли раванди сиёсӣ, омили рушди системаи сиёсӣ буда, боиси тағйироти ҳаёти ҷомеа мегардад. Дар баробари ин механизми мураккаби рушди чамъият ба ҳамдигар дохилшавӣ, паҳн кардан ва махдуд кардани падидаҳо, ҳодисаҳо ва амалҳои ҷамъиятию сиёсиро дарбар мегирад, ки дар натиҷаи ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани бухронҳои ҷамъиятию сиёсии навъу намудҳои гуногун ба амал меояд [1,с.27].

Дар ин баробар, чунин заминаҳо ва омилҳои гузариш аз ҳолати мутаносиби муносибатҳо ва системаи сиёсӣ ва ҳолати бухронӣ ва ғайримуташаккилона шакл гирифтани раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеаро муайян намуд: беқурбшавӣ ва ё ғайрисамаранок гардидани фаъолияти қудрати сиёсӣ, дар назари шаҳрвандон якбора паст шудани қонунияти он, аз даст додани қувваи қобилияти идоракунии ҷамъият ва равандҳои дар он бавуҷудмеомада, аз даст додани қобилияти қабули қарор ва ғ.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлил метавон вазъияти бухронӣ ё худ бухрони сиёсиро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ – сиёсӣ муайян кард, ки шакли махсуси раванди иҷтимоию сиёсӣ, нуқтаи гардиши он мебошад, ки бо ҳолати гузариши рушди ҷомеа ва системаи сиёсии он, ноустувор гардондани онҳо аз сабаби тезу тунд шудани зиддиятҳо дар муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд меояд.

Дар масъалаи гурӯҳбандӣ ва муайяннамоиҳои омилҳо ва заминаҳои гузариши ҳолати мутаносиби вазъияти сиёсӣ ва ҳолати ғайримуташаккилона, яъне вазъияти бухронӣ андешаҳо гуногунанд. Мо метавонем ба шумули омилҳо – омилҳои институтсионалӣ-сиёсӣ, омилҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, омилҳои психологӣ, омилҳои тамаддунӣ-фарҳангӣ ва омилҳои геополитикиро муайян намоем. Ба омилҳои институтсионалӣ-сиёсӣ метавонанд номукаммалии фаъолияти таркиботи

институтсионалии давлат ва ҷомеа, ки дар якҷояги системаи сиёсиро ташкил медиҳанд, фаъолияти нодурусти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, аз рӯйи меъёри адолати иҷтимоӣ кор накардани мақомотҳои асосии ҳокимияти давлатӣ, нокифоягии иҷрои функсияҳо ва салоҳиятҳо аз ҷониби шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатии хизмати давлатӣ дохил шаванд.

Ба омилҳои ҳуқуқӣ асосан риоя нагардидани раванди қабули қонун ва нокифоягии самаранокии он, ба талаботу манфиатҳои омма ҷавобгӯ набудани мазмуни қонунҳо, қабули қонунҳои якмазмуна аммо, бо номҳои мухталиф, қабули қонунҳои сершумори ғайризарурӣ ва ғ. дохил мешаванд. Вазъияти бухронӣ сохтори худро дорад. Ба ҳамдигар дохил шудан ва ягонагии унсурҳои он, якхела будани онро ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, имконияти пайдоиш, инкишоф ва мавҷудияти онро дар марҳалаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъият ва системаи сиёсии он, дар шаклу шароитҳои гуногун таъмин менамояд. Илова бар ин, барои ҳалли пурраи вазифаи илмии ба миён гузошташуда фаҳмиши назариявию методологии категорияи омилҳои геополитикӣ ва муайян кардани мазмуни он зарур аст.

Масалан, аз кадом сабаб бо мавҷуд будани кадом омилҳо дар Шарқи Наздик, Шимоли Африқо ва Шарқи Аврупо вазъияти сиёсӣ ҳолати буҳрониро касб намудааст ва то ҳол ба марҳалаи рушди мутаносиби муносибатҳо интиқол намеёбад. Омилҳои геополитикӣ аз зеромилҳои геопсихологӣ, геостратегӣ, геоконфесионалӣ, географӣ, геопопулятсионӣ ва геотамаддунӣ иборат аст. Дар баробари ин мавҷуд будани душвориҳои методиро, ки бо истифодабарии он алоқаманданд, қайд кардан лозим аст. Яке аз душвориҳои асосӣ норавшан будани истилоҳоти «омил» ва «геополитика» мебошад, ки мафҳуми «омилҳои геополитикиро» ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, дар таърифи геополитика ихтилофҳои зиёд мавҷуданд.

Сабаби ин вазъият дар он аст, ки геополитика аз ҷониби шумораи зиёди илмҳои ҷамъиятшиносӣ - ҷуғрофияи сиёсӣ, фалсафаи сиёсат, этнография, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърих, иқтисод ва ғайра омӯхта шудааст. Чунки ҳар яке аз фанҳои илмии номбаршуда вазифаҳои худро дорад. Байни заминаҳои шаклгирии вазъияти буҳронӣ, зуҳуроти берунии он, мазмуни реалӣ, ки аз даст додани қобилияти системаи сиёсӣ қисман ё пурра таҷдиди тартиботи институтсионалӣ мебошад, аҳаммияти муҳим дорад. Мо ҳамеша зуҳуроти вазъияти бухрониро дар рафтори одамоне мебинем, ки аз сиёсати пешгирифтаи давлат норозигии худро нишон медиҳанд, эътирозҳо ташкил мекунанд, аз итоат кардан ба мақомот саркашӣ мекунанд, ба ҳалли мушкилоти худ шуруъ мекунанд, тартиби муқаррарнамудаи қонунро вайрон мекунанд, мубориза дар дохили элитаи сиёсӣ, аз қоидаҳои пештар муқарраршуда берун баромада, тезу тунд мешавад. Мазмуни дохилии бухрони сиёсӣ дар аз байн рафтани он сохторҳо, меъёрҳо, қоидаҳо иборат аст, ки қаблан одамонро аз намудҳои дар боло зикршудаи рафтори сиёсӣ бозмедоштанд. Он чизе, ки солҳои тулонӣ дуруст ва табиӣ ҳисобида мешуд, зери шубҳа қарор мегирад, муносибатҳои мутақобила сарнавишти пештараи институтсионалии худро аз даст медиҳанд, онҳо бесарусомон шуда, ба манфиатҳои лаҳзавӣ нигаронида шудаанд. Ба таври умумӣ, вазъияти буҳрониро шуури омма ҳамчун афзоиши номуайянӣ қабул мекунад. Одамон дар пешгӯии амали мақомот ба душвориҳо дучор мешаванд, намедонанд, ки дастгирӣ ва ҳимояро аз куҷо ҷустуҷӯ кунанд, намедонанд, ки дар ин вазъият чӣ гуна рафтор кунанд, то ба муқобилият ё сар задани таҷовуз дучор нашаванд. Номуайянӣ боиси амалҳои бесарусомонӣ мегардад, ки эҳсоси умумии афзояндаи бесарусомонӣ ва ба вуҷуд омадани ҳолатҳои бартарафнашавандаро боз ҳам тақвият мебахшад.

Вазъияти бухронии системаи идоракунии давлатӣ ҳамин аломатҳоро доро мебошад. Қарорҳоро дарк намекунанд, механизмҳои қаблан шаклдодашуда хуб кор намекунанд, пешрафтҳои татбиқи сиёсати давлатӣ самараи дилхоҳ намебахшанд. Чун қоида, дар ин гуна вазъият ба қоидаю тартиби пештар муқарраршудаи мутобиқ кардани манфиатҳо ва ёфтани созиш эътибор надода, ба идоракунии «дастӣ» мегузаранд. Агар амалияи идоракунии «дастӣ» натиҷаҳои муваққатӣ, вале мусбат оварад, он гоҳ системаи пештараи амалияи институтсионалӣ, ки равандҳои таҳия, қабул

ва иҷрои қарорҳои давлатиро таъмин мекунанд, ғайриқонунӣ гардонда мешавад. Равандҳои ташаккули сиёсати давлатӣ на аз рӯйи қоидаҳои тартиботи институтсионалӣ, балки мувофиқи диди субъективии роҳбарони мушаххас дар бораи роҳҳои ҳалли мушкилоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ба миёномада, инкишоф меёбанд.

Мушкилоти асосӣ ин аст, ки агар дар айни замон дар худи синфи ҳукмрон тезу тунд шудани муборизаи дохилии сиёсӣ ба амал ояд, он гоҳ номутаносибии системаи идоракунии давлатӣ ногузир мегардад [6,с.147].

Дар ҳошияи баррасии масъалаи мазкур ошкор намудани типологияи вазъияти бuҳронӣ, ки аз бuҳрони сиёсӣ ранг мегирад аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Омилҳо ва заминаҳои шаклгирии низоми мутаносиби системаи сиёсӣ ба вазъияти бuҳронӣ вобаста ба навъҳо ва шаклҳои асосии бuҳрони сиёсӣ дар тафовут қарор доранд. Соҳаи сиёсии ҷомеаи муосир як сохтори мураккаб, бисёрзинагӣ ва бисёрфунксионалӣ мебошад. Фаъолияти онро институтҳои гуногуни сиёсӣ, ки қисматҳои муайяни муносибатҳои сиёсиро танзим мекунанд, ба амал мебароранд. Равандҳои бuҳронӣ метавонанд ҳам ба сохторҳои алоҳидаи институтсионалӣ ва ҳам ба тамоми системаи муносибатҳои сиёсӣ таъсир расонанд.

Ба ин муносибат дар бораи мушаххас кардани вазъияти бuҳронӣ сухан рондан бамаврид аст, Ба фикри мо, ду параметрро чудо кардан мумкин аст, ки характери бисёртарафаи вазъияти бuҳрониро дар сиёсат инъикос мекунанд. Сухан пеш аз ҳама дар бораи миқёси бuҳрон меравад. Буҳрон метавонад тамоми системаи институтсионалии сиёсиро фаро гирад, миқёси умумимиллӣ пайдо кунад, аммо он метавонад бо чаҳорчӯбаи як ниҳоди алоҳида, созмони сиёсӣ ва низоми ҳукумати минтақавӣ маҳдуд шавад. Онро одӣ дар шакли дихотомияи «миллӣ-махаллӣ» гуем хато намекунем. Сониян, буҳронҳо бояд аз рӯйи умқи худ фарқ кунанд. Яъне, аз рӯи дараҷаи таъсири харобиовар ба тартиботи сиёсй. Баъзе буҳронҳо метавонанд бо вайроншавии пурраи фазои меъёрии муносибатҳои сиёсӣ оварда расонанд, дар ҳоле ки баъзеи дигар боиси қисман вайрон шудани тартиботи сиёсӣ мегарданд, ки дар он вайрон кардани баъзе, нафратовартарин маҳдудиятҳои меъёрӣ ба рад кардани қоидаҳои дигари муносибатҳои институтсионалӣ шакл мегирад. Якҷоя кардани ин ду дихотомия ба мо имкон медиҳад, ки чаҳор намуди буҳрони сиёсиро бунёд кунем.

Ҳамин тариқ, мазмуни вазъияти буҳрониро равандҳои вайроншавии риштаи сиёсии институтсионалӣ муайян мекунанд. Буҳрон вақте ба миён меояд, ки механизмҳое, ки такрористеҳсоли пайвандҳои сохториро дар сиёсат таъмин мекунанд, иҷрои вазифаҳои асосии худро қатъ мекунанд, муттасилии моделҳои рафтори сиёсиро нигоҳ медоранд ва одамонро ба риояи меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршуда ташвиқ мекунанд. Буҳрон ҳамеша як озмоиши тарзи муқаррарии зиндагӣ аст, он як имконияти кушодаест, ки дар тули солҳои зиёд муқаррарӣ ва табиӣ ҳисобида мешуд. Аз як тараф он ҳамчун зарурати инкишоф дониста мешавад. Шаклгирии вазъияти буҳронӣ ҳушдор аз номукаммалӣ ва номутаносибан шакл гирифтани раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа ба миён меояд. Дар заминаи дарки он моделҳои муосир ва самараноки системаи сиёсӣ, низоми идоракунии давлатӣ ва ислоҳоти сохториву мазмунии тамоми таркиботи инстиутсионалии давлат ва ҷомеа пеш меояд.

**Муқарриз: Холов Х.Қ. – н.и.с., дотсенти ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Баранов Д.А. Современные кризисы политических режимов государств Ближнего Востока и Северной Африки: особенности генезиса и эволюции: диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук / Д.А. Баранов. -М., 2020. -176 с.
2. Бергер П. Социальное конструирование реальности: Трактат по социологии знания / П. Бергер, Т. Лукман. -М., 1995. -С.153.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 1 / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2015. -С.181-190.
4. Коротков, Э.М. Антикризисное управление: Учебник для бакалавров / Э.М. Коротков. -М.: Издательство Юрайт, 2014. -406 с.

5. Причины и последствия кризисов государственного управления. [Электронный ресурс]. URL: https://textbooks.studio/menedjment-antikrizisnoe-upravlenie/prichinyi-posledstviya-krizisov.html (дата обращения: 28. 12. 21 г.)
6. Пушкарева Г.В. Политические кризисы: содержание, виды и факторы эскалации / Г.В. Пушкарева // Вестник Московского университета. Сер. 21. Управление (государство и общество). - 2016. -№1. -С.140-164.
7. Печуров, С.Л. Арабский Восток: от «весны» к хаосу? / С.Л. Печуров. –М.: Институт востоковедения РАН, 2013. -120 с. – ISBN 978-5-89282-558-0.
8. Рамоне, И. Геополитика хаоса / И. Рамоне ; перевод с французского И.А. Егорова. –М.: ТЕИС, 2001. -128 с. – ISBN 5-7218-0342-8.
9. Соловей, В.Д. «Цветные революции» и Россия / В.Д. Соловей // Сравнительная политика. – 2011. -№1(3). - Том 2. -С.33-43. – DOI: 10.18611/2221-3279-2011-2-1(3)-33-43. 109.
10. Указ Президента Российской Федерации от 31 декабря 2015 года №683 «О Стратегии национальной безопасности Российской Федерации» // «Российская Газета». – 2015. [Электронный ресурс]. URL: https://rg.ru/2015/12/31/nac-bezopasnost-site-dok.html (дата обращения: 05.10.2020).
11. Хейл, Г. Демократия или автократия на марше // Прогнозис: Журнал о будущем. - 2007. -№2. -С.267-294. [Электронный ресурс]. URL: http://intelros.ru/pdf/prognosis2_07/Heyl.pdf (дата обращения: 05.10.2020).
12. Хейл, Г. Президентский режим, революция и демократия / Г. Хейл // Pro et Contra. – 2008. -№1. -С.6-21.
13. Шарп, Д. От диктатуры к демократии: стратегия и тактика освобождения / Д. Шарп. –М.: Новое издательство, 2012. -84 с. – ISBN 978-5-98379-159-6.
14. Шарп, Д. Теория ненасильственной борьбы. [Электронный ресурс]. URL: http://mioritix.tripod.com/civica/sharp1 (дата обращения: 05.10.2020).

## САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ШАКЛГИРИИ ВАЗЪИЯТИ МУТАНОСИБИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ БА ВАЗЪИЯТИ БУҲРОНӢ

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи низоми сиёсӣ ва раванди рушди мутаносиби инкишофи сиёсӣ бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки то сабабҳо, омилҳо, шароит ва заминаҳои ба вазъияти буҳронӣ иваз гардидани вазъияти мутаносиби сиёсиро баррасӣ кунад. Шарҳи шароит ва заминаҳои шаклгирии вазъияти мутаносибаи инкишофи сиёсӣ ба вазъияти буҳронӣ дар таърихи афкори сиёсӣ гуногун ба назар мерасад. Ҳама ба он назаранд, ки номукаммалии механизмҳои сиёсӣ ва таркиботи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа заминаи асосии шаклгирии вазъияти мутаносиби инкишофи сиёсӣ ба вазъияти буҳронӣ метавонад бошад. Аммо, ин танҳо як тарафи масъала аст. Вазъияти буҳронӣ як гардиши махсус дар рушд ва фаъолияти низоми сиёсии ҷомеа, сохторҳои давлатӣ-қудратӣ мебошад, ки бо ноустуворӣ, номутаносибии фаъолияти институтҳои сиёсӣ, паст шудани сатҳи назоратшавандагии сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ, раванди тезу тунд шудани ихтилофҳои сиёсӣ, баланд шудани фаъолияти танқидии омма, тавсиф мешавад.

**Калидвожаҳо:** буҳрон, буҳрони сиёсӣ, буҳрони идоракунӣ, вазъияти буҳронӣ, муносибатҳои мутаносиб, низоми сиёсӣ, давлат, қарор, қарори сиёсӣ, тартиботи сиёсӣ, системаи сиёсӣ, низоми идоракунӣ.

## ФАКТОРЫ И ОСНОВАНИЯ ПЕРЕМЕНЫ СТАБИЛЬНОЙ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ НА КРИЗИСНУЮ СИТУАЦИЮ

Статья посвящена одному из важных вопросов развития политической системы - процессу сбалансированного развития политического развития. Автор предпринял попытку рассмотреть причины, факторы, условия и основания смены гармоничной политической ситуации кризисной. Различным видится объяснение условий и оснований формирования ситуации политического развития, соответствующей кризисной ситуации в истории политической мысли. Все сходятся во мнении, что несовершенство политических механизмов и институциональной структуры политической системы общества может быть основанием для формирования ситуации политического развития в русле кризисной ситуации. Однако это только одна сторона вопроса. Кризисная ситуация – это особый поворот в развитии и деятельности политической системы общества, государственно-властных структур, она характеризуется неустойчивостью, непропорциональностью деятельности политических институтов, снижением управляемости социально-экономических структур, процессом обострения политических разногласий и усилением общественной критики.

**Ключевые слова:** кризис, политический кризис, кризис управления, кризисная ситуация, сбалансированные отношения, политическая система, государство, решение, политическое решение, политический порядок, политическая система, система управления.

## FACTORS AND REASONS FOR THE CHANGE OF A STABLE POLITICAL SITUATION INTO A CRISIS SITUATION

The article is devoted to one of the important issues of the development of the political system and the process of balanced development of political development. The author made an attempt to consider the reasons, factors, conditions and grounds for changing the harmonious political situation into a crisis one. The explanation of the conditions and grounds for the formation of a situation of political development, corresponding to a crisis situation in the history of political thought, is seen as different. Everyone agrees that the imperfection of political mechanisms and the

institutional structure of the political system of society can be the main basis for the formation of a situation of political development in line with a crisis situation. However, this is only one side of the issue. A crisis situation is a special turn in the development and activities of the political system of society, state-power structures, which is characterized by instability, disproportionate activity of political institutions, a decrease in the controllability of socio-economic structures, the process of exacerbating political differences, strengthening public criticism, the description will be.

**Keywords:** crisis, political crisis, management crisis, crisis situation, balanced relations, political system, state, decision, political decision, political order, political system, management system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Давлатбек Мирзоевич* –** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **904-45-41-01.** E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Давлатбек Мирзоевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **904-45-41-01.** E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kurbonov Davlatbek Mirzoevich* -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of Political Science. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. Phone: **904-45-41-01.** E-mail: **davlatbekmirzoevich_94@mail.ru**

УДК: 32.071.14

# МЕЖДУНАРОДНЫЕ ПЕРЕГОВОРЫ И НАЦИОНАЛЬНЫЕ ИНТЕРЕСЫ

*Саркорбобоева М.М.*
**Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова**

Переговоры в своём историческом развитии сыграли важную роль в достижении взаимовыгодных соглашений, компромиссов и консенсусов, потому что «переговоры - неотъемлемый элемент культуры человеческого общества» [11,с.16]. В Словаре международного права дается следующее определение международных переговоров: «Одна из основных форм контакта между представителями разных государств в целях обмена мнениями, решения вопросов, представляющих взаимный интерес, урегулирования разногласий, развития сотрудничества в различных областях, выработки и заключения международных соглашений и т.п.» [2,с.3].

Переговоры являются неотъемлемой стороной международных отношений, и поэтому в процессе переговоров необходимо учитывать такой важный аспект международной политики, как реализация национальных интересов. Поэтому во время всего переговорного процесса красной нитью проходит главный компонент, определяющий положение каждой из сторон участников международного переговорного процесса. По Л.В. Слуцкой, «переговорный процесс можно условно разделить на несколько этапов, поскольку с момента встречи за столом переговоров каждый партнер вправе вносить «принципиально новые предложения» и любой непредсказуемый ход требует и осмысления, и ответных действий, способных «переиграть» всю структуру переговоров. Однако большинство экспертов согласны с тем, что в целом можно выделить три основных этапа в развитии переговоров: 1) обмен мнениями – взаимное уточнение интересов и позиций, внесение предложений каждой из сторон и определение тем для дискуссии; 2) полемический этап, в ходе которого происходит обсуждение и согласование центральных вопросов, определяются общие границы предполагаемых соглашений; 3) подведение итогов – выработка и подписание соглашения» [15,с.24]. Однако необходимо отметить, что во время проведения всех трех этапов требуется учитывать реализацию национальных интересов во ведении переговоров.

Следует заметить, что в политической науке сложилось достаточно устоявшееся определение понятия «национальные интересы». Например, «национальные интересы - это комплексная система жизненно важных потребностей государства и общества с внутренне присущими народу культурно-духовными ценностями, позволяющими обеспечить его благосостояние и минимизацию (ликвидацию) угроз национальной безопасности. Национальные интересы носят как внешний (международный), так и внутренний (внутригосударственный) характер, являясь при этом основой государственной политики на перспективу» [1].

Действительно, в процессе международных переговоров стороны придерживаются своих национальных интересов и формулируют свои позиции согласно выработанным стратегиям национального интереса. Например, если рассмотреть приграничный конфликт Таджикистана с Кыргызстаном, следует отметить, что на уровне председателей областей, соответствующих министерств и глав обоих государств в процессе подготовки к переговорам и обмена мнениями обе стороны пришли к решению, что территориальные вопросы невозможно решать в процессе вооруженного конфликта, и вооруженное столкновение не приведет к позитивному результату для обоих государств и будет усложнять реализацию национальных интересов. Надо отметить, что: «длина государственной границы между Киргизией и Таджикистаном составляет около 980 км, после распада Советского Союза на ней остались десятки спорных участков. Переговоры о делимитации (определении госграницы с описанием ее прохождения и нанесением на карту) продолжаются с декабря 2002 года... Неурегулированность этого вопроса неоднократно становилась причиной конфликтов с участием местных жителей и военнослужащих двух республик, в том числе и с применением огнестрельного оружия» [4]. Но реальность

показала, что даже после встречи президентов обеих стран открытый конфликт продолжался, в результате чего трудно стало жить приграничному населению, так как их мирному сосуществованию грозила прямая опасность. Именно поэтому использование своевременной и нужной переговорной тактики в разрешении конфликтов и в реализации национальных интересов очень важно. Для решения пограничных проблем и процесса демаркации границ требуется также выработка национальных интересов, которая несомненно состоит из долгосрочных и краткосрочных аспектов, что проявляется на всех этапах процесса ведения переговоров, и при их реализации требуется учитывать специфику ведения переговоров, потому что необходимо достичь позитивный результат.

Республика Таджикистан для формирования справедливого и конструктивного устройства международных и региональных отношений, а также защиты и продвижения своих национальных интересов, принимает активное участие в переговорах с Республикой Кыргызстан. И сегодняшняя реальность показывает, что “власти Таджикистана и Кыргызстана подписали новый протокол по итогам переговоров по пограничным вопросам (13 по 20 января 2023 года, в Душанбе). Стороны обсудили вопросы делимитации и демаркации таджикско-кыргызской государственной границы. Встреча прошла в дружественной атмосфере взаимопонимания. Очередное совещание намечено провести на территории Кыргызстана. Бишкек и Душанбе единодушно считают, что спорные вопросы по границе должны быть решены как можно скорее, и планируют завершить переговоры в этом году. По последним данным, согласованная линия границы между Таджикистаном и Кыргызстаном составляет около 625 км, или 63%... Неопределенность госграницы регулярно приводит к напряженности между местными жителями» [16]. Действительно, было прямое вооруженное столкновение с обеих сторон, что привело ко множеству невинных жертв, а также очень трудно стало жить приграничному мирному населению.

Вовремя остановиться и вести переговорный процесс даёт положительный резонанс. «14 октября 2022 года в Астане Президент России Владимир Путин назвал конструктивной свою встречу с президентом Таджикистана Эмомали Рахмоном и главой Киргизии Садыром Жапаровым. По словам президента РФ, стороны договорились о том, что будут предприняты все меры для невозобновления боевых действий» [13].

Современная международная ситуация показывает, что «пространственная конфигурация мировой переговорной структуры также претерпела определенные изменения. Она стала более неравномерной. В одних регионах плотность и интенсивность переговорных процессов весьма велика, а в других незначительна. К первым, в основном, относятся те, где развивается межгосударственное сотрудничество и интеграция, а ко вторым - конфликтогенные регионы, где переговорная активность ограничена, а зачастую дискретна» [10,с.4]. В открытых конфликтогенных регионах ни о какой переговорной активности речи быть и не может, пока стороны не поверят в необходимость вести переговорный процесс.

Нужно особо подчеркнуть, что при ведении любых переговоров на разных уровнях прежде всего учитываются национальные интересы самих государств. Фактор национального интереса должен присутствовать во время проведения переговоров, так как является основным смыслом данного процесса. Относительно данного вопроса С.В. Кортунов подчеркивает: «Опираясь на опыт истории, можно утверждать, что национальные интересы – это совокупность общих для членов данной социокультурной общности интересов и потребностей, удовлетворение и защита которых является необходимым условием ее существования и идентичности в качестве субъекта истории. В национальных интересах выражается потребность национальной общности занимать то место в мировом сообществе, которое максимально соответствует ее культурно-историческим и духовным традициям, позволяет наиболее полно реализовать ее потенциальные ресурсы» [5,с.34]. Данный тезис В.В. Шишков аргументирует следующим образом: «Национальный интерес является объективно-субъективной категорией, поскольку его параметры определяются целостной политической картиной мира и ценностной системой, господствующей в данном обществе и государстве» [18,с.3]. В то же время, он подчеркивает значимость государства как важнейшего субъекта национального интереса, что может вызвать некоторые

разногласия: когда внутри государства существуют различные политические силы, тогда национальные интересы иногда могут не совпадать с государственными.

Необходимо отделять национальные интересы от государственных, а В.В. Шишков в своем определении смешивает эти два подхода. Тогда как «сегодня в понятии государственные интересы, выделяются, как правило, следующие составляющие: стратегические, политические, экономические, правовые и идеологические интересы. Именно их переплетение и формирует государственный интерес. Естественно, что соотношение, удельный вес этих составляющих каждой страны в различные исторические эпохи был неодинаковым, но с того момента, когда началось становление государства современного типа, они всегда присутствовали в понятии «государственные интересы». Появление у ведущих стран четких, долговременных осознанных правящими элитами государственных интересов внесло в международные отношения известную стабильность и предсказуемость» [3,с.4].

Действительно, в современном мире в условиях демократизации мирового сообщества национальные интересы будут впитывать в себя особенные свойства сегодняшней мировой политики и, в том числе, должны учитываться интересы других стран. В этом плане считаем важным поддержать точку зрения С. В. Кортунова, который пишет: «Национальный интерес сохраняет свои главенствующие позиции для абсолютно всех стран на планете. Поэтому относиться к нему с пренебрежением было бы не просто ошибкой, а скорее опасностью» [12].

Надо отметить, что у каждого независимого государства в современном мире есть свои приоритеты и цели достижения национальных интересов в мировом сообществе. Ш.Ризоиён в своей монографии отмечает, что «основными национальными интересами Таджикистана на сегодняшнем этапе развития страны являются обеспечение национальной безопасности [1], политической независимости [2], территориальной целостности [3], укрепление демократичности и светскости государства [4] и стабильного развития общества [5]. Приоритеты основываются на существующих задачах страны для обеспечения общей цели государственного развития. Таким образом, структуру национальных интересов определяют пять вышеуказанных основных пунктов. Целью взаимоотношений Таджикистана со странами мира и членства в международных организациях, прежде всего, является достижение указанных задач и реализация этих приоритетов» [14,с.117].

История показала, что сверхдержавы для распространения своей гегемонии шли на создание разных организаций, носящих явный реакционную и террористическую форму. Сегодняшняя международная ситуация мира показывает своевременность создания и активной деятельности организаций современного типа, таких как Шанхайская организация сотрудничества. С каждым десятилетием состав ШОС расширяется и носит преобладающий геополитический характер. Отсюда можно сказать, что современные государства смогли отстаивать свои национальные интересы в рамках ШОС. «Роль ШОС в качестве нового центра силы растет на фоне турбулентной международной обстановки», - подчеркнул министр обороны России Сергей Шойгу на заседании СМИД ШОС (15-16 2022г.) в Самарканде [19].

Многовекторная деятельность в рамках ШОС доказывает повышенный геополитический авторитет региональной организации. В том числе, Республика Таджикистан также активно участвует в саммитах ШОС, и в 2021 году в Душанбе проходил юбилейный саммит организации, где Таджикистану выпала честь председательствовать в ШОС. Так как Таджикистан граничит с Афганистаном, сохранение безопасности в стране является приоритетным направлением в обеспечении национальных интересов суверенного государства. Поэтому в международных организациях и форумах Таджикистан последовательно защищает свои государственные интересы и стремится, чтобы в Афганистане установились мир и безопасность, и во время переговоров с различными официальными и высокопоставленными лицами из зарубежных государств, лидерами государств он отстаивает национальные интересы во время переговоров.

После распада Советского Союза все государства, входящие в его состав, находились в поисках своего «Я» и своего места в новом геополитическом раскладе. Нынешняя геополитическая обстановка современного мира показывает, что государства, входящие в Содружества Независимых государств, все еще приобретают новый статус в геополитических отношениях и отстаивают свои национальные интересы. В качестве примера можно привести открытый конфликт между Россией и Украиной, территориальный инцидент и открытый конфликт между Арменией и Азербайджаном и т.д. А также в 90-е годы XX века гражданскую войну в Таджикистане, которая оставила свой печальный отпечаток в истории независимости государства. Глава государства во всех встречах с оппозиционными силами подчеркивал, что Правительство Таджикистана согласно на все условия главы оппозиции и межтаджикский конфликт должен разрешиться положительно. Восемь раундов международных переговоров при посредничестве ООН и во главе с Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном и главой оппозиции С.Нури в разных государствах СНГ, а также в соседних государствах привели к положительному исходу, и в 27 июня 1997 года было подписано Соглашение о перемирии и единстве в столице Российской Федерации – в Москве. Поэтому установление мира и согласия в Таджикистане на данный момент было основным стратегическим планом в реализации национальных интересов, так как в период ведения переговоров учитывались именно такой формат и направление в реализации интересов государства, так как от реализации данной стратегии национальных интересов независимого Таджикистана зависели мир и безопасность всего региона Центральной Азии.

Теме международных переговоров и реализации национальных интересов посвящены множество научных исследований и трудов. Например, российский дипломат, профессор Дипломатической академии МИД России Евгений Кутовой в своей книге «Международные переговоры на перекрестках цивилизации» выделяет тезис о том, что «значение международных переговоров как важнейшего внешнеполитического инструментария возрастает в современной международной обстановке, характеризующейся «повышенной уязвимостью всех членов международного сообщества перед лицом новых вызовов и угроз» непредсказуемостью международной и региональной ситуации» [6,с.17].

Действительно, «международные переговоры представляют собой наиболее оптимальную платформу для коллективных внешнеполитических действий государств в целях эффективного мирного решения этих сложнейших проблем современности» [17,с143]. История мировой практики доказала эффективность использования международных переговоров и реализации национальных интересов. Действительно, от главы государства, послов и соответствующих лиц при ведении переговоров разных уровней зависит исход переговорного процесса.

Современный политический процесс показывает, что при решении проблем разной сложности нужно учитывать прежде всего национальные интересы каждого государства. Сегодняшняя международная ситуация доказывает, что нежелание идти на мирные переговоры между субъектами мировой политики не может привести к успешному решению вопросов путем переговоров, пока не будет остановлен открытый конфликт интересов между сторонами. Так как в этих условиях национальные интересы между государствами достигают своей наивысшей точки конфликта, лишь подключение международных акторов в переговорный процесс может подготовить условие и платформу для возобновления переговоров между странами.

В особую статью включаются переговоры между акторами международного права, когда одна из сторон переговорного процесса является сверхдержавой. В таких условиях в процессе переговоров сверхдержавы применяют такие ресурсы, когда более слабое государство или организации вынуждены учитывать национальные интересы довлеющей стороны. Поэтому важным аспектом международного переговорного процесса выступает такое понятие, как «соотношение». В международных отношениях под соотношением сил понимается военная и экономическая мощь государства, на основе данного понятия строится типология государств (малые, средние, крупные и великие державы). Как таковая, эта

типология сомнений не вызывает, но ограничиваться ею при оценке «соотношения сил», особенно в условиях переговорной ситуации, никак нельзя. Однако необходимо признать, что в процессе переговоров государства должны учитывать свои национальные интересы, когда включаются в переговорный процесс с крупными акторами международных отношений. Поэтому материальная составляющая может играть более решающую роль, по сравнению с информационной. Например, США в процессе ведения международных переговоров в Дохе с талибами исходили из своих материальных интересов, так как дальнейшее присутствие в Афганистане было экономически невыгодным и поставленные цели не были достигнуты, т.е. создание платформы для присутствия на территории Афганистана и контролирование оттуда таких государств, как Россия, Иран, Китай и Индия.

Следует особо подчеркнуть, что реализация национальных интересов во время переговоров между государствами может затрагивать политические, военно-политические, торгово-экономические проблемы, а также может коснуться таких специфических проблем, как оказание помощи, решение пограничных вопросов, вопросов культурного, научного, технического сотрудничества. Такие специфические проблемы международного характера были темой международных переговоров особенно после второй мировой войны. Переговоры на высоком уровне обычно проводились между ведомственными министерствами, такими как министерство иностранных дел, министерство культуры, министров обороны и внутренних дел и т.д. Такие переговоры обычно могли быть регулярными, если государства входили в состав международной организации «большая семерка», ШОС, ЕС, НАТО, БРИКС, -где в основном обсуждались международные проблемы через призму национальных интересов каждого участника организации. Наряду с многосторонними переговорами также были наиболее интенсивными переговоры между двумя государствами, и в этом формате национальные интересы приходилось корректировать и реализовать более конкретно, так как учитывались интересы двух государств.

Особую сложность приобретает решение вопросов национальной безопасности, когда во второй половине XX века сверхдержавы разработали и испытали оружие массового поражения, в частности ядерное оружие. Международные отношения после обретения ядерного оружия принимают другую форму и содержание, и на первый план выходят вопросы, связанные с ограничениями применения ядерного оружия в решении международных проблем. Национальные интересы сверхдержав уже определяют тенденции и направления международных переговоров. Таким образом, на второй план выходят вопросы, связанные с экономическими проблемами, когда на мировом уровне формируются торгово-экономические союзы развитых, развивающихся государств. Поэтому необходимо было разработать новые механизмы ведения международных переговоров и более четко формулировать национальные интересы. Конец XX века показал, что было накоплено за этот период по международным переговорам, практический и исследовательский опыт по их ведению.

Современная международная практика показывает, что вовлеченность заинтересованных сторон в продолжении открытых конфликтов и войн является конкуренцией национальных интересов, когда невозможно находить точки соприкосновения. Прежде всего, этой стратегии придерживались сверхдержавы, которые составляли геополитику биполярного мира. Геополитика современного мира доказала невозможность биполярного мира, а также и однополярного. Сегодняшняя геополитическая картина мира создаёт условие многополярного мира, в котором существуют несколько центров сил. Однако современная геополитическая картина показывает, что сверхдержавы не соглашаются с таким состоянием, вследствие чего происходят постоянные конфликты на региональном уровне, что создает угрозу национальной безопасности сопредельных государств. Так, например, приход к власти террористической организации «Талибан» создал политическую нестабильность и активность аль-Каиды и ИГИЛ в северных провинциях Афганистана, которая возникла после ухода коалиционных войск западных государств. Именно активность аль-Каиды и ИГИЛ и угрожает национальной безопасности

Таджикистана, Узбекистана, Туркменистана, вследствие чего власти этих государств ведут переговоры о совместных действиях против военной угрозы. Однако эти государства не могут включить в переговорный процесс нынешнюю власть талибов, считая ее нелегитимной.

С бурным развитием информационных технологий и информации в XXI веке человечество достигло высокого уровня жизни, что отразилось на разных уровнях жизни. И на примере международных переговоров можно увидеть новизну. «Формы многосторонних переговоров могут быть различными. Если при урегулировании внутренних проблем, как правило, проводятся собственно переговоры, часто при решающем голосе центра, то на международной арене многосторонние переговоры могут происходить также в рамках: международных универсальных организаций (ООН) и региональных международных организации (например, Организации африканского единства, Организации американских государств и других); конференций по какой-либо проблеме (например, переговоры в рамках Парижской конференции по Вьетнаму); встреч в верхах для обсуждения возможностей и путей урегулирования того или иного конфликта» [8,с.144].

Но надо особо отметить, что в разрешении конфликтов переговорным путём невозможно достичь нулевого уровня, т.е. одна сторона победившая, а другая, наоборот, проигравшая. Современное использование международных переговоров требует компромисса и консенсуса. «Таким образом, международные переговоры в XXI в. (особенно в 2010-х годах) характеризуются тем, что: 1) при урегулировании конфликтов продолжается наметившаяся в конце XX в. тенденция по вовлечению в переговорный процесс одновременно нескольких посредников; 2) наблюдается спад переговорной активности по международным проблемам и выход некоторых государств из ряда соглашений» [7,с.107]. М.М. Лебедева отмечает, что в современных международных переговорах существуют тенденции, которые имеют ослабевающий характер процесса международных переговоров и реализации национальных интересов государств. Безответственность ряда государств в выполнении договоренностей и соглашений в реальности иллюстрирует современную картину мира, именно потому, что для понимания таких тенденций необходимо признать, что межгосударственные соглашения могут не отвечать национальным интересам того государства, который выходит из соглашения или стремится не выполнять принятые обязательства. Поэтому следует отметить, что вопрос не в переговорном процессе и снижении его эффективности, а в том, что в настоящий момент отсутствует некоторый устоявшийся порядок, который будет определять выполнение принятых обязательств. Так называемый многополярный мир в реальности и является отсутствием реального порядка в международных отношениях. Национальные интересы государств в большой мере привязаны к решению национальных проблем собственными силами, а не международным сообществом.

